12. Турсунов, Р.Р. Роль подоходного налога с физических лиц и значимость введения прогрессивной шкалы налогооблажения / Р.Р. Турсунов, Муминзода Н.М. // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2020. -№S1-4-2(80). -С.171-173. -EDN HPAHTV.
13. Турсунов, Р.Р. Формирование гибкого рынка труда: проблемы и перспективы / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2023. -№10-1. -С.30-37. -EDN ZGSEUF.
14. Фатькина Л.П. Налоговое право. Курс лекций. Учеб. пособие / Л.П. Фатькина. -М.: Книжный мир, 2010. -96 с.
15. Федоров В.А. Основы теории финансов: учеб. пособие / В.А. Федоров, О.В. Бурик. -Хабаровск: Изд-во Техоокеан. гос. ун-та, 2011. -107 с.
16. Фокин А.В. Международное налогообложение пассивных доходов (проценты, дивиденды, роялти): американский опыт / А.В. Фокин. -М.: Волтерс Клувер, 2009. -216 с.


## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ АНДОЗҲО ВА АНДОЗГИРӢ

Ба андешаи муаллиф, андоз унсури асосии танзимкунандаи вазъи иқтисодии бозор ба ҳисоб меравад. Некуаҳволии иҷтимоию иқтисодӣ аз он вобаста аст, ки системаи андози ҳар як кишвари алоҳида то чӣ андоза самаранок фаъолият мекунад. Уҳдадориҳои шаҳрвандон оид ба пардохти андозҳо дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардида, мавриди муҳокима қарор намегиранд ва барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошанд. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ кишвар амалан дар ҳаҷми даромадҳои андоз, даромади худро надорад ва дар ин ҷо бо ақидаи Маргарет Тэтчер розӣ нашудан душвор аст: «Пули давлат нест, пули

андозсупорандагон ҳаст» ва ғайр, аз ин гуфтан мумкин аст, ки давлат бояд маблағи аз ҳисоби андозбандӣ гирифташударо дуруст тақсим намояд. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, яке аз унсурҳои асосии рушди иқтисодиёт, пурра намудани буҷет ва вазъи иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвари алоҳида низоми андозбандӣ ва то кадом андоза амал кардани ин система мебошад. Андозҳо пардохти ҳатмӣ мебошанд, ки аз ҷониби давлат аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ситонида мешаванд. Онҳоро роҳи демократии танзими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ медонанд, зеро ҳамаи андозҳо дар сатҳи қонунгузорӣ вуҷуд доранд ва амал мекунанд ва ҳамаи намояндагон дар назди қонун баробаранд. Қариб дар ҳар як давлат, дар баробари намудҳои гуногуни кодексҳо ва санадҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, кодекси андоз вуҷуд дорад. Муаллиф дар мақолаи мазкур ҷанбаи назариявии андозбандиро муфассал шарҳ додааст. Ба ақидаи ӯ мактабҳои иқтисодии давраҳои гуногун мафҳуми андоз ва андозбандиро ба таври худ маънидод карда, дар раванди инкишофи тамаддун назарияхои андозбандӣ характери хос пайдо кардаанд.

**Калидвожаҳо**: андозҳо, назарияи андозбандӣ, иқтисод, принсипи адолат, андозҳои хусусӣ, назарияи андозбандии умумӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ НАЛОГОВ И НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ

По мнению автора, основным, регулирующим экономическое состояние, элементом рыночной экономики считаются налоги. От того, насколько эффективно функционирует налоговая система любой отдельно взятой страны, зависит её социально-экономическое благосостояние. Обязанности граждан платить налоги закреплены на законодательном уровне, они не подлежат обсуждению и являются обязательными как для физических, так и для юридических лиц. В условиях рыночной экономики страна практически не имеет своего собственного дохода в таких объемах, как доходы с налогов, и тут трудно не согласиться с мнением Маргарет Тэтчер: «Нет никаких государственных денег, есть деньги налогоплательщиков», и вдобавок можно сказать, что государство должно правильно распределять денежную массу, поступающую посредством налогообложения граждан. В условиях рыночной экономики одним из основных элементов экономического роста, пополнения бюджета, социально-экономической ситуации любой отдельно взятой страны является система налогообложения, и то, насколько слаженно действует эта самая система. Налоги - это обязательный платеж, взимаемый государством со стороны юридических и физических лиц. Они считаются более демократичным способом регулирования социально-экономических отношений, ибо все налоги существуют и функционируют на законодательном уровне, и все агенты равны перед законом. Практически в каждом государстве, наряду с разными видами законодательных и правовых кодексов и актов существует и налоговый кодекс. В данной статье автором подробно описывается теоретический аспект налогообложения. По его мнению экономические школы разных периодов по- своему трактовали понятие налогов и налогообложения и в процессе развития цивилизации теории налогообложения обретали своеобразный характер.

**Ключевые слова:** налоги, теория налогообложения, экономика, принцип справедливости, частные налоги, теория общего налогообложения.

## THEORETICAL ASPECTS OF TAXES AND TAXATION

According to the author, taxes are considered the main element regulating the economic state of a market economy. Its socio-economic well-being depends on how effectively the tax system of any individual country functions. The obligations of citizens to pay taxes are fixed at the legislative level, they are not subject to discussion and are mandatory for both individuals and legal entities. In a market economy, the country practically does not have its own income in such volumes as tax revenues, and here it is difficult not to agree with the opinion of Margaret Thatcher: “There is no state money, there is taxpayers’ money,” and in addition we can say that the state should correctly distribute the money supply received through taxation of citizens. In a market economy, one of the main elements of economic growth, budget replenishment, and the socio-economic situation of any individual country is the taxation system, and how well this system operates. Taxes are a mandatory payment levied by the state on the part of legal entities and individuals. They are considered a more democratic way of regulating socio-economic relations, because all taxes exist and function at the legislative level, and all agents are equal before the law. In almost every state, along with different types of legislative and legal codes and acts, there is also a tax code. In this article, the author describes in detail the theoretical aspect of taxation. In his opinion, economic schools of different periods interpreted the concept of taxes and taxation in their own way, and in the process of development of civilization, theories of taxation acquired a unique character.

**Keywords:** taxes, theory of taxation, economics, principle of justice, private taxes, theory of general taxation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзуллоев Бахтовар Бахтиёрович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 735140, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **909-80-09-98**

**Сведения об авторе:** ***Файзуллоев Бахтовар Бахтиёрович*** - Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, преподаватель кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. Телефон: **909-80-09-98**

**Information about the author:** ***Faizulloev Bakhtovar Bakhtiyorovich*** - Bokhtar State University. Nosira Khusrawa, lecturer at the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. Phone: **909-80-09-98**

УДК: 338.46 (575.3)

# ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ МЕХАНИЗМ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЕМ ОРГАНИЗАЦИЙ КИНОРЫНКА

***Негматов Дж.С.***
**Таджикский государственный финансово-экономический университет**

В современных условиях вопросы организации и управления предоставления кино услуг имеют социальную значимость и реализуются на основе экономического и инновационного развития организаций кинорынка в различных сегментах, особенно кинопроката и кинопоказа, с учетом их особенностей и устойчивого развития.

Анализ функционирования организаций показывает, что целесообразно выделить следующие особенности их экономического и инновационного развития в различных сегментах:

- на основе рационального использования ресурсов с целью оптимального распределения и продвижения кинопродукции в различных сегментах оказания киноуслуг;

- совершенствование госполитики развития рынка киноуслуг, учитывая экономико-правовые и социальные механизмы, обеспечивающие стимулирование инновационной деятельности в Таджикистане;

- разработка и применение современных инновационных методов и стандартов качества оказания киноуслуг.

В этих условиях важным считаем обоснование и разработки приоритетных направлений социально-экономического и инновационного развития рынка киноуслуг и его сегментов в Таджикистане путем:

-обеспечения развитие системы распределения господдержки продукции киноуслуг, оценивая их социально-культурное значение на основе опыта зарубежных стран [7; 8; 9; 10];

-обоснование и разработка системы господдержки кинопроката и кинопоказа коммерческих продуктов, используя механизм возвратного финансирования для широкой аудитории;

-формирование механизма финансирования организаций кинопоказа и кинопроката на основе применения налога с продажи билетов в кинотеатрах;

- внедрение системы налогового кредита на приобретение цифрового оборудования в кинотеатрах, используя цифровой формат в кишлаках и районных центрах республики;

- обоснование и разработка программ развития организаций, оказывающих киноуслуги на основе создания и развития социально-культурной инфраструктуры на территории Таджикистана и другие.

Целесообразным считаем обоснование и разработку приоритетных направлений социально-экономического и инновационного развития кинорынка и важности использования важнейших показателей для оценки результатов работы организаций кинорынка в различных его сегментов (таблица 1).

**Таблица 1. Перечень показателей, характеризующих эффективность деятельности кинорынка по различным его сегментам**

**Table 1. List of indicators characterizing the efficiency of the film market in its various segments**

| № пп | Наименование показателей | Основные сегменты рынка киноуслуг |
|---|---|---|
| 1. | Количество выданных для проката кино- и видеофильмов и программ (единиц); | Организация кинопроката |
| 2. | Удельный вес отечественных фильмов в общем объеме проката, (%); | Организация кинопоказа |
| 3. | Удельный вес фильмов отечественного производства в общем объеме проката по факту/ по сравнению с предыдущим периодом, (%) | Организация кинопроката |

| | | |
|---|---|---|
| 4 | Доля ретроспективных показов в репертуаре кинотеатра за отчетный период по сравнению с предыдущим годом (%) | Организация кинопоказа |
| 5. | Удельный вес ретроспективных показов в репертуаре кинотеатра за отчетный период по сравнению с предыдущим годом, (%) | Организация кинопоказа |
| 6. | Количество кино- видео- установок, (ед.) | Организация кинопоказа |
| 7. | Количество киносеансов, (ед.); | Организация кинопоказа |
| | Количество киносеансов (ед.) (по плану/ по факту) | Организация кинопоказа |
| 8. | Средняя посещаемость киносеансов, (ед.); | Организация кинопоказа |
| 9. | Количество цифрового оборудования в кинотеатрах с возможностью 3D показа (ед.). | Организация кинопоказа |

Источник: составлено автором на основе: Алейченко Е.Д. Формирование механизма управления развитием организаций кинопроката и кинопоказа: дисс…к.э.н.:08.00.05/ Е.Д. Алейченко.-СПб., 2016.-173с.

При этом считаем целесообразным использовать указанные показатели (табл. 1) при разработке мер по развитию организаций кинорынка в сельских населенных пунктах и райцентрах Республики Таджикистан.

В этих условиях применение цифровых технологий кинодистрибьюции и показа фильмов способствует созданию условий населению Республики Таджикистан для получения качественных киноуслуг на основе улучшения взаимодействия участников кинорынка, используя современные услуги отрасли связи. При этом особое внимание организации кинорынка должны уделить вопросам снижения затрат на распространение фильмов, кинопоказов, а также увеличения количества посетителей путем увеличения доступа кинозрителей к фильмам различной тематики. Также необходимо создавать условия для международного сотрудничества и культурного обмена путем применения международных стандартов для цифрового кинопоказа в городах и районах Республики Таджикистан.

Особое внимание следует уделить позиционированию профессиональных участников кинорынка с целью соблюдения экономико-социальных интересов и взаимодействия поставщиков кинопродукции, оказываемых киноуслуг, а также их потребителей в реальных условиях.

При этом целесообразно при управлении развитием организаций кинорынка необходимо учитывать интересы их потребителей, применять инновационные формы и обеспечивать реализацию госполитики в социально- культурной сфере.

На наш взгляд, результаты сравнительного анализа организационно-экономических рекомендаций по управлению развитием организаций кинорынка показывают о наличии единой системы управления и взаимозависимости ее имеющихся подсистем (производства кинофильмов, кинопроката и показа).

В условиях трансформационных изменений социально-экономическая эффективность процесса управления развитием кинорынка зависит от взаимоотношений студий-мейджоров и кинотеатров на основе заключения договоров. Эти студии наполняют сеть проката зрителями и кинофильмами с учетом применения мирового опыта. «В связи с этим дистрибьюторы вынуждены покупать кинофильмы у своих западных партнеров пакетами, когда в нагрузку к одной потенциально успешной картине прилагаются картины без успешного прокатного потенциала» [3; 5; 6].

Другим направлением, показывающим возможности развития организаций кинорынка, считается разработка моделей финансирования путем применения государственно-частного партнерства, а также привлечением коллективного финансирования и краудфандинговых инструментов[1], информационно-коммуникационных технологий и новых услуг связи, учитывая уровень развития территории Республики Таджикистан.

Для финансирования кинорынка за счет сторонних источников следует рассматривать предлагаемую модель нефинансового стимулирования. «Данная модель предусматривает получение спонсоров в ответ на поддержку нефинансового вознаграждения, а также и модель

[1]Краудфандинг - инструмент, обеспечивающий привлечение финансирования в проекты в сфере культуры.

предзаказов, когда вознаграждением может быть сам финансируемый продукт (кинофильм, его показ является предзаказом интеллектуального продукта)» [1].

Важно заметить, что совершенствование информационно-коммуникационной деятельности организаций кинорынка проводится на основе реализации проектов, используя современные технологии, а также услуги связи, способствующие повышению качества оказания киноуслуг населению.

С учетом вышеизложенного предлагаем такие меры по реализации организационного развития для повышения конкурентоспособности организаций кинорынка при предоставлении киноуслуг:

1. Успешное развитие организаций кинорынка достигается на основе организационного развития расширение сети кинотеатров в средних и малых городах, роста количества залов в условиях расширения сети.

Это в условиях Республики Таджикистан связано со сравнительно низким уровнем обеспеченности кинозалами, диспропорцией кинофикации в областях, городах и районах. Увеличение числа экранов в малых и средних городах способствует увеличению охвата зрителей различных возрастов.

2. Строительство новых кинотеатров и реконструкция действующих, расположенных в населенных пунктах, обеспечивает зрителей новыми киноуслугами, так как сейчас доступ к ним отсутствует. Также модернизация инфраструктурных объектов организаций кинематографии способствует росту посещаемости таджикских и иностранных кинофильмов.

При этом для строительства новых и модернизации кинотеатров активно используется механизм ГЧП. Опыт показывает, что обычно государство берет на себя расходы по созданию необходимой инфраструктуры, а обязательства по использованию с учетом приоритетного развития кинорынка во всех уровнях управления берут на себя организации кинорынка, предоставляющие киноуслуги.

3. Развитие госполитики в области кинорынка с целью обеспечения зрительской аудитории конкурентоспособной кинопродукцией, позволяющей поддержать организации кинорынка; оказывать содействие интеграции кинематографии в мировом масштабе; финансировать участие таджикских фильмов в международных фестивалях; развивать систему профподготовки кадров для организаций кинорынка; оказывать грантовую поддержку для проведения исследований в этой области.

4. Формирование требуемых условий для развития механизма саморегулирования организаций кинорынка, кинопроката и кинопоказа. Данный механизм направлен на инициативную деятельность субъектов кинорынка с учетом разработки правил работы организаций, разработки и использования стандартов на основе усиления и обеспечения контроля за соблюдением требований, предъявляемых к ним в условиях инновационного развития. Данное направление связано с разработкой и внедрением, организационно-экономических механизмов на основе участия общественных организаций в этом процессе.

Анализ показывает, что сейчас саморегулирование не получило должного использования среди общественных организаций. И только благодаря представителям государственных органов управления данное направление будет реализовано.

5. Повышение присутствия в прокате множество фильмов целесообразно организовать на основе использования механизма предоставления субсидий кинотеатрам, показывающих национальные игровых, неигровые, анимационные фильмы, позволяющим этим организациям компенсировать часть расходов по демонстрации фильмов.

6. Обоснование и разработка мер по продвижению таджикского кино на экранах. При этом следует обратить внимание не только на господдержку кинопроизводства, а также кинодистрибьюцию и кинопоказ. Это связано с тем, что при увеличении количества кинозалов приоритетным считается переход на цифровой формат, а при росте кинопроката целесообразно расширить участие государства.

7. Обосновать и разработать целевые программы развития и господдержки кинопроката, особенно таджикских фильмов, на основе финансового стимулирования их показа, а также частичной финансовой помощи кинотеатрам в малых и средних городах на приобретение

цифровых технологий. Можно использовать «опыт Российской Федерации по программной поддержке, осуществляемой Фондом кино» [1; 2].

8. Использование зарубежного опыта развития кинодистрибьюции с целью развития экономического стимулирования по повышению уровня международного сотрудничества, обеспечению экономического роста на кинорынке, количества фильмов, созданных совместно с другими зарубежными партнерами.

9. Активизация и координация усилий государства и частных инвесторов с целью развития кинорынка, развитие механизма планирования бюджета, повышение культурного развития населения, его доступности к культурно-информационным ресурсам, улучшение инвестиционной привлекательности организаций кинорынка по оказанию киноуслуг.

10. Использование потенциальных возможностей интенсивного расширения сети кинотеатров на основе учета влияния макроэкономических факторов, учета влияния платежеспособного спроса населения на услуги по организации и проведению досуга.

11. Усиление роли регулирования по противодействию нелегальному распространению аудиовизуальной продукции в сети Интернет. Это приведет к уменьшению удельного веса возврата бюджетных средств, выделенных на финподдержку кинорынка. Также эти меры направлены на сглаживание противоречий, проявляющихся в диспропорциях обеспеченности населения киноуслугами и снижения качества оказываемых услуг при нелегальном распространении кино-видео продукции.

12. Реализация рекомендаций, направленных на расширение комплексной организации досуга со стороны действующих киноцентров на основе роста ассортимента культурно-досуговых услуг различным возрастным группам населения, позволяющего повысить результат работы организаций кинорынка в процессе привлечения зрителей в кинотеатр, покупателей в кинокафе и други*е* организаци*и*. Эти меры не только расширяют ассортимент услуг, но и создают условия по оказанию культурно-бытовых, творческих и сервисных услуг населению.

13. Приоритетным направлением регулирования развития организаций кинорынка считается повышение их рентабельности при оказании киноуслуг. *«*Этот показатель отражает изменение объемов деятельности и находится в прямой зависимости от кассовых сборов. Так, например, в 2015 году на производство 126 кинолент, вышедших на внутренний прокат, было потрачено 307 млн. долларов США, а кассовые сборы составили только 116 млн. долларов США» [4]. Это свидетельствует о том, что кассовые сборы примерно в два раза меньше вложенных средств для создания кинофильмов.

14. Учет потребительских предпочтений и развитие репертуарной политики, используя разработку комплекса интегрированных маркетинговых коммуникаций с учетом специализации организаций кинорынка с целью разработки перспектив их развития.

В целом, предложенный комплекс организационно-экономических рекомендаций способствует снижению зависимости кинорынка Таджикистана от иностранных партнеров, улучшению качества создаваемых кинопродуктов, учитывая предпочтения потребителей киноуслуг, развитию современных способов присмотра киноуслуг, расширению перечня предоставляемых дополнительных услуг, изменению сервисных форматов предоставления киноуслуг населению страны, ее городов и районов.

Таким образом, можно сформулировать вывод о том, что в условиях рыночных преобразований происходят существенные изменения в репертуаре кинопоказа, развитие современных форм сотрудничества с зарубежными партнерами, повышение результативности взаимодействия организаций, предоставляющих киноуслуги и услуги телевидения.

**Рецензент: к.э.н., доцент ТНУ – Мухсинов Д.А.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Алейченко Е.Д. Формирование механизма управления развитием организаций кинопроката и кинопоказа: дисс…канд.экон.наук:08.00.05 / Екатерина Дмитриевна Алейченко. -СПб., 2016. -173 с.
2. Бублевский М. «А был ли мальчик?» Миф о бюджетообразующей роли советского кино. [Электронный ресурс]. URL: http://cinemaplex.ru/ 2013/03/26/bublevsky-istoki-mifa-2.html (дата обращения: 13.09.2023).
3. Бычков А. Кино - важнейшее из искусств / А. Бычков // ЭЖ - Юрист. - 2012. -№36. -С.12-15.
4. Бюллетень кинопрокатчика. Итоги 2019 года. - 2020. -№12(113).

5. Киселёва И.А. Конкурентоспособность предприятия в условиях глобализации общества: влияние корпоративной культуры / И.А. Киселёва // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. - 2014. -№11. -С.39-44.
6. Леонтьева К. Российский кинорынок// Синемаскоп. - 2015. -№1-3(49). -С.1-2.
7. Официальный сайт «The Economist. World News, Politics, Economics, Business & Finance». [Электронный ресурс]. URL: http://www.economist.com (дата обращения: 09.04.2019).
8. Официальный сайт «The National Association of Theatre Owners». [Электронный ресурс]. URL: http:// www.natoonline.org/index.php (дата обращения: 07.02.2019г.).
9. Смирнов А.Б. Методическое обеспечение планирования государственных программ инновационного развития ресурсной базы сферы услуг / А.Б. Смирнов // Петербургский экономический журнал: научно-практический рецензируемый журнал. - 2013. -№2(2). -С.51-58.
10. Смирнов К.Б. Некоторые экономические и социальные проблемы проката национальных фильмов на территории Российской Федерации / К.Б. Смирнов // Вестник Российской академии естественных наук. - 2013. -№4(17). -С.143-144.

## МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ТАКМИЛ НАМУДАНИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ ИНКИШОФИ ТАШКИЛОТҲОИ БОЗОРИ СИНАМО

Дар мақола масъалаҳои ташкил ва идоракунии хизматрасонии кинои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ дар асоси таҳлили фаъолияти ташкилотҳо дар бозори хизматрасонии синамо дар шароити муосир баррасӣ шудааст. Ба асоснокозӣ ва таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии бозори хизматрасониҳои синамо ва бахшҳои он дар Тоҷикистон, дар асоси муайян кардани нишондиҳандаҳое, ки самаранокии бозори синамо дар бахшҳои гуногуни он тавсиф мекунанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Тадбирҳои татбиқи механизми рушди ташкилию иқтисодии баланд бардоштани ракобатпазирии ташкилотҳои бозори синамо дар соҳаи хизматрасониҳои синамо пешниҳод карда мешаванд. Муқаррар карда шудааст, ки маҷмуи тавсияҳои ташкилию иқтисодии пешниҳодшуда барои кам кардани вобастагии бозори синамои Тоҷикистон аз шарикони хориҷӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулоти офаридаи синамо ба аҳолии Тоҷикистон, шаҳру ноҳияҳои он хизматрасонӣ ба синамо мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, мо метавонем хулоса барорем, ки дар шароити таҳаввулоти бозор дар репертуари намоишгоҳи филмҳо тағйироти ҷиддӣ ба амал омада, шаклҳои муосири ҳамкориҳо бо шарикони хориҷӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории ташкилотҳои хизматрасонии кино ва телевизион ба вуҷуд омадаанд.

**Калидвожаҳо:** бозори синамо, нишондиҳандаҳо, механизми ташкилию иқтисодӣ, системаи идоракунӣ, рушди ташкилотҳои хизматрасонии синамо.

## ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ МЕХАНИЗМ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЕМ ОРГАНИЗАЦИЙ КИНОРЫНКА

В статье рассмотрены вопросы организации и управления предоставления киноуслуг, имеющие социальную значимость на основе анализа функционирования организаций на рынке киноуслуг в современных условиях. Особое место уделено обоснованию и разработке приоритетных направлений социально-экономического и инновационного развития рынка кино услуг и его сегментов в Таджикистане на основе выделения показателей, характеризующих эффективность деятельности кинорынка по различным его сегментам. Предложены меры по реализации механизма организационно-экономического развития для повышения конкурентоспособности организаций кинорынка при предоставлении киноуслуг. Установлено, что предложенный комплекс организационно-экономических рекомендаций способствует снижению зависимости кинорынка Таджикистана от иностранных партнеров, улучшению качества создаваемых кинопродуктов, предоставлению киноуслуг населению Таджикистана, ее городов и районов. Таким образом, можно сформулировать вывод о том, что в условиях рыночных преобразований происходят существенные изменения в репертуаре кинопоказа, развитие современных форм сотрудничества с зарубежными партнерами, повышение результативности взаимодействия организаций, предоставляющих киноуслуги и услуги телевидения.

**Ключевые слова:** кинорынок, показатели, организационно-экономический механизм, система управления, развитие организаций киноуслуг.

## ORGANIZATIONAL AND ECONOMIC MECHANISM FOR IMPROVING THE MANAGEMENT SYSTEM FOR THE DEVELOPMENT OF FILM MARKET ORGANIZATIONS

The article examines the issues of organizing and managing the provision of cinema services of social significance based on an analysis of the functioning of organizations in the cinema services market in modern conditions. Particular attention is paid to the justification and development of priority directions for the socio-economic and innovative development of the film services market and its segments in Tajikistan based on identifying indicators characterizing the efficiency of the film market in its various segments. Measures are proposed to implement the mechanism of organizational and economic development to increase the competitiveness of film market organizations in the provision of film services. It has been established that the proposed set of organizational and economic recommendations helps to reduce the dependence of the Tajikistan film market on foreign partners, improve the quality of created film products, and provide film services to the population of Tajikistan, its cities and regions. Thus, we can formulate the conclusion that in the conditions of market transformations there are significant changes in the film exhibition repertoire, the development of

modern forms of cooperation with foreign partners, and an increase in the effectiveness of interaction between organizations providing film and television services.

**Keywords:** film market, indicators, organizational and economic mechanism, management system, development of film service organizations

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Негматов Ҷаҳонгир Саидбекович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, аспиранти кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 734067, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон**: 551-00-02-85.** G-mail: **negmatovj0607@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Негматов Джахонгир Саидбекович*** - Таджикиский государственный финансово-экономический университет, аспирант кафедры экономической теории. **Адрес**: 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **551-00-02-85.** G-mail: **negmatovj0607@gmail.com**

**Information about the author:** ***Negmatov Jahongir Saidbekovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, graduate student of the Department of Economic Theory. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan,Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Phone: **551-00-02-85.** G-mail: **negmatovj0607@gmail.com**

**ТДУ: 336.14(575.3)**

# БУҶЕТСОЗӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ АЗ РӮЙИ СЕГМЕНТҲО ДАР ТАШКИЛОТҲОИ СОХТМОНӢ

***Низомов С.Ф., Икромова М.Х., Бобиев И.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди бозори сохтмонӣ ва рақобат водор менамояд, ки бо мақсади ноил гаштан ба нишондиҳандаҳои муносиб аз натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, низоми мукаммал ва дурусти банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ ташкил карда шавад.

Солҳои тулонӣ ширкатҳо нақшаҳои истеҳсолии худро ҳамчун чараёни баҳодиҳии ҳатмии даромад ва хароҷоти дарпешистодаи ширкат муаррифӣ менамуданд. Акнун, ки шароити хоҷагидорӣ, талабот ва таркиби бозор тағйир ёфтааст, бозор маҳсулот ва фаъолияти рақобатпазирро тақозо менамояд, ширкатҳои сохтмониро лозим меояд, ки барои тартиб додани буҷети корхона аз роҳу усулҳои наву пешқадам истифода баранд. Ширкатҳои пешқадами соҳаро лозим меояд, ки даромад ва захираҳои ба он вобастароояндабинӣ намуда, саҳеҳӣ ва дурустии онро таъмин намоянд. Ин амал на танҳо мақоми банақшагирӣ ва буҷетсозиро баланд мебардорад, балки тарзи оммавии тартибдиҳии ҷадвалҳои гуногун, низоми буҷетҳо ва таъминоти барномавии истеҳсолотро тағйир медиҳад.

Вобаста ба ин, банақшагирӣ ва буҷетсозӣ дар раванди идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ аҳаммияти хосса пайдо менамояд, чунки он барои таъмини фаъолияти самаранок, назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо, иҷроиши нақшаҳои гузошташуда ва рушди бобарори ширкатҳои соҳа кафили устувор мебошад.

Буҷетсозӣ ҳамчун унсури низоми баҳисобгирӣ мавриди таҳқиқоти олимон қарор гирифта, моҳият, нақш ва мавқеи он дар раванди идоракунии субъекти хоҷагӣ муайян карда шудааст.

Вандина О.Г. банақшагириро ҳамчун функсияи муҳимми идоракунӣ ва буҷетсозиро раванди мураккаби банақшагирии фаврӣ шуморида, қайд менамояд: "Банақшагирӣ яке аз вазифаҳои асосии идоракунӣ буда, татбиқи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии марбут ба истифодаи захираҳои гуногун ва ба даст овардани даромадҳоро дар оянда дар назар дорад. Буҷетсозӣ раванди мураккаби банақшагирии амалиётӣ мебошад. Буҷет нақшаест, ки дорои нишондиҳандаҳои пулӣ ва аслӣ мебошад. Низоми буҷетсозии ташкилотҳои сохтмонӣ омили асосии таъмини самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ буда, барои назорати фаврии қатъӣ аз болои воридшавию хориҷшавии сарватҳои моддӣ нигаронида шудааст" [1,с.166].

Мо ба ақидаҳои Вахрушина М.А. то андозае розӣ шуда метавонем, ки мафҳуми буҷет ва банақшагириро чунин таъриф додааст: "Зери мафҳуми буҷетсозӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ раванди банақшагирӣ фаҳмида мешавад. Мувофиқан буҷет (ё ин ки смета), ин нақша мебошад. Смета (ё ин ки буҷет) дар худ ҳуҷҷати молиявиро таҷассум менамояд, ки то иҷронамоии амалҳои муайян тартиб дода мешавад. Инояндабинии амалиётҳои молиявии оянда мебошад" [2,с.325].

Буҷетсозӣ дар маънои васеаш ҳамчун маҷмуи равандҳои баҳамалоқаманди банақшагирӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти корхона дар маҷмуъ ва ҳам зерсохторҳои он фаҳмида мешавад.

Муаллифони китоби дарсии баҳисобгирии идоракунӣ буҷетро ҳамчун "ифодаи миқдории нақшаи фаъолияти корхона" шуморида, қайд менамоянд: "Буҷет ифодаи миқдории нақшаи фаъолияти рушди корхона, ки аз ҷониби роҳбарият бо рақамҳои мушаххас таҳия шудаанд, мебошад. Дар натиҷаи таҳияи буҷет маълум мегардад, ки ҳангоми тасдиқи ин ё он нақшаи рушди фаъолият корхона то кадом андоза фоидаро соҳиб мегардад" [6,с.215].

Мо ба ақидаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи олимон оид ба мафҳуми буҷет ва буҷетсозӣ комилан розӣ ҳастем, ки он унсури таркибии банақшагирӣ, воситаиояндабинии захираҳо, хароҷот ва даромадҳо, василаи назорат аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти

менеҷерҳои марказҳои масъулият дар ширкатҳои сохтмонӣ баҳисоб меравад.

Нисбат ба андешарониҳои прфессор Вахуршина М.А. танҳо илова карданием, ки он амалҳое, ки зимни таҳияи сметаҳо иҷро мегарданд, моҳиятан ҳангоми тартибдиҳии буҷетҳо низ аз ин амалҳо кор гирифта мешавад. Танҳо буҷет аз ҷиҳати таркиб нисбат ба смета васеътар мебошад. Яъне, аз рӯйи ҳадаф “Смета ин ҳисобкунӣ (нақша)-и хароҷоти оянда барои иҷро кардани ин ё он кор мебошад” [9]. Инро мо бо он чиз асоснок менамоем, ки буҷети асосии корхона аз ду қисм иборат аст: буҷети амалиётӣ ва буҷети молиявӣ. Буҷети амалиётӣ дар худ сметаро таҷассум менамояд, яъне он нишондиҳандаҳои фаъолияти ҷории корхонаро (буҷети захираҳои моддӣ, буҷети истеҳсоли маҳсулот, буҷети хароҷоти мустақим, буҷети хароҷоти барилова, буҷети хароҷоти тиҷоратӣ ва ғ.) дар бар гирифта, марҳилаи охирини он тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар мебошад. Зимни тартибдиҳии сметаҳо бошад, унсурҳои буҷети молиявӣ (буҷети сармоягузории асосӣ, буҷети ҳаракати воситаҳои пулӣ, буҷети тавозуни муҳосибӣ) тартиб дода намешаванд. Аз ин хотир мо мафҳуми буҷетро аз смета бо ин хусусият ҷудо менамоем. Яъне, смета ба маънои томаш буҷети корхонаро ба пуррагӣ ифода карда наметавонад.

Ҳамаи ин ҷанбаҳои илмиро омӯхта, модели ташаккули буҷети асосии корхонаи сохтмониро дар расми 1 тасвир менамоем.

**Расми 1. Мадели ташаккули буҷети асосии корхонаи сохтмонӣ**
**Figure 1. The model of the formation of the main budget of the construction enterprise**




Манбаъ: Муаллифон дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудаанд.

Аз рӯйи расми 1 мо мушоҳида менамоем, ки буҷети асосии корхонаи сохтмонӣ аз ду қисм иборат аст: буҷети амалиётӣ ва буҷети молиявӣ. Дар навабти худ буҷети амалиётӣ аз буҷетҳои қисмии зерин иборат мебошад:

-буҷети фурӯш;
-буҷети истеҳсоли маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо);
-буҷети хароҷоти масолеҳи асосӣ;
-буҷети хароҷоти музди меҳнати коргарони асосӣ;
-буҷети хароҷоти умумиистеҳсолӣ;
-буҷети хароҷоти маъмурӣ;
-буҷети арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда;
-буҷети арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташаванда;
-буҷети хароҷоти тиҷоратӣ;
-буҷети хароҷоти ғайриамалиётӣ;
-буҷети фоида ва зарар.

Марҳилаи охирони тартибдиҳии буҷети амалиётӣ, тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар мебошад.

Буҷети молиявӣ аз се қисми асосӣ иборат аст:
-буҷети тавозуни муҳосибӣ;
-буҷети ҳаракати востаҳои пулӣ;
-буҷети сармоягузориҳои дарозмуддат.

Амсилаи ташаккули буҷети корхонаро аз рӯйи расми 1 мушоҳида намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки аввал, марҳилаи тартибдиҳии буҷети амалиётӣ бо таҳия кардани буҷети фурӯш оғоз меёбад. Пас, аз пурра тартибдиҳии ҳамаи унсурҳои он, сипас, буҷети молиявӣ бо се унсури номбаршудааш тартиб дода мешавад.

Зарур мешуморем, қайд намоем, ки тартибдиҳии буҷетҳо дар ширкати сохтмонӣ вобаста ба марказҳои масъулият ба роҳ монда шавад, чунки тибқи ақидаи олимон маркази масъулият «зерсохтори корхона мебошад, ки менеҷери он ба идоракунии захираҳои барои ӯ вогузошташуда масъул аст» [3,с.89; 2,с.15-16; 6,с.17] ва идоракунию назорати захираҳо танҳо бо роҳи тартибдиҳии буҷетҳо ба амал бароварда мешавад.

Таритибдиҳии буҷетҳоро дар ташкилоти сохтмонӣ амали зарурӣ мешуморем ва он бояд, пеш аз ҳама, ба ин ҷанбаҳои асосӣ нигаронида шавад:

-баланд бардоштани дараҷаи идоракунӣ дар корхона, имконияти устуворгардонии назорат аз рӯйи фаъолияти менеҷерҳо;

-мушоҳида ва назорат кардани раванди истифодабарии захираҳо ва арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ;

-имконияти тағйир додани бозорҳои фурӯш ва бозорҳои молиявӣ;

-саривақт гирифтани маълумот дар бораи тағйироти ҳатмии стратегияи идоракунии ташкилоти сохтмонӣ;

-фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории корхона дар соҳаи сохтмон.

Барои он ки низоми буҷетсозӣ дар ширкати сохтмонӣ таъсис дода шуда бомуваффақият фаъолият кунад, чунин омилҳо ва шартҳо бояд таъмин карда шаванд [2,с.166]:

1. Таъмини кадрҳо вобаста ба самти кор (муҳосибӣ, молиявӣ, ташкилӣ, идоракунӣ, технологӣ ва ғ.)

2. Ташкилӣ – ташкили фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона мутобиқи инфраструктураи мавҷудаи бозор.

3. Иттилоот – ҷамъоварӣ, коркард, интиқол додани иттилооти ба нақша гирифташуда (системаи баҳисобгирии таҳлилӣ, донишҳои касбӣ, системаи коркарди электронии маълумот) барои доштани воситаҳои муассир зарур аст.

Аз сабаби он ки дар низоми баҳисобгирии бештари корхонаҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба идоракунии хароҷот, ки арзиши сохтмон аз он вобастагии қавӣ дорад, диққати лозимӣ дода намешавад, барои ба даст овардани натиҷаи муносиб аз идоракунии хароҷоти сохтмон ташкили банақшагирии молиявӣ (системае, ки таъминоти он буҷети асосии корхона хоҳад шуд) зарур меояд.

Чи тавре қайд намудем, марҳилаи аввали буҷети амалиётӣ дар корхона бо таҳия ва қабули буҷети фурӯш оғоз мегардад ва дар ин мақола маҳз мо методикаи тартибдиҳии буҷети амалиётии ширкати сохтмониро пешниҳод хоҳем кард.

Ҳангоми таҳияи буҷети фурӯш аз таҷрибаи солҳои гузашта, вазъи бозор, нақшаҳои дар пеш истодаи ширкати сохтмонӣ, шартномаҳое, ки бо фармоишгарони гуногун баста шудааст, пешниҳодҳои мутахассисоне, ки талаботро ба маҳсулоти сохтмонӣ таҳлил мекунанд – мутахассиси маркетинг, мутахассиси пешбари нархгузорӣ ва кори сметавӣ-паймонкорӣ, машварати роҳбари шуъбаи сохтмони асосӣ ва сармоягузорӣ истифода бурдан зарур аст.

Мо дар доираи ин таҳқиқоти илмӣ раванди тартибдиҳии буҷети амалиётии ширкати сохтмонии ҶДММ «Машраб-гурӯҳ»-ро бо тартиби зайл пешниҳод менамоем.

Тартибдиҳии буҷети фурӯш барои соли 2023 аз рӯйи намудҳои алоҳидаи маҳсулоти сохтмонӣ иҷро карда мешавад (ҷадали 1).

**Ҷадвали 1. Буҷети фурӯш дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**
**Table 1. Sales budget at LLC "Mashrab-group" for 2023**

| Номгӯйи корҳои сохтмонӣ | Ҳаҷми фурӯш, м$^2$ | Нархи фурӯш, м$^2$ / сомонӣ | Маблағ, сомонӣ |
|---|---|---|---|
| Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | 1100 | 11000 | 12 100 000 |
| Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоеви н. Фирдавсӣ | 4200 | 5500 | 23 100 000 |
| Ҳамагӣ | | | 35 200 000 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» таҳия намудаанд.

Аз рӯйи маълумоти ҷадвали 1 ба мо ошкор мегардад, ки ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» ду объекти сохтмониро амалӣ намуда истодааст: Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская ва бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоеви ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе. Аз рӯйи объекти якум фурӯши 1100 м$^2$ масоҳати нуқтаҳои савдо бо нархи 11000 сомонӣ ва аз рӯйи объекти дуюм фурӯши 4200 м$^2$ масоҳати бинои истиқоматӣ бо арзиши 5500 сомонӣ барои ҳар 1 м$^2$ дар соли 2023 ба нақша гирифта шуд.

Бояд зикр намуд, ки тибқи лоиҳа масоҳати умумии нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская 1100 м$^2$ ва масоҳати умумии бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоеви ноҳияи Фирдавсӣ 7200 м$^2$-ро дар бар мегиранд.

Тибқи амсилаи дар расми 1 нишондодашуда, пас аз тартиб додани буҷети фурӯш, марҳилаи тартибдиҳии буҷети истеҳсол аз рӯйи ҳар як объекти сохтмонӣ оғоз мегардад, ки намунаи онро дар ҷадвали 2 пешкаш менамоем.

**Ҷадвали 2. Буҷети истеҳсол дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**
**Table 2. Production budget at JDMM "Mashrab-group" for 2023**

| Номгӯйи корҳои сохтмонӣ | Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | | Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоев | |
|---|---|---|---|---|
| | Аз рӯйи масоҳат, м$^2$ | Аз рӯйи арзиши аслӣ | Аз рӯйи масоҳат, м$^2$ | Аз рӯйи арзиши аслӣ |
| Масоҳати сохташудаи боқимонда аз соли гузашта, | 100 | 605000 (6050 сомонӣ ба 1 м$^2$) | 1000 | 4050000 (4050 сомонӣ ба 1 м$^2$) |
| Ҳаҷми банақшагирифтаи фурӯш дар давоми сол, м$^2$ | 1100 | Дар раванди тартибдиҳии буҷет муайян карда мешавад | 4200 | Дар раванди тартибдиҳии буҷет муайян карда мешавад |
| Ҳаҷми масоҳати сохташаванда дар давоми сол, м$^2$ | 1000 | Дар раванди тартибдиҳии буҷет муайян карда мешавад | 3200 | Дар раванди тартибдиҳии буҷет муайян карда мешавад |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тартиб додаанд.

Ҳангоми тартибдиҳии буҷети истеҳсол бояд масоҳати сохтмонии тайёрбуда, ки аз соли гузашта боқӣ мондаанд, ё ин ки фурӯхта нашудаанд, ба инобат гирифта шавад. Дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» масоҳати сохташудаи фурӯхтанашуда дар давраи гузаштаи ҳисоботӣ аз рӯйи нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская – 100 м$^2$ ва аз рӯйи бинои

истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоеви ноҳияи Фирдавсӣ – 1000 $м^2$-ро ташкил додааст. Аз ин рӯ, ҳаҷми банақшагирифтаи истеҳсол барои нуқтаҳои маркази савдо 1000 $м^2$ (1100-100) ва барои бинои истиқоматӣ 3200 $м^2$ (4200-1000)-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми бақияи маҳсулоти тайёре, ки бояд дар охири соли банақшагирифташаванда ҳамчун бақияи маҳсулоти тайёр барои аввали соли баъд аз соли банақшагирифташаванда боқӣ монад, ба сифр баробар аст.

Пас аз он ки миқдори маҳсулоти истеҳсолшаванда аз рӯйи буҷети истеҳсол (ҷадвали 2) муайян гардид, акнун буҷети хароҷоти истеҳсолоти сохтмонӣ тартиб дода мешавад, ки он аз се унсури асосӣ иборат аст: буҷети хароҷоти масолеҳи асосӣ, буҷети хароҷоти меҳнатӣ, буҷети хароҷоти умумиистеҳсолӣ.

Дар ҷадвалҳои 3 ва 4 тартиб додани буҷети хароҷоти масолеҳи асосӣ барои соли 2023 ҳам бо ченаки миқдорӣ ва ҳам бо ченаки пулӣ аз рӯйи намудҳои алоҳидаи маҳсулоти сохтмонӣ пешниҳод карда мешавад.

**Ҷадвали 3. Буҷети хароҷоти масолеҳи асосӣ дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023, (бо ченаки миқдорӣ)**

**Table 3. The budget for capital expenditures in LLC "Mashrab-group" for 2023, (quantitatively measured)**

| | Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | | | Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоев | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хароҷот ба 1 $м^2$ | Ба ҳаҷми умуӣ | Ҳамагӣ | Хароҷот ба 1 $м^2$ | Ба ҳаҷми умуӣ | Ҳамагӣ | |
| Бетон, $м^3$ | 0,3 $м^3$ | 1000 $м^2$ | 300 $м^3$ | 0,3 $м^3$ | 3200 $м^2$ | 960 $м^3$ | 1260 $м^3$ |
| Арматура, қ. 6, 16, 20 мм, тонна | 0,175 т ба 1 $м^3$ бетон | ба 300 $м^3$ бетон | 52,5 т | 0,175 т ба 1 $м^3$ бетон | ба 960 $м^3$ бетон | 168 т | 220,5 т |
| Хишти сабук, $м^3$ | 0,26 $м^3$ ба 1 $м^2$ | 1000 $м^2$ | 260 $м^3$ | 0,26 | 3200 $м^2$ | 832 $м^3$ | 1092 $м^3$ |

Манбаъ: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ»

Бояд қайд намуд, ки зимни тайёр кардани буҷети истеҳсоли маҳсулот, ки ҳадафаш муайян кардани арзиши аслии 1 $м^2$ масоҳати сохтмонии бунёдшуда мебошад, аз меъёрҳои муқаррарнамудаи хароҷоти сохтмонӣ, ки аз ҷониби Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар як се моҳ як маротиба тасдиқ мешавад, истифода бурдан зарур аст. Аз рӯйи хусусиятҳои технологии истеҳсолоти сохтмонӣ, саҳми хароҷоти ашёҳои моддӣ дар ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сохтмонӣ, ҳамчунин саҳми онҳо дар башаклдарории биноҳои сохташаванда дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» се намуди ашёҳои сохтмонӣ (бетон, арматура, хишти сабук) ҳамчун масолеҳи асосӣ эътироф карда мешавад. Маълумоти ҷадвали 4 нишон медиҳанд, ки вазни аз ҳама зиёдро дар ҳайати хароҷоти масолеҳи асосӣ зимни бунёди сохтмонҳои оҳану бетонӣ хароҷоти металл (арматура – 3087000 смонӣ) ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 4. Буҷети хароҷоти масолеҳи асосӣ дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023 (бо сомонӣ)**

**Table 4. The budget for capital expenditures in "Mashrab-group" LLC for 2023 (in Somoni)**

| | Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | | | Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоев н. Фирдавсӣ, | | | Ҳамагӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хароҷот ба 1000 $м^2$ | Нарх, сомонӣ | Маблағ, сомонӣ | Хароҷот ба 3200 $м^2$ | Нарх, сомонӣ | Маблағ, сомонӣ | |
| Бетон, $м^3$ | 300 | 600 | 180000 | 960 | 600 | 576000 | 756000 |
| Арматура, қ. 6, 16, 20 мм, тонна | 52,5 | 14000 | 735000 | 168 | 14000 | 2352000 | 3087000 |
| Хишти сабук, $м^3$ | 260 | 600 | 156000 | 832 | 600 | 499200 | 655200 |
| Ҳамагӣ, сомонӣ | - | - | 1071000 | - | - | 3427200 | 4498200 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» таҳия намудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки рӯйхати ашёҳое, ки дар ҷадвали 4 пешниҳод шудааст, метавонад бо ин шумора дар ширкатҳои сохтмонӣ маҳдуд нагардад. Яъне, ба ин феҳрасти хароҷоти масолеҳи асосӣ метавонад масолеҳҳои дигар низ, ки дар ҳайати арзиши аслии корҳои сохтмонӣ вазни назаррасро ишғол мекунанд, илова карда шавад.

Дар вақти тайёр кардани буҷети хароҷоти масолеҳ, тайёр кардани буҷети хариди масолеҳ низ зарур аст, ки намунаи онро мо дар ҷадвали 5 пешниҳод менамоем. Ҳангоми тайёр кардани буҷети хариди масолеҳ ба инобат гирифтани бақияи масолеҳ ва талабот ба масолеҳ дар давраи банақшагирифташаванда муҳим аст.

**Ҷадвали 5. Буҷети хариди масолеҳи асосӣ дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**
**Table 5. The budget for the purchase of basic materials in LLC "Mashrab-group" for 2023**

| 1 | Бақия дар аввал | Ҳамагӣ лозим аст (маъл. аз ҷад. 3) | Хариди воқеӣ | Нарх | Маблағ |
|---|---|---|---|---|---|
| Бетон, м³ | - | 1260 | 1260 | 600 | 756000 |
| Арматура, тонна | 10 | 220,5 | 210,5 | 14000 | 2947000 |
| Хишти сабук, м³ | 92 | 1092 | 1000 | 600 | 600000 |
| Ҳамагӣ бояд масолеҳ харида шавад | - | - | - | - | 4303000 |

Манбаъ: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ»

Марҳилаи навбатии ҳисобкунии арзиши аслии буҷети маҳсулоти сохтмонӣ, тайёркунии буҷети хароҷоти музди меҳнати асосӣ мебошад (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Буҷети хароҷоти музди меҳнати асосӣ дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**
**Table 6. The budget of basic labor costs in LLC "Mashrab-group" for 2023**

| | Масоҳати бинои сохташаванда дар давоми сол, м² | Хароҷоти вақти корӣ, ба 1м²/соат | Ҳамагӣ | Нархи 1 соат | Ҳамагӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | 1000 | 8 | 8000 | 30 | 240000 |
| Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоев | 3200 | 8 | 25600 | 30 | 768000 |
| Ҳамагӣ | 4200 | - | 33600 | 30 | 1080000 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тартиб додаанд.

Дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» ба ҳайати коргарони асосӣ ҳамаи он коргароне, ки бевосита дар иҷрои корҳои сохтмонӣ иштирок мекунанд (устоҳо, бетонрезҳо, хиштчинҳо, арматурчиҳо), дохил карда мешаванд. Хароҷоти музди меҳнати коргарони ёрирасон, механикҳо, фаррошҳо, муҳофизонро ба ҳайати хароҷоти умумистеҳсолӣ дохил намудем. Аз рӯйи меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ ҳисоб карда шуд, ки барои иҷроиши корҳои гуногуни сохтмонӣ дар ҳар як м² масоҳат ба ҳисоби миёна 8 соат вақт лозим аст. Мувофиқан барои бунёди 1000 м² масоҳати нуқтаҳои савдо 8000 соат, ё ин ки 240000 сомонӣ ва барои бунёди 3200 м² бинои истиқоматӣ 25600 соат вақти корӣ ё ин ки 768000 сомонӣ сарф мешавад.

Дар ҷадвали 7 рӯйхати корҳо ва хароҷоте оварда шудаст, ки онҳо аз рӯйи моҳият хароҷоти умумиистеҳсолии ширкати сохтмониро ташкил медиҳанд. Ногуфта намонад, ки дар ширкатҳои сохтмонӣ маблағи хароҷоти умумиистеҳсолӣ дар таркиби арзиши аслӣ вазни хеле назаррасро ишғол менамояд, ки аз ин ҳолат рақамҳои дар ҷадвали 7 овардашуда шаҳодат медиҳанд.

Ногуфта намонад, ки дар амалияи ширкатҳои сохтмонӣ ҳолатҳое дучор меоянд, ки барои ширкат сарбории зиёдеро дар таркиби хароҷоти амалиётӣ ба миён меоранд. Ин ҳолат ба кӯчонидани истиқоматкунандагони биноҳои куҳнаи истиқоматӣ, ки дар ҷойи зисти онҳо бинои нав сохта мешавад, ҷуброни арзиши манзили онҳо ва иҷорапулиҳои пардохтшаванда ба ин истиқоматкунандагон барои зисти муваққатиашон то омода гаштани бинои истиқоматии нав вобастагӣ дорад. Дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҷадвали 7. Буҷети хароҷоти умумиистеҳсолӣ дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**
**Table 7. Budget of general production costs in LLC "Mashrab-group" for 2023**

| | Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоев | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Неруи барқ | 11000 | 35000 | 46000 |
| Хароҷоти об | 12000 | 22000 | 34000 |
| Сӯзишоврӣ | 1600 | 4500 | 6100 |
| Ташхиси экологӣ | 9000 | 14000 | 23000 |
| Ташхиси техникӣ ва сифат | 12400 | 32000 | 44400 |
| Тозакунии маҳал ва бунёди девори муҳофизатии сохтмон | 26000 | 45000 | 71000 |
| Хароҷоти кандани замин барои таҳхона | 73200 | 155400 | 228600 |
| Хароҷоти бунёди таҳкурсии бино, м³ (1000×124,3=124300)* (3200×135=432000)* | 124300 | 432000 | 556300 |
| Насби низоми ҳавокашӣ | 18450 | 43240 | 61690 |
| Насби низоми обтаъминкунӣ ва канализатсия | - | 71250 | 71250 |
| Насби низоми гармидиҳӣ | - | 65400 | 65400 |
| Хулосаи бехатарии сӯхтор | 3460 | 9640 | 13100 |
| Насби таъминоти низоми барқ | 12300 | 41600 | 53900 |
| Масолеҳи ёрирасон, аз он ҷумла дару тирезаҳо | 695650 | 2016740 | 2712390 |
| Музди меҳнати коргарони умумиистеҳсолӣ, ёрирасон ва хизматрасон | 115600 | 345600 | 461200 |
| Фарсудашавӣ ва хизмати техникии мошин ва таҷҳизот мошин-соат/сомонӣ | 8450 | 244600 | 253050 |
| Тайёркунии шиносномаҳои техникӣ | 44230 | 158400 | 202630 |
| Ҳамагӣ хароҷоти умумиистеҳсолӣ, сомонӣ | 1167640 | 3736370 | 4904010 |
| Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда, м² | 1000 | 3200 | 4200 |
| Ба ҳар як м² | 1167,64 | 1167,61 | 1167,62 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тартиб додаанд.
*Хароҷоти умумии тайёркунии таҳкурсӣ ба миқдори умумии масоҳати бинои сохташаванда тақсим карда шуда, ба ҳар 1 м² масоҳат ҳосил шуд: барои нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская – 124,3 сомонӣ, барои бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоеви ш.Душанбе,– 135 сомонӣ

ҷуброни арзиши манзили истиқоматии шаҳрванд, ки барҳам дода мешавад, аслан бо ду усул руйпӯш карда мешавад: якум, арзиши хонаи истиқоматиаш вобаста ба нархҳои дар бозор амалкунанда бо розигии тарафайн пардохт карда мешавад, дуюм, ё ин ки вобаста ба масоҳати хонаи истиқоматӣ аз бинои навсохташаванда манзили нав пешниҳод карда мешавад. Дар ҳар ду ҳолат ин гуна хароҷот ҳамчун хароҷоти амалиётие эътироф карда мешавад, ки бевосита ба арзиши аслии сохтмон таъсири мустақим мерасонанд ва аз ин рӯ, он бояд ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ зам карда шаванд.

Дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» зимни бунёди ҳар ду объекти сохтмонӣ ҳолатҳои дар боло зикршуда ҷой доранд. Аз ин рӯ, буҷети хароҷот марбут ба ҷуброни арзиши манзили истиқоматкунандагон ва пардохти иҷорапулии зисти муваққатии онҳоро низ тартиб медиҳем (ҷадвали 8).

Тартибдиҳии буҷети хароҷоти маъмурӣ (бар илова) марҳилае мебошад, ки пас аз омода гаштани буҷети хароҷоти мустақим ва хароҷоти умумиистеҳсолӣ иҷро карда мешавад. Бояд зикр кард, ки муайян кардани бузургии аниқи хароҷоти маъмурӣ (бар илова) ҳамчунин, хароҷоти тиҷоратӣ дар шароити номуайянии нархҳо, тарофаҳо ва дигар омилҳо аз имкон берун аст. Илова бар ин, ивазшавии санадҳои меъёрӣ, дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо метавонанд, меъёри кору хизматрасониҳои давлатӣ пешбинӣ шавад, барои субъектҳои иқтисодӣ номаълум боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, зимни

**Ҷадвали 8. Буҷети хароҷоти ҷуброни арзиши манзилҳои тахрибшудаи шаҳрвандон дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023, сомонӣ**
**Table 8. Budget of compensation for the cost of destroyed houses of citizens in LLC "Mashrab-group" for 2023, somoni**

| № | Нишондиҳандаҳо | Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоев | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Пардохти арзиши манзили истиқоматӣ, ҳамагӣ, сомонӣ | 3300000 | 5292000 | 8592000 |
| 2 | Ба 1 $м^2$, сомонӣ | 3300000 ÷1100=3000 | 5292000 ÷ 7200 = 735 | 8592000÷8300 =1035,18 |
| 3 | Дар буҷети соли ҷорӣ | 3000×1000 =3000000 | 735 × 3200 =2352000 | 5352000 |
| 4 | Пардохти иҷорапулӣ барои зисти муваққатии шаҳрвандон | Пардохти иҷорапулӣ мавҷуд нест | 1728000 | 1728000 |
| 5 | Ҳамагӣ, сомонӣ | 3000000 | 4080000 | 7080000 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тартиб додаанд.

тартибдиҳии буҷети хароҷоти маъмурӣ ва хароҷоти тиҷоратӣ ба ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тавсия дода мешавад, ки аз таҷрибаи солҳои гузашта ё ин ки аз меъёрҳои миёнасоҳавии хароҷоти маъмурӣ ва фурӯш истифода бурда шавад.

Ҳамин тариқ, хароҷоти маъмурӣ-хоҷагӣ дар соли банақшагирифташаванда 1953000 сомониро ташкил дод, ки ба ҳар 1 $м^2$ масоҳати сохташаванда 465 (1953000÷4200) сомонӣ рост меояд. Буҷети хароҷоти маъмурӣ-хоҷагӣ (барилова)-ро дар ҷадвали 9 пешниҳод мекунем.

**Ҷадвали 9. Буҷети хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ (бар илова) дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**
**Table 9. Budget of administrative and economic expenses (plus) in LLC "Mashrab-group" for 2023**

| Объекти сохтмонӣ | Масоҳати бинои сохташаванда дар давоми сол, $м^2$ | Ба ҳар 1 $м^2$ | Ҳамагӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|
| Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | 1000 | 465 | 465000 |
| Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоеви ш. Душанбе, | 3200 | 465 | 1488000 |
| Ҳамагӣ | 4200 | 465 | 1953000 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тартиб додаанд.

Хароҷоти тиҷоратӣ мисли хароҷоти маъмурӣ-хоҷагӣ дар ҳаҷми 462000 сомонӣ ба нақша гирифта шуда, ба ҳар 1$м^2$ 110 сомонӣ рост меояд (ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10. Буҷети хароҷоти тиҷоратӣ дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**
**Table 10. Budget of business expenses in LLC "Mashrab-group" for 2023**

| Объекти сохтмонӣ | Масоҳати бинои сохташаванда дар давоми сол, $м^2$ | Ба ҳар 1 $м^2$ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | 1000 | 110 | 110000 |
| Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоеви ш.Душанбе, | 3200 | 110 | 352000 |
| Ҳамагӣ, сомонӣ | 4200 | 110 | 462000 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тартиб додаанд.

Бо мақсади фарогирии тамоми амалиёти хоҷагидории ба натиҷаҳои молиявӣ таъсиркунанда дар ширкати сохтмонӣ тавсия карда мешавад, ки хароҷоти ғайриамалиётӣ ва ғайричашмдошт (пардохти фоизҳо, зарар аз фарқияти қурби асъор, ҷарима, муҷозот ва

ғ.) низ ба инобат гирифта шуда, дар буҷети корхона муайян карда шаванд. Вобаста ба таҷрибаи солҳои гузашта, маблағи хароҷоти ғайриамалиётӣ ва ғайричашмдошт барои давраи банақшагирифташаванда 189040 сомонӣ муайян карда шуд (ҷадвали 11).

**Ҷадвали 11. Буҷети хароҷоти дигар (ғайриамалиётӣ) дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**

**Table 11. Budget of other expenses (non-operational) in LLC "Mashrab-group" for 2023**

| Объекти сохтмонӣ | Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоев | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Хароҷоти фоизи қарз | 23810 | 76190 | 100000 |
| Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ | 21200 | 67840 | 89040 |
| Ҳамагӣ, сомонӣ | 45010 | 144030 | 189040 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тартиб додаанд.

Пас аз тартибдиҳии буҷети истеҳсоли маҳсулот дар заминаи хароҷоти масолеҳӣ, меҳнатӣ ва умумиистеҳсолӣ, хароҷоти ҷуброни арзиши манзилҳои тахрибшудаи шаҳрвандон, ҳамчунин, бо илова кардани хароҷоти маъмурӣ-хоҷагӣ, тиҷоратӣ ва хароҷоти ғайриамалиётӣ тайёркунии буҷети арзиши аслии пурраи маҳсулоти истеҳсолшаванда оғоз мегардад. Дар ҷадвали 12 намунаи он пешниҳод карда мешавад.

**Ҷадвали 12. Буҷети арзиши аслии пурраи маҳсулоти истеҳсолшаванда (1 м² масоҳати бино) дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**

**Table 12. The budget of the full original cost of manufactured products (1 m2 of building area) in LLC "Mashrab-group" for 2023**

| № | | Ишора ба ҷадвал | Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоев | Ҳамагӣ | Бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хароҷоти масолеҳи асосӣ, аз он ҷумла: | Ҷадвали 4 | 1071000 | 3427200 | 4498200 | 22,38 |
| | Бетон, м³ | Ҷадвали 4 | 180000 | 576000 | 756000 | - |
| | Арматура, қ. 6, 16, 20 мм, тонна | Ҷадвали 4 | 735000 | 2352000 | 3087000 | - |
| | Хишти сабук, м³ | Ҷадвали 4 | 156000 | 499200 | 655200 | - |
| | Музди меҳнати асосӣ | Ҷадвали 6 | 240000 | 768000 | 1008000 | 5,02 |
| | Хароҷоти умумиистеҳсолӣ | Ҷадвали 7 | 1167640 | 3736370 | 4904010 | 24,40 |
| | Хароҷоти ҷуброни арзиши манзилҳои тахрибшудаи шаҳрвандон | Ҷадвали 8 | 3000000 | 4080000 | 7080000 | 35,23 |
| | Ҳамагӣ арзиши аслии истеҳсолӣ (С.1+С.5+С.6+С.7) | - | 2478640 | 7931570 | 10410210 | - |
| | Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ | Ҷадвали 9 | 465000 | 1488000 | 1953000 | 9,72 |
| | Хароҷоти тиҷоратӣ | Ҷадвали 10 | 110000 | 352000 | 462000 | 2,30 |
| | Дигар хароҷот | Ҷадвали 11 | 45010 | 144030 | 189040 | 0,95 |
| | Ҳамагӣ, арзиши аслии истеҳсолии пурра (С.8+С.9+С10+С.11) | - | 6098650 | 13995600 | 20094250 | 100* |
| | Миқдори масоҳати сохташаванда, м² | Ҷадвали 2 | 1000 | 3200 | 4200 | - |
| | Ба ҳар 1 м² | | 6098,65 | 4373,63 | 4784,35 | - |
| | *20094250= 100% | | | | | |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тартиб додаанд.

Аз рӯйи маълумотҳои дар ҷадвали 12 овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар таркиби арзиши аслии маҳсулоти сохтмонии банақшагирифташуда, вазни аз ҳама бештарро хароҷоти ҷуброни арзиши манзилҳои тахрибшудаи шаҳрвандон (35,23%), хароҷоти умумиистеҳсолӣ (24,4%) ва хароҷоти масолеҳи асосӣ (22,38%) ташкил медиҳанд, ки дар маҷмуъ онҳо беш аз 82%-и хароҷоти умумии ширкати сохтмониро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, роҳбарияти ширкати сохтмонӣ ва менеҷерҳои масъулро зарур меояд, ки аз рӯйи иҷроиши буҷетҳо дар ҳамин самтҳои кори корхона назорати қатъиро ба роҳ монанд.

Барои муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯши корҳо (хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ дар соли ҷорӣ, муайян будани арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташаванда муҳим аст. Бо ин мақсад буҷети арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматарсониҳо)-и сохтмонӣ тартиб дода мешавад, ки намунаи онро мо дар ҷадвали 13 пешниҳод мекунем.

**Ҷадвали 13. Буҷети арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташаванда дар ҶДММ «Машраб-гурӯх» барои соли 2023**

**Table 13. Budget of the original cost of products sold in LLC "Mashrab-group" for 2023**

| № | Нишондиҳандаҳо | | Нуқтаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоев | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Арзиши аслии истеҳсолӣ: | | | | |
| 2 | Маҳсули кори соли гузашта, ки бояд имсол фурӯхта шавад. | Ҷадвали 2 | 605000 | 4050000 | 4655000 |
| 3 | Маҳсули кори соли ҷорӣ | Сатри 8, ҷадвали 12 | 2478640 | 7931570 | 10410210 |
| 4 | Ҳамагӣ, арзиши аслии маҷмуи маҳсулоти фурӯхташаванда | | 3083640 | 11981570 | 15065210 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯх» тартиб додаанд.

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 13 овардашуда ба мо маълум мегардад, ки арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташаванда аз ду бузургӣ иборат аст: аз масоҳати биноҳои сохташуда дар соли гузашта ва аз масоҳатҳои сохташуда дар соли ҷорӣ. Тибқи нақша ҳамаи маҳсулоти дар соли ҷорӣ сохташаванда бояд фурӯхта шаванд.

Тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар марҳилаи охирини таҳияи буҷети амалиётии корхона мебошад, ки тартиби онро дар ҷадвали 14 нишон медиҳем. Ҳангоми тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар хусусиятҳои даромадҳо ва хароҷот, муносибати хароҷот ба ташаккули арзиши аслии истеҳсолӣ ва арзиши пурра ба назар гирифта шуда, буҷети мазкур ҷузъ ба ҷузъ омода карда шавад.

Бо тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар, буҷети амалиётии ширкати сохтмонӣ пурра мегардад. Аз рӯйи буҷетҳои тартибдодашуда фаъолияти амалиётии ширкати сохтмонӣ дар самти бунёди объектҳои алоҳида вобаста ба сметаҳои тасдиқшуда, метавонад зери назорат гирифта швад.

Ҳамин тариқ, барои бештар шаффоф гардонидани раванди истифодабарии захираҳо, назорат аз рӯйи тамоюлоти ҳосилшуда дар сметаҳои беҷетӣ, ошкоркунии сабабҳо ва бартарафкунии тамоюлот, баҳодиҳии фаъолияти марказҳои масъулият ва менеҷерҳои онҳо барои мақсадҳои иттилоотӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ, бояд системаи банақшагирии молиявӣ дар намуди тартибдиҳии буҷетҳо таъсис дода шавад.

Раванди тартиб додани буҷет бо раванди назорати иҷрои буҷет алоқамандии мустаҳкам дорад. Бинобар ин, ба ташкилотҳои сохтмонӣ тавсия дода мешавад, ки дар баробари сметаҳои лоиҳаҳои сохтмонӣ, буҷети корхонаро барои ҳар як давраи ҳисоботӣ ва ё барои аз давраи оғозгардии объекти сохтмон то ба охиррасии он тартиб дода, системаи назорати иҷрои буҷетро кор карда бароянд, то ин ки ба истифодаи оқилонаи буҷетҳои тартибдодашуда шароити мусоид фароҳам ояд.

**Ҷадвали 14. Буҷети фоида ва зарар дар ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» барои соли 2023**
**Table 14. Profit and loss budget in JDMM "Mashrab-group" for 2023**

| № | Объекти сохтмонӣ | Ишора ба ҷадвал | Нуктаҳои маркази савдо дар кӯчаи Крупская | Бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Неъмат Қаробоеви ш.Душанбе, | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Даромад аз фурӯш | Ҷадвали 1 | 1100×11000= 12 100 000 | 4200×5500= 23 100 000 | 35 200 000 |
| 2 | Арзиши аслии маҷмуи маҳсулоти фурӯхташаванда | Ҷадвали 13 | 3083640 | 11981570 | 15065210 |
| 3 | Фоидаи умумуӣ | | 9016360 | 11118430 | 20134790 |
| 4 | Хароҷоти амалиётӣ: | | | | |
| | хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ; | Ҷадвали 9 | 465000 | 1488000 | 1953000 |
| | хароҷоти тиҷоратӣ; | Ҷадвали 10 | 110000 | 352000 | 462000 |
| | дигар хароҷот | Ҷадвали 11 | 45010 | 144030 | 189040 |
| 5 | Ҳамагӣ хароҷоти амалиётӣ: | | 620010 | 1984030 | 2604040 |
| 6 | Фоидаи андозбанди-шаванда | | 8396350 | 9134400 | 17530750 |
| 7 | Андоз аз фоида,13% | | 1091526 | 1187472 | 2278996 |
| 8 | Фоидаи соф | | 7304824 | 7946928 | 15251754 |

Манбаъ: Муаллифон дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Машраб-гурӯҳ» тартиб додаанд.

## АДАБИЁТ


1. Вандина О.Г. Теория и методология функционирования учетно-аналитической системы бизнес-процессов в строительных организациях. дисс. на соискание уч. ст. д.э.н. по спец. 08.00.12 - бухгалтерский учет, статистика / О.Г. Вандина. –Орел, 2012. -290 с.
2. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: Учебник для студентов вузов, обучающихся по экон. специальностям / М.А. Вахрушина. -4-е изд., стер. -М.: Омега-Л, 2006. -576 с.
3. Грянова А.В. Управленческий учет, анализ и бюджетирование инвестиционно-строительной деятельности: дис. на соиск. уч. ст. к.э.н. / А.В. Грянова. -Орёл, 2008. -198 с.
4. Каримов Б.Ҳ. Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар муҳити инноватсионии истеҳсолоти бофандагӣ / Б.Ҳ. Каримов, Л.Ю. Алиева // Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). -Душанбе: ДБССТ, 2022. –С.27-33.
5. Низомов С.Ф. Хусусиятҳои соҳавии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ / С.Ф. Низомов, У.Ф. Ғаниев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№6. -С.5-14.
6. Орзуев П.Ҷ. Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ. Китоби дарсӣ / П.Ҷ. Орзуев ва диг. -Душанбе: ҶДММ «Балоғат», 2019. -540 с.
7. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., Д.А. Розиев, Бобохонзода М.Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№5. -С.5-11.
8. Хушвахтзода К.Х. Экономический анализ. Учебник / Хушвахтзода К.Х. -Душанбе: Ирфон, 2019. -400 с.
9. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Смета


## БУҶЕТСОЗӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ АЗ РӮЙИ СЕГМЕНТҲО ДАР ТАШКИЛОТҲОИ СОХТМОНӢ


Дар мақола масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва методии тартибдиҳии буҷети амалиётӣ дар корхонаҳои сохтмонӣ баррасӣ гардидааст. Рушди бозори сохтмонӣ ва рақобати мавҷудбуда дар он ба инобат гирифта шуда, бо мақсади ноил гаштан ба нишондиҳандаҳои муносиби натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ низоми мукаммали банақшагирӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ тавассути такмили раванди буҷетикунонӣ пешниҳод гардидааст. Дар мақола аҳаммияти банақшагирӣ ва буҷетсозӣ дар раванди идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ омӯхта шуда, муайян гардидааст, ки он барои таъмини фаъолияти самаранок, назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо, иҷроиши нақшаҳои гузошташуда ва рушди бобарори ширкатҳои соҳа кафили устувор мебошад. Ҳамчунин, тартибдиҳии буҷетҳо дар ташкилоти сохтмонӣ амали зарурӣ шуморида шуда, муайян гардидааст, ки буҷетсозӣ, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани сатҳи идоракунии равандҳо дар корхона, устуворгардии назорат аз рӯйи фаъолияти менеҷерҳо, мушоҳида ва назорат кардани раванди истифодабарии захираҳо, назорат аз рӯйи сатҳи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ, фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани ҷолибияти

сармоягузории корхона дар соҳаи сохтмон мусоидат менамояд. Дар мақола таҳқиқоти олимон дар самти асосҳои назариявию методӣ ва амалии буҷетсозӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, модели ташаккули буҷети амалиётии корхонаи сохтмонӣ коркард шудааст, ки дар он тартиб ва пайдарпайии тайёркунии буҷетҳо, аз буҷети фурӯш сар карда то тайёркунии буҷети натиҷаҳои молиявӣ нишон дода шудааст. Илова бар ин, барои тақвияти андешаҳо методикаи ташкилкунии буҷетҳо дар мисоли фаъолияти корхонаи мушаххаси сохтмонӣ коркард карда шуд.

**Калидвожаҳо**: буҷетикунонӣ, корхонаи сохтмонӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, буҷети амалиётӣ, методика, буҷети фурӯш, буҷети истеҳсол, буҷети хароҷот, буҷети фоида ва зарар, маркази масъулият.

## БЮДЖЕТИРОВАНИЕ КАК ОСОНОВА ОРГАНИЗАЦИИ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА ПО СЕГМЕНТЕМ НА СТРОИТЕЛЬНЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

В статье рассматриваются теоретико-практические и методологические вопросы подготовки операционных бюджетов на строительных предприятиях. Учитывая развитие строительного рынка и существующей на нем конкуренции, для достижения соответствующих показателей финансово-хозяйственной деятельности предлагается создать полноценную систему планирования и контроля в строительных организациях путём совершенствования процесса бюджетирования. В статье исследовано значение планирования и бюджетирования в процессе управления строительными организациями и определено, что оно является базовым гарантом обеспечения их эффективной деятельности, контроля за использованием ресурсов, реализации планов и успешного развития компаний данной отрасли. Также составление смет в строительной организации считается важным делом и определено, что составление бюджетов, прежде всего, повышает уровень управления процессами, служит усилению контроля за деятельностью менеджеров, наблюдения и контроля процесса использования ресурсов, контроля за уровнем себестоимости строительной продукции (работ, услуг), способствует созданию условий для повышения инвестиционной привлекательности предприятия в сфере строительства. В статье изучены исследования ученых по направлениям теоретических, методических и практических основ бюджетирования, а также разработана модель формирования операционного бюджета строительной компании, в которой представляется порядок и последовательность составления бюджетов, начиная от бюджета продаж, заканчивая составлением бюджета финансовых результатов. Кроме того, в целях закрепления исследования разработана методика формирования бюджетов на примере деятельности конкретного строительного предприятия.

**Ключевые слова:** бюджетирование, строительная компания, управленческий учет, операционный бюджет, методика, бюджет продаж, бюджет производства, бюджет затрат, бюджет прибылей и убытков, центр ответственности.

## BUDGETING AS THE BASIS OF ORGANIZING MANAGEMENT ACCOUNTING BY SEGMENT IN CONSTRUCTION ENTERPRISES

The article discusses theoretical, practical and methodological issues of preparing operating budgets at construction enterprises. Taking into account the development of the construction market and the existing competition in it, in order to achieve appropriate indicators of financial and economic activity, it is proposed to create a full-fledged system of planning and control in construction organizations by improving the budgeting process. The article examines the importance of planning and budgeting in the process of managing construction organizations and determines that it is the basic guarantor of ensuring their effective activities, control over the use of resources, implementation of plans and successful development of companies in this industry. Also, drawing up estimates in a construction organization is considered an important matter and it has been determined that drawing up budgets, first of all, increases the level of process management, serves to strengthen control over the activities of managers, monitor and control the process of using resources, control the level of cost of construction products (works, services), contributes to the creation of conditions for increasing the investment attractiveness of the enterprise in the construction sector. The article examines the research of scientists in the areas of theoretical, methodological and practical principles of budgeting, and also develops a model for the formation of the operating budget of a construction company, which presents the order and sequence of budgeting, starting from the sales budget, ending with the preparation of a budget for financial results. In addition, in order to consolidate the research, a methodology for creating budgets has been developed using the example of the activities of a specific construction enterprise.

**Keywords:** budgeting, construction company, management accounting, operating budget, methodology, sales budget, production budget, cost budget, profit and loss budget, responsibility center.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Низомов Самариддин Фахриевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **samaridin@mail.ru** Телефон: **93-477-33-66**

***Икромова Малоҳат Холовна*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикситон ба номи академик М.С. Осимӣ, ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракуни дар сохтмон. **Суроға**: 734042, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон: **(+992) 917-52-31-68.** E-mail: **malo-8989@mail.ru**

***Бобиев Исмоил Атоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sobir_ismoil73@mail.ru**. Телефон: **919-80-31-10**

**Сведения об авторах:** ***Низомов Самариддин Фахриевич*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, професссор кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **samaridin@mail.ru**. Телефон: **934-77-33-66**
***Икромова Малохат Холовна*** - Таджикский технический университет М.С. Осими, ассистент кафедры экономики и управления в строительстве. **Адрес**: 734042, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект академиков Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 917-52-31-68.** E-mail: **malo-8989@mail.ru**
***Бобиев Исмоил Атоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета Таджикского национального университета. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sobir_ismoil73@mail.ru.** Телефон: **919-80-31-10**

**Information about the authors:** ***Nizomov Samariddin Fakhrievich*** – Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **samaridin@mail.ru**. Phone: **934-77-33-66**
***Ikromova Malokhat Kholovna*** - Tajik Technical University M.S. Osimi, assistant at the Department of Economics and Management in Construction. **Address**: 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academician Rajabov Avenue, 10. Phone: **(+992) 917-52-31-68**. E-mail: **malo-8989@mail.ru**
***Bobiev Ismoil Atoevich*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting of the Tajik National University. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **sobir_ismoil73@mail.ru**. Phone: **919-80-31-10**

ТДУ: 336.14(575.3)

# ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ БУҶЕТИКУНОНИИ БАРНОМАВИВУ ҲАДАФМАНД

*Ҳанифаи Э.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Татбиқи буҷетикунонии барномавӣ ва лоиҳавӣ яке аз воситаҳои муҳиму таъсиррасони идораи молияи давлатӣ буда, самтҳои шаффофияти равандҳои беҷетикунонӣ ва ифшои иттилооти ба он алоқамандро ба таври фаъол ба роҳ мемонад, ки ин хусусияти тавсифии он аз таҷрибаи ҷаҳонии татбиқшавиаш бараъло намудор мегардад.

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки бештари кишварҳои пешрафта, аз таҷрибаи татбиқи буҷетикунонӣ дар равиши барномавиву лоиҳавӣ (буҷетикунонии лоиҳавии ҳадафманд) бархӯрдор гардида, суди онро гирифтаанд [7; 14; 15; 6; 9]. Аз нигоҳи мо, таҳлили таҷрибаи хориҷии татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд метавонад ба ҳайси пешниҳодкунандаи тавсияҳо ва хулосаҳо судманд гардад. Дар ин бора М.Н. Попова қайд менамояд, ки «Чун дар мантиқи буҷети барномавӣ механизми шаффофияти таъминоти ҳалқаҳои «ҳадафи стартегӣ – масоили тактикӣ – тадбирҳо - воситаҳои амалисозӣ - натиҷаҳои новобаста - натиҷаи ниҳоӣ» гузошта шудааст, тавассути чунин равиши ташаккули буҷети барномавӣ ҳалли масоили мураккаб ба даст хоҳанд омад…» [8,с.18].

Ба ақидаи Т.В. Погосян «Айни замон дар хориҷа таҷрибаи ғании коркард ва татбиқи идораи лоиҳавиву барномавӣ дар сатҳи минтақавиву миллӣ ба роҳ монда шудааст, ки дар давоми даҳсолаҳои охир дар таҷрибаи як қатор кишварҳои Аврупо ва Осиё мустаҳкам гардидаанд. Сармоягузориҳои мақсаднок тариқи барномаҳои ҳадафманди давлатӣ солҳои охир ба рушди иқтисодиёти кишварҳое чун Британияи Кабир, Олмон ва Ҷопон оварда тавонистанд. Бо ҳамин роҳ тағйирёбиҳои мақсадноки иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Шарқу Ҷануб низ ба роҳ монда шуданд» [7,с.38].

Бояд дар назар дошт, ки татбиқи буҷети барномавӣ талаб мекунад, ки уҳдадориҳо ва нақши масъулин аз нав дида баромада шаванд. Чун дар доираи равандҳои буҷете, ки ба принсипи хароҷотҳо нигаронида шудааст, ба равандҳои амалиётӣ ва равишҳои буҷет диққати махсус додан зарурат дошта бошад, пас дар равандҳои татбиқи буҷети барномавӣ ҳам муассиса, ҳам минтақа ва ҳам масъулин барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар барнома дарҷ гардида, ҷавобгар мебошанд. Барои дуруст ба кор даровардани раванди мазкур ва баҳри асоснок гардонидани буҷети барномавиву хадафманд таснифоти беҷетро такмил додан зарур аст, то мақомот ва шахсони масъул имконияти бурдани ҳисоби пурраи буҷетро дошта бошанд ва инчунин зарур аст, ки ҳисоботдиҳии муассисаҳои буҷетӣ низ мукаммал гардонида шаванд [16,с.32].

Таҷрибаи кишварҳои хориҷа нишон медиҳанд, ки фарқияти асосии системаи банақшагирии стратегии давлатӣ бештар дар самти афзалиятнокии дараҷаи марказонидашавандагӣ таҷассум мегардад. Чун дар низоми марказонидашуда мақом ва манзалати ҳадафҳои муҳим аз рӯйи принсипи «аз поён ба боло» ҷойгоҳи асосиро ишғол намудааст. Натиҷагирӣ аз чунин равиши банақшагирии стратегӣ ба таври мукаммал дар нақшаҳои амалиётӣ ва лоиҳаҳои минтақавӣ инъикос мегарданд.

Кишваре, ки дар татбиқи буҷетикунонии барномавиву лоиҳавӣ таҷрибаи бештар дорад, ИМА мебошад. Маҳз соли 1965 дар ИМА, дар доираи қонунгузорӣ, бо дарназардошти таҷрибаи якчандсолаи худ, татбиқи ин равиш ба миён монда шуд. Баъд аз таҷрибаи ИМА ба татбиқи равиши мазкур як қатор кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд низ шуруъ намуданд. Ҳарчанд барои беъзе аз кишварҳо натиҷаҳои ислоҳотии дар назар дошташуда якранг набошанд ҳам, аммо натоиҷи кишварҳое чун Британияи Кабир, Фаронса, Австралия, Шветсия, Канада ва дигарҳо назаррас мебошанд. Ба ақидаи О.А. Марусова «Ба ҳайси сабаби асосии чунин номувофиқатӣ одатан зарурати «бино намудани» буҷети барномавӣ дар системаи идоракунии молияи ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ идораи давлатӣ, ки ҳолат ва рушдкунии онҳо аз омилҳои сершумори фундаменталӣ – аз системаи сиёсӣ сар карда, то одатҳои миллиро фарогир мебошанд, номбар мекунанд» [4].

Таҷрибаи ИМА аз он ҷиҳат ба зохир намудани мароқ созгор мебошад, ки дар он координатсияи барномаҳо дар доираи минтақаҳо ва марказҳо дида мешавад. Ғайр аз ин мутаҳидии буҷет дар равиши барномавиву ҳадафмандӣ байни ҳам фарқият надошта, дар кишвар таҷрибаи беҳтарини идоракунии молия ба роҳ монда шудааст, ки ба самаранокии натиҷаҳои барномаҳо такя мекунанд.

Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки «Буҷети барномавиву ҳадафманд дар ИМА аз омодасозии буҷет дар бурриши 22 функсияҳои асосӣ иборат буда, ин функсияҳо тамоми хароҷотҳо аз рӯйи ҳар як самт, вобаста ба мақомотҳои уҳдадорро фаро мегиранд, ки барои ҳар як барномаи мушаххаси федералӣ ҷавобгар мебошанд. Масалан функсияи буҷети 550 «Тандурустӣ» аз барномаҳои давлатие чун «Ёрии тиббии бепул (Medicaid)», «Барномаи бачагонаи суғуртакунӣ аз бемориҳо (SCHIP)», имтиёзҳо ба соҳаҳои хизматрасон дар бахши тандурустӣ, шахсони ба нафақабаромада, собиқ ҳарбиён ва амсоли онҳо иборат буда, инчунин, ба функсияҳои 550 маблағгузориҳо ба шабакаҳои ниҳодҳои миллии тандурустӣ, марказҳои назорат ва пешгирии бемориҳо, идора ва назорати маҳсулоти хӯрока ва доруворӣ дохил мешаванд» [14,с.49]. Дар ИМА мақомоте, ки барои коркард ва фаъолият кардани таҷрибаҳои пешқадами идораи давлатии молиявӣ уҳдадор мебошад, ин Шурои миллии консултативии буҷети маҳаливу минтақавӣ (NACSLB) мебошад.

Дар ИМА банақшагирӣ дар асоси принсипи наздиккунии қоидаҳои миллӣ ва равандҳои амалиётӣ бо талаботҳои мақомотҳоро дар назар дорад, ки он новобаста аз муттаҳидшавии буҷет ба роҳ монда мешавад. Ҳол он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянсозии қавоиди ягонаи банақшагирӣ дар минтақаҳо ҳангоми банақшагирии буҷетро дар назар дорад. Ғайр аз ин дар ИМА талаботҳои барномаҳои иёлотҳои ҷудогона барои ҳукуматҳои маҳаллӣ сода карда шудаанд, ки аз кам кардани талаботҳову дастурамалҳо ва ҳуҷҷатгузориҳои зиёдатӣ иборат буда, дорои принсипҳои ҳавасмандгардониҳои ҳамкориҳо мебошад. Аз нигоҳи мо, татбиқи чунин иқдомот ҳангоми мукаммалсозии равандҳои идоракунии молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи равишҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар он мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Баъд аз таҷрибаи ИМА дар давраи солҳои 75-ум то 80-уми садаи XX дар як қисми кишварҳои рушдкарда татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд пурра ва дар баъзеашон татбиқи қисмҳои он натиҷаҳои хуби идоракунии равандҳои буҷетиро инъикос карданд.

Махсусан дар Зеландияи Нав ва кишвари Австралия татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд бомуваффақият ба роҳ монда шуд. Масалан тағйирёбиҳои системаи буҷети ин кишварҳо, дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти калони доираи идораи давлатӣ, дар асоси баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои давлатӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷаи афзоиш ёфтани талабот ба захираҳои буҷетӣ зарурати тағйироти куллӣ даровардан ба идораи молиявии давлатӣ ба миён омад [19].

Аз нигоҳи мо, мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи кишварҳои «пешрафта» ва рӯ ба рушд ба мақсад мувофиқ хоҳад буд, зеро онҳо дар таҷрибаи татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардидаанд.

Дар Канада тавассути созмон додани барномаи мунисипалӣ ба баланд гардидани самаранокии ҳокимиятҳои маҳаллии давлатӣ таъсир мерасонанд. Масалан модели EMS (Expenditure Management System) ҳанӯз дар соли 2007 татбиқ шуда, ба баҳодиҳии хароҷотҳои буҷетӣ равона гардидааст. Низоми мазкур аслан барои ҷудо намудани маблағҳо ба барномаҳои афзалиятдори минтақавӣ ва назорати хароҷотҳои онҳо равона карда шудааст.

«Дар фарқият аз ИМА, ки дар он ҷо барномаҳои дарозмуддати мақсаднок дар сатҳи Аппарати Президент коркард шуда, вазоратҳо танҳо онҳоро амалӣ месозанд, мақомоти иҷроияи Канада ваколати коркард кардани стратегияҳои дарозмуддатеро доранд, ки метавонанд аз ҷониби мақомот ва ё барномаҳои ҳукумати федералӣ коркард карда шаванд» [12,с.56]. Дар кишвари мазкур системаи «банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетикунонӣ» (Planning, Programming, Budgeting System, (PPBS)) татбиқ мегардад, ки тақсимоти хароҷотҳои буҷетро ба тарзи беҳтарин ба роҳ мондааст. Чун дар доираи банақшагирӣ ҳадафҳои стратегиро муайян сохта, дар доираи барномасозӣ ё барномарезӣ тадбирҳои муҳимми амалишавии нақшаҳо ва дар доираи буҷетикунонӣ ҳадафҳои

банақшагирифташударо бо арзиш муайян сохта, фарогири даврахои муайянсозии ҳадафҳои умумӣ мебошад. Даврахои он аз муайян сохтани ҳадафҳои умумӣ, барномаҳои сершумор ва хароҷотҳову натиҷаҳои ҳар як барнома иборат буда, сарфи воситаҳои буҷет дар асоси он тибқи таносуби хароҷотҳо ва фоидаҳои ҳар як барномаи мушаххас амалӣ карда мешавад. Дар натиҷа буҷети ягонаи иборат аз зербуҷетҳо ба вуҷуд меояд, ки иқтидори бартараф кардани монеаҳои баамалмеомадаро доро буда, ташкили буҷетҳои алоҳидаву ҷудогонаи зершуъбаҳоро барҳам медиҳад.

Аз таҷрибаи Канада бармеояд, ки татбиқи системаи «банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетикунонӣ» ба кам гардидани хароҷот ва касри буҷет оварда, ғайримарказонидашавандагӣ ва озодӣ дар тақсимоти воситаҳои буҷет метавонад таҷрибаи хуб барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Дар Канада системаи банақшагирӣ ва иҷрошавии буҷет дар асоси принсипҳои шаффофият, санҷиши ҳаматарафаи комил ва ба хароҷотҳои буҷет аз нигоҳи стратегӣ муносибат намудан ба роҳ монда шудааст, ки барои татбиқ намудани онҳо дар кишвари мо аз онҳо ибрат гирифтан ба рушди буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд мусоидат хоҳанд кард. Аз ҷумла таҷрибаи Канада вобаста ба коркарди аниқи баҳогузорӣ ва мониторинги барномаҳои буҷетӣ, ки фарогири назорати дуруст дар даврахои ибтидоии татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд дар сатҳҳои гуногун буда, гузаронидани аудити самаранокии давравӣ, ки бештар ба мавриди таҳлил ва баррасии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ равона мегардад, ба мақсад мувофиқ ва самаранок хоҳад буд.

Агар ба таҷрибаи Финландия нигарем, пас муайян мегардад, ки дар ин кишвари унитарӣ дар даврахои гуногуни ислоҳоти буҷет аз системаи идораи давлатӣ сар карда, то системаҳои ниҳодӣ ва танзими буҷет низ такомул ёфтаанд. Дар доираи фарогирии масоили буҷет ва банақшагирии он, инчунин, дар доираи татбиқи модели барномасозии презентатсионӣ нақши асоси ба вазорати молияи ин кишвар дода шуда, равандҳои буҷет новобаста аз ҷониби парламенти он идора карда мешавад [17,с.55]. Аз таҷрибаи ин кишвар бармеояд, ки назорати парламентии равандҳои буҷети Финландия барои самаранок гардонидани равандҳои баҳисобгирии хароҷотҳои буҷет ва баланд гардидани уҳдадориҳои ба он вобаста мусоидат намудааст, ки ба инобат гирифтани ин омил ба равандҳои татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ хоҳад буд.

Яке аз кишварҳое, ки дар татбиқи буҷети барномавӣ ба самараҳои беҳтарин ноил гардидааст Британияи Кабир мебошад. Дар он ҷо барномаҳои ба буҷет вобаста буда, дар сатҳи мулки графҳо ва ташкилотҳои муниципалӣ дар давраи то 3 сол коркард карда мешаванд.

Дар Британияи Кабир лоиҳаи буҷет аз ҷониби Вазорати молияи кишвар таҳия гардида, дар раванди таҳияи он зершуъбаҳои вазорат ва мақомотҳои дигар вазоратҳо низ иштирок мекунанд. Таҷрибаи ин кишвари рушдкарда аз он сабаб ҷолиб мебошад, ки тавассути ҳуҷҷати махсуси «Ҳисоботи пеш аз таҳияи буҷет ва инъикоси умумии хароҷотҳо» ҳангоми ба инобат гирифтани хароҷотҳои ҳукумати марказӣ талаботҳои минтақаҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии онҳо ва натиҷаҳои фаъолияти онҳо ба инобат гирифта мешаванд [2,с.55]. Ҳангоми ба ҳар як департамент тақсим намудани воситаи буҷет, ризоияти умумии байни мақомотҳо асос дониста мешавад.

Дар Британияи Кабир ҳанӯз соли 2001 аз ҷониби ҳукумат принсипҳои умумии нишондиҳандаҳое коркард карда шудаанд, ки мақсади вазорату ташкилотҳоро инъикос намуда, ба ҳадафҳои онҳо мувофиқат мекунад.

Талаботҳои асосӣ барои нишондиҳандаҳои натиҷавӣ дар Британия Кабир аз инҳо иборат буда, амалишавии онҳо метавонад таҷрибаи хуб барои татбиқшавӣ бошанд:

- ҳар як нишондиҳанда ба мақсад ва ҳадафи мушаххас нигаронида мешавад ва ҳангоми интихоби он афзалият ба ҳамоне дода мешавад, ки мақсади ҳадафро инъикос карда битавонад;

- нишондиҳанда набояд ангезаи бардурӯғ созад, масалан зиёд гардонидани воситаҳо ва ё паст намудани сифати хизматрасониҳо аз ҳисоби миқдор;

- фаъолият ва ё ҳолатҳое, ки тавассути нишондиҳанда чен карда мешавад, бояд таҳти назорати вазорат бошад;

- нишондиҳанда бояд таърифи муфассали аниқ дошта бошад ва орӣ аз маънохои духӯра бошад;

- маълумотҳо вобаста ба нишондиҳанда барои қабули қарорҳо мунтазам ва бетаъхир ҷамъоварӣ гарданд ва онҳо бояд омори аҳаммиятнок ва боэътимод бошанд;

- маълумотҳо бояд ҳуҷҷати тасдиққунанда дошта бошанд [2,с.53].

Фаронса ҳанӯз аз солҳои 20-уми асри XX унсурҳои барномасозии давлатии буҷетро ба роҳ монда буд. Масалан барномаи дасгирии кишоварзон «Нақшаи Тарде», барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, барномаи мубориза бар зидди бекорӣ бо номи «Нақшаи Марке), ки баъзеи ин барномаҳо амалӣ нашуда бошанд ҳам, аммо дорои унсурҳои татбиқи буҷети барномавӣ буданд [8,с.41].

Рушди танзим ва идораи давлатӣ дар Фаронса баъд аз коркард кардани барномаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолӣ дар давраи солҳои 85-уми асри XX ба миён омада, дар доираи методологияи коркарди нақшаҳо ин барномасозӣ ба муваффақият расида, натиҷаҳои назаррас нишон дод. Аз соли 1988 сар карда, вобаста ба масъалаҳои муҳимми дар минтақаҳои кишвар ҷойдошта нақшаҳои барномавӣ коркард карда мешуданд, ки онҳо асосан дорои хусусиятҳои таҷдидсозии саноат, мукаммалгардонии маориф ва таълиму омодасозии мутахассисон, рушди соҳаҳои хоҷагии халқ аз қабили тандурустӣ, муҳити зист ва ҳавасмандгардонии таҳқиқотҳои илмӣ буданд.

Соли 2001 дар Фаронса Қонун дар бораи молияи давлатӣ қабул гардид, ки он асоси ислоҳоти идораи давлатӣ гардид. Дар натиҷа, дар сохтори буҷети Фаронса «миссия»-ҳо ташкил дода шуданд, ки онҳо аз як қатор барномаҳо иборат мебошанд ва самтҳои асосии сиёсати ҳукуматро фаро мегиранд. Барномаҳо фарогири маҷмуи тадбирҳое мебошанд, ки ба ҳадафҳои мушаххас равона карда шудаанд. Ба ҳар як барнома директори таъингардидаи барнома ҷавобгар буда, директор дар навбати худ дар парламенти кишвар иштирок намуда, ҳисобот ва ба саолҳо ҷавоб медиҳад. Тадбирҳо бошанд, аз маҷмуи амалиётҳое иборат мебошанд, ки ба амалишавии барномаҳо мусоидат мекунанд. Парламент бошад ҳангоми дида баромадани буҷет ин ё он миссияро тамоман бекор кардан наметавонад. Танҳо дар он ҳолат парламент барномаи миссияеро бекор карда метавонад, ки воситаҳои аз буҷет ба он ҷудо гардида, ба сари барномаҳои дигари ин миссия тақсимот карда шавад. Миссияҳо метавонанд дар доираи уҳдадориҳои якчанд вазорат бошанд ва амалишавии онҳо на танҳо ташкили барномаҳои мақомотӣ, балки байнимақомотиро низ талаб мекунад [11].

Аз таҷрибаи Фаронса бармеояд, ки ғояҳои демократияро метавон бо ғояҳои иқтисодиёти бозорӣ мутобиқ гардонид. Таҷрибаи Фаронса бо муайян кардани равишҳои асосии татбиқи буҷети барномавиву ҳадафмандаш, ки худ ба он такя мекунад, метавонад тамсили хуб бошад, чун Фаронса кишваре аст, ки дар он иқтисодиёти омехта (давлат ва бахши хусусӣ) фаъол буда, кишвар барои рақобати байналмилалӣ кушода мебошад. Нақшаҳое, ки дар Фаронса коркард карда мешаванд, бештар тавсифи индикативӣ дошта, самтҳои рушди иқтисодиётро муайян сохтаанд. Дар ин замина воситаҳои давлатиро истифода намуда, кишвар ба пеш ҳаракат карда истодааст. Нақшаҳо бошанд дар доираи маҳдуд коркард нашуда, дар таҳияи онҳо соҳибкорон ва намояндагони мақомотҳои дахлдор, экспертон ва олимон низ иштирок мекунанд. Аз ин лиҳоз, таҷрибаи кишвари рушдкарда чун Фаронса барои мо еле ҷолиб мебошад.

Таҷрибаи Шветсияро мавриди баррасӣ қарор дода, ҳаминро бояд қайд намоем, ки «Системаи идоракунӣ ва буҷетикунонии Шветсия, ки ба натиҷа нигаронида шудааст ва дорои принсипи бисёрсола (сесола)-и банақшагирии буҷет мебошад, соли 1993 татбиқ гардидааст» [18]. Таҷрибаи Шветсия мисоли комили буҷети сохторикардашудае дар сиёсати давлатӣ мебошад, ки асоси онро манфиатҳои парламенти кишвар ташкил дода, ба равнақ ёфтани ҳамкориҳои судманди соҳаҳои сиёсати давлатии назорати воситаҳои буҷет равона гардидааст. Дар навбати худ, ин ба парламент имконият дода аст, то дарк намояд, ки дар натиҷа бо татбиқи ин раванд, шаффофият афзун гардида, имконияти диққати худро ба сиёсати давлатӣ равона намудан фароҳам оварда шудааст. Бо ифодаи дигар, имконияти фарох на танҳо ба сохтори ниҳодӣ ва хароҷотҳои ба он вобаста диққат кардан, балки ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи буҷет низ диққати махсус додан фароҳам оварда шудааст.

Дар Шветсия масъалаи хароҷотҳои миёнамуҳлати давлатӣ, самтҳои мушаххаси хароҷотҳо муайян карда шуда, тавассути вазоратҳо идора карда шуда, бевосита вазирон барои хароҷотҳо ҷавобгар мебошанд. Аз ин таҷриба бармеояд, ки бо чунин тарз ба роҳ мондани фаъолият, имконияти ба ҳар як вазир вогузор намудани идораи хароҷотҳо дар доираи соҳаи муайян, самараи бештар медиҳад ва назорати хароҷотҳоро хубтар месозад.

Таҷрибаи Федератсияи Россия низ дар татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд назаррас мебошад. Дар Федератсияи Россия аслан татбиқи амиқи буҷети барномавиву ҳадафманд аз соли 1995 шуруъ гардида, панҷ давраро фарогир мебошад:

1. Солҳои 1995-2003 давраи ба миён омадани барномаҳои ҳадафманд.
2. Солҳои 2004-2006 давраи пайдошавии барномаҳои ҳадафманди мақомотӣ.
3. Солҳои 2007-2010 давраи пайдошавии барномаҳои ҳадафманди дарозмуддат.
4. Солҳои 2010-2012 давраи пайдошавии барномаҳои давлатӣ ва гузариш ба шакли барномавии буҷети федералӣ.
5. Аз соли 2013 то ба ҳол – давраи гузариши қисмати зиёди хароҷотҳои буҷети федералӣ ба принсипи банақшагирии барномавиву ҳадафманд ва назорату баҳогузории минбаъдаи самаранокии истифодашавии онҳо [13,с.172].

Раванди татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд дар Федератсияи Россия баъд аз қабули Қонуни федералӣ аз 07 майи соли 2013 таҳти №104-ФЗ «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси буҷети Федератсияи Россия ва санадҳои ҷудогонаи қонунбарории Федератсияи Россия дар алоқа бо такмил додани равандҳои буҷет» ба марҳилаи дигар гузашта, татбиқи амқи худро пайдо намуд. Ҳамин тариқ, бо қабул гардидани Қонуни федералӣ «Дар бораи банақшагирии стратегӣ дар Федератсияи Россия» аз 28-уми июли соли 2014 таҳти №172-ФЗ қабул гардидан мафҳуми барномаи давлатӣ ба вуҷуд омад [3].

Дар маҷмуъ «Барномаҳои давлатӣ дар субъектони федератсия аввалин бор соли 2010 дар Вилоятҳои Свердловск ва Астрахан пайдо шуда, соли 2011 ба онҳо 15 минтақа ҳамроҳ гардида, соли 2012 бошад, минтақаҳои ба ин раванд ҳамроҳгардида қариб 20 минтақаро ташкил медоданд. Дар соли 2015 қариб ҳамаи субъектони Федератсияи Россия ба усули барномавиву ҳадафманд гузаштанд» [1].

Боиси зикр аст, ки дар раванди коркард кардани асноди методӣ ва амалишавии буҷети барномавиву ҳадафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаи Федератсияи Россия бештар такя карда мешавад. Аммо бояд дар назар дошт, ки принсипи федерализми Федератсияи Россия ва принсипҳои ҳудудӣ-маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, сохтори давлатдории федералӣ ва унитарӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Бинобар ин, дар таҳлили таҷрибаи ин кишвар ба таҷрибаи федратсияҳои он такя намуда, ҷузъиёти ба системаи молияи кишвари мо мувофиқро ҷудо намудан лозим аст. Таҳлиили таҷрибаи Вилоятҳои Свердловск, Астрахан, Брянск, Сахалин, Ҷумҳуриҳои Саха, Алтай, Карелия, Мордовия нишон медиҳанд, ки дар ин минтақаҳо дар доираи ислоҳоти молияи минтақаҳо, барномаҳои сершумори бучети барномавиву ҳадафманд коркард карда шуда, татбиқ шудаанд.

Масалан дар Ҷумҳурии Мордовия (дар давари солҳои 2014-2018) 27 барномаи давлатӣ қабул гардидааст, ки дорои 908 нишондиҳандаҳои ҳадафнок буда, раванди амалишавиро инъикос менамуданд. Ҳамчунин, таҷрибаи Якутия нишон медиҳад, ки дар ин минтақа танҳо дар доираи татбиқи се барномаи ислоҳотии молиявӣ имконияти баланд бардоштани самарнокии фаъолияти молиявии минтақа ба даст омада, муҳити сармоягузорӣ хуб гардида, шаффофияти равандҳои буҷетӣ таъмин гардад [1].

Ҳамин тавр, таҳлили субъектони федералии Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои он татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд якчан давраҳоро фарогир мебошад. Он аз омӯзиши таҷрибаҳои мавҷудбуда сар карда, баъди амалишавии барнома нишондиҳандаҳои асосӣ омӯхта шуда, натиҷаҳо баҳогузорӣ карда мешаванд. Бешубҳа дар Федератсияи Россия барномаҳои давлатӣ мақоми калидиро ишғол намуда, равиши буҷети барномавиву ҳадафманд тавонистааст, ки иҷрошавии принсипҳои натиҷагирӣ ва самарнокии системаи буҷети кишварро дар тамоми сатҳҳо таъмин намояд.

Таҳлили таҷрибаи Ҷопон нишон дод, ки дар ин кишвар татбиқи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд аз дигар кишварҳо тафовут дорад. Ин усули буҷетикунонӣ дар Ҷопон танҳо барои ҳавасманд кунонидан ва рушд кардани соҳаҳои мушаххаси илмӣ-

таҳқиқотӣ, аз қабили электроника, робототехника, системаҳои иттилоотӣ ва ғ. татбиқ мешавад [5,с.89]. Дар Ҷопон ба амалишавии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ диққати махсус медиҳанд. Дар ин замина татбиқи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд барои дар оянда ҷалб намудани соҳибкорон, барои фаъолият намудан дар соҳаи инноватсионии иқтисодиёт замина гузошт. Дар навбати худ, амалишавии ин тадбир дар Ҷопон ба ҳалли масъалаҳои ҷалби сармояҳои хусусӣ ба соҳаҳои технологияҳои стратегии муҳим, идораи мустақими давлатии иқтисодиёт, муайян кардани саҳми давлат дар соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ, дуруст ба роҳ мондани шарикии давлат ва идораи равандҳои иқтисодӣ мусоидат намуд.

Дар доираи кишварҳои пасошуравӣ баъд аз Федератсияи Россия таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба татбиқи буҷетикунонии барномавиву ҳафманд низ ҷолиб мебошад.

Татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд дар Қазоқистон бо ба миён омадани системаи навини банақшагирии давлатӣ вобастагӣ дорад, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз 18-уми июни соли 2009 таҳти №827 ба амал омадааст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон лоиҳаи барномавии ҳадафманд то давраи панҷсола ба нақша гирифта мешавад ва он «Стратегияи Қазоқистон-2050»-ро асос мегирад. Лоиҳаҳо аслан барномаи давлатӣ буда, фарогири масоили рушди иқтисодиёти минтақаҳо, соҳаҳои иҷтимоӣ, таҷдидсозии муҷтамаъҳои инфрасохторӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии ҷомеа, экология, захираҳои замин ва хизматрасониҳои давлатӣ мебошанд [10,с.51].

Оид ба баҳодиҳии самаранокии барномаҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон бояд қайд намоем, ки баҳодиҳӣ ҳамасола тибқи «Системаи баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ» гузаронида мешавад, ки тамоми равандҳои баҳогузорӣ аз ҷониби Вазорати иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Қазоқистон дар доираи Методикаи тасдиқгардида ва дар асоси маълумотҳои аз ҷониби иҷрокунандагон пешниҳодгардида гузаронида мешавад ва назорат карда мешавад. Тибқи ин методика, баҳогузорӣ дар асоси системаи индикаторҳои муайяне гузаронида мешавад, ки дар навбати худ он метавонад дараҷаи ба натиҷаҳои дуруст ноил гардидани мақомотҳои уҳдадори давлатиро муайян сохта, сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ ва натиҷаи истифодаи воситаҳои буҷетро дуруст арзёбӣ кунад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамсили муваффақи таҷрибаи татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд ба қайд гирифта нашуда бошад ҳам, аммо таҷрибаи хориҷии татбиқи ин равиш нишон медиҳад, ки амалишавии он дар ҳама сатҳҳо самранокии худро нишон дода тавонистааст. Ҳамин ҷанба аз худ инъикоси унсурҳои мусбиятро пешниҳод намудааст, ки дар асноди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштан ба равиши мазкур ба ҳайси омили афзалиятнок дарҷ гардидааст. 3-ин сабаб, аз нигоҳи мо, дар идома мавриди омӯзиш қарор додани афзалияти ин равиш ва дурнамои (перспективаи) татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади таҳқиқот мувофиқ хоҳад буд. Дар назар аст, ки татбиқи ин равиш ва ё ин усул дар маҷмуъ, барои муайян сохтани афзалиятҳои буҷет ва такомул ёфтани идора ва танзими молияи давлатӣ мусоид хоҳад буд. Зеро, буҷети барномавиву ҳадафманд талаб мекунад, ки афзалиятҳои хароҷотҳои буҷет муайян карда шавад ва ин талабот дар шароити маҳдуд будани воситаҳои давлатие, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ равон гардидаанд, мубрам мебошад. Дар ҳолати муайян ва аниқ будани маълумотҳо оид ба хароҷотҳо тавассути буҷети барномавиву ҳадафманд, қабули қарорҳои дахлдор вобаста ба афзалиятнокии хароҷот осон ва боэътимод мегардад.

Ҳамин тавр, таҳлили таҷрибаи хориҷии татбиқи буҷети барномавиву ҳадафмандро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидаткунандаро ироа намудан мумкин аст, ки онҳо дар раванди пешниҳоди асноди ба ин равиш кумаккунанда воситаи хуб шуда метавонанд. Пеш аз ҳама, бояд самтҳои ислоҳоти буҷет таҷдиди назар карда шаванд ва сиёсати буҷетие коркард карда шавад, ки ҳангоми ҷудо гардидани воситаҳои буҷет, афзалиятҳои стратегӣ ба назар гирифта шаванд. Ғайр аз ин, системаи нишондиҳандаҳо ва баҳогузории онҳоро коркард кардан лозим аст, ки хароҷотҳои давлатиро тибқи барномаҳои коркардшуда ва зербарномаҳои онҳо равона карда тавонад ва худи система назорат ва таҳлил карда шавад. Илова бар ин, назорати иҷроиши уҳдадориҳо аз болои харҷи воситаҳои буҷет бурда шавад, то тариқи механизми мазкур

баҳогузории самаранокии хароҷотҳои буҷет, гузаронида шуда, натиҷаҳо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифта, самаранокии фаъолияти мақомдорон дар самти идораи воситаҳои буҷет дар самти татбиқи буҷет аз рӯйи барномаҳо афзоиш дода шуда, самараноктар гардонида шавад. Дар ин замина, субъектони ваколатдори ҳар як барнома ва сарпарстони он муайян карда шуда, аз болои шахсони уҳдадор ва ба хароҷотҳои буҷет ҷавобгар назорат бурда шавад. Ин бошад, дар навбати худ талаб мекунад, ки системаи таъминнамоии кадрии барномаҳои ҳадафманд ташаккул дода шавад.

Дар маҷмуъ таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи равиши буҷети барномавиву ҳадафманд нишон дод, ки дар бештари мавридҳо банақшагирие, ки ба натиҷа нигаронида шудааст, асоси ислоҳоти молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ мебошад ва ин равиш аллакай татбиқи худро дар кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд пайдо намудааст ва самараи хуб ҳам додааст. Аммо, бояд дар назар дошт, ки ислоҳоти равандҳои буҷет бояд фарогири унсурҳои дорои тавсифҳои соҳаҳои мушаххаси идоракунӣ бошад.

**Муқарриз**: **н.и.и., дотсенти ДМТ - Табарзода О.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Артемьева С.С., Буянова Е.А. Программно-целевое бюджетирование в субъектах Российской Федерации // Электронный научный журнал «Вектор экономики». - 2020. -№3. [Электронный ресурс]. URL: http://www.vectoreconomy.ru/images/publications/2020/3/financeandcredit/Artemyeva_Buyanova.pdf (дата обращения: 21.08.2023).
2. Богов Х.М. Подготовка проекта национального бюджета: опыт Великобритании / Х.М. Богов // Финансовая аналитика: проблемы и решения. -М., 2011. -№33. –С.53-57.
3. Марков С.Н. Развитие программного бюджета в Российской Федерации как способа повышения эффективности государственных расходов // Инновационная экономика и общество. -Омск, 2019. -№2(24). -С.69-79. [Электронный ресурс]. URL: https://elibrary.ru/download/elibrary_41412875_61543404.pdf (дата обращения: 20.08.2023).
4. Марусова О.А. Зарубежный опыт программно-целевого управления государственными расходами и возможности его адаптации в России. [Электронный ресурс]. URL https://www.rane-brf.ru/conference/2012/marusova.pdf (дата обращения 01.08.2023).
5. Могзоев А.М. Отечественный и зарубежный опыт программно-целевого планирования / А.М. Могзоев, С.С. Пайзулаев // Вестник Московского университета им. С.Ю. Витте. Серия 1: Экономика и управление. -М., 2016. -№1(16). -С.87-92.
6. Пенюгалова А.В. Зарубежный опыт программного бюджетирования и возможности его применения в России / А.В. Пенюгалова, И.В. Шевченко // Умные технологии в современном мире. Материалы юбилейной всероссийской научно-практической конференции, посвященной 75-летию Южно-Уральского государственного университета. Том 2. Под редакцией И.А. Баева. -Челябинск, 2018. -С.161-168.
7. Погосян Т.В. Зарубежный опыт программно-целевого планирования на федеральном уровне / Т.В. Погосян // Вестник Государственного университета управления. -М., 2015. -№2. -С.37-43.
8. Попова М.Н. Программный бюджет как инструмент повышения эффективности управления расходами региональных бюджетов / М.Н. Попова // Энергосбережение. Энергетика. Энергоаудит. -Харьков, 2012. -№12(106). -С.18-21.
9. Программный бюджет: цели, классификация и принципы построения // Финансовый журнал / М.П. Афанасьев, Б.И. Алехин, А.И. Кравченко, П.Г. Крадинов. -М., 2010. -№3. -С.5-18.
10. Сагинбек Д.С. Программа развития территорий как инструмент программно-целевого планирования в Республике Казахстан / Д.С. Сагинбек, Л.Н. Коршунова // Индустриальная экономика. -Вологда, 2020. -№1. -С.50-56.
11. Судакова А.Н. Аудит программно-целевого бюджета: зарубежный опыт // Бюджет. [Электронный ресурс]. URL: https://bujet.ru/article/166536.php (дата обращения: 20.08.2023).
12. Тищенко Т.В. Долгосрочные целевые программы в США и Канаде: модели планирования и особенности структуры / Т.В. Тищенко // Финансовый журнал. -М., 2015. -№1. -С.52-59.
13. Фесик С.В. Внедрение программно-целевого метода в бюджетный процесс Российской Федерации / С.В. Фесик // Вестник Томского государственного университета. -Томск, 2014. -№383. -С.170-175.
14. Ханафина К.А. Международный опыт разработки и внедрения программно-целевого бюджетирования / К.А. Ханафина // Финансы и кредит. -М., 2016. -№33(705). -С.48-60.
15. Шобей Л.Г. Программно-целевой метод бюджетного планирования в государственном финансовом управлении регионом / Л.Г. Шобей, Д.О. Волк // Studia Humanitatis Borealis. -Петрозаводск, 2014. -№2. -С.91-100.
16. Юлдашева Н.В. Государственный бюджет. Учебник / Н.В. Юлдашева. -Ташкент, 2020. -456 с.
17. Ястребова О.К. Международный опыт программного бюджетирования: общие принципы и модели / О.К. Ястребова, О.В. Богачева // Финансы и кредит. -М., 2014. -№40(616). -С.50-59.
18. Anwar Sh. Budgeting and budgetary institutions // The International Bank for Reconstruction and Development. The World Bank, - 2007. -P.149. [Электронный ресурс]. URL:

https://documents1.worldbank.org/curated/en/580191468314360347/pdf/399960PAPER0Bu10082136939301PUBLIC1.pdf (дата обращения 19.08.2023).
19. Scott Gr. Public Sector Management in New Zealand. Lessons and Challenges / Gr. Scott // Centre for Law and Economics, Australian National University. -Canberra, Wellington. - 2001. -P.1-3.

## ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ БУҶЕТИКУНОНИИ БАРНОМАВИВУ ҲАДАФМАНД

Дар мақолаи мазкур оид ба таҷрибаи хориҷии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд маълумот оварда шуда, татбиқи он ва равишҳову усулҳои ба татбиқшавии он мусоидаткунанда мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар назар дошта шудааст, ки таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафта оид ба татбиқи равиши барномавиву ҳадафманди буҷет метавонад ҳамчун абзори муҳимми амалишавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида, ба татбиқшавии он мусоидат намояд. Зеро аз нигоҳи муаллиф татбиқи буҷетикунонии барномавӣ ва лоиҳавӣ яке аз воситаҳои муҳиму таъсиррасони идораи молияи давлатӣ буда, самтҳои шаффофияти равандҳои беҷетикунонӣ ва ифшои иттилооти ба он алоқамандро ба таври фаъол ба роҳ мемонад, ки ин хусусияти тавсифии он аз таҷрибаи ҷаҳонии татбиқшавиаш бараъло намудор мегардад. Муаллиф вобаста аз хулосаи гузаронидани таҳлили таҷрибаи кишварҳои дар татбиқи ин равиш ба муваффақият ноил гардида, иброз медорад, ки ин кишварҳо дар равиши барномавиву лоиҳавӣ (буҷетикунонии лоиҳавии ҳадафманд) ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардида, самараи хуби татбиқи ин равишро исбот намудаанд. Ҳамчунин, муаллифи мақола бар он ақида аст, ки таҳлили таҷрибаи хориҷии татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд метавонад ба ҳайси пешниҳодкунандаи тавсияҳо ва хулосаҳои судманд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд, чун дар бештари мавридҳо банақшагирие, ки ба натиҷа нигаронида шудааст, асоси ислоҳоти молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ мебошад ва ин равиш аллакай татбиқи худро дар кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд пайдо намудааст ва самараи хуб ҳам додааст. Аммо бояд дар назар дошт, ки ислоҳоти равандҳои буҷет бояд фарогири унсурҳои дорои тавсифҳои соҳаҳои мушаххаси идоракунӣ бошад.

**Калидвожаҳо:** буҷет, барнома, ҳадаф, буҷети барномавӣ, идоракунӣ, хароҷот, самаранокӣ, таҷрибаи хориҷӣ, тавсия, татбиқ.

## МИРОВОЙ ОПЫТ ПРОГРАММНО-ЦЕЛЕВОГО БЮДЖЕТИРОВАНИЯ

В данной статье рассматривается мировой опыт програмно-целевого бюджетирования. Приведены примеры, изученные на практике, а также подходы и методы, способствующие его реализации. Предполагается, что анализ опыта развитых стран по реализации программно-целевого подхода к составлению бюджета может стать важным инструментом его реализации в Республике Таджикистан. Это существенный и значимый инструмент управления государственными финансами, обеспечивающий достоверность информации и прозрачность процессов бюджета. Автор, исходя из проведенного анализа мировой практики внедрения программно-целевого бюджетирования и изучения эффективных достижений этих стран, констатирует, что страны, внедрившие данную практику, отличали плодотворность данного подхода. Автор при проведении анализа опыта стран по реализации этого подхода, констатирует, что эти страны достигли значительных показателей в программном и проектном бюджетировании и исходя из этого предлагает, что опыт исполнения целевого и программного бюджета может стать источником эффективных рекомендаций и выводов для Республики Таджикистан. Ожидается, что планирование, ориентированное на результат, является основой реформ государственных финансов и бюджетирования, так как данный подход уже нашел свое применение в развитых и развивающихся странах и дал хорошие результаты. Однако следует иметь в виду, что реформирование бюджетных процессов должно включать в себя элементы с участием конкретных сфер управления.

**Ключевые слова: б**юджет, программа, цель, программный бюджет, управление, затраты, эффективность, зарубежный опыт, рекомендации, внебрения.

## WORLDWIDE EXPERIENCE IN PROGRAM-TARGET BUDGETING

This article discusses the world experience of program-target budgeting. Examples studied in practice are given, as well as approaches and methods that contribute to its implementation. It is assumed that analysis of the experience of developed countries in implementing a program-targeted approach to budgeting can become an important tool for its implementation in the Republic of Tajikistan. This is an essential and significant tool for public financial management, providing reliable information on the transparency of budget processes. The author, based on the analysis of the world practice of introducing program-target budgeting and studying the effective achievements of these countries, states that the countries that have introduced this practice have achieved the fruitfulness of this approach. The author, when analyzing the experience of countries in implementing this approach, states that these countries have achieved significant indicators in program and project budgeting and, based on this, suggests that the experience of implementing target and program budgets can become a source of effective recommendations and conclusions for the Republic of Tajikistan. It is expected that results-based planning is the basis of public finance and budgeting reforms, as this approach has already found its application in developed and developing countries with good results. However, it should be borne in mind that reforming budgetary processes must include elements involving specific areas of management.

**Keywords:** budget, program, goal, program budget, management, costs, efficiency, foreign experience, recommendations, implementations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **906-01-66-66**. E-mail: **azimovahanifa@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Ханифаи Эмоми Азимзода*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 906-01-66-66.** E-mail: **azimovahanifa@gmail.com**

**Information about the author:** ***Hanifai Emomi Azimzoda*** - Tajik National University, applicant for the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue 17. Phone: **906-01-66-66**. E-mail: **azimovahanifa@gmail.com**

ТДУ: 338.43(575.3)

# БАҲОГУЗОРИИ ОМИЛҲОИ АСОСӢ ВА САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ

*Абдуллоев А.Х.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тибқи баҳогузориҳои омилҳои асосӣ тақсимоти самараноки захираҳои истеҳсолии маҳсулоти озуқаворӣ, марҳилаи охирини таъмини озуқаворӣ буда, оқилона ва самаранок ташкил кардани он дар ҳалли масъалаи бехатарии озуқаворӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Тақсимоти маҳсулоти кишоварзӣ ба сифати маҳсулоти тайёр, ашёи хом, инчунин, дар шакли коркардшуда ҳамчун сарчашмаи асосии фонди истеъмолӣ алоқамандии зич дорад.

Инчунин, бо амалкарди ин омилҳо тавре таҷрибаҳо нишон доданд, дар сохтори истеҳсолот захираҳои дохилӣ, дар болоравии ҳаҷми маҳсулот вуҷуд дорад, аммо таҳти таъсири баъзе омилҳои ба фаъолияти хоҷагидорӣ вобастагӣ надошта, истифодаи онҳо аз имкон берун аст. Ба қатори ин омилҳои фурӯши мол дохил мешавад, ки дар навбати худ онро ба ду гурӯҳ метавон тақсим кард.

Дар даврони муосири рушди бозори иқтисодӣ беҳтарини усули фурӯш ин фурӯши яклухт ба шумор меравад, ки он дар макони фурӯши маҳсулот, яъне хоҷагӣ амалӣ гардида, тавассути нақлиёт ба истеъмолкунандаҳо расонида мешавад. Бо ин тарзи коргузорӣ хароҷот кам гардида, сифати маҳсулот низ нигоҳ дошта мешавад. Албатта, фурӯшандагон харидори алоҳидаро тарафдорӣ мекунанд ва барои онҳо ин навъи амалиёт манфиатовар хоҳад буд.

Масалан, шумораи зиёд ва афзоиши аҳолии деҳот (ин дар ҳамаи ноҳияҳои минтақа ҷой дорад) омили афзоиш ба шумор рафта, вале шумораи начандон зиёди аҳолӣ омили афзоиш ба ҳисоб намеравад, балки он омили афзоишнаёбӣ шуморида мешавад. Зимнан, афзоиши аҳолии деҳот дар минтақа таъсири назаррасро ба рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ намерасонад. Ҳол он ки афзоиши одии як андоза омили афзоиши пурраи низом ба ҳисоб намеравад. Ҳақиқат он аст, ки он нарушд ва на баръакси рушдро пайгирӣ менамояд. Баръакс, он метавонад омили рушд бошад.

**Расми 1. Омилҳои бафаъолияти самараноки ба фурӯш баровардани маҳсулоти озуқаворӣ мусоидаткунанда**

**Figure 1. Factors contributing to the effective marketing of food products**

**ОМИЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ САМАРАНОКИ ФУРӮШИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ**

**БЕРУНӢ**

- ✓ Сиёсати баҳодиҳии давлат
- ✓ Ба танзим овардани воридоти озуқаворӣ
- ✓ Сиёсати зиддиинҳисорӣ
- ✓ Қобилияти харидории аҳолӣ
- ✓ Бартарии рақобатнокии дигар истеҳсолкунандаҳо
- ✓ Шароити харидории яклухт
- ✓ Рушди фурӯши чакана
- ✓ Инфраструктураи фурӯш
- ✓ Лабораторияи сифат
- ✓ Бозори хизматрасонии нақлиёт
- ✓ Таъмини ахборот
- ✓ Рушди кооператсияи истеъмолӣ

**ДОХИЛӢ**

- ✓ Махсусгардонӣ
- ✓ Ҳаҷми истеҳсолот
- ✓ Хароҷоти моддӣ-пулӣ
- ✓ Сифати маҳсулот
- ✓ Бо захираҳои истеҳсолӣ таъмин будан
- ✓ Таъмини ахборот
- ✓ Фаъолияти маркетингӣ
- ✓ Сиёсати истифодабарии захираҳои қарзӣ
- ✓ Вобастагӣ ба омилҳои берунии фурӯш
- ✓ Мувофиқкунии роҳҳои фурӯш
- ✓ Стратегияи нархгузорӣ
- ✓ Сатҳи фоида

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар ин замина таҳқиқгарони зиёд ба таври дуруст ба шабоҳат надоштани афзоиш ва рушд ишора менамоянд. Вале коҳишёбӣ ё камшавии шумораи аҳолӣ омили зидди афзоиш ба ҳисоб меравад. Агар омили мазкур (коҳишёбии шумораи аҳолӣ) омили нисбии зидди афзоиш ба ҳисоб равад, пас зиёд гардидани табақаи камбизоати аҳолӣ – ин омилҳои зидди афзоиш ба шумор меравад.

Қобили қайд аст, ки маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи сифаташ ва нигоҳдориаш, дер боз боқӣ намонда, ба зудӣ сифатҳои ғизонокии худро аз даст медиҳад. Инро ба назар гирифта, савдогарони маводи кишоварзӣ, бо сабабе, ки шароити нигоҳдории онро надоранд, онро тез ва арзон ба фурӯш мегузоранд, агар онҳо ин амалро иҷро накунанд, маҳсулоти онҳо шояд ки вайрон шавад.

Албатта, биржаҳои савдои махсулот низ вуҷуд доранд, лекин онҳо низ маҳсулотро дербоз нигоҳ дошта наметавонанд, аз ин рӯ дар шароити ҳозира, дар кишвар бозори савдои чакана рушд ёфта истодааст. Барои ташкили бозорҳои савдои чакана хароҷотҳои муайяни молиявӣ ва корҳои махсуси нигоҳдории маҳсулот талаб карда мешавад. Барои равнақ додани савдои маҳсулоти кишоварзӣ, ташкил додани ярмарка ва намоишҳои савдои чакана аз манфиат холӣ нест, ки барои савдогарони маҳсулоти кишоварзӣ бо пули нақд харид намудан имконоти зиёд медиҳад ва яке аз нишондиҳандаҳои рушди савдои чакана ва яклухт ба ҳисоб меравад.

Дар ин самт, алоқа миёни роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва бозори савдои маҳсулоти кишвоарзии маҳаллӣ аз манфиат холӣ набуда, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, барои савдои нархи озод имкониятҳои зиёде фароҳам меоварад.

Хотиррасон бояд кард, ки имрӯз дар бозори фурӯши чакана душвориҳои зиёд низ мавҷуданд, ки он ҷо миёнаравон маҳсулотро аз деҳқонон ва истеҳсолкунандагон бо нархи арзон хариддорӣ намуда, бо нархи дилхоҳи худ онро ба фурӯш мегузоранд, ки ин ҳам боиси ташвиш дар арзиши молу маҳсулот ба ҳисоб меравад.

Ғайр аз сабабҳои гуногуни манфӣ, омили фарҳанги пасти хизматрасониҳо, назорат ва батанзимдарории сусти фаъолияти бозориро аз ҷониби мақомотҳои дахлдори давлатӣ низ номбар кардан мумкин аст. Ба андешаи мо, бисёре аз қонуну санадҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, бехатарӣ ва сифатнокии маҳсулоти ғизоӣ дар амал хуб ба роҳ монда нашудаанд.

Ин қонунгузориҳо хусусияти умумӣ дошта, ҳимояи манфиати ҳаматарафаи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагонро таъмин карда наметавонанд. Бо боварӣ метавон гуфт, низоми системаи қонунгузорӣ дар соҳаи савдои маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ дар мамлакат қариб вуҷуд надошта, мутахассисони соҳа сари ин масъала бояд фаъолият баранд ва дар танзими камбудиҳо саҳмгузор бошанд.

Яке аз мушкилоти дигар ва масъалаи баҳсталаб, ин ба танзимдарории нархи маҳсулоти воридотӣ ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки дар масъалаи хариду фурӯши ғалладонагиҳо корхонаи хариди ғалладонагиҳо нархҳои худро гузошта, ҳамчун муассисаи марказӣ ба ҳисоб меравад. Ҳолатҳое мавҷуд доранд, ки аз деҳқон ғалларо паст гуфта, бо нархи хело арзон харидорӣ менамоянд, ки ин ба рушди ин соҳа монеа шуда метавонад. Масалан, аз рӯйи нишондиҳандаҳои оморӣ, коркарди ғалладона аз маҳсулоти маҳаллӣ бояд то 75-80% зиёд бошад, то ки ҳам корхонаҳо, ҳам аҳолӣ ва ҳам деҳқонон аз он манфиат баранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ, омили асосӣ ин коркарди дурусти замин, истифодаи самараноки қувваи меҳнат ва захираҳои молиявӣ ба ҳисоб рафта, баробарӣ ва алоқаи мутақобилаи тамоми паҳлуҳои корхонаро дар назар дорад. Дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ замин воситаи муҳимми пешрафта ба ҳисоб меравад, он на танҳо барои ин корхонаҳо, балки барои ҳама асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳамаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва кормандони онҳо баҳри таъмини вазъи экологӣ саҳмгузор бояд бошанд. Дар ин ҷо, хусусиятҳои ба замин хос дар таҳқиқи масъалаҳои гуногун аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Бояд хотиррасон кард, ки дар истеҳсолоти бойгариҳои моддӣ, замин ҳамчун асос арзёбӣ бояд гардад.

Дар ин хусус онро набояд фаромӯш кард, ки масъалаи калидӣ, ин тақсимоти дуруст ва истифодаи замин ба ҳисоб меравад. Агар ин масъала хуб ба роҳ монда шавад,

мушкилотҳои гуногуни истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳалли худро хоҳанд ёфт. Алалхусус, ин масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хело муҳим ба ҳисоб меравад, зеро дар он замин кам ва аҳолӣ рӯз то рӯз афзоиш ёфта истодааст, ки фаъолияти дурусти корбаронро талаб мекунад.

Маълум аст, ки дар фаъолияти босамари корхонаи кишоварзӣ, омили муҳим ин ба даст овардани маҳсулоти босифат аз ҳар як воҳиди замин, аз ҳар як корманд бо харҷи камтарини истеҳсолӣ, ба даст овардани фоида ба ҳисоб меравад ва ҳамаи ин бо ҳамкории тамоми омилҳои дохила ва беруна ба роҳ монда мешавад. Бояд қайд кард, ки аз соли 1991 то ин ҷониб майдони умумии замини корам дар кишвар 14254,5 ҳазор га ташкил медиҳад, ки солҳои охир он бетағйир боқӣ мондааст.

**Ҷадвали 1. Майдони замини дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳисоби ҳазор га)**

**Table 1. Land area used by agricultural enterprises in the Republic of Tajikistan (in thousands of hectares)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | % | 2015 | % | 2018 | % | 2019 | % | 2020 | % |
| Майдони умумии замин | 9573,4 | Х | 6900,9 | Х | 6976,1 | Х | 6980,6 | Х | 6978,2 | Х |
| Аз он ҷумла, киштзорҳои кишоварзӣ | 4232,7 | 100 | 3611,9 | 100 | 3669,4 | 100 | 3674,1 | 100 | 3673,6 | 100 |
| Аз он: мазраъ | 805,6 | 19,03 | 653,2 | 18,08 | 659,0 | 17,96 | 663,9 | 18,07 | 661,9 | 18,02 |
| Ниҳолҳои бисёрсола | 99,8 | 2,36 | 140,4 | 4,50 | 150,9 | 4,11 | 152,8 | 4,16 | 153,8 | 4,19 |
| Алафзорҳо | 21,7 | 0,51 | 17,6 | 0,48 | 15,8 | 0,43 | 15,8 | 0,43 | 16,2 | 0,44 |
| Чарогоҳҳо | 3286,5 | 77,64 | 2771,5 | 76,73 | 2818,0 | 76,80 | 2820,8 | 76,77 | 2821,7 | 76,81 |
| Боир | 19,1 | 0,45 | 29,3 | 0,81 | 25,7 | 0,70 | 20,6 | 0,56 | 20,0 | 0,54 |

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -С.24-25 ва ҳисоби муаллиф

Тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 бармеояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли таҳлилии 2020 майдони умумии замин ба 6978,2 ҳазор гектар баробар буда, 3676,6 ҳазор гектари онро майдони киштзорҳои кишоварзӣ ташкил додааст. Инчунин, майдонҳои кишти ниҳолҳои бисёрсола 153,8 ҳазор гектарро ташкил додааст. Тавре аз нишондиҳандаҳо бармеояд, ба таркиби киштзорҳои кишоварзӣ навъҳои гуногуни замин дохил мешаванд, ки онро чунин метавон арзёбӣ намуд: чарогоҳ – 76,81%, боир – 0,54% ва алафзорҳо –16,2%. Тағйироти асосӣ ба камшавии замини ба чарогоҳ ва алафзорҳо ҷудошуда мансуб мебошад.

Мафҳуми киштзорҳои кишоварзӣ ифодагари ҳамаи заминҳои барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ истифодашаванда буда, киштзор, заминҳои барои хошокҷамъкунӣ ҷудошуда, чарогоҳ, растаниҳои бисёрсола, партов, иншооти гидротехникӣ ва сохтмонҳои дигар, ки дар ҳудуди хоҷагиҳо воқеанд ва барои истеҳсолот истифода мешаванд, роҳҳои дохили хоҷагиҳо, коммуникатсияҳо, обанборҳо, инчунин иншоотҳое, ки барои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди аввалияи махсулоти кишоварзӣ ва ғайра ба ин навъи заминҳо дохил мешавад.

Раванди истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳисоби тонна) тағйирпазир буда, барои намуна бо афзоиши мутлақ ва нисбӣ он барои солҳои 2018-2020 дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳисоби тонна)**

**Table 2. Production of the main types of agricultural products in the Republic of Tajikistan (in tons)**

| Нишондодҳо | Солҳо | | | Афзоиши мутлақи соли 2020 нисбати | | Афзоиши нисбии соли 2020 нисбати | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2018 | 2019 | 2018 | 2019 |
| Зироатҳои ғалладона ва лӯбиёӣ (якҷоя бо ҷуворимакка барои дон), | 444,0 | 484,5 | 534,8 | 90,8 | 50,3 | 120,4 | 110,3 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҳамагӣ | | | | | | | |
| Пахта | 36,6 | 49,2 | 48,3 | 11,7 | -0,9 | 132,0 | 98,1 |
| Картошка | 910,2 | 938,3 | 964,8 | 54,6 | 26,5 | 106,0 | 102,8 |
| Сабзавот | 657,2 | 676,8 | 768,8 | 111,6 | 92 | 117,0 | 113,5 |
| Мевагиҳо | 447,9 | 473,8 | 467,8 | 19,9 | -6 | 104,4 | 98,7 |
| Гӯшт | 173,8 | 180,8 | 199,2 | 25,4 | 18,4 | 114,6 | 110,1 |
| Шир | 167,4 | 170,4 | 173,9 | 6,5 | 3,5 | 103,9 | 102,0 |
| Тухм | 99,1 | 159,7 | 216,4 | 117,3 | 56,7 | 218,3 | 135,5 |
| Асал | 705,2 | 710,8 | 711,8 | 6,6 | 1,0 | 101,0 | 100,1 |

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омориназди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.21 ва ҳисоби муаллиф.

Таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар се соли охир, яъне солҳои 2018-2020, истеҳсоли намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи афзоиши мутлақ ва нисбии маҳсулот чунин натиҷа доданд. Афзоиши нисбии маҳсулоти кишоварзӣ дар намуди зироатҳои ғаладона ва лӯбиёӣ (якҷоя бо ҷуворимакка барои дон) ба ҳисоби ҳазор тон дар соли 2020 534,8 ҳаз. тон ва соли 2018 444,0 ҳаз. тонна истеҳсол гардид, ки ин нисбати соли 2018 120,4 ҳаз. тонна зиёд мебошад. Сабабҳои барзиёдии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷадвали таҳлилгардида, ин истифодаи оқилонаи заминҳои бекорхобида ва ба кишти такрорӣ табдил ёфтани онҳо, ворид гардидани механизмҳои нави инноватсионӣ, интихоби дурусти тухмиҳои аълосифат, дастрас будани нуриҳои минералӣ ва зарҳхимикатҳо боиси тағйир ёфтани шакли нави меҳнат гардид, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ рӯ ба афзоиш ниҳодаанд.

**Ҷадвали 3. Таркиби истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар шаклҳои гуногуни хоҷагидории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тонна)**

**Table 3. The composition of the production of the main agricultural products in different forms of agriculture of the Republic of Tajikistan (in tons)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | % | 2017 | % | 2018 | % | 2019 | % | 2020 | % |
| **Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ** | | | | | | | | | | |
| Гандум | 149,3 | 100 | 899,6 | 100 | 779,0 | 100 | 836,9 | 100 | 864,1 | 100 |
| Пахта | 819,6 | 100 | 389,6 | 100 | 300,3 | 100 | 403,0 | 100 | 409,4 | 100 |
| Картошка | 105,9 | 100 | 789,9 | 100 | 964,6 | 100 | 994,4 | 100 | 1022,5 | 100 |
| Сабзавот | 322,5 | 100 | 1859,1 | 100 | 2119,4 | 100 | 2182,6 | 100 | 2479,4 | 100 |
| Мевагӣ | 69,8 | 100 | 405,0 | 100 | 447,9 | 100 | 473,8 | 100 | 467,8 | 100 |
| Гӯшт | 150700 | 100 | 248769 | 100 | 261927 | 100 | 272521 | 100 | 300182 | 100 |
| Шир | 587200 | 100 | 949972 | 100 | 983053 | 100 | 1000563 | 100 | 1020978 | 100 |
| Тухм (млн. дона) | 454300 | 100 | 341400 | 100 | 450284 | 100 | 725695 | 100 | 983065 | 100 |
| **Корхонаҳои кишоварзӣ** | | | | | | | | | | |
| Гандум | 149,3 | 100 | 79,7 | 8,86 | 67,7 | 8,70 | 83,8 | 10,01 | 99,4 | 11,50 |
| Пахта | 819,6 | 100 | 61,4 | 15,76 | 58,9 | 19,61 | 79,4 | 19,70 | 92,2 | 22,52 |
| Картошка | 105,9 | 100 | 57,2 | 7,30 | 72,2 | 7,48 | 88,2 | 8,87 | 100,9 | 9,87 |
| Сабзавот | 322,5 | 100 | 80,2 | 4,31 | 102,4 | 4,83 | 105,6 | 4,83 | 127,5 | 5,14 |
| Мевагӣ | 99,8 | 100 | 18,7 | 4,47 | 22,9 | 5,11 | 26,4 | 5,57 | 21,1 | 4,51 |
| Гӯшт | 74035 | 49,12 | 3717 | 1,49 | 3954 | 1,51 | 9523 | 3,49 | 27522 | 9,17 |
| Шир | 280619 | 47,79 | 35837 | 1,77 | 37511 | 1,66 | 38771 | 1,68 | 39194 | 1,70 |
| Тухм (млн. дона) | 402620 | 88,62 | 151283 | 44,31 | 259166 | 57,55 | 545927 | 75,23 | 800264 | 81,40 |
| **Хоҷагиҳои аҳолӣ** | | | | | | | | | | |
| Гандум | - | - | 247,0 | 27,46 | 229,6 | 29,47 | 230,9 | 27,59 | 227,7 | 26,35 |
| Пахта | | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Картошка | - | - | 295,8 | 37,78 | - | 32,65 | 317,6 | 31,94 | 365,9 | 35,78 |
| Сабзавот | - | - | 867,0 | 46,63 | 982,4 | 42,10 | 908,9 | 41,64 | 972,4 | 39,22 |
| Мевагӣ | - | - | 209,0 | 51,60 | 222,6 | 49,70 | 220,6 | 46,56 | 231,0 | 49,38 |
| Гӯшт (бо вазни зинда) | 76665 | 50,87 | 236119 | 94,91 | 246897 | 94,26 | 249412 | 91,52 | 263523 | 87,79 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шир | 306581 | 52,21 | 897337 | 94,45 | 929204 | 94,52 | 944931 | 94,43 | 964443 | 94,46 |
| Тухм (ҳаз. дона) | 51680 | 11,37 | 178811 | 52,37 | 179930 | 39,95 | 171321 | 23,60 | 173881 | 17,69 |
| **Хоҷагиҳои деҳқонӣ** | | | | | | | | | | |
| Гандум | - | - | 572,9 | 63,68 | 481,7 | 61,83 | 522,2 | 62,40 | 537,0 | 62,14 |
| Пахта | - | - | 328,2 | 84,24 | 241,4 | 80,39 | 241,4 | 80,30 | 317,2 | 77,48 |
| Картошка | - | - | 429,9 | 54,61 | 577,4 | 59,86 | 577,4 | 59,19 | 555,7 | 54,34 |
| Сабзавот | - | - | 911,9 | 49,05 | 1124,6 | 53,06 | 1168,1 | 53,52 | 1379,5 | 55,64 |
| Мевагӣ | - | - | 177,9 | 43,92 | 202,4 | 45,19 | 226,8 | 47,87 | 215,7 | 46,11 |
| Гӯшт (бо вазни зинда) | - | - | 9833 | 3,59 | 11076 | 4,23 | 13586 | 4,98 | 9137 | 3,04 |
| Шир | - | - | 16798 | 3,77 | 16338 | 3,81 | 16861 | 3,87 | 17341 | 3,84 |
| Тухм (ҳазор дона) | - | - | 11307 | 3,31 | 11188 | 2,48 | 8447 | 1,16 | 8920 | 0,90 |

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. –С.39-42; 271-282.

Маълумоти дар ҷадвали 3 нишондодашуда гувоҳи он аст, ки дар соли 2020 бештари истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Ҳаҷми истеҳсоли ин маҳсулоти озуқаворӣ чунинанд: гандум –62,14%, пахта–78,48%, картошка –54.34%, сабзавот – 55,64% ва мевагиҳо – 46,11%. Ба хоҷагиҳои дар ихтиёри аҳолӣ буда, истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷумла, гандум –26,35%, картошка – 35,78%, сабзавот – 39,22% ва мевагиҳо – 49,38% рост меояд. Истеҳсоли пахта дар хоҷагиҳои мазкур ба роҳ монда нашудааст.

Маҳсулоти растанипарварӣ дар маҷмуи маҳсулоти истеҳсолшуда қисми ками онро ташкил медиҳад, ки онро корхонаҳои кишоварзӣ истеҳсол менамоянд. Дар ин самт ба таври умумӣ истеҳсоли гандум – 11,50%, истеҳсоли пахта – 22,52%, истеҳсоли картошка – 9,87%, истеҳсоли сабзавот – 5,14%, инчунин, истеҳсоли мевагиҳо – 4,51%-ро ташкил мекунад. Ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса ба соли 1991 ба 100% баробар бошанд ҳам, истеҳсоли қисми бештари онро маҳсулоти соҳаи чорводорӣ ташкил намуда, дар маҷмуъ истеҳсоли гӯшт 87,79%, истеҳсоли шир 94,46% ва истеҳсоли тухм 17,69%-ро ташкил менамояд.

Яке аз нишондиҳандаи муҳимми хоҷагии кишоварзӣ аз ҳисоби истифодаи замин, захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ, ҳосилнокӣ мебошад. Ҳосилнокӣ самаранокии истифодаи замину хароҷоти умумии меҳнати сарфшударо ифода карда, дар баробари такмили истифодаи воситаҳои истеҳсолот, харҷи меҳнат ва воситаҳои моддию пулиро ба ҳар воҳиди маҳсулот ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

**Ҷадвали 4. Ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2016-2020**

**Table 4. Productivity and productivity of the main types of agricultural products in the republic in 2016-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | Фарқияти мутлақи соли 2020 нисбат ба: | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2016 | 2019 |
| Гандум | сент. аз1 га | 30,8 | 31,5 | 30,5 | 31,7 | 32,9 | 2,1 | 1,2 |
| Пахта | сент. аз1 га | 17,6 | 22,4 | 16,5 | 22,0 | 21,4 | 3,8 | -0,6 |
| Картошка | сент. аз1 га | 214,4 | 191,5 | 193,2 | 191,0 | 187,2 | -27,2 | -3,8 |
| Сабзавот | сент. аз 1 га | 248,6 | 256,0 | 256,9 | 264,6 | 274,2 | 25,6 | 9,6 |
| Полизиҳо | сент. аз 1 га | 246,2 | 254,6 | 263,6 | 260,6 | 266,8 | 20,6 | 6,2 |
| Мевагӣ | сент. аз 1 га | 38,7 | 42,1 | 43,3 | 44,1 | 42,9 | 4,2 | -1,2 |
| Шир | ҳаз. тонна | 918,9 | 949,9 | 983,0 | 1000,6 | 1020,9 | 102,0 | 20,3 |
| Тухм | млн. дона | 337,1 | 341,4 | 450,3 | 725,7 | 983,1 | 646,0 | 257,4 |
| Асал | тонна | 3996 | 4101 | 4182 | 4215 | 4221 | 225 | 6 |

Сарчашма: Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.39; 40; 41; 43; 44 ва ҳисоби муаллиф

Аз баррасии ҷадвали 4 бармеояд, ки ҳосилнокӣ ва самарабахшии анвои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла маҳсулоти ғалладонагӣ, сабзавот, полизиҳо,

шир ва тухм афзалиятҳои зиёдро доро буда, ҳиссаи ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2016-2020 вобаста ба баъзе аз маҳсулотҳои кишоварзӣ, яъне пахта, картошка ва мевагиҳо рӯ ба коҳиш дорад.

Дар ин самт ҷамъоварии пахтаро метавон мисол овард, ки дар соли 2020 он нисбати соли 2016 то ба 2,1 сент. /га ва 1,2 маротиба зиёд гардидааст, соли 2020 нисбати соли 2016 ҳосилнокии картошка 27,2 сент./га кам шудааст. Бо вуҷуди ин соли 2020 ҳосилнокии пахта ва маҳсулнокии шир нисбати соли 2016 зиёд гардида бошад ҳам, ин нишондиҳанда нисбати соли 2016 кам мебошад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки маҳсулнокии шир дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 ба андозаи 102,0 ҳаз. тонна зиёд гардидааст, ки ин нишондиҳанда афзоиши иқтидори истеҳсолиро бозгӯӣ мекунад.

**Ҷадвали 5. Ҳосилнокӣ ва маҳсулнокӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо**
**Table 5. Productivity and productivity in all categories of farms**

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2015 | | | Соли 2020 | | | Тағйироти соли 2020 нисбат ба соли 2015 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои аҳолӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои аҳолӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои аҳолӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| Гандум | с/га | 24,8 | 31,6 | 31,2 | 26,1 | 35,3 | 32,1 | 1,3 | 3,7 | -0,1 |
| Пахта | с/га | 16,8 | - | 17,4 | 23,1 | - | 21,8 | 6,3 | - | 4,4 |
| Картошка | с/га | 237,4 | 206,4 | 234,7 | 204,9 | 145,6 | 224,2 | -32,5 | -60,8 | -10,5 |
| Сабзавот | с/га | 231,8 | 243,6 | 255,4 | 285,2 | 252,1 | 291,8 | 53,4 | 8,5 | 36,4 |
| Полизиҳо | с/га | 164,2 | 267,8 | 234,9 | 220,9 | 280,2 | 269,4 | 56,7 | 12,4 | 34,5 |
| Мевагӣ | с/га | 7,8 | 60,4 | 20,7 | 14,7 | 65,9 | 37,3 | 6,9 | 5,5 | 16,6 |
| Шир | ҳаз. тонна | 15,9 | 840,2 | 32,9 | 17,3 | 964,4 | 39,2 | 1,4 | 124,2 | 6,3 |
| Тухм | млн.дон | 225,7 | 126,6 | 4,9 | 800,3 | 173,9 | 8,9 | 574,6 | 47,3 | 4,0 |
| Асал | ҳаз.тон | 96 | 3512 | 245 | 99 | 3855 | 267 | 3 | 343 | 22 |

Сарчашма: Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.43;44;46;47;48 ва ҳисоби муаллиф

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 5 мушоҳида намудан мумкин аст, ки тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ дар соли таҳлилии 2020 нисбати соли 2015 ҳосилнокӣ ва маҳсулнокӣ зиёд гардидааст: тағйироти нисбии ҳосилнокии гандум дар хоҷагиҳои аҳолӣ аз ҳама бештар буда, дар корхонаҳои кишоварзӣ 1,3 сент./га ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ - 0,1 сент./га кам мебошад. Вале бояд қайд кард, ки ин нишондиҳанда дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ба кулли фарқ мекунад: дар он ҳосилнокии пахта - 4,4 сент./га-ро ташкил дода, назар ба корхонаҳои кишоварзӣ камтар аст, фаъолияти хоҷагиҳои аҳолӣ дар ин самт ниёз ба таҳқиқот дорад. Парвариши картошка рӯ ба афзоиш дошта, истеҳсоли он соли таҳлилии 2020 нисбат ба соли 2015 мутаносибан, дар корхонаҳои кишоварзӣ - 32,5 сент./га, дар хоҷагиҳои аҳолӣ - 60,8 сент./га ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад - 10,5 сент./га кам шудааст.

Ҳосилнокии сабзавот бошад баръакс зиёд гардидааст. Тағйирёбии ин нишондиҳанда дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 дар корхонаҳои кишоварзӣ 53,4 сент./га, дар хоҷагиҳои аҳолӣ 8,5 сент./га ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 36,4 сент. / га зиёд шудааст. Мавриди зикр аст, ки ҳосилнокии полезиҳо дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 дар корхонаҳои кишоварзӣ 56,7 сент./га, дар хоҷагиҳои аҳолӣ 12,4 сент./га ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад 34,5 сент./га зиёд гардидааст. Маҳсулнокии шир дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта, соли 2020 нисбат ба соли 2015 дар корхонаҳои кишоварзӣ 1,4 сент./га, хоҷагиҳои аҳолӣ 124,2 сент./га ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 6,3 сент./га боло рафтааст. Ҳамзамон, маҳсулнокии тухм низ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ зиёд ба чашм мерасад. Масалан, ин нишондиҳанда дар корхонаҳои кишоварзӣ 574,6 млн.дона, дар хоҷагиҳои аҳолӣ 47,3 млн. дона ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, 4,0 млн.дона афзоиш ёфтааст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар маҷмуъ, дар соли 2020,

**Ҷадвали 6. Динамикаи маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо нархҳои қиёсии соли 2022)**
**Table 6. Dynamics of the total agricultural product (at relative prices of 2022)**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Бо фоиз | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 2016 | 2020 |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ, ҳамагӣ, аз ҷумла: | 29053,9 | 31029,6 | 32257,2 | 34558,7 | 37616,6 | 100 | 100 |
| Растанипарварӣ | 21223,9 | 22761,1 | 23546,4 | 25355,7 | 27447,3 | 73 | 73 |
| Чорводорӣ | 7830,0 | 8268,5 | 8710,8 | 9203,0 | 10169,3 | 27 | 27 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ, ҳамагӣ, аз он: | 1559,6 | 1641,8 | 1845,8 | 2566,1 | 3314,1 | 5,36 | 8,81 |
| Растанипарварӣ | 1358,0 | 1428,6 | 1548,9 | 1910,3 | 2145,1 | 4,67 | 5,70 |
| Чорводорӣ | 201,6 | 213,2 | 296,9 | 656,3 | 1169,9 | 0,69 | 3,11 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ, ҳамагӣ, аз он: | 16884,8 | 16831,5 | 17353,2 | 17330,4 | 18448,0 | 58,11 | 49,04 |
| Растанипарварӣ | 9497,6 | 9053,8 | 9250,8 | 9162,0 | 9755,9 | 32,69 | 25,93 |
| Чорводорӣ | 7387,2 | 7777,7 | 8102,4 | 8168,4 | 8692,1 | 25,42 | 23,10 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳамагӣ, аз он: | 10609,5 | 12556,3 | 13058,2 | 14661,7 | 15854,5 | 36,52 | 42,15 |
| Растанипарварӣ | 10368,3 | 12278,7 | 12746,7 | 14283,4 | 15546,3 | 35,69 | 41,33 |
| Чорводорӣ | 241,2 | 277,6 | 311,5 | 378,3 | 308,2 | 0,83 | 0,82 |

Сарчашма: Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.16, ва ҳисоби муаллиф

37616,6 млн. сомониро ташкил додааст. Соҳаи растанипарварӣ ба 27447,3 ва чорводорӣ бошад ба 10169,3 млн. сомонӣ баробар мебошанд. Аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2020 ба корхонаҳои кишоварзӣ 3314,1 млн. сомонӣ рост омада, дар хоҷагиҳои аҳолӣ он 18448,0 млн. сомонӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 15854,5 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда, хушбахтона сол аз сол рӯ ба афзоиш доранд.

Дар фаъолияти назарраси корхона танҳо роҳандозии тариқи равиши дурусти ташкили истеҳсолот басанда нест, зеро дар ин самт низоми муайян дар якҷоягӣ самарабахширо ба миён меорад. Дар ин ҷода нахуст захираҳои дар ихтиёри корхона бударо бояд дуруст баҳогузорӣ намуд, баъдан оид ба самтҳои асосии истеҳсолот ва интихоби шакли ҳуқуқии мавҷудияти корхона бояд қарорҳои дахлдорро қабул намуд.

**Ҷадвали 7. Шумораи корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ**
**Table 7. Number of agricultural enterprises and organizations**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2020/2011, %. +,- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ | 6 | 314 | 183 | 132 | 147 | 148 | 159 | 2550 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 58313 | 123379 | 145107 | 164631 | 172668 | 171945 | 179005 | 206,97 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.434.

Аз натиҷаҳои таҳлили гузаронидашудаи дар ҷадвали 7 баёнгашта бармеояд, ки шумораи корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ сол аз сол афзуда истодаанд. Масалан, агар хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ дар соли таҳлилии 2011 ба 6 адад баробар бошад, он дар соли таҳлилии 2020 ба 159 адад афзоиш ёфтааст, ки дар маҷмуъ 2550% зиёд шудааст.

**Ҷадвали 8. Маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2020**
**Table 8. Total agricultural products with comparative prices in 2020**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | 2020/2015, +/-, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| 1. Ҳамагӣ | 27628,9 | 29053,9 | 31029,6 | 32257,2 | 34558,7 | 34616,6 | **25,29** |
| 2. Растанипарварӣ | 20203,6 | 21223,9 | 22761,1 | 23546,4 | 25355,7 | 27447,3 | **35,85** |
| 3. Чорводорӣ | 7425,3 | 7830,0 | 8268,5 | 8710,8 | 9203,0 | 10169,3 | **36,95** |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлати // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.436.

Дар соли 2011 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 58313 ададро ташкил дода бошад, пас дар

соли 2020 ин рақам ба 179005 адад ё ин, ки 206,97% расидааст.

Баъди баррасии нишондиҳандаҳои ҷадвали дар боло овардашуда метавон гуфт, ки маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар 6 соли охир (2015-2020) рӯ ба афзоиш дошта, агар дар соли таҳлилии 2015 маҳсулоти умумии кишоварзӣ ҳамагӣ 27628,9 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 34616,6 млн сомонӣ, яъне он 1,2 маротиба зиёд шудааст.

Дар баробари ин, агар дар соли таҳлилии 2015 растанипарварӣ 20203,6 млн сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли таҳлилии 2020 ба 27447,3 млн сомонӣ расидааст, яъне 1,3 маротиба зиёд гардидааст. Дар соҳаи чорводорӣ низ айнан чунин ҳолат ба назар мерасад, яъне 7425,3 млн сомонӣ ба 10169,3 млн сомонӣ омода расидааст ё ин ки 1,3 маротиба зиёд шудааст.

**Ҷадвали 9. Растанипарварӣ - Замини умумӣ ва замини истифодаи кишоварзӣ (ҳазор гектар)**
**Table 9. Cultivation - Total land and agricultural land (thousand hectares)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | 2020/15, +/-, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| 1. Замини умуми | 14137,7 | 14137,7 | 14137,7 | 14137,9 | 14137,9 | 14137,9 | 0 |
| 2. Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 3611,9 | 3638,5 | 3658,2 | 3669,4 | 3674,1 | 3673,7 | 1,71 |
| 3. Аз он ҷумла мазраъ | 653,2 | 650,6 | 657,3 | 659,0 | 663,9 | 662,0 | 1,35 |
| 4. Ниҳолҳои бисёрсола | 140,4 | 144,4 | 148,2 | 150,9 | 152,8 | 153,8 | 9,54 |
| 5. Алафдаравӣ | 17,6 | 17,4 | 15,8 | 15,8 | 15,8 | 16,2 | -7,95 |
| 6. Чарогоҳ | 2771,5 | 2797,5 | 2809,6 | 2818,0 | 2820,8 | 2821,7 | 1,81 |
| 7. Замини боир | 29,3 | 28,5 | 27,1 | 28,7 | 20,6 | 20,1 | -31,40 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.436.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ин ҷадвал инъикосгари он мебошад, ки дар соли 2015 ҷамъи заминҳои кишоварзӣ 3611,9 ҳазор гектар бошад, вале дар соли 2020 ин рақам ба 3673,7 ҳазор гектар омода расидааст, ё ин ки 61,8 гектар зиёд гардидааст. Аз он ҷумла, барои ниҳолҳои бисёрсола 13,4 ҳазор гектар зиёд гардида, барои алафдаравӣ баръакс –1,4 ҳазор гектар кам гардидааст. Чарогоҳ бошад 50,2 ҳазор гектар зиёд гардида, заминҳои боир 9,2 ҳазор гектар кам шудааст.

Масалан, гӯшт бо вазни чорвои забҳшуда аз 108,8 ҳазор тонна ба 150,1 ҳазор тонна омода расидааст, гӯшти гов ва гӯсола аз 63,8 ҳазор тонна ба 81,0 ҳазор тонна, гӯшти гӯсфанд ва буз бошад, аз 41,6 ҳазор тонна ба 47,7 ҳазор тон, гӯшти мурғ аз 3,4 ҳазор тонна ба 21,4 ҳазор тонна омода расидаанд. Сабаби асоси зиёдшавии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, ин, пеш аз ҳама, ташкил гардидани хоҷагиҳои чорводорӣ ва инчунин, додани имтиёзҳои андозӣ дар соҳаи чорводорӣ мебошад.

**Ҷадвали 10. Истеҳсоли маҳсулоти асосии чорводорӣ аз рӯйи категорияҳо**
**Table 10. Production of the main livestock products by category**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/15, +/-, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт (бо вазни чорвои кушта), ҳаз. тонна | 108,8 | 116,7 | 124,4 | 131,0 | 136,3 | 150,1 | 37,96 |
| **Аз он ҷумла:** | | | | | | | |
| Гӯшти гов ва гӯсола | 63,8 | 70,6 | 77,9 | 84,4 | 84,9 | 81,0 | 26,96 |
| Гӯшти гӯсфанд ва буз | 41,6 | 42,8 | 43,1 | 43,0 | 43,3 | 47,7 | 14,66 |
| Гӯшти мурғ | 3,4 | 3,3 | 3,4 | 3,6 | 8,1 | 21,4 | 529,41 |
| Шир. ҳаз. тона | 888,9 | 918,0 | 950,0 | 983,0 | 1000,6 | 1020,9 | 14,85 |
| Тухм. млн. дона | 357,2 | 337,1 | 341,4 | 450,3 | 725,7 | 983,1 | 175,22 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.451.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Шоймардонов Ҳ.Қ.**

**АДАБИЁТ**

1. Махмадиев, Ф.Б. Агропродовольственный рынок региона: проблемы тенденции пути их решении / Ф.Б. Махмадиев, Ф.Ш. Шарипов // Peasant. – 2018. -№1. -С.68-71.
2. Пириев, Дж.С. Концепция аграрной политики Республики Таджикистан / Дж.С. Пириев. -Душанбе, 2009. -211 с.
3. Пириев, Дж.С. Научные основы перспективного размещения отраслей с/х Таджикистана в рыночных условиях / Дж.С. Пириев. -Душанбе, 2003. -216 с.
4. Пириев, Дж.С. Научные основы перспективного размещения, отраслей сельского хозяйства Таджикистана в рыночных условиях / Дж.С. Пириев. -Душанбе, 2003. -246 с.
5. Пириев, Дж.С. Совершенствование размещения сельскохозяйственного производства Таджикистана в рыночных условиях / Дж.С. Пириев. -Душанбе, 2003. -216 с.
6. Потребительский рынок: проблемы регулирования. Монография / Х.Н. Факеров. -Душанбе, 2002. -152 с.
7. Рыночная трансформация аграрных отношений в Республике Таджикистан. Монография / Р.С. Шокиров. -Душанбе: Ирфон, 2012. -177 с.
8. Самандаров, И.Х. Сатҳи рушди иҷтимоии инфрасохтори деҳот / И.Х. Самандаров. -Душанбе: Нашриёти ДАТ, 2003. -140 с.
9. Таджикистан: Проблемы модернизации сельского хозяйства. Монография / В.В. Вахидов. -Душанбе: Ирфон, 2007. -432 с.
10. Уровень развития социальной ифраструктуры села. Монография / И.Х. Самандаров. -Душанбе: Издательство ТАУ, 2003. -140 с.
11. Устойчивое развития аграрного сектора экономики. Монография / Ф.Х. Азизов, Х. Умаров. -М.: Экономическое образование, 2018. -212 с.
12. Формирование и развитие продовольственного рынка, как гарантия продовольственной безопасности региона - субъекта Федерации. Монография / С.С. Фирсенко. -Новосибирск, 2002. -366 с.
13. Шарифов, З.Р. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Дастури таълимӣ / З.Р. Шарипов, М.С. Саидов, Н.Ш. Кабиров. -Душанбе: Ирфон, 2013. -қ.1. -222 с., 2014. -қ.2. -382 с.
14. Шарифов, З.Р. Основы рыночной экономики и формирование хояйственного механизма АПК / З.Р. Шарифов. -Душанбе: Ирфон, 2008. -443 с.
15. Шарифов, З.Р. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ. Дастури таълимӣ / З.Р. Шарипов. -Душанбе: Ирфон, 2019. -159 с.
16. Шокиров, Р.С. Институциональные факторы развития аграрного сектора экономики / Р.С. Шокиров. -Худжанд: Дабир, 2021. -270 с.

## БАҲОГУЗОРИИ ОМИЛҲОИ АСОСӢ ВА САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ

Дар мақола масъалаҳои баҳогузории омилҳои асосии тақсимоти самараноки захираҳои истеҳсолии маҳсулоти озуқаворӣ марҳилаи охирини таъмини озуқаворӣ буда, оқилона ва самаранок ташкил кардани он дар ҳалли масъалаи бехатарии озуқаворӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Тақсимоти маҳсулоти кишоварзӣ ба сифати маҳсулоти тайёр, ашёи хом, инчунин, дар шакли коркардшуда ҳамчун сарчашмаи асосии фонд баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар даврони муосири рушди бозори иқтисодӣ беҳтарин усули фурӯш ин фурӯши яклухт ба шумор меравад, ки он дар макони фурӯши маҳсулот, яъне хоҷагӣ амалӣ гардида, тавассути нақлиёт ба истеъмолкунандагон расонида мешавад. Бо ин тарзи коргузорӣ хароҷот кам гардида, сифати маҳсулот низ нигоҳ дошта мешавад. Албатта, фурӯшандагон харидори алоҳидаро тарафдорӣ мекунанд ва барои онҳо ин навъи амалиёт манфиатовар хоҳад буд. Масалан, шумораи зиёд ва афзоиши аҳолии деҳот (ин дар ҳамаи ноҳияҳои минтақа ҷой дорад) омили афзоиш ба шумор рафта, вале шумораи начандон зиёди аҳолӣ омили афзоиш ба ҳисоб намеравад, балки он омили афзоишнаёбӣ шуморида мешавад. Зимнан, афзоиши аҳолии деҳот дар минтақа таъсири назаррасро ба рушди маҷмуи маҳсулоти дохили намерасонад. Ҳоло он ки афзоиши одӣ як андоза омили афзоиши пурраи низом ба ҳисоб намеравад. Ҳақиқат он аст, ки он на рушд ва на баръакси рушдро пайгирӣ менамояд. Баръакс, он метавонад омили рушд бошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ, омили асосӣ ин коркарди дурусти замин, истифодаи самараноки қувваи меҳнат ва захираҳои молиявӣ ба ҳисоб рафта, баробарӣ ва алоқаи мутақобилаи тамоми паҳлуҳои корхонаро дар назар дорад.

**Калидвожаҳо**: истеҳсолоти кишоварзӣ, коркарди дурусти замин, самаранокии қувваи меҳнат, маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, замин, фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, соҳаи чорводорӣ, истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, амнияти озуқаворӣ, бозори маҳсулоти гӯштӣ.

## ОЦЕНКА ОСНОВНЫХ ФАКТОРОВ И ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА ПИЩЕВЫХ ТОВАРОВ

В статье рассмотрены вопросы оценки основных факторов эффективного распределения производственных ресурсов пищевой продукции, последнего этапа продовольственного обеспечения, а его рациональная и эффективная организация имеет первостепенное значение в решении вопроса продовольственной безопасности. Распределение сельскохозяйственной продукции по качеству готовой продукции, сырья, а также в переработанном виде рассматривается как основной источник фонда для рассмотрения и исследования. В современную эпоху экономического развития рынка наилучшим способом реализации является оптовая продажа, которая осуществляется по месту реализации продукции, то есть в фермерских хозяйствах, и доставляется потребителям транспортными средствами. При таком способе работы снижаются затраты и сохраняется качество продукции. Конечно, продавцы благосклонны к индивидуальным покупателям и для них такой вид операции будет выгоден.

Например, факторами роста считается многочисленность и прирост сельского населения (это имеет место во всех районах области), а малочисленность населения не считается фактором роста, а считается фактор отсутствия роста. Кроме того, рост сельского населения региона не оказывает существенного влияния на развитие валового внутреннего продукта. Теперь простой рост одного измерения не составляет полного роста системы. Правда в том, что он следует за развитием, а не наоборот. Это также может быть фактором развития. Следует отметить, что при налаживании сельскохозяйственного производства главным фактором является правильная обработка земли, эффективное использование трудовых и финансовых ресурсов с учетом равенства и взаимодействия всех сторон деятельности предприятия.

**Ключевые слова:** сельскохозяйственное производство, землеустройство, производительность труда, сельскохозяйственная продукция, производители сельскохозяйственной продукции, земля, реализация сельскохозяйственной продукции, животноводство, животноводство, продовольственная безопасность, мясной рынок.

## ASSESSMENT OF THE MAIN FACTORS AND EFFICIENCY OF FOOD PRODUCTION

The article deals with the issues of assessing the main factors, the effective distribution of food production resources is the last stage of food security, and its rational and efficient organization is of paramount importance in solving the issue of food security. The distribution of agricultural products according to the quality of finished products, raw materials, and in processed form is considered as the main source of the fund for consideration and research. In the modern era of the economic development of the market, the best way to sell is wholesale, which is carried out at the place of sale of products, that is, in farms, and delivered to consumers by vehicles. With this method of work, costs are reduced and product quality is maintained. Of course, sellers are favorable to individual buyers and this type of operation will be beneficial for them. For example, the growth factors are considered to be the large number and growth of the rural population (this takes place in all districts of the region), and the small number of the population is not considered a growth factor, but is considered a growth factor. growth factor. In addition, the growth of the rural population of the region does not have a significant impact on the development of the gross domestic product. Now the mere growth of one dimension does not constitute the total growth of the system. The truth is that it follows development, not the other way around. On the contrary, it can be a development factor. It should be noted that when establishing agricultural production, the main factor is the proper cultivation of the land, the efficient use of labor and financial resources, taking into account the equality and interaction of all aspects of the enterprise.

**Keywords**: agricultural production, land management, labor productivity, agricultural products, agricultural products, land, agricultural products sales, animal husbandry, animal husbandry, food security, meat market.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоев Абдурасул Халифаевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **abdullo8383 @ internet.ru.** Телефон: **(+992) 918-59-62-62**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Абдурасул Халифаевич*** – Таджикиский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **abdullo8383@internet.ru**. Телефон: **(+992) 918-59-62-62**

**Information about the author:** ***Abdulloev Abdurasul Khalifaevich*** - National University of Tajikistan, candidate of economic sciences, associate professor. Address: 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdullo8383@internet.ru.** Phone: **(+992) 918-59-62-62**

ТДУ: 336.142.5

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ОИДИ ТАШАККУЛИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ МАҲАЛЛӢ ВА УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ ОН

*Турсунқулов Ш.Р.*
**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ**

Яке аз мушкилоти асосии буҷети давлатӣ, ин иҷроиши нақшаи солонаи буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳалли мушкилоти зерин, зиёд намудани иқтидори иҷроиши нақшаи буҷетҳои маҳаллӣ вазифаи асосии буҷети давлатӣ баҳисоб меравад. Ҷустуҷӯи роҳҳои зиёд кардани қисми даромади буҷетҳои маҳаллии сатҳҳо, баланд бардоштани иқтидори буҷети давлатӣ ва ташаккули механизмҳои самарабахши буҷетии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои марҳилаи кунунии рушд мебошад [12].

Тамоюли умумии ташаккули даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар кишварҳои рушдкунандаи институти худидоракунии маҳаллӣ муайян карда шуда, хусусияти ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Аз ҷумла, аз нуқтаи назари таҷрибаи ҷаҳонӣ тамоюлҳои зерин қайд карда мешавад:

- афзоиши даромади худи буҷетҳои маҳаллӣ;
- равона кардани моделҳои кумаки молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои ҳавасмандгардонии рушди коммуналӣ;
- ташаккули механизми масъулияти мақомоти маҳаллӣ дар идоракунии захираҳои буҷетӣ;
- номуайянии вазъи даромади худи буҷетҳои маҳаллӣ;
- ҳуқуқҳои маҳдуд барои идоракунии механизми андоз дар сатҳи маҳаллӣ.

Иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба маънои васеъ ҳамчун қобилияти буҷетҳои маҳаллии минтақа барои таъмин намудани афзоиш ва рушди дарозмуддат аз ҳисоби маҷмуи захираҳои ҳадди имкон, инчунин, шароит (механизмҳо ва воситаҳо) муайян карда мешавад, ки давлат, ташкилотҳо ва хонаводаҳои минтақа барои ташаккул, тақсим ва истифодаи ин захираҳо бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои муайяни молиявӣ, таъмини такрористеҳсолкунӣ ва рушди иҷтимоӣ таъсис додаанд [4].

Дар ин ҳолат, бояд инҳо пешниҳод карда шаванд:

- мавҷудияти манбаъҳои маблағгузории худ, ки ниёзҳои асосии минтақаро қонеъ мекунанд;
- имкони ҷалби манбаъҳои беруна дар ҳаҷми зарурӣ бо шартҳои қобили қабул;
- ташаккули ҳаҷми захираҳо дар сатҳи қобили қабули хавф;
- мавҷудияти муассисаҳое, ки самаранокии идоракунии молиявиро дар минтақа таъмин мекунанд.

Дар доираи иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба маънои камтар, пешниҳод карда мешавад, ки маҷмуи манбаъҳои даромаде, ки субъектҳои системаи молиявӣ мегиранд, барои таъмини такрористеҳсоли оддии баланд бардоштани сатҳи зиндагии минтақа (яъне, мо дар бораи иқтидори истифодашуда сухан меронем).

Барои таҳлили равшантар, мо бо назардошти маҷмуи параметрҳо таснифи васеи иқтидори даромадро пешниҳод кардем. Дар ин ҳолат, ду равишро метавон ба назар гирифт:

Равандӣ ва Унсурӣ:

Аз нуқтаи назари равиши равандӣ, мо пешниҳод менамоем, ки ҷузъҳои зерини иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо карда шаванд:

– захираҳое, ки дар давраи муайян ба вуҷуд омадаанд;

– захираҳои қарзӣ ва захираҳои ҷамъшуда.

Ҳамчун унсурҳои системавии иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ, бояд категорияҳои зерин, аз ҷумла молия, захираҳои молиявӣ, субъектҳои системаи молиявӣ ва сиёсати молиявӣ ҷудо карда шавад.

Дар шакли умумитарин механизми ташаккул ва истифодаи иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ инҳоро дар бар мегирад:

- маҷмуи принсипҳо, ки ташаккул ва татбиқи иқтидор дар асоси онҳо ба амал меояд - муносибати мунтазам бо назардошти хусусиятҳои минтақа, давомнокии раванди ташаккул ва идоракунии иқтидорӣ, худтаъминкунӣ, робитаи байниҳамдигарӣ унсурҳои иқтидорӣ, такмил додани муносибатҳои молиявӣ, ҷамъоварӣ ва истифодаи захираҳои молиявӣ, шаффофияти равандҳои ташаккул ва истифодаи захираҳо ва иқтидорӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи ташаккули захираҳо, кам кардани хавфҳои имконпазир ва дигарон;

- маҷмуи воситаҳои молиявӣ - қарзҳо, вомбаргҳо, андозҳо ва ғайра;

- маҷмуи усулҳои баҳодиҳии молиявӣ - ҳисоб кардани коэффитсиентҳо, таҳлили омилҳо, баҳогузорӣ, меъёрӣ, таҳлили ихтилоф ва ғайра.

Миқдоран, иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар натиҷаи ҳамкории чунин унсурҳо, ба монанди иқтидори ташкилотҳои буҷетӣ, иқтидори воҳидҳои буҷети маҳаллӣ ва иқтидори буҷетӣ ва андози минтақа муайян карда мешавад.

Ғайр аз ин, бояд дар назар дошт, ки параметрҳои иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ системаи маълумотро барои таҳия ва татбиқи стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва минтақаи алоҳидаи он ифода мекунанд.

Иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ бо мақсадҳои муайян татбиқ карда мешавад:

- таъмини минтақаҳо бо захираҳои зарурии буҷетӣ;

- ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ барои афзоиши воридоти молиявӣ;

- тақсимоти захираҳо байни буҷети маҳаллӣ ва субъектҳои системаи молиявии минтақа, инчунин, ба манфиати маркази ҷумҳуриявӣ. Кам шудани ҳаҷми интиқолҳо дар сиёсати даромади буҷетҳои маҳаллӣ (масалан, даромади андоз) боиси афзоиши назарраси қарзи онҳо мегардад [10];

- назорат аз болои раванди ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои молиявӣ;

- суғурта аз хатарҳои эҳтимолӣ.

Нақши баҳогузории иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар раванди таҳия ва татбиқи стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодӣ аз худи механизми қабули қарорҳои стратегӣ ва амалиётӣ вобаста аст, ки ноил шудан ба устувории рушди иҷтимоию иқтисодиро таъмин мекунанд дар расми 1 оварда шудааст [12].

1. Набудани дастгоҳи ягонаи консептуалӣ ва равиши ягонаи назариявӣ барои муайян кардани унсурҳои иқтидори даромади маҳаллӣ имконияти ташаккул ва афзоиши онро бозмедорад. Иқтидори даромади маҳаллиро ба маънои васеъ ҳамчун маҷмуи манбаъҳои ҳадди имконпазири молиявӣ, инчунин шароити ҷалби онҳо, ки аз ҷониби давлат ва субъектҳои хоҷагии минтақа барои ташаккул, тақсим ва ҷамъоварии ин захираҳо бо мақсади таъмин намудани афзоиш ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар муҳлати дарозмуддат, ба даст овардани натиҷаҳои муайяни молиявӣ.

2. Ҳамчун унсурҳои иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ, ҷудо кардани чунин ҷузъҳои иқтидор, ба монанди буҷет ва андоз, ташкилотҳо, ҳар як унсури системаи буҷети маҳаллӣ мувофиқи мақсад аст, арзишҳои мутлақ ва нисбиро баҳо додан лозим аст, зеро муайян кардани хавфҳое, ки боиси паст шудани арзиши иқтидори буҷети маҳаллӣ мешаванд.

3. Ҳангоми таҳияи стратегияи рушди буҷетҳои маҳаллӣ, бояд андозаи иқтидори молиявии он ба назар гирифта шавад. Ҳамзамон, бояд чунин марҳилаҳо ҳамчун муайян кардани буҷетҳои маҳаллӣ таъкид карда шаванд; баҳодиҳии ҳолати иқтидори молиявӣ; муайян кардани омилҳои беруна ва дохилӣ ва таҳдидҳо ба рушди иқтисодӣ, ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатӣ; баҳодиҳии иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва таҳияи ҳисобот дар бораи вазъи он; таҳлил ва баҳодиҳии ниёзҳои сармоягузорӣ ва фазои сармоягузорӣ дар минтақа; таҳлил ва баҳодиҳии ниёзҳои сармоягузорӣ ва фазои сармоягузорӣ дар минтақа; таҳлили натиҷаҳои истифодаи иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва баҳодиҳии идоракунии буҷет дар минтақа, таҳияи стратегияи рушди иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллӣ, ки бояд бо стратегияи рушди низоми буҷети кишвар алоқаманд бошанд.

**Расми 1. Нақши иқтидори даромад барои ноил шудан ба рушди устувори буҷетҳои маҳаллӣ**
**Figure 1. The role of revenue potential in ensuring the sustainable development of local budgets**




4. Бо дарназардошти тағйирёбии доимии муҳити берунӣ ва дохилӣ, механизми идоракунии иқтидори даромади буҷетҳои маҳаллиро таҳия кардан зарур аст, ки идоракунии ташаккул, истифода ва афзоиши он, инчунин, хатарҳо ва таҳдидҳои пайдошудаи идоракунии муносибатҳои молиявиро таъмин мекунанд. Он бояд ба принсипҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастагӣ асос ёбад: ҳамоҳангии рушди макро-, мезо- ва микроэлементҳо; мутобиқшавӣ ба тағйирёбии муҳити беруна; чандирии стратегӣ; шарикии давлат, бахши хусусӣ ва иҷтимоӣ; ҷамъоварии захираҳои муваққатии молиявӣ; амнияти иқтисодӣ; ҳавасмандкунӣ; шаффофият.

Дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Тоҷикистон, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккул ва рушд усули банақшагирии барномавӣ ҳадафи асосӣ рушди системаи молияи маҳаллӣ ва буҷети маҳаллӣ мебошад.

Вазъияти кунунӣ ба таҳияи усули банақшагирии барномавии мақсаднок, ташкили системаи қобили баҳодиҳии самаранокӣ ва сарфакорона мусоидат намекунад. Ташаккул ва иҷрои барномаҳои буҷетӣ, ҷорӣ намудани системаи дурусти назорат аз болои иҷрои барномаҳои буҷетӣ. Ҳадафи барномаи буҷетӣ, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккул ва татбиқи барномаҳои буҷавӣ, муайян кардани самтҳои татбиқи мусбати он дар амалия мебошад.

Дар чунин кишварҳо, ба монанди Олмон, ИМА, Зеландияи Нав ислоҳоти ҷорӣ дар нимаи дуюми асри XX, таъсиси механизми самарабахши татбиқи барномаҳои буҷетии давлатӣ ва ҳам байниидоравӣ пешбинӣ шудааст. Ташаккули барномаҳои буҷатии идоравӣ бо муайян кардани меъёрҳои возеҳ ва равишҳо ба ташаккул ва иҷрои онҳо, таъсиси системаи нишондиҳандаҳои индикативӣ барои баҳодиҳии сифати такмили ин барномаҳо дар сатҳи маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ИМА ин система қабули қонуни солонаи буҷетро умуман пешбинӣ намекунад. Хароҷоти ҷории ҳукуматро қонунҳои амалкунанда, ки метавонад то 10 солро дар бар гиранд, инчунин, меъёрҳои ҳамасола қабулшуда оид ба хароҷоти муқарраршуда, асосан дар соҳаи иҷтимоиро муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, дар Иёлоти Муттаҳида, хусусияти буҷети федералӣ дар он аст, ки аз ҷиҳати сохторӣ қисми хароҷоти буҷети федералии ИМА аз ду категорияи асосии хароҷот иборат аст.

Намуди якуми хароҷот - ин ба ном хароҷоти ихтиёрӣ мебошад, яъне он намудҳои хароҷотеро, ки Конгресс дар ҷараёни тақсимоти солона муайян кардааст, маблағҳое, ки Конгресс бевосита тавассути кумитаҳои азхудкунӣ назорат мекунад (ин хароҷот тақрибан 35% қисми хароҷоти буҷаи федералии ИМА-ро ташкил медиҳанд).

Қисми дуюми хароҷот - хароҷоти ҳатмӣ (мустақим) тибқи ваколатҳои федералӣ (зиёда аз 50%), ки мувофиқи қонунгузории федералӣ ба таври расмӣ супоришҳои буҷетро дар бар мегиранд. Хусусияти муҳимми хароҷоти ҳатмӣ, набудани сатҳи солонаи хароҷот барои соҳаҳои дахлдори моддаҳои буҷет мебошад.

Дастгирии татбиқи барнома дар сатҳи ҳукумати ИМА низ расонида мешавад. Ғайр аз ин, тақрибан ҳар як давлат сохтори дахлдори ҳукуматӣ дорад, ки бо таҳия ва татбиқи барномаҳои дастгирии молиявии рушди соҳибкорӣ ва пешниҳоди намудҳои гуногуни хизматрасониҳои машваратӣ ва техникӣ сарукор дорад. Барои таҳия ва идоракунии барномаҳо, инчунин, корпоратсияҳои махсуси давлатӣ, ки натанҳо вазифаҳои асосии идоракунии барномаҳоро иҷро мекунанд, балки аксар вақт қисми муҳимми фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидориро барои татбиқи онҳо амалӣ менамоянд.

Барои идоракунии барномаҳои минтақавӣ, мақомоти гуногуни маъмурӣ таъсис дода мешаванд, ки ба онҳо дар асоси баробар намояндагони ҳукуматҳои федералӣ ва ИМА (як навъ "мақоми байниҳукуматӣ") дохил мешаванд. Барои таъмини назорати умумӣ аз болои таҳия ва татбиқи барномаҳои азими захиравӣ (сохтмони лулаҳои нафт, азхудкунии конҳои газ ва нафт), ки аз ҷониби ширкатҳои хусусӣ амалӣ карда мешаванд, илова бар ин, мақомоти танзимкунандаи давлатӣ таъсис дода мешавад.

Дар Британияи Кабир санади махсуси қонунгузорӣ ё қарори ҳукумати давлатӣ, ки тартиби таҳия, қабул ва маблағгузории баъзе барномаҳоро муайян мекунад. Онҳо метавонанд бо ташаббуси парламент, ҳукумат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ барномаҳои буҷетиро назорат намоянд, минбаъд барномаи буҷетӣ баррасӣ ва муфассал, аз ҷумла таҳияи пешниҳодҳо дар бораи ҳаҷми маблағгузорӣ дар доираи як шуъбаи дахлдори ҳукумат, ки дорои салоҳият барои ҳаллӣ мушкилоти таъиншуда баррасӣ карда мешавад [15].

Дар Бритониёи Кабир ислоҳоти идоракунии давлатӣ бо номи "Ташаббуси пешрафта" (Ташаббуси ба пеш ҳаракат кардан), соли 1988 бо таҳлили ҳамаҷонибаи хароҷоти давлатӣ оғоз ёфт, ки дар ҷараёни он тақсимоти манбаъҳои буҷет дар байни моддаҳои хароҷот муфассал баррасӣ карда шуд. Мувофиқи натиҷаҳои таҳлил саволро дар бораи зарурати баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба миён овард.

Бо ин мақсад, нишондиҳандаҳои натиҷавӣ, стандартҳои ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ (коммуналӣ) таҳия карда шуданд, ки минбаъд онҳо дар оинномаҳои шаҳрвандӣ инъикос ёфтанд. Илова ба уҳдадориҳо дар Оинномаҳо барои риоя накардани стандартҳо ҷазо ва ҷубронро барои муштариён пешбинӣ мекунанд. Аз ҳар як вазорат талаб карда мешуд, ки нақшаи стратегӣ (барои на камтар аз панҷ сол) ва нақшаи

кории онро таҳия кунад. Барои татбиқи ҳадафҳои инфиродӣ, ки дар назди онҳо гузошта шудааст, ҳукумат метавонанд барномаҳои махсус қабул кунад.

Дар доираи буҷети худ, вазоратҳо маблағгузории барномаҳоро худашон муайян мекунанд (аксар вақт, танҳо унсурҳои алоҳидаи онҳо) барои соли ҷорӣ ва ҳаҷми маблағгузории пешбинишударо барои се соли оянда нишон медиҳанд. Барномаҳои дар доираи вазоратҳо татбиқшаванда, барномаҳои мусоидат ба рушди тиҷорати электронро дар бар мегиранд; иқтисодиёти деҳот ва истифодаи замин; рушди илм; тағйирёбии иқлим; идоракунии партовҳо ва захираҳоро дар бар мегирад.

Дар баробари ин, дар боло, барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ, барномаҳои таблиғи ҳастаии Британиё мавҷуданд энергетика, парвозҳои кайҳонӣ, киштисозӣ, рушди инфрасохтори нақлиёт, саноати пӯлод ва ғайра.

Дар байни барномаҳои мақсадноки давлатӣ, аз ҷумла, ҷойҳои махсусро барномаҳои ҳавасмандгардонӣ, рушди минтақавӣ ва инфрасохтори нақлиёт, мусоидат ба тиҷорати хурд ва миёна, рушди ҳукумати электронӣ ишғол мекунанд. Дар Олмон системаи махсуси баҳодиҳии самаранокии ташаккул ва татбиқи барномаҳои буҷетӣ мавҷуд аст.

Дар Австралия раванди ислоҳоти буҷет дар асоси принсипҳои банақшагирии барномавӣ-мақсаднок дар охири солҳои 90-уми асри XX аз он вақт, дар он ҷо раванди такмил додани амалия ва расмиёти буҷетӣ пайваста гузаронида мешавад. Нишондиҳандаҳо, ки як қисми системаи нави нишондиҳандаҳои Австралия мебошанд, ки дар созишномаҳо истифода мешаванд, ба ҳисоботҳои семоҳаи ташкилотҳо дохил карда мешаванд.

Дар Австралия, ба ном нишондиҳандаҳои калидӣ ба созишномаҳои самаранокии шарикӣ дохил карда шудаанд. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолият ба протоколҳои созишномаи асосӣ дохил карда шудаанд ва ҳисоботҳо дар бораи ҳамаи соҳаҳои сиёсати ҳукумат пешбинӣ карда мешаванд. Тибқи қоида, онҳо аз чор ё панҷ нафар зиёд нестанд. Одатан, ин нишондиҳандаҳо чунин мебошанд:

- мувофиқат ба муҳлати муқарраршуда;
- дурустии қабули қарор;
- риояи стандартҳои хизматрасонӣ ба мизоҷон;

шумораи миёнаи шикоятҳо дар давраи назорат [15].

Ҳукумати Канада ҳанӯз соли 1995 дар назди худ вазифа гузошта буд, ки дар ҳама вазорату идораҳо принсипҳои идоракуниро, ки ба даст овардани натиҷаҳо (фаврӣ ва ниҳоӣ) равона карда шудаанд, ҷорӣ кунанд. Ҳамаи вазоратҳо ва шуъбаҳо бояд акнун натиҷаҳои асосии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро фаъолона муайян кунанд. Дар асоси он, банақшагирӣ, андозагирӣ ва ҳисобот дар бораи фаъолияти агентӣ амалӣ карда мешавад.

Таҷрибаи Канада ба андозаи зиёд аз он шаҳодат медиҳад, ки дар солҳои 90-ум, ин кишвар самтҳои афзалитноки сиёсати молиявии худро ба куллӣ тағйир дод, аз талош барои коҳиш додани касри буҷет то таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои ниҳоӣ ба ҳар як доллари андозсупорандагон. Аслан ин равиш то ҳадди аксар қисми самаранокии хароҷоти буҷетро инъикос мекунад, агар мо давлатро ҳамчун механизми ёрирасон барои ноил шудан ба ҳадафҳое, ки аз қудрати бозор берунанд, баррасӣ кунем. Дар тули даҳсолаи дигаргунсозӣ, Канада ба як кишваре табдил ёфт, ки сектори ҷамъиятии ба натиҷаҳои баланд нигаронида шудааст.

Таҳлили таҷрибаҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки таҳияи барномаҳои муоссири буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ташкили заминаи қонунгузорӣ, ки хусусиятҳои ташаккул, меъёрҳои тақсимот ва системаи баҳодиҳии самаранокии татбиқи ин барномаҳоро танзим мекунад, имконпазир аст. Ҳамзамон, дар доираи барномаҳои буҷетии дохилии идоравӣ, бояд мушкилоти мавҷуда дар сатҳи субъектҳои ҳудудӣ, ки бо рушди инфрасохтори нақлиётӣ, кишоварзӣ ва ташкили корхонаҳои хурду миёна алоқаманданд, ҳал карда шаванд.

Консепсияи барномаҳои буҷетӣ, ки ба таҷрибаи хориҷӣ асос ёфтааст, бояд бахшҳои асосии зеринро дар бар гирад [16]:

- асоснокии мутобиқати проблемаи ҳалшаванда ва ҳадафҳои барномавӣ ва вазифаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- асосноккунии имконпазирии ҳалли масъалаҳои мақсадноки барномавӣ;

- хусусиятҳо ва дурнамои рушди вазъияти кунунии мушкилот дар минтақаи баррасишуда бидуни истифодаи усули барномавӣ-ҳадафӣ;

- ҳалли имконпазири мушкилот, баҳодиҳии фоидаҳо ва хавфҳое, ки аз ҳалли, гуногуни мушкилот бармеоянд;

- муҳлатҳо ва марҳилаҳои тахмини ҳалли мушкилот бо усули барномави-ҳадафӣ;

- пешниҳодҳо дар бораи ҳаҷм ва манбаъҳои маблағгузории барномаи буҷетӣ;

- баҳодиҳии пешакии самарабахшӣ ва фоиданокии пешбинишуда ва ҳалли пешниҳодшудаи мушкилот;

- пешниҳодҳо барои давлат муштариён ва таҳиягарони барномаи мақсаднок.

Барои баҳодиҳии сатҳи самаранокии барномаҳои буҷетӣ, инчунин, ҳисоб ва таҳлили як қатор нишондиҳандаҳои умумиҷаҳонӣ зарур аст. Охирин, дар ҷараёни мониторинг, нисбати барномаҳое, ки аллакай натиҷаҳо аз татбиқ ва истифодаи таҳияҳои амалишуда ба даст омадаанд, татбиқ кардан мумкин аст.

Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои зерин имкон медиҳад, ки миқёс ва самаранокии барнома ва ҳадафҳои буҷетӣ пурратар баррасӣ карда шаванд: давраи баргардонидани ҳаҷми ҳама намудҳои сармоягузорӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои таҳияи нармафзори дар соли ҷорӣ татбиқгардида сурат гирифтаанд, сатҳи консентратсияи маблағҳое, ки барои татбиқи барномаҳои буҷетӣ маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд; шумораи миёнаи иҷрокунандагон, ки дар татбиқи як барнома иштирок мекунанд [18].

Таҷрибаи аврупоӣ нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои индикативӣ бояд ба таъмини ҳадди ақали тақсимоти захираҳои молиявӣ мусоидат кунанд, то дар сатҳи воҳидҳои маъмурии ҳудудӣ ба натиҷаҳои иҷтимоӣ ё иқтисодӣ ҳадди аксар расонанд. Системаи нишондиҳандаҳои индикативӣ бояд, пеш аз ҳама, мувофиқи мақсад будани ташаккул ва татбиқи барномаҳои буҷетиро дар сатҳи буҷети маҳаллӣ инъикос намояд; дуввум, мусоидат намудан ба муайянкунии ҳадафи захираҳои молиявии зарурӣ барои татбиқи барномаҳои буҷетӣ; сеюм, мусоидат ба интихоби барномаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар сатҳи маҳаллӣ ба мақсади маблағгузории пурра, таъмини сифати баландтари хизматрасонии буҷетӣ ба аҳолӣ [17].

Ҳамин тариқ, рушди ҳамаҷонибаи системаи усули банақшагирии мақсадноки барномаҳо оид ба буҷет, бояд дар Тоҷикистон тақсимоти возеҳи маҷмуи барномаҳои буҷетиро бо барномаҳои давлатӣ ва дохилӣ пешбинӣ кунад.

Дар айни замон, самаранокии ташаккул ва иҷрои барномаҳои буҷетӣ, интихоби нишондиҳандаҳои индикативӣ барои арзёбии ташаккул ва иҷрои барномаҳои буҷетӣ мустақиман вобастагӣ доранд.

Хусусиятҳо ва принсипҳои интихоби нишондиҳандаҳои индикативие, ки муаллиф қайд кардааст, нақшаи умумии таҳияшудаи арзёбии маҳсулоти хизматрасонии буҷетӣ, хусусиятҳои назорати иҷрои барномаҳои буҷетӣ, бояд барои таҳияи консепсияи баҳодиҳии самаранокӣ, ташаккул ва иҷрои ҳам буҷети давлатӣ ва ҳам маҳаллӣ амалӣ карда шавад.

Бояд диққати ҷиддӣ дода шавад, ки ташкили аудит ва назорати иҷроиши барномаҳои буҷетӣ, система баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар раванди пешниҳоди маълумоти буҷетӣ аҳолӣ дар қаламрави тобеияти он гузаронида шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДПДТТҲ**
**ба номи ак.М.С.Осимӣ – Раупов К.С.**

**АДАБИЁТ**

1. Безобразов, В.П. Государственные доходы. Теоретические и практические исследования / В.П. Безобразов. -М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2016. -758 с.
2. Богачева О. Становление российской модели бюджетного федерализма / О. Богачева // Вопросы экономики. - 2018. -№8. -С.30-40.
3. Бюджет и бюджетная система: учебник / Мст. П. Афанасьев, А.А. Баленчик, И.В. Кривогов; под ред. Мст. П. Афанасьева; [предисловие А.Л. Кудрина]. -3-е изд., стереотип. -М.: Издательство Юрайт, 2012. -777 с. – Серия: Университеты России.
4. Вигандт Л.С. Теоретические основы управления финансовыми ресурсами депрессивных регионов / Л.С. Вигандт. -СПб.: Изд-во СПбГИЭУ, 2004. -315 с.

5. Голодова Ж.Г. Оценка бюджетно-налогового потенциала региона в условиях реформирования системы межбюджетных отношений / Ж.Г. Голодова // Финансы и кредит. - 2009. -№5. -С.33-40.
6. Игонина Л.Л. О подходах к оценке эффективности бюджетноналоговой политики / Л.Л. Игонина // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. - 2015. -№3-1. -С.54-58.
7. Калинина Т.Л. Доходный потенциал местных бюджетов и экономический рост региона / Т.Л. Калинина. -СПБ: ИПК «Институт СПб ТУОР», 2016. -421 с.
8. Климова Н.М. Бюджетно-налоговый потенциал региона / Н.М. Климова // Финансы. - 2003. -№9. -С.33-38.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи молияи давлатӣ ”. аз 12.11.2002. №326.
10. Найденова Т.А. Оценка бюджетного потенциала северных территорий / Т.А. Найденова, И.Н. Швецова // Финансы и кредит. - 2013. -№40(568). -С.41.
11. Найденова Т.А. Оценка бюджетного потенциала северных территорий / Т.А. Найденова, И.Н. Швецова // Бюджетная политика. – 2013. -№40(568).
12. Турсункулов Ш.Р. Пути обеспечения стабильности исполнения госбюджета в условиях финансового кризиса / Ш.Р. Турсункулов // Инновации. Наука. Образование. - 2020. -№12. -С.172-180.
13. Финансово-инвестиционная система: функциональное содержание и количественные индикаторы // Финансы и кредит. - 2013. -№38(566). -С.27.
14. Финансы: учебник / И.И. Глотова, Е.П. Томилина, О.Н. Углицких, Ю.Е. Клишина. -Ставрополь: АГРУС Ставропольского гос. аграрного ун-та, 2013. -492 с.
15. Buiter, W.A Guide to Public Sector Debt and Deficits/ W.A. Buiter // Economic Policy. - 1985. November. -№(1). -P.13-79.
16. Keynes, J.A. Tract on Monetary Reform / J.A. Keynes // The Collected Writings of John Maynard Keynes. -London: Macmillan, 1971. -Vol. 4. -Edition 1923. -P.158.
17. The Sustainbility of Fiscal Polisy/ O. Blanchard, C. Chouraqui, R. Hagemann, N. Sartor// New Answers to an Old Question. OECD Economic Studies. - 1990. -№15. -P.7-36.
18. Tommaso Oliviero, Annalisa Scognamiglo. Property tax and property values: Evidence from the 2012 Italian Tax Reform European Economic Review. [electronic resource]. URL: http//www.sciencedirect.com/science/article/pii/S0014292119301084.

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ОИДИ ТАШАККУЛИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ МАҲАЛЛӢ ВА УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ ОН

Мақола ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва усулҳои баҳодиҳии иқтидори буҷет ва таҷрибаи хориҷӣ нисбат ба ташаккули даромади буҷети маҳаллӣ бахшида шудааст. Дар аввал, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳо оварда шуда, усулҳои баҳодиҳӣ ба иқтидори буҷетҳои маҳаллӣ моделҳо дар намуди схема оварда шудааст. Мақсади асосии навиштани мақолаи мазкур - ин омӯзиши корҳои илмӣ, дар натиҷаи омӯзиш пешниҳоди усулҳо оид ба баҳодиҳии иқтидори буҷетҳои маҳаллӣ ва ташаккули даромади буҷети маҳаллӣ дар давлатҳои хориҷа мебошад. Ташаккули даромади буҷети маҳаллӣ ва баҳодиҳии иқтидори буҷетҳои маҳаллӣ яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Барои он, ки дар натиҷаи тақсимоти нодурусти сарчашмаҳои даромади буҷет байни минтақаҳо, проблемаи зиёдшавии касри буҷет ба миён меояд. Бинобар ин, бо нишондиҳандаи иқтидори буҷетҳои маҳаллӣ, мо метавонем ба нақшаи иҷроиши буҷет пешгӯӣ намуда, барои банақшагирии ояндаи буҷет маслиҳату пешниҳодҳои муфид дода тавонем. Дар ҷараёни омӯзиш ва азхудкунӣ дар асоси ақидаҳои олимони хориҷию ватанӣ, барои баҳодиҳии иқтидори буҷети маҳаллӣ баъзе пешниҳоду тавсияҳо низ қайд карда шудааст. Дар асоси маълумотҳо ва омӯзиши усулҳои баҳодиҳӣ ба иқтидори буҷети маҳаллӣ, ба хулосае омада, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи мазкур мавзуи актуалӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** рушди иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, захираҳо, потенсиал, методология, захираҳо, унсурҳои система, равишҳои методологӣ, иқтидори буҷетӣ, назарияи молия, буҳрон, даромад, хароҷот.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ФОРМИРОВАНИЯ ДОХОДОВ МЕСТНЫХ БЮДЖЕТОВ И МЕТОДЫ ОЦЕНКИ ЕГО ПОТЕНЦИАЛА

Статья посвящена изучению теоретических аспектов и методов оценки бюджетной обеспеченности и зарубежного опыта в отношении формирования доходов местного бюджета. Сначала представлена бюджетная система Республики Таджикистан, а методы оценки дееспособности местных бюджетных моделей представлены в виде схемы. Основной целью написания данной статьи является изучение научных работ, в результате исследования предложения методик оценки потенциала местных бюджетов и формирования доходов местных бюджетов в зарубежных странах. Формирование доходов местных бюджетов и оценка возможностей местных бюджетов является одним из важнейших экономических вопросов государства. В связи с тем, что в результате неправильного распределения доходных источников бюджета между регионами возникает проблема увеличения дефицита бюджета. Поэтому с помощью показателя мощности местных бюджетов мы можем спрогнозировать план исполнения бюджета и дать полезные советы и предложения по дальнейшему бюджетному планированию. В процессе изучения и усвоения, на основе мнений зарубежных и отечественных ученых, были также отмечены некоторые предложения и рекомендации по оценке возможностей местного бюджета. На основании данных и изучения методов оценки возможностей местного бюджета можно сделать вывод, что данная тема считается актуальной.

**Ключевые слова:** социально-экономическое развитие, бюджет, ресурсы, потенциал, методология, ресурсы, системные элементы, методологические подходы, бюджетная емкость, теория финансов, кризис, доходы, расходы.

**FOREIGN EXPERIENCE IN FORMING LOCAL BUDGET INCOMES AND METHODS FOR ASSESSING ITS POTENTIAL**

The article is devoted to the study of theoretical aspects and methods for assessing budgetary security and foreign experience in relation to the formation of local budget revenues. First, the budget system of the Republic of Tajikistan is presented, and the methods for assessing the viability of local budget models are presented in the form of a diagram. The main purpose of writing this article is to study scientific papers, as a result of the study, to propose methods for assessing the potential of local budgets and generating local budget revenues in foreign countries. Formation of revenues of local budgets and assessment of the possibilities of local budgets is one of the most important economic issues of the state. Due to the fact that as a result of the incorrect distribution of budget revenue sources between regions, the problem of increasing the budget deficit arises. Therefore, with the help of the indicator of the power of local budgets, we can predict the budget execution plan and give useful advice and suggestions for further budget planning. In the process of studying and assimilation, based on the opinions of foreign and domestic scientists, some proposals and recommendations for assessing the possibilities of the local budget were also noted. Based on the data and the study of methods for assessing the possibilities of the local budget, it can be concluded that this topic is considered relevant.

**Keywords:** socio-economic development, budget, resources, potential, methodology, resources, system elements, methodological approaches, budget capacity, finance theory, crisis, income, expenses**.**

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Турсунқулов Шоҳрух Рӯзибоевич*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М. Осимӣ, ассистенти кафедраи молия ва қарз. **Суроға**: 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчви Ленин, 226. Телефон**: (+992) 92-966-66-93**. E-mail: **shoxrux-8999@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Турсункулов Шохрух Рузибоевич*** - Политехнический институт Таджикского технического университета им. акад. М. Осими, ассистент кафедры финансов и кредита. **Адрес**: 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, улица Ленина, 226. Телефон**: (+992) 92-966-66-93**. E-mail: **shoxrux-8999@mail.ru**

**Information about the author*: Tursunkulov Shohruh Ruziboevich*** **-** Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after. acad. M. Osimi, assistant at the Department of Finance and Credit. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Lenin street, 226. Phone: **(+992) 92-966-66-93**. E-mail: **shoxrux-8999@mail.ru**

ТДУ: 631.12

# САҲМИ ПОЙГОҲИ МОДДӢ-ТЕХНИКӢ ДАР РАВАНДИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАИ ЗАМИНИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲӢ

***Саидмуродзод Ҷовид Ҷаббор*ӣ**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

Дар марҳилаҳои муосири инкишофи сектори комплекси аграрии (КАС) ҷумҳурӣ ва минтақаҳои кӯҳистони он майлу рағбати ҳам олимон ва ҳам таҷрибадорон нисбати ҳалли масъалаи баланд бардоштани нақши «хизматрасонии техникӣ», ҳамчун шакли махсуси хизматрасонӣ ба манфиатҳои хоҷагии кишоварзӣ хеле ва яку якбора афзуд. Вазифаи дар назди сектори КАС ва корхонаҳои сохтории он гузошташуда оид ба табдил додани «хизматрасонии техникӣ» ноил гаштан ба худтаъминкунии кишвар бо озуқа осон намуда, шуғлнокии аҳолӣ, махсусан ҷавонони деҳотро бо ҷойи кор таъмин мекунад. Чунки аз ҷиҳати ҷамъоварӣ, борпечӣ, тармим ва азнавкунӣ, баркашидан, коғазпеч кардан ва расонидани маҳсулоти кишоварзон ба масофаҳои дилхоҳ, дар ҳар фасли соле раванди «хизматрасонии техникӣ» ба худ ҳамто надорад. Имрӯз он, на танҳо яке аз самтҳои фаъолият пойгоҳи моддӣ-техникии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, балки маркази ҷорӣ намудани технологияҳои нав, пешқадам, захира сарфакунанда мегардад.

Имрӯз барои ҳалли масъалаҳои ноил гаштан ба қадри кофии озуқаворӣ тавассути инкишофи устувори иқтисодиёти деҳот боз лоиҳаю нақшаҳои гуногуни рушди минтақаҳои кӯҳии деҳот, рушди хоҷагиҳое, ки истифодаи заминро ба таври гармхона, «механизатсияи хурд», шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, саноатӣ дар деҳот бо дарназардошти тахассуси минтақаҳои кӯҳистон ва ғ пешниҳод шуда истодаанд. Ба масъалаҳои истифодабарии табиат, экология ва мониторинги муҳити зист, лоиҳаҳои илман асосноккунӣ ё барқароркунии дар асоси сохтмони НБО хурду миёна, сехҳои коркарди маҳсулот, зерҷузъҳои истеҳсолот, шуъбаҳои корхонаҳо, ширкатҳо, лоиҳаҳои гуногунҳаҷм, бизнеснақшаҳо ва ғ. мақоми махсусро дороянд, ки инро ғайр аз шакли нави хизматрасонӣ ва ҷорӣ намудани технологияву методҳои нави хоҷагидорӣ дар сохтори нави иқтисодиёти деҳот дигар чиз номидан мумкин нест.

Манфиатҳои соҳа ва тамоми комплекси хоҷагидории ҷумҳурӣ воқеан талаб мекарданд, ки ин лоиҳаро ба манфиатҳои соҳа ҷавобгӯ ва аз ҷониби мутахассисон илман асоснок карда шуда бошанд. Вобаста ба ин, гуфтаҳои академик Б. Патон ҷоизи дастгирианд, ки навишта буд: «Зарур аст, ки ҳар як лоиҳаи бузург аз ҷониби олимон, мутахассисони баландихтисоси соҳибтаҷриба батафсил таҳлил гардад. На ин ки фақат ҳафт бор, балки зарбулзарб, ҳафт маротиба ҳар як ҷузъ бояд аз таҳлил гузашта ва фақат ҳамон вақт бояд қарори ҷиддӣ қабул карда шавад» [7,с.28]. Дар ғояву барномаҳои нави инкишофи самту соҳаҳои КАС, масъалаҳои хизматгузории техникӣ, истифодаи технологияҳои нав дар КАС, махсусан дар соҳаи зироаткории минтақаҳои кӯҳистон қариб, ки дида намешаванд.

Алоқамандона ба ин, бояд фикри академик Н.С. Емиколоновро алоҳида қайд намоем, ки гуфта буд: «Мо миллиардҳо сӯмро барои азнавсозии корхонаҳои кухна, баъзан аз давраи баъди ҷанг боқимонда сарф мекунем. Чаро? Охир умри миёнаи технология танҳо 7-10 сол аст. Баъди он бар ивазаш технологияи боз ҳам самараноктар ва камзарар пайдо мешавад» [7,с.29].

Дар доираи масъалаҳои дар ин нақша овардашуда оид ба нақши пойгоҳи техникӣ дар хизматрасонӣ ба соҳаи хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС муҳим аст, ки мувофиқати ҳалли масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои замин – бо маҳсулоти озуқаворӣ ба миқдори кофӣ ва дар ҳама фаслҳои сол таъмин намудани аҳолӣ, ки аз вазифаҳои умумимиллии соҳаи хоҷагии қишлоқ бармеоянд, нигоҳ дошта шавад. Ин тарзи санҷидашуда бояд стратегияи инкишофи маҳаллҳои деҳоти минтақаҳои кӯҳистон ва тамоми комплекси агросаноатӣ гардад. Ҳамин тавр, дар Ҳолланд як фермер зиёда аз 273 нафарро бо озуқаворӣ таъмин мекунад, ҳол он ки дар соҳаи хоҷагии қишлоқ 2,3-3% аҳолии мамлакат машғул аст, дар мо бошад (-74%). Дар ин ҷо интихоби модели миллии

рушди КАС-и мамлакат ва тамоми соҳаҳои он бо дарназардошти хусусиятҳои кишвар хеле муҳим мебошад.

Дар робита ба ин, як қатор саволҳое пайдо мешаванд, ки ба онҳо дер ё зуд бояд ҷавоб гардонда шавад, ки ин саволҳо чунинанд: Хоҷагии қишлоқ дар асри XX чӣ гуна ташкил ёфта буд ва чӣ гуна сохтор дошт? Оё сектори аграрӣ нодуруст ташкил шуда буд, яъне ҳадафаш танҳо истеҳсоли маҳсулот буд? Дар ин ҷо мумкин аст, камбудиҳои худи илми хоҷагии қишлоқ вуҷуд доштанд, ки ба соҳа тавсияҳои дуруст намедод. Ба ин саволҳои душворҷавоб, ки аҳаммияти назариявӣ ва методологӣ-амалӣ доранд, бояд ҷавоб дод. Аз ин рӯ, на танҳо мазмуну моҳияти соҳаи хоҷагии қишлоқи муосири гуногуншаклу гуногунвазифа, балки тамоми КАС ба саволҳои мавҷуда ҷавоб гирифтан мехоҳад. Аз ҷумла, ба саволҳо оид ба ҷузъи алоҳидаи КАС хизматрасонии ҷудо кардани «хизматрасонии техникӣ» низ ҷавоб талаб мекунад. Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба саволҳои зикргардида тафсирҳои гуногуни олимонро вохӯрдан мумкин аст, ки дар бораи аҳаммияти махсус доштани хизматрасонии техникӣ дар шароити бозор ҳамчун натиҷаи раванди тақсимоти меҳнат шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи миллӣ ва шаклҳои гуногуни муносибатҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд омадаанд.

Бояд эътироф намуд, ки яке аз самтҳои асосии рушди минбаъдаи сектори аграрӣ, ин тезонидани ҳамаҷонибаи пешрафти илмӣ-техникӣ мебошад, ки якбора афзудани суръати афзоиши иқтисодиро таъмин мекунад. Ҳамчун фишанги асосии сердаромад кардани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ баромад карда, он ба сифати катализатори равандҳои беш аз пеш босуръат инкишофёбандаи тақсимоти меҳнат ва якҷояшавии агросаноатӣ намоён мегардад.

Аслан, зери таъсири он равандҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар соҳаи хоҷагии қишлоқ шиддатноктар шудаанд ва пойгоҳи техникӣ ҳамчун соҳаи мустақили инфрасохтори КАС ташаккул ёфта, ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ беш аз пеш таъсиррасон шуд. Раванди тақсимшавии имкониятҳои пойгоҳи техникӣ ва ба соҳаи алоҳидаи инфрасохтори КАС ҷудо шудани он тасодуфӣ нест. Он натиҷаҳои мантиқии қонунияти умумии инкишофи истеҳсолоти моддӣ ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад, ки ба гуфтаи К. Маркс, дар зинаи муайяни инкишофи худ «…зироаткорӣ дар ботини худ шароити истеҳсоли худро дар шакли табиӣ дарёфт намекунад ва ин шароит ба сифати соҳаи мустақили истеҳсолот берун аз соҳаи зироаткорӣ вуҷуд доранд» [8,с.19].

Дар корҳои илмии [5] олимон ба қадри кофӣ амиқ ва пайдарпай асоснок карда шудааст, ки аз соҳаи хоҷагии қишлоқ ҷудо шудани соҳаҳои инфрасохтори истеҳсолот ва дар навбати аввал пойгоҳи имконоти техникии захираҳо асосан натиҷаи тақсимоти ягонаи меҳнат буда, танҳо аз рӯйи намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ натиҷаи тақсимоти ҷузъӣ мебошад.

Дарки дурусти моҳияти имконоти техникӣ ва муайян кардани ҷойи соҳаи мазкур дар сохтори ташкилии КАС аз бисёр ҷиҳат, аз дақиқ муайян кардани ҳудудҳои худи комплекс вобаста аст. Ин қоида ҳангоми таърифи худи мафҳуми «комплекси агросаноатӣ» ба сохтори функсионалӣ ва ташкилии он мутаносиб мебошад.

Имкониятҳои техникӣ муносибатҳои мутақобиларо бо ҳамаи молистеҳсолкунандагон пешакӣ муайян намуда, чи дар соҳаи истифодабарӣ ва чи дар соҳаи хизматрасонии итехникӣ ҷузъи КАС мебошад. Хизматрасонии бевосита ба истеҳсолоти агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ ба хизматрасониҳои технологӣ дохил мешавад. Вобаста бо ин, дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани техникаи хоҷагии қишлоқ яке аз ҷиҳатҳои асосии истифодаи самараноки он мебошад, ки мазмуни асосии хизматрасонии техникиро қаблан муайян намуда, яке аз вазифаҳои истеҳсолоти агросаноатӣ ба шумор меравад.

Занҷираи тартиби амудии истифодаи техника дар истеҳсолот, хизматрасонӣ ва истифодабарии даври пурраи ҳаракати онро нишон намедиҳад, ҳарчанд, ки бешубҳа ҷузъи асосӣ ба ҳисоб меравад. Даври пурра тавассути робитаи баръакси байни доираи истифодаи техникӣ (истеҳсолоти агросаноатӣ) таъмин мегардад.

Вақте сухан дар бораи давр (сикл) меравад, пеш аз ҳама, моҳияти моддӣ-ашёии он дар назар дошта мешавад, ҳарчанд маълум аст, ки моҳияти мазкур берун аз шакли молӣ-пулӣ амалӣ шуда наметавонад.

Даврҳои (сиклҳо) ҳаракат бо суръати гуногун ва дар реҷаҳои гуногун амалӣ мешавад. Як даври пурраи ҳаракати техникаи кишоварзиро баррасӣ намуда, аз соҳаи якуми КАС, яъне аз соҳаҳое, ки барои соҳаи хоҷагии қишлоқ воситаҳои истеҳсол мебароранд, оғоз мешавад. Техникаи истеҳсолгардида ба соҳаи хоҷагии қишлоқ ворид шуда, дар раванди истифодабарӣ куҳнаю фарсуда мегардад ва ба ҳолати вайронии техникӣ меояд.

Шакли арзишии ҳаракати техникаи кишоварзӣ бошад, ҳамчунин даври худро дорад, зимнан даврҳо аз рӯйи шаклу тарҳ ва аз рӯйи вақт бо шаклҳои моддӣ-ашёгӣ якхела буданашон ҳатмӣ нест. Равандҳои ҷисмонӣ ва пулӣ ҳаракати молию пулиро ташкил медиҳанд, ки дар он корхонаҳо на фақат ҳамчун «истеҳсолкунанда – истеъмолкунанда» ё «истеҳсолкунанда – миёнарав – истеъмолкунанда»-и техникаи хоҷагии қишлоқ, балки ҳамчун «фурӯшанда – харидор» «фурӯшанда – дилер – харидор» иштирок мекунанд.

Ҳар як намуди алоҳида, воҳиди мушаххас ва ҳатто ҷузъи таркибии техника аз рӯйи хатсайри фардии худ ҳаракати даврӣ мекунад, ки аз рӯйи вақт, шакл, самтҳо ва ғ. фарқ мекунанд.

Ҳамин тавр, нақша-модели овардашуда имкон медиҳад, ки ҳам ҳаракати тамоми низоми техникию технологӣ (воситаи ягонаи техникии истеҳсолот)-и истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва ҳам ҷузъу қисмҳои таркибии алоҳидаи он инъикоси худро ёбанд.

Яке аз аломатҳои асосӣ, хусусиятҳои муҳимми ҳар як давр (сикл) суръати ҳаракат мебошад, ки бо миқдори гардиш, муомилот ифода меёбад. Умуман, ҳар қадаре андозаи давр калон бошад, суръат ҳамон қадар суст мегардад ва баръакс, чи қадаре андозаи давр хурд бошад, муомилот (гардиш) ҳамон қадар зиёд мешавад. Таносубҳои андозавии даврҳо (сиклҳо) ба тартиби замимашавии онҳо ба якдигар вобаста аст. Ҳамин тариқ, ба даври хоҷагии халқ даври агросаноатӣ, ба даври агросаноатӣ даври тармимию техникӣ, ба он бошад даври дохилихоҷагӣ замима шуда, дохил мешаванд. Мувофиқ ба ин даври аз ҳама калонтарин даври хоҷагии халқ ва аз ҳама хурдтарин даври дохили хоҷагӣ мебошад.

Қисматҳои худии (хусусии) хизматрасонии техникӣ ва тармимро дар ҳайати худ ширкатҳои хеле калони мошинсозӣ – "Алфа Лавал", "Эверум" ва ғайра доранд, ки ин қисматҳо (гурӯҳҳо) бо пойгоҳҳои (корхонаҳои) кооперативӣ ва хусусӣ алоқаи зич доранд [2,с.20-22]. Техникаи бисёр ширкатҳои истеҳсолии хориҷӣ дар бозори Шветсия талабгори зиёд доранд ва ин ширкатҳо кӯшиш мекунанд, ки барои боз ҳам зиёд шудани талабот ба молашон шабакаҳои фирмавии устохонаҳо ташкил кунанд: дар тамоми ҳудуди мамлакат шумораи муайяни нуқтаҳои тармим ва хизматрасонӣ таъсис диҳанд, ки дар онҳо ҳама гуна шикасту рехти техникаи аз ҷониби ширкати истеҳсолкунанда, ки ин таҷҳизотро истеҳсол намудааст, зуд ва босифат бартараф карда шавад (мошинҳои хоҷагии қишҳлоқ).

Дар Шветсия ҳангоми ташкили хизматрасонӣ ба техникаи хоҷагии қишлоқ, таҷрибаи ба хоҷагиҳои фермерӣ иҷора додани биноҳои устохонаҳои тармимии марказҳои ҳисоби хоҷагидорӣ ва устохонаҳои тармими корхонаҳои дилерӣ ҷолиби диққат аст.

Фермер вобаста ба шакли тармим ё дараҷаи серкории худ, тармими техникаро дар шароити ферма дар устохона мустақилона гузаронад ё техникаро ба яке аз идораҳои дилерӣ барои тармим супорад. Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса баровард, ки мувофиқи маълумоти мавҷуда 43% аз ҳаҷми умумии корҳо дар фермаҳо иҷро мешаванд, 33% ба хизматрасонии фирмавӣ рост меояд, 24%-и корҳо бо ёрии дигар корхонаҳо анҷом дода мешаванд (асосан дилерӣ) [1,с.47-48].

Арзиши қисмҳои эҳтиётӣ, ки дар давоми сол истифода бурда мешаванд, нисбати нархи хариди мошинҳо ва таҷҳизот 1-5%-ро ташкил медиҳад, ки ин зарурати тармими техникаро собит мекунад.

Хароҷоте, ки барои хизматрасонӣ ҷудо карда мешавад, одатан ба масоҳати хоҷагӣ ва саршумори чорво мутаносиб мебошанд, барои тракторҳо бошад, ба миқдори соати истифодабарӣ ё иқтидор мутаносиб аст. Ба кадом мошинҳо хизматрасонии техникӣ ва истифодабарии нисбатан ҷиддӣ аз ҳама самараноктар аст ва дар куҷо техникаро ба таври қобили қабул мукаммал бояд кард, ҳамин бузургӣ нишон медиҳад. Ба қисмҳои эҳтиётӣ

дар давоми тамоми муҳлати истифодабарии техника тақрибан 60%-и арзиши тракторҳои нав ва мошинҳои худгард сарф карда мешавад.

Хизматрасонӣ, аз назаргузаронии техника ва тармим - ҳамаи ин дар мамолики Аврупо ба намудҳои хизматрасонии техникӣ дохил карда мешаванд. Дар ин мамолик фермер амалан, мустақилона намуди якумро, ки аз тозакунӣ, равғанмолӣ (ивази равған), нигоҳдорӣ, танзими қисмҳои корӣ, баъзан иваз намудани қисмҳои филтр, асбобҳои (қисмҳои) афрӯзиш иборат аст, иҷро мекунад. Дар фермаҳои оилавӣ азназаргузаронӣ ва тармимро танҳо кормандони ихтисоснок дар сурати доштани таҷҳизоти одии технологӣ ба иҷро мерасонанд. Аксаран амалиёти мазкурро дар шароити устохонаи тармимӣ анҷом медиҳанд. Кормандони пудратӣ, ки дорои техникаи шахсӣ мебошанд, худашон азназаргузаронӣ ва тармими онро анҷом медиҳанд, аммо дар ҳолатҳое, ки тармими мураккабу меҳнатталаби махсус лозим шавад, онҳо таҷҳизоти тармимкунанда месозад [1,с.47]. Хизматрасонии техникӣ, тармим ва таҳвили қисмҳои эҳтиётӣ дар чунин мамлакатҳо, ба монанди ИМА ва Канада низ амалӣ карда мешавад.

Раванди такмил додани сервиси техникӣ дар ИМА ва дигар мамлакатҳо ҳам аз рӯйи шакли ташкил, таъминоти моддӣ-техникӣ ва ҳам аз ҷиҳати саривақт иҷро кардани дархостҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҳам манфиатдории ҷонибҳо ба инобат гирифта мешавад.

Дархостҳои истеъмолкунандагон дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда доимо тағйир меёбанд, ки ин аз ҷониби ширкатҳои истеҳсолкунанда дарҳол ба назар гирифта мешавад ва барои онҳо дархост – ин асоси навкунии техника, мутобиқат кардани он ба тармим ва хизматрасонии техникӣ мебошад. Дар давоми тамоми муҳлати истифодаи техника ширкатҳои истеҳсолкунандаи он кӯшиш мекунанд, то мошин аз мадди назарашон дур наравад, ба воситаи таъмини моддӣ-техникӣ онро дар ҳолати корӣ нигоҳ медоранд, то ин ки фермеронро барои харидани боз ҳамин гуна мошин ҳавасманд гардонанд. Ҳангоми харидани ин ё он тамғаи мошин харидор ба бузургии хароҷот барои қисмҳои эҳтиётӣ, хизматрасонии техникӣ ва тармими техника нигоҳ мекунад ва ширкатҳо кӯшиш мекунанд, ки ин талаботи муштариёнро саривақт ба ҳисоб гиранд.

Хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки ҳолати начандон мустаҳками молиявиро доранд, шароит доимо ҳайат, сохтор ва миқдори парки трактору мошинҳои худро аз нав барқарор (харид) намуданро доро нестанд. Дар чунин ҳолат амалӣ гаштани нигоҳубини техникӣ, омода будани онҳо, барои иҷрои равандҳои истеҳсолӣ, хусусан дар мавсимҳои хеле ҳассос- кишт, нигоҳубин ва хусусан ҷамъоварии ҳосилро таъмин намудан ҳатмист.

Аммо, ҳолатҳои садамавӣ, ки таъмири оҷилӣ, ё нигоҳубини техникиро мувофиқи системаи нақшавӣ амалӣ мекунад, бо қувваи худи хоҷагӣ амалӣ гаштанаш душвор мебошад. Дар ин сурат техника аз кор мемонад ва таъмирталаб мешавад, ки ин натиҷаи номатлуб ба талафи ҳосил таъсири бевосита мерасонад.

Барои пешгирӣ намудани қазияи мазкур моделеро пешниҳод намудем, ки амалӣ гаштани он то андозае ҳал намуда метавонад ва бояд чунин механизми таъмини техникӣ-молӣ кор карда шавад, ки ба молистеҳсолкунандагон ёрии бевоситаро оид ба коҳиш додани фалокатҳои ғайричашмдошт ба техника таъсир расонад, ки дар натиҷа истеҳсоли маҳсулот, зироатҳои кишоварзӣ афзоиш ёбанд [3,с.87-88].

Яъне, барои таъмини коршоямии техникаи истифодашаванда хоҷагӣ бояд махсус ҷузъи хизматрасоние, ки онро амалӣ намуда метавонад, доро бошад. Вале чуноне ки мо дар боло қайд намудем, на ҳамаи хоҷагиҳо чунин ҷузъи хизматрасониро дороянд, балки техникаи шахсии худро доро нестанд. Барои расонидани кумак ва нигоҳ доштани даромаднокии хоҷагӣ, рақобатпазирии маҳсулоти онҳо дар бозор, бояд чораҳои фаврӣ ва амалишавандаро андешидан зарур аст.

Барои амалӣ гаштани ҳолати ҳозира, масъалаи ҳалталабро ташкилот, сохтор ва самтҳои фаъолияти онро, ки амалӣ намуда метавонад, модели зеринро дар шакли нақша пешниҳод менамоем.

Модел. Ташкили хизматрасонии техникӣ барои нигоҳ доштани ҳолати мошинолотҳои истеҳсолии заминистифодабарандагон;

Воситаҳои техникии барқарор шудаи омодаи кор.

**Нақшаи 1. Модел. Хизматрасонии техникӣ барои молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ**
**Scheme 1. Model. Technical services for agricultural producers**



Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шуд.

Дар нақшаи 1 модели қисматҳои амалӣ гаштани хизматрасонии техникӣ, таъмир, нигоҳубин, иҷораи онҳо оварда шудаанд. Дар ҷумҳурӣ, хусусан дар минтақаҳои кӯҳии он чунин ташкилоти мукаммале вуҷуд надорад, то равандҳои таъмир, нигоҳубини техникӣ, таъмини коршоямии воситаҳои асосӣ, мошинолотҳои кишоварзӣ ва таҷҳизотҳои лозима, молистеҳсолкуннадагон, ки ба таври нақшавӣ ё фаврӣ ин амалиётро бо сифати баланд ва нархҳои дастрас амалӣ менамоянд, вуҷуд надоранд. Ва чуноне ки мо дар боло қайд намуда будем, қазияи мушкили соҳаи техникаи кишоварзӣ, хусусан дар ҳоҷагиҳои деҳқонӣ, ки трактор, комбайн ва мошинолотҳои начандон зиёд доранд, вуҷуд дорад, ки таъсири он ҳам ба маҳсулнокии зироат, ҳам сифати он ва хусусан ба арзиши аслӣ ва ниҳоии нархи он таъсири манфӣ мерасонад. Дар давраи шуравӣ чунин ташкилотҳои хизматрасонии техникии бо номи «Селхозтехника» вуҷуд дошта, равандҳои таъмини коршоямӣ, таъмир, нигоҳубини техникиро дар муҳлати муайян ва босифати баланд иҷро менамуданд, ки дар натиҷа деҳқон оид ба ин масъала мушкилие надошт. Қисман ҳам бошад барои ҳалли он мо пешниҳоде намудем (расми 1) (ташкилоти мушахас), ки онро ба уҳда мегирад ва кумаки амалии худро мерасонад.

Дар ҳамаи ҳолатҳо самараи дилхоҳ дастраси деҳқон ва хизматрасон ба даст меояд. Тарафи бештари мусбии пешниҳоди мазкур равандҳои технологии ба иҷораи техника саривақт, босифати баланд амалӣ мегардад, ки ба ҳосили зироат бевосита таъсир мерасонад, талафотро аз байн мебардорад, муҳлати истифодаи техника афзоиш ёфта, садамаҳои ногузир аз байн мераванд. Яъне, системаи нақшавии нигоҳубини техника ва таъмири он, ҳамчун амали истифодаи оқилонаи заминро таъмин ва амалӣ мекунад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки дар марҳилаи ҳозира ба бозори техникаи Тоҷикистон ворид кардани мошину тракторҳои истеҳсоли хориҷиро ба шумораи маҳдуд ҳолату ҳодисаи мусбат арзёбӣ кардан нашояд, зеро дар ҷумҳурии мо соҳаи мувофиқу лозимаи комплекси агросаноатие, ки қудрати таъмин ва ташкили хизматрасонии техникаи хоҷагии қишлоқи корхонаҳои ин системаро дошта бошад, ҳоло ташкил ва таъсис наёфтааст. Ҳангоми таъсиси чунин пойгоҳ воридоти техникаи хориҷиро ба кишвар қисман кам кардан мумкин аст, то ин ки аз ин кишварҳо қисман ё пурра вобаста буданро аз байн барем.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Гулов Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Ахохов М. Формирование рынка агротехсервиса услуг / М. Ахохов // Экономика сельского хозяйства России. – 1997. -№8. -С.47-48.
2. Беспахотный Г.В. Государственное регулирование агропромышленного производства / Г.В. Беспахотный // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 1997. -№12. -С.20-22.
3. Белайц Д. Совершенствование механизма сервисного обслуживания сельскохозяйственной техники / Д. Белайц. – 2018.

4. Вазиров, А.К. Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К. Вазиров, Ф.А. Вазиров, Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№2. -С.153-158.
5. Гафуров Х. Модель круглогодичного сельскохозяйственного производства районного типа / Х. Гафуров // Материалы Республиканской научно-практической конференции в двух частях. -Душанбе, 2007. -С.237.
6. Журнал АПК. Экономика, управление. - 2018. -№2. -С.87-88.
7. Кондаков Н.И. Логический словарь-справочник / Н.И. Кондаков. -2-ое изд., испр. и доп. -М.: Наука, 1975. -С.19.
8. Кулешов В.В. Ресурсы: экономия и бережливость / В.В. Кулешов. -Новосибирск: Наука, Сиб. отд-е, 1990. -С.29.
9. Рекомендации по организации дилерского обслуживания техники в сельском хозяйстве. Республиканская корпорация «Мадад». -Душанбе, 2000. -56 с.
10. Сабзаева М.С. Проблемы формирования дехканских (фермерских) хозяйств в новых условиях / М.С. Сабзаева. –Душанбе: ООО «Экспресс», 2001. -40 с.
11. Сабзаева М.С. Современные проблемы формирования и развития дехканских (фермерских) хозяйств в рыночных условиях: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.С. Сабзаева. -Душанбе, 2004.
12. Супатаева Г.Т. Экономические взаимоотношения сельскохозяйственных предприятий с системой материально-технического снабжения: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Г.Т. Супатаева. –М., 1991. -19 с.
13. Файзуллаева К.Н. О роли горных территорий в решении вопросов продовольственной безопасности республики / К.Н. Файзуллаева // Материалы республиканской научно-практической конференции «Продовольственная безопасность Республики Таджикистан». -Душанбе, 2005. -С.221-224.
14. Фасехзода И.С. Экологический менеджмент и проблемы управления сельскохозяйственного производства / Фасехзода И.С. // Вестник Таджикского национального университета. В серии социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2007. -№6. -С.117-122.
15. Черепанов С.С. Концепция формирования ремонтно-обслуживающей базы АПК в новых условиях / Черепанов С.С. // Техника в сельском хозяйстве. 1990, № 6 - с. 2-4.
16. Черноиванов В.И. Перспективы развития технического сервиса в АПК / В.И. Черноиванов // Тракторы и сельхозмашины. – 1997. -№1. –С.7-10.

## САҲМИ ПОЙГОҲИ МОДДӢ-ТЕХНИКӢ ДАР РАВАНДИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАИ ЗАМИНИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲӢ

Дар доираи ҳалли мушкилиҳои мавҷуда дар пойгоҳи техникӣ, дар хизматрасонӣ ба соҳаи хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС нигоҳдории тавъамии ҳалли масъалаҳое, ки аз вазифаҳои умумимиллии соҳаи хоҷагии қишлоқ, истифодаи оқилонаи захираҳои замин, бо маҳсулоти озуқаворӣ дар ҳама фасли сол ба миқдори зарурӣ таъмин кардани аҳолӣ бармеоянд, хеле муҳим аст. Моделе пешниҳод карда шудааст, ки бояд стратегияи асосии рушди минтақаҳои деҳоти кӯҳистон ва тамоми КАС гардад. Дар ин модел ба таври возеҳ самтҳо ва таснифоти талафоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ нишон дода шуда, чорабиниҳои ташкилӣ-иқтисодӣ барои ҳалли мувофиқи ин камбудиҳо муайян гардидаанд, ки ба рушди хоҷагии қишлоқ ва пойгоҳи техникии он ҳамчун омили истифодаи комплексии захираҳои табиии замин имкон медиҳад. Метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки дар марҳилаи ҳозира ба бозори техникаи Тоҷикистон ворид кардани мошину тракторҳои истеҳсоли хориҷиро ба шумораи маҳдуд ҳолату ҳодисаи мусбат арзёбӣ кардан нашояд, зеро дар ҷумҳурии мо соҳаи мувофиқу лозимаи комплекси агросаноатие, ки қудрати таъмин ва ташкили хизматрасонии техникаи хоҷагии қишлоқи корхонаҳои ин системаро дошта бошад, ҳоло ташкил ва таъсис наёфтааст. Ҳангоми таъсиси чунин пойгоҳ воридоти техникаи хориҷиро ба кишвар қисман кам кардан мумкин аст, то ин ки аз ин кишварҳо қисман ё пурра вобаста буданро аз байн барем.

**Калидвожаҳо:** кишоварзӣ, самара, замин, минтақаи кӯҳӣ, хоҷагидорӣ, хизматрасонӣ, захира, техника, озуқа, маҳсулот, нақша.

## ВКЛАД МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОЙ БАЗЫ В ПРОЦЕССЫ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬ ГОРНЫХ РАЙОНОВ

В рамках решения существующих проблем в технической базе обслуживания агропромышленного комплекса и других направлениях КАС, комплексном обеспечении решения национальных задач агропромышленного комплекса, рациональном использовании земельных ресурсов, снабжении продовольствием и продуктами в необходимом количестве во все сезоны года очень важна предложенная модель, которая должна стать основной стратегии развития сельских горных территорий и всего КАН. В этой модели четко показаны направления и классификация потерь сельскохозяйственной продукции, а также определены организационно-экономические меры по соответствующему решению этих недостатков, что позволяет развивать сельское хозяйство и его техническую базу как фактор комплексного использования природных ресурсов. земли. Можно сделать вывод, что на современном этапе внедрение машин и тракторов зарубежного производства в технический рынок Таджикистана нельзя считать положительной ситуацией и событием, поскольку в нашей республике имеется подходящая и необходимая сфера агропромышленного комплекса - комплекс, который имеет право обеспечивать и организовывать сервисное обслуживание сельскохозяйственной техники предприятий данного типа.Чтобы иметь систему, он еще не организован и не создан. При создании такой базы можно частично

сократить импорт иностранного оборудования в страну, чтобы устранить частичную или полную зависимость от этих стран.

**Ключевые слова:** аграрный, эффективность, земля, горная зона, хозяйствование, сервис, резерв, техника, продукт, план.

**THE ROLE OF THE MATERIAL AND TECHNICAL BASE IN THE PROCESS OF EFFECTIVE LAND USE IN MOUNTAINOUS AREAS**

As part of solving existing problems in the technical base for servicing the agro-industrial complex and other areas of CAS, comprehensive support for solving national problems of the agro-industrial complex, rational use of land resources, food supply in the required quantities in all seasons of the year, it is very important for population growth. a model has been proposed that should become the main strategy for the development of rural areas in the mountains and the entire CAS. This model clearly shows the directions and classification of losses of agricultural products, and also identifies organizational and economic measures to appropriately address these shortcomings, which allows the development of agriculture and its technical base as a factor in the integrated use of natural land resources. It can be concluded that at the present stage, the introduction of foreign-made machines and tractors into the technical market of Tajikistan cannot be considered a positive situation and event, since our republic has a suitable and necessary sphere of the agro-industrial complex. a complex that has the right to provide and organize servicing of agricultural machinery of enterprises of this type. In order to have a system, it has not yet been organized and created. By creating such a base, the import of foreign equipment into the country can be partially reduced in order to eliminate partial or complete dependence on these countries.

**Keywords:** agricultural, efficiency, land, mountain zone, management, service, reserve, equipment, product, plan.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ*** **-** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи замин ва кадастрӣ. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **(+992) 101-11-19-89**. E-mail: **jovid.saidmurodov@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Саидмурадзод Джовид Джаббори*** – Таджикский аграрный университет им. Шириншо Шотемур, кандидат экономических наук, доцент кафедры землеустройства и кадастра. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 146. Телефон: **(+992) 101-11-19-89**. E-mail: **jovid.saidmurodov@gmail.com**

**Information about the author:** ***Saidmuradzod Jovid Jabbori*** – Tajik Agrarian University. Shirinsho Shotemur, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Land Management and Cadastre. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 146. Phone: **(+992) 101-11-19-89.** E-mail: **jovid.saidmurodov@gmail.com**

ТДУ: 336.64(575.3)

# ТАҲЛИЛИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Соҳибназаров Ғ.Х.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ шарти асосии мавҷудияти иқтисоди бозории рушдёфта ба ҳиссоб меравад. Аз ин рӯ мамлакатҳое, ки дар асоси низоми иқтисоди бозорӣ пеш мераванд, дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкориро дар меҳвари сиёсати иқтисодии худ қарор додаанд. Бо дастгирии соҳибкорӣ давлат имкон пайдо мекунад мушкилоти умумии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагиро ҳал намояд [12,с.18]. Аз тарафи дигар, бо рушди босамари фаъолияти соҳибкорӣ воридшавии андозҳо ба буҷет низ афзоиш ёфта, ба ғанишавии буҷети кишвар мусоидат мекунад.

Рушди босамари соҳибкорӣ дар дилхоҳ мамлакат аз ташкили шароит ва мавҷудияти захираҳои зарурӣ вобаста аст. Яке аз фишангҳои пурқудрат ва захираи муҳимми ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, ин дастрас будани захираҳои молиявӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ мебошад. Имрӯз аксари субъектҳои соҳибкорӣ бо сабаби маҳдуд будани воситаҳои худии пулӣ бештар вақт эҳтиёҷманди кумаки молиявии беруна мебошанд. Ҳар як субъекти соҳибкорӣ аз роҳҳои гуногуни бадастории воситаҳои зарурии молиявӣ истифода намуда, талаботи худро то андозае қонеъ мегардонад [2,с.48]. Субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои молиявиро аз ҳисоби субсидияҳо, сармоягузориҳои буҷетӣ, кафолатҳои давлатӣ, аз рӯйи ӯҳдадориҳо, грантҳо ва монанди инҳо гирифта метавонанд [3,с.52]. Масалан, ҳамасола бо мақсади рушди соҳибкории занон Грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба занони соҳибкор пешниҳод мешавад, ки дар маҷмуъ ба рушди босамари соҳибкорӣ мусоидат намуда, ҳавасмандии занонро ба фаъолияти инфиродӣ ва ташкилу пешбурди истеҳсоли молу хизматҳо зиёд мегардонад (ниг. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти соҳибкории занон дар солҳои 2014-2023**
**Table 1. Grants of the President of the Republic of Tajikistan for women's entrepreneurship in 2014-2023**

(ҳаз.сомонӣ)

| Солҳо | Нақшаи тасдиқшуда | Иҷроиш | Иҷроиш бо % |
|---|---|---|---|
| 2014 | 2000 | 2000 | 100,0 |
| 2015 | 2000 | 2000 | 100,0 |
| 2016 | 2000 | 2000 | 100,0 |
| 2017 | 2000 | 2000 | 100,0 |
| 2018 | 2000 | 2000 | 100,0 |
| 2019 | 2000 | 2000 | 100,0 |
| 2020 | 2000 | 2000 | 100,0 |
| 2021 | 2000 | 2000 | 100,0 |
| 2022 | 2500 | 2500 | 100,0 |
| 2023 | 2500 | 2500 | 100,0 |
| **Ҳамагӣ** | **21000** | **21000** | **100,0** |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Аз маълумотҳои оморӣ бар меояд, ки тайи 10 соли охир танҳо барои рушди фаъолияти соҳибкории занон аз ҳисоби Грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 млн. сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Аз соли 2022 ҳаҷми маблағҳои Грант ба андозаи 500 ҳаз. сомонӣ зиёд карда шуд, ки ин дастрасии занони соҳибкорро ба захираҳои молиявӣ осон намуда, ба рушди минбаъдаи фаъолияти онҳо мусоидат мекунад.

Ба ғайр аз ин, ба занону бонувони соҳибкор танҳо дар соли 2023 ба маблағи 4,8 млрд. сомонӣ қарз дода шудааст, ки назар ба соли 2022, 30% зиёд мебошад [7].

Бо мақсади рушди соҳибкории хурду миёна ва таъмини соҳибкорон бо захираҳои молиявӣ ва қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2013 таҳти №34 Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд. Ба Фонд маблағҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ҷудо шуда, минбаъд бо фоизи паст ба самтҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ равона шуданд. Имтиёзи бештар барои дастрас намудани маблағҳо ба соҳибкороне дода шуд, ки ба истеҳсоли молҳои саноатии воридотивазкунанда машғул ҳастанд ва ё фаъолияташон ба содироти молу хизматҳо нигаронида шудааст [2,с.132].

Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» аз соли 2013 то 2020 фаъолият намуда, ба он аз ҳисоби буҷети мамлакат дар маҷмуъ 573 млн. сомонӣ ҷудо карда шуд. Фонд дар тамоми давраи фаъолияти худ ба субъектҳои соҳибкории зиёда аз 50 шаҳру ноҳияҳои кишвар қарзҳои имкиёзноки дарозмуддат дастрас намуда, дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ саҳми назаррас гузошт (ниг. ҷадвли 2).

**Ҷадвали 2. Маблағгузории Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар солҳои 2013-2020**
**Table 2. Funding of the State Institution "Business Support Fund under the Government of the Republic of Tajikistan" in 2013-2020**

(ҳаз. сомонӣ)

| **Солҳо** | **Нақшаи тасдиқшуда** | **Иҷроиш** | **Бақия** | **Иҷроиш бо %** |
|---|---|---|---|---|
| 2013 | 33000 | 33000 | 0 | 100,0 |
| 2014 | 30000 | 30000 | 0 | 100,0 |
| 2015 | 70000 | 70000 | 0 | 100,0 |
| 2016 | 120000 | 0 | -120000 | 0 |
| 2017 | 70000 | 70000 | 0 | 100,0 |
| 2018 | 70000 | 5600 | 64400 | 8,0 |
| 2019 | 90000 | 4275 | -85725 | 4,8 |
| 2020 | 90000 | 0 | -90000 | 0,0 |
| **Ҳамагӣ** | **573000** | **212875** | **-360125** | **37,2** |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тибқи маълумотҳои МД «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳарчанд дар тули солҳои 2013-2020 ҷиҳати таъмини субъектҳои соҳибкорӣ бо қарзҳои имтиёзнок ба «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» аз ҷониби буҷети ҷумҳурӣ 573 млн. сомонӣ ҷудо шуда бошад ҳам, танҳо 212 млн. сомонӣ ё худ 37,2%-и онҳо истифода шудаанд. Аз ҳаҷми умумии маблағҳои ҷудогардида зиёда аз 360 млн. сомонӣ бо сабабҳои гуногун дастраси соҳибкорон нагардиданд. Яке аз сабабҳои асосии дастрас нашудани маблағҳо ба соҳибкорон дар солҳои охир талаби бизнес-нақша аз ҷониби Фонд ба ҳисоб меравад, ки аксари субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи он малакаи лозимӣ надоранд.

Аз ҷониби соҳибкорон пешниҳод нашудани бизнес-нақшаҳо бо сифати зарурӣ ва ғайримақсаднок истифода шудани қисме аз маблағҳои ба субъектҳои соҳибкорӣ додашуда боиси сахттар гардидани шартҳои пешниҳоди қарзҳо ва ҳамин тавр, истифода нашудани зиёда аз 360 млн. сомони маблағҳои Фонд гардид. Дар натиҷа соли 2020 Фонди мазкур барҳам дода шуда, дар заминаи он КВД «Саноатсотиротбонк» таъсис дода шуд.

Қобили қайд аст, ки дар кишвар ҷиҳати рушди фъолияти соҳибкорӣ ва таъмини он бо захираҳои зарурии молиявӣ аз шарикони рушд низ маблағҳои муайян ҷалб гардида, дар ихтиёри бонкҳои тиҷоратӣ гузошта шудааст. Ин маблағҳо минбаъд аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун қарзҳои имтиёзнок бо фоизи паст ба соҳибкороне, ки дар самтҳои афзалиятнок ба истеҳсоли молу хизматҳо машғуланд пешниҳод карда мешавад (ниг. ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми маблағҳое, ки бо мақсади додани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон аз шарикони рушд ҷалб гардидаанд ва дар ихтиёри бонкҳои тиҷоратӣ мебошанд**
**Table 3. The amount of funds that have been attracted from development partners for the purpose of providing preferential loans to entrepreneurs and are at the disposal of commercial banks**

(ҳаз. сомонӣ)

| Номгӯй | Солҳо | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| | 2020 | 2022 | |
| БДА «Амонатбонк» | | 50 000 | 50 000 |
| КВД «Саноатсодиротбонк» | 180 000 | 50 000 | 230 000 |
| **Ҳамагӣ** | **180 000** | **100 000** | **280 000** |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Тавре маълум мегардад, давоми солҳои 2020-2022 ҷиҳати дастгирии буҷети давлатӣ бо мақсади маблағгузорӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шарикони рушд 280 млн. сомонӣ ҷудо карда шудааст. Ин маблағҳо дар ихтиёри бонкҳои тиҷоратии «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк» гузошта шуда, ба субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун қарзи имтиёзнок пешниҳод карда мешаванд. Аз ҳаҷми умумии маблағҳои ҷалбшуда 50 млн. сомонӣ дар ихтиёри БДА «Амонатбонк» ва 230 млн. сомонӣ дар ихтиёри КВД «Саноатсодиротбонк» гузошта шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосӣ ва нисбатан аҳаммиятноки маблағгузорӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Маҳз маблағгузории қарзӣ воситаи муҳимтарини таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ ва устувор намудани иқтидори содиротӣ дар кишвар маҳсуб меёбад [6,с.24]. Аммо идома ёфтани буҳрони геосиёсӣ-иқтисодӣ ва ноустувории молиявӣ дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон, бахусус дар кишварҳои шарикони асосии тиҷоратии ҷумҳурӣ, ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба низоми бонкӣ низ таъсири манфӣ расонид, ки ин боиси коста шудани имкониятҳои қарзбаргардонидани муштариён, афзоиши сатҳи қарзҳои барнагаштаи бонкҳо, иҷро нагардидани уҳдадориҳои баъзе аз бонкҳо дар назди амонатгузорон ва нисбатан суст шудани суръати афзоиши пешниҳоди қарзҳо гардид. Инчунин, авҷ гирифтани бемории КОВИД-19 дар солҳои 2019-2020 ва ноустувор гардидани ҳолати умумии макроиқтисодӣ сатҳи талабот ба қарзҳоро аз ҷониби соҳибкорон ва аҳолӣ низ коҳиш дод.

Вобаста ба ин, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади зиёд намудани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, дастгирии бахши хусусӣ ва вусъат додани фаъолияти соҳибкорӣ ба ташкилотҳои қарзӣ баҳри баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва афзун намудани ҳаҷми қарзҳо ба муштариёни боэътимод, аз ҷумла додани қарзҳои хурди дорои фоизи паст ба соҳибкорон аз рӯйи имкониятҳои мавҷуда чораҳои муйян андешида шуд. Амалӣ намудани як қатор чорабиниҳо ҷиҳати вусъат додани маблағгузории қарзӣ ва таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи саноат имкон дод, ки дар соли 2022-2023 ҳаҷми қарзҳои додашуда афзоиш ёбад.

Дар қаламрави ҷумҳурӣ танҳо дар соли 2023 аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ба иқтисодиёт дар маҷмуъ ба маблағи 18,5 млрд. сомонӣ қарз дода шуд. Ин нишондиҳанда назар ба ҳамин давраи соли гузашта 31,1% зиёд мебошад [7]. Танҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ бошад қарзҳои додашуда дар соли 2023 зиёда 9,5 млрд. сомониро ташкил медиҳанд (ниг. ҷадвали 4).

Аз маълумоти оморӣ дида мешавад, ки дар тули 5 соли охир ҳаҷми маблағгузории қарзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар маҷмуъ 22,9% афзоиш ёфтааст. Танҳо дар соли 2023 ҳаҷми қарзҳои додашуда ба соҳибкорон 9 миллиарду 526 миллион сомониро ташкил дода, назар ба соли 2022 21,7% ва ё 1,7 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда бештари онҳо ба соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат 2481,5 млн. сомонӣ ва самти истеъмолот 7357,9 млн. сомонӣ рост меояд. Бо суръати баланд афзоиш ёфтани қарзгирӣ дар самти истеҳсолоти саноатӣ, пеш аз ҳама, ба эълон гардидани саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ ва дар доираи он қабули барномаҳои мушаххас ҷиҳати рушди соҳаи саноат алоқаманд аст.

**Ҷадвали 4. Қарзҳои додашуда ба соҳибкорон дар маҷмуъ дар давоми солҳои 2019-2023 (млн.сомонӣ)**

**Table 4. Loans granted to entrepreneurs in total during the years 2019-2023 (million Somoni)**

| **Солҳо** | **2019** | **2022** | **2023** | **Фарқият бо %** |
|---|---|---|---|---|
| **Дар маҷмуъ** | **7748,1** | **7826,0** | **9526,2** | **122,9** |
| аз рӯйи соҳаҳо | | | | |
| Кишоварзӣ | 1040,4 | 2160,4 | 2467,6 | 237,1 |
| Саноат | 1189,0 | 1327,3 | 2481,5 | 208,7 |
| Сохтмон | 625,2 | 424,7 | 648,8 | 103,8 |
| Нақлиёт | 65,9 | 108,8 | 114,3 | 173,4 |
| Хӯроки ҷамъиятӣ | 30,1 | 24,5 | 22,2 | 73,7 |
| Хизматрасонӣ | 977,4 | 1346,9 | 1233,2 | 126,2 |
| Савдои хориҷӣ | 1320,0 | 1884,8 | 1948,1 | 147,6 |
| Миёнаравии молиявӣ | 71,2 | 8,0 | 15,0 | 21,1 |
| Истеъмолот | 1829,7 | 5018,1 | 7357,9 | 402,0 |
| Дигар соҳаҳо | 599,2 | 548,7 | 610,5 | 101,8 |

Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон (Қарзҳои ба субъектҳои соҳибкорӣ додашуда аз рӯйи соҳаҳо. http://www.nbt.tj) ва Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2023. - 486 с.

Дар давоми солҳои 2019-2023 пешниҳоди қарз дар соҳаҳои хӯроки ҷамъиятӣ ва миёнаравии молиявӣ кам шудааст. Қарздиҳӣ ба соҳаи хӯроки ҷамъиятӣ 26,3% ва миёнаравии молиявӣ 78,9% кам шудааст.

Қобили таъкид аст, ки новобаста аз афзоиши ҳаҷми қарздиҳӣ дар мамлакат мушкилоти зиёде дар самти пешниҳоди қарз ва механизми фаъолияти он вуҷуд дорад. Зеро қисми зиёди субъектҳои соҳибкорӣ ҳоло ҳам ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷманд буда, шартҳои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд талаби онҳоро қонеъ карда наметавонад [11,с.73]. Дар натиҷа соҳибкорон технологияи истеҳсолии худро иваз карда намедавонанд ва маҳсулоти истеҳсолгашта сифти паст ва рақобатнопазир мебошад [3,с.53].

Ҳадафи ҷалб ва истифодаи маблағгузорӣ дар умум, дар иқтисодиёти мамлакат расидан ба самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аммо мутаассифона, имрӯз механизми қарздиҳии соҳибкории хурду миёна дар мамлакат ба ҳадди кофӣ рушд накардааст. Дар натиҷа ширкатҳои зиёд ҳангоми гирифтани қарз аз бонкҳои тиҷоратӣ ба як қатор мушкилот мувоҷеҳ мегарданд. Дар навбати худ бонкҳои тиҷоратӣ чунин меҳисобанд, ки ҳангоми қарздиҳии соҳибкории хурд ва миёна мушкилӣ на танҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ, балки дар худи субъектҳои соҳибкорӣ низ ҷой доранд. Барои онҳо қарздиҳии соҳибкории хурду миёна самти нисбатан хатарноки фаъолият маҳсуб меёбад.

Ба андешаи мо, мушкилоти асосии алоқаманд бо қарздиҳии субъектҳои соҳибкориро бояд ба ду қисм ҷудо намуд: мушкилоти соҳибкорон ва мушкилоти бонкҳои тиҷоратӣ.

Аз нуқтаи назари субъектҳои соҳибкорӣ гирифтани қарз аз бонкҳои тиҷоратӣ чунин мушкилӣ дорад:

–фоизи баланди қарз;

–шартҳои сахт ҳангоми гирифтани қарз;

–кӯтоҳмуддат будани аксари маҳсулоти қарзӣ;

–нопуррагии иттиллоот ҳангоми ба даст овардани қарз;

–дарозмуддат будани муҳлати баррасии аризаҳо ва ғайра.

Аз нуқтаи назари намояндагони бонкҳои тиҷоратӣ бошад, пешниҳоди қарз ба субъектҳои соҳибкорӣ дорои чунин мушкилот мебошад:

–хатари барнагаштани қарзи бонк аз тарафи соҳибкорон;

–афзоиши қарзҳои муҳлаташон гузашта ва барнагашта;

–мавҷудияти хатари баланди муфлисшавии эҳтимолии қарздор;

–мавҷудияти хатари баланди истифодаи ғайримақсадноки қарз;

–сатҳи нокифояи дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз тарафи давлат;

–сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқию иқтисодӣ ва молиявии аксари субъектҳои соҳибкорӣ ва ғайра.

Мо чунин меҳисобем, ки ҳалли мушкилоти зикршуда, пеш аз ҳама, ба рушд наёфтани қонунгузориҳо дар соҳаи қарздиҳӣ алоқаманд мебошад. Бо мақсади ташаккул, дастгирии молиявии фаъолияти соҳибкорӣ ва баландбардории самаранокии он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурӣ як қатор қонунҳо ба монанди: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи (лизинг)-и молиявӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта» ва ғайра қабул карда шуданд. Аммо роҳандозӣ намудани ин қонунҳо «вазъи қарзӣ»-ро дар сектори мазкур то ҳадде ислоҳ намуда бошанд ҳам, миқдори зиёди масъалаҳои танзимнашудаи молиявию қарзӣ боқӣ монданд, ки ҳалли худро интизоранд. Ба андешаи мо барои фаъолияти боз ҳам самараноки қарздиҳӣ дар пешбурди тиҷорат ислоҳоти қонунгузориҳои соҳибкорӣ дар мамлакат бояд идома дода шавад.

Мавҷудияти мушкилот сабаби норасоии пешниҳоди қарзҳо ба субъектҳои бизнеси хурд ва миёна гашта дар роҳи рушди устувори онҳо ҳамеша садди мустаҳкам мегузорад. Дар ин самт, хусусан норасоии қарзгузории дарозмуддат масъалаи қобили таваҷҷуҳ аст. Сабаби асосии сатҳи пасти қарздиҳии дарозмуҳлат, пеш аз ҳама, набудани захираҳои дарозмуҳлати қарзӣ дар бонкҳост, зеро қисмати назарраси маблағҳое, ки имрӯз сектори бонкӣ дорои онҳоянд, хусусияти кӯтоҳмуддат доранд. Ба андешаи мо барои ташкили захираҳои дарозмуддат дар низоми бонкӣ рушди босамари ширкатҳои суғуртавӣ ва фондҳои ғайридавлатии нафақа зарур мебошад. Ба ибораи дигар, агар мо фаъолмандии бештари сармоягузории бонкҳоро мехоҳем, давлат суғуртакунии дарозмуҳлати моликият, ҳаёт ва саломатӣ, амонати нафақавӣ дар байни субъектҳои хоҷагидориро бояд ба танзим дарорад, ҳамчунин, бо мақсади ҷалб ва афзоиши амонатгузорӣ сиёсати ҳавасмандкунониро пиёда намояд. Дар баробари ин, бояд сиёсати дурандешона ва оқилона оид ба масъалаҳои баҳисобгирии хароҷотҳо ҳангоми ташкилнамоии базаи андозбандишавандаи корхона ва пардохти андоз аз даромади шаҳрвандон вуҷуд дошта бошад.

Аз тарафи дигар, ташаккули низоми маблағгузории қарзӣ, ҷалби бошиддати амонатҳои муваққатан озоди аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқиро дар низоми бонкӣ талаб мекунад. Дар навбати худ, дараҷаи ҷалби чунин маблағҳо бевосита аз сиёсати давлат оид ба ҳавасмандсозии амонатҳо ва дараҷаи боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ вобаста мебошад.

Дар асоси таҳлили вазъи қарздиҳӣ чанд самти афзалиятноки рушди механизми қарздиҳии субъектҳои соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ҷудо намуд, ки аз инҳо иборатанд:

1. такмили низоми баҳодиҳии корхонаҳои хурду миёна ҳангоми таҳлили вазъи молиявии онҳо барои додани қарз;
2. коркард ва амалисозии барномаҳои самараноки давлатии қарзгузорӣ ба соҳибкороне, ки дар самтҳои афзалиятнок фаъолият менамоянд;
3. пешниҳоди имтиёзҳои қарзӣ ба соҳибкорони навкор ва занону бонувони соҳибкор дар минтақаҳо;
4. дастгирии давлатии он институтҳои молиявие, ки барои субъектҳои соҳибкории хурд имкони кафили пардохтпазир шудан доранд;
5. такмили сохтори худмаблағгузории субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна дар асоси ташаккули кооперативҳои қарзӣ;
6. пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат ва бо фоизи паст ба соҳибкорони истеҳсолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;
7. аз тарафи давлат гузаронидани лексия, тренингҳо, форумҳои гуногуне, ки метавонанд ба баландбардории саводнокии молиявӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон мусоидат кунанд.

Амалисозии пешниҳодҳои зикршуда имкон медиҳад ҳамкорӣ ва алоқамандии соҳибкорон бо ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми иҷрои фаъолият оид ба қарздиҳӣ ва рушди устувори субъектҳои соҳибкорӣ муҳити мусоид фароҳам оварда шавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**

1. Гришина Е.А. Тенденции развития кредитных услуг, предоставляемых коммерческими банками / Е.А. Гришина // Финансы и кредит. - 2016. -№28(700). -С.18-27.
2. Джруабаев Г.Дж. Предпринимательская деятельность в Республике Таджикистан: проблемы эффективного развития. Монография / Г.Дж. Джруабаев, Г.Х. Сохибназаров. -Душанбе: Ирфон, 2020. -161 с.
3. Джурабаев Г.Дж. Совершенствование механизма кредитования как фактор устойчивого развития предпринимательской деятельности / Г.Дж. Джурабаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№7. -С.50-54.
4. Исследование инфраструктуры развития предпринимательства Республики Таджикистан по результатам рабочей поездки экспертов Бизнес-инкубатора НИУ ВШЭ 16-20 октября 2017 г. -53 с.
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2023. -С.475-480.
6. Операционный план развития промышленности в Республике Таджикистан на 2022-2026. Министерство промышленности и новых технологий Республики Таджикистан. -Душанбе, 2021.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». - ш. Душанбе 28.12.2023. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj
8. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021 – 2025 годы. -Душанбе, 2021. -№16.
9. Рахимов О.Н. Индустриально-инновационная экономика Таджикистана: особенности, предпосылки и потенциальные возможности / Рахимов О.Н. // Маводи конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои асосии муносибатҳои молиявию қарзӣ дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ». ДСХ. -Душанбе: 31 марти соли 2018. -С.237-345.
10. Сохибназаров Г.Х. Современное состояние развития предпринимательства в Республике Таджикистан / Г.Х. Сохибназаров // Экономика и предпринимательство. – 2016. -№12-4(77). -С.344-349.
11. Файзуллоев М.К. Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ / М.К. Файзуллоев. -Душанбе: Ирфон, 2021. -183 с.
12. Poverty in Tajikistan//poverty rate in regions October 26, 2018. [Electronic resource]. URL: https://www.worldbank.org/en/news/infographic/2018/10/26/poverty-in-tajikistan

## ТАҲЛИЛИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таъмини субъектҳои соҳибкорӣ бо захираҳои молиявию қарзӣ таҳлил карда шудааст. Муаллиф имкониятҳои молиявию қарзии мамлакатро барои ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода, баъзе мушкилоти маблағгузории қарзиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф мушкилоти қарздиҳӣ ба фаъолияти соҳибкориро ба ду қисм ҷудо намуда, дар мавҷудияти онҳо ҳам ташкилотҳои қарзӣ, ҳам базаи қонунгузории кишвар ва ҳам субъектҳои соҳибкориро муқассир донистааст. Таъкид гардидааст, ки мавҷудияти мушкилот сабаби норасоии пешниҳоди қарзҳо ба субъектҳои бизнеси хурд ва миёна гашта, дар роҳи рушди устувори онҳо ҳамеша садди мустаҳкам мегузорад. Дар ин самт, хусусан норасоии қарзгузории дарозмуддат масъалаи қобили таваҷҷуҳ аст. Сабаби асосии сатҳи пасти қарздиҳии дарозмуҳлат, пеш аз ҳама, набудани захираҳои дарозмуҳлати қарзӣ дар бонкҳост, зеро қисмати назарраси маблағҳое, ки имрӯз сектори бонкӣ дорои онҳоянд, хусусияти кӯтоҳмуддат доранд. Муаллиф барои ташкили захираҳои дарозмуддат дар низоми бонкӣ рушди босамари ширкатҳои суғуртавӣ ва фондҳои ғайридавлатии нафақаро зарур мешуморад. Қайд гардидааст, ки агар мо фаъолмандии бештари сармоягузории бонкҳоро мехоҳем, давлат суғуртакунии дарозмуҳлати моликият, ҳаёт ва саломатӣ, амонати нафақавӣ дар байни субъектҳои хоҷагидориро бояд ба танзим дарорад, ҳамчунин, бо мақсади ҷалб ва афзоиши амонатгузорӣ сиёсати ҳавасмандкуниро пиёда намояд. Дар баробари ин, бояд сиёсати дурандешона ва оқилона оид ба масъалаҳои баҳисобгирии хароҷотҳо ҳангоми ташкилнамоии базаи андозбандишавандаи корхона ва пардохти андоз аз даромади шаҳрвандон вуҷуд дошта бошад. Ҳамчунин, дар мақола пешниҳодҳои мушаххас оиди беҳтаргардонии механизми қарздиҳӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, қарз, молия, захираҳои қарзӣ, грант, бонкҳои тиҷоратӣ, проблемаҳо, қонунгузорӣ.

## АНАЛИЗ ФИНАНСОВО-КРЕДНЫХ РЕСУРСОВ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье анализируются вопросы обеспечения субъектов предпринимательства финансово-кредитными ресурсами. Автор показал финансово-кредитные возможности страны для становления и развития предпринимательства в Республике Таджикистан и выявил некоторые проблемы кредитного финансирования. Автор разделяет проблемы кредитования предпринимательской деятельности на две части и отмечает, что эти проблемы связаны и с кредитными организациями, законодательной базой страны и с самими субъектами предпринимательства. Подчеркнуто, что наличие проблем, связанных с отсутствием кредитования субъектов малого и среднего бизнеса, всегда является серезным препятствием на пути их устойчивого развития. В этом направлении, особенно отсутствие долгосрочного кредита, является проблемой, заслуживающей внимания. Основной причиной низкого уровня долгосрочного кредитования является, прежде всего, отсутствие долгосрочных кредитных резервов у банков, поскольку значительная часть средств, которыми сегодня располагает банковский сектор, носит краткосрочный характер. Автор считает, что необходимым для формирования

долгосрочных резервов в банковской системе является эффективное развитие страховых компаний и негосударственных пенсионных фондов. Отмечается, если мы хотим достичь активизации инвестиционной деятельности банков, государство должно отрегулировать долгосрочное страхование имущества, жизни и здоровья, пенсионные сбережения между хозяйствующими субъектами, а также проводить политику стимулирования в целях привлечения и роста сбережений. Одновременно, должна быть дальновидная и рациональная политика учета затрат в процессе создания налогооблагаемой базы предприятия и оплаты подоходного налога с населения. Также в статье содержатся конкретные предложения по совершенствованию механизма кредитования субъектов предпринимательства.

**Ключевые слова:** предпринимательство, кредит, финансы, кредитные ресурсы, грант, коммерческие банки, проблемы, законодательство.

## ANALYSIS OF FINANCIAL AND CREDIT RESOURCES FOR FORMATION AND DEVELOPMENT OF BUSINESS ACTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article analyzes the issues of providing business entities with financial and credit resources. The author showed the country's financial and credit capabilities for the formation and development of entrepreneurship in the Republic of Tajikistan and identified some problems of credit financing. The author divides the problems of business lending into two parts and notes that these problems are associated with credit organizations, the country's legislative framework and with the business entities themselves. It is emphasized that the presence of problems associated with the lack of lending to small and medium-sized businesses is always a serious obstacle to their sustainable development. In this direction, especially the lack of long-term credit is a problem worthy of attention. The main reason for the low level of long-term lending is, first of all, the lack of long-term credit reserves among banks, since a significant part of the funds available to the banking sector today is short-term in nature. The author believes that the effective development of insurance companies and non-state pension funds is necessary for the formation of long-term reserves in the banking system. It is noted that if we want to achieve increased investment activity of banks, the state must regulate long-term property, life and health insurance, pension savings between business entities, as well as pursue incentive policies in order to attract and grow savings. At the same time, there must be a far-sighted and rational policy for accounting for costs in the process of creating the tax base of an enterprise and paying personal income tax. The article also contains specific proposals for improving the mechanism for lending to business entities.

**Keywords:** entrepreneurship, credit, finance, credit resources, grant, commercial banks, problems, legislation.

**Малумот дар бораи муаллиф:** ***Соҳибназаров Ғаюр Холиқназарович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+99237) 2315849; 918-34-20-34.** E-mail: **ghayur_s@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сохибназаров Гаюр Холикназарович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, ш.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+99237) 2315849; 918-34-20-34**. E-mail: **ghayur_s@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sokhibnazarov Gayur Kholiknazarovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Dushanbe highway, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+99237) 2315849; 918-34-20-34.** E-mail: **ghayur_s@mail.ru**

ТДУ: 332.133.6

# МЕТОДИКАИ ТАШАККУЛЁБИИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ИЛМИВУ ТЕХНОЛОГИИ МУҶТАМАЪҲОИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Аскарова С.С., Ҳофизов Ҳ.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои соҳавӣ, стратегияҳо ва дигар аснод ҷузъи муассири равандҳои фаъолияти соҳаҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он мебошанд. Барномаҳо ва санадҳои ба рушди технологӣ, илмӣ ва иқтидории муҷтамаъҳои саноатӣ равона гардида, ба ҳайси ҳуҷҷатҳои асосии стратегию банақшагирӣ баромад менамоянд, ки онҳо барои давраҳои дарозмуддат таҳия карда мешаванд. Дар навбати худ, онҳо стратегия, усулҳо ва барномаҳои дарозмуддати ҳам мақомоти идоракунанда ва ҳам роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои илмиву таҳқиқотӣ мебошанд, ки дар маҷмуъ, ташаккул додани чунин стратегияҳо масъалаи хело мураккаб ба ҳисоб меравад.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ зарурати мутобиқ гардидани модели рушди иқтисодӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонии илмиву технологӣ ва дар ин асно зарурати қабули санадҳои меъёрию барномаҳои соҳавии афзалиятҳои рушди илмӣ-техникии иқтисодиёти миллиро фарогиранда ба миён омад ва то ба ҳол якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, мавриди татбиқ қарор гирифтаанд [ниг. ба 8; 9; 1; 15; 16]. Ин боиси ба қадри имконият афзудани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар қаламрави кишвар гардид (ҷадвали 1). Аз ҷумла дар давраи солҳои 2010-2020 ҳаҷми иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ 3,4 маротиба афзоиш ёфта, дар маҷмуъ 75,3 млн. сомониро ташкил додааст. Аз ин шумора корҳои илмӣ -техникӣ нисбат ба соли 2010 53,0 млн. сомонӣ 3,4 маротиба афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 1. Динамикаи иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор сомонӣ**
**Table 1. Dynamics of implementation of scientific and technical works in the Republic of Tajikistan, thousand somoni**

| Солҳо | 2010 | 2015 | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбат ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2019 | 2010 |
| Ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол | 22027,0 | 52799,8 | 58434,0 | 66788,4 | 74120,4 | 75292,7 | 101,6 | 3,4 мар. |
| аз ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ | 21887,3 | 52287,2 | 57937,7 | 64892,6 | 73513,4 | 74907,1 | 101,9 | 3,4 мар. |
| -корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ | 17987,3 | 51935,6 | 57547,2 | 56650,3 | 67011,5 | 68295,8 | 101,9 | 3,8 мар. |
| аз ҷумла бунёдӣ | 8508,7 | 8806,2 | 10465,9 | 12363,1 | 9986,4 | 9157,2 | 91,7 | 1,1 мар. |
| -корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ | 22,8 | 319,0 | 351,4 | 220,3 | 782,7 | 575,0 | 73,5 | 2,5 мар. |
| -хизмати илмӣ - техникӣ | 3867,2 | 32,6 | 39,1 | 5664,3 | 5691,8 | 5990,8 | 105,3 | 1,5 мар. |

Ҳисоби муаллиф аз рӯйи: Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.112.

Корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ зиёда аз 2,5 маротиба афзун гардида, дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми хизматҳои илмӣ-техникӣ -2,1 млн сомонӣ 5,9 млн. сомониро ташкил додаанд, ки аз нишондиҳандаи соли 2010 1,5 маротиба зиёд мебошад. Вале нишондиҳандаҳои иҷрои корҳо нисбат ба соли 2019 афзоиши кам ёфта, ҳамагӣ 1,1 млн. сомониро ташкил додаанд. Аз ин миқдор дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 корҳои бунёдӣ 8,3% ва корҳои лоиҳакашӣ бошанд 26,5% кам шудаанд.

Аммо бо вуҷуди мавҷудияти асноди зикргардида, ба рушди босуръати соҳавӣ ноил гардидан ва ба тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ баробар гардидан дар дараҷаи кифоягӣ набуда, бархӯрди ҷиддии мукаммалсозӣ ва таҷдидсозии асноди ҳову стратегияҳоро талаб менамояд. Масалан тибқи маълумотҳои

омории пешниҳоднамудаи Бонки ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар радабандии нишондиҳандаҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ба миқдори 62 млн. доллари ИМА маҳсулоти технологияи баланд содир кардааст. Соли 2020 бошад якбора ин нишондиҳанда коҳиш ёфта, ба 2 млн. доллар расидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози ба рушди технологиву илмӣ нисбат ба кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд дар радабандӣ хело қафомонда арзёбӣ карда мешавад [18].

Бояд қайд намоем, ки чунин ҳолат бо сатҳи пасти ҳавасмандкунии тиҷорат нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ, афзоиш ёфтани рақобатпазирӣ дар ҷаҳон ва суст идора шудани равандҳои таҷдидсозиву инноватсиякунонии фаъолияти соҳаҳои саноат аз ҷониби сохторҳои давлатӣ алоқамандӣ дошта, тақозои таҷдид ва бознигарии стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавиро дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи хеле ки зикр гардида буд, як қатор асноди ба равишҳои фаъолияти саноатӣ дахлдошта мавҷуд бошанд (масалан яке аз асноди асосӣ – ин «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030») ҳам, аз таҳлили маводҳои дар адабиётҳо овардашуда бармеояд, ки айни замон стратегияи рушди илмӣ-техникии минтақавӣ ва соҳавии саноатӣ мавриди татбиқ қарор нагирифта нашудааст. Махсусан дар ягон минтақаи кишвар равишҳои методологии дорои муҳтавои стратегияи илмӣ-техникӣ дар соҳаи саноат ва ташаккули коркарди онро пайдо намудан ғайриимкон аст. Танҳо соли 2010 «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму технология барои солҳои 2011-2015» қабул гардида буд [19].

Аз нигоҳи мо, бо дарназардошти ба миён омадани зарурати таҷдид ва бознигарии баромадани стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавӣ дар идомаи таҳқиқот муайян намудани заминаҳои асосии ташаккулёбӣ ва мураттабшавии стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, инчунин, мавриди омӯзиш қарор додани методикаҳои ташаккулёбии он ва ироа намудани методикаи илман асоснок ба мақсадҳои дар таҳқиқот гузошташуда, комилан мувофиқат хоҳад кард (расми 1).

Бояд қайд намоем, ки стартегияи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамчун асос маншаъ гирифта, самтҳои мухталифи фаъолияти самарабахши соҳаро фаро мегирад. Дар стратегия, пеш аз ҳама, арзёбии воқеии ҳолати рушди илмӣ-технологии саноатӣ дар минатқаҳо тариқи муайян сохтани мавҷудияти иқтидори илмиву техникӣ, сатҳи технологии корхона, то чи андоза вобаста будани онҳо аз воридоти таҷҳизоту технологияҳо аз берун, рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, фаъолияти инноватсионӣ, таъсиррасонии ин омилҳо ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минатқаҳо ва аҳолии кишвар дарҷ гардида, дар он натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод мегарданд ва нақшаҳои имконпазири рушди технологӣ муайян карда шуда, тартиботи технологияҳои афзалиятдор ташаккул дода мешавад. Ҳамчунин, мақсад ва афзалиятҳои рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ муайян гардида, ташаккули системаи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатии минтақавӣ, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва коркардҳо дар минтақаҳо барои татбиқи технологияҳои пешқадам ва таъмин намудани ҷобаҷогузории онҳо пешниҳод гардида, дар ин замина давраҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии стратегияҳо, инчунин, системаи назорати амалишавии қарорҳои қабулгардида ва тамоюлҳо инъикос карда мешаванд.

Агар ба таври кушод ироа кунем, дар тартиби сохтори стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, пеш аз ҳама, бояд инъикоси ҳолати воқеии рушди саноати минтақавӣ, вуҷуд доштани иқтидори илмӣ-техникӣ, рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолӣ инъикос гардида, таъсири бевоситаи онҳо ба сатҳи некуаҳволии аҳолии кишвар ва минтақаҳое, ки дар онҳо муҷтамаъҳо ҷойгир мешаванд, ба вазъи экологӣ ва, махсусан, ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Вобаста ба баҳоҳои гузошташуда натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ дар ҳар як минтақа ироа гардида, равандҳои имконпазири рушди технологӣ интихоб гардида, абзорҳои технологии афзалиятнок муайян карда мешаванд.

**Расми 1. Сохтори стратегияи рушди илмиву технологии мучтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Figure 1. The structure of the strategy of scientific and technological development of industrial complexes of the Republic of Tajikistan**




Баъд аз ин натиҷаҳои ташхисшудаи интихоби самтҳои афзалиятдори рушди илмиву технологии мучтамаъҳои саноатӣ пешниҳод шуда, ҳадафҳои стратегӣ ташаккул дода шуда, нақша ва роҳҳои рушди технологӣ муайян карда мешаванд. Дар ин замина

пешниҳодҳои асоснок ва аз таҳлилу коркард гузаштаи ташаккулёбии системаи рушди илмиву технологӣ пешниҳод мегарданд, ки онҳо бояд ба самтҳои афзалиятнок ва ҳадафҳои ба миён ниҳода мувофиқ бошанд. Вобаста ба ин фаъолгардонии корҳои илмиву таҳқиқотӣ оид ба татбиқи технологияҳои пешқадам, дастарсӣ ба онҳо, истифодаи самараноки имкониятҳои онҳо инъикос карда мешаванд. Дар идома тадбирҳои оид ба таъмин кардани рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ бо мутахассисони варзидаи баландихтисос пешниҳод мегарданд.

Баъдан масъалаҳои муҳимми стратегӣ барои рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ, инкишофи иҷтимоъҳои технологӣ, баҳогузории таъсири иҷтимоии рушди технологӣ ташаккул дода шуда, давраҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии стратегия, иҷрои қарорҳои қабулгардида ва ғайра инъикос карда мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми коркард, стратегияи рушди илмиву техникии соҳаҳои саноатӣ бо як қатор хавфҳо низ рӯ ба рӯ шуданаш мумкин аст, ки онҳо бояд ба инобат гирифта шаванд ва роҳҳои камтаъсир кардани онҳо ироа гарданд. Масалан, барои камтаъсир кардани хавфи номувофиқатии манфиатҳои тарафҳои иштирокдорони амалишавии стратегия, ҳангоми баргузории машваратҳо (бо гузаронидани ҳамоишҳои бузург) ва бевосита барои ноил гардидан ба қабули қарорҳое, ки ба иҷрои мақсаду нақшаҳо мусоидат мекунанд, бояд иштироки тарафҳои мухталиф таъмин гардад ва бад-ин васила ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ фароҳам оварда шавад [4,с.98].

Ҳамчунин, бояд аз хавфи ғайрифаъол будани сатҳи инноватсионӣ ва қабули инноватсия сухан ронем, ки асли зуҳури чунин хавфҳо мароқ надоштани корхонаҳо ба рушди фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Таъсири чунин хавфҳоро бо тадбирҳои ҳавасмандкунонии рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Дар ин самт, Ҳукумати ҷумҳурӣ якчанд равандҳоро пеш гирифтааст. Аз ҷумла бевосита аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ду давра-16 январи соли 2018 ва 16 марти соли 2022 эълон намудани мораторияи ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ибтикори қобили қабул мебошад, ки мақсади он дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ буда, ба таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ равона гардидааст. Ғайр аз ин, тадбирҳои озод намудани корхонаҳо аз андозбандӣ, пешниҳод намудани дастгирии давлатӣ фақат ба он корхонаҳое, ки таҷдидсозӣ ва рушди технологияҳои инноватсиониро ба роҳ мондаанд, бояд ба таври фаъол ба ҳаёт татбиққарда. Аз ҷониби дигар, афзалият барои гирифтани дастгирии давлатӣ ба он корхонаҳое дода шавад, ки дар онҳо амалисозии стратегияҳои технологӣ мавҷуд бошанд.

Дар навбати худ яке аз хавфи дигар метавонад хавфи марбут ба молия ва буҷет бошад. Барои аз чунин хавфҳо эмин мондан бояд, пеш аз ҳама, ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ вусъат бахшида шавад. Ҳамчунин, ҷузъиёти талаботҳои аз буҷет маблағгирандагон ҳангоми хариди маҳсулот, кору хизматрасониҳо ба таври шаффоф муайян карда шуда, бо мақсади аниқ кардани хавфҳо ҳолати бахшҳои тиҷоратӣ мониторинг карда шавад. Махсусан уҳдадориҳои буҷетӣ, ки ба хариди таҷҳизот, сохтмон, таъмир, ҷойгиркунии масолеҳи харидашуда ва ғайра равона мегарданд, назорати ҷиддиро талаб мекунад. Барои самаранок гардидани равандҳои кам кардани чунин намуд хавфҳои алоқаманд, таҷрибаи ҳамкориҳои ашхоси иҷрокунандаи вазоифи расмӣ бо ташкилоту созмонҳои илмиву консалтингӣ, ки ба таҳқиқи хавфҳо сарукор доранд, самарабахш хоҳад буд [5,с.99].

**Муқарриз:д.и.и., профессори ДМТ Низомова Т.Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04 соли 2011, № 227.
2. Беляков Г.П. Формирование государственной системы научно-технологического развития в условиях рыночной экономики / Г.П. Беляков, А.А. Рыжая, С.А. Беляков // Россия: тенденции и перспективы развития. -М., 2021. - №16-2. -С.284-291.

3. Белякова Е.В. Принципы формирования стратегии технологического развития промышленного комплекса региона / Е.В. Белякова, Р.А. Беляков // Сибирский аэрокосмический журнал. -Красноярск, 2014. -№5(57). -С.216-220.
4. Водолажская Е.Л. Управление устойчивым развитием высокотехнологичных отраслей промышленности: дисс. на соис. уч. степ. док-а экон. наук. 08.00.05 / Е.Л. Водолажская. -М., 2019. -303 с.
5. Гамукин В.В. Бюджетные риски: группы, виды, примеры // Монография / В.В. Гамукин. -Тюмень: Издательство Тюменского государственного университета, 2015. -340 с.
6. Дыбов А.М. Возможности минимизации рисков в процессе инновационной деятельности / А.М. Дыбов // Вестник Удмуртского университета. Серия экономики и права. -Ижевск, 2012. -С.20-24.
7. Ерыгина Л.В., Рыжая А.А. Методический подход к формированию стратегии научно-технологического развития промышленного комплекса региона // РЭиУ. - 2017. -№2(50). [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/metodicheskiy-podhod-k-formirovaniyu-strategii-nauchno-tehnologicheskogo-razvitiya-promyshlennogo-kompleksa-regiona (дата обращения: 09.09.2022).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 272). -Душанбе, 16 Апрел, 2012. -№822.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 272). ш. Душанбе, 18 майи соли 2017, № 384.
10. Ленчук Е.Б. Стратегическое планирование как инструмент преодоления технологического отставания России / Е.Б. Ленчук, В.И. Филатов // Мир новой экономики. -М., 2019. -№13(2). -С.32-42.
11. Мантуров Д.В. О промышленной политике России на перспективу 2018-2030 гг. / Д.В. Мантуров // Вестник МГИМО-университета. -М., 2018. -№4(61). -С.7-22.
12. Прогноз научно-технологического развития Российской Федерации на долгосрочную перспективу. [Электронный ресурс]. URL: https://www.ncfu.ru/export/uploads/Inovations/SKFUprognoz_ntr.pdf (дата обращения: 11.09.2022).
13. Резниченко А.В. Формирование стратегии технологической модернизации региональных промышленных комплексов Украины // Маркетинг і менеджмент інновацій. – 2013. -№2. [Электронный ресурс]. URL: https://mmi.fem.sumdu.edu.ua/sites/default/files/mmi2013_2_142_149.pdf (дата обращения: 23.08.2022)
14. Система факторов научно-технологического развития региона // Российское предпринимательство / Ю.Г. Тюрина, Е.А. Лавренко, Н.И. Селиверстова, М.А. Колмыкова, А.А. Саморуков. -М., 2018. -№5. -Том 19. -С.1485-1500.
15. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - №392. -Душанбе: КОНТРАСТ, 2016. -105 с.
16. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015. -№354.
17. Финансовое планирование и прогнозирование. Учеб. пособие / Е.А. Разумовская, М.С. Шуклин, В.И. Баженова, Е.С. Панфилова; под общ. ред. Е.А. Разумовской. -Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2017. -284 с.
18. [Электронный ресурс]. URL: http://wdi.worldbank.org/table/5.12 (дата обращения:12.09.2022).
19. [Электронный ресурс]. URL: https://www.anrt.tj/ru/nauchnye-issledovaniya/strategiya-rtv-oblasti-nauki-i-tekhnologij-na-2011-2015-gody (дата обращения: 27.07.2022).

## МЕТОДИКАИ ТАШАККУЛЁБИИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ИЛМИВУ ТЕХНОЛОГИИ МУҶТАМАЪҲОИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола оид ба ташаккулёбии методикаи стратегияи рушди илмӣ-техникӣ ва технологии комплекси саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рафта, аз ҷониби муаллифон оид ба марҳилаҳои ташаккулёбии стратегияи рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳодҳои мушаххас ироа гардидаанд. Дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми коркарди стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пайдарпайии мантиқии татбиқшавӣ бояд ба инобат гирифта шавад, чун он заминаи асосии системаи банақшагирии стратегии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Умуман мафҳуму мундариҷаи стратегия бояд мураккаб набошад, ҳамчунин раванди ташаккули барномаҳои дар заминаи стратегия омода шаванда низ сода ва дастрас бояд бошанд ва бояд танҳо фарогири масоили мубрам ва мушаххаси технологияҳои афзалиятнокро дар бар гиранд. Бо дарназардошти он, ки фаъолияти инноватсиониву илмӣ ва технологӣ тамоми соҳаҳои иқтисодиётро фарогирӣ менамояд, ба ташаккули системаи идоракунии равандҳои илмиву технологӣ диққати махсус додан зарур аст. Зеро дар омодасозии чунин асноди муҳим ба монанди стратегияи рушд, барномаҳои рушди соҳаҳо ва масоили онҳо, иштироки васеъи кормандони илмӣ, ниҳодҳои марбута, муассисаҳои олии таълимӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазоратҳо ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зарур мебошад. Танҳо дар ҳолати ҳамаҷониба ва дар якҷоягӣ ба коркарди онҳо диққат додан ба мақсадҳои стартегӣ ва рушди соҳаҳо ноил гардидан имконпазир мегардад.

**Калидвожаҳо:** стратегияи рушди саноат, рушди техникӣ-технологӣ ва илмӣ, саноат, марҳилаҳои рушд, ташаккулёбӣ, татбиқ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои соҳавӣ, барномаҳо, инноватсия, муҷтамаъҳои саноатӣ.

## МЕТОДИКА ФОРМИРОВАНИЯ СТРАТЕГИИ НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящается формированию стратегии научно-технического и технологического развития промышленного комплекса Республики Таджикистан, и авторами предложены конкретные предложения по этапам формирования стратегии научно-технологического развития промышленного комплекса Республики Таджикистан. Ожидается, что при разработке стратегии научно-технического развития промышленных комплексов следует учитывать логическую последовательность реализации, так как она является основой системы стратегического планирования экономического развития. В целом, концепция и содержание стратегии не должны быть сложными, а процесс формирования программ, подготовленных на основе стратегии, должен быть простым и доступным, включать только критические и конкретные вопросы приоритетных технологий. Учитывая тот факт, что инновационная, научно-техническая деятельность охватывает все отрасли экономики, необходимо уделить особое внимание формированию системы управления научно-технологическими процессами. Из этого следует, что при подготовке таких важных документов, как стратегия развития, программы развития отраслей и их вопросов, необходимо широкое участие научных работников, смежных учреждений, высших учебных заведений, НАН РТ, министерств и научно-исследовательских учреждений. Достижение стратегических целей и развитие отраслей возможно только в случае всестороннего и совместного внимания к их разработке.

**Ключевые слова**: стратегия развития промышленности, научно-тоническое и технологическое развитие, промышленность, этапы развития, формирование, внедрение, нормативно-правовые акты, отраслевые акты, программы, инновации, промышленные комплексы.

## METHODOLOGY FOR FORMING THE STRATEGY OF SCIENTIFIC AND TECHNICAL DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the formation of a strategy for the scientific, technical and technological development of the industrial complex of the Republic of Tajikistan, and the authors have proposed specific proposals for the stages of formation of a strategy for the scientific and technological development of the industrial complex of the Republic of Tajikistan. It is expected that when developing a strategy for the scientific and technological development of industrial complexes, one should take into account the logical sequence of implementation, since it is the main system of strategic planning for economic development. In general, the concept and content of the strategy should not be complicated, and the process of developing programs prepared on the basis of the strategy should be simple and accessible, including only critical and specific issues of priority technologies. Given the fact that innovative, scientific and technical activities cover all sectors of the economy, it is necessary to pay special attention to the formation of a management system for scientific and technological processes. From this it follows that in the preparation of such important documents as the development strategy, programs for the development of industries and their issues, the broad participation of scientists, related institutions, higher educational institutions, the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, ministries and research institutions is necessary. The achievement of strategic goals and the development of industries is possible only in the case of comprehensive and joint attention to their development.

**Keywords:** Industry development strategy, scientific and technological development, industry, development stages, formation, implementation, legal acts, industry acts, programs, innovations, industrial complexes.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и ихтисоси 6D0506(02) кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 926165557.** E-mail: **sanam85@mail.ru**
***Ҳофизов Ҳафиз Асгарович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935126044.** E-mail: **boadab@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Аскарова Санавбархан Султонходжаевна*** - Таджикский национальный университет, докторант, Ph.D специальность 6D0506(02) кафедра экономики предприятия и предпринимательства. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 926165557.** E-mail: **sanam85@mail.ru**
***Хофизов Хафиз Асгарович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935126044**. E-mail**: boadab@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Askarova Sanavbarkhan Sultonhojaevna*** - Tajik National University, doctoral student, Ph.D specialty 6D0506 (02) Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 926165557.** E-mail: **sanam85@mail.ru**
***Khofizov Hafiz Asgarovich*** **–** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Cybernetics and Digital Economics**. Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 935126044.** E-mail: **boadab@mail.ru**

ТДУ: 338.2 (575.3)

# РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ДАР ДЕҲОТ БО НАЗАРДОШТИ ЗАХИРАҲОИ МАВҶУДАИ ОН

*Рустамджон С.К., Ашуров Ф.М., Ҳусензода А.Ф.*

**Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара**

Таърих гувоҳ аст, ки дар аксарияти давлатҳои дунё қисми зиёди аҳолии онҳо дар деҳот умр ба сар мебаранд. Аз ин рӯ, дар ҳамаи давру замон масъалаи рушди деҳот, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолии он дар кишварҳои олам басо мубрам ва аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Бо дарназардошти ҳамин, барои таккон додани рушди деҳот, аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардида буд. Воқеан ҳам дар шароити имрӯза зиёда аз 73%-и аҳолӣ дар деҳот истиқомат намуда, муаммоҳои баланд бардоштани некуавҳолии мардуми кишвар бевосита ба аҳолии деҳотнишин тааллуқ дорад.

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи моддаи 1 боби 1-и аз 19 марти соли 2013 таҳти №958 «деҳот» - ин воҳиди марзиву маъмурӣ, ки аз як ё якчанд деҳа иборат буда, дар он худидоракунии маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. «Деҳа» - ин ҳудуди муайяни ҷойи зистест, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳалли зисти аҳолинишин ба қайд гирифта шуда, дар он дараҷаи муайяни ободонӣ таъмин карда шудааст. Мувофиқи моддаи 6-и ҳамин Қонуни конститутсионӣ ба категорияи деҳаҳо маҳалаҳои аҳолинишине мансуб дониста мешаванд, ки ба он дараҷаи муайяни ободонӣ ноил гардида, теъдоди аҳолии онҳо на камтар аз 50 нафарро ташкил медиҳад ва аз нисф зиёди аҳолии онҳо ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд (ин маҳдудият на он қадар дуруст аст, мумкин аст, ки дар оянда ин маҳдудият бардошта шавад - эзоҳи пешниҳодкунандагони лоиҳаи мазкур). Дар ҳолатҳои истиснои ба категорияи деҳа маҳалҳои аҳолинишини дурдаст ва мушкилгузареро низ дохил кардан мумкин аст, ки теъдоди аҳолии онҳо аз 50 нафар камтар мебошад.

Муссалам аст, ки масъалаи мазкур танҳо ва танҳо бо рушди устувори иқтисодиёти деҳот ҳалли худро меёбад. Бинобар ин, инсоният дар марҳалаи ботадриҷ зиёд гардонидани раванди истеҳсолот ва таъсири нохӯш гузоштан барои оянда моделҳои нави рушди иқтисодиро кашф менамоянд. Замоне расидааст, ки дар истеҳсолот на танҳо дараҷаи даромаднокӣ, балки рушди босуботи онро ба назар гирифтан лозим меояд. Имрӯза яке аз самтҳои асосии пешгирии чунин мушкилот дар ҷаҳон истифодаи маҳз “неруи сабз” буда, самаранокии баланди иқтисодӣ дорад ва имкон медиҳад, ки дараҷаи тараққиёти босуботи иқтисодӣ таъмин гардад. Ба ибораи дигар, истилоҳи “неруи сабз” ин неруест, ки бо истифода ва гирифтан аз манбаи барқароршавандаи неру, ки асосан аз табиат сарчашма мегирад, фаҳмида мешавад. Хусусияти беҳтарини ин неру дар он аст, ки бо рушди тамоюли экологӣ ва нагузоштани хатар барои рушди минбаъда ва самаранокии баланди иқтисодиро доро мебошад. Манбаи барқароршавандаи неру бошад, ин маҷмуи захираҳои табиӣ мебошад, ки дар натиҷа аз онҳо неруи гуногун (гармӣ, неруи барқ, неруи ҳаракат) истеҳсол карда мешаванд. Дар фаъолияти дарозмуддати истеҳсолӣ ва ё камшавии захираҳои дигар таъсири ҷиддӣ намерасонад, ки навсозияшон дар муддати кӯтоҳ ба амал меояду ба манбаъҳои барқароршавандаи онҳо дохил мешаванд [10,с.30].

Қобили қайд аст, ки «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» барои солҳои 2023-2037» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мушаххас намудани ҳадафҳо нақшаи амал баҳри татбиқи он дар солҳои 2023-2025 ва индикаторҳои асосии стратегия замима мегарданд. Бинобар ин, татбиқи ҳадафу вазифаҳои Стратегияи мазкур дар доираи маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, ниҳодҳои молиявӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва дигар воситаҳои

маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъмин карда мешавад. Ҳаҷми маблағгузории «Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037» ба маблағи 21,6 млрд. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Стратегия дар 15 соли минбаъда мавриди татбиқ қарор мегирад ва боиси рушди назарраси иқтисодиёти миллӣ гардида метавонад [8].

Акунун ин раванд дар тамоми дунё ба таври фарох ва густурда амал менамояд, ки ин боиси рушди босуботи ояндаи кишварҳо мегардад. Маҳз иқтисодиёти сабз имкон медиҳад, ки дар оянда натанҳо рушди иқтисодӣ, балки садди роҳи дигаргуншавии иқлимро гирифта тавонад. Бо дараназардошти оне, ки 73%-и аҳолии кишвар дар деҳот истиқомат менамоянд, рушди иқтисодиёти сабзро низ мебояд дар деҳот ҷоннок менамуданд. Дар деҳот мебояд рушди иқтисоди сабзро аз манобеъҳои дар ихтиёрдоштаи он ба таври васеъ истифода намуд.

Ба ғайр аз ин, бояд дар назар дошт, ки деҳот ин нафақат маҳалли зисти қисми зиёди аҳолӣ, балки маҳалли асосии таъмини қисми зиёди саноат (махсусан, саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ) бо ашёи хом ва таъмини хурокворӣ (гандум, меваю сазавот, чорводорӣ ва ғайраҳо) аҳолии шаҳрнишини кишвар ҳисобида мешавад.

Мутаассифона, дар замони Иттиҳоди Шуравӣ гарчанде, ки оид ба рушди деҳотҳо шиорҳои "осмонбус" мавҷуд буданд ва қисми зиёди коргарон дар шаҳрҳо (мақоми ҷойгиршавии заводу фабрикаҳо) истиқомат доштанд, барои идеологияи "диктатураи пролетариат" масъалаи рушди деҳотҳо дуюминдараҷа ҳисобида мешуд. Дар натиҷа ба мо деҳотҳои харобу қафомонда, иқтисодиёт ва дараҷаи зисти паст (қариб, ки бе инфрасохторҳои лозима) мерос монданд. Танҳо дар натиҷаи соҳибистиқлолии кишварамон тавонистем, ки сатҳи зиндагонӣ ва инфрасохторҳои деҳотро ба таври назаррас дигаргун ва беҳтар намоем.

Акнун замоне расидааст, ки бо рушд додани деҳоти кишвар дараҷаи зиндагонии мардуми онро баланд намуда, сатҳи камбизоатиро коҳиш диҳем. Чунки бештари мардуми камбизоат дар деҳот истиқомат менамоянд. Бовуҷуди оне, ки сатҳи камбизоатӣ дар кишвар коҳиш ёфта 22,5%-ро ташкил медиҳад, барои боз ҳам ба натиҷаи дилхоҳ расидан корҳои илмию таҳқиқотӣ ва сармоягузориҳоро дар самти иқтисодиёти деҳот афзун намоем [5]. Шароити воқеии кунунӣ мақсади сарфа кардани захираҳои молиявӣ, аз он ҷумла маблағҳои буҷавӣ, самаранок истифода бурдани захираҳои зеҳнии мамлакат, муайян намудани сохторҳо, мақсадҳо ва вазифаҳои соҳаҳои ба рушди деҳот дахлдошта дар вобастагӣ бо имкониятҳо ва манфиатҳои пешоянди кишвар водор месозад, ки дар ин самт корҳои илмӣ-таҳқиқотии комплексӣ бурда шаванд.

Ба сатҳи зиндагӣ омилҳои зиёде таъсир мерасонад, ки инро дар рафти таҳқиқи интихобии хоҷагиҳои хонавода собит намудан мумкин аст. Агар сатҳи зиндагиро ба сифати категорияи иқтисодӣ қабул намоем, он гоҳ дар ин сатҳ чунин омилҳоро ба монанди музди меҳнати воқеӣ, даромадҳои воқеии аҳолӣ, ҳадди ақали музди меҳнат, ҳадди ақали зиндагӣ ва агар ҳамчун нишондиҳандаи умумӣ гирем, пас маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ, ҳиссаи хароҷотҳо, истеъмоли ниҳоӣ ва ғайраро мавриди омӯзиши оморӣ қарор медиҳем. Агар сатҳи зиндагӣ дар муносибати зич бо сифати шароити зисти аҳолӣ дида шавад, пас дар он таъсири рушди инфрасохтор, вазъи саломатии аҳолӣ, вазъи ҳифзи муҳити зист, мавҷудияти вақти озод ба мардум, дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ва ғайра ба назар гирифта мешавад [1,с.88].

Бо дарназардошти расидан ба вазифаҳои асосӣ Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз қабили нигоҳ доштани суръати устувори рушди иқтисодӣ ҳамасола дар сатҳи 7-8%, 3 маротиба ва аз ин зиёд афзоиш додани ММД-и кишвар, зиёда аз 2 маротиба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз байн бурдани фақирии шадид [10,с.11-12] мебояд рушди иқтисодиёти деҳотро аз мадди назар дур нагузошт.

Татбиқи иқтисодиёти сабз дар деҳот ва пурра истифоданамоии он имконият медеҳад, ки мақсад ва вазифаҳои сохторҳои давлатӣ ба рушди деҳот алоқаманд бошанд, манбаҳои молиявӣ, захираҳои зеҳнии кишварро самаранок истифода намуда, ба рушди деҳот равона созанд. Барномаи давлатии мақсадноки ташкил ва истифодаи дар деҳот корхонаҳои хурду миёнаи саноатии коркарди маҳсулотҳои кишоварзиро пешкаш намуда, давра ба давра

дараҷаи камбизоатии аҳолии деҳотро коҳиш диҳем, саводнокии сиёсию молиявии аҳолии деҳотро баланд бардорад.

Рушди деҳот ва татбиқи иқтисодиёти сабз дар деҳот, имкон медиҳад, ки маҷмуи маҳсулоти дохила ва дигар нишондодҳои иқтисодии кишвар баланд гардад. Шароити иҷтимоии деҳот ва муҳити зисту экосистемаи он ба таври кофӣ дигаргун гардад. Ҳамаи ин танҳо бо истифодабарии натиҷаҳо ва рушди инноватсионии корҳои илмӣ-таҳқиқотии кормanди илмӣ ва сармояи инсонӣ амалӣ мегардад. Истифодаи захираҳои мавҷудаи деҳот имконияти рушд намудани соҳаи боғдорӣ, сабзавотпарварӣ, чорвдорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, ғалладона ва ғайра дигар мегардад. Имконияти коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ ва бо кор таъминкунӣ ба аҳолии камбизоат, саводнокии аҳолии деҳот ба таври назаррас инкишоф меёбад. Бовуҷуди ин, имконияти ба вуҷуд омадани корхонаҳои коркард ва содироти маҳсулоти истеҳсолнамудаи он боиси афзоиш ёфтани дараҷаи даромаднокӣ ва фоидаи онҳо мегардад. Ҳамаи ин бо дарназардошти рушди иқтисодиёти сабз дар деҳот ва бевосита самоягузорӣ ба ин самт мебошад.

Иқтисодиёти сабзи деҳот – ин тасвири (маънидоди) консепсияи рушди устувор, ки маҷмуи масъалаҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии деҳотро дар бар мегирад. Гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки системаи иқтисодӣ дар асоси омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ сохта мешавад. Ин дар навбати худ, фишорро ба муҳити зист коҳиш медиҳад, барои нигоҳ доштан ва барқарор намудани экосистемаи табиати деҳот мусоидат менамояд, сармояи табиии деҳотро афзун месозад. Инчунин, тадбирҳои (чорабиниҳои) иқтисодиёти сабз дар деҳот фарқияти деҳоту шаҳрро коҳиш дода, дараҷаи зисти аҳолии деҳотро баланд мебардорад, беҳшавии шароити меҳнатро дар деҳот таъмин месозад, хизматрасонии иҷтимоиро ба ҳамагон дастрас менамояд.

Бештари ҳолатҳо иқтисодиёти деҳотро ҳамчун як синоними иқтисодиётӣ мефаҳаманд, ки ин на он қадар дуруст аст. Иқтисодиёти деҳот ин низоми соҳаҳо ва шаклҳои фаъолият мебошад, ки ғайр аз хоҷагии қишлоқ, тамоми корхонаҳои саноати коркард ва канданиҳои фоиданок, корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ бо инфрасохторҳои худ, ки дар деҳот ҷойгир мебошанд, фаҳмида мешавад. Дар тули солҳои бисёр иқтисодиёти деҳотро ҳамчун як иқтисодиёти аграрӣ қабул шуданаш ба он вобаста аст, ки дар байни калимаҳои аграрӣ ва фаъолияти ноҳияҳои деҳот аломати баробари монда мешуд. Имрӯзҳо дар натиҷаи рушди иқтисодиёт дар деҳот, аз ҷумла дар натиҷаи диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот ҷараёни коҳиш ёфтани мавқеи дастколаи (сектори) аграрӣ ва ҷангалпарварӣ ба назар мерасад. Маҳз аз ҳамин сабаб, новобаста аз он, ки хоҷагии қишлоқ ва ҷангалпарварӣ сохторҳои асосии истифодабарии замин дар деҳот ба ҳисоб мераванд, бо мурури замон мавқеи худро ҳамчун як манбаи ба кор таъминкунии аҳолӣ, аз даст дода истодааст. Дар натиҷа фаҳмиши «агромарказии» иқтисодиёти деҳот маънои томи худро гум карда истодааст. Масалан, дар Британияи Кабир ҳамагӣ 15%-и сохторҳои соҳибкорӣ ба хоҷагии қишлоқ вобаста мебошад.

Афзоиши ҷараёни «саноаткунонии деҳот» ба он вобаста аст, ки деҳот дорои захираҳои заминию табиӣ ва қувваи кории нисбатан арзон мебошанд. Як сабаби он ин аст, ки дар вақтҳои охир нархи «дороиҳо (активҳо)», ҳамчун як зебогии табиат барои рушди сайёҳӣ ва истироҳат такони ҷиддӣ дода истодааст. Аз ин сабаб, мумкин аст, ки дар солҳои наздики 30-40 сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқият дар байни иқтисодиёти шаҳр ва иқтисодиёти деҳот аз байн бардошта мешавад, ки ин дар навбати худ, ҷараёни муҳоҷирати аҳолиро аз шаҳрҳо ба деҳот мешитобонад.

Мувофиқи маълумотҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ то аввали соли 2022, 4223 деҳот мавҷуданд, ки дар онҳо 73,57 фисади аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне 6291,0 нафар шаҳрвандони кишварамон зиндагӣ ва фаъолият доранд ва 3,77 млн. онҳо (ғайр аз кӯдакони то синни 18 ва мӯйсафедон) қобили меҳнат мебошанд [11,с.30].

Баъзе маълумотҳо оид ба деҳотҳо дар миқёси вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали зерин оварда шуданд (то аввали соли 2022).

Боиси қайд аст, ки дар маҷмуи сохторҳои идоракунии давлатӣ, сохторҳое мавҷуд мебошанд, ки аз маром, мақсад ва сифати иҷрои вазифаҳои онҳо на танҳо вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии муосири кишвар, балки ба вазъи ояндаи он вобостагии амиқ дорад. Яке аз ин гуна сохторҳо – соҳаи иқтисодиёти деҳот мебошад.

**Ҷадвали 1. Деҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. Villages of the Republic of Tajikistan**

| № | Номгӯйи вилоятҳо ва маҳалҳо | Миқдори деҳаҳо | Аҳолӣ дар вилоят, ҳазор нафар | Аҳолӣ дар деҳот, ҳазор нафар | Миқдори аҳолии деҳот, бо фоиз нисбат ба аҳ. вилоят |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ВМКБ | 378 | 226,8 | 196,3 | 86,57 |
| 2. | Вилояти Суғд | 769 | 2704,8 | 2035,1 | 75,24 |
| 3. | Вилояти Хатлон | 1 645 | 3466,0 | 2843,5 | 82,04 |
| 4. | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1431 | 2203,1 | 1977,8 | 89,77 |
| 5. | ш.Душанбе | | 986,7 | | ------ |
| 5. | Ҳамагӣ дар: ҷумҳурӣ | 4223 | 9587,4 | 7052,7 | 73,56 |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси китоби Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия гардидааст.

Дар замони имрӯза якчанд мафҳумҳо мавҷуданд, ки шарҳдиҳандаи деҳа мебошад. Ин мафҳумҳо, ба монанди деҳот, минтақа қишлоқ, деҳа ё русто ва ғайраҳо мебошанд.

Мафҳуми деҳа (форсии деҳ – порсии миёна deh «русто» - порсии бостон: dahyu - сарзамин, кишвар)–ро [12] мефаҳмонад. Ҳудуди муайяни ҷойи зисте, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳалли аҳолинишин ба қайд гирифта шуда, дар он дараҷаи муайяни ободонӣ муқаррар карда шудааст [5].

Қишлоқ – (дар забони озарбойҷонӣ – gislaq; бошқ – кишлау; қазоқӣ-қистау; қирғизӣ-киштак; тоторӣ-кишлау; дар забони тоҷикӣ қишлоқ/деҳа; туркӣ - gyslak; ӯзбекӣ - qishloq) – ҷое фаҳмида мешавад, ки одамон доимӣ зиндагонӣ мекунанд. Дар бештари давлатҳо бо маънии гузаронидани зимистон, яъне ҷое, ки дар фасли замистон меоянд, ба кор бурда мешавад. Дар забонҳои туркӣ бошад, маънои зимистонро дорад. Ин калимаро дар Озарбойҷон, мамлакатҳои Осиёи Миёна ва Афғонистон ба пуррагӣ истифода мебаранд. Яъне, қишлоқ ҷое фаҳмида мешавад, ки одамон доимӣ дар он ҷо сукунат дошта, бештар ба кишоварзӣ машғуланд [6,с.276].

Нахустин ишораҳо дар бораи воҳидҳои ҳудудӣ замин, ки ниёгони тоҷик зиндагонӣ мекарданд, дар китоби «Авесто» сабт шудааст. Ҳамин тавр, кишвар «даҳйу» (авестоӣ, «dahyu», дар забони муосири тоҷикӣ «деҳа») ном дошт ва аз чанд вилоят гава (авестоӣ – gava) иборат буд, ки якчанд қисмҳоро дар бар мегирифт [3,с.67-70]. Яъне, сараввал деҳа ва баъдан дигар ноҳияву шаҳрҳо пайдо гардидааст. Деҳаҳо маркази ҷамъу гирднамоии маводҳои ғизоӣ ва дигар маҳсулоти хом ба шумор мерафтанд. Дар шароити кунунии ҷаҳони муосир низ мебояд назари асосӣ бар он самтҳое дода шавад, ки назарногир буда, масъалаҳои он дуюминдараҷаина мебошанд.

Дигар шудани вазъи сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ, пойдор гардидани алоқаҳои нави иқтисодӣ бо дигар давлатҳои рушдкардаи дунё вазифадор менамояд, ки ба иқтисодиёти деҳот, аз нав, бо роҳи гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ дар ин раванд, таҷдиди назар гардад.

Мақсади асосии рушди иқтисодиёти сабз дар деҳот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он барои мақсаднок ташкил ва фаъолияти сохторҳои давлатиро, ки бо рушди деҳот вобаста мебошанд, таъмин созад, ин механизми идоракунии куллан навро имконпазир мегардонад ва ин механизми такмилдиҳӣ замина фароҳам меоварад, ки фаъолияти тамоми сохторҳои идоракунии далатии кишвар ҳатман дар асоси манфиатҳо ва имкониятҳои иқтисодии дурнамои мамлакат ташкил ва ҷорӣ карда шавад.

Вобаста ба талаботҳои дурнамои рушди иқтисодиёти кишвар ва татбиқи стратегияи миллии рушд 2030 ва стратегияи иқтисодиёти сабз барои солҳои 2023-2037, ки марҳалаи якум 2023-2025 ва татбиқи аввалиндараҷа барои такмили неруи сабз оид ба рушди иқтисодиёти деҳот дар шароити кунунӣ ҳатмӣ аст. Пеш аз ҳама, истифодаи он боқимондаҳое, ки имконияти дубора бар манбаъҳои нерудиҳанда гаштанро дорад, амалӣ намудан лозим меояд. Танҳо дар деҳот ҳазорҳо тонна нурии биологӣ, ки аз боқимондаи соҳаи кишоварзӣ бавуҷуд меояд, истифода намудан лозим мебошад. Дар ҳамин васила садҳо гектар заминҳои дигар на барои чарогоҳ ва на ягон категорияи кишоварзӣ дохил мешавад, ки танҳо ҷойи партовгоҳҳоро ташкил менамояду халос. Дар марҳилаи аввали

рушди иқтисодиёти сабз дар деҳот бо ҷалби мутахассисони соҳаи биология ва кишоварзон, имконияти истеҳсол кардани ҳазорҳо тонна нурии сабзро ба миён овардан аз имкон холӣ нест. Ҳамчунон садҳо гектар заминҳои дигарро ба гардиши кишоварзӣ даровардан лозим меояд.

Барои боз ҳам самаранок будани неруи барқароршаванда дар деҳот, ташкили ҷойҳои махсуси партовгирӣ ва истифодаи он барои дуюмбора ба замини кишт ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад. Дар ин марҳала барои ташкил ва татбиқи ин кор маблағгузориҳо лозим меояд. Ҳамчунон, бо таблиғ кардани он ва ҷалби соҳибкорони ватанӣ метавон барои ободонии диёр тавассути соҳибкорони хурду бузург ташкил карда шаванд.

Масъалаи дигар метавонад истифодаи панелҳои офтобӣ дар деҳотҳои хурд имкон медиҳад, ки дар фасли баҳор, тобистон ва ҳатто тирамоҳ бо неруи лозима таъмин гарданд. Ҳамчунон имконияи талафоти барқ кам гардад, ки дар Паёми худ Президенти кишвар таъкид намуда буд. Ин ҳамон деҳаҳо ё бошишгоҳҳои саҳроӣ мебошанд, ки барои бурдани ноқилҳои барқ бениҳоят хараҷоти калон сарф мегардад. Ҳамчунон истифодаи ноқилҳои барқӣ барои заминҳои кишоварзӣ аз он ҷумла ба мақсади таъмини неру ба насосҳои обкашонӣ ва обшоркуниҳои заминҳои кишоварзӣ самаранок намебошанд. Дар натиҷаи дуру дароз кашидани ноқилҳои барқӣ, хараҷот нисбат ба панелҳои барқӣ якчанд маротиба афзун мегардад. Чунки вобаста ба тақсимоти деҳот аз рӯйи масоҳат ва ё мавҷудияти хоҷагиҳо дар он чунин гурӯҳбандии деҳотро метавон ҷудо намуд:

1.Аз рӯйи миқдори аҳолӣ [4,с.195-196]:

1.1. То 50 нафар.
1.2. Аз 51 то 100 нафар.
1.3. Аз 101 то 500 нафар.
1.4. Аз 501 то 1000 нафар.
1.5. Аз 1001 то 3000 нафар.
1.6. Аз 3001 то 5000 нафар.
1.7. Аз 5001 то 10 000 нафар.
1.8. Аз 10 001 то 30 000 нафар.
1.9. Беш аз 30 000 нафар.

Деҳаҳое, ки то 50 нафар аҳолӣ доранд, онҳо дар кӯҳсор ва даштҳои аз маркази ноҳия ва ё аз маркази ҷумҳурӣ дур мебошанд. Бештари онҳо ба чорводорӣ машғуланд. Ба ҳамин монанд деҳаҳои аз 51 то саднафара низ ҳастанд (чунин деҳаҳо дар ВМКБ зиёд мебошанд). Деҳаҳое, ки то 1000 нафар шумораи аҳолӣ доранд, ин деҳаҳое мебошанд, ки дар наздикии деҳаҳои калонтар ба вуҷуд омадаанд (масалан, Булёни Боло, Булёни Поён). Деҳаҳое, ки то 3000 нафар шумораи аҳолӣ доранд, онҳо низ дар натиҷаи зиёд гардидани деҳаҳои калон, дар наздикии онҳо ба вуҷуд омаданд (масалан, Шаҳбури Нав, Шаҳбури Куҳна). Дар деҳаҳои аз 3000 то 5000 ҳазор нафар шумораи аҳолӣ дошта, нисбати деҳаҳои номбаргашта сатҳи зиндагонияшон беҳтар мебошад. Аммо сохти манзилҳои истиқоматияшон ба таври пешина мебошанд (масалан, деҳаи Туркони Ҷамоати деҳоти Кангурт ва ғайра). Деҳаҳое, ки то 10 000 аҳолӣ доранд, онҳо асосан деҳаҳое мебошанд, ки пеш аз соҳибистиқлолии ҷумҳуриямон шумораи зиёди аҳолӣ доштанд. Асосан ин гуна деҳаҳо аз марказҳо дур мебошанд ва бештари мардумаш ба шаҳр кӯчидаанд (мисол, деҳаи Боғгайӣ, сабаби кӯчиданашон ин кам гаштани захираҳои фаровони табиӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад).

Деҳаҳое, ки шумораи аҳолиашон аз 10000 то ба 30000 нафар расида истодааст, ин деҳаҳо рушдкунанда мебошанд. Барои онҳо тамоми захираҳо мувофиқ мебошанд. Онҳо ба ягон минтақаи дигар кӯч набаста, балки аз ҳисоби аҳолии ҷойи худ зиёд гардида истодаанд. Инчунин, он деҳаҳо дар шоҳроҳҳо ва минтақаҳое ҷойгиранд, ки барои тиҷорат мувофиқ мебошад. Ё ин ки дар он ҷойҳо бозор низ мавҷуд мебошад (масалан, Ҷартеппа, Себистон, Ғарғара, ва ғайра). Ба деҳаҳое, ки шумораи аҳолиаш аз 30 000 нафар зиёданд, низ деҳаҳои рушдкарда мебошанд ва зиндагонии мардум низ хуб мебошад. Чунин деҳаҳо бештар дар вилояти Суғд мебошад, ки соҳаи тиҷорат, хизматрасонӣ, соҳаи кишоварзӣ хуб рушд кардааст [4,с.195-196].

Дар умум коркарди асосҳои методологии рушди иқтисодиёти сабз дар деҳот бо дарназардошти талаботҳо ва имкониятҳои иқтисодии пешоянди мамлакат мебояд, ки

мавриди таҳлили ҷиддӣ ва мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Мебояд, ки дар марҳалаи аввали баррасии рушди иқтисодиёти сабз “Барномаи давлатии оид ба таъмини рушди иқтисодиёти сабз дар деҳот”, ки ба мақсадҳои стратегияи давлат мутобиқ карда мешавад, мавриди истифода қарор дода шуда, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ равона карда шавад. Ҳамчунон имконияти истеҳсоли маҳсулоти сабзи биологиро метавон дар соҳаҳои дигари идоракунии хоҷагии халқ истифода бурда, зарфияти содироти кишварро аз ҳисоби маҳсулоти сабзи дар деҳот истеҳсолгардида афзоиш диҳад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин гуфтаҳо мебояд якчанд пешниҳодҳои зайлро мавриди омӯзиш қарор дод;

1. Таҳлили рушди иқтисодиёти деҳот ҳамчун ҷузъи алоҳидаи иқтисодӣ ва имкониятҳои имрӯзаи вазъи муосири деҳоту иқтисодиёти сабз дар он.

2. Пешгӯии (прогноз) сохтори (структура) иқтисодиёти сабзи деҳот дар 5 марҳалаи стратегияи иқтисодиёти сабз бо пешниҳоди моделҳои гуногун. Таҳлили имкониятҳои мавҷудаи кишвар (моливӣ, захираҳои табиӣ ва зеҳнӣ) барои таъмини рушди иқтисодиёти деҳот.

3. Ташкил ва равона намудани фаъолият, имкониятҳои институтҳои молиявӣ ва қарзии мамлакат (ва хориҷи кишвар) ба мақсади рушди иқтисодиёти сабз дар деҳот.

4. Ташкил ва имкониятҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар деҳот дар раванди рушди иқтисодиёти сабзи деҳот бо дарназардошти додани қарзҳои имтиёзнок дар деҳот бо назардошти ҷалби истеҳсолоти сабз дар деҳоти кишвар.

5. Ба роҳ мондани истеҳсоли панелҳои офтобӣ ва истифода намудани он дар самти кишоварзӣ ба мақсади кам кардани талафоти барқ ва кам кардани хароҷот дар соҳаи кишоварзӣ, ки ин омил имконияти кам кардани арзиши аслии маҳсулотро имкон медиҳад.

6. Ба роҳ мондани технологияи коркарди аввалиндараҷаи пашм ва пӯст дар деҳаҳои калони кишвар бо ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки имконияти ба партов (ё сӯзонидани пашм) мубаддал гардидани пашм ва пӯстро дар деҳот коҳиш медиҳад.

7. Ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои обмонии қатрагӣ дар кишвар бо арзиши дастрас, бо мақсади пурра гузаштан ба обмонии қатрагӣ ва шуста нагардидани қабати ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ.

8. Ташкил ва ба роҳ мондани техникаҳои соҳаи кишоварзӣ, ки бо неруи барқ ҳаракаткунанда ҳастанд. Ҳамин тавр, дар ин замина кӯшиш кардан лозим меояд, ки арзиши хизматрасонии “неруи сабз” нисбат ба фаъолияти анъанавӣ баланд нагардад ва баръакси он нисбати хизматрасонии истифодабарандагони техникаҳои бо сӯзишворӣ ҳаракаткунанда камтар бошанд. Чунонки, дар мавриди баланд гардидани хизматрасонӣ бо ин навъи техникаҳо талабот ба онҳо камтар мегардад. Инчунин, имкони баланд гардидани дараҷаи нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ аз сабаби баланд шудани арзиши аслиашон гардида метавонанд.

Дар натиҷаи пурра гузаштан ба иқтисодиёти сабз дар деҳоти кишвар, имконияти беҳтар гардидани дараҷаи иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии мардуми он афзоиш меёбад. Дараҷаи даромаднокии бештари аҳолӣ афзоиш ёфта, сатҳи зиндагонии мардум ба кулли тағйир меёбад. Ҳамчунон, сатҳи саломатии мардуми деҳот беҳтар гардида, дар ин замина истифодаи маҳсулоти аз ҷиҳати биологӣ тозаро истеъмол менамояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДТТ – Мухторзода С.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадов Ф.М. Омӯзиши оморії омилҳои ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсиррасонанда / Ф.М. Аҳмадов, Ф.М. Ашуров, А.З. Исозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№3(42). –С.88. - ISSN 2308-054X
2. Вазиров, А.К. Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К. Вазиров, Ф.А. Вазиров, Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№2. -С.153-158.
3. Гафуров Б.Г. Таджики: древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров // ИВАН СССР. -М.: Наука, 1972. -С.67-70.

4. Иқтисодиёти деҳот / Қузратзода Р.С., Н. Сидиқов, У. Валиев, Р.Ф. Ғайратов, Абдуназарзода К. - Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. -470 с.
5. Қонуни Кониституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоруми ноябри соли 1995 «Дар бораи тартиби сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 1.
6. Мирзоев Э.М. Луғати халқӣ ва мафҳумҳои географӣ / Э.М. Мирзоев. - 1984. -653 с.
7. Паём Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” ш.Душанбе, 23 декабри соли 2022. -47 с.
8. Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода Самаранокии “неруи сабз” ва гузариш ба “иқтисодиёти сабз”. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mts.tj/ samaranokii-nerui-sabz-va-guzarish-ba-i%d2%9btisodi-sabz/.
9. Салихов Ҷамшед Бобохалилович. Иҷрои “Стратегияи рушди “иқтисоди сабз” барои солҳои 2023-2037” ба рушди соҳа мусоидат менамояд. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mts.tj/dar-%d2%b3oshiyai-payomi-peshvoi-millat-i%d2%b7roi-strategiyai rushdi-i%d2%9btisodi-sabz-baroi-sol%d2%b3oi-2023-2037-ba-rushdi-so%d2%b3a-musoidat-menamoyad/.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. -103 с.
11. Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муассисаи давлатии сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. -Душанбе, 2017. -580 с.
12. Ҳасандӯст Муҳаммад. Фарҳанги решаи шинохтаи забони адабии форсӣ / Ҳасандӯст Муҳаммад. Нашри осор, 1393. -Ҷ.2, -С.1408-1409.
13. Фасеҳзода И.С., Ҷаҳонишавии озуқаворӣ ва «Иқтисодиёти сабз» дар рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Фасеҳзода И.С., Солеҳзода А.А. // Конференсияи илмӣ- амалии байналмилалӣ дар мавзуи Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ. –Душанбе, 2018. - С.22-27.

## РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ДАР ДЕҲОТ БО НАЗАРДОШТИ ЗАХИРАҲОИ МАВҶУДАИ ОН

Тадбиқи неру ва истифодаи он имрӯз барои тамоми инсоният, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, сарчашмаи он, нафт, газ ва дигар маъданҳо будаанд, ки аҳаммияти худро аз даст дода истодаанд. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза дар дунё ба таври гуногун неруи барқароршавандаро ба таври хос аз қабили: панелҳои офтобӣ, неругоҳҳои барқии шамолӣ ва обӣ истеҳсол менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки «Неруи сабз» хусусияти барқароршаванда дошта, моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки неру аз равандҳои доимии табиат ба вуҷуд омада, он бо истифодаи техникӣ ба даст оварда мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар, мавзуи интихобнамудаи мо дар мақолаи мазкур «Рушди иқтисодиёти сабз дар деҳот бо назардошти захираҳои мавҷудаи он» интихоб шудааст, ки дар замони муосир яке аз масъалаҳои басо муҳим барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Чунки бо татбиқи неруи сабз дар деҳот ва рушд додани он имконияти сад дар сад гузаштан ба иқтисодиёти сабзро имкон пайдо менамоем.

**Калидвожаҳо:** рушди деҳот, иқтисодиёти сабз, деҳот, маҷмуи маҳсулоти дохила, нишондодҳои иқтисодӣ, масъалаҳои иҷтимоии деҳот, муҳити зист, экосистема, манфиатҳо, имкониятҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҳлил, сармояи инсонӣ.

## РАЗВИТИЕ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ НА СЕЛЕ С УЧЕТОМ ИМЕЮЩИХСЯ У НЕЕ РЕСУРСОВ

Применение энергии и ее использование сегодня считается одной из актуальных проблем для всего человечества, а ее источником являются нефть, газ и другие полезные ископаемые, которые теряют свое значение. Поэтому в современном мире возобновляемая энергия производится разными способами, такими как: солнечные батареи, ветровые и гидроэлектростанции. Следует отметить, что «зеленая энергия» имеет возобновляемую природу, и суть этого метода в том, что энергия создается из постоянных процессов природы и получается путем технического использования. С этой точки зрения, выбранная нами в данной статье тема – «Развитие зеленой экономики на селе с учетом имеющихся у нее ресурсов» - является одним из важнейших вопросов для Республики Таджикистан в современное время. Потому что с применением зеленой энергетики в сельской местности и ее развитием у нас есть возможность перехода к зеленой экономике.

**Ключевые слова:** развитие сельских районов, зеленая экономика, сельские территории, валовой внутренний продукт, экономические показатели, социальные проблемы села, окружающая среда, экосистема, выгоды, возможности, исследования и анализ, человеческий капитал.

## DEVELOPMENT OF GREEN ECONOMY IN RURAL COUNTRIES WITH CONSIDERATION OF ITS AVAILABLE RESOURCES

The application of energy and its use today is considered one of the pressing issues for all mankind, and its source is oil, gas and other minerals, which are losing their importance. Therefore, in today's world, renewable energy is produced in different ways, such as: solar panels, wind and water power plants. It should be noted that "green energy" has a renewable nature, and the essence of this method is that energy is created from the constant processes of nature, and it is obtained by technical use. From this point of view, the topic chosen by us in this article is "Development of the green economy in the countryside, taking into account its existing resources", which is one of the most important issues for the Republic of Tajikistan in modern times. Because with the application of green energy in rural areas and its development, we have the possibility of one hundred percent transition to a green economy.

**Keywords:** rural development, green economy, rural areas, gross domestic product, economic indicators, rural social issues, environment, ecosystem, benefits, opportunities, research and analysis, human capital.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Рустамджон Саидуллои Кузратзаде*** **-** Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ муовини сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+ 992) 901-31-38-68**
***Ашуров Фируз Маҳмадалиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**,** Доктор PhюD, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Деҳотӣ 1/2. E-mail: **Ashurov1990tguk@mail.ru.** Телефон: **(+992) 938-85-46-46**
***Ҳусензода Ардашер Фарҳодӣ*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистент. **Суроға**: 735320, ш. Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Марказӣ, 3. Телефон: **(+992) 935-00-73-65. E-**mail: **husenzoda1998@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Рустамджон Саидуллой Кузратзаде*** - Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан**,** кандидат экономических наук, заместитель заведующего отделом анализа макроэкономических проблем. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 40. Телефон: **(+ 992) 901-31-38-68**
***Ашуров Фируз Махмадалиевич*** - Таджикский государственный университет коммерции**,** доктор Ph.D, и.о. доцента кафедры бухгалтерского учета и аудита. **Адрес**: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Дехоти, 1\2. E-mail: **Ashurov1990tguk@mail.ru**. Телефон: **(+992) 938854646**
***Хусензода Ардашер Фарходи*** **-** Дангаринский государственный университет, ассистент. **Адрес**: 735320, г.Дангара, Республика Таджикистан, улица Центральная, 3. Телефон: **(+992) 935-00-73-65.** E-mail: **husenzoda1998@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Rustamjon Saidulloy Kuzratzade*** **-** Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Deputy Head of the Department for Analysis of Macroeconomic Problems**. Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 40. Phone**: (+ 992) 901-31-38-68**
***Ashurov Firuz Makhmadalievich*** **-** Tajik State University of Commerce, Doctor Ph.D., acting. Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing. **Address:** 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Dekhoti street, 1\2. E-mail: **Ashurov1990tguk@mail.ru.** Phone**: (+992) 938854646**
***Khusenzoda Ardasher Farhodi*** **-** Dangara State University, assistant. Address**:** 735320, Dangara, Republic of Tajikistan, Central street, 3. Phone**: (+992) 935-00-73-65.** E-mail: **husenzoda1998@gmail.com**

**ТДУ: 338.24(575.3)**

# МОҲИЯТ, МАФҲУМ ВА ПРИНСИПҲОИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

*Шарифзода Фаррух Зариф*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Хариди давлатӣ ҳамчун воситаи танзими иқтисодиёти кишвар, хариди молҳо корҳо ва хизматрасониҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти давлат метавонад ба иқтисодиёти ҳар кишвар бо тарзҳои гуногун таъсир расонад. Чунин харид воситаи самарабахши кумак ба идоракунии иқтисодиёт мебошад, зеро хариди давлатӣ ҳиссаи калони буҷетро ташкил медиҳад. Ҳукуматҳои тамоми кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки проблемаи такмили системаи харидро чи аз нуқтаи назари шакли ҳуқуқӣ ва чи аз нуқтаи назари амалӣ ҳал кунанд.

Ҳоло дар Тоҷикистон танзими харид барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти давлатӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2023 таҳти №1955 «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» амалӣ карда мешавад.

Хариди мол, кор ва хизматрасонӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ ҳамчун воситаи танзими молиявии иқтисодиёт амал карда, як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад, ки дар байни онҳо аксар вақт инҳоро ҷудо мекунанд: иҷтимоӣ, танзимкунанда, репродуктивӣ, навоварӣ, ҳавасмандкунанда, оптимизатсияи хароҷот, танзими нарх. Дар тавсифи мухтасар, мундариҷаи ин функсияҳо метавонанд чунин бошанд:

Вазифаи иҷтимоии хариди давлатӣ дар вазифаи иҷтимоию иқтисодии давлат ифода меёбад, яъне он аз нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла аз тариқи пешниҳоди афзалиятҳо дар харид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратии ба иҷтимоӣ нигаронидашуда, тиҷорати хурд, корхонаҳои низоми ҷазо ва бо ин роҳ бо кор таъмин намудани гурӯҳҳои осебпазир таъмин мегардад.

Моҳияти вазифаи танзимкунанда дар идоракунии хароҷоти давлат, хароҷоти оқилонатарини маблағҳои буҷетӣ аз тарафи давлат ифода меёбад. Ҳамзамон, усулҳои рақобатпазири харид метавонад хароҷотро аз буҷети дахлдор кам кунад, аммо камшавии талаботро кафолат намедиҳад.

Қонеъ гардонидани талаботи давлат ба мол ва коре, ки барои фаъолияти муътадил ва амалигардонии фаъолияти он зарур аст, вазифаи такрористеҳсолкуниро ташкил медиҳад. Имконияти бо роҳи хариди давлатӣ фароҳам овардани шароит барои татбиқи навъҳои нави мол, кор ва хизматрасонӣ тавассути ҳавасмангардонии хариди маҳсулоти асосан инноватсионӣ, банақшагирии дарозмуддати хариди маҳсулоти баландтехнологӣ, беназир ва таҷрибавӣ, аз ҷумла маҳсулоти зарурӣ; барои таҳқиқоти илмӣ, вазифаи навоварӣ муайян мекунад.

Вазифаи ҳавасмангардонии хариди давлатӣ бо вазифаҳои инноватсионӣ зич алоқаманд аст, ки он дар ҷалби таваҷҷуҳи истеҳсолкунандагони ватанӣ, тавассути пешниҳоди имтиёзҳо ва афзалиятҳои гуногун ифода меёбад, масалан ҳангоми харидани гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо ба истеҳсолкунандагони ватанӣ афзалияти то 10-12%-и нархи мол ташкил медиҳад.

Вазифаи оптимизатсияи хароҷот бевосита бо вазифаи танзим алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, оптимизатсия ба шумо имкон медиҳад, ки хароҷоти буҷетро пешгӯӣ намоед ва истифодаи дурусти хароҷоти мавҷударо таъмин кунед. Минбаъд маълум аст, ки ба воситаи фармоишҳои давлатӣ ба динамикаи нархҳои баъзе навъҳои мол, кор ва хизматрасонӣ таъсир расондан мумкин аст ва ин вазифаи танзими нархро ташкил медиҳад. Аммо, ин таъсир бавосита аст, ҳамин тариқ, омӯзиши хариди давлатӣ, ошкор кардани мушкилоти мавҷуда ва такмили низоми мавҷуда муҳимтарин ҷанбаи фаъолият бомуваффақияти тамоми низоми давлатӣ ба назар мерасад.

Дар мавриди мафҳуми хариди давлатӣ барои дақиқтар фаҳмидани он, ки хариди давлатӣ чист ва оё фарқияти байни хариди давлатӣ ва фармоиши давлатӣ вуҷуд дорад, ин мафҳумҳоро муфасалтар омӯхтан лозим аст.

Дар қонунгузории хариди мол, кор ва хизматрасонӣ маҷмуи амалҳои муайяне мебошад, ки аз муайян кардани молрасон (пудратчӣ, иҷрокунанда) то иҷрои уҳдадориҳои тарафҳо оид ба шартнома бо тартиби муқаррарнамудаи қонун оид ба қонеъ гардонидани талаботи давлат ё ниёзҳои коммуналӣ анҷом дода мешавад.

Аммо бояд гуфт, ки қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми илмии хариди давлатиро пешбини накардааст, аз ин рӯ бояд ба таърифҳои пешниҳодкардаи муаллифони омӯзиши ин мавзуъ муроҷиат кард.

Ҳамин тариқ, дар адабиёти таълимӣ мафҳуми хариди давлатӣ чунин дода шудааст: харидиҳои давлатӣ маҷмуи вазифаҳои гуногунест, ки ба баланд бардоштани назорати мутамарказ, кам кардани хароҷоти буҷети давлатӣ, назорати ҷараёни моддӣ ва қонеъ гардонидани талаботи муассисаҳои давлатӣ нигаронида шудаанд [10,с.68,113].

Ин таъриф моҳияти мафҳуми хариди давлатиро ошкор намудааст, ки хариди давлатӣ ба сарфаи буҷети давлатӣ нигаронида шудааст.

М.В. Шмелева хариди давлатиро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ тасвир намуда, онро ҳамчун танзими муносибатҳои субъектҳои хоҷагидоре, ки амалҳо ва вазифаҳои бо қонун ба онҳо вогузоршударо иҷро мекунанд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташудаи харид нигаронида шудаанд, тавсиф мекунад [13,с.153].

Ин таъриф хариди давлатиро бидуни зикри мақсади харид хеле васеъ тавсиф мекунад. Аз нуқтаи назари механизми хариди давлатӣ, А.В. Снеткова мафҳуми хариди давлатиро чунин шарҳ медиҳад: “Ин хариди молҳо, корҳо ё хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ мебошад, ки бо мақсади бозфурӯшии минбаъдаи онҳо харида намешаванд, ки дар он давлат ҳамчун харидор баромад кунанд”, ифода мекунад [10,с.193].

И.И. Смотриская хариди давлатиро ҳамчун “Қисми молу хизматҳои дар дохили кишвар ва ё хориҷ истеҳсолкардаи давлат, мақомоти давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ харидоришуда” тавсиф мекунад [9,с.28], дар ин мафҳум хариди давлатӣ ҳамчун моли бо истифода аз маблағҳои буҷетӣ харидашуда муайян карда мешавад, ки тамоми низоми мавҷудаи хариди давлатиро дар бар намегирад.

Бархе аз олимон мафҳуми хариди давлатиро ҳамчун “харидани мол ва хизмартрасонӣ аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳои аз ҷониби давлат дар назди ин ташкилотҳо гузошташуда” маънидод мекунанд [7]. Дигарон хариди давлатиро “хароҷоти мақомоти федералӣ ва маҳаллӣ барои хариди молу хизматҳо, захираҳои истеҳсолӣ” муайян мекунанд [10,с.286].

Ҳамин тариқ, дар мавриди тафсири истилоҳи хариди давлатӣ мавҷуд набудани як фикри дақикро мо мушоҳида мекунем, аммо ҳама ба як чиз мувофиқат мекунанд, ки муҳимтарин хусусияти фарққкунандаи чунин харид, ин пардохт аз ҳисоби буҷети дахлдори давлат ё фонди васеъи ғайрибуҷетӣ мебошад.

Ҳангоми баррасии консепсияи хариди давлатӣ, бояд ҷойи харид барои қонеъ кардани ниёзҳои коммуналиро муайян кард.

Ҳамин тавр, хариди ҳокимияти маҳаллӣ ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъиятии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва сохтори маориф нигаронида шуда, аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ки қисми таркибии буҷети давлатӣ мебошад, сурат мегирад. Хулоса, метавон тахмин карда, ки мафҳуми “харидҳои давлатӣ” бояд харидро низ дар бар гирад, гарчанде, ки хариди ҳокимияти маҳаллӣ аз нигоҳи расмӣ наметавонад хариди давлатӣ ҳисобида шавад, зеро ташаккули ҳокимияти маҳаллӣ (шаҳрак) мустақил буда, як шакли ҳокимияти худидоракунии маҳаллӣ мебошад ва ба низоми ҳокимияти давлатӣ дохил нестанд [6,с.38].

Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем ҳусусиятҳои хосси хариди давлатиро интавр ифода кунем:

1. Ин харидҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ анҷом дода мешаванд.
2. Хариди молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ, барои иҷрои супоришҳои давлатӣ бидуни мақсади бозфурӯшии минбаъда амалӣ карда мешавад.
3. Барои самаранок харҷ кардан ё кам кардани хароҷот аз ҳисоби буҷети давлатӣ, равона гардидааст.

Дар соҳаи муносибатҳои қонеъ гардонидани талаботи давлат ба мол, кор ва хизматрасонӣ, дар баробари мафҳуми “хариди давлатӣ” мафҳуми “фармоиши давлатӣ” истифода мешавад. Дар баробари ин, дар адабиёти илмӣ қайд карда мешавад, ки мафҳумҳои “ҷойгиркунии фармоиши давлатӣ” ва “хариди давлатӣ” аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба ҳам монананд, вале аз ҷиҳати мазмуни иқтисодӣ гуногунанд. Мафҳуми “хариди давлатӣ” нисбат ба мазмуни мафҳуми “ҷой додани фармоиши давлатӣ” васеътар аст, зеро он на танҳо амали фармоишгаронро дар муайян кардани пудратчиён, молрасонҳо ва иҷрокунандагонро дар бар мегирад, балки иҷрои қарорҳои басташуда ва шартномаҳоро низ фаро мегирад.

Мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои таркибии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ё дигар шахсони ваколатдор ба сифати фармоишгари давлатӣ баромад мекунад. Ваколатҳои харидори давлатиро қонунҳо, низомномаҳо муайян мекунанд. Қонунгузорӣ дар бораи харид маҷмуи қоидаҳои возеҳи хариди давлатиро дар бар мегирад, ки ба таъмини истифодаи маблағҳои андозсупорандагон ба таври самаранок ва шаффоф мусоидат мекунанд. Танзими дақиқи давлатӣ имкон медиҳад, ки сатҳи коррупсия коҳиш дода шавад.

**Дар раванди хариди давлатӣ бояд принсипҳои умумии зерини он риоя карда шавад.**

1. Принсипи аввалин ва муҳимтарини хариди давлатӣ, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ мебошад. Хусусияти характерноке, ки хариди давлатиро аз хариди хусусӣ фарқ мекунад, харидани мол, кор ва хизматрасониҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор, яъне бо истифода аз маблағҳои буҷет воридшуда аз ҳисоби андозҳое, ки ба буҷет пардохта мешавад, мебошад. Аз ҳисоби андозсупорандагон ба манфиати он мол, кор ва хизматрасонӣ харида ва истифода бурда мешавад. Бо вуҷуди ин, маҳдудиятҳои буҷетӣ вуҷуд доранд. Буҷаи ниҳоии хариди давлатӣ ва ҳама тағйироти минбаъда аз ҷониби қонунгузор тасдиқ карда мешавад. Самаранок харҷ кардани буҷет яке аз принсипҳои муҳимми хариди давлатӣ мебошад. Давлат вазифадор аст, ки барои ба даст овардани фоидаи ин ё он намуди маҳсулот ҳамаҷониба баҳодиҳӣ намояд [5,с.39]. Масалан, давлат тавассути ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони ватанӣ метавонад ба иқтисодиёти худ саҳм мегузорад.

2. Принсипи баробарӣ ва адолат ба ҳамаи таъминкунандагон дар Тоҷикистон. Ин принсип бо роҳи фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои иштирок дар расмиёти рақобат ба ҳамаи таъминкунандагон, ҳам шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ҳуқуқии онҳо ва ҳам шахсони воқеӣ (аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ) амалӣ карда мешавад. Бешубҳа, давлате, ки ҳамчун фармоишгар намояндагӣ мекунад, вазифадор аст, ки нисбат ба мол, кор, хизматрасонӣ ва мавҷудияти иҷозатнома талаботҳои зарурири муқаррар намояд, то моли (кор ва хизматрасонӣ) бо нархи арзонтарин сатҳи кофии сифат дошта бошад. Инчунин, ба он диққат додан лозим аст, ки дар амалия номҳои фирмавӣ ҳастанд, ки литсензия ва патентҳо ҳам доранд, лекин ба талаботи харидор ҷавоб дода наметавонад.

3. Принсипи ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар гузаронидани расмиёт (ба истисноӣ расмиёти пӯшида), инчунин, интишори минбаъдаи маълумот дар бораи иҷрои (қатъ кардани) шартномаи басташуда, ситонидани ҷарима ва ҷаримаҳо бо истифода аз системаи ягонаи иттилоот ифода меёбад.

4. Принсипи ҳисобдиҳӣ аз он иборат аст, ки тамоми ҳисоботи ҳуҷҷатӣ оид ба марҳилаҳои асосии харид ва қарорҳои қабулшуда бояд ба органҳои гуногуни манфиатдор (ташкилотҳои назораткунанда, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ) пешниҳод карда шаванд. Инчунин, ҳангоми ирсоли маълумот таввасути системаи ягонаи иттилоотӣ як қатор маълумот, аввал, барои санҷиш ба мақоми назоратӣ фиристода мешавад ва танҳо баъд аз он бояд дар системаи ягонаи иттилоотӣ ҷойгир карда шавад.

5. Принсипи масъулиятшиносӣ ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори алоҳида ба ҷавобгарии маъмурӣ, шаҳрвандӣ ва ҷиноятӣ кашида мешаванд. Назорати хариди ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ аз ҷониби хадамоти ҷумҳуриявии зиддиинҳисорӣ, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, дар сурати созиш дар хариди давлатӣ ҳарду тараф харидор ва молрасон масъул мебошанд. Дар сурати бевиҷдонона иҷро кардани

шартнома, инчунин, саркашӣ аз бастани шартнома молрасон низ ҷавобгар буда, метавонад ба рӯйхати молрасонҳои бемасъулият дохил карда шавад.

Хулоса бо омӯхтани таърифҳои гуногуни мафҳуми хариди давлатӣ, нишон додани хусусиятҳо ва принсипҳои хосси онҳо, мо метавонем таърифи зерини ин мафҳумро пешниҳод кунем. Хариди давлатӣ системаи муайяни муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки дар байни фармоишгар ва молрасон ҳангоми муносибатҳои ҳуқуқие ҳангоми ҳаридани мол, кор ва хизматрасонӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти давлатӣ ва минтақавӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ бо мақсади истифодаи самаранокии онҳо ба миён меояд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДАТ**
**ба номи Ш.Шоҳтемур - Самандаров И.**


**АДАБИЁТ**

1. Гукасьян Г.М. Экономика от А до Я: Тематический справочник. -М.: ИНФРА-М, 2007. [Электронный ресурс]. URL: http://economic_a_ya.academic.ru/335/ (дата обращения: 20.12.2019).
2. Закон «О государственных закупках товаров, работ и услуги». -Душанбе от 15.03.2023г №1955.
3. Кичик К.В. Государственный (муниципальный) заказ России. Правовые проблемы формирования, размещения и исполнения: Монография / К.В. Кичик. -М.: Юстицинформ, 2012. -260 с.
4. Кузьмина Т.В. Государственные закупки / Т.В. Кузьмина // Вестник науки и образования. - 2017. -№10(34). - С.56-60.
5. Логистика государственных закупок: учебно-методическое пособие/ В.А.Галанов, О.А. Гришина, С.Р. Шибаев.-М.: ИНФРА-М, 2010.-227с.
6. Лопатников В.С. Закупки для государственных нужд: Особенности законодательства и контроль за его соблюдением (на примере Санкт-Петербург): Монография / В.С. Лопатников, И.П. Соколова, С.Р. Тажетдинов. -СПб.: Наука, 2008. -С.101.
7. Общеэкономический и экономико-математический объяснительный словарь Лопатникова. [Электронный ресурс]. URL: http //slovar.ru/ slovar/g/gosudarstvennye-zakupki/ (дата обращения: 21.12.2019)
8. Смотрицкая И.И. Трансформация системы государственных закупок в российской экономике: дис. д-ра экон. наук / И.И. Смотрицкая. -М., 2009. -258 с.
9. Снеткова А.В. Международный опыт организации государственных. [Электронный ресурс]. URL: http://be5.biz/ekonomika1/r2014/1422.htm (дата обращения: 20.12.2019).
10. Управление закупками и поставками: учеб для студентов вузов / М-Мендере, Ф.Джонсан, А. Фминн и др.; с анг пер ред. Ю.А. Шербанин. –М.: Изд-в М:. ЮНИТИ-Д АНА, 2007. –С.533-556.
11. Федеральный закон от 05 апреля 2013 года №44-ФЗ (ред. От 27.06.2019) «О контрактной системе в сфере закупок товаров, работ, услуг для обеспечения государственных и муниципальных нужд» (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.10.2019). доступ из справочно-правовой системы «Консультант-Плюс».
12. Федеральный закон от 2 февраля 2006 года №19-ФЗ «О внесении изменений в некоторые законодательные акты Российской Федерации и признании утратившими силу отдельных положений законодательных актов Российской Федерации в связи с принятием Федерального закона «О размещении заказов на поставки товаров, выполнение работ, оказание услуг для государственных и муниципальных нужд». Доступ из справочно-правовой системы «Консультант-Плюс».
13. Шмелева М.В. Понятие и правовая природа государственного контракта / М.В. Шмелева // Вестник Саратовской государственной юридической академии. - 2015. -№2. -С.248-253.


## МОҲИЯТ, МАФҲУМ ВА ПРИНСИПҲОИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ


Дар мақолаи мазкур доираи васеи масъалаҳои ба моҳият ва принсипҳои хариди давлатӣ дар шароити муносибаҳои нави иқтисодӣ алоқаманд буда, аз ҷумла хариди давлатӣ ҳамчун механизм танзими иқтисодӣ, танзими иқтисодии хариди молҳо, функсияи иҷтимоии хариди давлатӣ, моҳияти хариди давлатӣ, роҳҳои ҳавасмандгардонии хариди маҳсулоти афзалиятдори илмӣ, мафҳуми хариди давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Қайд шудааст, ки хариди давлатӣ ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъиятии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва сохтори маориф нигаронида шуда, аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ки қисми таркибии буҷети давлатӣ мебошад, сурат мегирад. Муаллиф қайд намудааст, ки хариди давлатӣ системаи муайяни муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки дар байни фармоишгар ва молрасон ҳангоми муносибатҳои ҳуқуқии ҳариди мол, кор ва хизматрасонӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти давлатӣ ва минтақавӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ бо мақсади истифодаи самаранокии онҳо ба миён меояд.



**Калидвожаҳо:** хариди давлатӣ, мол, иқтисодиёт, мафҳум, эҳтиёҷоти давлатӣ, буҷет, маблағҳои буҷети маҳаллӣ, иқтисоди бозорӣ.


## СУЩНОСТЬ, ЗНАЧЕНИЕ И ПРИНЦИПЫ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ЗАКУПОК В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ


В научной статье освещен широкий круг вопросов, связанных с сущностью и принципами государственных закупок в условиях новых экономических отношений, таких как государственные закупки как механизм экономического регулирования страны по закупкам товаров, работ и услуг, финансовое и экономическое регулирование закупок товаров, социальная функция государственных закупок, сущность государственных

закупок, способы стимулирования закупок научной продукции, понятие государственных закупок, анализ мнений мировых ученых о понятии государственного управления закупок. Изучены и проанализированы общие принципы организации государственных закупок, принципы государственных закупок. Отмечается, что местные государственные закупки направлены на удовлетворение общественных нужд органов местного самоуправления и структур образования и осуществляются за счет местного бюджета, который является неотъемлемой частью государственного бюджета. В заключение можно предположить, что в понятие «государственные закупки» следует включать и закупки, хотя закупки органов местного самоуправления официально не могут считаться государственными закупками. Автор отметил, что государственные закупки – это определенная система правоотношений, возникающая между заказчиком и поставщиком в ходе правоотношений при приобретении товаров, работ, услуг для удовлетворения государственных и региональных нужд за счет государственного бюджета в целях эффективного их использования.

**Ключевые слова:** государственные закупки, товары, экономика, определение, общественные нужды, бюджет, средства местного бюджета, рыночная экономика.

**ESSENCE, IMPORTANCE AND PRINCIPLES OF PUBLIC PROCUREMENT IN A MARKET ECONOMY**

The scientific article covers a wide range of issues related to the essence and principles of public procurement in the context of new economic relations, such as public procurement as a mechanism for economic regulation of the country in the procurement of goods, works and services, financial and economic regulation of the procurement of goods, the social function of public procurement, the essence of public procurement, ways to stimulate the procurement of scientific products, the concept of public procurement, analysis of the opinions of world scientists on the concept of public procurement management, the general principles of organizing public procurement, the principles of public procurement have been studied and analyzed. It is noted that local public procurement is aimed at meeting the public needs of local governments and educational structures and is carried out at the expense of the local budget, which is an integral part of the state budget. In conclusion, it can be assumed that the concept of “public procurement” should also include procurement, although procurement by local governments cannot officially be considered public procurement. The author noted that public procurement is a certain system of legal relations that arises between the customer and the supplier in the course of legal relations during the acquisition of goods, works, services to meet state and regional needs at the expense of the state budget in order to use them effectively.

**Keywords:** government procurement, goods, economics, definition, public needs, budget, local budget funds, market economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифзода Фаррух Зариф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **936-06-06-06**

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Фаррух Зариф*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 936-06-06-06**

**Information about the author:** ***Sharifzoda Farrukh Zarif*** **–** Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: 936**-06-06-06**

ТДУ: 338.24(575.3)

# САМТҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООЛӢ ҲАНГОМИ ГУЗАРИШ БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТИИ ЭЛЕКТРОНӢ

*Ҳабибуллозода М.Ҳ.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Новобаста аз оне, ки равандҳои технологӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт бартарияти зиёдеро дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ пеш овардааст, таъмини амнияти иттилооотии ин раванд яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Аз ин рӯ, омӯзиши роҳу усулҳо ва методологияи таъмини амнияти иттилоотӣ барои кишварҳои вобастаи технологияҳои воридотӣ буда, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон хело муҳим ба шумор меравад. Гузариш ба хизматрасониҳои давалтии электоронӣ, коркарди механизми муассири ҳифзи боэътимоди маълумоти шаҳрвандон ва корхонаву ташкилотҳоро тақозо менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар рӯз истифодаи хизматрасониҳои электронӣ аз ҷониби шаҳрвандон бештар маъмул ва гуногунранг мегарданд. Талабот ба васоити коғазӣ коҳиш меёбад, кори мақомоти давлатию маҳаллӣ беҳтар карда мешавад ва навбатпоиҳои муроҷиаткунандагон тавассути таҳияи хизматрасонӣ тариқи «равзанаи ягона» аз байн меравад. Аммо суръати баланди ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар ҳаёти шахр нисбат ба суръати рушди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ тезтар аст, бинобар ин, дар амал вайронкунии коркарди маълумоти шахсӣ ба мушоҳида мерасад.

Аз рӯйи сохтори худ ҳукумати электронӣ бузургтарин оператори маълумоти шахсии шаҳрвандон мебошад. Зерсохтори электронӣ барои ҳамкории иттилоотии байни шаҳрвандон ва шахсони мансабдор пешбинӣ шудааст. Ва албатта, чунин ҳамкорӣ дар муҳити кушод сурат мегирад, ки вазифаи таъмини амнияти иттилоотиро дар муҳити умумӣ ба миён меорад.

Соҳаи амнияти иттилоотӣ дар айни замон яке аз соҳаҳоиояндадортарин ва босуръат рушдёбанда мебошад; мушкилоти марбут ба он дар ҳама сатҳҳо аз шаҳрвандони одӣ то роҳбарони сиёсӣ баррасӣ мешавад.

Ҳамин тавр, эътимоди шаҳрвандон ва соҳибкорон ба хизматрасониҳои давлатӣ, ки ба таври электронӣ пешниҳод мешаванд, мустақиман аз сатҳи амнияти иттилоотии инфрасохтори ҳукумати электронӣ ва унсурҳои таркибии он вобаста аст.

Маъмулан зимни пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ мубодилаи иттилоот байни давлат ва шаҳрвандон, давлат ва корхонаҳо, давлат ва мақомоти давлатӣ ба амал меояд. Тибқи маълумотҳои оморӣ шаҳрванд ба давлат барои дастёбӣ ба хизматрасониҳои гуногун ба ҳисоби миёна дар як сол 5-6 маротиба муроҷиат мекунад ва бештар аз 90%-и дархостҳои ӯ одатан ба мақомоти иҷроияи маҳаллӣ – шаҳру ноҳияҳо рост меояд. Чунин дархостҳо одатан ҳангоми гирифтани шаҳодатномаҳо, иваз кардани шиносномаи шаҳрвандӣ ё хориҷӣ, бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба амал мепайвандад.

Аз ин рӯ, чунин хусусияти ҳамкорӣ, ба монанди сатҳи эътимод аҳаммияти махсус дорад. Таъмини муттасилии равандҳои тиҷорат барои корхонае, ки ба аҳолӣ хизматҳои электронӣ мерасонад, вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад, зеро фаъолияти самараноки он бевосита аз қобилияти кафолат додани мизоҷон аз иҷрои уҳдадориҳои худ ба таври шабонарӯзӣ -24/7 ва омодагӣ ба ҳалли фаврии ҳодисаҳои фавқуллода бе расонидани талафот ба муштарӣ дар ҳама масъалаҳо вобаста аст.

Дар муқоиса ба шаҳрвандон маҷмуи асосии дархостҳо ба мақомоти давлатӣ аз тарафи корхонаҳо нисбатан бештар буда, мунтазамтар ба роҳ монда мешавад. Дар сурати мавҷудияти инфрасохтори рушдкарда ва интиқоли оммавии ҳамкорӣ дар шакли электронӣ, ҷараёнҳои калонтарин дар иртиботи байнисоҳавӣ байни корхонаҳо ва ташкилотҳо ба вуҷуд меоянд. Дар ин раванд, дар баробари дигар иттилоотҳои хусусияти махфӣ дошта аз тарафи субъектони бизнес иттилоот оид ба шартномаҳои баимзорасонидашуда, пардохтҳои амаликардашуда ва ҳуҷҷатҳои ба онҳо вобаста ба порталҳои ҳукумати электронӣ ҷойгир карда мешаванд, эҳтимолияти дастёбии тарафҳои

сеюм низ ба он сар мезанад. Мубодилаи электронӣ байни шахсони ваколатдори мақомоти гуногуни давлатӣ низ дар ин раванд аз ҷиҳати шиддатнокӣ аз мубодилаи иттилоот байни давлат, бизнес ва шаҳрвандон низ камтар нестанд.

Дар муқоиса ба дигар шаклҳои хизматрасонии электронӣ, ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давалтӣ агар махфияти иттилоотҳо таъмин карда нашавад, ин на танҳо боиси нороҳатии истифодабарандагони хизматрасониҳои давалтӣ мегардад, балки метавонад мавзуи баҳс дар васоити ахбори умум гардад, ки ба ташаккули созиши умумӣ байни пешкашкунандагони хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодабарандагон, ҳамчунин, ба суръати татбиқи шакли нави ҳамкории шаҳрвандон ва соҳибкорон бо давлат таъсири манфӣ мерасонад [1].

Афзоиши шумораи хизматрасониҳои электронӣ ва фарогирии бештари аҳолӣ дар пешниҳоди онҳо зарурати таъмини ҳамкории боэътимоди иттилоотии электронии байни шаҳрвандонеро, ки аз ТИК истифода мебаранд, аз як тараф ва давлат аз ҷониби дигар, ба вуҷуд овард.

Истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ аз ҷониби шаҳрвандон барои гирифтани хизматҳои электронӣ ба ҷойи компютери шахсӣ кайҳо боз як чизи маъмулӣ шудааст. Рушди иқтидори ҳисоббарории дастгоҳҳои мобилӣ ва дастрасии ҳамагон ба интернет, аз як тараф, шумораи корбарони хизматҳои электрониро зиёд карда бошад, аз тарафи дигар, мушкилоти навро дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ба вуҷуд овард.

Раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар тиҷорат ба ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдории маълумоти шахсии кормандон, мизоҷон, маълумот дар бораи шарикон ва таъминкунандагон ва ғайра зич алоқаманд аст [2]. Бо интиқоли ҳар як раванди тиҷорат ба муҳити рақамӣ, кушодагии пойгоҳи додаҳо ба таъсири беруна (дуздӣ, ивазкунӣ, интиқол ба шахсони сеюм) низ меафзояд. Дар ин ҳолат ба амнияти иттилоотӣ на танҳо қаллобон аз берун таҳдид мекунанд, балки худи кормандоне буда матавонанд, ки аз беэҳтиётӣ ё қасдан сабаби фошшавии иттилоотҳои фардӣ мекарданд. Аз ин рӯ, ҳар як истифодабарандаи маълумоти махфиро ҳамчун инсайдери эҳтимолӣ баррасӣ намудан мумкина аст. Қайд кардан мумкин аст, ки агар масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва қоидаҳои кор бо маълумот фаро гирифта нашавад, пас эҳтимол дорад эҳсоси амнияти бардурӯғ пайдо шавад [3,с.24].

Дар баробари сатҳи рақамисозии иқтисодиёт ҳаҷми иттилооте, ки эҳтимолан барои қаллобон ҷолиб аст, низ меафзояд. Таҳдидҳои ҳуҷуми киберӣ барои бахши давлатӣ хатари махсус доранд. Бо доштани бонки ҷиддии маълумоти шахсии ҳам кормандон ва ҳам шаҳрвандон, ин бахш то ҳол амнияти мутлақ ва ҳифзи пурраи иттилоотро таъмин намекунад. Сабаби ин танҳо хоҳиши беҳтарсозии баъзе соҳаҳо бо сарфи ҳадди ақали захираҳои гуногун мебошад. Масалан, гузариш ба дафтарҳои сабти фаъолияти меҳнатии рақамӣ ва сабтҳои тиббӣ барои хакерҳо ва қаллобон имкониятҳои бузург фароҳам меорад, ки баъдан метавонанд маълумотро фурӯшанд ё шаҳрвандонро бо маълумоти гирифташуда таҳдид кунанд. Новобаста аз оне, ки ҳамаи мақомоти давлатӣ аз ин хатарҳо огоҳанд, аммо роҳи ҳалли ин масъалаҳо то ҳол пайдо нашудааст.

Мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти давлат ҳамасола суръат мегирад, аммо дар айни замон стратегияи ягонаи мубориза бо таҳдидҳои киберӣ вуҷуд надорад. Ишораҳои болоро хулоса намуда, метавонем қайд кунем: истифодаи интернет дар ҳаёти муосир аз тиҷорати хурд то бахши давлатӣ кайҳо васеъ паҳн шуда, шакливазкунии рақамӣ бисёр соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифтааст. Бо ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар ҳар як раванд, масъалаи амнияти иттилоотӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Омори киберҷинояткорӣ, ҳамлаҳо ба ширкатҳои сатҳҳои гуногун ва ҳаҷми зарари расонидашуда нишон медиҳад, ки имрӯз ҳалли масъалаи ҳифзи додаҳо корҳои зиёдеро талаб мекунад. Ин масъала барои муҳити рақамии ҳукумат низ дуруст аст. Сарфи назар аз он, ки ҳоло барои аҳолӣ таҳдиди муқовимат бо амалҳои ғайриқонунӣ дур ба назар мерасад, дар амал вазъият дигар аст, ки ҳодисаҳои пурсарусадо дар соҳаи амнияти додаҳо дар як соли охир инро тасдиқ мекунанд. Барои танзими соҳаи мазкур, таҳияи амиқи сиёсат ва стратегияи амнияти додаҳо, кафолатҳои ҳуқуқи корбарон, инчунин, ташкили маъракаи густурдаи огаҳӣ барои баланд бардоштани саводнокии рақамӣ зарур аст [4].

Барои таъмини амнияти иттилоотӣ ҳангоми истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ равиши маҷмуӣ зарур аст: эҷоди зомҳои ҳисоббарории боэътимод ва андешидани чораҳои дахлдори ташкилӣ. Самаранокии консепсияи низомҳои ҳисоббарории боэътимод боиси рушди меъмории низоми миллии эътимод дар бисёр кишварҳо гардид. Бисёре аз хизматҳо бо истифода аз усулҳои маълуми иҷозатдиҳии қатъӣ пешниҳод карда мешаванд. Барои ифодаи худ ва тағйир додани ҳуқуқҳои шахс, усулҳои нисбатан қатъии иҷозатдиҳӣ тақозо мешаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҷараёни истифодабарии порталҳои хизматрасонии давлатии электронӣ, на танҳо маълумоти шахсии шаҳрвандон, балки маълумотҳои молиявӣ ва инчунин, дигар иттилооти махфӣ интиқол ва коркард мешавад.

Маълумоти шахсӣ ҳамчун маълумоте арзиши махсус дорад, ки иттилоот дар бораи ҳаёти шахсӣ, инфиродӣ ё оилавии шахсро дар бар мегирад [5]. Бо дарки аҳаммият ва арзиши иттилоот дар бораи шахс, инчунин, ғамхорӣ дар бораи эҳтироми ҳуқуқҳои шаҳрвандон, давлат бояд дар сатҳи қонунгузорӣ ҳифзи боэътимоди маълумоти шахсиро таъмин намуда, аз ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ риояи меъёрҳои ҳуқуқиро талаб намояд. Яке аз вазифаҳои асосии мақомоти давлатӣ, такмил додани қонунгузорӣ ва низоми танзими давлатӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Давлат барои ҳалли мушкилот кӯшиш намуда, қонунгузориро дар соҳаи ҳифзи маълумоти шахсӣ такмил ва тағйир медиҳад.

Маълумоти шахсӣ бо аҳаммияти махсуси маълумоте, ки сирри шахсии шаҳрвандро ташкил медиҳад, инчунин, шахсияти ӯро тавсиф мекунад, фарқ мекунад. Чун қоида, чунин маълумот имкон медиҳад, ки ӯ дар байни ҳамаи одамони дигар муайян карда шавад. Чунин маълумот бояд ҳифз карда шавад, зеро он метавонад иттилооти ҳифзшуда дар бораи ҳаёти шахсии корбарро ташкил диҳад.

«Маълумоти шахсие, ки барандаи онро муайян мекунад, вале маълумот дар бораи ҳаёти шахсии ӯро фаро намегирад, дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани он метавонад маҷмуи маълумотро дар бораи ҳаёти шахсии шахс ташкил диҳад».

Ташкили амнияти иттилоотӣ вазифаи мураккабест, ки ба таъмини амният дар ташкилоту корхонаҳои гуногун нигаронида шудааст. Ин мушкилот ҳоло махсусан дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, ки дар он ҷо миқдори зиёди маълумоти шахсӣ мутамарказ шудааст, шадид аст, ки ташкили ҳифзи бисёрҷанба ва ҳамаҷонибаро тақозо мекунад [6].

Мушкилоти амнияти иттилоотӣ дар мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ бо сабаби дар ҳама соҳаҳои ҷамъиятӣ паҳн шудани воситаҳои махсуси коркард ва интиқоли иттилоот, ки смартфонҳо, ноутбукҳо, планшетҳо, нетбукҳои муосир ва ғайраро дар бар мегиранд, пайваста шадидтар мешаванд.

Аз ин рӯ, дар ин раванд субъектҳои мубодилаи иттилоот бояд дақиқ дарк кунанд, ки маълумоти онҳо чи гуна ва то чи андоза боэътимод ҳифз карда мешавад ва чигуна мақомоти давлатии танзимкунандаи соҳа кафолатҳои амнияти иттилоотҳои касбии онҳоро ҳифз менамояд. Ҳамаи ин зарурати таъмини самараноки амнияти иттилоотии ҳукумати электрониро дучанд мегардонад.

Масъалаи ҳифзи маълумоти шахсии шаҳрвандон дар низомҳои иттилоотӣ ва дар раванди мубодилаи иттилоот низ аз аҳаммият холӣ нест [7]. Дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, давлат соҳиби асосии маълумоти шахсӣ мебошад. Танҳо соҳибони онҳо медонанд, ки реестрҳо, қайдҳо ва бойгониҳои иттилоотӣ то чи андоза боэътимод ҳифз шудаанд ва инро танҳо бо далелҳои ғайримустақим метавон арзёбӣ кард, агарчи далелҳои ифшои маълумоти махфӣ вақтҳои охир бештар ошкор мешаванд. Ҳамин тариқ, суръати рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба татбиқӣ консепсияи ҳукумати электронӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад ва зарурати ҳалли мушкилоти амнияти иттилоотиро дар ин раванд ба таври ҷиддӣ тақозо менамояд, то он ки боварии шаҳрвандон ва соҳибкоронро ба хизматрасониҳои давалтии электронӣ афзоиш дода шавад.

Амнияти иттилоотӣ омили калидии раванди пешниҳоди хизмарасониҳои электронӣ мебошад. Хизматрасониҳои муосири технологию коммуникатсионӣ бо истифодаи

миқдори зиёди иттилооти махфӣ, ки ба муҳофизат ниёз доранд (маълумоти шахсӣ, маълумоти пардохтҳо, калидҳо ва асрор) тавсиф карда мешаванд [8].

Амнияти иттилоотӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ мебошад. Таъмини хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ дар асоси низомҳои иттилоотӣ, аз ҷумла низомҳои иттилоотии давлатӣ, ки технологияҳои иттилоотӣ ва инфрасохтори коммуникатсионӣ мебошанд, амалӣ карда мешавад. Дар навбати худ, ин масъалаи ҳифзи маълумоти шахсии қабулкунандагони хизматрасониҳои давлатиро муҳим месозад [9].

Шарти зарурии фаъолияти ҳукумати электронӣ, таъмини сатҳи баланди амнияти иттилоотии ҷузъҳои он мебошад. Марҳилаҳои мазкур иборатанд аз: муайян кардани таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ, татбиқи чораҳои боэътимоди муқобила, рафъи оқибатҳои зараровари нақзи амният, арзёбии пайвастаи ҷузъҳои бехатарӣ / зерсохтор, муайян ва арзёбии таҳдидҳои нав, инчунин, навсозии саривақтии системаҳои бехатарӣ. Истифодаи низомҳои иттилоотии худкор ногузир хатарҳоро ба вуҷуд меорад. Хавфро метавон ҳамчун ба даст овардани натиҷаҳои манфии ғайричашмдошт ё ғайриинтизор дар ҳолати муайян баррасӣ кард. Ҳама хавфҳоро ба инҳо тақсим кардан мумкин аст: – хавфҳои иттилоотӣ, ки боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ намегарданд; – хавфҳои тиҷоратӣ, ки боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ ва/ё молиявӣ мегарданд.

Солҳои охир ҳангоми таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои электронӣ ба аҳолӣ омилҳои зерин дар мадди аввал қарор мегиранд: зарурати эҷоди муҳити боэътимоди ҳисоббарорӣ, истифодаи маҷозикунонӣ ва ҳисоббарории абрӣ, мавҷудияти талаботи махсус барои идентификатсия ва аутентификатсия, зарурати муттасилии равандҳои тиҷорат, ҳамгироии низомҳои гуногуни худкори иттилоотӣ, зарурати ҳамгироии технологияҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ дар ҳалли мушкилот, истифодаи васеи ТИК-и мобилӣ, таъсири рафтори корбарон ба амнияти иттилоотӣ ва тавсеаи истифодаи имзоҳои электронии рақамӣ.

Консепсияи низомҳои ҳисоббарориҳои боэътимоди нармафзор, дар охири асри гузашта дар робита ба афзоиши босуръати системаҳои иттилоотии автоматикунонидашуда ва якбора зиёд шудани ҳаҷми иттилоот барои коркард ташаккул ёфта буд, ки ҳалли фаврии масъалаҳои нави мураккаби амнияти иттилоотиро талаб мекард. Дар аввал, вазифа гузошта шуда буд, ки муҳити функсионалии пӯшида эҷод карда шавад. Муҳити функсионалии пӯшида ҳамчун муҳити тасдиқшудаи амалиётӣ шарҳ дода шуд, ки дар он вазифаи тасдиқшуда аз рӯйхати ниҳоии вазифаҳои тасдиқшуда бо истифода аз маълумоти тасдиқшуда иҷро карда мешавад. Рушд ва пайдоиши низомҳои нави амалиётӣ, инчунин, нармафзори амалӣ боиси зарурати табдил додани механизми муҳофизатӣ гардид. Таҳияи он як муҳити ҷудошудаи нармафзоре буд, ки ба муҳитҳои амалиётии бисёрсоҳавӣ нигаронида шудааст, вақте ки муҳити корӣ таъсири мутақобилаи вазифаҳои ҳамзамон иҷрошавандаро дар асоси ҷудокунии барномаҳои тасдиқшудаи иҷрошаванда дар низомҳои оператсионӣ бо маълумоти тасдиқшуда истисно мекард.

Ба андешаи мо, таъмини амнияти иттилотӣ, амнияти чунин унсурҳои калидӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳо дар шакли электронӣ тақозо менамояд: амнияти таҷҳизоти серверӣ ва замимаҳои он, аз ҷумла сохторҳои абрӣ, каналҳои алоқа, таҷҳизот ва замимаҳои корбар, калидҳо ва идентификаторҳо). Новобаста аз он ки дар адабиёти илмӣ амнияти серверҳои барномавӣ, маҷроҳои алоқа, таҷҳизот ва нармафзори корбар хеле васеъ омӯхта шудааст, масъалаи таъмини амният ҳангоми истифодаи калидҳо ва идентификаторҳо асосан дар сатҳи барномаҳои амалӣ ва таҷрибавӣ ҳал карда мешаванд, ки аз нуқтаи назари арзёбии миқдории сатҳи амният дар марҳилаҳои тарҳрезӣ ва эҷоди интерфейсҳои оптималии корбар кофӣ нест.

Дар байни таҳдидҳои бештар истифодашаванда ба амнияти иттилоотӣ, истифодаи осебпазирӣ дар протоколҳои аутентификатсивӣ ва идоракунии сессияҳои корбарон мебошад. Ин навъи таҳдиди амнияти иттилоотӣ дар раддабандӣ дарҳол пас аз ворид кардани рамзи зараровар, ки аксари вақт аз ҷониби инсайдерони бадхоҳ анҷом дода мешавад ва ба дуздии атрибутҳои дастрасии корбарон нигаронида шудааст, дар ҷои дуюм қарор дорад.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ташкили ҳифзи додаҳо як раванди хеле гаронарзиши молиявӣ мебошад, ки на танҳо ба даст овардан ва насби воситаҳои амнияти нармафзор ва сахтафзор, балки тадбирҳои ташкилиро оид ба беҳтар намудани амнияти иттилоотӣ низ фаро мегирад. Дар ин шароит муайян кардани сатҳи ҳифзи кофии оқилонаи додаҳо, ҳангоми таъмини ҳолати амалии технологияҳои иттилоотӣ ва вокуниши фаврии он, масалан, ба дархостҳои транзаксионии аҳолӣ, хеле душвор аст [10].

Талабот оид ба таъмини амнияти иттилооте, ки дар технологияҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ паҳн мешавад, ба як қатор хусусиятҳои хосси истифодаи воситаҳои автоматикунонии равандҳои идоракунӣ ва ташкили кор бо аҳолиро алоқаманд аст ва вобаста ба он тадбирҳои зарурӣ ҳангоми ташкилии амнияти иттилоотӣ роҳандозӣ карда мешавад, ки дар ҷадвали 1 дарҷ карда шудааст.

**Ҷадвали 1. Хусусиятҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар равандӣ пешниҳоди хизматрасониҳои давалтӣ ва тадбирандешӣ вобаста ба он**

**Table 1. Features of the use of digital tools in the process of providing public services and measures related to it**

| Нишондиҳандаҳо | Тавзеҳот |
|---|---|
| хусусиятҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар равандӣ пешниҳоди хизматрасониҳои давалтӣ | - нақши афзояндаи равандҳои автоматишуда ҳангоми барасмиятдарории иттилооти махфӣ;<br>- аҳаммият ва масъулияти рӯзафзуни қабули қарорҳо ба таври худкор ва дар асоси коркарди автоматии иттилооте, ки дар мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ гардиш мекунанд;<br>- тафриқаи назарраси ҳудудии аҳолӣ дар истифодаи технологияҳои ҳисоббарорӣ, компютерҳо, аз ҷумла смартфонҳо, планшетҳо ва ғайра ҳангоми истифодаи хизматрасониҳои давлатӣ;<br>- мураккабии реҷаҳои кори воситаҳои техникии технологияи иттилоотӣ;<br>-ҷамъоварӣ ва нигоҳдории дарозмуддати ҳаҷми бузурги иттилоот, аз ҷумла маълумоти таърихӣ дар шакли электронӣ, ки аксар вақт дар коғаз ё дигар нусхаҳои такрорӣ ғайриимкон мегардад;<br>- ҳамгироии шаклҳои гуногуни маълумотҳо ва мансубияташон ба анборҳои ягонаи иттилоотӣ;<br>- дастрасии мустақим ба захираҳои иттилоотии аз тарафи шумораи зиёди истифодабарандагон, аз ҷумла аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ аз ташкилотҳои гуногун;<br>- гардиши пуршиддати маълумот байни модулҳои инфиродии технологияҳои иттилоотӣ;<br>-арзиши доимо афзояндаи на танҳо захираҳои технологияҳои иттилоотӣ, балки равандҳои коркард, интиқол ва ғайра. |
| Осебпазириҳо хизматрасониҳои давлатии электронӣ | - татбиқи формати маҷозии хизматрасониҳои давалтӣ бароҳмонии корро аз муштариёни ҳузурӣ ба веб-барномаҳои мувофиқ тавсиф мекунад;<br>- истифодаи замимаҳои мобилӣ барои татбиқи вазифаҳои гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ бо сатҳи дахлдори амният таъмин карда намешавад;<br>- сиёсати заифи рамзикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, сарфи назар аз иттилооти оммавӣ ва маслиҳатҳои коршиносон, яке аз таҳдидҳои умумиҷаҳонӣ боқӣ мемонад;<br>- осебпазирии периметри беруна: истифодаи нармафзори озод паҳншудаи кушода асос ва ҳоло ин махсусан барои веб-назарияҳои низомҳои идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ мувофиқ аст;<br>- танзимоти нодурусти ҳуқуқҳои дастрасӣ;<br>- истифодаи маълумоти додаҳо ба таври пешфарз; ифшои рӯйхати истифодабарандагон;<br>- осебпазирии периметри дохилӣ: идоракунии нодурусти рамз [11], воситаҳои бехатарии нодуруст танзим кардашуда;<br>- вақти миёна барои насби худкори навсозиҳои амниятӣ. |
| тадбирҳои зарурӣ ҳангоми ташкили амнияти иттилоотӣ | – муқаррар намудан ва дар ҳуҷҷатҳои дастури дахлдор сабт кардани номгӯйи маълумоте, ки махфӣ ва сиррӣ маҳсуб мешаванд;<br>– муайян кардан ва маҳдуд намудани доираи шахсони мансабдоре, ки ба маълумоти махфӣ ва сиррӣ дастрасӣ доранд; |

| | |
|---|---|
| | – расонидани маълумоти дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ пешбинишуда ба шахсоне, ки ба онҳо дастрасӣ доранд, бо расидҳои дахлдори ифшо накардан;<br>– ташкили коргузорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ бо маълумоти махфӣ;<br>– масъулияти шахсии кормандон ва роҳбарони ҳамаи сатҳҳо барои ҳифзи маълумоти махфӣ ва сиррӣ, ки дар мақомоти давлатӣ ва мунитсипалӣ паҳн мешаванд;<br>– нигаҳбонии доимӣ, назорат ва мониторинги риояи талаботи муқарраршудаи амнияти иттилоотӣ дар мақомоти давлатӣ ва мунитсипалӣ. |

Сарчашма: Перова М.В., Пономарев Д.А. Обеспечение информационной безопасности в системах электронного документооборота фундаментальные исследования. – 2022. -№2. -С.46-49.

Нақши муҳимро дар таъмини амнияти иттилоотӣ ҳангоми расонидани хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ, имзои электронӣ мебозад. Шуъбаҳои гуногуни сохторҳои давалтӣ, ки бо ҳамдигар ҳангоми қабули дархостҳо ва таҳияи ҷавобҳо дар иртиботанд, ҳамкориро дар самти аслияти имзои электронӣ ба роҳ мемонанд. Аммо, новобаста аз оне, ки имзои электронӣ яке аз унсурҳои муҳимми амнитяи иттилоотии ҳукумати электронӣ ба шумор меравад, он на ҳамавақт зерсохтори миллии эътимодро ташаккул дода метавонад.

Ҳангоми таҳлили татбиқи механизмҳои идентификатсия/аслиятшиносӣ барои имзоҳои электронӣ, ба ин ё он роҳ тақсим кардани хизматрасониҳо аз рӯйи намуди идентификатсия муҳим аст. Идентификаторҳо метавонанд ҳама гуна кортҳои пластикии бонкӣ, кортҳои иҷтимоӣ, идентификаторҳои USB, изи ангушт, рақами телефони мобилӣ, логин ва рамзи e-mail, шиносномаи электронӣ, рақами мушаххас ва ғайра бошанд.

Ташаккули зерсохтори ягонаи эътимоди миллӣ раванди тулонӣ ва дарозмуҳлатест, ки дар натиҷаи татбиқи тадбирҳои зиёд ва ҳамоҳангшуда ташаккул меёбад ва эҳтимолияти зуд азбайнравии он низ ҳангоми фошшавии ягон иттилооти муҳимми шаҳрвандон ҷой дорад. Дар ин раванд нақши махсусро зерсохтори фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бо таъсиси марказҳои маҷозии тасдиқкунандаи шахсиятҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои давлатии электронӣ мебозанд. Чунин марказҳо як қисми домани ягонаи эътимоди рақамӣ ба ҳисоб рафта, фазои ягонаро барои истифода ва эътирофи имзоҳои электронӣ таъмин мекунанд. Фаъолсозии нишондодҳои роҳнамоӣ дар ин марказҳо метавонад боиси он гардад, ки агентиҳо бо дараҷаҳои гуногуни муваффақият фазои алоҳидаи эътимодро бунёд кунанд, ки бо ҳам пайваст шаванд.

Таҳдиди муҳим дар амнияти иттилоотӣ нармафзори зараровар ба шумор меравад, ки самаранокии барномаҳои амниятиро дар самти ҳамкориҳои иттиоотии шаҳрвандон ва давлат паст мегардонад. Ҳамарӯза шумораи вирусҳое, ки тавассути интернет паҳн мешаванд, зиёд мегарданд ва яке аз чораҳои муассир дар муқобили ин таҳдидҳо, филтркунонии мундариҷаи трафики интернетӣ мебошад. Агар ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса дода нашавад, компютерҳои мансабдорони давлатӣ, кормандони корхонаҳо ва шаҳрвандони одӣ метавонанд сироят шаванд, ки муваффақияти ҳамлаҳои ҷинояткоронро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Ҳамаи ин эҳтимолияти иваз кардани имзоҳои электронӣ, ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, инчунин, имконияти беиҷозат тағйир додани онҳоро зиёд мегардонад [12].

Барои ҳалли масъалаҳои марбут ба ташкили амнияти иттилоотӣ, мақомоти давлатӣ усулҳои гуногуни ҳифзро истифода мебаранд, ки аз воситаҳои барномавӣ, муҳандисию техникӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ иборатанд (ниг. расми 1).

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки низоми оптималии амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла нармафзор ва таҷҳизот, усулҳои муҳандисӣ, техникӣ ва ҳуқуқӣ, бештар аз усулҳои ташкилӣ вобаста аст, ки метавонанд самаранокии ҳифзи иттилооти махфии дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ паҳн шавандаро беҳтар созанд [13].

Ба андешаи мо, ҳангоми арзёбии амнияти иттлоотии истифодабарандагони хизматрасониҳои давлатӣ, бояд таваҷҷуҳи махсус ба усулҳои ташкилии амнияти иттилоотӣ дода шавад, ки дар онҳо омили инсонӣ нақши муҳим мебозад.

**Расми 1. Усулҳои ҳифзи иттилоот ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

**Figure 1. Information protection methods during the provision of electronic government services**




Сарчашма: Аз тарафи муаллиф таҳия шудааст бо истифодаи: Шаньгин, В.Ф. Информационная безопасность и защита информации / В.Ф. Шаньгин. -М.: ДМК, 2014. -702 с.

Рӯйхати тадбирҳои дар ҷадвал оварда шуда мукаммал ва ниҳоӣ набуда, вобаста ба рушди технологияи иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва татбиқи он дар равандҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давалатӣ тавсеа меёбад. Ба андешаи мо, тавсеаи вазифаҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳои ба таври электронӣ пешниҳодшавандаро, ки ба мансабдори мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ вогузор карда шудааст, дар асоси таъмини сатҳи баланди махфияти иттилооти воридшаванда дар мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи умумӣ ва ҳаҷми вазифаҳои иҷрошаванда дар назди хизматчиёни давлатӣ, дуруст ба роҳ мондани номгӯй ва пайдарҳамии чорабиниҳои татбиқшаванда ва интихоби усули дурусти ташкили он васеъ ва пурра кардан мумкин аст.

Рушди низоми амнияти иттилоотӣ бояд ба самтҳои муҳимтарин ва афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ равона карда шавад, ки диққати махсус ва таҳлили амиқро тақозо мекунад, ки тибқи натиҷаҳои онҳо феҳристи таҳдидҳои эҳтимолии маълумоти махфӣ ва фардӣ таҳия карда мешавад. Феҳристи таҳияшуда аз ҷониби роҳбарият тасдиқ карда шуда, дар асоси он тадбирҳои мушаххаси иловагӣ ё васеъ, воситаҳо ва усулҳои амнияти иттилоотӣ муайян ва таҳия карда шаванд.

Дар маҷмуъ, низоми амнияти иттилоотии мақомоти давлатӣ, бояд ҳамаҷониба ва самаранок ба як қатор талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад, ки онҳоро дар расми 2 мушоҳида намудан мумкиан аст (ниг ба расми 2).

**Расми 2. Талаботҳои нисбат ба таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

**Figure 2. Requirements for ensuring information security of electronic government services**




Сарчашма: Аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Барои ташаккули фазои иттилоотӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти шаҳрвандон ва ҷомеа гирифтани хизматрасониҳои босифати давлатии электронӣ, таҳия ва татбиқи низоми миллии идоракунии маълумот муҳим аст, ки имкон медиҳад, стандартҳои ягонаи сифати хизматрасониҳои электрониро муқаррар намояд [14]. Низоми миллии идоракунии додаҳо маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманди технологияҳои иттилоотӣ, хусусияти ташкилӣ, методӣ, кадрӣ ва меъёрӣ мебошад, ки ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои идоракунии самараноки маълумоти давлатиро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, паҳншавии густурдаи равандҳои рақамисозӣ зарурати баланд бардоштани сатҳи амнияти маълумотро дар низоми миллии идоракунии маълумот ба миён овард. Низоми миллии идоракунии маълумоти ҷоришуда, бояд пайваста бо рушди минбаъдаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи киберамният таҷдид карда шавад. Таъмини амнияти маҷмуии иттилоот мониторинги доимӣ ва вокуниши фаврӣ дар вақти воқеӣ ба рӯйдодҳои соҳаи киберамниятро дар тамоми давраи пурраи нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот дар низоми миллии идоракунии маълумот дар назар дорад. Чунин чораҳо барои ҳадди ақал кам кардани хатарҳои ифшои маълумоти махфӣ ва талафоти марбут ба шаҳрвандон, ширкатҳо ва давлат заруранд. Оқибатҳое, ки аз ҳамгироии низоми миллии идоракунии додаҳо бо инфрасохтори ҳукумати электронӣ интизор мешаванд, оварда шудаанд. Ин ҳамгироӣ ба ташаккули фазои иттилоотӣ барои ба даст овардани хадамоти босифати электронии давлатӣ мусоидат хоҳад кард.

Нақшаи бисёрсатҳаи ҳифзи иттилоот ва инфрасохтор бо истифода аз ҳалли ҳамаҷонибаи киберамният имкон медиҳад, ки хатарҳо кам ва хароҷоти иқтисодии рафъи оқибатҳои ҳамлаҳои киберӣ бартараф карда шаванд. Ташкили дурусти ҳолати амнияти иттилоотии маълумот барои пешгирии хатарҳои пайдошуда бо ёрии тадбирҳои пешгирикунанда, на бартараф кардани оқибатҳои манфии онҳо пешбинӣ шудааст. Андешидани чораҳои пешгирикунанда барои ҳалли мушкилоти низомҳои амнияти иттилоотӣ, ки аз таъмини реҷаи ҳифзшудаи нигоҳдории иттилооти ҳуҷҷатшуда, ҳифзи маълумоти тавассути хатҳои алоқа интиқолшаванда, маҳдудкунии ҳуқуқи дастрасӣ ба дараҷаи алоҳидаи ҳуҷҷатҳо, нусхабардорӣ ва ҳолати пас аз садамавии барқарорсозии низомҳои иттилоотӣ дар низоми миллии идоракунии маълумот дар ҳолати нокомии сахтафзор дар асоси нармафзор иборат аст.

Ҳифзи ҳамаҷонибаи захираҳои иттилоотӣ дар низоми миллии идоракунии маълумот аудити доимии амнияти иттилоотиро тақозо мекунад, ки воситаи муассир барои баҳодиҳии объективии сатҳи кунунии ҳимоя аз таҳдидҳои эҳтимолии киберӣ мебошад. Нигоҳдории чунин низом аз навсозии мунтазами нармафзори зиддивирусӣ, навсозии воситаҳои амнияти иттилоотӣ, мониторинги шабонарӯзӣ бо мақсади пешгӯии шаклҳои вайронкорон ва зуд безарар гардонидани таҳдидҳои муайяншуда, нигоҳ доштани он ва таҳияи меъёрҳои нав дар соҳаи амнияти иттилоотиро дар бар мегирад. Низоми миллии идоракунии маълумот, бояд сатҳи зарурии амнияти иттилоотии маълумотро таъмин ва талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаро дар соҳаи ҳифзи иттилоот иҷро намояд.

Натиҷаҳои таҳлилро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса кард, ки мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ дар татбиқи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ба сатҳи нав мегузаранд.

Ҳамин тариқ, мо ба зарурати муносибатҳои нав оид ба ҳифзи низомҳои идоракунии гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ мутмаин мешавем. Дарки он муҳим аст, ки комилан аз байн бурдани киберҷинояткорӣ ғайриимкон аст, аммо барои ба ҳадди ақал расонидани хатарҳо ҳангоми анҷом додани фаъолият дар фазои рақамӣ зимни харидори ё пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ тамоми чораҳои заруриро дидан мумкин аст.

Тавсия медиҳем, ки вазифаҳои зерин баррасӣ шаванд:

- пурзӯр намудани чораҳо оид ба таҳияи воситаҳо ва усулҳои таъмини амнияти иттилоотӣ, ки маҳз ба истилоҳот ва механизмҳои гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ҳангоми пешниҳоду дастёбӣ да хизматрасониҳои давлатӣ алоқамандан;
- муайян кардани механизми ягонаи талабот нисбат ба пешкашкунандагон ва миёнаравоне, ки низомҳои электронии гардиши ҳуҷҷатҳоро дар соҳаи амнияти иттилоот таҳия ва татбиқ мекунанд;

- пурзӯр кардани сиёсати рамзикунонӣ дар сатҳи идоракунии давлатӣ ва бозомӯзии хизматчиёнӣ давалтӣ дар самти амнияти иттилотӣ.

Дар ҷараёни омӯзиши гузаронидашуда метавон хулоса кард, ки ҳамаи тадбирҳои дар боло зикршуда асосан ҷанбаҳои маъмурии баланд бардоштани сатҳи амнияти иттилоотӣ дар тамоми бахши давлатӣ, аз ҷумла низомҳои электронии гардиши ҳуҷҷатҳо ба ҳисоб мераванд. Таъмини амнияти иттилоотӣ як раванди мураккабест, ки сатҳи баланди ихтисоси кормандонро талаб мекунад. Набудани ихтисоси баланд, аз тарафи ҳам кормандони одӣ ва ҳам мутахассисони бехатарӣ метавонад боиси ихроҷи маълумоти ҳассос гардад, ки ба талафоти фоҷиавӣ оварда мерасонад.

Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ дар шароити муосир самти муҳимтариниислоҳоти дохилии маъмурӣ гардид. Тағйироте, ки дар соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ анҷом дода мешаванд, барои эҷоди як низоми шаффоф ва дастрас пешбинӣ шудаанд, ки дар доираи он муроҷиаткунандагон метавонанд аз мақомоти давлатӣ хизатрасониҳои босифатро дастрас кунанд.

Аммо, дар баробари ҷузъҳои техникӣ, дараҷаи тахассуснокии хизматчиёни давлатӣ низ муҳим аст. “Дар шароити рушди босуръати илму техника, барои бомуваффақият амалӣ намудани қобилиятҳои касбии кормандони соҳаи хизматрасонӣ онҳо бояд рақобатпазирии худро дар бозори меҳнат пайваста баланд бардоранд” [15].

“Дар асоси ин мақомоти давлатиро зарур аст, такмил додани истеъдодҳоро дар соҳаи илм, техника ва технология тариқи мукаммалгардонии механизми омӯзиш ба роҳ монанд” [16].

Амнияти иттилоотии маълумоти шахсии довталабон бо чораҳои ҳамаҷониба, ҳам аз дастгирии техникии сайт ва ҳам тавассути амалҳои худи корбар ҳангоми дастрасӣ ба хизматҳо тавассути пайвасти бехатар таъмин карда мешавад. “Сармоягузорӣ ба таъсиси ҷойҳои кории хуб барои афзоиши даромади аҳолии кишвар як самти муҳимми баланд бардоштани амнияти итилоотӣ мебошад” [5,с.130]. Талаботи шабеҳ нисбат ба истифодабарандагони хадамоти давлатӣ низ татбиқ мешаванд. Дар адабиёти методӣ ба хусусиятҳои таъмини амнияти иттилоотӣ ҳангоми кор бо портали интернетии «Хизматрасонии давлатӣ» таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Ба корбарон тавсия дода мешавад, ки ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ чунин татбирҳоро роҳандозӣ намоянд:

– дар он истгоҳҳои корӣ, ки дастрасӣ аз онҳо амалӣ карда мешавад, танҳо аз нармафзори аслӣ истифода кунанд;
– муҳофизати боэътимоди зиддивирусро насб намоянд;
– маълумотро аз манбаъҳои шубҳанок ба компютери худ зеркашӣ накунанд;
– аз ягон ҷойи кори ношоям ба ҳисоби шахсии худ дар портали хадамоти давлатӣ ворид нашаванд;
– ба касе барои ворид шудан ба ҳисоби шахсии худ маълумот надиҳанд.

Ҳамин тавр, ҳамаи чораҳои дар боло зикршуда таҳдиди хатар ба маълумоти шахсӣ аз ҷониби аризадиҳанда ҳангоми дархости пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва коммуналиро ба тавri назаррас бартараф мекунанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Юсупов Ш.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Александрович С. Вопросы защиты информации при переходе на оказание государственных услуг в электронном виде / С. Александрович. - С.206-207.
2. Горелик С.Л., Информационная безопасность в системах электронных услуг / С.Л. Горелик, В.С. Ляпер // Современные проблемы науки и образования. - 2014. -№4. -С.217.
3. Джумъаев Б.М. Приоритетные направления формирования и развития рынка бизнес-услуг в Республике Таджикистан / Б.М. Джумъаев // Экономика Таджикистана. -Душанбе, 2020. -№4(2). -С.21-29. - 0,69 п.л.
4. Игина К.А. Охрана персональных данных в контексте предоставления государственных и муниципальных услуг в РФ / К.А. Игина // Проблемы модернизации современного российского государства. Сборник материалов IX Всероссийской научно-практической конференции. -Стерлитамак, 2020. -С.16-19.
5. Кодирзода Д.Б. Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях интеграции в мировую экономику / Кодирзода Д.Б., Хушвахтзода К.Х, Б.М. Джумъаев // Международные отношения и безопасность. - 2022. -№1(1). -С.130-140.

6. Коноплева И.А. Методы защиты информации в государственных и муниципальных органах / И.А. Коноплева // Сборник статей IV Международного научно-исследовательского конкурса: в 2 ч.. - 2019. -С.249-251.
7. Коноплева, И.А. Информационные технологии. / И.А. Коноплева, О.А. Хохлова, А.В. Денисов. -М.: Проспект, 2017. -328 с.
8. Миллер И.П. Правовые аспекты использования персональных данных при использовании электронными услугами / И.П. Миллер // Международная научно-практическая конференция «Безопасность городской среды» 21-23 ноября 2017 года. -Омск, 2017. -С.385-389.
9. Мирошниченко М.А. Возможности национальной системы управления данными в формировании информационного пространства в цифровом обществе / М.А. Мирошниченко // Мирошниченко М.А., Ковтун А.В., Трипутень А.В. // Естественно-гуманитарные исследования. - 2020. -№28(2). -С.176-180.
10. Овчинников С.А. Проблемы обеспечения информационной безопасности «электронного правительства» / С.А. Овчинников // Электронное государственное управление: проблемы и перспективы: сб. матер. междунар. науч. - практ. конф. (г. Саратов, 28 мая 2009 г.). -Саратов, 2009.
11. Овчинников С.А. Комплексный подход к рассмотрению теории управления рисками при внедрении информационных технологий / С.А. Овчинников, С.Е. Гришин // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. - 2011. -№5(39). -С.188-191.
12. Перекрестова В.А. Тенденции цифровой трансформации в России / В.А. Перекрестова, П.В. Фурсова // Евразия и глобальные социально-экономические изменения: материалы VII Междунар. конгресса социологов тюркского мира: сб. науч. тр. -Казань, 2020. -С.263-267.
13. Перекрестова В.А. Цифровизация в России: проблемы информационной безопасности / В.А. Перекрестова, В.П. Фурсова // Вестник Прикамского социального института. - 2021. -№2(89). -С.170-176.
14. Перова М.В. Обеспечение информационной безопасности в системах электронного документооборота. Фундаментальные исследования / М.В. Перова, Д.А. Пономарев. – 2022. -№2. -С.46-49.
15. Турсунов Р.Р. Мировые тенденции рынка труда в условиях цифровой экономики / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. –Душанбе, 2023. -№2. -С.86-94.
16. Хушвахтзода К.Х. Методологические аспекты аудита операций по социальному страхованию и пенсиям в условиях цифровой экономики Таджикистана / Хушвахтзода К.Х., М.З. Абдурахмонова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. -Душанбе, 2024. -№1. –С.5-11.

## САМТҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООЛӢ ҲАНГОМИ ГУЗАРИШ БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТИИ ЭЛЕКТРОНӢ

Дар мақола самтҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ ҳангоми гузариш ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таъмини амнияти иттилоотии раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҳачун масъалаҳои мубрам арзёбӣ карда шуда, роҳу усулҳо ва методологияи таъмини он барои кишварҳои вобастаи технологияҳои воридотӣ муқаррар карда шудаанд. Қайд карда мешавад, ки рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, коркарди механизми муассири ҳифзи боЭътимоди маълумоти шаҳрвандон ва корхонаву ташкилотҳоро тақоз менамояд. Мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти давлат вобаста ба авҷгирии таҳдидҳои киберӣ ошкор карда шуда, зарурати ҳифзи маълумоти шахсӣ, истифодабарандагони сомонаҳои давлатӣ асоснок карда шудааст. Хусусиятҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давалтӣ ва тадбирандешӣ вобаста ба он дақиқ карда шуда, талаботҳои базавӣ нисбат ба баланд бардоштани эътимоднокии ҳифзи иттилоотӣ муқаррар карда шудаанд. Тавсияҳо оид ба пурзӯр намудани чораҳо оид ба таҳияи воситаҳо ва усулҳои таъмини амнияти иттилоотӣ пешкаш карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** хизматрасониҳои давлатӣ, хизматрасониҳои электронии давлатӣ, бозори электронии хизматрасониҳои давлатӣ, бахши хизматрасонӣ.

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ПРИ ПЕРЕХОДЕ НА ЭЛЕКТРОННЫЕ ГОСУДАРСТВЕННЫЕ УСЛУГИ

В статье исследуются основные направления обеспечения информационной безопасности при переходе на электронные государственные услуги. Обеспечение информационной безопасности рассмотрено как важная проблема в процессе оказания государственных услуг в электронном виде, установлены методы, средства и методология ее обеспечения для стран, зависимых от импортных технологий. Отмечается, что цифровизация государственных услуг требует разработки эффективного механизма надежной защиты данных граждан, предприятий и организаций. В связи с ростом киберугроз выявлены проблемы обеспечения информационной безопасности в условиях цифровизации экономики государства, а также обоснована необходимость защиты персональных данных пользователей государственных порталов. Уточнены особенности использования цифровых технологий в процессе предоставления государственных услуг и предложены меры относительно устранения имеющихся проблем. Установлены базовые требования обеспечения высокой надежности системы информационной защиты. Предложены рекомендации разработки механизмов и средств обеспечения информационной безопасности.

**Ключевые слова:** информационная безопасность, государственные услуги, электронные государственные услуги, рынок электронных государственных услуг, сфера услуг.

## MAIN DIRECTIONS OF ENSURING INFORMATION SECURITY DURING THE TRANSITION TO ELECTRONIC PUBLIC SERVICES

The article examines the main directions of ensuring information security during the transition to electronic government services. Ensuring information security is considered as an important problem in the process of providing public services in electronic form; methods, means and methodologies for ensuring it have been established for countries dependent on imported technologies. It is noted that the digitalization of public services requires the development of an effective mechanism for reliable protection of data of citizens, enterprises and organizations. In connection with the growth of cyber threats, problems of ensuring information security in the context of digitalization of the state economy have been identified, and the need to protect the personal data of users of state portals has been substantiated. The features of the use of digital technologies in the process of providing public services are clarified and measures are proposed to eliminate existing problems. Basic requirements have been established regarding ensuring high reliability of the information security system. Recommendations are offered for the development of mechanisms and means to ensure information security.

**Keywords:** information security, state services, electronic state services, electronic public services market, services sector.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳабибуллозода Мухриддин Ҳабибулло*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға:** 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон**: (+992) 00-990-82-82**. E-mail. **muhriddin.050190@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хабибуллозода Мухриддин Хабибулло*** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенного дела. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. Телефон**: (+992) 00-990-82-82**. E-mail. **muhriddin.050190@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khabibullozoda Mukhriddin Khabibullo*** **–** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Customs Affairs. **Address:** 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbada Avenue, 48/5. Phone**: (+992) 00-990-82-82.** E-mail**. muhriddin.050190@mail.ru**

ТДУ: 336.338.47(575.3)

# ИСТИФОДАИ НИЗОМИ ГРЕЙДҲО ВА ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

*Раҷабов Р.К., Ҳазраткулов А.Р.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент**

Рушди муносибатҳои бозорӣ дар Тоҷикистон боиси инкишофи соҳаи идоракунии кадрҳо ва мувофиқан низоми музди меҳнатро дар асоси ба ҳисоб гирифтани арзиши бозории захираҳои меҳнатӣ, баҳодиҳии самаранокии кормандон, инчунин, тахассуси онҳо амалӣ мешавад. Дар шароити рақобати баланд дар байни ташкилотҳо, нақши захираҳои меҳнатӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии муваффақият, ки бевосита ноил шудан ба ҳадафҳои асосии созмон таъсир мерасонанд, меафзояд. Аз ин лиҳоз, кадрҳо ҳамчун манбаи асосии амалӣ намудани фаъолият ба ҳавасмандгардонии дахлдори молиявӣ ниёз доранд. Аз замони узвияти Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, ин ҳамкориҳо мутобиқати сатҳи бозори байналмилалиро дар назар дорад. Вобаста ба ин, дар корхонаҳо мавҷудияти системаҳои шаффофи идоракунии кадрҳо, ки ба системаҳои ширкатҳои кишварҳои пешрафта монананд, ҳоло аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Корхона тавассути ҷорӣ намудани низоми грейдерӣ (баҳогузорӣ) метавонад худро ҳамчун бозигари ҷиддии бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ҷой дода, роҳбарони сатҳи баланддошта, инчунин, мутахассисони баландихтисосро ба кор ё ҳамкорӣ ҷалб намояд.

Пеш аз ҳама, ташкили ташаккули системаи пардохти музди меҳнат аз он вобаста аст, ки корхона чи гуна ва бо кадом роҳ мавқеи кормандонро баҳо дода, афзалиятҳои асосиро ҳангоми баҳодиҳӣ муайян мекунад ва сохтори иерархивии арзиши мавқеъҳои дохилиташкилиро созмон медиҳад. Сифати идоракунӣ дар рафтори ташкилот ҳамчун натиҷаҳои молиявии фаъолияти он ва афзоиши нишондиҳандаҳои самаранокӣ инъикос меёбад. Барои бисёр корхонаҳо зарур аст, ки дар асоси баҳодиҳии онҳо иерархияи мавқеъҳои худро мунтазам ислоҳ кунанд, инчунин, системаи музди меҳнатро такмил дода, имкони дифференсиякунонии пардохтро бо назардошти кори бевосита иҷрошуда ва сифату дараҷаи мавҷуда ё ба даст овардашудаи тахассус, таҷриба, собиқаи корӣ, саҳм дар рушди корхонаро пешбинӣ менамоянд.

Вобаста ба ин, ҳангоми ҷустуҷӯи моделҳо ва системаҳои нави музди кор ба назар мерасад, ки воқеияти муосир ба назар гирифта шуда, аз ҳама муҳимтар, ин имкон медиҳад, ки дараҷаи маблағгузорӣ зиёд карда шуда, самаранокии корхона баланд бардошта шавад.

Пеш аз гузаштан ба низоми грейдерӣ, системаи умумии музди меҳнатро муайян кардан лозим аст, ки доир ба ин масъала олимон ва муҳаққиқони муосир корҳои илмии зиёде бахшидаанд. Бояд қайд намуд, ки пеш аз ба вуҷуд овардани механизми нави танзими системаи музди меҳнат, муайян кардани ҳаҷми он ва музд чи гуна аст, зарур мебошад [12; 14].

Музди меҳнат, ба ақидаи К. Маркс, ифодаи пулии арзиши чунин неъмат ба монанди «қувваи меҳнат» [4] мебошад. Арзиши он на танҳо ба шароити истеҳсолот, балки ба талабот ва мавқеи пешниҳоди аҳолӣ низ вобастааст [5].

Низоми музди меҳнат муносибати байни корфармо ва корманд мебошад. Инчунин, пардохти саривақтӣ ва сазовори меҳнат ва дар доираи шартномаи байни корфармо ва корманд имзошуда таъмин карда мешавад. Яке аз низоме, ки имрӯз имкон медиҳад музди меҳнат дар корхона дуруст тартиб дода шавад, низоми грейдерӣ мебошад.

Дар байни таърифҳои грейдерӣ баҳогузории кор, раванди сохтори муайян кардани арзиши нисбии ҳар як мавқеъ бо назардошти вазъи кунунии тиҷорат ва стратегияи рушди корхона мебошад ё баҳогузории гурӯҳбандии вазифаҳо аз рӯйи асосҳои муайян, ҳисоб кардани «вазн», гурӯҳбандӣ ва ғайра бо мақсади стандартизатсияи музди меҳнат дар корхонаро дида баромадан бамаврид аст.

В.П. Чемеков ба мафҳуми «грейдерӣ» - технологияи сохтани низоми идоракунии кадрҳо ва мафҳуми «баҳо» - фосилаи муқарраршудаи «вазнҳо» ё рутбаҳо, ки дар доираи он вазифаҳо барои корхона баробар ва дорои ҳамон диапазони тариф мебошад, дониста

мешаванд. Дар он гуфта мешавад, ки «баҳои тарифӣ воҳиди ҳадди ақали тафовути музди меҳнат барои вазифаҳо мебошанд. Якчанд категорияҳои тарифӣ ба дараҷа/тариф дохил карда шудаанд» [11]. Ин тафсири истилоҳи «категорияи тарифӣ» аз таърифи анъанавӣ фарқ мекунад. Бояд қайд намуд, ки дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияи тарифӣ ҳамчун «арзише фаҳмида мешавад, ки мураккабии меҳнат ва дараҷаи тахассуси кормандро инъикос мекунад» [8]. Дар баробари ин, муаллифи дигар Р.И. Ҳендерсон доир ба ин масъала таърифи зеринро медиҳад: «Дараҷаи музди меҳнат як минтақа ё доираи муайяни музди меҳнат барои ҳама вазифаҳое мебошад, ки ба талаботи ҷудогонаи техникӣ ҷавобгӯ мебошанд» [10].

Низоми грейдерӣ имкон медиҳад, ки зинанизоми вазифаҳоро вобаста ба арзиши онҳо барои тиҷорат созмон дода, системаи мувофиқи музди меҳнатро таҳия ва аниқтараш, музди асосие, ки кормандон барои иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ дар сатҳи мувофиқ мегиранд, дар бар мегирад.

Танҳо маҷмуи воситаҳои муосир имкон медиҳад, ки иқтидори захираҳои инсонии корхонаро самаранок идора намуда, кори ҳама мутахассисонро объективона ва одилона арзёбӣ карда, беҳтаринҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ нигоҳ дошта шаванд. Имрӯз шумораи бештари корхонаҳо дарк мекунанд, ки баҳогузорӣ на танҳо арҷгузорӣ ба тамоюлҳои мӯд, балки воситаи зарурӣ ва самараноки банақшагирии ташкилӣ ва идоракунии хароҷоти кормандон мебошад. Пайдоиши методологияи баҳогузорӣ байни «пардохт аз рӯйи вазифа» ва «пардохт аз рӯйи дастовардҳои инфиродӣ» ба таври возеҳ фарқ менамояд [9].

Дар байни ҷараёни бепоёни нуқтаҳои назари илмӣ чунин усули универсалии музди меҳнат, ки манфиати ҳар ду тараф - ҳам корфармо ва ҳам коргарро ба назар гирад, торафт душвор мегардад. Корхона ҳамеша мекӯшад, ки хароҷотро дар асоси ҳадафҳои худ кам намуда, ба қадри кофӣ пардохт кунад, то корманд корхонаро тарк накунад, аммо эҳтимолан бидуни кӯшиши нигоҳ доштани ӯ ғайриимкон буда, охирин, дар навбати худ, мекӯшад, ки то ҳадди имкон ба даст орад. Низоми грейдерӣ имкон медиҳад, ки музди меҳнат ва мантиқи тиҷоратро пайваст намуда, дар ҳалли мушкилоте, ки бевосита бо ҳавасмандии кормандон алоқамандaнд, кумак расонад.

Фалсафаи грейдерӣ дар фаҳмидани тағйирот ба беҳтаре, ки худи низоми баҳодиҳӣ ба онҳо меорад ва хоҳиши онҳост. Агар дар бораи кормандон сухан ронем, пас ин, пеш аз ҳама, шаффофият аст. Ҳама мефаҳманд, ки чаро ӯ ин масъулиятҳои мушаххаси кориро иҷро мекунад ва чаро ӯ дар сохтори иерархияи корхона дар ин сатҳ қарор дорад [15]. Илова бар ин, худи масъулиятҳо бештар сохторбандӣ шудаанд. Имконияти сохтани зинапояи мансаб воқеитар ва ҳатто суръатбахштар мегардад. Фаҳмиши дақиқи ҳар як қадам роҳи рушди касбро шаффоф мегардонад ва ҳар як корманд медонад, ки дар оянда ба чи умед баста метавонад, сарфи назар аз он, ки ҳаракат на танҳо дар меҳвари амудӣ, балки дар уфуқӣ низ сурат мегирад. Дар ҷадвали 1 намудҳои низомҳои грейдерӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Намудҳои низомҳои грейдерӣ**
**Table 1. Types of grading systems**

| Дараҷаи мураккабӣ | Хусусиятҳои низом |
|---|---|
| Дараҷаи аввали мураккабӣ | Ин низом ба рангҳо ҷудо намудани вазифаҳоро аз рӯйи дараҷаи мураккабӣ дар бар гирифта, иҷрои ҳисобҳои риёзиро тақозо намекунад. |
| Дараҷаи дуюми мураккабӣ | Ин низоми Эдвард Хея [1] мебошад, ки ба усули баллӣ-омилӣ асос ёфтааст. |
| Дараҷаи сеюм ва чоруми мураккабӣ | Ин низоми грейдӣ (баҳодиҳӣ мебошад, ки ба низоми усули баллӣ-омилӣ асос ёфта, гузаронидани ҳисобҳои мураккаби риёзии ҳисоби вазн, қадамӣ, матрисаҳо, ҷадвалҳо ва расмҳоро, инчунин, ҳисоби аниқ ва пайдарҳами риояи давраҳои методологиро дар назар дорад [12]. |

Ҷорӣ намудани ин низомҳои музди меҳнат, корхонаро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ рақобатпазир мегардонад, зеро «шаффофияти» он барои сармоягузорон мутаносибан меафзояд.

Системаи грейдерӣ ҳамаи намудҳои корҳоро баҳо медиҳад, ки онро як воситаи

бениҳоят арзишманд дар ташаккули сохторҳои музди меҳнат месозад. Меъёри арзёбии мавқеъҳо, сатҳи таъсири мавқеъ ба корхона ва дар маҷмуъ намуди таъсир ба натиҷаи ниҳоиро дар бар мегирад.

Барои таҳлили мавқеъҳо дар ИМА, маъмултарин саволномаи таҳлили мавқеъ (PAQ) мебошад, ки аз ҷониби И.Ҷ. МакКормик таҳия шуда «методология ба равиши Департаменти меҳнати ИМА (DOL) асос ёфтааст, ки мувофиқи он параметрҳои корро метавон унсурҳои рафтори саноатӣ номид. Ҳар як унсури кор бояд аз рӯйи шаш шкала баҳо дода шавад: паҳнои татбиқ, аҳаммият, вақт, эҳтимолияти садама, татбиқшаванда ва рамзи махсус» [6].

Маълумоте, ки тавассути саволнома ба даст оварда мешавад, имкон медиҳад, ки тавсифи кор эҷод карда шуда, мувофиқати кормандро муайян ва мураккабии кору музди он арзёбӣ ва мавқеъҳо аз рӯйи аҳаммият баҳо дода шаванд. Аз ин рӯ, он барои ташаккули меъёрҳои интихоб ва арзёбӣ, барномаҳои махсус истифода мешавад. Инчунин ин усул меҳнатталаб буда, дониши махсусро талаб мекунад.

Саволномаи Роберт Ҳарви, ки ҷузъи ҷудонашавандаи CMS) мебошад, хеле хуб маълум ва паҳн шудааст. Он дорои 283 адад мебошад, ки 80 омилро тавсиф мекунанд. Илова бар ин, омилҳо ба 17 омилҳои сатҳи боло гурӯҳбандӣ шудаанд ва агар 80 омил дар бораи мавқеъ маълумоти муфассал пешниҳод кунанд, пас 17 омили сатҳи боло имкон медиҳанд, ки «тасвири калон» анҷом дода шавад. Система ба чунин тахмин асос ёфтааст, ки ҳар як корро танҳо дар чор категорияи асосӣ чен кардан мумкин аст [7].

Инчунин усули CMQ, ки R.J. Harvey пешниҳод намудааст имкон медиҳад, ки вазифаҳои марбут ба интихоб, таълим ва баҳодиҳии коргарон ба сомон расонида шавад. Ин ду усулро «ба коргар нигаронидашуда» меноманд ва корро аз рӯйи истилоҳ «хусусиятҳои рафтори умумӣ» тавсиф мекунанд. Қайд карда мешавад, ки ҳангоми арзёбии мансабҳои болоӣ ин усулҳо чандон дақиқ нестанд.

Методологияи муосир имкон медиҳад, ки маълумотро барои таъсиси вазифаҳо, интихоби кадрҳо, омӯзиш, арзёбӣ ва бисёр дигар вазифаҳои фаъолияти кадрӣ истифода шуда ва он равшану дақиқ буда, сармоягузории назарраси вақт ва кӯшишро талаб мекунад [7; 15].

Бояд қайд намуд, ки усули 0*NET имкон медиҳад, ки касбҳоро муайян ва гурӯҳбандӣ намуда, маълумотро ҷамъоварӣ ва нигоҳ дошта, ҳисобот дар бораи хусусиятҳои кор пешниҳод карда шавад [15]. Рӯйхат мунтазам нав карда мешавад ва тағйирот дар сайтҳои дахлдори интернетӣ нашр карда мешаванд. Дар ин раванд саволномаҳо низ истифода бурда мешаванд.

Аз тарафи дигар, низоми профили кор (WPS) [2] аз ҷониби Saville and Holdsworth Ltd таҳия шуда, имконият медиҳад барои ҷамъоварии иттилооти кор ва сипас татбиқи маълумоти натиҷавӣ ба барномаҳои гуногуни HR таъмин гардад. WPS ёвар дар ҷамъоварии маълумот барои чунин вазифаҳои муқаррарӣ, аз қабили таҳияи мушаххасоти корӣ, навиштани тавсифи кор ва санҷиши мувофиқати номзад ба вазифа мебошад [3].

Усули таҳлилии Эдвард Н. Ҳей барои ҷадвалҳои дастури профилӣ мувофиқтарин ва васеъ истифода мешавад. Дар раванди баҳодиҳӣ бо истифода аз ин усул мазмуни ҳар як кор аз рӯйи омилҳои мавҷуда, ба даст овардани хол ё вазни пурраиададӣ санҷида мешавад. Ин усул яке аз усулҳои васеъ истифодашаванда дар иқтисоди бозорӣ мебошад: онро дар зиёда аз 8000 ташкилот, аз ҷумла 50 ширкати калонтарини ҷаҳон истифода мекунанд [16].

Дар идоракунии корхона барои ноил шудан ба мақсадҳои гузоштаршуда саривақт додани музди меҳнати коргарон унсури асосӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз низоми грейдерӣ маҳз як воситаи баланд бардоштани самаранокии идоракунии кадрҳост ва воситае барои ҳалли як масъалаи музди меҳнат нигаронида шудааст [15]. Воситаи ҳалли масъалаҳои универсалии кадрӣ, аз қабили: ба низом даровардани вазифаҳо, ташаккули системаи музди меҳнат, ташаккули имтиёзҳо, мукофотпулӣ, ҷалб ва нигоҳ доштани мутахассисони баландихтисос, ташаккули роҳи касб дар доираи системаи идоракунии кадрҳо ба ҳисоб меравад. Ҷузъи муҳимми системаи баҳогузорӣ маҷмуи тадбирҳо оид ба ташаккули система мебошад, ки якчанд марҳила, вазифа ва амалҳоро дар бар мегирад.

Пеш аз оғози таҳияи система, зарур аст, ки менеҷерро бо нақшаи чорабиниҳои дарпешистода, маҷмуи чораҳо ва воситаҳои ҷамъоварии иттилоот, нақшаи тақвимӣ, инчунин, ҳуҷҷати дахлдори ташкилию маъмуриро барои омода кардани хадамоти кадрҳо таҳия намуда, варақаҳои шахсии кадрҳо, тавсифи вазифавӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи тахассуси дахлдори ҳар як корманд шинос кунад.

Маҷмуи тадбирҳо оид ба татбиқи низоми грейдерӣ низ якчанд марҳиларо дар бар мегирад. Давраҳои дар амалия ҷорӣ намудани низоми баҳодиҳии вазифаҳо ва музди меҳнат аз давраҳои зерин иборат аст: «1. пайнавишти вазифаҳо; 2. муайян намудани омилҳои баҳодиҳии вазифа; 3. созмон додани грейдҳо; 4. муайян намудани моҳонаи вазифавӣ дар грейдҳо; 5. ҷорӣ намудани низоми грейдерӣ дар истеҳсолот» [14].

Дар марҳилаи ниҳоӣ, ҳамаи кормандон дар бораи тағйироти нави дарпешистода камаш 2 моҳ пеш аз ҷорӣ намудани техника огоҳ карда мешаванд. Ҳамаи тағйирот дар шартномаи коллективӣ ва низомнома дар бораи музди меҳнат, инчунин, дар шартномаҳои меҳнатӣ инъикос ёфта, маълумоти иловагӣ дар бораи баҳо бояд дар вебсайти корхона ҷойгир карда шаванд.

Ҳамин тариқ, татбиқи низоми грейдерӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои кадрӣ [12], баҳодиҳии кадрҳо ва мониторинг ва бешубҳа боиси эҷоди ҳавасмандии самараноки кормандон мегардад. Ҳамаи технологияҳои дар боло зикршуда, бо истифода аз тавсияҳо, эҷоди низоми самараноки идоракунии кадрҳо созмон дода шудааст. Инчунин, дар ин раванд муносибатҳои байниквалификатсионӣ муқаррар карда мешавад. Инро дар раванди таҳлили сатҳи бозори музди меҳнат, дар мисоли Федератсияи Русия [3] дидан мумкин аст, ки имкониятҳои молиявии корхона аз сабаби маҳдудияти маълумот дар бораи музди мавҷуда дар корхона дақиқ ба назар гирифта нашудаанд, баррасӣ намудан зарур аст. Минбаъд барои ҳар як дараҷа аз рӯйи қиматҳои максималӣ ва минимум маоши мансабӣ сохта шуда, арзиши миёнаи баҳодиҳӣ бо усули арзёбии экспертӣ муайян карда мешавад.

Дар марҳилаи ниҳои натиҷаҳои баррасии саволномаи баҳодиҳии кор, усул ва натиҷаҳои рутбабандии мансабҳо, тақсими грейдҳо ва қисми асосии ташаккули музди меҳнати корманд, ҷорӣ намудани грейдҳо, камбудиҳо ва афзалиятҳои минбаъдаи он қайд карда мешавад.

Бо истифода аз ҳисобҳои одии риёзӣ, маоши миёнаи асосӣ, фонди якмоҳаи музди меҳнат, тағйирот, инчунин, фоизи афзоиши ин муайян карда мешавад. Дар ҷадвали 2 андозаи музди меҳнат дар Корхонаҳои воҳиди давлатии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе дар солҳои 2021-2022 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Андозаи музди меҳнат дар Корхонаҳои воҳиди давлатии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе**

**Table 2. Salaries in Dushanbe State Motor Transport Enterprises**

<table>
<tr><th rowspan="2">№ б/т</th><th rowspan="2">Вазифа</th><th rowspan="2">№ грейд</th><th colspan="3">Андозаи музди меҳнат, сомонӣ</th></tr>
<tr><th>min</th><th>max</th><th>миёна</th></tr>
<tr><td>1.</td><td>Директор</td><td>8</td><td></td><td></td><td>1560</td></tr>
<tr><td>2.</td><td>Самуҳандис</td><td>7</td><td></td><td></td><td>1320</td></tr>
<tr><td>3.</td><td>Муовини директор оид ба истифодабарии нақлиёти автомобилӣ</td><td rowspan="4">6</td><td rowspan="4">1080</td><td rowspan="4">1320</td><td rowspan="4">1200</td></tr>
<tr><td>4.</td><td>Муҳандис оид ба муҳофизати меҳнат ва экология</td></tr>
<tr><td>5.</td><td>Сармуҳосиб</td></tr>
<tr><td>6.</td><td>Мушовири ҳуқуқӣ</td></tr>
<tr><td>7.</td><td>Мудири кабинети муоинаи тиббии пеш ва баъди бозгашти ронандагон аз сайрхат</td><td rowspan="6">5</td><td rowspan="6">960</td><td rowspan="6">1200</td><td rowspan="6">1080</td></tr>
<tr><td>8.</td><td>Сардори хадамоти истифодабарии нақлиёти автомобилӣ</td></tr>
<tr><td>9.</td><td>Мовини сардори хадамоти истифодабарии нақлиёти автомобилӣ</td></tr>
<tr><td>10.</td><td>Сардори колоннаи автомобилӣ</td></tr>
<tr><td>11.</td><td>Баркчӣ</td></tr>
<tr><td>12.</td><td>Мудири шуъбаи таъминоти маводҳо</td></tr>
</table>

<table>
<tr><td>13.</td><td>Ёвари директор</td><td rowspan="8">4</td><td rowspan="8">840</td><td rowspan="8">1200</td><td rowspan="8">1020</td></tr>
<tr><td>14.</td><td>Танзимгари парки автомобилӣ</td></tr>
<tr><td>15.</td><td>Муҳандис оид ба идоракунии автоматии истеҳсолот</td></tr>
<tr><td>16.</td><td>Сардори хадамаоти техникӣ</td></tr>
<tr><td>17.</td><td>Механики назорати техникӣ</td></tr>
<tr><td>18.</td><td>Муҳандис-иқтисодчӣ</td></tr>
<tr><td>19.</td><td>Ҳамшираи муоинаи тиббии пеш ва баъди бозгашти ронандагон аз сайрхат</td></tr>
<tr><td>20.</td><td>Муҳандиси бехатарии ҳаракат</td></tr>
<tr><td>21.</td><td>Ронандагони мошинҳои хизматӣ</td><td rowspan="5">3</td><td rowspan="5">840</td><td rowspan="5">2242</td><td rowspan="5">1160</td></tr>
<tr><td>22.</td><td>Ронандагони сайрхатҳои дохили шаҳрӣ</td></tr>
<tr><td>23.</td><td>Ронандагони техникаи махсус</td></tr>
<tr><td>24.</td><td>Муҳандис оид ба базаи техникию истеҳсолӣ</td></tr>
<tr><td>25.</td><td>Муҳосиб</td></tr>
<tr><td>26.</td><td>Сардори қитъа</td><td rowspan="4">2</td><td rowspan="4"></td><td rowspan="4"></td><td rowspan="4">960</td></tr>
<tr><td>27.</td><td>Табелчӣ</td></tr>
<tr><td>28.</td><td>Агент оид ба таъминот</td></tr>
<tr><td>29.</td><td>Нозир оид ба кадрҳо</td></tr>
<tr><td>30.</td><td>Хазиначӣ</td><td rowspan="5">1</td><td rowspan="5"></td><td rowspan="5"></td><td rowspan="5">840</td></tr>
<tr><td>31.</td><td>Кӯчарӯб</td></tr>
<tr><td>32.</td><td>Фаррош</td></tr>
<tr><td>33.</td><td>Муҳофиз</td></tr>
<tr><td>34.</td><td>Котиба машинистка</td></tr>
</table>

Сарчашма: Маводҳои КВД нақлиёти шаҳри Душанбе 1,2 ва 3 дар солҳои 2021-2022.

Бо истифода аз маълумотҳои ҷадвали 2, музди миёнаи меҳнатро дар Корхонаи воҳиди давлатии «Автобус-2» баъди ҷорӣ намудани низоми грейдерӣ (СрЗП) ҳисоб менамоем:

1. СрЗП (баъди ҷорӣ намудани низоми грейдерӣ) = ∑ ЗП аз рӯйи грейдҳо / Миқдори грейдҳо =(840+960+1160+1020+1080+1200+1320+1560)/8 =9140/8=1142,5 сомонӣ

Фонди моҳонаи музди меҳнат (ФОТм) дар КВД «Автобус -2»:

ФОТм (баъди ҷорӣ намудани низоми грейдерӣ) = СрЗП * Миқдори кормандон =1142,5*12 * 362 =4963,02 ҳазор сомонӣ

Аз рӯйи натиҷаҳо зарурати аз нав дида баромадани фонди музди меҳнат 4963,02 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

2. СрЗП (то ҷорӣ намудани низоми грейдерӣ) = 4561,1 ҳазор сомонӣ

3. Тағйирёбии фонди музди миёнаи меҳнат дар корхона:

∆ ФОТм =(4561,1 / 4963,02) * 100 – 100 = 9,19%

Фоизи муайяншуда барои корхона афзалият дошта, мавқеи баландро ҳангоми баҳодиҳии ҳолати молиявии он ишғол менамояд. Бо назардошти ин ворид намудани тағйирот ба музди меҳнатӣ базавиро зарур шуморида, афзалияти аз нав коркарди музди меҳнатро барои ҳайъати кормандон дар назар дорем.

Дар тули солҳои зиёд барои ҳалли мушкилоти тавлиди даромад, феҳристи ягонаи тарифӣ ва тахассусии кор ва касби коргарон истифода мешуд, аммо мушкили ин система дар он аст, ки он як қатор омилҳоро барои баҳодиҳии вазифаҳо хеле маҳдуд кардааст, бинобар ин, рушди босуръати касбҳо ва хусусиятҳои инфиродии корхонаҳо, тадриҷан қобилияти баҳодиҳии дуруст ва самаранокро аз даст медиҳад [7].

Аз ин рӯ, чунин тавсияҳои амалиро барои татбиқи системаи грейдерӣ дар КВД нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе пешниҳод намудан зарур аст:

1. Системаи грейдерӣ, пеш аз ҳама, барои корхонаҳои истеҳсолии миёна ё калон мувофиқ аст.

2. Одатан дар натиҷаи ҷорӣ намудани системаи грейдерӣ, маълум мешавад, ки барои кори самаранок зарурати аз нав тақсим намудани фонди музди меҳнат ва зиёд намудани фоида ба миён меояд. Бинобар ин, дар аввал бо директор, иқтисодчии калон ва сармуҳосиб оид ба азнавтақсимкунии музди меҳнат машварат кардан лозим аст.

3. Дар марҳилаи ба амал баровардани тадбирҳои баҳодиҳии кор тавсия карда мешавад: дар моҳи аввал ба корманд мувофиқи системаи нав гувоҳинома мегирад, вале музди меҳнат аз рӯйи системаи кӯҳна ҳисоб карда мешавад. Чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ низ дар дохили воҳиди сохторӣ гузаронида шуда, бояд имзо карда шаванд. Баъди ҷорӣ шудани ин низом ба кормандон гувоҳинома ва маош мувофиқи вазифа дода мешавад.

4. Пардохти музди меҳнати кормандон дар асоси баҳодиҳӣ ба бартараф кардани масъалаҳои пардохти ноодилона ва беасос мусоидат мекунад.

5. Дар натиҷаи ҷорӣ намудани баҳои кор ба кадрҳое, ки аз рӯйи талаботи раванди технологӣ масъулияти калон вогузошта шудааст, бешубҳа, музди кор зиёд мешавад.

6. Дар натиҷаи ҷорӣ намудани ин низом баъзе кормандоне, ки даромади баланд доштанд, маҷбур мешаванд, ки ё майдони масъулияташонро васеъ кунанд ё даромадро аз даст диҳанд.

7. Дар натиҷаи ҷорӣ намудани ин низом барои мутахассиси кадрҳо, гузаштан ба он душвор нест, хусусан агар вай дар тартиб додани грейдҳо бевосита иштирок карда бошад.

8. Дар натиҷаи ҷорӣ намудани ин низом ҷойҳои корӣ барои мутахассис оид ба захираҳои инсонӣ, банақшагирии тайёркунии кадрҳо ва бозомӯзии кормандон осонтар ва самараноктар мегардад.

Раванди низоми грейдерӣ ҳамчун воситаи самараноки идоракунии кадрҳо дар марҳилаи таҳия ва татбиқ ба охир намерасад. Минбаъд барои фаъолияти пурсамари он пайваста чораҳои назоратӣ андешидан зарур аст, яъне назорат барои сари вақт санҷидани мутобиқати он ва дар баробари тағйир ёфтани шароити меҳнати дохилӣ ва берунӣ ислоҳоти музди меҳнатро амалӣ кардан лозим аст.

Системаи грейдерӣ якчанд қоидаҳои навро дар назар дорад:

1. Ҳамаи тағйирот дар музди кор бояд дар асоси принсипҳои ягона сурат гирад.

2. Ҳар як вазифаи нав бояд бо истифода аз саволномаи баҳодиҳии кор ва арзиши кор сурат гирифта, бесабаб ба вазифаҳои мавҷуда баробар кардан тавсия дода намешавад.

3. Дар ҳар 2-3 сол барномаи баҳодиҳии арзиши меҳнатро аз нав дида баромадан лозим аст: аввал, коэффитсиентҳои вазнбардорӣ, баъд худи маҷмуи омилҳои ҷуброншаванда аз нав дида баромада шуда, мавкеъҳо аз нав баҳо дода мешаванд.

Системаи грейдерӣ барои ташаккули музди меҳнате, ки ба бозори меҳнатӣ ҳозиразамон мувофиқ аст, рақобатнок буда, дар навбати худ корхона на танҳо мутахассисони ҷавон, балки кадрҳои баландихтисосро ба кор ҷалб карда метавонад.

Бояд қайд намуд, ки системаи грейдерӣ, пеш аз ҳама, шаффофияти ташаккули даромадро таъмин менамояд, ки барои корманд хеле муҳим аст. Аз тарафи дигар, системаи грейдерӣ байни «пардохт аз рӯйи вазифа» ва «пардохт аз рӯи дастовардҳои инфиродӣ» фарқ мекунад. Ва нусхабардорӣ кардани таҷрибаи дигарон барои ҳар як корхона хатои бузург хоҳад буд.

Таҳлили сохтор ва фаъолияти КВД нақлиёти мусофиркашонӣ барои омӯзиши амиқи системаи музди меҳнат замина фароҳам овард, ки аз он на танҳо дар ташаккули музди меҳнат, балки мушкилоти ҷиддие нисбати кадрҳо низ ошкор карда шуданд. Инчунин, дар сохтори КВД дар байни баъзе шуъбаҳо тақсим кардани вазифаҳо, камбудиҳо мавҷуданд. Мувофиқи таҳқиқоте, ки оид ба қаноатмандии кор гузаронида шуд, норозигӣ аз даромад дар корхонаҳо ошкор шуданд.

Таҳлили мундариҷаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, ташаккули музди меҳнати бесамар ва номуайяниро дар идоракунии кадрҳо нишон дод. Инчунин, аз таҳлили таркиби кадрҳо мавҷудияти зиёди одамони пеш аз нафақа ва синну соли нафақаро нишон дод, ки дар солҳои наздик таҷдиди ногузири кадрҳоро кафолат медиҳад.

Дар асоси таҳқиқоти амалии анҷомдодашуда далел он аст, ки КВД нақлиёти автомобилӣ сиёсати идоракунии кадрҳоро бесамар пеш мебаранд. Бо ин мақсад маҷмуи тадбирҳо таҳия ва тадриҷан татбиқ карда шуданд, ки 8 марҳиларо дар бар гирифта, ба ҷорӣ намудани низоми грейдерӣ ҳамчун воситаи самараноки идоракунии кадрҳо равона карда шудаанд. Дар ҷараёни кор як гурӯҳи коршиносон ташкил карда шуд, аммо бо вуҷуди баъзе мушкилот ва омода набудани нозири кадрҳо, тавонистааст баҳогузорӣ ба вазифаҳо, таъсиси баҳо ва маош, инчунин, ба шарофати бодиққат дар корхонаҳо ва таҳлили бозори меҳнат, хусусияти корбурди камбудиҳо бартараф карда шавад.

Ғайр аз ин, гурӯҳи экспертӣ тағйир ёфтани музди меҳнати миёнаи асосии кормандонро то ҷорӣ ва баъд аз он амалӣ кардани системаи грейдерӣ ба ҳисоби фоизӣ, инчунин, тағйир ёфтани фонди музди меҳнатро аз рӯйи ҳамин принсип ба таври риёзӣ баҳо дод. Бо вуҷуди ин, на ҳама тағйироти пешниҳодшуда аз ҷониби роҳбарияти КВД мусбат арзёбӣ карда шуданд. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки КВД нақлиёти шаҳрӣ ба мутобиқати муваққатӣ ба инноватсия ниёз доранд. Илова бар ин, маҷмуи чорабиниҳо оид ба татбиқи системаи грейдерӣ ҳамчун воситаи самараноки идоракунии кадрҳо тавсияҳои амалӣ тартиб дода шуда, қоидаҳои навсозии он ва дурнамои оянда низ пешниҳод карда шуданд. Дар маҷмуъ истифодаи системаи пешниҳодшуда имконият медиҳад, сатҳу сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ дар шаҳри Душанбе баланд бардошта шуда, музди меҳнати кормандон бо назардоштти истифодаи низоми грейдерӣ пардохта шавад.

**АДАБИЁТ**


1. АТМ Consulting Group. База знаний руководителя и HR-специалиста // Каталог статей по бизнесу. Система материальной и нематериальной мотивации персонала. Система оплаты труда. Система «грейдов». Метод Эдварда Хэя. Режим доступа: [Электронный ресурс]. URL: http://amt-training.ru/content/articles/4589/.
2. Купер Д., Робертсон И., Тинлайн Г. Отбор и найм персонала: технологии тестирования и оценки. [Электронный ресурс]. URL: http://www. classs.ru/library/node/891; URL: www.shl.ru/resheniya-dlya-hr/resheniya-dlya-vashego-biz-nesa/187-sistemaprofilirovaniya-dolzhnostej-wps
3. Лаврова А. С грейдом по жизни // Информационный портал для специалистов по кадрам и управлению персоналом. [Электронный ресурс]. URL: http://www.propersonal.ru/journal/299/7654/?sphrase_id=680515.
4. Маркс К. Капитал / К. Маркс. -М., 1983. -238 с.
5. Пашуто В.П. Организация и нормирование труда на предприятии: Учебное пособие / В.П. Пашуто. -Мн.: Новое знание, 2004. -304 с.
6. Пошерстник Е.Б. Заработная плата в современных условиях / Е.Б. Пошерстник, Н.В. Пошерстник. -СПб.: Владос, 2008. -126 с.
7. Слипачук С. Система грейдов – методика определения должностных окладов // HR-портал. HR-сообщество и публикации. [Электронный ресурс]. URL: http://hrportal.ru/article/sistema-greydov-m
8. Трудовой кодекс РТ. -Душанбе, 2019. -328 с.
9. Хафизова О. Оплата труда методом грейдирования: системный анализ ценностного обмена. [Электронный ресурс]. URL: http://www.bagsurb.ru/about/journal/o.
10. Хендерсон Р.И. Компенсационный менеджмент / Р.И. Хендерсон. -8-е изд.; пер. с англ. под ред. Н.А. Горелова. -СПб.: Питер, 2004. -328 с.
11. Чемеков В.П. Грейдинг: технология построения системы управления персоналом / В.П. Чемеков. -М.: Вершина, 2007. -С.16.
12. Чуланова О.Л. Методика внедрения грейдинга в систему оплаты труда персонала организации: принципы, подходы, преимущества, риски / О.Л. Чуланова, Е.М. Комарова, Ю. Фламинг // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. - 2016. -№2-3. -С.128-138.
13. Чуланова, О.Л. Консалтинг персонала: учебное пособие / О.Л. Чуланова. -Сургут: ИЦ СурГУ, 2010. -164 с.
14. Штель Т.Л. Использование системы грейдирования как основа развития инновационной экономики / Т.Л. Штель, Е.Е. Емельяненко // Вестник науки Сибири. - 2015. -№4(19). -С.39-48.
15. Energy consulting в СМИ. Грейдирование как инструмент мотивации персонала. [Электронный ресурс]. URL: http://www.ec-group.ru/press/press/detail.php?ID=828.
16. Hay Job Evaluation, Foundations and Applications. Hay Group Working Paper. [Электронный ресурс]. URL: http://www.haygroup.com/Downloads/it/misc/wp-Job_Evaluation.pdf.


## ИСТИФОДАИ НИЗОМИ ГРЕЙДҲО ВА ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ


Дар мақола асосҳои илмию методии истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнати кормандони корхонаҳо дар шароити муосир дида баромада шудааст. Дар ин раванд барои бисёр корхонаҳо зарур аст, ки дар асоси баҳодиҳии фаъолият иерархияи мавқеъҳои худро мунтазам баррасӣ намуда, системаи музди меҳнатро такмил дода, имкони дифференсиякунонии пардохтро бо назардошти кори бевосита иҷрошуда ва сифату дараҷаи мавҷуда ё ба даст овардашудаи тахассус, таҷриба, собиқаи корӣ ва саҳм дар рушди корхонаро пешбинӣ менамоянд. Ба омӯзиши фалсафаи грейдерӣ диққати махсус дода шуда, амсилаҳои муосири музди меҳнат дида баромада шудааст. Таҷрибаи мавҷуда дар кишварҳои ҷаҳон омӯхта шудааст. Намудҳои низомҳои грейдерӣ омӯхта шуда, истифодаи он ҳамчун воситаи бениҳоят арзишманд дар ташаккули сохторҳои музди меҳнат ва меъёри арзёбии мавқеъҳо, сатҳи таъсири мавқеъ ба корхона ва дар маҷмуъ намуди таъсир ба натиҷаи ниҳоӣ дида баромада шудааст. Маҷмуи тадбирҳо оид ба татбиқи низоми грейдерӣ бо назардошти ҷудо намудани марҳилаҳо пешниҳод шудааст. Андозаи музди меҳнат дар Корхонаи воҳиди давлатии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе то ва баъди ҷорӣ намудани низоми грейдерӣ баҳо дода шудааст. Инчунин, тавсияҳои амалӣ барои татбиқи системаи грейдерӣ дар КВД нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе пешниҳод гардидааст. Истифодаи системаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, сатҳу сифати

хизматрасониҳои нақлиётӣ дар шаҳри Душанбе баланд бардошта шуда, музди меҳнати кормандон бо назардошти истифодаи низоми грейдерӣ пардохта шавад.

**Калидвожаҳо:** низоми грейдҳо, баҳогузорӣ, корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, амсилаҳои музди меҳнат, пардохти музди меҳнат, кормандон, фонди музди меҳнат.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ГРЕЙДОВОЙ СИСТЕМЫ И ОПЛАТЫ ТРУДА РАБОТНИКОВ ПРЕДПРИЯТИЙ АВТОМОБИЛЬНОГО ТРАНСПОРТА

В статье рассмотрены теоретико-методические основы использования грейдовой системы и оплаты заработной платы работникам предприятий в современных условиях. При этом многим предприятиям необходимо регулярно пересматривать иерархию своих должностей на основе служебной аттестации, регулярно совершенствовать систему оплаты труда, дифференцировать оплату труда с учетом непосредственно выполняемой работы, качества и уровня имеющейся или приобретённой квалификации, опыта, стажа работы, вклада, они обеспечивают развитие предприятия. Особое внимание уделено изучению философии грейдирования, а также рассмотрены современные модели заработной платы. Изучен опыт оплаты труда в странах мира. Изучены виды грейдовых систем и рассмотрены их использование как основного инструмента формирования структуры заработной платы и критериев оценки должностей, уровень влияния должности на предприятие в целом и вид влияния на конечный результат. Предложен комплекс мер по внедрению грейдовой системы с учетом выделения этапов. Оценен размер заработной платы на государственных унитарных предприятиях автомобильного транспорта города Душанбе до и после введения грейдовой системы. Также предложены практические рекомендации по внедрению грейдовой системы в этих ГУП города Душанбе. Использование предложенной системы позволяет повысить уровень и качество транспортных услуг в Душанбе, а также осуществлять оплату труда работников с учетом применения грейдовой системы.

**Ключевые слова:** грейдовая система, аттестация, автотранспортные предприятия, модели оплаты труда, оплата заработной труды, работники, фонд оплаты труда.

## USE OF THE GRADE SYSTEM AND REMUNERATION OF EMPLOYEES OF ROAD TRANSPORT ENTERPRISES

The article discusses the theoretical and methodological foundations of using the grade system and paying wages to employees of enterprises in modern conditions. At the same time, many enterprises need to regularly review the hierarchy of their positions based on performance appraisals, regularly improve the remuneration system, and differentiate wages taking into account the work directly performed, quality and level. existing or acquired qualifications, experience, work experience, contributions, they ensure the development of the enterprise. Particular attention is paid to the study of the philosophy of grading, and modern salary models are also considered. The experience of remuneration in countries around the world has been studied. The types of grading systems have been studied and their use as the main tool for forming the salary structure and job evaluation criteria, the level of influence of the position on the enterprise as a whole and the type of influence on the final result are considered. A set of measures for the implementation of the grading system is proposed, taking into account the identification of stages. The size of wages at state unitary enterprises of road transport in the city of Dushanbe before and after the introduction of the grade system was assessed. Practical recommendations for the implementation of the grading system in these state unitary enterprises of the city of Dushanbe are also proposed. The use of the proposed system makes it possible to increase the level and quality of transport services in Dushanbe, as well as to pay workers, taking into account the use of the grade system.

**Keywords:** grade system, certification, motor transport enterprises, remuneration models, wages, employees, wage fund.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҷабов Раҷаб Кӯчакович*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои иктисодӣ, профессор. **Суроға**: 734061, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи А.Деҳотӣ, 1/2. Телефон: **934-44-41-07**

***Хазраткулов Анвар Раҳмон қулович*** **-** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисод ва идоракунӣ. **Суроға**: 735500, ш.Панҷакент, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Рӯдакӣ, 106. Телефон: **927-37-41-41**

**Сведения об авторах:** ***Раджабов Раджаб Кучакович*** – Таджикский государственный университет коммерции, доктор экономических наук, профессор. **Адрес:** 734061, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица А. Дехоти 1/2. Телефон: **934-44-41-07**

***Хазраткулов Анвар Рахмонкулович*** – Педагогический институт Таджикистана в городе Пенджикент, старший преподаватель кафедры теории экономики и управления. **Адрес**: 735500, г.Пенджикент, Республика Таджикистан, улица Рудаки, 106. Телефон: **927-37-41-41**

**Information about the authors:** ***Radjabov Radjab Kuchakovich*** **–** Tajik State University of Commerce, Doctor of Economic Sciences, Professor. **Address:** 734061, Dushanbe, Republic of Tajikistan, A. Dekhoti street 1/2. Phone: **934-44-41-07**

***Khazratkulov Anvar Rakhmonkulovich*** **–** Pedagogical Institute of Tajikistan in the city of Penjikent, senior lecturer at the department of theory of economics and management. **Address:** 735500, Penjikent, Republic of Tajikistan, Rudaki street, 106. Phone: **927-37-41-41**

ТДУ: 657

# БЕНЧМАРКИНГИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАКМИЛИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ БОНКҲО

*Бобоев М.У., Исоев Д.Т.*

**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд**

Ҳисоботи молиявии бонкҳо мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) барои истифодабарандагон муҳимтарин мавод барои қабули қарорҳои гуногуни идоравӣ ва сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. Аз тарафи дигар ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ имкониятҳои таҳлилӣ ва муқоисашавандагии нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳоро зиёд мегардонад.

Таҳлилгарон, сармоягузорон, қарздеҳон, амонатгузорон ва ҳама гуна истифодабарандагони манфиатдор метавонанд аз ҳисоботи молиявии бонкҳо истифода баранд, ки чунин маълумот дар сомонаи расмии бонкҳо, дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ), дар маҷмуаи оморӣ ва дигар манбаъҳо мавҷуд аст ва дастрас мебошад. Таваҷҷӯҳи бештари сармоягузорону қарздеҳон ба иттилооти ҳисоботи молиявии маҷмуии аудитшуда зоҳир мегардад, зеро чунин иттилоотро саҳеҳ ва боэътимод шуморидан имкон дорад.

Мавриди зикр аст, ки аз соли 2019 инҷониб ҳар семоҳа нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо ба БМТ дар намуди MS Excel пешниҳод карда мешавад ва дар сомонаи расмии БМТ ҷойгир карда мешавад [5]. Нишондиҳандаҳои молиявии пешниҳодшуда ду гурӯҳро дарбар мегиранд:

1) нишондиҳандаҳои молиявии мутлақ - 13 нишондиҳандаи тавозуни бонк, аз он 6 номгӯй Дороиҳо, 4 номгӯй Уҳдадориҳо ва 3 номгӯй Сармояи тавозунӣ;

2) нишондиҳандаҳои фаъолият - 9 номгӯй коэффитсиентҳои молиявӣ ва нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ.

Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо тибқи талаботи БМТ омода карда шудааст ва ҳисоботи молиявии алоҳидаи бонкро мутобиқи СБҲМ дарбар мегирад. Ҳамзамон барои таҳлили муқоисавӣ маълумоти муфид маҳсуб ёфта, дар натиҷаи муқоиса метавон доир ба фаъолияти молиявии ин ё он бонк хулосаи зарурӣ баровард. Инчунин тавассути ин нишондиҳандаҳо рейтинги бонкҳоро муайян кардан мумкин аст.

Нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявии маҷмуии аудитшудаи бонкҳо дар сомонаи расмии бонкҳо ҷойгир карда шудааст. Аз нуқтаи назари таҳлил ва муқоисаи маълумоти ҳисоботи молиявии бонкҳо чунин андеша кардан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявии маҷмуии бонкҳо он қадар муқоисашаванда нест, зеро бонкҳое ки ҳисоботи маҷмуӣ пешниҳод мекунанд, дорои на танҳо бонкҳои фаръӣ балки ташкилотҳои фаръии соҳаҳои гуногун (мисол, суғурта, лизинг, варзиш, хизматрасонии компютерӣ) мебошанд. Аз ин рӯ барои муқоиса ҳисоботи молиявии алоҳидаи онҳо, ки тибқи талаботи БМТ ва СБҲМ омода карда шудааст, хубтар аст.

Маълум аст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳо ва воситаҳои гуногуни муқоисавӣ истифода бурда мешаванд ва яке аз инҳо бенчмаркинг мебошад. Мафҳуми бенчмаркинг (бо англисӣ benchmarking) дар адабиётҳо бо мазмуни муқоисакунӣ, муайянкунии таҷрибаи пешқадам, беҳтаргардонӣ, такмилдиҳӣ фаҳмида мешавад.

Масъалаи таҳқиқ ва истифодаи бенчмаркинг дар соҳаҳои гуногун дар корҳои илмии олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ баррасӣ шудааст.

Ба андешаи Кэмп Р. бенчмаркинг ин дарёфти таҷрибаҳои пешқадами соҳа мебошад, ки татбиқи ин таҷрибаҳо дар ташкилотҳо ба натиҷаҳои беҳтарин оварда мерасонад [17, с. 10]. Таърифи мазкур дар аксарияти таҳқиқотҳо оварда шудааст, ки мазмуни асосии бенчмаркингро ифода мекунад.

Протасов Д.В. қайд менамояд, ки бенчмаркинг ҳамчун яке аз усулҳои алтернативии идоракунии стратегӣ, маҳсули рушди эволютсионии рақобатпазирӣ мебошад, ки муқоисаи маҳсулоти рақибро бо маҳсулоти ташкилот дар бар мегирад, ки дар натиҷаи он роҳҳои беҳтар намудани сифати маҳсулот таҳия мешавад ва ҳамзамон сатҳи рақобатпазирии он

боло меравад. Ҳамин тавр, бенчмаркинг як усули идоракунӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани сифат ва ноил шудан ба бартарӣ дар рақобат нигаронида шудааст [11,с.4].

Ба ақидаи Толстова А.З. дар таҷрибаи ҷаҳонӣ яке аз восита ё раванди муқоисаи эталонӣ бенчмаркинг ба ҳисоб меравад. Бенчмаркинг ин усули таҳқиқот, таҳлили муқоисавӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам барои пешбурди бизнес мебошад ва дар соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла дар бахши бонкӣ татбиқ карда мешавад. Айни замон бенчмаркинг яке аз усули паҳншуда мебошад, ки бонкҳои азим дар фаъолияти худ истифода мебаранд. Намудҳои зерини бенчмаркинг мавҷуд аст: умумӣ; соҳавӣ; рақобатӣ; дохилӣ [13,с.62-63].

Тавре ки Кузнецова Л.Н. қайд мекунад, истифодаи усули бенчмаркинг барои такмили раванди баҳисобгирӣ ва баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявӣ пешниҳод карда мешавад, ки на танҳо ба самаранокии ташкилотҳо, балки ба баланд шудани рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунад. Инчунин бенчмаркингро метавон барои модели самараноки рушди баҳисобгирии муҳосибӣ истифода бурд [8,с.120]. Аз ин ҷо мо чунин андешаро тарафдорӣ намуда, қайд карданием, ки бенчмаркинг дар рушди низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии бонк яке аз воситаи самаранок маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқон Мирзоалиев А.А. ва Шаропов А.Д. бенчмаркингро ҳамчун воситаи махсуси таҳлили ҳисоботи молиявӣ дар мисоли ду корхонаи саноати қаннодии ҷумҳурӣ дида баромада, қайд мекунад, ки барои гузаронидани бенчмаркинги молиявӣ маълумоти бештар дар ҳисоботи молиявӣ мавҷуд аст ва барои таҳлили муқоисавӣ дастраси умум аст. Таҳлили муқоисавии ин корхонаҳоро аз рӯйи 35 номгӯйи нишондиҳандаҳои самаранокӣ, аз қабили даромад, фоида, коэффитсиентҳои гирдгардиш, даромаднокӣ, левереҷи молиявӣ барои ду сол муқоиса намуда, доир ба рақобатнокӣ, даромаднокӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо хулосабардорӣ кардааст [10,с.128-129].

Раҷабов Р.К. ва Шарипова Х.Р. истифодаи усули бенчмаркингро дар бизнеси меҳмонхонадорӣ барои муайян кардани рақобатнокии корхонаҳо дида баромада, қайд кардаанд, ки вазифаи асосии технологияи бенчмаркинг дар ин соҳа ин баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ бо роҳи ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам ба ҳисоб меравад [12,с.37].

Дар таҳқиқоти Авезова М.М. ва Воҳидова А.А. усули бенчмаркинг дар таҳияи алгоритми ташаккули стратегияи рушди корхона барои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳо ва муайян кардани рақибони асосӣ дар бозори минтақавии маҳсулоти хӯрокворӣ - истеҳсоли орду макарон истифода бурда шудааст [1,с.65-66].

Амаков И.Б. асосҳои назариявию методологии бенчмаркингро таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки бенчмаркинг яке аз усули идоракунии рақибон ва такмили фаъолияти ташкилот дар низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад [2,с.100].

Бенчмаркинг барои дарёфт, баҳодиҳӣ ва омӯхтани таҷрибаҳои беҳтарини пешбурди бизнес нигаронида шудааст. Бенчмаркингро ҳамчун технологияи баҳисобгирии идоракунӣ барои таҳлили таркиби хароҷот ва сифати маҳсулоти худ дар муқоиса бо маҳсулоти истеҳсолкунандагони дигар, барои муқоисаи фаъолияти ширкатҳои рақиб ва ширкатҳои пешрафтаи дигар соҳаҳо истифода бурдан мумкин аст [3,с.23]. Амалия нишон медиҳад, ки дар натиҷаи истифодаи оқилонаи таҷрибаи рақибон ва ширкатҳои муваффақ, ҳар як ташкилот метавонад сатҳи хароҷотро коҳиш диҳад, фоидаро афзоиш диҳад ва интихоби стратегияи фаъолиятро оптимизатсия кунад [4,с.30].

Ҳамин тариқ, бенчмаркинг яке аз технологияи идоракунӣ барои рушди фаъолияти ташкилотҳо, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, оптимизатсияи бизнес-равандҳо, нигоҳдории рақобатпазирӣ, такмили низоми баҳисобгирӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ афзалиятҳо дорад.

Бенчмаркинг дорои инструментҳои зиёд мебошад ва яке аз он ин таҳлили муқоисавӣ аст. Мутахассисон бенчмаркинги молиявиро ҷудо мекунанд, ки муқоисаи берунӣ ва ё эталонӣ мебошад ва дар доираи он нишондиҳандаҳои натиҷавии раванд ва ё сохторҳо бо нишондиҳандаҳои монанди дигар ташкилотҳо муқоиса карда мешаванд. Аз ҷумла, нишондиҳандаҳои молиявии як бонкро бо бонки дигар ва ё як филиали онро бо дигар филиал метавон муқоиса намуд. Ҳар як бонк метавонад методикаи таҳлил ва муқоисаро таҳия кунад ва дар ин самт яке аз масъалаи душвор ин интихоби нишондиҳандаҳо

мебошад. Саҳеҳияти нишондиҳандаҳои муқоисашаванда муҳимтарин талабот дар интихоби нишондиҳандаҳо мебошад.

Бенчмаркинги нишондиҳандаҳои молиявии бонкро дар асоси маълумоти дастрас аз рӯйи самтҳои зерин мегузаронем (расми 1).

**Расми 1. Самтҳои асосии бенчмаркинги молиявии бонкҳо дар асоси маълумоти дастрас**
**Figure 1. Main areas of financial benchmarking of banks based on available data**




Барои мақсадҳои бенчмаркинг аз маълумоти ба БМТ пешниҳоднамудаи бонкҳо нишондиҳандаҳои 3 бонки анъанавӣ барои солҳои 2020-2022 гирифта шудааст. Таҳлилгар метавонад маълумоти ҳама бонкҳои ватаниро барои муқоиса истифода барад, инчунин метавон барои якчанд солҳо таҳлил гузаронд.

**1. Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои ҷамъбастии тавозун.** Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои ҷамъбастии тавозуни муҳосибии бонкҳо дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Аз натиҷаи таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои ҷамъбастии тавозуни бонкҳо чунин хулоса кардан мумкин аст:

1) Дороиҳои ҶСК "Бонки Эсхата" дар соли 2021 нисбати соли 2020 ба 32,9% ва соли 2022 бошад ба 31,3% афзоиш ёфтааст. Уҳдадориҳои бонк соли 2022 ба андозаи 28,7% афзудааст. Сармояи худӣ бошад соли 2021 нисбати соли гузашта ба 27,5% ва соли 2022 ба таври назаррас, яъне 43,2% афзудааст. Дороиҳо ва сармояи бонк дар соли 2022 нисбати соли 2020 қариб 2 маротиба зиёд шудааст. Албатта ин самаранокии амалиётҳои активӣ ва зиёдшавии фоидаи бонкро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 1. Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои ҷамъбастии тавозуни бонкҳо (бо млн. сомонӣ)**
**Table 1. Analysis of the dynamics of the summary indicators of banks' balance sheets (in millions of somoni)**

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | Афзоиш дар с. 2021 нисбати с. 2020, % | 2022 | Афзоиш дар с. 2022 нисбати с. 2021, % |
|---|---|---|---|---|---|
| **ҶСК "Бонки Эсхата"** | | | | | |
| Дороиҳо | 2 444,00 | 3 248,90 | 32,9 | 4 264,50 | 31,3 |
| Уҳдадориҳо | 1 993,40 | 2 674,40 | 34,2 | 3 442,00 | 28,7 |
| Сармояи худӣ | 450,5 | 574,5 | 27,5 | 822,5 | 43,2 |
| **ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"** | | | | | |
| Дороиҳо | 991,3 | 1 122,90 | 13,3 | 1 132,10 | 0,8 |
| Уҳдадориҳо | 846,7 | 955,5 | 12,8 | 934,4 | -2,2 |
| Сармояи худӣ | 144,6 | 167,4 | 15,8 | 197,7 | 18,1 |
| **ҶСП "Бонки Арванд"** | | | | | |
| Дороиҳо | 566,2 | 766,2 | 35,3 | 1 005,40 | 31,2 |
| Уҳдадориҳо | 458,9 | 641,3 | 39,7 | 829,4 | 29,3 |
| Сармояи худӣ | 107,3 | 124,8 | 16,3 | 176 | 41,0 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии БМТ [5]

2) Дар ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” афзоиши дороиҳо соли 2021 13,3% ва соли 2022 нисбати соли 2021 қариб бетағйир монда, ба 0,8% афзудааст. Уҳдадориҳо бошад соли 2022 нисбати соли 2021 ба 2,2% кам шудааст. Сармояи худӣ ҳар сол тамоюли зиёдшавӣ дошта, соли 2022 нисбати соли 2021 ба 18,1% афзудааст.

3) Дороиҳои ҶСП “Бонки Арванд” соли 2021 нисбати соли гузашта ба 35,3% ва соли 2022 ба 31,2% афзудааст. Уҳдадориҳои бонк соли 2021 нисбати соли 2020 ба андозаи 39,7% ва сармояи худӣ соли 2022 нисбати соли 2021 ба андозаи 41% зиёд шудааст. Албатта зиёдшавии сармоя бо афзоиши назарраси фоидаи софи бонк дар соли 2022 вобаста аст.

Ба ҳамин тариқ, аз натиҷаи таҳлил маълум шуд, ки аз рӯйи афзоиши дороиҳо ва сармояи худӣ ҶСК “Бонки Эсхата” дар ҷойи аввал қарор дорад. Аз ин ҷо бонки мазкур таҷрибаи хуби гузаронидани амалиётҳои активӣ ва ҷалби амонатҳоро нисбати дигар бонкҳо дорад.

**2. Таҳлили сохтории ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ.** Дар ҷадвали 2 таҳлили сохтории ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии бонкҳо оварда шудааст, ки дар он вазни қиёсии нишондиҳандаҳо ҳисоб карда шудааст.

**Ҷадвали 2. Таҳлили сохтории ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии бонкҳо (бо млн. сомонӣ)**
**Table 2. Structural analysis of the report on the financial condition of banks (in millions of somoni)**

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | Вазни қиёсӣ, % | 2021 | Вазни қиёсӣ, % | 2022 | Вазни қиёсӣ, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҶСК “Бонки Эсхата”** | | | | | | |
| Дороиҳо | 2 444,00 | 100 | 3 248,90 | 100 | 4 264,50 | 100 |
| Уҳдадориҳо | 1 993,40 | 81,6 | 2 674,40 | 82,3 | 3 442,00 | 80,7 |
| Сармояи худӣ | 450,5 | 18,4 | 574,5 | 17,7 | 822,5 | 19,3 |
| **ҶСП ”Аввалин бонки молиявии хурд”** | | | | | | |
| Дороиҳо | 991,3 | 100 | 1 122,90 | 100 | 1 132,10 | 100 |
| Уҳдадориҳо | 846,7 | 85,4 | 955,5 | 85,1 | 934,4 | 82,5 |
| Сармояи худӣ | 144,6 | 14,6 | 167,4 | 14,9 | 197,7 | 17,5 |
| **ҶСП ”Бонки Арванд”** | | | | | | |
| Дороиҳо | 566,2 | 100 | 766,2 | 100 | 1 005,40 | 100 |
| Уҳдадориҳо | 458,9 | 81,0 | 641,3 | 83,7 | 829,4 | 82,5 |
| Сармояи худӣ | 107,3 | 19,0 | 124,8 | 16,3 | 176 | 17,5 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии БМТ [5]

Таҳлили сохтории ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии бонкҳо нишон дод, ки вазни қиёсии сармояи худии ҶСК “Бонки Эсхата” дар ҷамъи дороиҳо соли 2020 ба 18,4%, соли 2021 ба 17,7% ва соли 2022 ба 19,3% баробар шудааст. Дар ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” бошад, вазни қиёсии уҳдадориҳо дар давраи таҳлилшаванда кам шуда, ҳиссаи сармояи худии бонк афзуда, соли 2022 17,5%-и дороиҳоро ташкил додааст. Вазни қиёсии уҳдадориҳои ҶСП “Бонки Арванд” соли 2021 нисбат ба соли 2020 зиёд гашта, ба 83,7% баробар шудааст. Ҳиссаи сармояи худии бонки мазкур соли 2020 ба 19% ва соли 2022 ба 17,5% баробар шудааст.

Дар асоси таҳлили сохтори тавозуни бонкҳои муқоисашаванда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҶСК “Бонки Эсхата” нисбати дигар бонкҳо сохтори оптималии сармоя дорад. Агар бонк сармояи худиро зиёд гардонад ин ба пастшавии хавфҳо ва зиёдшавии даромаднокии сармоя оварда мерасонад. Дар натиҷаи зиёдшавии ҳиссаи сармояи худӣ коэффитсиенти левереҷи молиявӣ паст мегардад ва албатта ин омили муҳими устувории фаъолияти бонк мебошад. Инчунин меъёри кифоятии сармояи бонк

баланд мегардад, ки тибқи талаботи БМТ меъёри К-1.2 на камтар аз 10% муқаррар карда шудааст. Дар сомонаи расмии ҶСК "Бонки Эсхата" меъёри кифоятии сармоя оварда шудааст, ки ба ҳолати 31 марти соли 2023 коэффитсиенти К-1.2 ба 17,68% баробар аст.

**3. Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои даромаднокӣ.** Нишондиҳандаҳои даромаднокӣ маҳаки самаранокии фаъолияти бонк маҳсуб ёфта, рақобатпазирӣ ва беҳтар шудани ҷолибияти сармоягузории бонкро тавсиф медиҳанд. Бонкҳо ба БМТ асосан се нишондиҳандаҳои даромаднокиро пешниҳод мекунанд: даромаднокии дороиҳо, даромаднокии сармоя ва даромади (ё маржаи) фоизии холис.

Даромаднокии дороиҳо (ROA, *Return on assets*) самаранокии истифодабарии дороиҳои бонкро тавсиф дода, андозаи фоидаро ба 1 сомонии дороиҳо нишон медиҳад.

Даромаднокии сармоя (ROE, *Return on equity*) самаранокии фаъолияти бонкро аз нуқтаи назари саҳомон тавсиф медиҳад ва фоида ба 1 сомонии сармояи гузоштташударо нишон медиҳад.

Даромади фоизии холис (NIM, *Net Interest Margin*) самаранокии истифодабарии дороиҳоро вобаста ба арзиши маблағҳои ҷалбшудаи бонк тавсиф медиҳад.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, бонкҳо ба БМТ ҳар семоҳа нишондиҳандаҳои молиявӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолиятро (дар таркиби онҳо ин се нишондиҳандаи даромаднокӣ мавҷуд аст) пешниҳод мекунанд ва дар сомонаи БМТ ҷойгир карда мешавад.

Бо истифода аз маълумоти ҳисоботи молиявии бонкҳо, ки дастрас аст, таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои даромаднокии бонкҳоро мегузаронем (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои даромаднокии бонкҳо (бо фоиз)**
**Table 3. Comparative analysis of bank profitability indicators (in percentage)**

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|
| **ҶСК "Бонки Эсхата"** | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) | 3,5 | 3,8 | **7,4** |
| Даромаднокии сармоя (ROE) | 17,1 | 20,2 | **38,6** |
| Даромади фоизии холис (NIM) | 15,1 | 13,7 | 15,2 |
| *Фоидаи соф (бо млн. сомонӣ)* | *77,2* | *116,0* | *317,2* |
| **ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"** | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) | 1,3 | 2,60 | 3,50 |
| Даромаднокии сармоя (ROE) | 8,8 | 17,4 | 19,9 |
| Даромади фоизии холис (NIM) | 15,2 | 15,5 | **17,3** |
| *Фоидаи соф (бо млн. сомонӣ)* | *12,7* | *29,1* | *39,4* |
| **ҶСП "Бонки Арванд"** | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) | 0,6 | 1,2 | 5,10 |
| Даромаднокии сармоя (ROE) | 3,1 | 7,2 | 29,3 |
| Даромади фоизии холис (NIM) | 14,5 | 13,2 | 15,1 |
| *Фоидаи соф (бо млн. сомонӣ)* | *3,3* | *9,0* | *51,5* |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии БМТ [5]

Дар асоси муқоисаи нишондиҳандаҳои фоида ва даромаднокии бонкҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Дар давраи солҳои 2020-2022 даромаднокии дороиҳо (ROA) дар ҶСК "Бонки Эсхата" нисбат ба дигар бонкҳо аз ҳама баланд аст. Соли 2022 ба 7,4% баробар шуд, ки нисбат ба солҳои пештара 2 маротиба зиёд аст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бонки мазкур дороиҳои худро самаранок истифода мебарад. Даромаднокии дороиҳои ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" ва ҶСП "Бонки Арванд" низ дар муқоиса бо солҳои пештара зиёд

шудаанд. Агар дар соли 2020 даромаднокии дороиҳои ҶСП “Бонки Арванд” ба 0,6% бошад, соли 2021 ба 1,2% (ё 2 маротиба зиёд) ва соли 2022 ба 5,1% (ё нисбати соли 2021 зиёда аз 4 маротиба) баробар шудааст. Аз ин ҷо, дар ин бонкҳо низ сиёсати хуби идоракунии дороиҳо мавҷуд аст.

2. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои даромаднокии сармоя (ROE) низ ҶСК “Бонки Эсхата” нисбат ба дигар бонкҳои муқоисашаванда пешсаф аст ва соли 2022 ба 38,6% баробар шуд. Ин маънои онро дорад, ки ба 1 сомонии сармояи худӣ 38,6 дирам фоида рост меояд. Даромаднокии сармояи ду бонки дигар низ сол то сол зиёд шудаанд. Хусусан даромаднокии сармояи ҶСП “Бонки Арванд” соли 2022 ба 29,3% баробар шудааст, ки нисбати соли 2021 ба андозаи 22,1% зиёд аст ва ба ин асосан афзоиши фоидаи софи бонк дар соли 2022 таъсир расондааст.

3. Нишондиҳандаи даромади фоизии холиси (NIM) ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” нисбати дигар бонкҳои муқоисашаванда дар соли 2022 аз ҳама баланд буда, ба 17,3% баробар шудааст ва ҳар сол тамоюли зиёдшавӣ дорад. Ин самаранокии амалиётҳои активии бонки мазкурро нишон медиҳад. Дар ҶСК “Бонки Эсхата” ва ҶСП “Бонки Арванд” низ даромаднокии фоизии холис андозаи устувор дошта, дар давраи солҳои 2020-2022 аз 13 то 15%-ро ташкил додаанд.

4. Барои афзоиши нишондиҳандаҳои даромаднокии ин бонкҳо асосан зиёдшавии фоидаи соф таъсир расондааст. Агар ҶСК “Бонки Эсхата” соли 2020 ба маблағи 77,2 млн. сомонӣ фоида гирифта бошад, соли 2021 фоида ба 116 млн. сомонӣ ва соли 2022 ба 317,2 млн. сомонӣ (ё нисбати соли 2021 зиёда аз 2,7 маротиба) баробар шудааст. Афзоиши фоида дар бонкҳои дигар низ ба назар мерасад ва ҶСП “Бонки Арванд” соли 2022 ба маблағи 51,5 млн. сомонӣ фоида гирифтааст, ки ин нисбати соли 2021 ба маблағи 42,5 млн. сомонӣ ё 5,7 маротиба зиёд аст.

5. ҶСК “Бонки Эсхата” аз рӯйи даромаднокии дороиҳо ва сармоя дар солҳои муқоисашаванда дар ҷойи аввал аст, аз рӯйи даромади фоизии холис бошад ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” дар ҷойи аввал аст.

Ҳамин тавр, таҳлили нишондиҳандаҳои даромаднокии бонкҳо нишон дод, ки андозаи нишондиҳандаҳо сол то сол тамоюли зиёдшавӣ доранд ва ин ҳолати молиявии устувори бонкҳои муқоисашавандаро муаррифӣ мекунад.

Афзоиши даромаднокии сармояи бонк барои саҳомон муҳимтарин маълумот ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи муқоисаи андозаи он бо дигар бонкҳо онҳо метавонанд доир ба хариди саҳмияҳо ва ё гузоштани маблағ ба бонк қарори дахлдор қабул кунанд.

Андозаи меъёрии нишондиҳандаҳои даромаднокӣ аз тарафи БМТ барои бонкҳо муайян карда нашудааст. Дар таҷрибаи бонкҳои дигар давлатҳо андозаи меъёрии даромаднокӣ муайян карда шудааст, ки таҳлилгарон барои муқоиса истифода мебаранд.

Барои танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ аз тарафи БМТ меъёрҳои мақбул истифода мешаванд, ки тибқи Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» [7] андозаи меъёрии нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ муайян карда шудаанд.

Ба андешаи мо, дар асоси омӯзиши адабиётӣ илмӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои бонкҳои ватанӣ меъёри даромаднокиро бо чунин андоза пешниҳод кардан мумкин аст:

*1) Даромаднокии дороиҳо (ROA) на камтар аз 2%;*

*2) Даромаднокии сармоя (ROE) на камтар аз 10%;*

*3) Даромади фоизии холис (NIM) на камтар аз 15%.*

**4. Таҳлили муқоисавии меъёри пардохтпазирии ҷорӣ**

Пардохтпазирии ҷорӣ қобилияти бонк ҷиҳати сари вақт иҷро гардидани уҳдадориҳои он дар назди пасандоздорон ва қарздеҳонро нишон медиҳад. Тибқи Дастурамали №176 андозаи меъёри пардохтпазирии ҷорӣ барои ташкилотҳои қарзии низомсоз на камтар аз 50% ва барои дигар ташкилотҳои қарзӣ на камтар аз 30% муқаррар карда шудааст. Ба бонкҳои низомсоз ҶСК "Ориёнбонк", БДА ҶТ "Амонатбонк" ва ҶСК "Бонки Эсхата" дохил карда шудаанд.

Дар ҷадвали 4 таҳлили муқоисавии меъёри пардохтпазирии ҷории бонкҳои ватаниро меорем.

**Ҷадвали 4. Таҳлили муқоисавии меъёри пардохтпазирии ҷории бонкҳо (К-2.1, бо фоиз)**
**Table 4. Comparative analysis of banks' current liquidity ratio (К-2.1, in percentage)**

| № | Номи бонкҳо | Андозаи меъёрӣ | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК "Ориёнбонк" | *50* | 63 | 126 | 132 |
| 2 | БДА ҶТ "Амонатбонк" | *50* | 77 | 71 | 83 |
| 3 | ҶСК "Бонки Эсхата" | *50* | 68 | 64 | 79 |
| 4 | ҶСК "Тавҳидбонк" | 30 | 167 | 129 | 111 |
| 5 | ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 30 | 81 | 69 | 74 |
| 6 | Филиали бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ дар ш. Душанбе | 30 | 110 | 123 | 119 |
| 7 | ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон" | 30 | 104 | 121 | 125 |
| 8 | ҶСП Бонки “Арванд” | 30 | 167 | 83 | 211 |
| 9 | ҶСП “Спитамен Бонк” | 30 | 83 | 74 | 104 |
| 10 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 30 | 105 | 94 | 104 |
| 11 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 30 | 110 | 167 | 123 |
| 12 | ҶСК “Алиф Бонк” | 30 | 42 | 64 | 83 |
| 13 | ҶСП ”Бонки рушди Тоҷикистон” | 30 | 154 | 85 | 74 |
| 14 | КВД БССТ ”Саноатсодиротбонк” | 30 | 88692 | 7524 | 646 |
| 15 | ҶСП ”Душанбе Сити Бонк | 30 | - | - | 77 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии БМТ [5]

Тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 маълум аст, андозаи ҳақиқии меъёри пардохтпазирии ҷории ҳамаи бонкҳо ба андозаи меъёрӣ мувофиқат мекунад ва ҳатто чанд маротиба зиёд аст. Меъёри пардохтпазирии ҷории бонкҳои низомсоз ҶСК "Ориёнбонк", БДА ҶТ "Амонатбонк" ва ҶСК "Бонки Эсхата" зиёда аз 50% буда, дар давраи таҳлилшаванда дар ҳадди устувор қарор дорад. Пардохтпазирии ҷории ҶСК "Ориёнбонк" бошад, агар соли 2020 63%-ро ташкил диҳад, соли 2021 ба 126% ва соли 2022 ба 132% баробар шудааст, ки аз андозаи меъёрӣ зиёда аз 2,5 маротиба аст. Пардохтпазирии ҷории ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" соли 2020 ба 81% ва соли 2022 ба 74% баробар шудааст, яъне каме паст шудааст, аммо ин аз андозаи меъёрии БМТ низ 2,5 маротиба зиёд аст. Меъёри пардохтпазирии ҶСП Бонки “Арванд” соли 2021 нисбати соли 2020 қариб 2 маротиба паст гардида, соли 2022 ба 211 фоиз баробар шудааст, ки аз меъёр 7 маротиба зиёд аст.

Ҳамчунин пардохтпазирии ҷории ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон", ҶСП “Спитамен Бонк”, ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон", ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ва ҶСК “Алиф Бонк” низ дар давраи муқоисашаванда тамоюли зиёдшавӣ доранд. Нишондиҳандаҳои КВД БССТ ”Саноатсодиротбонк” бошад дар муқоиса бо дигар бонкҳо аз ҳама зиёд буда, соли 2020 ба 88692 фоиз ва соли 2022 ба 646% баробар шудааст. Таҳлили таркиби нишондиҳандаҳои молиявии бонки мазкур нишон медиҳад, ки соли 2020 бонк дар тавозун маблағи ками уҳдадориҳои кутоҳмуддат дошт ва аз соли 2022 сар карда амонатҳои дархостшаванда ҷалб карда шудааст.

Ҳамин тариқ, муқоисаи нишондиҳандаи пардохтпазирии ҷорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки бонкҳои ватанӣ қобилияти сари вақт ва пурра иҷро намудани уҳдадориҳоро дар назди пасандоздорон ва қарздеҳон доранд. Яъне дороиҳои пардохтпазир ва дороиҳои муҳлаташ то 30 рӯзи бонкҳо барои пардохти амонатҳои дархостшаванда ва уҳдадориҳои муҳлаташон то 30 рӯз кифоя аст. Аз тарафи дигар, риоя гардидани андозаи меъёрии пардохтпазирии ҷорӣ боварии мизоҷонро ба бонк зиёд гардонида, рушди устувори низоми бонкиро нишон медиҳад.

Натиҷаи бенчмаркинги молиявии бонкҳоро аз рӯйи чор самти дар боло овардашуда ҷамъбаст намуда, чунин хулосабардорӣ кардан мумкин аст, ки дар асоси маълумоти ба БМТ пешниҳоднамудаи бонкҳо на ҳамаи нишондиҳандаҳо ва ё индикаторҳои молиявиро ҳисоб кардан имкон дорад. Нишондиҳандаҳои мутлақи молиявии бонкҳо асосан иттилооти тавозунро дарбар мегиранд ва баъзе нишондиҳандаҳои мутлақи ҳисоботи фоида ва зарар намерасанд. Аз ин ҷо барои мақсадҳои таҳлил ба бонк муроҷиат кардан зарур аст, аммо дар сомонаи расмии баъзе бонкҳо иттилооти молиявӣ пурра оварда нашудааст, ки барои гузаронидани таҳлили муқоисавӣ мушкилот ба амал меояд.

Барои мақсадҳои бенчмаркинги молиявӣ бо дарназардошти таҳлили гузаронидашуда ва барои ягонагии маълумоти молиявӣ ба таркиби нишондиҳандаҳои молиявии ба БМТ пешниҳодшуда илова намудани нишондиҳандаҳои зеринро тавсия мекунем:

*1. Даромади фоизӣ;*
*2. Хароҷоти фоизӣ;*
*3. Даромади холиси фоизӣ;*
*4. Даромади холиси ғайрифоизӣ;*
*5. Даромади амалиётӣ;*
*6. Хароҷоти амалиётӣ;*
*7. Фоида то пардохти андоз аз даромад.*

Ба андешаи мо, ба таркиби номгӯйи нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо илова намудани нишондиҳандаҳои ҳисоботи фоида ва зарар имкониятҳои таҳлилии ҳисоботи молиявиро зиёд мегардонад. Ҳамин тавр, илова намудани 7 номгӯй нишондиҳандаи мутлақ таркиби нишондиҳандаҳоро боз ҳам пурратар мекунанд.

Дар робита ба ин ба таркиби нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолияти бонкҳо илова намудани индикаторҳои зерини молиявиро тавсия мекунем (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Иловаи индикаторҳо барои мақсадҳои бенчмаркинги молиявӣ**
**Table 5. Addition of indicators for financial benchmarking purposes**

| № | Номи индикатори молиявӣ | Формулаи ҳисобукитоб |
|---|---|---|
| 1 | Даромаднокии сармоягузориҳо (ROI, Return on Investment) | (Фоидаи соф / Арзиши миёнаи сармоягузориҳо)*100% |
| 2 | Таносуби даромад бар хароҷот (CIR, Cost income ratio) | Хароҷоти амалиётӣ / Даромади амалиётӣ |
| 3 | Арзиши хавф (COR, cost of risk) | Захираҳо / Арзиши миёнаи сандуқи қарзӣ |
| 4 | Коэффитсиенти пойгоҳи мизоҷон (CBR, Client Base Ratio) | Андозаи мутлақи пойгоҳи мизоҷон / Дороиҳои соф |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [6, 9, 14, 15, 16]

Ҳамин тавр, таркиби нишондиҳандаҳои нисбии молиявии бонкҳо бо илова намудани индикаторҳои тавсияшуда зиёд гардида, барои бенчмаркинги нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо замина мегузорад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда чунин хулосабардорӣ кардан имкон дорад:

1) Бенчмаркинг ҳамчун яке аз усул, восита ва технология дар самтҳои гуногуни фаъолияти ташкилотҳо истифода шуда, ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии фаъолият, усули идоракунии устувории молиявӣ ва боэътимодии бонк баромад мекунад. Дар натиҷаи истифодаи бенчмаркинги молиявӣ метавон рейтинги бонкҳоро аз рӯйи самту равандҳои гуногун муайян кард.

2) Ҳисоботи молиявии бонкҳо, ки тибқи СБҲМ таҳия мешаванд, барои гузаронидани бенчмаркинги молиявӣ муҳимтарин манбаи иттилоотӣ мебошанд. Бенчмаркинг дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ, барои бонкҳо имконияти истифодаи беҳтарин амалияи дигар бонкҳоро барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва нигоҳдории устувории молиявӣ медиҳад.

3) Бенчмаркинги молиявии бонкҳо аз рӯйи чор самти асосӣ гузаронида шуда, дар натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ ба фаъолияти пурсамари бонкҳо баҳогузорӣ карда шуд.

4) Барои мақсадҳои бенчмаркинги молиявӣ илова намудани нишондиҳандаҳои ҳисоботи фоида ва зарар, инчунин чор индикатори молиявӣ пешниҳод карда шуд.

5) Бенчмаркинги молиявӣ ҳамчун восита барои таҳияи сиёсати амонатгузорӣ, сиёсати қарзӣ ва сиёсати сармоягузорӣ, идоракунии кадрӣ, арзёбии рақобатпазирии хизматрасонии бонкӣ, идоракунии босамари бизнес-равандҳо, идоракунии устувории молиявӣ, бозоргирӣ ва пардохтпазирии бонк истифода бурда мешавад.

7) Бенчмаркинг ҳамчун воситаи такмили равандҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ барои баланд бардоштани сифати иттилооти молиявӣ, тезонидани муҳлати таҳияи ҳисоботи молиявӣ, зиёд намудани имкониятҳои иттилоотӣ ва таҳлилии ҳисоботи молиявии бонкҳо мусоидат мекунад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

## АДАБИЁТ

1. Авезова, М.М. Алгоритм формирования стратегии развития предприятий на региональном рынке / М.М. Авезова, А.А. Вохидова // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2019. -№3(12). -С.57-74.
2. Амаков, И.Б. Теоретико-метологические основы исследования бенчмаркинга в системе управления сферы высшего образования / И.Б. Амаков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. -№1. -С.95-102.
3. Бобоев М.У. Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар низоми идоракунии бизнес // Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). -Душанбе: ДБССТ, 2022. -276 с.
4. Бобоев М.У. Система управленческого учета как инструмент финансового менеджмента // Развитие финансовой системы в условиях глобализации // Материалы II междунар. научно-практ. конференции (28 мая 2016 г.). -Худжанд: Ношир, 2016. -180 с.
5. Бонки миллии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо. [Манабаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/finance_bank_pokazatel.php (санаи дастрасӣ: 10.06.2023).
6. Вострикова Л.А., Панина И.В. Анализ финансового состояния банка на основе открытых данных // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Экономика и управление. - 2020. -№2. -С.13-26. DOI: 10.17308/econ.2020.2/2898.
7. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ". Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №304 аз 9 октябри соли 2009 тасдиқ шудааст (охирон тағйиру иловаҳо 24 майи соли 2022). [Манабаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/normative/
8. Кузнецова Л.Н. Бенчмаркинг как инструмент повышения качества учетно-аналитической информации // Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 5: Экономика. – 2011. -№2. -С.113-121.
9. Машнина, Е.Н. Практические аспекты финансового анализа эффективности деятельности банка / Е.Н. Машнина // Вестник Белорусского государственного экономического университета. - 2010. -№6. -С.87-93.
10. Мирзоалиев, А.А. Бенчмаркинг как особый инструмент анализа финансовой отчетности / А.А. Мирзоалиев, А.Д. Шаропов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2021. -№1(35). -С.123-136.
11. Протасов, Д.В. Теория и практика применения технологии бенчмаркинга для улучшения качества деятельности организации: монография / Д.В. Протасов. -Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2009. -80 с.
12. Раджабов Р.К., Шарипова Х.Р. Бенчмаркинг как инструмент развития конкурентоспособности гостиничных предприятий // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2018. -Т. 76. -№3. -С.28-38.
13. Толстова, А.З. Бенчмаркинг как инструмент эффективности банковской деятельности / А.З. Толстова, А.В. Гетманова // Экономика: теория и практика. – 2015. -№3(39). -С.62-66.
14. Фатуев В.А. Анализ прибыли и рентабельности банка / В.А. Фатуев, В.Л. Алхасов // Изв. Тульского гос. ун-та. Экон. и юрид. науки. – 2012. -№1-1. -С.608-628.
15. Школа Инвестиционной оценки проектов, акций, бизнес / ТОП 15 финансовых показателей банка. [Электронный ресурс]. URL: https://finzz.ru/top-15-pokazatelej-bankov.html#google_vignette
16. Asqar, C., & Farhod, X. The profitability indicators of commercial banks in the republic of Uzbekistan and their modern state. World Economics and Finance Bulletin, 2022. -8. –P.141-148.
17. Camp, R.C. Benchmarking: the search for Industry best practices that lead to superior performance. American Society of Quality Control, Quality Press, Milwaukee, WI. – 1989.


## БЕНЧМАРКИНГИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАКМИЛИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ БОНКҲО


Дар мақола моҳияти бенчмаркинг ҳамчун усули муқоисавӣ, восита ва технологияи баланд бардоштани фаъолияти бонкҳо ва такмили ҳисоботи молиявӣ баррасӣ шудааст. Бенчмаркинги молиявӣ дар асоси маълумоти дастраси ҳисоботи молиявии бонкҳо аз рӯйи чор самти асосӣ гузаронида шуда, дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ фаъолияти бонкҳо баҳо дода шуда, таҷрибаи беҳтарин муайян карда шудааст. Андозаи меъёрии даромаднокии дороиҳо, даромаднокии сармоя ва даромади фоизии холис пешниҳод карда шудааст. Ба таркиби нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо, ки ба БМТ пешниҳод карда мешаванд, илова намудани 7 нишондиҳандаи мутлақ тавсия карда шуд ва номгӯйи нишондиҳандаҳои молиявӣ аз 13 адад то ба 20 адад мерасанд. Инчунин барои гузаронидани бенчмаркинги нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо боз 4 индикатори молиявии зерин пешниҳод карда шуд: даромаднокии сармоягузориҳо (ROI), таносуби даромад бар хароҷот (CIR), арзиши хавф (COR), коэффитсиенти пойгоҳи мизоҷон (CBR). Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда ва пешниҳоду тавсияҳо сифати иттилооти молиявиро баланд бардошта, имкониятҳои иттилоотӣ ва таҳлилии ҳисоботи молиявиро зиёд мегардонад.



**Калидвожаҳо:** бонк, ҳисоботи молиявӣ, СБҲМ, бенчмаркинг, бенчмаркинги молиявӣ, нишондиҳандаҳои даромаднокӣ, меъёри пардохтпазирии ҷорӣ, индикаторҳои молиявӣ, имкониятҳои таҳлилии ҳисоботи молиявӣ.


## ФИНАНСОВЫЙ БЕНЧМАРКИНГ КАК ИНСТРУМЕНТ РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ БАНКОВ


В статье рассматривается сущность бенчмаркинга как сравнительного метода, инструмента и технологии повышения деятельности банков и совершенствования финансовой отчетности. Финансовый бенчмаркинг проводился на основе доступных данных финансовой отчетности банков по четырем основным направлениям, а по

результатам сравнительного анализа дана оценка деятельности банков и определена лучшая практика. Предложены нормативные значения доходности активов, доходности капитала и чистого процентного дохода для банков.В состав финансовых показателей банков, представляемых в НБТ, рекомендовано добавить 7 абсолютных показателей, а перечень финансовых показателей увеличится с 13 до 20 наименований. Для бенчмаркинга финансовых показателей банков также были предложены следующие 4 показателя: рентабельность инвестиций (ROI), соотношение затрат и доходов (CIR), стоимость риска (COR), коэффициент клиентской базы (CBR). Результаты проведенного анализа, а также предложения и рекомендации повышают качество финансовой информации, информационные и аналитические возможности финансовой отчетности.

**Ключевые слова:** банк, финансовая отчетность, МСФО, бенчмаркинг, финансовый бенчмаркинг, показатели рентабельности, норматив текущей ликвидности, финансовые индикаторы, аналитические возможности финансовой отчетности.

**FINANCIAL BENCHMARKING AS A TOOL FOR IMPROVING THE FINANCIAL STATEMENTS OF BANKS**

The article discusses the essence of benchmarking as a comparative method, tool and technology to improve the activities of banks and improve financial reporting. Financial benchmarking was carried out on the basis of available data from the financial statements of banks in four main areas, and based on the results of a comparative analysis, an assessment of the activities of banks was given and best practices were identified. Normative values of return on assets, return on equity and net interest income for banks are proposed.It is recommended to add 7 absolute indicators to the financial indicators of banks submitted to the NBT, and the list of financial indicators will increase from 13 to 20 items. For benchmarking the financial performance of banks, the following 4 indicators were also proposed: return on investment (ROI), cost income ratio (CIR), cost of risk (COR), client base ratio (CBR). The results of the analysis, as well as proposals and recommendations, improve the quality of financial information and enhance the information and analytical capabilities of financial reporting.

**Keywords:** bank, financial statements, IFRS, benchmarking, financial benchmarking, profitability ratios, current liquidity ratio, financial indicators, analytical capabilities of financial statements.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Бобоев Мирзоҳаёт Усмонович*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз, CIPA. **Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи И. Сомонӣ, 226. E-mail: **bmirzohayot@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92 774 11 64**
***Исоев Диловарҷон Толисович*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, сармуаллими кафедраи молия ва қарз, CAP. **Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи И. Сомонӣ, 226. E-mail: **dilovar_isoev@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92 709 61 62**

**Сведения об авторах: *Бобоев Мирзохаёт Усмонович*** – Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и кредита, CIPA. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, ул. И. Сомони, 226. E-mail: **bmirzohayot@mail.ru**. Телефон: **(+992) 92 774 11 64**
***Исаев Диловарджон Талисович*** – Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими, старший преподаватель кафедры финансов и кредита, CAP. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, ул. И.Сомони 226. E-mail: **dilovar_isoev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 927-09-61-62**

**Information about authors: *Boboev Mirzokhayot Usmonovich*** – Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Credit, CIPA. **Address:** 735700, Khujand,Republic of Tajikistan, st. I. Somoni, 226. E-mail: **bmirzohayot@mail.ru**. Phone**: (+992) 92 774 11 64**
***Isaev Dilovardzhon Talisovich*** – Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Senior Lecturer of the Department of Finance and Credit, CAP. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, st. I. Somoni, 226. E-mail: **dilovar_isoev@mail.ru**. Phone: **(+992) 92 709 61 62**

ТДУ: 657(575.3)

# НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ КОРХОНАҲОИ ХУРД: РАВИШҲОИ АМАЛӢ ДАР БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

***Бобиев И.А., Акрамова Ҳ.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таърихи пайдоиши андозҳо бо пайдоиши давлат ҳамбаста буда, он барои иҷрои вазифаҳои давлат фишанги зарурӣ ба ҳисоб меравад. Андозҳо яке аз шаклҳои пардохти дорои хусусияти ҳатмӣ мебошанд, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ дар асоси тартиботи қонунгузории амалкунанда дар муддати муайяншуда месупоранд.

Дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи якуми асри XIX масъалаи андозбандӣ дар асарҳои намояндагони назарияи андозбандии классикони иқтисоди сиёсӣ – У. Петти, А. Смит, Д. Рикардо ва дигарон мақоми махсусро ишғол мекард.

У. Петти дар асари худ бо номи "Рисола оид ба андоз ва пардохтҳо" на бо аломатҳои зоҳирӣ, балки ба аҳамияти иқтисодии андозҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки "табиати ниҳоии" андозҳо ва оқибатҳои онҳо, рентаи пулӣ, рентаи замин, пул, манбаи боигариро равшан созад [8,с.156].

Кейнс Ҷ.М. - асосгузори мактаби кейнсианӣ чунин андешаро роҳандозӣ намудааст: «Андозҳо механизми асосии ғанӣ гардонидани буҷаи давлат ба ҳисоб рафта, барои рушди иқтисодиёти мамлакат ва нигоҳдории тавозуни буҷаи давлат саҳми беандоза мегузоранд» [4,с.268].

Қайд кардан зарур аст, ки аксари олимон андоз ва давлатро ба ҳам пайваст намуда, ҳисоб мекарданд, ки маҳз барои пӯшонидани хароҷоти давлат боҷу хироҷ меситонад.

К. Маркс андозро чунин шарҳ додааст: "Дар андозҳо мавҷудияти иқтисодии давлат таҷассум ёфтааст" [6,с.308].

Дар илми иқтисод низоми андозбандиро таҳлил карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки низоми андоз ин маҷмӯи ниҳодҳо ва муносибатҳое мебошад, ки дар сатҳи иқтисоди миллӣ барои амалинамоии фаъолияти андозбандӣ равона шудаанд. Ҳамзамон, пеш аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки андозҳо вобаста ба таъинот, объект ва субъект манбаи андозбандӣ тасниф карда мешаванд. Вобаста ба ин, олимон дар тамоми давраи таҳаввулоти андозҳо ва низоми андозӣ ба шаклҳои алоҳидаи он таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд [11,с.18].

Андоз ва андозбандии ширкатҳо яке аз масъалаҳои муҳимтарини бахши сиёсати иқтисодии давлат ба шумор меравад. Батанзимдарории муносибатҳо байни буҷаи давлат ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ дар бахши андозбандӣ ва андозситонӣ бо роҳи қабули санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Муқаррар кардани шумора, меъёр ва намудҳои андоз ба салоҳияти ҳукумат вогузор аст ва рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии давлат ба сатҳу сифати ҷоринамоӣ ва амалигардонии он вобастагӣ дорад [3,с.121].

Мо андешарониҳои олимони зикршударо ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса меоем, ки андоз ҳамчун омили иқтисодӣ ва фишанги молиявӣ дар ташаккули буҷети давлат мавқеи асосиро ишғол намуда, вобастагии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро таъмин менамояд.

Муайян кардани меъёри андозҳо масъалаи хеле нозук аст ва зимни муқаррар кардани он ба инобат гирифтани шароити иқтисодӣ, вазъи молиявии давлат, вазъи иқтисодию иҷтимоии субъектҳои соҳибкорӣ, шаҳрвандон ва ғ. аз манфиат холӣ нест [1,с.41]. Амалияи кишварҳои рушдкардаи олам нишон додааст, ки дар сатҳи паст муқаррар намудани меъёри андозҳо барои рушди давлат шароити мусоид фароҳам меорад. Чи тавре ки намояндагони дигари мактаби неокейнсианӣ – А. Лаффер, Ҷ. Хикс, Р. Дорнбуш ва диг. пешниҳод намудаанд: «Ҳар чи қадаре ки меъёри андозҳо ба молу маҳсулот зиёд бошад, ҳамон қадар талабот ба ин маҳсулот кам мегардад, ки дар натиҷа ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам давлат метавонанд зарар бинанд» [10,с.357].

Муносибат байни субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва давлат тавассути низоми андозбандӣ дар Кодекси андоз ба танзим дароварда мешавад. Дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси нави андоз аз 23-юми декабри соли 2021 таҳти №1844 [5] тасдиқ карда шуд, ки аз 1-уми январи соли 2022 он мавриди амал қарор дода шудааст.

Дар Кодекси андози ҶТ чунин низомҳои андозбандӣ пешбинӣ гардидаанд (моддаи 25):

- низоми умумии андозбандӣ;
- низомҳои махсуси андозбандӣ;
- низоми андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд.

Дар навбати худ низоми андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд ба чунин бахшҳо ҷудо карда шудаанд:

низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;

низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ);

низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ;

низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки паранда ва чорво;

низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ [5].

Мо дар доираи таҳқиқоти мазкур диққати асосиро бештар ба омӯзиши масъалаҳои баҳисобгирии андоз барои субъектҳои соҳибкории хурд, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон равишҳои гуногун нисбати он муқаррар гардидааст, равона месозем.

Тибқи низомҳои андозбандӣ фаъолияти соҳибкории хурд аз рӯи низоми махсуси андозбандӣ, яъне низоми соддакардашуда ба сифати соҳибкори соҳаи муайян ба қайд гирифта мешавад. Агар фаъолияти соҳибкор дар марҳилаҳои муайяни рушди худ қарор дошта бошад, яъне даромади он дар давоми 12 моҳи тақвимӣ аз як миллион сомонӣ, ки дар моддаи 375 КА ҶТ [5] муайян гардидааст, зиёд шавад, дар ин ҳолат фаъолияти соҳибкор тибқи гузариш ба низоми умумии андозбандӣ аз нав ба қайд гирифта мешавад.

Меъёри дохилкунии ин ё он корхона ба қатори корхонаи хурд вобаста ба шароити иқтисодию иҷтимоии кишварҳо муайян карда шуда, он дар кишварҳои олам гуногун интихоб карда мешавад. Ин нишондиҳандаҳо вобаста ба тафовут доштан дар баъзе соҳаҳо ва дар муқоиса бо дигар мамлакатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 то 50 нафарро бо ҳисоби миёна ташкил медиҳад. Субъектҳои соҳибкории хурд шахси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафар мебошад. Субъектҳои соҳибкории миёна шахси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ аз 30 то 100 нафар, вале барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз 50 то 200 нафар мебошад. Ба ин гуна корхонаҳо асосан корхонаҳои хусусӣ, коллективӣ, саҳҳомӣ, кооперативӣ ва дигарҳо дохил мешаванд.

**Ҷадвали 1. Динамикаи воридоти андозҳои низоми махсус (млн. сомонӣ)** [7,с.466]
**Table 1. Dynamics of special system tax revenues (millions of somoni)**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Воридоти андозҳо | 11188,4 | 13127,2 | 14564 | 15772 | 17500 | 19456 |
| Воридот аз ҳисоби низоми содакардашуда | 522,6 | 583,8 | 648,1 | 680,9 | 780,9 | 910,1 |
| Ҳисса дар воридоти андозӣ | 4,7 | 4,4 | 4,5 | 4,3 | 4,4 | 4,6 |

Сарчашма: Муаллиф дар асоси маълумотҳои Ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст. [Манбаи электронӣ]. URL: www.minfin.tj.

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки воридоти андозӣ аз низоми субъектҳои соҳибкории хурд дар ҳаҷми умумии воридоти тамоми андозҳо ба буҷети ҷумҳурӣ хеле кам аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки саҳми субъектҳои соҳибкории хурд дар системаи иқтисодии ҷумҳурӣ низ назарногир аст. Аз ин хотир барои рушди додани фаъолияти чунин корхонаҳо аз ҷониби давлат бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Баҳисобгирии андоз бахши муҳимми низоми ахбории фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона мебошад, ки дар асоси баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади муайянкунии ҳиссаи ба манфиати буҷети давлатӣ ситонидашавандаи даромадҳо бунёд мегардад [2,с.3].

Масъалаҳои ҳисобкунӣ ва баҳисобгирии андозҳо тибқи низоми соддакардашуда дар моддаҳои 374-381 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ки таҳти №1844 аз 23-юми декабри соли 2021 қабул гардидааст, оварда шудааст. Дар боби 374 муайян карда шудааст, ки: «Низоми содакардашудаи андозбандӣ (минбаъд – андози низоми содакардашуда) нисбат ба субъектҳои соҳибкорие, ки даромади умумии онҳо дар давраи на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта аз 1 миллион сомонӣ зиёд намебошад, амалӣ мегардад» [5]. Яъне, ин намуди андоз нисбат ба корхонаҳое, ки дар давоми соли тақвимӣ даромади онҳо аз як миллион сомонӣ бештар аст, татбиқ намегардад.

Дар бандҳои 2-4 боби 372 чунин муқаррарот муайн гардидааст, ки корхонаҳоро лозим меояд онро риоя намоянд: «Ҳангоми гузариш аз низоми содакардашуда ба низоми умумии андозбандӣ ва аз низоми умумӣ ба низоми содакардашуда даромади умумии субъекти соҳибкорӣ бо усули ҳисобу замкунӣ муайян карда мешавад. Андозсупорандагоне, ки бо низоми содакардашуда фаъолият менамоянд, ҳуқуқ доранд ихтиёран андози низоми содакардашударо аз даромади умумӣ ё аз фарқият байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда ҳисоб ва пардохт намоянд» [5].

Меъёри андоз тибқи низоми содакардашуда барои субъектҳои соҳибкории хурд ба андозаи 6% муқаррар гардидааст (моддаи 380) [5].

Дар банди 5 моддаи 374 муайян шудааст, ки супорандагони андози низоми содакардашуда аз пардохти андозҳои зерин озод ҳастанд: андоз аз даромади шахси ҳуқуқӣ, ба истиснои даромадҳое, ки аз онҳо андоз дар манбаи пардохт нигоҳ дошта мешавад; андоз аз даромади соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, ба истиснои даромадҳое, ки дар манбаи пардохт нигоҳ дошта мешаванд; андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридоти молҳо ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андоз аз арзиши иловашудаи ғайрирезидент, ки дар манбаи пардохт нигоҳ дошта мешавад [5].

Объекти андозбандии андози низоми содакардашуда даромади умумӣ, аз ҷумла даромад аз таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), инчунин даромадҳои дигари бадастомада, мебошад (моддаи 376) [5].

Дар Кодекси нави андоз, ки 23-юми декабри соли 2021 таҳти №1844 тасдиқ гардидааст, ба соҳибкорони хурд ду равиши ҳисобкунӣ ва пардохти андоз пешниҳод карда шудааст (моддаи 374) [5].

Равиши якум, пардохти андоз аз даромади умумӣ ба меъёри 6%.

Равиши дуюм, пардохти андоз аз маблағи фарқият байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда тибқи бобҳои 28 ва 29 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 13% ё 18%.

Дар банди 3 моддаи 376 [5] муайян гардидааст, ки агар андозсупорандаи низоми содакардашуда усули якумро интихоб кунад, объекти андозбандии чунин андозсупоранда бо усули хазинавӣ ҳисоб карда мешавад, ки ин яке аз бартариҳои ин намуди андоз ба манфиати соҳибкорон мебошад. Аммо меъёри андоз, ки ба андозаи 6% муқаррар гардидааст, ба андешаи мо барои чунин намуди фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба шароити иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавҷуд будани рақобати шадид хеле гарон аст.

Дар банди 4 моддаи мазкур шарти дигар дар назди соҳибкор гузошта шудааст, ки ҳангоми аз ҷониби андозсупоранда интихоб шудани усули дуюм, объекти андозбандии чунин андозсупоранда бо усули ҳисобу замкунӣ ҳисоб карда мешавад, ки ин шарт метавонад ба ҳолати молиявии соҳибкорони хурд таъсири манфӣ расонад [5]. Баҳисобгирии даромаду хароҷот бо усули ҳисобу замкунӣ мутобиқи муқаррароти моддаи 93 Кодекси андоз [5] анҷом дода мешавад.

Дар бобҳои 28 ва 29 Кодекси андоз [5] феҳристи моддаҳои хароҷоти тарҳшаванда аз даромади умумӣ оварда шудааст, ки инҳо зимни ҳисобкунӣ ва пардохти андози содакардашуда бояд ба инобат гирифта шаванд:

- тарҳи хароҷот вобаста ба гирифтани даромад;
- тарҳ барои пардохтҳои эҳсонкорӣ;
- маҳдудияти тарҳҳо нисбат ба фоизҳо;
- тарҳҳо нисбат ба қарзҳои беэътимод;

- тарҳҳо нисбат ба хароҷот барои таҳқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва таҷрибавию конструкторӣ;

- тарҳи ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ ва тарҳҳои дигар аз рӯи воситаҳои асосии истеҳлокшаванда;

- тарҳи сармоягузорӣ;

- тарҳи арзиши таъмири воситаҳои асосии истеҳлокшаванда;

- тарҳи ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ аз рӯйи дороиҳо ғайримоддӣ.

Дар банди 4 моддаи 183 Кодекси андоз [5] меъёри андозҳо аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, ки метавонанд барои субъектҳои хурди соҳибкорӣ истифода шаванд, чунин муқаррар гардидааст:

- барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо – 13%;

- барои фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, инчунин барои ҳама намуди фаъолияти дигар – 18%.

Яъне, агар пардохткунандаи андоз тибқи низоми содакардашуда, равиши дуюмро интихоб намояд, дар ин ҳолат андоз аз маблағи фарқ байни даромади умумӣ ва хароҷоти тарҳшаванда бо меъёри 13% ва ё 18% ҳисоб ва пардохт карда мешавад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки андоз барои фоидаи гирифтаи субъекти соҳибкорӣ ситонида мешавад, дар сурати баръакс, яъне агар субъекти иқтисодӣ фаъолияти худро бар зарар анҷом дода бошад, пас маблағи андози пардохтмекардаи ӯ бояд ба сифр баробар бошад. Агар ин муқаррароти Кодекси андоз риоя гардад, инро ҳамчун имтиёзи комил барои пардохткунандагони андоз тибқи низоми соддакардашуда ҳисобидан мумкин аст [1,с.45].

Барои корхонаҳои субъектҳои соҳибкории хурд ҳисобкунӣ ва пардохти андоз тибқи низоми содакардашуда яке аз вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Оид ба баҳисобгирии маблағи андоз тибқи низоми соҳибкории хурд мисоли зеринро пешкаш менамоем.

Ширкати истеҳсолӣ дар давоми моҳи январи соли 2022 ба маблағи 150000 сомонӣ молҳои истеҳсолкардаи худро фурӯхт, аз он ҷумла бо пули нақд – 100000 сомонӣ ва ба таври насия – 50000 сомонӣ. Ширкат дар давоми моҳ 120000 сомонӣ хароҷот вобаста ба истеҳсол ва фурӯши молҳоро анҷом дод, ки тибқи бобҳои 28 ва 29 Кодекси андоз ҳамчун маблағҳои тарҳшаванда аз даромади умумӣ эътироф карда мешавад.

Маблағи андозро аз рӯйи ду равиши пешниҳодкардаи Кодекси андоз ҳисоб мекунем.

*Бо равиши якум: 100000×6% = 6000 сомонӣ;*

*Бо равиши дуюм: (150000 – 120000)×13%= 3900 сомонӣ.*

Агар дар моҳҳои минбаъда маблағи молҳои ба таври насия фурӯхташуда ба суратҳисоби ширкат ворид шавад, пас андоз бо равиши якум ба маблағи 3000 (50000×6%) сомонии дигар зиёд мегардад. Дар ин ҳолат мушоҳида мекунем, ки интихоби равиши дуюм барои соҳибкор манфиатнок аст, чунки пардохти андозии он ба маблағи 5100 (6000+3000–3900) сомонӣ сарфа мегардад. Яъне барои ширкатҳои истеҳсолие, ки бузургии фоиданокӣ аз фурӯш нисбатан пасттар аст, интихоби равиши дуюм – ҳисобкунии андоз аз маблағи фарқ байни даромади умумӣ ва хароҷоти тарҳшаванда манфиатнок аст.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар мавриди то 46,153% (6/13×100) будани фоиданокии фурӯш истифодабарии равиши дуюм барои ширкатҳо муфид аст. Дар мавриди аз 46,153% боло шудани фоиданокии фурӯш интихоби равиши якум барои ширкатҳои истеҳсолие, ки тибқи низоми соддакардашуда фаъолият мекунанд, муфид мегардад. Ин бузургиро нисбати даҳҳо ҳолат исбот кардан мумкин аст.

Дар мисоли мо, агар фоиданокии фурӯши ширкат ба 46,153% баробар бошад, маблағи фоида ба 69230 (150000×46,153%) сомонӣ баробар мешавад:

Маблағи андоз тибқи равиши дуюм ба 9000 (69230×13%) сомонӣ баробар мешавад, ки дар равиши якум низ маблағи андоз ба ҳамин бузургӣ баробар мебошад.

Чун Кодекси андоз ду равиши ҳисобкунӣ ва пардохти андоз барои субъектҳои соҳибкории хурдро пешниҳод намудааст (банди 4 моддаи 374) [5], мо низ дар ҳисобгирӣ ду равиши инъикос кардани амалиёти ҳисобкунӣ ва пардохти андозро дар ҳисобҳои муҳосибӣ пешниҳод менамоем.

Ҳангоми истифодабарии равиши якум – пардохти андоз аз даромади умумӣ ба меъёри 6%:

*А) Эътирофи уҳдадорӣ барои ҳисобкунии андоз:*

Дт 55290 Хароҷоти андози низоми содакардашуда……….6000

Кт 22370 Андози низоми содакардашуда барои пардохт…6000

*Б) Зимни пардохти андоз:*

Дт 22370 Андози низоми содакардашуда барои пардохт…6000

Кт 10210 Ҳисобҳо бо асъори миллӣ……………………………..6000

Ҳангоми истифодабарии равиши дуюм – пардохти андоз аз маблағи фарқият байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда:

*А) Эътирофи уҳдадорӣ барои ҳисобкунии андоз:*

Дт 66200 Хароҷоти андоз аз фоида…………………………….3900

Кт 22310 Андоз аз фоида барои пардохт………………………3900

*Б) Зимни пардохти андоз:*

Дт 22310 Андоз аз фоида барои пардохт ……………………6000

Кт 10210 Ҳисобҳо бо асъори миллӣ………………………………6000

Хулоса, ҳолати соҳибкорони фаъолияткунанда аз рӯйи низоми содакардашуда тибқи муқаррароти Кодекси андоз, вазъи ҳисобкунӣ ва баҳисобгирии андози мазкур таҳлилу баррасӣ гардида, чунин пешниҳодҳоро тавсия менамоем:

- андоз ҳамчун омили иқтисодӣ ва фишанги молиявӣ дар ташаккули буҷети давлат мавқеи асосиро ишғол намуда, вобастагии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро таъмин менамояд;

- меъёри андоз тибқи низоми содакардашуда барои ҳар як минтақа ба таври дифференсиалӣ бояд муайн карда шавад. Чунки он меъёрҳое, ки дар Кодекси андоз муқаррар гардидааст (6%,13%, 18%) вобаста ба вазъи бозори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳолати молиявии соҳибкорони хурд хеле гарон аст;

- дар моддаи 374 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани ду тарзи ҳисобкунии андозро барои соҳибкорони хурд ҳамчун имтиёз барои ин намуди субъектҳо ҳисобидан мумкин аст. Муҳосибони субъектҳои соҳибкории хурдро лозим меояд, ки аз ду равиши пешниҳодгардида барои ҳисобкунӣ ва пардохти андоз тибқи низоми содакардашуда муносибашро барои корхона интихоб намоянд, то ин ки хароҷоти андозии корхонаро сарфа намуда, ба беҳтар гаштани натиҷаи молиявии корхона мусоидат намоянд;

- барои аз байн бурдани андозбандии дукарата, ҳангоми ба ҳисоб гирифтани манбаи андоз, даромади умумӣ, сарфи назар шуда, маблағи иловашуда ҳамчун манбаи андозбандӣ муайян карда шавад;

- барои ҳавасманд намудани соҳибкорон, имтиёзҳои чунин намуди андозро барои соҳибкорони истеҳсолӣ ва инноватсионӣ зиёд намудан лозим аст.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Акрамова Х.А. Особенности учета налога по упрощенной системе налогообложения согласно Налоговому кодексу Республики Таджикистан / Х.А. Акрамова, И.А. Бобиев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2022. -№3-2(38). -С.41-45.
2. Баҳисобгирии андоз. Васоити таълимӣ / Н.А.Ойев [ва диг.] -Душанбе: Ифрон, 2016. -332 с.
3. Бобиев И.А. Баъзе масъалаҳои баҳисобгирии андоз аз арзиши иловагӣ ва муаммоҳои он дар Кодекси андоз / И.А. Бобиев, Д.А. Розиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2014. -№2/6(144). -С.121-125.
4. Кейнс Джон Мейнард. Общая теория занятости, процента и денег. элект.книга / Кейнс Джон Мейнард. -М.: ТКО «АСТ», 1995. –574 с.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2021, №1844.
6. Маркс К., Энгельс Ф. Соч.-Т.4.: монография. -С.308. [Электронный ресурс]. URL: https://lektsia.com/9x1b3e.html.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2021. -С.466.
8. Петти У. Экономические и статистические работы. Монография / У. Петти. -М.: Соцэкгиз, 1940. -324 с.
9. Турсунов Р.Р. Роль подоходного налога с физических лиц и значимость введения прогрессивной шкалы налогооблажения / Р.Р. Турсунов, Н.М. Муъминзода // Вестник Бохтарского национального университета имени Носири Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2020. -№S1-4-2(80). -С.171-173.
10. Худокормова А.Г. История экономических учений / А.Г. Худокормова. –М.: ИНФРА-М, 2009. -357 с.

11. Яъқуб Ҳасанзода. Масъалаҳои танзими давлатии иқтисодиёт тавассути низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D) / Яъқуб Ҳасанзода. -Душанбе, 2021. - 190 с.

## НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ КОРХОНАҲОИ ХУРД: РАВИШҲОИ АМАЛӢ ДАР БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

Дар мақола моҳияти иқтисодии андозҳо, нақш ва мавқеи онҳо дар ташаккули буҷети давлат ва низоми баҳисобгирии онҳо, хусусан баҳисобгирии андоз барои субъектҳои соҳибкории хурд ҳадафи омӯзиш қарор дода шудааст. Танзими муносибатҳои андозӣ дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомҳои амалкунандаи андозӣ, саҳми андоз тибқи низоми содакардашуда дар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, тартиби баҳисобгирии онҳо, ки дар Кодекси андози Ҷумхурии Точикистон ду усул нисбати он муқаррар гардидаст, пешниҳод карда шуд. Дар мақола тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти андоз тибқи низоми соддакардашуда, муқаррароти дар Кодекси андоз муайяншуда оид ба меъёрҳо, андозсупорандагон, равишҳои ҳисобкунӣ ва пардохти андоз баррасӣ гардидааст. Усулҳои ҳисобкунии андоз тибқи низоми содакардашуда тахлил карда шуда, муайян гардид, ки дар Кодекси андоз ду равиш пешниҳод шудааст: равиши якум, пардохтани андоз аз даромади умумӣ ба меъёри 6%, равиши дуюм, пардохтани андоз аз маблағи фарқият байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда. Дар натиҷаи таҳлили моддаҳои 374-376 Кодекси андоз муайян карда шуд, ки агар андозсупорандаи низоми содакардашуда усули якумро интихоб кунад, объекти андозбандии он бо усули хазинавӣ ҳисоб карда мешавад, ки ин яке аз бартариҳои ин намуди андоз ба манфиати соҳибкорон мебошад. Агар пардохткунандаи андоз тибқи низоми содакардашуда, равиши дуюмро интихоб намояд, дар ин ҳолат андоз аз маблағи фарқ байни даромади умумӣ ва хароҷоти тарҳшаванда бо меъёри 13% ва ё 18% ҳисоб ва пардохт карда мешавад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки андоз барои фоидаи гирифтаи субъекти соҳибкорӣ ситонида мешавад, дар сурати баръакс, яъне агар субъекти иқтисодӣ фаъолияти худро бар зарар анҷом дода бошад, пас маблағи андози пардохтмекардаи ӯ бояд ба сифр баробар бошад, ки ин равиш дар мавриди иҷрошавӣ амалӣ ҳамчун имтиёзи комил барои пардохткунандагони андоз тибқи низоми содакардашуда ҳисобида мешавад.

**Калидвожаҳо**: Кодекси андоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон, назарияҳои илмӣ, андоз тибқи низоми соддакардашуда, меъёрҳои андоз, баҳисобгирии муҳосибӣ, равишҳои ҳисобкунии андоз тибқи низоми соддакардашуда.

## СИСТЕМА НАЛОГООБЛАЖЕНИЯ МАЛЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ: ПРАКТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ В БУХГАЛТЕРСКОМ УЧЕТЕ

В статье исследуются экономическая сущность налогов, место и их роль в формировании государственного бюджета, анализируются системы их учета, особенно налогового учета для субъектов малого предпринимательства. Проанализировано регулирование налоговых отношений в Налоговом кодексе Республики Таджикистан, действующие системы налогообложения, доля налогов по упрощенной системе в общем объеме государственного бюджета, установлен порядок их исчисления, в соответствии с Налоговым кодексом Республики Таджикистан. В статье рассмотрены порядок исчисления и уплаты налогов по упрощенной системе, положения Налогового кодекса о ставках, налогоплательщиках, методах исчисления и уплаты налогов. Проанализированы методы расчета налога по упрощенной системе и установлено, что в Налоговом кодексе предложены два подхода: первый подход - уплата налога на совокупный доход по ставке 6%, второй подход - уплата налога на разницу между доходами и разрешенными вычитаемыми расходами. В результате анализа статей 374-376 Налогового кодекса установлено, что в случае выбора налогоплательщиком упрощенной системы первого метода, объект налогообложения рассчитывается кассовым методом, что является одним из преимуществ упрощенной системы в пользу предпринимателей. Если налогоплательщик выбирает второй подход при упрощенной системе, в этом случае налог исчисляется и уплачивается с разницы между общей суммой доходов и вычитаемыми расходами по ставке 13% или 18%. Из данной трактовки следует, что налог взимается с полученной субъектом хозяйствования прибыли, а в противоположном случае, то есть, если субъект хозяйствования завершил свою деятельность с убытком, то сумма налога должна быть равна нулю, что при его практической реализации рассматривается как полноценная льгота для налогоплательщиков по упрощенной системе.

**Ключевые слова**: Налоговый кодекс, Республика Таджикистан, научные теории, налог по упрощенной системе, налоговые ставки, бухгалтерский учет, методы расчета налога по упрощенной системе.

## TAX SYSTEM FOR SMALL ENTERPRISES: PRACTICAL APPROACHES IN ACCOUNTING

The article examines the economic essence of taxes, the place and its role in the formation of the state budget, and analyzes the systems of their accounting, especially tax accounting for small businesses. The regulation of tax relations in the Tax Code of the Republic of Tajikistan, the current taxation systems, the share of taxes under the simplified system in the total state budget are analyzed, the procedure for their calculation is established in accordance with the Tax Code of the Republic of Tajikistan. The article discusses the procedure for calculating and paying taxes under the simplified system, the provisions of the Tax Code on rates, taxpayers, methods of calculating and paying taxes. Methods for calculating tax using a simplified system are analyzed and it is established that the Tax Code proposes two approaches: the first approach is payment of tax on total income at a rate of 6%, the second approach is payment of tax on the difference between income and allowed deductible expenses. As a result of the analysis of Articles 374-376 of the Tax Code, it was established that if the taxpayer chooses the simplified system of the first method, the taxable item is calculated on the cash basis, which is one of the advantages of the simplified system in favor of entrepreneurs. If the taxpayer chooses the second approach under the

simplified system, in this case the tax is calculated and paid on the difference between the total income and deductible expenses at a rate of 13% or 18%. From this interpretation it follows that the tax is levied on the profit received by the business entity, and in the opposite case, that is, if the business entity completed its activities at a loss, then the amount of tax paid by it should be equal to zero, which, in its practical implementation, is considered as full value benefits for taxpayers under a simplified system.

**Keywords**: Tax Code, The Republic of Tajikistan, scientific theories, tax according to a simplified system, tax rates, Accounting; methods for calculating tax using a simplified system.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Бобиев Исмоил Атоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sobir_ismoil73@mail.ru**. Телефон: **919-80-31-10**
***Акрамова Ҳилола Акбаровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **hilola_1972@mail.ru**. Телефон: **935-55-25-17**

**Сведения об авторах:** ***Бобиев Исмоил Атоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sobir_ismoil73@mail.ru.** Телефон: 919-80-31-10
***Акрамова Хилола Акбаровна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **hilola_1972@mail.ru**. Телефон: **935-55-25-17**

**Information about the authors:** ***Bobiev Ismoil Atoevich*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **sobir_ismoil73@mail.ru.** Phone: **919-80-31-10**
***Akramova Hilola Akbarovna*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **hilola_1972@mail.ru**. Phone: **935-55-25-17**

ТДУ: 338.24(575.3)

# МЕХАНИЗМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТИЮ БАХШИ ХУСУСӢ ДАР МУКАММАЛГАРДОНИИ ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЯИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШИ ТОҶИКИСТОН

*Ғафорзода Ҷ.Ғ., Сабуров С.С.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Дар шароити кунунӣ рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) аҳаммияти бештар пайдо мекунад, зеро давлат мустақилона тамоми бахшҳои иқтисодиётро таъмин карда наметавонад ва сармоягузории бахши хусусӣ бе гирифтани фоида манфиатнок намебошад. Аммо ҳукумат ва бахши хусусӣ робитаи муштарак дошта, ба ҷомеа таъсири мусбат мерасонанд. ШДБХ муносибатҳоро дар соҳаи иқтисодии берунии фаъолияти пояи моддию техникии тарбияи ҷисмонию варзишӣ зоҳир мекунад.

Таърифи ШДБХ-ро В.Г. Варнавский дар кори худ ба тариқи зайл пешниҳод намудааст: «ШДБХ – ин ҳамкории ба шакли қонунӣ муқарраршудаи давлат ва бахши хусусӣ, инчунин, хизматрасониҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва корхонаҳо барои татбиқи лоиҳаҳо дар доираи васеи намудаҳои фаъолияти иқтисодӣ пешниҳодшаванда мебошад» [1,с.12]. Дар таърифи худ муаллиф ба давлат тавассуҳ дорад, зеро он субъекти асосии ин ҳамкорӣ ба ҳисоб меравад, дар аз забони англисӣ «Public Private Partnership» маънои «шарикии давлат-бахши хусусӣ»-ро ифода мекунад [1,с.12; 2,с.44].

Дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ, дар рушди хоҷагии халқ шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷойгоҳи махсусро пайдо кардааст, зеро давлат ва соҳибкорӣ бо ҳам алоқаманд буда, ба рушди мамлакат ва ҷомеа таъсири мусбат мерасонанд. Дар ин росто, бояд қайд кард, ки мафҳуми «шарикии давлат ва бахши хусусӣ» дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст [2,с.47].

Рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш аз бисёр ҷиҳат ба таъмини инфрасохтори он вобаста аст. Толору майдончаҳо, варзишгоҳҳо ва ҳавзҳои шиноварӣ, толорҳои фитнес, марказҳои тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ, инчунин, дигар объекту иншоотҳои ба ин монанд, ки ба шаҳрвандон нигаронида шудаанд, ба нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии аҳолӣ, дарозумрӣ дар асоси тарзи ҳаёти солим, фаъолнокии ҷисмонӣ ва некуаҳволии руҳӣ мусоидат мекунанд.

Дар мавриди объекту иншоот ва маҷмааҳои бузурги варзишӣ: майдонҳои лижаронӣ ва лижаронии кӯҳӣ ва варзишгоҳҳо, майдонҳо ва ҳавзҳои шиноварӣ, велодромҳо, автодромҳо ва мотодромҳо ва ғайраҳо бошад, пас мақсад аз бунёди онҳо тарғибу ташвиқи варзиш дар дурнамои дарозмуҳлат, эҷоди таъсироти ҷолибе мебошад, ки ба зоҳир кардани фаъолнокӣ ва ватандӯстии шахрвандон, муносибатҳо ва иртибототи шарикӣ дар соҳаи варзиш мусоидат мекунанд [13,с.84-86].

Бунёди чунин объекту иншоотҳо сармоягузориҳои ҷиддии молиявӣ, қарорҳои идоракунии чандир ва доираи васеи салоҳиятҳоро талаб мекунад. Бунёди объекту иншоотҳои бузургу миёнаи варзишӣ аз нигоҳи ташкилӣ раванд тулонӣ ва мураккаб буда, дар ҷараёни он монеаҳои маъмурӣ ва масъалаи дигар ба миён омада метавонанд, ки ин сармоягузориро ба чунин сохтмон дарозмуддат ва дорои хавфи зиёд мегардонад. Масалан, имконияти мувaққатан хобонидани сохтмон аз сабаби таъсири ҳам омилҳои объективӣ, ҳам омилҳои субъективӣ вуҷуд дорад. Илова бар ин, ба даст овардани фоида аз истифодаи чунин объекту иншоотҳо танҳо дар дурнамои дарозмуҳлат имконпазир аст, ки ин имкон медиҳад чунин соҳибкорӣ ҳамчун пастмаржиналӣ арзёбӣ шавад.

Бо вуҷуди ин, дар амалияи байналхалқӣ механизме вуҷуд дорад, ки имкон медиҳад масъалаҳои вобаста ба сармоягузории дарозмуҳлат ва бунёди объекту иншоотҳои бузург самаранок ҳал карда шаванд. Чунин механизм шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) мебошад, ки ноилшавии муштаракро ба мақсадҳои гузошташудаи бахши давлатӣ) ва бахши хусусиро дар асоси шартҳои ҳамкории шарикӣ дар назар дорад. Ҳамчуни, афзалияти муҳимми чунин шарикӣ, имкони ҷалби сармояи хусусӣ бо захираҳои худӣ ба рушди инфрасохтори дорои аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тавассути бунёд ё азнавсозии он, инчунин, истифодаи минбаъдаи он маҳсуб мешавад. Илова бар ин,

лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ҳам имкони тақсими хавфҳои тиҷоратӣ ва сохтмонӣ, ҳам тақсими хароҷоти марбут ба бунёд ва истифодаи объекту иншоотро пешбинӣ менамоянд. Маҳз хусусиятҳои мазкури ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ чунин ҳамкориҳоро ҳам барои бахши давлатӣ, ҳам барои бахши хусусӣ ва аз ҷиҳати тиҷоратӣ ҷолиб мегардонанд.

ШДБХ-ро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба 3 гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- истифодаи шарикӣ барои рушди варзиши дастовардҳои олӣ (бунёди инфрасохтори олимпӣ);
- истифодаи шарикӣ барои азнавсозӣ ё бунёди объекту иншоотҳои муқаррарии варзишӣ (мукаммалгардонии пояи моддию техникии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ);
- истифодаи ШДБХ барои тайёр кардани варзишгарон ва мутахассисони дигар барои соҳаи варзиш [9,с.133-141].

Мисолҳои рушди инфрасохтори соҳаи варзишро дар татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ, зимни бунёди лоиҳаҳои зерини шарикии давлатию бахши хусусӣ мушоҳида кардан мумкин аст:

– варзшгоҳи Гранд Стад де Лил Метрополь (Grand Stade de Lille Métropole – барои Чемпионати Аврупо оид ба футбол, с. 2016);

– варзишгоҳи миллии Пекин «Лонаи парранда»;

– объектҳои баргузории Бозиҳои олимпии Лондон-2012;

– ноҳияи Олимпии Ванкувер [4,с.1859-1877].

Ба назари мо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун ниҳод ва ташкилот байни давлат ва соҳибкорӣ бо мақсади амалӣ намудани лоиҳаҳо ва барномаҳо дар бахшҳои асосии соҳаи хизматрасонӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираи мазкури соҳаҳо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, мукаммалгардонии пояи моддию техникии соаҳаи мазкур, ки иҷрои бевоситаи вазифаҳои тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ ва варзиши аҳолии ҷумҳуриро таъмин менамояд, дохил мешавад.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ механизмест, ки самараи мусбат, инчунин, шарикии самаранокро дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ва сиёсати иҷтимоии мамлакат муҳайё месозад.

Рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ байни тарбияи ҷисмонию варзиш ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор омилҳо ва тамоюлҳои ин соҳа, пеш аз ҳама, бо мақсади таъмини тарзи ҳаёти солим, инчунин, зарурати рушди инфрасохтори соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши мамлакат, ки дар мукаммалгардонии пояи моддию техникии соҳаи мазкур зоҳир мешавад, алоқаманд мебошад.

Қобили зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ заминаи қонунгузориро фароҳам оварда, аз ҷониби он ниҳодҳои гуногуни механизм барои татбиқи шарикӣ ба расмият даровара шудаанд. Аз нуқтаи назари макроиқтисодиёт ва стратегия, ин механизмҳо инкишоф дода шуда, роҳҳои самараноки татбиқи онҳо бояд асоснок ва таҳия карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 20-уми декабри соли 2010 зимни мулоқот бо варзишгарон қайд карда буданд, ки барои соҳибкороне, ки майдончаҳои варзишӣ ва варзишгоҳҳоро бунёд карда, онҳоро ба моликияти давлатӣ гузаштаро бунёд мекунанд, имтиёзҳо додан зарур аст. ШДБХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар сатҳи давлатӣ, балки дар сатҳи вилоятӣ ва шаҳрӣ низ дорои дурнамоҳои бузург мебошад [18].

Дар ин росто, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2012 таҳти №907 Қонун «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» қабул гардида, он асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ муайян намуда, манфиатҳои давлат ва бахши хусусиро ҳимоя мекунад [8].

Шарикии соҳибкории давлат ва бахши хусусӣ бо лоиҳаҳои давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки ҳоло вусъат пайдо карда истодааст, зич алоқаманд буда, баъзе масъалаҳои истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7], инъикос ёфтаанд.

Ҳамкории байни давлат ва соҳибкорӣ дар рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва мукаммалгардонии пояи моддию техникии он айни замон дар Тоҷикистон дар ду самт сурат мегирад:

- соҳибкорӣ сарпарасти ҳалли вазифаҳои давлатӣ (баргузории чорабиниҳои варзишӣ, сохтмон ва азнавсозии объекту иншоотҳои варзишӣ, дастгирии федератсияҳои варзишӣ ва ғайра);

- давлат ба баъзе федератсияҳои хусусии варзиш, ки варзишгаронро барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дар арсаи байналхалқӣ тайёр мекунанд, аз сабаби он ки онҳо худро таъмин карда наметавонанд, эътибор медиҳад.

ШДБХ лоиҳаҳо ва барномаҳоро дар соҳаи хизматрасонӣ амалӣ ва татбиқ мегардонад, ки ба он Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дохил мешавад, ки вазифаҳоро оид ба риояи тарзи ҳаёти солим аз ҷониби сокинони ҷумҳурӣ таъмин ва иҷро мекунад.

ШДБХ механизмест, ки самараи мусбати шарикиро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва мукаммалгардонии пояи моддию техникии он меорад.

Рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонию ва варзиш ва мукаммалгардонии пояи моддию техникии он бо омилҳо ва тамоюлҳое марбутанд, ки тарзи ҳаёти солими сокинон ва талаботи рушди инфрасохтори кишварро, ки бо лоиҳаҳои давлатӣ дар ин соҳа алоқамананданд, таъмин менамоянд.

Барои низоми самарабахши хизматрасонииҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ ва ҷамъиятҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ аз буҷети давлатӣ маблағҳои молиявӣ чудо карда мешаванд. Бо истифода аз ин маблағҳо ҷорӣ намудан ва истифода бурдани инноватсияҳо ҷиҳати мукаммалгардонии пояи моддию техникии соҳаи тарбияи ҷисмонию варзиш зарур аст. Аммо барои рушди инноватсия ва истифода аз таҷрибаҳои пешқадами хориҷӣ, робита бо сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ зарур аст, зеро мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи хизматрасонии тарбияи ҷисмонию варзишӣ зарурӣ ба шумор меравандּ.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати сохтмон ва азнавсозии объекту иншоотҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ки дар он ҷо ба сокинон хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ пешниҳод карда мешаванд, инчунин, ба тайёр кардани варзишгарон барои иштирок дар чорабиниҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ диққати калон дода мешавад.

Тоҷикистон барои рушди соҳаи хизматрасонӣ ва яке аз бахшҳои асосии он тарбияи ҷисмонию варзишӣ дорои иқтидори назаррасе мебошад, ки дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, инчунин, таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории байни варзишгарон, халқҳо ва мамлакатҳои ҷаҳон нақши муҳимро мебозад. Илова бар ин, варзиш миллатҳои гуногунро ба ҳам оварда, ҳамкории мутақобилан судманди давлатҳоро таҳким мебахшад.

Қобили зикр аст, ки Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 23 декабри соли 2021 таҳти №1831 қабул карда шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» аз 30 декабри соли 2021 таҳти №568, “Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» аз 3 декабри соли 2021 таҳти №516, инчунин, Нақшаҳои чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаҳои мазкур тасдиқ карда шудаанд [5; 11; 12].

Аз ин рӯ, татбиқи Барномаҳои мазкур имкониятҳои васеъро барои таҳкими саломатии аҳолӣ, рушди устувори инфрасохтори соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таъмин бо таҷҳизоти баландсифат, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, омода намудани мутахассисони соҳа, рушди варзиши бачагона ва наврасон, тайёр намудани захираҳои

варзишӣ ва варзишгарони дараҷаи баланд барои дастаҳои миллии мамлакат оид ба намудҳои алоҳидаи варзиш фароҳам меоранд [10,с.60-65; 15,с.73-75].

Бояд гуфт, ки объекту иншоотҳои асосии тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ дар ҷумҳурӣ хусусияти давлатӣ ва хусусӣ доранд, зимнан, ба назар гирифтан лозим аст, ки ҳиссаи асосии объекту иншоотҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ дар тавозуни давлат қарор доранд.

Дар баробари ин, қайд кардан лозим аст, ки такмил додани низоми хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо роҳи мукаммалгардонии пояи моддию техникии соҳаи мазкур на танҳо аз давлат, балки аз тамоми доираҳои тиҷоратӣ маблағҳои калонро талаб мекунад.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди объекту иншоотҳои нави варзишӣ тадбири махсусан муҳим гардида, мақомоти давлатӣ ва намояндагони доираҳои соҳибкорӣ ба бунёди босифати баланд ва азнавсозии маҷмааҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда истодаанд. Кулли ин иқдомот таъмини тайёр кардани варзишгарони дараҷаи ҷаҳонӣ, инчунин, тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ, ҳифзи саломатӣ ва ташаккули тарзи хаёти солими аҳолии мамлакат нигаронида шудааст.

Зимнан, бояд қайд кард, ки ШДБХ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба таври мақсаднок ба зиёд кардани сармояи худ нигаронида нашудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ монеаҳои зиёд, аз қабили: баъзе ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳанӯз мавҷуд нестанд; монеаҳои маъмурӣ; норасоии кадрҳои баландихтисос; мавҷуд набудани шароит барои пешниҳоди хизматрасониҳои босифати тарбияи ҷисмонию варзишӣ ба сокинон; маблағгузории ҳадди ақали барномаҳои стратегӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ вуҷуд доранд.

Ба андешаи мо, сарфи назар аз сатҳи нокифояи рушди ШДБХ дар соҳаи тарбияи ҷисмонию ва варзиш ва мукаммалгардонии пояи моддию техникии он, объекту иншоотҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ ва соҳибкорӣ якҷоя оид ба фаъолияти самаранок ва рушди объекту иншоотҳои тарбияи ҷисмонию варзишии нав ва пешниҳоди хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ тасмим мегиранд. Ҳамин тариқ, барои татбиқи Консепсияи рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммалгардонии пояи моддию техникӣ, ҳамоҳангсозии он бо консепсияҳои асосӣ ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, муҳим ба ҳисоб рафта, ин масъаларо танҳо бо ширкати якҷояи шарикии бахшҳои давлативу хусусӣ ҳал кардан имокнпазир аст.

Қобили зикр аст, ки масъалаи таъмини кадрҳо тавассути ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ҳал карда мешавад, зеро ҷиҳати пешниҳоди босифати хизматрасонии тарбияи ҷисмонию варзишӣ мутахассисони соҳибихтисос зарурӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, рушди шарикии бахшҳои давлативу хусусӣ дар ҳамкорӣ байни соҳаи тарбияи ҷисмонию ва варзиш ва соҳибкорӣ мубрам ба ҳисоб меравад:

- аз нуқтаи назари илм ва фаъолияти амалии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар муайян кардани хусусият, нақш, мавкеъ, ҳамкории мутақобила дар шакли ШДБХ аҳаммияти ниҳоят калон дорад;
- рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ барои афзоиши рақобатпазирии иқтисоди миллӣ шароит фароҳам оварда, кафили тарзи ҳаёти солими сокинони Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити муосир корхонаю ташкилотҳое фаъолият ва рушд мекунанд, ки рушди соҳибкориро таъмин менамоянд. «... Соҳибкорӣ фаъолияти ташаббускоронаи субъектҳои хоҷагидор дар бозор мебошад, ки бо истифодаи оқилонаи амвол, дороиҳои молиявӣ ва дигар захираҳо барои ноил шудан ба муваффақияти тиҷоратӣ алоқаманд аст».

«Фаъолияти соҳибкорӣ ба гирифтани фоида, мустақилият нигаронида шудааст, ки мавриди хавф қарор дорад. Аммо вазифаи асосӣ қонеъ гардонидани талаботи муштариён бо хизматрасонӣ, молҳо ва ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар, инчунин, арҷу подошҳои маънавию моддии кормандон мебошад» [6,с.13].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ ташкилкунандаи равандҳои инноватсионӣ ва муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидор маҳсуб мешавад.

То имрӯз масъалаҳои соҳибкорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ ва муайян карда шуда, яке аз онҳо масъалаи фаъолияти сохторҳои хурди соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба шумор меравад.

Соҳибкорӣ дар иқтисоди бозорӣ нақши калон бозида, соҳаи асосие ба ҳисоб меравад, ки суръати рушди иқтисодиёт, сохтор ва сифати ММД-ро муайян карда, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ таъсир раоснида, ба болоравии сатҳи зиндагии сокинон, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва масъалаҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки соҳибкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири солҳои ҳаштодум ба вуҷуд омадааст. Соҳибкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи давлатии соҳибкорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ аз 26 июли соли 2014 таҳти №1107 дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ» рушд карда истодааст.

Дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ, сарфи назар аз зиддиятҳои мавҷуда, фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Тоҷикистон такмил ёфта, баъзеи онҳо самаранок фаъолият намуда, дар бозори иқтисодӣ рақобатпазир мебошанд. Дар шароити рақобат, дар бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ таъмини рушди устувори шарикии соҳибкории давлат ва бахши хусусӣ вазифаи афзалиятнок ба ҳисоб рафта, ин амр таҳияи меъёрҳои асоснок, атрибутҳои абстрактӣ ва баҳодиҳии миқдори параметрҳоро дар миёни рақибон тақозо мекунад [17,с.345].

Дар маҷмуъ, татбиқи самтҳои асоснок ва таҳияшудаи дурнамои рушди инноватсионии тарбияи ҷисмонию варзишӣ дар Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва саломатии миллат мусоидат намуда, инчунин, барои таъмини рушди иқтисодӣ дар мамлакат ва ноҳияҳои он шароит фароҳам меорад.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ, соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ» аз 28 феврали соли 2004 таҳти №10 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 18 марти соли 2015 таҳти №1194 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии соҳибкорон» аз 14 майи соли 2016 таҳти №1319, «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» аз 28 декабри соли 2012 таҳти №907 дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, ки маъмултарин мебошанд, ташаккул ёфтааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили шаклҳо, усулҳо ва механизмҳои мавҷудаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ нишон медиҳад, ки истифодаи DBOOT (тарроҳӣ – бунёд – маблағгузорӣ – истифода/идоракунӣ) ҳамчун механизми асосии ШДБХ дар бисёр бахшҳои бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ ба мақсад мувофиқ дониста шавад

Дар соли 2022, дар партави сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 112 объекту иншоотҳои нави варзишӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Аз ҷумла, 75 майдончаҳо, 25 толор, 3 ҳавзи шиноварӣ ва 9 маҷмаа ба маблағи 210 миллиону 547 ҳазору 374 сомонӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд, ки аз онҳо 25 миллиону 620 ҳазору 884 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва 184 миллиону 926 ҳазору 490 сомонӣ сомонӣ аз ҳисоби соҳибкорону сарпарастон сарф карда шудаанд. Ҳамин тариқ, теъдоди умумии объекту иншоотҳои варзишӣ дар кишвар 10 ҳазору 768 ададро ташкил дод [3]. Бо вуҷуди ин, онҳо ниёзҳои сокинонро дар хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ қонеъ карда наметавонанд.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, солҳои 2019-2023 дар ҷумҳурӣ бо иштироки намояндагони аҳли ҷамъият иншооти нави тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш сохта шуда, дар ҳамаи вилоятҳо иншооти варзишии амалкунанда таҷдид карда шуданд, ки ин иқтидори объектҳо ва иншоотҳоро барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ баланд мебардорад. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти мукаммалгардонии пояи моддию техникии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш маънои онро дорад, ки чунин шарикӣ бояд дар баробари ҳадафи мақсаднок барои ба даст овардани фоида ё афзоиши сармояи молиявии

шахсӣ ва ғайра, инчунин, ба ҳавасмандкунӣ ва бахши хусусӣ дар самти мукаммалгардонии пояи моддию техникӣ низ нигаронида шавад [16,с.145-153].

Аз ҷониби дигар, аҳаммияти масъалаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар мукаммалгардонии пояи моддию техникии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар амал, сарфи назар аз он, ки он воситаи муассир барои муттаҳид кардани кӯшишҳои мақомоти иҷроия ва соҳибкорӣ барои ҳалли масъалаи муосири ҷомеа маҳсуб мешавад, ба таври лозима интишори ҳалли худро наёфтааст.

Бояд гуфт, ки ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ дар соҳаи мукаммалгардонии пояи моддию техникии тарбияи ҷисмонию варзиш мавҷуд набудани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, монеаҳои маъмурӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос, сатҳи нокифояи эътимоди мутақобилаи тарафҳо ва сатҳи пасти муносибатҳои дуҷониба ва сатҳи пасти фаъолнокии онҳо халал ворид мекунад. Илова бар ин, шарикӣ то ҳол барои хизматрасонии бомуваффақияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам наоварда, ба маблағгузории барномаҳои стратегӣ, консепсияҳо ва лоиҳаҳои саромгузорӣ бо ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ мусоидат накарда, истифодаи самарабахши механизмҳои консессионӣ, лизингӣ ва франчайзингро дар соҳаи ободонӣ ва рушди марказҳои варзишӣ таъмин намекунанд [14,с.228].

Ба ақидаи олими тоҷик М.Ҳ. Саидова, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба сабабҳои асосии зерин вобаста аст [14,с.229-230]:

1. Дар амалияи ҷаҳонӣ як қатор мушкилоте мавҷуданд, ки дар натиҷаи афзоиши арзиш ва мӯҳлатҳои татбиқи лоиҳаҳои асосан буҷетӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба миён меоянд. Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала ба далели омадани бӯҳрони иқтисодӣ ва зарурати татбиқи як қатор консепсияҳо, аз ҷумла Консепсияи рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба миён омад. Ба ин муносибат, истифодаи вариантҳои омехтаи амалӣ ва идоракунии лоиҳаҳо яке аз вариантҳои имконпазири кам кардани хароҷоти давлатӣ ва кам кардани мӯҳлати иҷрои лоиҳаҳои объектҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ мебошад.

2. Айни замон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии рушд, рушди инфрасохтори тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, яке аз имконоти имконпазир метавонад шарикии давлат ва бахши хусусӣ бошад, ки ба фароҳам овардани шароити муассир ва босифат барои фаъолияти пояи моддию техникӣ ва инфрасохтор дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нигаронида шудааст.

3. Нақши муҳимро дар рушди инфрасохтори соҳаҳои хизматрасонӣ такмили заминаи ҳуқуқии хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозида, ин имкон медиҳад барои ҳалли вазифаи мазкур дар асоси принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ замина барои рушди инфрасохтори зарурӣ, расонидани хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шавад.

4. Рушди технологияҳои ҳамгирошудаи иттилоотию коммуникатсионӣ ва инноватсияҳои дигари иттилоотӣ дар минтақаҳои ҳудудӣ низ ба соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ байни соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва соҳибкорӣ дохил мешавад.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таъсиси низоми арзёбии самаранокии фаъолияти соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар асоси принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба миён омадааст. Ҷорӣ намудани навовариҳо дар соҳа, ки ба ҳамкории мутақобилаи соҳаи тарбияи ҷисмонию варзиш ва ҷомеа таъсир мерасонад, бояд дар асоси кам кардани вақт барои расонидани хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ, ки ба кам шудани хароҷот барои соҳибкорӣ, зиёд шудани фоида, вусъат додани истеҳсолот ва мувофиқан барои давлат – ба зиёд кардани маблағи ба буҷет, ба фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои аҳолӣ, паст кардани шиддати иҷтимоӣ ва ғайра мусоидат мекунад, арзёбӣ карда шавад.

Ниҳоят, барои фароҳам овардани ҳавасмандии иштироки соҳибкорӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, асосан ба таҳияи механизми самараноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва

варзиш, инчунин ба мукаммалгардонии пояи моддию технкиии соҳаи мазкур таваҷҷуҳ кардан лозим аст.

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ дар соҳаи хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонию варзиш нишон дод, ки чунин ҳамкории давлат ва сармоягузорони хусусӣ на танҳо ба нокифоя будани захираҳои давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои бузурги инфрасохторӣ вобаста аст. Мақсади чунин лоиҳаҳо истифодаи инноватсияҳо, риояи принсипҳои самаранокии иқтисодии лоиҳа – таносуби беҳтарини нарх ва сифат, суръат ва сифати пешниҳоди хизматрасониҳо, равишҳо ва технологияҳои идоракунӣ, салоҳиятҳои замонавӣ, ки аз тарафи бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳа истифода шуда метавонанд, маҳсуб мешаванд. Маҳз ба туфайли муносибати бахши хусусӣ ба бунёд ё таҷдиди объекту иншоотҳо ва ташаккули як қатор шартҳои мутобиқат аз ҷониби мақомоти давлатӣ (шаҳрдорӣ) имкони фароҳам овардан ё барқарор кардани объекту иншоотҳои инфрасохтори калонмиқёс, қобили истифода ва серталаб, ки ба ҳастаи «эконизоми» бавуҷудоянда табдил меёбанд, муяссар мешавад.

Варианти шарикии бахши хусусӣ ба таври худкор ҳалли масъалаи инфрасохтори шаҳриро таъмин намекунад; мақсади банақшагирии стратегӣ ин баланд бардоштани ҷолибияти объекту иншоот ҳамчун як объекту иншоотҳои варзишӣ мебошад, ки дар он бахши хусусӣ метавонад имкониятҳои тиҷоратро фароҳам орад ва ҷомеа бошад, хизматрасониҳои босифаттар ё дастрастарро ба даст орад.

Таҷрибаи татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ имкон медиҳад формулаи бомуваффақият пайдошудаи муносибатҳои мутақобила (аз ҷумла ҷустуҷӯ ва тамаркуз ба шароитҳои судманд ва кумаки мутақобила дар ноил шудан ба ин ҳадафҳо бо эҳтироми манфиатҳои шахсии худ) имкон медиҳад вазифаи калонмиқёси аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим дар шакли объекти анҷомёфта ва барои истифодаи фаъол омода, ки ба талаботи муосири объекту иншоотҳои инфрасохторӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳал карда шавад, ки барои бунёд барои бахши давлатӣ бе ҷалби захираҳои соҳибкории хусусӣ дастнорас буд ва барои охирин барои сармоягузориҳои дарозмуддат ва меъёри пешбинишавандаи фоида дар тули давраи тулонии вақт имконнопазир буд. Гирандагони сеюми манфиатҳои ин шарикӣ аҳолӣ, яъне истифодабарандаи эҳтимолии объекту иншоот ё маҷмааи инфрасохторӣ мебошад, ки барои қонеъ кардани талаботу ниёзҳои онҳо объекту иншоотҳо таъсис дода шудаанд.

Дар маҷмуъ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҳамкории байни соҳаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва соҳибкорӣ, аз ҷумла дар мукаммалгардонии пояи моддию техникии он ҳам аз нигоҳи таҳқиқоти илмӣ, ҳам аз нуқтаи назари амалӣ вазифаи хеле мубрам маҳсуб мешавад. Вазъи имрӯзаи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар муайян кардани моҳият, нақш, мавқеъ ва мазмуни ҳамаи шаклҳои ҳамкории тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва соҳибкорӣ, аз ҷумла дар шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ муҳим мебошад. Дар чунин шароит рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳам сабаб, ҳам натиҷаи умумии манфиатҳои давлат ва соҳибкорӣ дар фароҳам овардани шароит барои рушди устувор, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, кафили иҷтимоиикунонии тамоми ҷомеа ва беҳтар намудани саломатии аҳолии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ахмадов Р.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Варнавский В.Г. Государственно-частное партнёрство: теория и практика / ГУ ВШЭ. - 2010. [Электронный ресурс]. URL: www:hse.ru/news/17990346
2. Варнавский, В.Г. Государственно-частное партнерство: некоторые вопросы теории и практики / В.Г. Варнавский // Мировая экономика и международные отношения. - 2011. -№9. -С.41-50.
3. Дар Тоҷикистон 10 ҳазору 768 объекту иншоотҳои варзишӣ амал мекунанд // АМИТ «Ховар». - Феврал 11, 2023 15:47.
4. Жук, А.А., Колесникова И.В. Международный опыт создания крупных инфраструктурных проектов // Экономический анализ: теория и практика. – 2017. -Т 16. -№10. –С.1859-1877. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/arnyy-opyt-sozdaniya-krupnyhinfrastrukturnyh-proektov (дата обращения: 17.12.2023).
5. Закон Республики Таджикистан «О Физической культуре и спорте» от 23.12.2021. -№1831.
6. Комилов С.Д. Проблемы повышения инновационной активности предприятия в Республике Таджикистан / С.Д. Комилов // Проблемы современной экономики. - 2009. -№1(29). -С.10-15.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Садои мардум» аз 7 январи соли 2011.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ». -Душанбе, аз 28 декабри соли 2012. -№907.
9. Мельник, Т.Е. Государственно-частное партнерство в области физической культуры и спорта // Журнал российского права. - 2016. -№12. -С.133-141. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/gosudarstvenno-chastnoestvo-v– -kultury-i-sporta.
10. Ногуманов, Р.У. Модернизация материально-технической базы физкультурно-спортивных услуг / Р.У. Ногуманов // Экономический вестник Республики Татарстан. – 2016. -№1. -С.60-65.
11. Программа развития физической культуры и спорта в Республике Таджикистан на 2022-2026 годы, от 30.12.2021. -№568.
12. Программа развития футбола в Республике Таджикистан на 2022-2026 годы, от 3.12.2021. -№516.
13. Сабуров С.С. Особенности развития материально-технической базы физкультуры и спорта в условиях рыночной экономики в Таджикистане / С.С. Сабуров // Международная научно-практическая конференции «Научные исследования 2022». -Пенза, 2022. –С.84-86.
14. Саидова М.Х. Организационно-экономический механизм развития сферы физической культуры и спорта в условиях рыночной экономики: теория, методология и практика (на материалах Республики Таджикистан): дисс. на соискание ученой степени доктора экономических наук. Специальность 08.00.05 экономика и управление народным хозяйством (экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами – сфера услуг) / М.Х. Саидова. -Душанбе, 2016. -350 с.
15. Саидова М.Х. Проблемы и особенности функционирования и развития физической культуры и спорта Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики / М.Х. Саидова, А.Б. Абдуллоев, Р.Н. Тошматов // Материалы международной научно-практической заочной конференции «Проблемы физической культуры и спорта в современных социально-экономических условиях», БТЭУПК, Гомель, 27 марта 2020г. -БТЭУПК, 2020. -С.73-75.
16. Саидова, М.Х. Совершенствование механизма государственной поддержки инновационного предпринимательства в сфере услуг Республики Таджикистан / М.Х. Саидова // Вестник ТНУ. - 2013. -№2/6(120). -С.145-153.
17. Управление и организация в сфере услуг / Кангиз Хаксевер, Барри Рендер, Роберта С. Рассел, Роберт Г., Мердик. -2-е изд.; пер. с англ.под ред В.В. Кулибановой. -СПб.: Питер, 2002. -752 с.
18. [Электронный ресурс]. URL: www.president.tj

## МЕХАНИЗМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТИЮ БАХШИ ХУСУСӢ ДАР МУКАММАЛГАРДОНИИ ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЯИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола механизми шарикии давлатию бахши хусусӣ дар мукаммалгардонии хизматрасониии заминаи моддию техникии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон мафҳуми «шарикии давлат ва бахши хусусӣ»-ро мухтасар шарҳ дода, таъкид мекунанд, ки дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди иқтисоди миллӣ мақоми хосса касб кардааст. Зеро давлат ва соҳибкорӣ бо ҳам алоқаманд буда, ба рушди мамлакат ва ҷомеа таъсири мусбат мерасонад. Қайд карда мешавад, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавҷуд аст, ки имкон медиҳад масъалаҳои марбут ба сармоягузории дарозмуддат ва бунёди объекту иншоотҳои бузург самаранок ҳаллу фасл карда, мисолҳо оварда шуданд. Муаллифон шарикии давлатию хусусиро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муфассал шарҳ дода, қонунҳои ҷумҳуриро дар ин самт қабул шудаанд, таҳлил кардаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба рушди соҳаи хизматрасонӣ ва яке аз бахшҳои асосии он - тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ки дорои иқтидори назаррас дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, инчунин, таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории байни варзишгарҳо, халқҳо ва мамлакатҳои ҷаҳон мебошад, зоҳир карда шудааст.

## МЕХАНИЗМ ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ УСЛУГ МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОЙ БАЗЫ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И СПОРТА В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье рассматривается механизм государственно-частного партнерства в улучшении услуг материально-технической базы физической культуры и спорта в Таджикистане. Авторы дает краткое определение понятия «государственно-частное партнерство» и подчеркивают, что в современных условиях развития рыночной экономики государственно-частное партнерство приобрело особое место в развитии национальной экономики. Поскольку государство и предпринимательство взаимосвязаны и оказывают положительное влияние на развитие страны и общества. При этом отмечается, что в международной практике существует механизм государственно-частного партнерства, позволяющий эффективно решать вопросы, связанные с долгосрочным инвестированием и строительством крупных объектов и сооружений, и приводятся примеры. Авторы подробно разъясняют государственно-частного партнерства в области физической культуры и спорта, анализирует законы республики, принятые в этой области. Особое внимание уделено развитию сферы услуг и одной из ее основных отраслей – физической культуры и спорта, которая имеет значительный потенциал для повышения уровня жизни населения, пропаганды здорового образа жизни, а также укрепления дружбы, сотрудничества между спортсменами, народами и странами мира.

**Ключевые слова**: механизм, государственно-частное партнерство, предпринимательство, услуги, материально-техническая база, физическое воспитание, спорт, Таджикистан, рыночная экономика, инвестиции, объекты и объекты, охрана здоровья, общественное благосостояние.

## THE MECHANISM OF PUBLIC-PRIVATE PARTNERSHIP IN IMPROVING OF SERVICES OF THE MATERIAL AND TECHNICAL BASE OF PHYSICAL EDUCATION AND SPORTS IN TAJIKISTAN

The article examines the mechanism of public-private partnership in improving the services of the material and technical base of physical culture and sports in Tajikistan. The authors give a brief definition of the concept of “public-private partnership” and emphasize that in modern conditions of development of a market economy, public-private partnership has acquired a special place in the development of the national economy. Since the state and entrepreneurship are interconnected and have a positive impact on the development of the country and society. It is noted that in international practice there is a mechanism for public-private partnerships that makes it possible to effectively resolve issues related to long-term investment and construction of large facilities and structures, and examples are given. The authors explain in detail public-private partnerships in the field of physical culture and sports, analyze the laws of the republic adopted in this area. Particular attention is paid to the development of the service sector and one of its main sectors - physical culture and sports, which has significant potential for improving the standard of living of the population, promoting a healthy lifestyle, as well as strengthening friendship and cooperation between athletes, peoples and countries of the world.

**Keywords**: mechanism, public-private partnership, entrepreneurship, services, material and technical base, physical culture, sports, Tajikistan, market economy, investment, objects and facilities, health protection, public welfare.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғафорзода Ҷонона Ғафор*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **931-01-86-86**
***Сабуров Сулаймон Сафарович*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктор Ph.D-ии кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121

**Сведения об авторах:** ***Гафорзода Джонона Гафор*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления. **Адрес**: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **931-01-86-86**
***Сабуров Сулаймон Сафарович*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, доктор Ph.D кафедры экономики и управления. **Адрес**: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121

**Information about the authors:** ***Gaforzoda Jonona Gafor*** – Tajik State Pedagogical University named after. S. Aini, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Telephone: **931-01-86-86**
***Saburov Sulaimon Safarovich*** - Tajik State Pedagogical University named after. S. Aini, Doctor Ph.D of the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121

ТДУ: 332.33(575.3)

# АРЗЁБИИ ТАҶРИБАИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ ДАР САМТИ ИДОРАКУНИИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН

*Асомуддини Рамазони Каримзода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мушкилоти экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ ва раванди батанзимдарорӣ ва идоракунии онҳо тайи даҳсолаи охир хусусияти ҷаҳонӣ касб намуда, зери назари ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Истифода ва коркарди захираҳои табиӣ ва дар баробари ин, нарасонидани зарар ба экосистемаи табиӣ, агроландшафтҳои табиӣ, механизмҳои нави идоракуниро дар ҷаҳони имрӯза тақозо менамояд. Новобаста аз он, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба рушди устувори давлатҳо ва истифодаи захираҳои замину об дар сатҳи ҷаҳонӣ чорабиниҳои зиёде амалӣ карда мешавад, лек дар бисёр давлатҳои ҷаҳон истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ ва партофти газҳои рӯдхонаӣ ба ҳавои атмосферӣ ба вайрон шудани экосистемаи табиӣ ва гармшавии иқлим оварда расонид. Бояд қайд намуд, ки аксари кишварҳои пешрафта дар соҳаи идоракунии муҳити зист, истифодаи заминҳои кишоварзӣ, рушди экологии соҳаи кишоварзӣ аллакай ба натиҷаҳои мусбӣ ноил шудаанд. Бояд гуфт, ки дар ин раванд аз ҷониби давлатҳои пешрафта усулҳои гуногун вобаста ба ҳалли мушкилоти идоракунии экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба кор бурда шудааст, ки ҳар як усул хусусиятҳои хосси худро дошта, самараи хуб ҳам ба бор овардааст.

Оқибатҳои иқтисодӣ ва экологии истифодаи самараноки захираҳои замин дар се даҳсолаи охири асри XX бисёр кишварҳоро таҳдид ба биёбоншавӣ, деградатсия ва эрозияи хок, норасоии об дар соҳаи кишоварзӣ намуда, ба кам шудани истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ оварда расонидааст. Ин таҳдид як қатор кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Чин, Ҷопон ва дигар кишварҳоро водор сохт, ки муносибатҳои истифодаи оқилонаи захираҳои заминро дар соҳаи кишоварзӣ, яъне барои обёрии заминҳо дубора баррасӣ намоянд. Моҳияти он дар муқаррар намудани арзиши афзалиятноки захираҳои замин ҳамчун омили асосии баланд бардоштани устувории маҳсулнокии зироатҳо бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолии босуръат афзояндаи ҷаҳон ба маҳсулоти хӯроквори иборат аст. Дар баробари ин, механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои замин маҳаки асосии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, эҳтиёҷоти ҷамъиятро қонеъ гардонида, амнияти озуқавориро таъмин менамояд.

Таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар соҳаи аграрӣ нишон медиҳад, ки дар аксари давлатҳои рушдкарда танзими давлатии истифодаи эклогии захираҳои замин дар ташаккули идоракунии заминҳои кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Механизми танзими муносибатҳои давлатии замин тавассути чунин тадбирҳо, аз қабили «...иктишофи топографию геодезӣ ва заминсозӣ, арзёбии замин, муайян кардани арзиши қитъаи замин, таъминоти иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии амалиёт бо қитъаҳои замин, ташкили истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар асоси лоиҳаҳои сармоягузорӣ, амалӣ карда мешавад» [8,с.34].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки самараи бештари экологӣ – иқтисодиро ҳангоми истифодаи якҷояи (омехтани) усулҳои маъмурию иқтисодӣ дар танзими истеҳсолот ва фаъолияти ҳифзи замин ба даст овардан мумкин аст [5,с.192]. Дар асоси ин мулоҳизаҳо, таҳлили таҷрибаи хориҷии идоракунии экологӣ - иқтисодии истифодаи захираҳои замин бо мақсади мутаносиб намудани тақсимоти онҳо ва самаранок истифодабарии онҳо дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон ҷолиб аст.

Талабот оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ қисми ҷудонашавандаи қонунгузорӣ дар соҳаи замини давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз қабили Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Чехия, Олмон, Португалия, Полша, Швейтсария, Австралия, Канада ва Зеландияи Нав ба ҳисоб меравад. Иёлоти Муттаҳидаи Америка сиёсати дастгирии истеҳсол-кунандагони соҳаи кишоварзӣ, ҳифзи хок ва истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзиро пеш мебарад. Истифодаи мақсадноки захираҳои заминро дар минтақаҳои кишоварзӣ таҳти назорат гирифта, дар он ҷо қонун дар бораи

муҳофизати хоҷагиҳо қабул карда шуда, амалӣ мегардад. Дар асоси қонунҳои амалкунандаи ИМА, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин ва аз омилҳои зараровар, аз қабили истифодаи нодуруст, ки ба эрозия ва деградатсияи замин оварда мерасонад, тадбирҳои маъмурию иктисодӣ дида мешавад.

Дар ИМА Вазорати кишоварзӣ чорабиниҳоро оид ба таҳқиқи заминҳои кишоварзии давлатӣ, арзёбии сифати хок ва заминҳо, бaнақшагирӣ ва татбиқи барномаҳои идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои замин, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои нигоҳдории агроландшафтҳо ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ, ривоҷ додани истифодаи оқилонаи замин, додани машварат ба истифодабарандагони замин, ривоҷ додани ҳамкориҳои байналхалқӣ ва ҷоннок намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ амалӣ менамояд.

Барои татбиқи чорабиниҳо вобаста ба идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин дар ИМА шаклҳои зерини ҳавасмандгардонии иқтисодӣ васеъ паҳн шудааст:

- андозбандии имтиёзнок дар заминҳои кишоварзӣ мувофиқи минтақаҳои онҳо;
- пӯшонидани хароҷот ҳангоми таҳия ва татбиқи технологияи инноватсионӣ вобаста ба самти нигаҳдорӣ ва ҳифзи хок, роҳандозии тадбирҳо зидди эрозияи хок, мелиоратсияи заминҳои кишоварзӣ ва ғайра;
- фаъолияти заминсозӣ ҳамчун яке аз шартҳои иштирок дар барномаҳои давлатии ҳифзи замин ва рушди устувори ҳудудҳо (мавҷудияти лоиҳаи заминсозӣ ва ҳифзи табиат);
- дар сурати ба дигар мақсадҳо истифода бурдани қитъаи замин, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд нест ва инчунин, аз истеҳсолоти кишоварзӣ берун баровардани заминҳо, зарари расонидаро заминистифодабаранда ҷуброн менамояд [9,с.329].

Инчунин, дар ИМА вобаста ба идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва ба мақсади ҳифз ва нигаҳдории заминҳо аз партовҳои агрохимиявӣ, шаҳодатномаи агрохимиявии заминҳои корам мувофиқи стандартҳои давлатии мавҷуда гузаронда мешавад.

Маблағҳое, ки аз ҳисоби пардохти андози замин ва иҷора барои истифодабарии замин ба буҷа дохил мешаванд, барои иҷрои тадбирҳои муҳофизати замин равона карда шуда, имкон медиҳад на танҳо бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо пешгирӣ карда шавад, балки ифлосшавии минбаъдаи муҳити зист низ аз байн равад. Дар Иёлоти Муттаҳида, ҳадафҳои муҳити зист аз ҷониби Агентии федералии ҳифзи муҳити зист муқаррар карда шуда, сипас ҳар як иёлот барои татбиқи онҳо чораҳои мушаххас пешниҳод мекунад, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ ба нақшаҳои рушди саноат ҳамроҳ карда мешавад [6,с.38].

Барои таъмини рушди устувор дар Иёлоти Муттаҳида, дар доираи равиши экосистема, барномаи “Технологияҳои ҳалли мушкилоти байналмилалии муҳити зист" ва "Стратегияи миллии технологияи экологӣ" қабул карда шудааст, ки тибқи он мақомоти федералӣ чорабиниҳоро вобаста ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи захираҳои табиӣ, идоракунии захираҳои замин, рушди иқтисодиёт, савдо, таҳқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоии деҳот татбиқ менамоянд [13,с.58]. Аз ин бармеояд, ки дар ИМА идоракунии экосиситема ҳамчун омили асосии таъминкунандаи рушди устувори соҳаи иқтисодӣ, алалхусус соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки истифодаи таҷрибаи ИМА барои идоракунии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон муфид хоҳад буд. Таҳлили таҷрибаи ИМА имкон медиҳад, ки самтҳои мусбати онро пешниҳод намоем:

- дар ноҳияҳои кишоварзӣ бунёди хонаҳо ва корхонаҳои саноатӣ қатъиян манъ мебошад;
- шароити хуб барои нигоҳдорӣ ва баландбардории ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ муҳайё карда шудааст;
- идоракунии раванди экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ хуб ба роҳ монда шудааст;
- фермерон ду манбаи даромад доранд: аз ҳисоби фурӯши маҳсулот ва пардохтҳои давлатӣ;
- ҳукумат деҳқононро аз хавфи марбут ба фурӯши мол дар бозор муҳофизат менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз ҷанбаҳои муҳим дар идоракунии захираҳои замин дар кишварҳои пешрафта, ин пешниҳоди кафолатҳои муайян ва ҳавасмандии давлатӣ ба корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар ИМА субсидияи қувваи барқ ба истифодабарандагони маҳалҳо ва ноҳияҳои ба истеҳсолоти кишоварзӣ машғулбуда, пешниҳод карда мешавад, ки як шакли ҳавасмандӣ дар самти кишоварзӣ ба шумор меравад. Дар Австралия бошад заминҳои кишоварзӣ аз андози замин пурра ва дар Амрикои Шимолӣ қисман озоданд. Дар Британияи Кабир хоҷагиҳо аз андози амвол озод карда мешаванд.

Идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар Исроил вобаста ба хусусиятҳои гуногуни табиӣ ва иқлимӣ роҳандозӣ карда мешавад. Қисми зиёди ҳудуди заминҳои онро биёбон ва нимбиёбон ташкил медиҳанд, ки тибқи барномаҳои давлатӣ онҳо марҳила ба марҳила азхуд карда шуда, ба гардиши кишоварзӣ ворид карда мешаванд. Заминҳои таъиноти кишоварзӣ тақрибан 20% масоҳати умумии кишварро ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ ва сохтмони деҳот батанзим даровarda мешавад. Замин моликияти давлат буда, барои истифода ба муҳлати то 99 сол ба иҷора дода мешавад.

Соҳаи кишоварзӣ дар Исроил интенсивӣ ва самаранок буда, ба воситаи он захираҳои маҳдуди табиӣ (пеш аз ҳама, заминҳои обӣ ва ҳосилхез) бо роҳи ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар ҳамкорӣ бо олимон, деҳқонон ва соҳаи саноат паҳн карда мешавад. Саҳми муҳимми идоракунии заминҳо ин обёрӣ намудани заминҳои лалмӣ ба ҳисоб меравад, ки сиёсати асосии Исроил дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ин вазифаҳо бо роҳандозии технологияи инноватсионӣ, ба воситаи усулҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба амал баровarda шуда, тайи 30 соли охир ба натиҷаҳои назаррас ноил шудаанд.

Биёбони Негев воқеан дар тули садаи гузашта коҳиш ёфт, зеро фаъолияти кишоварзӣ заминҳои лалмиро ба майдонҳои сабз табдил додааст, баръакси тамоюли биёбоншавӣ, ки аксари кишварҳои дорои иқлими хушк бо он мубориза мебаранд. Дар он ҷо барномаи махсус амалӣ карда мешавад, ки самтҳои зеринро дар бар мегирад:

– *заминҳои хушк ва беоб* – мубориза бо обхезӣ, ҷамъ овардани маҷрои муваққатии рӯизаминӣ, коркарди обҳои партов ва истифодаи такрории оби партови тозашуда барои обёрии зироатҳо, идоракунии растаниҳои табиӣ ва зироатҳои истифодашаванда, аз ҷумла таҷрибаҳои ба роҳ мондани зироатҳои ба хушксолӣ ва намак тобовар ва хоҷагии гармхонаҳо;

- *заминҳои нимхушк* – раванди чаронидани чорво дар чарогоҳҳо бо мақсади пешгирии эрозияи замин ва нобуд шудани растаниҳо назорат карда шуда, рушди моҳипарварӣ бо истифода аз обҳои зеризаминии минералӣ, инчунин, бунёди боғҳо, ки бо оби партови тозашуда таъмин мешаванд, ба роҳ монда шудааст;

- *заминҳои хушки намнокии миёна* – барқарор намудани заминҳои шӯршудаи кишоварзӣ ва идоракунии захираҳои обӣ бо мақсади пешгирии деградатсияи замин [19,с.463].

- Дар Исроил 80%-и захираҳои обӣ ба шимол ва танҳо 20%-и он ба ҷануб рост меояд. Аз ин рӯ, дар он ҷо принсипҳои махсуси обёриро ба роҳ мондаанд, ки системаи обёрӣ бояд шароити табиию иқлимии маҳалро ба назар гирифта, дар навбати аввал, барои бартараф намудани фарқи байни минтақаҳои дорои захираи кофии об ва заминҳои хушке, ки аксари онҳо аз норасоии об танқиси мекашанд, кӯшиш намояд.

Аввалан, системаи обтаъминкунӣ бояд ҳангоми набудани боришот ва хушксолӣ омодаи тобистон шавад ва заминҳоро бо об таъмин кунад. Оби барзиёди дарёҳо, рӯдҳо ва чашмаҳо бояд дар обанборҳо, инчунин, дар обанборҳои зеризаминӣ ва сунъӣ бо мақсади минбаъд обёрӣ намудани заминҳо ҷамъ карда шавад. Дуюм, кашонидани об ба воситаи қубурҳо бояд зери фишор сурат гирад. Ин усул, гарчанде ки хароҷоти зиёди молиявиро талаб мекунад, вале имкон медиҳад, ки мураккабии релефи топографиро бартараф ва талафоти обро кам карда, он тақсимоти мутавозин ва «одилона»-и обро байни истеъмолкунандагон кафолат медиҳад. Сеюм, банақшагирӣ бояд ҳамаҷониба бошад. Ба ибораи дигар гӯем, дар лоиҳаҳои таъминоти об бояд афзоиши аҳолӣ, инчунин рушди истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба назар гирифта шаванд [11,с.48-66].

Дар бахши кишоварзӣ ва идоракунии истифодаи захираҳои замин, аз ҳисоби такмили технологӣ дар усулҳои обёрӣ, аз ҷумла обёрии обпошӣ, обёрии қатрагӣ бо системаҳои идоракунии компютерӣ ва автоматикунонидашуда, истифодаи такрории оби ошомиданӣ ва тоза кардани оби партов ба роҳ монда шудааст. Обёрии қатрагӣ нисбат ба дигар усулҳои обёрӣ бартарии зиёд дошта, вақти рӯз, хосиятҳои замин, зичии кишт, нишебии киштзорро ба назар мегирад, ки ба иқлими Тоҷикистон хело созгор буда, самаранокӣ ва сарфакории обёриро таъмин менамояд. Таҷрибаи идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои заминро дар Исроил омӯхта, ҷиҳатҳои мусбати онро пешниҳод менамоем:

- дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, алалхусус, истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ хуб ба роҳ монда шудааст;

- истифодаи гармхонаҳо васеъ ба роҳ монда шуда, ба ғайр аз зироатпарварӣ, гармхонаҳо дар соҳаи тухмипарварӣ, парвариши ниҳолҳо ва растаниҳои ороишӣ, моҳипарварӣ ва гулпарварӣ фаъолона истифода мешаванд;

- истифодаи обро дар соҳаи кишоварзӣ мақсаднок ташкил намуда, обҳои зиёдро дар обанборҳои сунъӣ нигоҳ дошта, ба минтақаҳои хушк тариқи насосҳои обкашонӣ интиқол медиҳанд. Инчунин, обҳои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашударо бо мақсади вайрон накардани таркиби хок аз нав тоза намуда, боз барои обёрии заминҳо равона мекунанд;

- пешбурди кишоварзии органикӣ вобаста ба кам намудани партовҳои экологӣ роҳандозӣ гардидааст. Кишоварзии органикӣ тақрибан 1,2% тамоми маҳсулоти кишоварзиро дар Исроил ташкил медиҳад, ки қисми зиёди он ба хориҷи кишвар содирот мешавад. Дар солҳои охир, кишоварзии органикӣ ба яке аз бахшҳои босуръат рушдёбанда табдил ёфта, афзоиши солонаи он 25%-ро ташкил медиҳад;

- таҷрибаи бой дар самти истифодаи заминҳои биёбоншуда дошта, дар давоми 70 соли мавҷудияти худ ба ӯ муяссар шуд, ки масъалаҳои дар заминҳои биёбон парвариши маҳсулоти кишоварзиро ҳал намояд.

Ҳамин тавр, дар пасманзари мушкилоте, ки давлатҳои ҳамсоя аз сар мегузаронанд, муваффақияти Исроил дар мубориза бо биёбоншавӣ ва ташкили системаи истифодаи самаранок ва сарфакоронаи об боварибахш ба назар мерасад. Модели рушди биёбони Исроил имкон медиҳад, ки коҳиши равандҳои биёбоншавиро тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва каммасрафи захиравӣ омӯхта, дар амал татбиқ намуд.

Раванди идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои соҳаи кишварзӣ дар Олмон хуб ба роҳ монда шудааст. Дар он ҷо ба мисли Исроил, Англия ва дигар давлатҳои Аврупо, замин ба муҳлати то 99 сол ба иҷора дода мешавад, ки таъсири калон ба ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои замин дар сохтори хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ мерасонад. Вобаста ба рушди устувор нигоҳ доштани экосистема ва бо мақсади дар ҳолати хуб нигоҳ доштани сатҳи ҳосилхезии хок ва ҳифзи он тадбирҳо андешида шуда, оид ба паст кардани эрозияи хокӣ ва обӣ, инчунин деградатсияи заминҳо аз усулҳои зерин истифода бурда мешаванд: машваратӣ-таълимӣ ва иқтисодӣ (субсидия), ки аз миёни инҳо усули охирин самараноктар мебошад.

Инчунин дар он ҷо барномаи "Нигоҳдории соҳаи кишоварзӣ" амал мекунад, ки дар доираи он чорабиниҳо вобаста ба коркарди бехатари хок, нигоҳдории сатҳи ҳосилнокии замин ва истифодаи экологии он гузаронида мешавад. Сиёсати давлатӣ вобаста ба ҳифз ва нигоҳдории иқтидори кишоварзӣ он ҷо амал мекунад, ки ба дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ равона карда шуда, дар баробари ин, нигоҳ доштани мувозинати экологӣ ва вайрону халалдор накардани он, назорат карда мешавад [14,с.97-104]. Ҳамин тариқ, идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар Олмон бо присипҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ-экологӣ нигаронида шудааст, ки ба рушди устувори иқтисодии кишвар муассир мебошад.

Дар Англия масъалаи идоракунии истифодаи захираҳои замин, ки бо азхудкунии заминҳои нав, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва беҳтар намудани заминдорӣ ва истифодаи он вобаста аст.

Муносибатҳои замин дар Англия аслан дар асоси моликияти хусусии замин ташаккул ёфта, фурӯши замин ба шаҳрвандони хориҷӣ манъ мебошад. Идоракунии

муосири муносибатҳои замин дар Англия аз нуқтаи назари истифодаи замин, банақшагирии заминро бо мақсади истифодаи оқилона, муқаррар кардани маҳдудиятҳои истифодабарӣ пешбинӣ намуда, ба се категория ҷудо мешавад:

- идора намудани масоҳати заминҳо, истифода ва минтақабандии онҳо;
- идоракунӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои васеътари банақшагирӣ, аз ҷумла ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои нав, обёрии заминҳои лалмӣ, мелиоратсияи заминҳои кишоварзӣ;
- таъсири истифодаи заминҳои нав ба муҳити зист ва нигоҳ доштани он бо мақсади расонидани таъсири манфӣ дар доираи қонунгузорӣ. Ғайр аз ин давлат ба иҷорагирандагон дар сурати яктарафа қатъ намудани шартномаи иҷора, кафолати ҷуброни зарарро медиҳад. Инчунин, барои нигоҳ доштани сифати хок ва беҳтар намудани ҳолати экологии он маблағ лозим бошад, давлат он миқдор маблағро пешниҳод менамояд.

Дар Англия ба фермероне, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дар заминҳои мелиоративӣ ба роҳ мемонанд, аз ҷониби давлат субсидия дар ҳаҷми 50% хароҷот барои обёрӣ ва тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо намударо ҷуброн менамояд [6,с.192]. Иттиҳоди Аврупо дар Англия таҳияи тадбирҳои ҳифзи захираҳои заминро барои кам кардани равандҳои деградатсияи хок, сертификатсияи агрохимиявии заминҳои корам ва ҳифзи ҷангалро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, барои идоракунии истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ дар Англия банақшагирии дурнамои истифодаи он бо принсипҳои иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, ҳангоми танзими дохилии муносибатҳои замин ба инобат гирифта мешавад.

Раванди идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Шветсия тибқи принсипҳои рушди устувор роҳандозӣ шуда, барои баланд бардоштани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ самаранокии экологии истифодаи онҳо, як қатор барномаҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад. Тибқи барномаи давлатӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ ва деҳқонону хоҷагидорон маблағи муайян ҳамчун ҷуброни зарар барои аз ҷониби онҳо шудгор накардани заминҳои назди дарёҳо, обанборҳо, ҷангалзорҳо пардохт карда мешавад. Ин ба зиёд шудани майдони заминҳое, ки назди об дуртар мусоидат намуда, барои ташкили инфрасохтори ирригатсионӣ ва сохтмони иншоотҳои обрасонӣ замина фароҳам меорад. Маблағгузории молиявӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз ҷумлаи истифодаи экологии замин дар Шветсия аз арзиши бозории маҳсулот 1,5-2 маротиба зиёдтар мебошад.

Дар Ҷопон раванди идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ хуб ташкил шуда, нисбат ба заминҳои корам хеле сарфакорона ва ҳадафмандона муносибат мекунанд. Масалан, ҳангоми омӯзиши масъалаҳои дастгирии давлатии деҳқонони Ҷопон дар бобати рӯёндани маҳсулоти асосии соҳаи кишоварзӣ - шолӣ инҳо ошкор гардиданд. Ба як воҳиди замини корам ва зироатҳои шолӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳои шолипарвар (Чин, Индонезия, Камбоҷа, Малайзия, Ветнам ва ғайра) кумаки буҷетӣ чанд маротиба зиёд аст. Ба шарофати дастгирии баланди давлатӣ деҳқонони Ҷопон 50-60% талаботи бозори худро бо маҳсулоти биринҷ таъмин менамоянд [7,с.97-104]. Ғайр аз ин, Ҳукумати Ҷопон бо истифода аз дигар механизмҳои таъсиррасонӣ воридоти маҳсулоти биринҷро аз давлатҳои ҳамсоя маҳдуд намуда, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро бо ин роҳ дастгирӣ менамояд.

Инчунин, аз ҷониби Ҳукумати Ҷопон механизмҳои ҳифзи заминҳои корам истифода бурда мешавад. Масалан, дар минтақаҳои истеҳсоли шолӣ таҳримҳои иқтисодии дохилидавлатӣ барои иҷро накардани усулҳои парвариши шолӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, амалӣ карда мешаванд. Яъне, агар дар минтақаҳо, вилоятҳои кишоварзии истеҳсолкунандаи шолӣ дар сохтори зироатҳои кишоварзӣ, кишти шолӣ зиёда аз 50%-ро ташкил диҳад (тибқи меъёрҳои мавҷудаи онҳо кишти шолӣ бояд аз 45-50%-и зироатҳои кишоварзиро ташкил диҳад), пас субъектҳои хоҷагидории ин минтақа (сарфи назар аз он ки баъзе аз онҳо тибқи талабот киштро ба роҳ мондаанд) ҷарима баста мешаванд. Аксар вақт андозаи ин таҳримҳои иқтисодӣ бо ҳаҷми маблағи дастгирии буҷетӣ, ки ба истеҳсоли шолии хоҷагиҳои вилоят алоқаманд аст, баробар мебошад.

Ба ақидаи мо ин механизмҳои идоракунии сохтори заминҳои кишоварзӣ вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, картошка, пиёз, шолӣ, ки маҳсулоти ниёзи аввалия ба ҳисоб мераванд, бояд онро хубтар омӯхта, дар амалияи соҳаи кишоварзии мамлакат татбиқ намудан зарур мебошад. Ин механизмҳо дар минтақаҳое, ки истифодаи замин ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст, мубрам ба ҳисоб меравад. Зеро барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ хело муҳим мебошад. Чунки истифодаи дурусти сохтори таҳримҳои иқтисодӣ барои вайрон кардани қоидаҳои истифодаи усулҳои парвариши зироатҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи замин, аз ҷониби давлат маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Танҳо аз сохторҳои давлатӣ назорати доимӣ ва идоракунии пайвастаи онро талаб менамояд. Дар ин маврид, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хуб роҳандозӣ шуда, ҳолати деградатсия ва эрозияи замин кам шуда, рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таъмин карда мешавад.

Хусусиятҳои хосси идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин, дар марказонидани идоракунии обёрии заминҳои кишоварзӣ ва комплекси хоҷагии об ба ҳисоб меравад. Сатҳи танзими давлатӣ баланд аст, вале он ба рушди механизми бозорӣ мусоидат намуда, манфиатҳои соҳибкоронро низ ба инобат мегирад. Он ба кор карда баромадани технологияи нави обёрии заминҳои кишоварзӣ, таъминоти илмию техникӣ дар раванди обёрии заминҳо, ба тартиб андохтани талаботи об ва идоракунии системаҳои калони обёрӣ бо шаклҳои коллективии хоҷагидорӣ ва иҷоравии замини системаҳои давлатии мелиоративӣ нигаронида шудааст. Инчунин тавассути ташкили фондҳо ва маблағгузорӣ махсус барои азнавсозии майдонҳои обёришаванда, барқарор ва нигоҳ доштани инфрасохтори обёришаванда, инкишофи ирригатсия ва ба ҷойи кор таъмин намудани мардуми дар минтақаҳои баландкӯҳ ва деҳотҳои дурдаст зиндагикунанда, равона карда мешавад.

Фондҳои асосии мелиоративӣ аз ҳисоби маблағҳои давлат ташкил карда шудаанд ва аз нав сохта мешаванд. Бо ёрии субсидияҳои давлатӣ (нисфи арзиши объектро мепӯшонад), бо ёрии сохторҳои марказӣ ва маҳаллӣ, деҳқонону ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ сохтмони хатҳои обгузари дохилихоҷагӣ таъмин карда мешаванд. Ҳангоми обёрии заминҳои кишоварзӣ бо ёрии технологияи обёришаванда, нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии заминҳо, аз шӯршавӣ ва эрозияи хок нигоҳ доштани заминҳои кишоварзӣ шарти асосии давлат ба ҳисоб меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин сиёсати рушди устуворро пеша намуда, дастгирии ҳамаҷонибаи кишоварзонро ҷонибдорӣ менамояд, ки хоҷагидорон аз андозҳо озод карда шуда, ба субсидияҳои давлатӣ таъмин мебошанд, инчунин, нархи миёна барои хариди гандум аз кишоварзонро ба роҳ монда, аз ҳисоби давлат гандум бо нархи баландтар харидорӣ карда мешавад [12,с.48-66].

Умуман, дар асоси натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ ва истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, татбиқи стратегияи ҳифз ва барқарор намудани онҳо, азхудкунии ҳудудҳои алоҳидаи мамлакат бояд бо системаи танзими давлатие, ки механизмҳои ҳавасмандгардонии маъмурию иқтисодиро пешбинӣ менамояд, ҳамроҳ карда шаванд;
- омили муҳим дар истифодаи самарабахши заминҳои кишоварзӣ, татбиқ ва ба роҳ мондани шакли хоҷагидории алтернативӣ ё ба ном «хоҷагии органикӣ», ки ин на танҳо дар баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, балки дар беҳтар намудани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ кумак менамояд;
- ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ, истифодаи воситаҳои биологӣ, техникӣ барои азхуд намудани заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда, ҳифз ва аз ҷиҳати экологӣ истифодаи захираҳои замин;
- ташкили баҳисобгирии заминҳои ифлосшуда ва аз гардиши кишоварзӣ бинобар сабаби шӯршавӣ ва ботлоқшавӣ берун монда, бо муайян кардани дараҷаи экологии он ва арзёбии зарари расидаи он истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ва пешбинии чораҳои бартараф кардани он;

- баланд бардоштани дараҷаи тахассусии заминистифодабарандагон, такмил додани дониши онҳо, ҷорӣ намудани технологияи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар кишти зироатҳои кишоварзӣ, ки инҳо омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ мегардад, ба ҳисоб меравад.

Хулоса таҷрибаи давлатҳои пешрафта вобаста ба идоракунии истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ барои рушди устувори соҳаи кишоварзии дар боло баррасишуда, нишон медиҳад, ки бояд дар амалияи истеҳсолоти соҳаи кишоварзии ватанӣ мутобиқ ба шароит, иқлим, релеф ва вазъи молиявӣ мувофиқ истифода шавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранок ва ҳадафмандона истифода бурдани он тамоми шароити зарурӣ мавҷуд аст.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Исайнов Ҳ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Арабов, Ф.П. Инвестиции в устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана: современное состояние и тенденции развития / Ф.П. Арабов, Р.К. Асомуддини, С.Д. Гулбекова // Экономика сельского хозяйства России. – 2023. -№5. -С.121-127. -DOI 10.32651/235-121. -EDN HUUUKI.
2. Арабов, Ф.П. Ташаккули комплекси механизмҳои таъмини истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзӣ / Ф.П. Арабов, Қ.А. Содиқов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. -№3(37). -С.161-176. -EDN FBUQNE.
3. Арабов, Ф.П. Усулҳои идоракунии таъминоти сармоягузорӣ дар рушди истифодабарии об дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон / Ф.П. Арабов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. -№4-1(33). -С188-196. -EDN PRMORB.
4. Асомуддини, Р.К. Механизми идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ / Асомуддини Р.К., Ф.П. Арабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№4-1(43). –С.187-194. -EDN MOEIPX.
5. Зиёев Б.С. Механизм формирования устойчивого землепользования в аридном регионе / Б.С. Зиёев. -Душанбе: Дониш, 2021. -192 с.
6. Исайнов Х.Р. Инвестиция в земельно-водных ресурсов Таджикистана: механизм управления их эколого-экономического использования / Х.Р. Исайнов, П.Ф. Арабов. -Душанбе: Типографии ТНУ, 2021. -192 с.
7. Кибиров А.Я. Механизмы адаптации и использования передовых форм инвестиционной деятельности сельского хозяйства зарубежных стран в отечественной практике / А.Я. Кибиров, А.Э Сагайдак // Экономика сельского хозяйства России. - 2019. -№9. -С.97-104.
8. Киселева С.П. Эколого-ориентированный подход к использованию вторичных ресурсов в АПК в условиях технологического развития / С.П. Киселева, Л.В. Маколова // Интернет-журнал «Науковедение». – 2016. -Т.8. -№3(34). -С.34.
9. Куламихина И.В. Организация землеустройства на землях сельскохозяйственного назначения за рубежом // Электрон. науч.–метод. журн. Ом. ГАУ. - 2017. -№1. [Электронный ресурс]. URL: http://e–journal.omgau.ru/index.php/2017/1/35–statya–2017–1/794–00329. –дата обращения: 08.07.2019).
10. Механизм управления земельными отношениями в контексте обеспечение устойчивого развития / Ш.И. Ибатулин, А.В. Степан. А.В. Сакаль [и.др.]. -М.: Государственное учреждение "Институт экономики природопользования и устойчивого развития национальной академии наук Украины", 2012. -52 с.
11. Орловский Н.С. Роль технологии в предотвращении процессов опустынивания в Израиле / Н.С. Орловский, И.С. Зонн // Вестник Московского университета имени С.Ю. Витте. Серия 1. Экономика и управление. - 2019. -№3(30). -С.48-66.
12. Семкин А. Зарубежный опыт развития органов местного самоуправления сельским хозяйством во взаимосвязи с государственным управлением / А. Семкин // АПК: Экономика, управление. - 2018. -№2. -С.62-70.
13. Шашула Л., Третьяк Н. Земельное богатство: незадействованный актив. - 2016. [Электронный ресурс]. URL https://studlib.org.ua/ index.php/ eprs/article/ download/.../58.
14. Юшкова О.О. Международная практика налогообложения земельных участков в Германии, Японии и США / О.О. Юшкова // Юридические науки, правовое государство и современное законодательство: сборник статей Международной научно-практической конференции, Пенза, 10 февраля 2018 года. -Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение», 2018. -С.97-104.
15. Improving the innovation process of sustainable development of agriculture / K.Kh. Barfiev, F.P. Arabov, R. Bobokhonzoda [et al.] // E3S Web of Conferences, Bishkek, 21 ноября 2022 года. Vol. 380. -Bishkek: EDP Sciences, 2023. -P.02020. -DOI 10.1051/ e3sconf/ 202339002020. -EDN IGTVBK.
16. Main directions for the formation and development of the "green" nature management in Tajikistan / H.R. Isainov, F.P. Arabov, K.A. Sodikov [et al.] // IOP Conference Series: Earth and Environmental Science: II International scientific and practical conference "Ensuring sustainable development in the context of agriculture, green energy, ecology and earth science", Smolensk, Russian Federation, 23-27 января 2022 года. Vol. 1045. -Smolensk, Russian Federation: IOP Publishing Ltd, 2022. -P.012150. -DOI 10.1088/1755-1315/1045/1/012150. -EDN GDSVAN.
17. National water policy of Tajikistan in the context of sustainable development / Kh.A. Odinaev, K.Kh. Barfiev, F.P. Arabov, K.A. Sodikov // E3s web of conferences: VIII International Conference on Advanced Agritechnologies,

Environmental Engineering and Sustainable Development (AGRITECH-VIII 2023), Krasnoyarsk, 29-31 марта 2023 года. -EDP Sciences: EDP Sciences, 2023. -P.04028. -DOI 10.1051/e3sconf/ 202339004028. -EDN NJFJLS.
18. Sustainable development of ecological and economic use of agricultural land and water resources of the Republic of Tajikistan / K.A. Sodikov, F.P. Arabov, Kh.R. Bobohonzoda [et al.] // IOP Conference Series: Earth and Environmental Science, Krasnoyarsk, 18-20 ноября 2021 года. -Krasnoyarsk: IOP Publishing Ltd, 2022. -P.022028. -DOI 10.1088/1755-1315/981/2/022028. -EDN JRPRIW.
19. The path toward sustainable development in Israel // State of Israel Ministry of Environmental protection, 2018. [Electronic resource]. URL: http://www.sviva.gov.il/ InfoServices/ ReservoirInfo/ DocLib2/Publications/ P0401-P0500/P0463.pdf (date of access: 20.06.2021).

## АРЗЁБИИ ТАҶРИБАИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ ДАР САМТИ ИДОРАКУНИИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН

Дар мақола таҷрибаи хориҷии истифодаи экологиву иқтисодии захираи заминҳои кишоварзӣ баррасӣ карда шудааст. Қайд мегардад, ки мушкилоти экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ ва заминҳои кишоварзӣ раванди батанзимдарорӣ ва идоракунии онҳо тайи даҳсолаи охир хусусияти ҷаҳонӣ касб намуда, зери назари ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, ки дар шароити идомаи равандҳои паст шудани ҳосилнокии табиии заминҳо дар кишоварзӣ, интихоби самтҳои муосири такмили истифодабарии заминҳо ба яке аз масъалаҳои мубрам мубаддал гардидааст. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар соҳаи агарарӣ нишон медиҳад, ки дар аксари давлатҳои рушдкарда танзими давлатии истифодаи эклогии захираҳои замин, дар ташаккули идоракунии заминҳои кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Зикр мегардад, ки обёрии қатрагӣ нисбат ба дигар усулҳои обёрӣ бартарии зиёд дошта, вақти рӯз, хосиятҳои замин, зичии кишт, нишебии киштзорро ба назар мегирад, ки ба иқлими Тоҷикистон хело созгор буда, самаранокӣ ва сарфакории обёриро таъмин менамояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки механизмҳои идоракунии сохтори заминҳои кишоварзӣ вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, картошка, пиёз, шолӣ, ки маҳсулоти ниёзи аввалия ба ҳисоб меравaнд, бояд онро хубтар омӯхта, дар амалияи соҳаи кишоварзии мамлакат татбиқ намудан зарур мебошад.

**Калидвожаҳо:** истифодабарии захираҳои замин, таҷрибаи хориҷӣ, истифодаи экологиву иқтисодӣ, обёрии қатрагӣ, таназзул, гардиши кишоварзӣ, заминҳои кишоварзӣ.

## ОЦЕНКА ОПЫТА ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН В НАПРАВЛЕНИИ ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ

В статье рассматривается зарубежный опыт эколого-экономического использования земель сельскохозяйственного назначения. Отмечается, что эколого-экономические проблемы использования природных ресурсов и земель сельскохозяйственного назначения, процесса их регулирования и управления за последнее десятилетие приобрели глобальный характер и находятся под пристальным вниманием международного сообщества, которое в условиях продолжающихся процессов снижения естественной продуктивности земель в сельском хозяйстве выбор современных направлений улучшения использования земель стал одним из актуальных вопросов. Анализ опыта развитых стран в сфере сельского хозяйства показывает, что в большинстве развитых стран важную роль в формировании землеустройства сельскохозяйственного назначения играет государственное регулирование экологического использования земельных ресурсов. Отмечено, что капельное орошение имеет множество преимуществ перед другими методами орошения, учитывает время суток, свойства земли, густоту посадки, уклон поля, что очень совместимо с климатом Таджикистана, обеспечивает эффективность и экономику орошения. Следует отметить, что механизмы управления структурой сельскохозяйственных земель, связанные с производством зерновых продуктов, в том числе пшеницы, картофеля, лука и риса, которые считаются сырьевыми продуктами, должны быть лучше изучены и внедрены в сельскохозяйственную практику страны.

**Ключевые слова:** использование земельных ресурсов, зарубежный опыт, эколого-экономическое использование, капельное орошение, деградация, севооборот, земли сельскохозяйственного назначения.

## ASSESSING THE EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES IN THE AREA OF ENVIRONMENTAL AND ECONOMIC MANAGEMENT OF LAND RESOURCES.

The article discusses the foreign experience of ecological and economic use of agricultural land resources. It is noted that the ecological and economic problems of the use of natural resources and agricultural lands, the process of their regulation and management over the past decade, have acquired a global character, and are under the scrutiny of the international community that, in the conditions of continuing processes of decreasing the natural productivity of lands in agriculture, the choice of modern directions for the improvement of the use land has become one of the pressing issues. The analysis of the experience of developed countries in the field of agriculture shows that in most developed countries, state regulation of ecological use of land resources plays an important role in the formation of agricultural land management. It is mentioned that drip irrigation has many advantages over other irrigation methods, it takes into account the time of day, land properties, planting density, the slope of the field, which is very compatible with the climate of Tajikistan, and ensures the efficiency and economy of irrigation. It should be noted that the mechanisms of agricultural land structure management related to the production of grain products, including wheat, potatoes, onions, and rice, which are considered primary products, should be better studied and implemented in the agricultural practice of the country.

**Keywords**: use of land resources, foreign experience, ecological and economic use, drip irrigation, degradation, agricultural rotation, agricultural lands.

**Маълумот дар бораи муаллиф: А*сомуддини Рамазони Каримзода* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи иқтисод ва идора дар КАС. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sarichashma_2009@list.ru**. Телефон: **(+992) 918-42-87-82**

**Сведения об авторе:** ***Асомуддини Рамазони Каримзода*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sarichashma_2009@list.ru**. Телефон: **(+992) 918-42-87-82**

**Information about the author:** ***Asomuddini Ramazoni Karimzoda*** - Tajik National University, applicant for the Department of Economics and Management of the Agroindustrial Complex. **Address**: 734025, Dushanbe,Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **sarichashma_2009@list.ru**. Phone: **(+992) 918-42-87-82**

ТДУ: 338.24(575.3)

# ТАШАККУЛЁБӢ ВА ИНКИШОФИ САРМОЯИ ИНСОНИИ ТАШКИЛОТҲО ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИЁТ

*Искандаров Ҳ.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сармояи инсонӣ дар ҷомеаи имрӯза нақши муҳим бозида истода, асоси пешравии дилхоҳ соҳа бахусус он соҳаҳое, ки ин сармояи муҳимми ҷамъиятиро самаранок истифода мебаранд, дониста мешавад. Дар шароити иқтисодиёти имрӯза аҳамияти бузург доштани он боз мақоми аслиашро пайдо карда, инсонҳоро водор ба он намудааст, ки ҳарчи бештар баҳри ин масъалаи муҳим таҳқиқотҳои илмӣ анҷом диҳанд. Ҷаҳони имрӯза ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат мекунад, ки асоси пешравии онро сармояи инсонӣ, бунёди донишҳои нави иқтисодӣ, истифодаю идоракунии зеҳнҳо ва тавонмандии ҳунарӣ, қобилияту истеъдоди созандагии онҳо ташкил менамояд.

Аз солҳои 80-90-уми асри XX сар карда, маълумотнокӣ ё худ донишмандии касбии инсон омили муҳим дар инкишофдиҳӣ ва рушди соҳаҳои ҷамъият гаштааст. Дигаргуниҳое, ки то имрӯз дар таъмини рушди босуботи иқтисодиёт, ташкили тиҷоратҳо ва идоракунии муосири онҳо, ҳаёти имрӯзаи одамон ва зуд-зуд дигаргуншавии талаботҳои онҳо, равишҳои навини таълимӣ, саломатии инсонҳо ва фаъолиятҳои навини онҳо дида шуда истодааст, маҳз маҳсули боздеҳии сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар замони муосир барои аксарияти ташкилотҳои муваффақ идоракунӣ ва рушду инкишофдиҳии донишҳо асоси инкишофи навовариҳо ва бартарии рақобатпазирии молу маҳсулотҳои онҳо гаштааст. Идоракунии сармояи инсонӣ, бахусус сармояи зеҳнҳо дар шароити имрӯза ду функсияи мухимро дар ташкилотҳо иҷро мекунад: - тактикӣ, ки ба рушду инкишофёбии донишҳои касбии кормандон алоқаманд буда, дигаргуншавии талаботи истеъмолкунандагонро аз худ намуда, мувофиқ ба он мол истеҳсол менамояд; - стратегӣ, вобаста ба рушд ва татбиқи стратегияҳо барои рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ мусоидат менамояд. Аз ин нуқтаи назар, ҳамгироиимуҳити иқтисодӣ, афзоиши нақши тиҷорати инноватсионӣ, ҷорӣ намудани модели системаҳои электронӣ, хатти интернетӣ, технологияҳои барномавии ҳозиразамон ва технологияҳои иттилоотӣ, ки ихтироотҳои навини зеҳнҳо ба ҳисоб меравад, ҳаракатдиҳандаи асосии иқтисодиёти муосир дониста мешавад.

Идоракунии сармояи инсонӣ бо мақсади истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ ва расидан ба афзалиятҳои рақобатнокӣ, таъмини сифатҳои баланди маҳсулот ва бахусус рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд. Имкониятҳои ин рушду инкишофёбӣ дар асри XXI ба таври дақиқ бо сармояи инсонӣ ҳамчун интиқолдиҳанда ва азхудкунандаи донишҳо алоқаманд аст.

Механизмҳои инноватсионӣ-бозаргонии иқтисодиёти муосир бо дарназардошти қонунҳо, функсияҳо ва принсипҳои асосии он, ки омили инсонӣ нақши захираи асосии истеҳсолотро гирифтааст, имрӯзҳо дар асоси худташаккулёбӣ рушд ёфта истодааст.

Вобаста ба ин масоил дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми декабри соли 2017 оид ба ин масъалаи муҳимми иқтисодӣ чунин қайд намудаанд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд» [14].

Чуноне, ки олими иқтисоддон Кендрик Д., қайд менамояд: «Сармояи инсонӣ» ҳамчун категория маҷмӯи донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое мебошад, ки дар ихтиёри шахс қарор дошта, аз ҷониби ӯ барои қонеъ гардонидани талаботи мавҷудаи ҳам шахсият ва ҳам умуман ҷомеа истифода мешавад [9].

Инчунин, сармояи инсониро метавон ҳамчун арзёбии қобилияти иқтидории шахс барои ба даст овардани ягон намуди даромад муаррифӣ кард. Он дорои истеъдод, қобилият ва малакаҳои модарзодӣ, инчунин таҷрибаҳо, тахассус ва таҳсилот мебошад.

Олими иқтисоддон Ғаниев Т.Б. низ оид ба ин мафҳум чунин қайд менамоянд: «Сармояи инсонӣ дар асоси истеъдоди ҳунарии нотакрори модарзодӣ инчунин хароҷоти муайяни молиявию пулӣ ва таҷрибаи фаъолияти касбӣ ва муҳити таъсиррасони касбиву ҳунарӣ, инчунин фаъолияти созандаи касбиву эҷодиву кашфиётӣ бозташаккулёбиву пурқувватшавӣ дорад. Дар навбати худ ин ганҷинаи бузурги ташаккули фарҳанги навини рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад» [4].

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки рушд ва инкишофи сармояи инсонӣ пойдевори асосии иқтисоди иттилоотӣ-инноватсионӣ буда, имконоти васеи амалисозии эҷоду кашфиёт ва тавонмандиву ҳунарҳои нотакрори инсониро доро мебошад. Аз ҷониби дигар, иқтисоди инноватсионӣ низ худ муҳити созандаи касбиву ҳунарӣ, имконоти васеи амалисозии истеъдоду тавонмандии касбиву ҳунарии ташаккулёбии сармояи инсонӣ мебошад. Яъне, ин ду равиши ташаккулёбӣ бо ҳам алоқамандии ногусастанӣ дошта, ҳам рушди сармояи инсонӣ ва ҳам рушду афзояндагӣ ва идоракунии иқтисодиёти замони муосирро таъмин сохта, асоси рушди иқтисоди муосир дар асри XXI ба ҳисоб меравaнд.

Ҳодиев Д.А., низ оиди ин мафҳум чунин ақида доранд: «Сармояи инсонӣ – ин муҳтавои дониш ва қобилияти эҷодӣ, инчунин малакаҳо ва қобилиятҳо, сатҳи саломатӣ, сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути сармоягузориҳо дар соҳаи маориф, омӯзиши касбӣ ва техникӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳоҷират ва таълими кӯдакон ҷамъ оварда шуда, бо мақсади даромад дар оянда фаҳмида мешавад» [22].

Аз нуқтаи назари муаллиф, барои он ки дар оянда шахс даромади хуб ба даст орад, бояд дорои дониши баланди касбӣ, дараҷаи хуби саломатӣ, сифатҳои баланди инсонӣ ва қобилияти эҷодӣ буда, дар шароити навини иқтисодӣ, ки ин шароитҳоро талаботҳои зудтағйирёбанди истеъмолкунандагон дигаргун менамоянд, тавонад мувофиқ ба хоҳиши онҳо фаъолияти пурсамар дошта бошанд.

Давлатов С.Н., низ оид ба ин мафҳум чунин ақида дорад: «Сармояи инсонӣ - ин маҷмӯи қобилиятҳои модарзодӣ, ҷамъи донишҳои азхудкардашуда, дороии саломатию зиндагии дараҷаи олӣ, таҷрибаи баланди касбӣ, ҳавасмандии зиёд ба фаъолият ва зеҳнияти хуби масъулиятшиносӣ барои мақсадгузориҳои муфид ва ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад» [5].

Бояд қайд кард, ки ташаккул ва инкишофи назарияи сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёти муосир аз раванди азхудкунии донишҳои навин ва ақидаҳои илмии вобастабуда мебошад, ки ҷавобгӯйи талаботи имрӯзаи ҷомеа аст. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ва рушди ҷаҳонии бозори меҳнат, яку якбора зиёдшавии талаботҳои инноватсионии истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, инсонҳоро водор ба он намуда истодааст, ки беҳтарин мутахассисонро омода намуда, рақобатро дар ин шароит ба даст оваранд. Яъне, одамони фаъолу тавонманд, ки дониши касбиву ҳунариашон ҳамчун захира ва омили асосии рушди ояндаи ширкат, муассиса ва ташкилотҳо гаштаанд, метавонанд зиндагии хубу осоишта дошта бошанд. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиш, донистану эҳтироми истеъдодҳои баланди ақлонию зеҳнӣ ва истифодаи дурусти мақсадноки он яке аз вазифаҳои муҳимми имрӯзаи рушди иқтисоди кишварҳо ва, ҳатто, таъмини бехатарии сиёсӣ ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии замони муосир гаштааст.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ аз рушд ва инкишофёбии унсурҳои асосии он вобаста аст. Яъне, ҳамон вақт сармояи инсониро рушд ва инкишофёфта гуфтан мумкин аст, ки унсурҳои асосии он ҷавобгӯ ба меъёрҳои ҷаҳонии инкишофёбӣ буда, барои истеҳсоли беҳтарин молу маҳсулоти ниёзи мардум ҷавобгӯ бошанд. Чуноне ки олимони рус Хрипнова М.Л. ва Соболева Е.Н. мефармоянд: «Зери мафҳуми сармояи инсонӣ - андухти донишҳои касбӣ ва навоварӣ, истеъдодҳои модарзодӣ (табиӣ), иқтидори соҳибкорӣ, ҳавасмандӣ, қувва ва саломатии инсонҳо фаҳмида шуда, дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ истифода бурда мешаванд» [23].

Оғози ташаккули назарияи сармояи инсонӣ дар асарҳои илмии намояндагони мактаби классикӣ, А.Смит, В.Петти, Д.Рикардо оварда шудааст. Онҳо зарурияти муайян кардани хислатҳои инсон ва қобилияти меҳнатии онро нисбат ба меҳнат ва таҳсилот, ки дар баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ва афзудани даромаднокии сарвати давлат зоҳир мегардад, ба миён гузоштаанд.

Олими иқтисоддон В. Петти аввалин шуда дар асари худ «Арифметикаи сиёсӣ» дар бораи сармояи инсонӣ ёдовар шуда, мафҳуми «қувваҳои инсонии амалкунанда»-ро ба муомилоти илмӣ ворид намуда, категорияи «сармояи инсонӣ»-ро таҳқиқ намудааст [15]. В. Петти дар асарҳои худ ин категорияи иқтисодиро ҳамчун сарчашмаи афзоиши сарвати миллӣ ифода кардааст.

Адам Смит омӯзиши сармояи инсониро идома дода, дар робита ба дигар омилҳои истеҳсолот ба қобилиятҳои инсон низ нақши асосиро додааст. Ин олим қайд кардааст, ки «баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, пеш аз ҳама, ба маҳорат ва итеъдоди коргар, дар ҳолате, ки ҷои кории коргар бо беҳтарин техникаю технологияҳои муҷаҳҳаз гардонида шуда бошад», вобаста аст [16]. А.Смит инчунин чунин ақида дорад, ки хароҷот барои маълумотнокӣ ва тандурустӣ маблағгузорӣ ба рушди қобилиятҳои ояндаи шахсоне мебошанд, ки даромад ба даст меоранд. Ӯ дар асари худ «Тадқиқот дар бораи моҳият ва сабабҳои сарвати халқҳо» қайд кардааст, ки «дар истеҳсоли машина ҳаҷми вақти кори он муайян карда мешавад, маблағи ба он сарфшуда чӣ тавр баргардонда мешавад ва чӣ фоида меорад маълум аст ва шахсе, ки касбу ҳунарро омӯхтааст, агар меҳнаташ бо ин дастгоҳ муқоиса карда шавад, пас маълум мешавад, ки илмомӯзӣ нисбати меҳнаташ тамоми он хароҷотҳояшро бо фоидаи зиёд иваз мекунад» [16]. Дар асоси ин гуфтаҳо А.Смит ба хулосае меояд, ки байни музди кори коргарони ихтисоснок (маълумотдор) ва коргарони оддӣ бояд тафовут вуҷуд дошта бошад. Ин ақидаи А.Смит асоси назарияи сармояи инсониро дар бар мегирад.

Д.Риккардо зарурати тарбияро, ки аз ҳар як инсон талаб карда мешавад, шарҳу эзоҳ медиҳад, инчунин нақши ҷомеаи маълумотдорро дар рушди равандҳои иқтисодии давлат таъкид мекунад [1].

Баъдтар тадқиқоти илмии асосгузорони назарияи сармояи инсонӣ ҳамчун омили тараққиёти иқтисодии ҷамъият аз тарафи олими иқтисоддон К.Маркс пешбарӣ карда шуд, Ӯ «қувваи кориро маҷмуи муайяни қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавии кормандоне, ки дар ҷараёнҳои истеҳсолот истифода мешаванд, медонист» [1]. К.Маркс инчунин аҳаммияти сармоягузориҳоро дар ташаккули қувваи коргарӣ асоснок карда, инсонро сармояи асосии ҷамъият медонист.

А.Маршалл низ ин мафҳумро риоя намуда, категорияи «сармояи инсонӣ»-ро ба муомилоти илмӣ ворид намуд, ки маънои инсонро бо қобилияти ҷисмонӣ, қувва, таҷриба ва малакаи худ, ки ҳосилнокии меҳнатро баланд мебардорад, ифода мекунад [13]. Аммо А.Маршалл назарияи сармояи инсониро ҳамчун назарияи асосии муносибатҳои иқтисодӣ қабул надошт.

Иқтисодшиноси шветсиягӣ Л.Волрас, асосгузори назарияи фоидаи ниҳоӣ ва таҳқиқи хароҷоти истеҳсолӣ, нақши меҳнати зиндаро дар ташаккул ва рушди истеҳсолот ошкор намуд [28].

Олимон ба монанди Ҷ.С. Милл, Ф. Лист, чунин ақида доранд, ки сармояи инсониро барои тамоми инсонҳо бояд ба назар гирифт ва он қобилияти меҳнатии инсонҳо дониста мешавад, ба монандӣ: маълумот, тахассус, малака ва ғайра. Ба ақидаи ин олимон баъзе қобилиятҳо модарзодӣ (табиӣт) буда, қисми дигарашон дар ҷараёни фаъолиятҳои инсон пайдо ва рушду ташаккул меёбанд.

Олими иқтисоддон Ф.Лист чунин мешуморид, ки «дараҷаи некуаҳволии халқ на ба миқдори аҳолӣ, балки ба қувваҳои истеҳсолкунанда, ки ин сармояро ба вуҷуд меоранд, вобаста аст» [18]. Яъне, аҳолӣ ҳарчи қадар рушду инкишофёфта бошад, қувваи асосии рушду инкишофёбии иқтисодиёт дониста мешавад.

Оғози назарияи муосири сармояи инсониро олимони ИМА, барандагони ҷоизаи Нобел - Т.Шултс ва Г.Беккер, ки мутаносибан дар солҳои 1991 ва 1992 мебошанд, гузоштаанд. Таърифи асосӣ ва аввалиндараҷаи ба сармояи инсонӣ додашуда ба Т.Шултс таааллуқ дорад, ки дар мақолаҳои илмии ӯ бо номи «Ташаккули сармояи маълумотгирӣ» [29], «Назарияи сармояи инсонӣ» [30] ва «Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ» (1960) оварда шудааст.

Т.Шултс дар таҳқиқоти худ тавсифи васеи сармояи инсониро чунин пешниҳод кардааст: «сармояи инсонӣ - маҷмӯи сифатҳои асосӣ ва муфидтарини инсонӣ, ки ба шахсони алоҳида хос аст, фаҳмида мешавад» [30].

Ин олим дар мақолаи илмии худ «Маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ» чунин қайд менамояд: «Консепсияи маблағгузорӣ ба мавҷудияти воситаҳое, ки воқеан вуҷуд доранд, асос ёфта, моликияти иқтисодии хизматрасонии оянда ба ҳисоб рафта, арзиши муайяни худро дорад. Фаҳмиши сармоя ҳамчун воситае, ки хидматрасониҳоиояндаро фароҳам меорад, ба мо имкон медиҳад, ки бо як мақсади муайян онро ба гурӯҳҳо тақсим намоем: сармоягузориҳои инсонӣ ва ғайриинсонӣ» [29].

Г.Беккер дар асари худ «Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ» (1962) назарияи сармояи инсониро таҳия намуда, қайд мекунад, ки «сармояи инсонӣ аз ҳисоби маблағгузорӣ ба маориф ва рушду инкишофи инсон ташаккул меёбад, ки дар он самтҳои асосии сармоягузорӣ, нигаҳдории тандурустӣ, маълумотгирӣ, ҷустуҷӯи маълумот дар бораи нархҳои бозорӣ, талабот ва даромад, таълими истеҳсолӣ ва муҳоҷират» мебошанд [25]. Тадқиқоти дигари Г.Беккер – «Сармояи инсонӣ: таҳлили назариявӣ ва эмпирикӣ» (1964) [26] назарияи классикии сармояи инсонӣ ва асоси тадқиқоти минбаъдаи ин олим мебошад. Г.Беккер сармояи инсониро якҷоя бо барандаи он – корманд дида баромадааст, ки ба воситаи он пойдевори дониши корманди алоҳидаро нишон медиҳад, ки тавассути истифодаи он дар раванди меҳнат даромади нав ба вуҷуд меорад [2].

Дар асоси таҳқиқотҳои чандинсола олими соҳаи иқтисод Л. Туроу оид ба назарияи сармояи инсонӣ ба чунин хулоса омад, ки: «Сармояи инсонӣ имкониятдиҳандаи одамон баҳри баландбардории иқтидори истеҳсолӣ, идоранамоии самараноки он ва хизматрасониҳои онҳо фаҳмида мешавад» [19]. Мувофиқ ба ин гуфтаҳо, мутахассиси соҳибкасб метавонад, ки истеҳсолотро хуб идора кунад ва дар баробари ин беҳтарин хизматрасониҳоро барои аҳолӣ пешниҳод намояд. Дар баробари ин гуфтаҳо ин олими машҳури соҳаи иқтисод қайд менамояд, ки: «Соҳиби сармояи инсонӣ – ин соҳиби моликияти инсонӣ ба ҳисоб меравад. Имкониятҳои табиӣ, муҳити ишғолнамуда ва қобилиятнокии инсон ҳамчун омил ба ташаккул ва рушд намудани маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ хизмат мерасонад» [31].

Ташаббуси чандинсолаи таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ оид ба назарияи сармояи инсонӣ ва идоранамоии самаранокии он боис бар он гашт, ки дар соҳаи илм бахши алоҳида барои рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ пайдо гардад ва дар бисёр донишгоҳу донишкадаҳо барномаҳои стратегӣ мавриди омӯзиш қарор гирад. Чунин таваҷҷуҳ боиси он гашт, ки зерқисматҳои ин бахши муҳимми ҷамъиятӣ пайдо гардад, ба монанди: иқтисодиёти маориф, иқтисодиёти донишҳо, иқтисодиёти зеҳнҳо, иқтисодиёти мустақили фардӣ, иқтисодиёти рақамӣ ва дигар бахшҳои ин мафҳум.

Гарчанде оид ба мафҳуми «сармояи инсонӣ» то имрӯз баҳсҳо идома доранд, баъзеҳо ҷамъи сармоягузориеро меноманд, ки барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии истеъдодиву хунарии одамон сарф карда шудааст. Баъзе аз иқтисодшиносон сармояи инсониро ҳамчун омили интенсивии истеҳсолии рушди иқтисодӣ, рушди ҷомеа, оила, корхона ва давлат меноманд. Сармояи инсонӣ дар худ маълумоти касбӣ, нерӯи зеҳнии эҷодӣ, кашфиётӣ ва шоистагии ҳунари доштаро дар бар гирифта, дар муҳити фаъолиятҳои касбию ҳунарӣ барои таъмини вазифавии ҳар як шахсият имконият фароҳам мееоранд.

Аз рӯйи ақидаи иқтисодшиноси рус Корчагин Ю.А.: **«**Сармояи инсонӣ – омили асосии ташаккул ва рушди инноватсионии иқтисодӣ ва иқтисоди донишҳо буда, ҳамчун таъминкунандаи зинаи дигари олии рушди ҷомеаи инсонии навин баромад мекунад**»** [11]**.**

Мувофиқи ақидаи донишманд С. Фишер**:** **«**Сармояи инсонӣ ин андозае мебошад, ки вуҷуди одамонро фаро гирифта, даромад меорад. Сармояи инсонӣ дар худ истеъдоду қобилиятҳои модарзодӣ ва донишу маҳорате дорад, ки дар вақти зиндагонӣ ҳар як инсон онро дар худ пайдо месозад**»** [24]**.**

Ба ақидаи Э. Денисон: «Омили асосии баландбардории ҳосилнокии меҳнати ҳар як корманд ин дараҷаи маълумотнокии ӯ буда, онро ҳамчун қисми таркибии сармояи инсонӣ бояд шинохт» [10].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки сармояи инсонӣ ба яке аз категорияҳои муҳимми иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ табдил ёфта, имрӯзҳо донишмандон онро ҳамчун сармояи фардӣ, сармояи инсонии ширкатҳо ва ҳатто миллату давлатҳо ҷудо менамоянд.

Дар адабиёти илмӣ истилоҳи «сармояи инсонӣ» аз ду нуқтаи назар маҳдуд ва васеъ омӯхта ва пешниҳод шудааст. Аз нуқтаи назари маҳдудият, сармояи инсонӣ дар сатҳи

маориф дониста мешавад [3]. Ба маънои дигараш онро инсон низ меноманд, зеро дониши бадастоварда (бо характери умумии таълимӣ) ҷузъи инсон мегардад ва сармоя, ки ба ин мафҳум ҳамроҳ карда мешавад, дарку фаҳмиши дигар аст, зеро он манбаи даромад ё даромади ояндаро ифода мекунад. Аз нуқтаи назари васеъ, сармояи инсонӣ тавассути сармоягузорӣ ба одамон тавассути хароҷоти таълим ва тарбияи қувваи корӣ дар корхона, муҳоҷират, ҳифзи саломатӣ ва ҷустуҷӯи маълумот дар бораи даромад ба вуҷуд меояд.

Дар рушди равандҳои инноватсионӣ қобилиятҳои эҷодӣ, сармояи зеҳнии инсон, қобилияти ҳалли мушкилот бо роҳи ғайримуқаррарӣ нақши муҳим мебозанд. Ин дониши васеъ, системаи самараноки иттилоотӣ, ҳамкории инноватсионии субъектҳои хоҷагидориро талаб мекунад. Дар ин сурат қобилияти инсонӣ сармояи асосии корхона дониста мешавад. Чуноне, ки олим Иванов Н., қайд менамоянд, дар фаъолияти созанда, инноватсионии хуб ташкил кардашуда мақсади асосии сармояи инсонӣ зоҳир гардида, дастгирии инструменталии он дар шакли таҷҳизот, бино ва иншооти таъминоти моддӣ шароити меҳнатро ташкил медиҳад [7].

Тавре ки зикр гардид, қариб ҳамаи олимон нақши ҳалкунандаи сармояи инсонӣ, махсусан сармояи зеҳниро эътироф мекунанд. Маҳсулоти зеҳнӣ метавонад дар васоити моддӣ ба таври аёнӣ пешниҳод карда шавад, ки ҳамчун моликияти зеҳнӣ ба расмият даровардa шуда, дар муомилоти тиҷоратӣ (сармоягузорӣ ба сармоя, хариду фурӯши иҷозатномаҳо ва ғайра) истифода мешавад. Сармояи зеҳнӣ аз ҳама бештар таҳқиқшуда ва ба дастгирии методологӣ ва истифодаи самарабахш овардашуда мебошад, ки имкон медиҳад натиҷаҳои бадастомада барои таҳлили дигар намудҳои сармояи инсонӣ истифода шавад. Як қатор олимон пешниҳод мекунанд, ки намудҳои сармояи инсонӣ бо истифода аз захираҳои вақти инсонӣ ҷудо карда шаванд. Л.Туроу кайд мекунад, ки «захираи вақти инсон як базаи захираҳоест, ки дороии асосии сармояи инсонист ва имкон медиҳад, ки боқимондаи дороиҳои онро ба даст оред» [17]. Он умри инсонро, ки дороии маҳдудият аст, ба назар мегирад. Чунончи олими иқтисоддон М. Критский дар таълифоти худ истифодаи се намуди сармояи инсониро пешниҳод мекунад: истеҳсолӣ, истеъмолӣ ва зеҳнӣ [12].

Дар шароити муосир, дар як қатор кишварҳои сусттараққикарда ва кишварҳои рӯ ба рушд ақибмонии назарраси технологӣ мушоҳида карда мешавад, ки ин дар роҳи рушди иқтисодии давлатҳо монеаҳои технологӣ ба вуҷуд меорад. Техналогияҳои муосирро зеҳнҳои пурқувват метавонанд кашфу ихтироъ намоянд. Яъне, дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ сармояи инсонӣ торафт муҳим ва муҳимтар мегардад. Ин далел аз он иборат аст, ки барои рафъи монеаҳои технологӣ дар роҳи рушд сатҳи баланди рушди сармояи инсонӣ зарур аст ва ин бевосита аз сифати таҳсилоти муосир ва сатҳи рушди институтҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ки онро таъмин мекунанд, вобаста аст, инчунин он механизмҳое, ки вазъи маориф ва талаботи иҷтимоии онро муайян мекунанд.

Дар робита ба ин гуфтаҳо, олимон А.А. Федченко ва С.М. Полухина чунин мефармоянд: «Омилҳои калидии воридшавӣ ба иқтисодиёти навин, ин маблағгузорӣ ба инсон дониста мешавад. Барои ба даст овардани натиҷаи хуб дар бахши инкишофдиҳии сармояи инсонӣ, мо бояд таваҷҷуҳи асосиро барои омоданамоии кадрҳои соҳибтахассус бо ёрии технологияҳои муосир равона созем» [21].

Болоравии нақши сармояи инсонӣ дар идоранамоии иқтисодиёти муосир чорабиниҳои ҳамаҷонибаи давлатро нисбат ба сиёсати кадрӣ дигар намуда, ҳамагуна чорабиниҳоро дигаргун менамояд. Ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир аз воситаҳо ва усулҳои инкишофёбии сармояи инсонӣ сарчашма мегирад, ки асоси ин рушду ташаккулёбиро талаботи инноватсионии иқтисодиёт ташкил медиҳад.

Яке аз омилҳои асосии инкишофёбии иқтисодиёти муосир дар шароити автоматикунонии истеҳсолот – ин фаъолнамоии эҷодкории коргарон шуморида мешавад. Донишмандон чунин андеша доранд: «Барои он, ки дар шароити имрӯза мувофиқ ба талаботи навини бозори меҳнат беҳтарин мутахассисонро омода намоем, пеш аз ҳама, онҳоро мувофиқ ба талаботи иқтисодиёти имрӯза, бояд омода намуд» [9]. Мувофиқи ақидаи ин олимон нақши асосиро дар инкишоф, пешрафт ва идоранамоии иқтисодиёти имрӯза бахусус сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ иҷро менамоянд. Яъне, такмили

дониш, малака ва маҳорати онҳо мувофиқ ба талаботи имрӯзаи иқтисодиёт бояд нигаронида шуда бошад.

Сиёсати кадрии имрӯза ба самаранокии қувваи корӣ, баланбардории ҳосилнокии меҳнат бо роҳи муҳайё намудани шароитҳои баланди меҳнатӣ, беҳшавии муносибатҳо дар ташкилот байни субъектони он бояд ба роҳ монда шавад.

Д.Белл, асосгузори назарияи иқтисоди иттилоотӣ дар асари худ «Оғози ҷомеаи постиндустриалӣ» (1973) рушди инноватсионии ҷомеаро бо тағйироти се бахш: сиёсӣ, техникӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ алоқаманд кардааст [27]. Асоси равиши методологӣ дар тадқиқоти Д.Белл аз он иборат аст, ки ӯ ҷомеаи имрӯзаро дар баробари истифодаи технологияҳо ва донишҳои муосир баррасӣ мекунад. Ба андешаи шахсии ӯ, хусусиятҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ инҳоянд: маҳорати баланди кадрҳо ва сатҳи баланди маълумот, зеро дар байни аҳолии шуғлманд, қисми кормандони баландихтисос, ки маҳсулоти инноватсионӣ эҷод мекунанд, бартарӣ доранд.

Идеяҳое, ки дар назарияи сармояи инсонӣ ҷой гирифтаанд, ба сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии бисёр давлатҳо таъсири калон расонданд. Ба шарофати ин назария муносибат ба сармоягузорӣ ба рушди қобилиятҳои инсон, ки аз рӯи табиати худ натиҷаҳои дарозмуддат медиҳанд, тағйир ёфт.

Муносибатҳои муосир ба нақши инноватсия дар рушди иқтисодиёти давлатҳои гуногун аз он иборат аст, ки инноватсияҳо дар иқтисодиёти дониш на танҳо аз омезиши нав дар истифодаи захираҳо ва кашфиётҳои охирини илмӣ, балки аз ҷараёни инноватсияҳо иттилоот ва донише, ки дар натиҷаи рушди илм ва технологияҳои илмталаб ба вуҷуд омадааст, асос ёфтаанд.

Дар ин маврид, вақте ки дар фаъолияти корхонаю ташкилотҳо меҳнат бо дониш иваз карда мешавад, вазифаи асосӣ таъсис ва паҳн намудани иттилооте мегардад, ки барои рушди сармояи инсонӣ истифода мешавад [20].

«Иқтисоди дониш» нуқтаи назари худро аз худи истеҳсолот ба фаъолияти инноватсионӣ мегузаронад, вақте ки рушди устувори иқтисодӣ на аз ҳисоби афзоиши истеҳсолот, балки бо тағйир додани сифат ва сохтори ин маҳсулот, инчунин баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот таъмин карда мешавад. Раванди технологии инноватсионӣ боиси тағйироти худи сохтори меҳнати баландихтисос, усулҳо ва шаклҳои идоракунии истеҳсолот мегардад.

Қисмати инноватсионии сармояи инсонӣ бо ҳиссаи он дар тамоми қобилиятҳои коргароне, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, муайян карда мешавад. Барои эҷоди ин қисми сармояи инсонӣ нисбат ба қисмҳои дигари он маблағи бештари сармоягузорӣ лозим аст, зеро барои сифати таҳсилот ва ҳаракати ин коргарон хароҷоти зиёд лозим аст. Дар айни замон дигар маблаггузорихо ба сармояи инсонӣ, ба монанди хароҷот барои нигаҳдории соҳаҳои тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра бо хароҷот барои дигар коргарон муқоиса карда мешаванд.

Мувофиқи ақидаи мутахассисони Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд: баланд шудани сатҳи миёнаи таҳсилоти ҷомеа дар давоми як сол 1,7% афзоиши шуғл ва 5,0% маҳсулнокии меҳнат дида мешавад [6].

Дар охир ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки дар иқтисодиёти муосир як занҷири мантиқӣ вуҷуд дорад: қувваи корӣ - таҳсилот - захираҳои меҳнатӣ - захираҳои инсонӣ - сармояи инсонӣ - тадқиқот - рушди инноватсия. Ин мантиқ вазифаи навбатии маорифро муайян мекунад, ки таълим ба талаботи самтҳои инноватсионии рушди иқтисодиёти муосир ҷавобгӯ бошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Ҳодиев Д.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Антология экономической классики. Т. 1. -М., 1993.
2. Беккер Г. Экономический взгляд на жизнь. Лекция лауреата Нобелевской премии в области экономических наук за 1992 г. / Г. Беккер // Вестник С.-Петербургского университета. - 1993. -Серия 5. -Вып. 3.
3. Быченко Ю.Г. Важнейший показатель человеческого капитала / Ю.Г. Быченко // Человеческие ресурсы. – 2001. -№3.
4. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ / Т.Б. Ғаниев. –Душанбе: Ирфон, 2017. -166 с.

5. Давлатов С.Н. Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): дисс. ... номз. илм. иқт: 08.00.10 / С.Н. Давлатов. -Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. -130 с.
6. Доклад «О состоянии делового климата в России в 2014 году» // Российский союз промышленников и предпринимателей: инф. портал. [Электронный ресурс] URL: http://media.rspp.ru/ document/1/a/e/aeef84d30097f6e457871ae 66f34ab7f.pdf (дата обращения: 16.12.2022).
7. Иванов Н. Человеческий потенциал и глобализация / Н. Иванов // Мировая экономика и международные отношения. – 2004. -№9. -С.25-41.
8. Иванцевич Д.М. Человеческие ресурсы управления: Основы управления персоналом / Д.М. Иванцевич, А.А. Лобанов. -М.: Дело, 1993. -С.52.
9. Кендрик Д. Совокупный капитал США и его формирование / Д. Кендрик. -М.: Прогресс, 1978. -275 с.
10. Клочков В.В. Человеческий капитал и его развитие. В книге: Экономическая теория. Трансформирующая экономика / В.В. Клочков; под ред. Николаевой И.П. -М.: Юнити, 2004. -417 с.
11. Корчагин Ю.А. Широкое понятие человеческого капитала / Корчагин Ю.А.. Воронеж: ЦИРЭ. 2005.-С.12.
12. Критский М.М. Человеческий капитал / М.М. Критский. -Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1991.
13. Маршалл А. Принципы политической экономии / А. Маршалл. -М.: Прогресс, 1993. -Т. 1. -124 с.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj/node/16771.
15. Петти В. Экономические и статистические работы / В. Петти. -М.: Соцэкгиз, 1940. -324 с.
16. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. -М.: Соцэкгиз, 1956. -490 с.
17. Тароу Л. Экономика для всех = Economics Explained / Л. Тароу. -Лондон: Overseas Publications Interchange Ltd, 1991. -339 с.
18. Теория человеческого капитала // Словарь.ru. [Электронный ресурс] URL: http://tfile.ru/forum/viewtopic.php?t=161538.
19. Туроу Л. Будущее капитализма. Как сегодняшние экономические силы формируют завтрашний мир / Л. Тароу. -Новосибирск: Сибирский хронограф, 1999. -432 с.
20. Устинова К.А. Человеческий капитал в инновационной экономике: монография / К.А. Устинова, Е.С. Губанова, Г.В. Леонидова. -Вологда: Институт социально-экономического развития территорий РАН, 2015. -195 с.
21. Федченко А.А. Оценка влияния человеческого капитала на уровень средней заработной платы в регионе / А.А. Федченко, С.М. Полухина // Современные проблемы экономики и менеджмента. Матер. межд. науч. прак. конфер. (г. Воронеж 28. 10. 2016 г.). -Воронеж, 2016. -С.311.
22. Ходиев Д.А. Особенности развития человеческого капитала в условиях переходного периода (на примере Республики Таджикистан): дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Д.А. Ходиев. -Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2011. -С.27.
23. Хрипунова М.Л., Соболева Е.Н. Формирование человеческого капитала предприятия // Энергия молодых - экономике России. [Электронный ресурс] URL: www.lib.tpu.ru/fulltext /c/2012/C23/V1/096.
24. Экономическая теория / С. Фишер, Р. Дорнбуш [и др.]. -М.: ЮНИТИ, 2002. -С.23.
25. Becker G. Investment in human capital: a theoretical analysis / G. Becker // The journal of political economy. – Suplement, 1962.
26. Becker G.S. Human capital: A Theoretical and Empirical Analysis with Special Reference to Education. – Third edition. -Chicago: The University of Chicago Press, 1993.
27. Bell D. The coming of post-industrial society: A venture of social forecasting / D. Bell. -N. Y.: Basic Books, 1973.
28. Etudes economie politi ue appli u, ou Theorie de la production agricole ... Losanne, 1898.
29. Schultz T. Capital Formation by Education / T. Schultz // Journal of Political Economy. – 1960. -Vol. 68.
30. Schultz T. Human Capital in the International Encyclopedia of the Social Sciences / T. Schultz. -N. Y., 1968. -Vol. 6.
31. Thurou L. Jnwestment in Human Capital / L. Thurou. -Belmont, 1970. -C.116-117.

## ТАШАККУЛЁБӢ ВА ИНКИШОФИ САРМОЯИ ИНСОНИИ ТАШКИЛОТҲО ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақолаи мазкур ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонии ташкилотҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт дида шудааст. Ба ақидаи муаллиф, равишҳои навини иҷтимоӣ-иқтисодии инкишофёбӣ аз он далолат медиҳанд, ки зарурияти аз сари нав дида баромадани афзалиятҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи мафҳуми сармоя ба миён омадааст. Чунин зарурият дар таҳаввулоти назарияи сармоя инъикос ёфтааст. Назарияи сармояи инсонӣ ҷараёни сифатии мукамалгардии захираҳои инсониро омӯхта, намунаи беҳтарини онро аз қисматҳои марказии замонавии таҳлилӣ пешниҳод менамояд. Ҳаракатҳои навини ӯ дигаргуниро дар илми иқтисоди меҳнат ба вуҷуд меоварад. Ба монанди: 1) ҷудокунии «сармоя» - қисматҳои маблағгузорӣ дар рафтори корманд; 2) гузариш аз шароитҳои пешина ба шароитҳои навине, ки тамоми давраи фаъолияти кормандро дар бар гирад; 3) вақти инсониро яке аз захираҳои калидии иқтисодӣ донистан. Назарияи сармояи инсонӣ ин муҳтавои дониш ва қобилияти эҷодӣ, инчунин малакаҳо ва қобилиятҳо, сатҳи саломатӣ, сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути сармоягузориҳо дар соҳаи маориф, омӯзиши касбӣ ва техникӣ, ҳифзи саломатӣ дар сатҳи иқтисодиёт дониста шуда, баландшавии сатҳи музди меҳнат, хубшавии шароитҳои корӣ ва дигар шароитҳое, ки ба ин сармоя таъсиргузор мебошад. Инкишофёбии назарияи

сармояи инсонӣ бештар дар даврони неокласикон рушд ва инкишоф ёфтааст, ки дар он вақт иқтисодиёт умуман шакли дигарро дошт. Шароити имрӯза тақозои онро дорад, ки оиди назарияи сармояи инсонӣ вобаста ба тағйиротҳое, ки дар сатҳи иқтисодиёт ба вуҷуд омадаанд, таҷдиди назар карда шавад.

**Калидвожаҳо:** сармояи инсонӣ, назарияи сармояи инсонӣ, ташаккулёбӣ, инкишофёбӣ, иқтисодиёт, иқтисодиёти меҳнат, меҳнат, шароити меҳнат, маълумотнокӣ, дониш, ҳавасмандӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА ОРГАНИЗАЦИЙ В ТЕКУЩИХ УСЛОВИЯХ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается формирование и развитие человеческого капитала организаций в текущих условиях экономики. По мнению автора, новейшие тенденции социально-экономического развития показывают, что назрела необходимость определения новых приоритетов и критериев в трактовке понятия капитала, в котором резюмируются основные черты высокоразвитого современного общества. Такая необходимость наглядно отражается в самой эволюции теории капитала. Теория человеческого капитала изучает процесс качественного совершенствования человеческих ресурсов, образуя один из центральных разделов современного анализа предложения труда. С ее выдвижением связан настоящий переворот в экономике труда. Наибольшее значение имели: 1) выделение "капитальных", инвестиционных аспектов в поведении рыночных агентов; 2) переход от текущих показателей к показателям, охватывающим весь жизненный цикл работников (таким, как пожизненные заработки); 3) признание человеческого времени в качестве ключевого экономического ресурса. Теория человеческого капитала предложила единую аналитическую рамку для объяснения таких, казалось бы, разнопорядковых явлений, как вклад образования в экономический рост, спрос на образовательные и медицинские услуги, возрастная динамика заработков, различия в оплате мужского и женского труда, передача экономического неравенства из поколения в поколение и многое другое. Развитие теории человеческого капитала шло в русле неоклассического направления. В последние десятилетия исходный для неоклассиков принцип оптимизирующего поведения индивидуумов начал распространяться на различные сферы внерыночной деятельности человека. Теорию человеческого капитала можно рассматривать как одно из проявлений этой общей тенденции, получившее название «экономического империализма».

**Ключевые слова:** человеческий капитал, теория человеческого капитала, формирование, развитияе, экономика, экономика труда, труд, условия труда, образование, знания, мотивация.

## THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF HUMAN CAPITAL OF ORGANIZATIONS IN THE CURRENT CONDITIONS OF THE ECONOMY

The article considers the formation and development of human capital of organizations in the current conditions of the economy. According to the author, the latest trends in socio-economic development show that there is a need to determine new priorities and criteria in the interpretation of the concept of capital, in which the main features of a highly developed modern society are summarized. Such a need is clearly reflected in the evolution of the theory of capital. The theory of human capital studies the process of qualitative improvement of human resources, forming one of the central sections of a modern analysis of labor supply. A real revolution in the labor economy is associated with its nomination. Of greatest importance were: 1) the allocation of "capital", investment aspects in the behavior of market agents; 2) the transition from current indicators to indicators covering the entire life cycle of workers (such as lifelong earnings); 3) recognition of human time as a key economic resource. The theory of human capital has proposed a single analytical frame to explain such seemingly differential phenomena as a contribution of education to economic growth, demand for educational and medical services, age dynamics of earnings, differences in paying for male and female labor, transferring economic inequality from generation to generation and generation and generation Much more. The development of the theory of human capital was in line with the neoclassical direction. In recent decades, the initial principle of optimizing behavior of individuals began to apply to various areas of human venue. The theory of human capital can be considered as one of the manifestations of this general trend, called "economic imperialism."

**Keywords:** human capital, theory of human capital, formation, development, economics, labor economics, labor, working conditions, education, knowledge, motivation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Искандаров Ҳофиз Ҳакимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail**: hofiz.iskandarov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Искандаров Хофиз Хакимович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспепкт Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**

**Information about author:** ***Iskandarov Khofiz Khakimovich*** - – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Human Resource Management. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-28-60-05**. E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**

УДК: 341.4(575.3)

# ИМПЛЕМЕНТАЦИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ НОРМ В УГОЛОВНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ

*Хомидов Дж.У.*

**Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава**

Имплементация в международном праве относится к процессу превращения обязательств, принятых в рамках международных договоров, во внутреннее законодательство государств-участников. Этот процесс включает в себя принятие мер со стороны государства для обеспечения выполнения его международных обязательств.

Дар солҳои ҷанг Бюрои маркази маълумотдиҳии КХКД-и ИҶШС аз рӯйи дархосту аризаи шаҳрвандон аз ҳисоби муҳоҷирон 2 миллиону 700 ҳазор нафарро кофта ёфт. Ба замми он, зиёда аз 20 ҳазор бачаҳои гумгашта ба волидонашон баргардонида шуданд [2,с.45].

Дар ин самт дар ҷумҳурӣ низ аз тарафи мизҳои суроғавии бачагона корҳои зиёд ба сомон расонида шуданд. Ба туфайли ғамхорӣ ва диққати мақомоти марбута ва милитсия ҳазорҳо бачаҳо ва ноболиғони дар солҳои ҷанг аз волидонашон ҷудошуда на танҳо наҷот дода шуданд, балки дар муассисаҳои махсуси ҷумҳуриявӣ тарбия гирифтанд ва соҳибкасб гардиданд [17,с.64].

Дар давраи ҷанг як қатор санадҳои ҳуқуқӣ ба тасвиб расиданд, ки ба минбаъд аз ҷиҳати моддӣ беҳтар кардани таъминот, баланд бардоштани сатҳи таваллуд, ҳавасманд гардонидани оилаҳои серфарзанд, ҳимояи иловагии манфиати модарон ва кӯдакон

нигаронида шуда буданд. Ба душвориҳои солҳои ҷанг нигоҳ накарда, барои ҳимояи модарон ва кӯдакон чорабиниҳо гузаронида мешуданд.

Дар асоси фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 10-уми ноябри соли 1944 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба васеъ кардани нуқтаҳои муассисаҳои бачагона ва беҳтар кардани хизмати тиббӣ ва маишии модарону кӯдакон» чораҳои муҳим оид ба тақвияи ҳимояи модарон ва саломатии кӯдакон андешида шуда, таъмини модарони серфарзанд беҳтар гардид ва кумакпулии ҳармоҳа барои модарони танҳо ҷорӣ карда шуд.

Дар давраҳои охири Ҷанги Бузурги Ватанӣ, фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 8-уми июли соли 1944 «Дар бораи баланд бардоштани кумаки давлатӣ ба занҳои ҳомилаю серфарзанд ва модарони танҳо, пурзӯр кардани ҳимояи модарону кӯдакон, барқарор кардани унвони фахрии «Қаҳрамонмодар» ва таъсиси ордени «Шарафи модарӣ» ва «Медали модарӣ» [4] ба тасвиб расид. Дар он як қатор чораҳо барои расонидани ёрӣ ба занҳои ҳомилаю серфарзанд ва танҳо (кумакпулӣ, кӯдакистон, боғчаи бачаҳо, рухсатӣ) пешбинӣ шуд.

Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аҳаммияти муҳимми сиёсӣ дошт ва дуруст дар амал татбиқ кардани он вазифаи муҳимми давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои ҷанг миқдори беморхонаҳои бачагона қариб ду баробар зиёд гашта, миқдори катҳои он 30% афзуда, дараҷаи фавти кӯдакон аллакай дар соли 1945 нисбат ба соли 1941 ду баробар кам шуд [23,с.143]. Шабакаи васеи тиббӣ имконият дод, ки на танҳо ба кӯдакони ҷумҳурӣ, балки ба кӯдакони аз шаҳрҳои наздифронтӣ муҳоҷиршуда низ хизмати тиббӣ расонида шавад.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол оила аз тарафи давлат дастгирӣ ёфта, ноболиғон зери ҳимояи махсуси қонун ва давлат қарор доранд. Дар замони соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" аз 19 апрели соли 2006, "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 8 июни 2007, "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" аз 2 августи соли 2011, "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" аз 19 марти соли 2013" ва ғ. қабул гардиданд.

Санадҳои ҳуқуқии қабул гардида ба татбиқи сиёсати давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқии аъзоёни оила ва ҳуқуқҳои ноболиғон, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд нигаронида шудаанд. Давлат тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳифзи судии онро, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [12] ва санадҳои аз ҷониби умум пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқи инсон дарҷ ёфтаанд, кафолат медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Аз таърихи сохтмони фарҳангӣ дар Тоҷикистон, ДМТ ба номи В.И.Ленин, барориши 1У. -Душанбе, 1973.
2. Биненко С.В. Из истории Советской милиции в годы Великой Отечественной войны / С.В. Биненко. -М., 1967.
3. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 360. – Оп. 11. -Д., 83. -Л. 4.
4. Ведомости Верховного Совета СССР. - 1944. -№60.
5. Великая Отечественная война Советского Союза 1941-1945. Краткая история. Издание второе, исправленное и дополненное. -М., 1970.
6. Законодательные и административно-правовые акты военного времени. -М., 1943.
7. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1998. -№22.
8. Козлов А.Е. Социальное обеспечение в СССР / А.Е. Козлов. -М., 1984.
9. Коммунист Таджикистана. - 1944. - 26 января.
10. Коммунист Таджикистана. - 1944. -19 мая.
11. Коммунист Таджикистана. - 1942. - 8 января.
12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (на таджикском и русском языках). -Душанбе, 2003.
13. Криминология. -М.: Юрид. лит., 1979.
14. Крюков Г.Т. Общеобразовательная школа Таджикской ССР / Г.Т. Крюков. -Душанбе: Ирфон, 1969.
15. Курицын В.М. История отечественного государства и права / В.М. Курицын. -М., 2009.
16. Маҷмуи қонунҳои амалкунандаи РСС Тоҷикистон. Қисми Х1Х. Қонун дар бораи маориф. -Душанбе, 1979.
17. Назаров Н. Милитсияи тоҷик дар солҳои ҶБВ (1941-1945) / Н. Назаров, М. Якубов. -Душанбе, 2005.

18. Пак Н.П. Советы Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945) / Н.П. Пак. -Душанбе: Хумо, 2005.
19. Партийный архив ЦК КП РТ. Ф.36. Оп.1. ед. хр. 329. л. 44.
20. Партийный архив ЦК КП РТ. Ф.3. Оп.4.-ед.хр. 669.-л. 37.
21. Партийный архив ЦПИ РТ. Ф.3. Оп. 55. д. 32. л. 97-109.
22. Сборник законов СССР и Указов Президиума Верховного Совета СССР 1938-1956. -М., 1956.
23. Тоҷикистони Советӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945). -Душанбе, 1975.
24. Хайдаров Г. Х. Годы громовые (1941-1945 гг.). О вкладе согдийцев в Победу в Великой Отечественной войне. -Худжанд: Нури маърифат, 2005.
25. Ҷумҳурият. - 2010. - 8 май.

## РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР САМТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИИ НОБОЛИҒОН ВА МУБОРИЗА БО ҶИНОЯТКОРӢ ДАР СОЛҲОИ ПЕШАЗҶАНГӢ ВА СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941-1945)

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ - ҳимояи ҳуқуқи ноболиғон бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки ҳанӯз то оғози ҷанг якчанд қонуну қарорҳои ҳукуматӣ дар масъалаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои ноболиғон, аз қабили мубориза бо авбошӣ, баланд бардоштани масъулияти волидон, корҳои тарбиявӣ дар мактабҳо, ҷаримаи волидайн нисбати бемасъулиятӣ қабул шуда буданд. Мубориза бо ҷиноятҳои ноболиғон на танҳо бо роҳи пурзӯр намудани ҷазодиҳӣ бурда мешуд, балки чораҳои иҷтимоию иқтисодӣ низ амалӣ карда мешуданд. Масъулияти мақомоти ҳизбию советӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва маориф барои дар муассисаҳои бачагона ҷойгир намудани кӯдакони бепарастор зиёд карда шуд. Дар доираи чорабиниҳои гузаронидаи Ҳукумати Шуравӣ доир ба кӯчонидани кӯдакон аз хатти фронт дар ҷумҳурӣ ба масоили сохтан ва зиёд кардани хонаи бачаҳо диққати ҷиддӣ дода мешуд. Миқдори хонаҳои бачагон дар ҷумҳурӣ, ба душвории давраи ҷанг нигоҳ накарда, зиёд мешуд ва аксарияти кӯдакони аз падару модар маҳрумгашта дар хонаи бачаҳо сарпаноҳ меёфтанд.

**Калидвожаҳо:** қонунгузорӣ, ҳуқуқ, ноболиғон, қонун, масъулият.

## РАЗВИТИЕ ЗАКОНДАТЕЛЬСТВА В НАПРАВЛЕНИИ ЗАЩИТЫ ПРАВ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ И БОРЬБЫ С ПРЕСТУПНОСТЬЮ В ПРЕДВОЕННЫЕ И ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945)

Статья посвящена одной из важных проблем развития законодательства в годы Великой Отечественной войны – защита прав несовершеннолетных. Отмечается, что ещё до начала войны были приняты несколько законов и решений правительства по вопросу борьбы с преступностью несовершеннолетних, в том числе борьбы с беспризорностью, повышения ответственности родителей, воспитательных работ, оштрафование родителей в связи безответственностью. Борьба с преступностью несовершеннолетних велась не только путем усиления наказаний, но и принимались социально-экономические меры. Повышалась ответственность партийных, советских, правоохранительных органов и образования по размещению детей-сирот в детские учреждения и их воспитания. В рамках мероприятий, проводимых Советским правительством по переселению детей с прифронтовой территории серьезное внимание уделялось строительству и расширению детских домов. Несмотря на тяготы военного периода, количество детских домов в республике увеличилось, и большинство детей, оставшихся без родителей, нашли приют в этих учреждениях.

**Ключевые слова:** законодательство, право, несовершеннолетние дети, закон, ответственность.

## DEVELOPMENT OF LEGISLATION IN THE DIRECTION OF PROTECTING THE RIGHTS OF MINORS AND COMBATING CRIME IN THE PRE-WAR AND YEARS OF THE GREAT PATRIOTIC WAR (1941-1945)

The article is devoted to one of the important problems of the development of legislation during the Great Patriotic War - the protection of the rights of minors. It is noted that even before the start of the war, several laws and government decisions were adopted on the issue of combating juvenile delinquency, including the fight against homelessness, increasing the responsibility of parents, educational work, and fining parents due to irresponsibility. The fight against juvenile delinquency was carried out not only by strengthening punishments, but also by taking socio-economic measures. The responsibility of party, Soviet, law enforcement agencies and education in placing orphans in children's institutions and raising them increased. As part of the activities carried out by the Soviet government to resettle children from the front-line territory in the republic, serious attention was paid to the construction and expansion of orphanages. Despite the hardships of the war period, the number of orphanages in the republic increased, and the majority of children left without parents found shelter in these institutions.

**Keywords:** legislation, law, minor children, law, responsibility.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич*** - Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия, сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети 4. **Суроға**:734024, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Мастонгулов, 33
***Муҳаммадӣ Гулрух Изатуллозода -*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯй. **Суроға:** 734067, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мкр.17. E-mail**: izatullomuhammadiev@gmail.com.** Телефон: **(+ 992) 927-70-00-21**

**Сведения об авторах:** ***Мухаммадиев Изатулло Сайфуллоевич*** - Академия МВД Республики Таджикистан,

доктор юридических наук, полковник милиции, начальник кафедры уголовного и процессуального права 4 факультета. **Адрес**734024, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мастонгулов, 33
***Мухаммади Гулрух Изатуллозода*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, соискатель. **Адрес**: 734067, г.Худжанд, Республика Таджикистан, 17 мкр. E-mail**: izatullomuhammadiev@gmail.com.** Телефон: **(+ 992) 927-70-00-21**

**Information about the authors:** ***Muhammadiev Izatullo Saifulloevich*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law, Police Colonel, Head of the Department of Criminal and Procedural Law of the 4th Faculty. **Address**: 734024, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Mastongulov street, 33
***Muhammadi Gulrukh Izatullozoda*** – Khujand State University named after academician B. Gafurov, applicant. **Address**: 734067, Khujand, Republic of Tajikistan, 17 microdistrict. E-mail: **izatullomuhammadiev@gmail.com**. Phone: **(+ 992) 927-70-00-21**

ТДУ: 34(575.3)

# ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ РОЗИГӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

*Рустамзода Шукрона*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ муносибатҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба мухторияти хоҳишу иродаи иштирокдорони он асос ёфтаанд. Мухторияти хоҳишу ирода ба иштиркдорони муносибатҳо имкон медиҳад, ки ба муносибатҳои молумулкӣ озодона ворид шуда, дар заминаи манфиатҳои худ ҳуқуқҳои маданиро ба даст оварда, амалӣ намоянд ва озодона ба муносибатҳои уҳдадорӣ шомил шаванд. Бинобар ин, дар қонунгузории маданӣ ба иродаи субъектон аҳаммияти ҷиддӣ дода, озодона ифода намудани он талаб карда мешавад. Иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ иродаи худро бо тарзҳои мухталиф, ба монанди шифоҳӣ, хаттӣ, сукут, амалҳои рамзӣ ва ғайра ифода менамоянд. Дар ин замина, розигӣ яке аз шаклҳои ифодаи иродаи иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад.

Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мустақилона амалҳои ҳуқуқиро анҷом медиҳанд, яъне бо хоҳиши худ вариантҳои рафторро тарҳрезӣ мекунанд (масалан, тавассути шартномаҳо), ки ин зуҳуроти принсипҳои диспозитивии танзими ҳуқуқӣ мебошад. Дар баробари ин, меъёрҳои алоҳидаи қонунгузории амалкунанда барои иҷрои амали муайяни ҳуқуқӣ гирифтани розигиро талаб менамоянд. Дар қонунгузорӣ ҷорӣ намудани уҳдадории барои гирифтани розигии пешакӣ ё минбаъда барои анҷом додани аҳд аз муқаррар кардани ҳадди иродаи озоди субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ шаҳодат медиҳад. Чунин уҳдадорӣ бо мақсади назорат аз болои баъзе аҳдҳои анҷомдодашуда муқаррар карда мешавад, ки метавонад ба синну сол, вазъи саломатии шахси аҳдкунанда, маҳдуд кардани рақобат ва дигар сабабҳо вобаста бошад.

Розигӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ таърихи тулонии рушд дорад, он аз ҳуқуқи римӣ сарчашма мегирад. Гирифтани розигӣ дар ҳолатҳои гуногун талаб карда мешуд. Аз ҷумла, пешбинӣ карда мешуд, ки барои воқеияти аҳдҳои ноболиғон, ки бо кам кардани молу мулк алоқаманд аст, розигии парасторро талаб кардан лозим аст. Талаботи зикршуда ба занон низ дахл дошт: “Акнун мо бояд бидонем, ки на зан ва на кӯдаки хурдсол бе розигии парастор наметавонанд чизеро бегона кунанд” (Институтсияҳои Гай. Китоби II. 80) [12].

Инчунин, зарурати гирифтани розигии тарафҳо ҳамчун мувофиқаи ирода ҳангоми пайдоиши уҳдадорӣ пешбинӣ карда шуд: “уҳдадорӣ аз рӯйи созишномаи тарафҳо ба вуҷуд меояд, зеро ба сухан ё нома ниёз нест, аммо барои онҳое, ки санади ҳуқуқиро ба мувофиқа мерасонанд, кофӣ аст, ки ба созиш оянд” (Институти Гай. Китоби III. 136).

Меъёрҳо оид ба розигӣ дар Дигестҳои Юстиниан мавҷуд буданд: “ҳадди ақал бо шахси таҳти парасторӣ шартномае, ки дар худ шарт дорад, баста мешуд, парастор бояд иҷозати худро шартӣ надиҳад” (Ульпиан. Дигестҳои Юстиниан. 26.8.8). Илова бар ин, дар сурати бастани ақди никоҳ, ба ғайр аз розигии зарурии домод ва арус, розигии сардвари оила талаб карда мешуд, ба шарте ки онҳое, ки издивоҷ мекарданд, таҳти ҳокимияти ӯ бошанд (аммо, агар сардвари оила розигии худро бе асоси кофӣ рад мекард, ӯро тавассути магистрат маҷбур кардан мумкин буд) [10,с.154].

Қонунгузории амалкунандаи маданӣ ва оилавӣ дар бисёр ҳолатҳо пайдоиш ё рушди муносибатҳои ҳуқуқии дахлдорро бо зарурати гирифтани розигии шахси дар қонун зикршуда вобаста менамояд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун розигии мутақобилаи якчанд шахс, яъне розигии ҳамоҳангшудаи онҳо талаб карда мешавад. Аз ҷумла, ҳангоми пешбурди якҷояи корҳои ширкат аз ҷониби иштирокдорони он барои анҷом додани ҳар як аҳд розигии ҳамаи иштирокдорони ширкат талаб карда мешавад (қисми 2 моддаи 75 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Инчунин, тибқи қисми 1 моддаи 71 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон [6], кироягири манзили истиқоматӣ тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва бо розигии аъзои болиғи оилааш, ки якҷоя бо ӯ истиқомат мекунанд, метавонад сокинони муваққатиро барои муваққатан дар манзили истиқоматии ишғолнамудаашон истиқомат кардан иҷозат диҳад. Чунин ҳолатро Е.А. Суханов асоснок карда, қайд менамояд, ки дар ин ҳолат муносибатҳо ба шартнома оид ба истиқомати

муваққатӣ асос ёфтаанд, ки дар он дархости шахс дар бораи истиқомати муваққатӣ оферта ва розигии кироягиранда ва шахсони бо ӯ истиқоматкунанда (розигии якҷоя) аксепт мебошад [13,с.409].

Розигӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоии инсон буда, дар ҳама робитаҳо ва муносибатҳои воқеияти иҷтимоӣ зоҳир мешавад. Аҳаммияти универсалии ин категория бо он шарҳ дода мешавад, ки инсон доимо амалҳои худро бо меъёрҳои рафтори дар ҷомеа қабулшуда, муқаррароти ахлоқӣ, ақидаҳо дар бораи оқилонагӣ ва мақсаднокии ин ё он намунаи рафтор мувофиқ мекунад. Азбаски розигӣ метавонад дар заминаи муносибатҳои инсонӣ, ки танзими ҳуқуқиро ба даст меоранд, баррасӣ карда мешавад, он дар дастгоҳи категориявии ҳамаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ васеъ паҳн шудааст. Дар ин ҳолат, таҳлили маънои мафҳуми “розигӣ” хеле гуногун аст ва аз соҳаи мавзуи соҳаи мушаххаси таъсири ҳуқуқӣ вобаста аст.

Дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ризоият аҳаммияти зиёд дорад. Ин категория дар қонунгузории амалкунандаи маданӣ хеле маъмул аст, ки тамоми соҳаҳои танзими ҳуқуқи маданиро фаро мегирад. Намудҳои гуногуни розигӣ ба динамикаи муносибатҳои ҳуқуқии ашёӣ, уҳдадорӣ, корпоративӣ ва ҳатто ташкилӣ бевосита таъсир мерасонанд. Қонунгузории маданӣ якбора якчанд падидаҳои мустақили ҳуқуқиро бо истилоҳи “розигӣ” ном мебарад. Масалан, дар Кодекси мадании ҶТ категорияи номбаршуда барои ишора ба қарори якдилона, раванди бастани шартнома, инчунин дар маънои иҷозат, ҷавоби тасдиқкунанда истифода мешавад. Маънии ҳуқуқии розигӣ дар ҳар яке аз арзишҳои номбаршуда гуногун аст ва сазовори таҳқиқоти мустақили илмӣ мебошад. Аммо бо вуҷуди гуногунии навъҳои розигӣ барои ҳуқуқи маданӣ муҳим унсури таркибии факти ҳуқуқӣ (шартнома, қарори якдилона) ё амали мустақили яктарафа мебошад.

Масъалаи такмили қонунгузорӣ дар самти розигӣ муҳим ба ҳисоб меравад, зеро моҳияти падидаи мазкур дар ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ зоҳир мегардад. Вобаста ба ин, дар банди 38 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 [7] қабул шудааст, чунин омадааст: “Дар муомилоти гражданӣ гирифтани розигии шахси дигар (махсусан падару модар ё дигар шахсон) зиёд ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мушаххас доир ба шакл ва тартиби гирифтани чунин розигӣ ва оқибати ҳуқуқии он мушаххас гардад”. Аммо, масъалаи розигӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таври алоҳида танзим нагардида, меъёрҳо доир ба розигӣ дар қисматҳои алоҳидаи Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд.

Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] падидаи розигӣ дар моддаҳои алоҳида танзим нагардида буд ва масъалаҳои вобаста ба розигӣ дар қисматҳои мухталифи он (моддаҳои 28, 31, 36, 38, 84, 300, 544, 691 ва ғайра) танзим гардида буд. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 [5] падидаи розигиро ба таври мушаххастар танзим намудааст. Меъёрҳои Кодекси маданӣ барои самаранок амалӣ шудани манфиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ, хосатан барои амалишавии манфиатҳои иқтисодӣ аҳаммияти калон дошта, ҷиҳати ба таври пурра амалӣ гардидани принсипҳои конститутсионии озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, дахлнопазирии моликият ва дигар қоидаҳои бунёдии конститутсионӣ мусоидат менамояд. Маврид ба зикр аст, ки Кодекси маданӣ дар ҳаёти мамлакат ва пешрафти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ нақши муҳим дорад, зеро он танзимкунандаи муносибатҳое мебошад, ки ҳамарӯза дар ҳаёти шаҳрвандон ва фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ вомехӯранд. Муносибатҳои ҳуқуқии танзимкунандаи қонунгузории маданӣ васеъ, гуногунпаҳлу ва зудинкишофёбанда буда, омӯзиши мунтазами талаботи ҳаёти ҷомеа ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданӣ, таъмини татбиқи илм дар раванди такмили қонунгузории соҳавӣ дар шароити муосири мамлакат муҳим арзёбӣ мегардад.

Кодекси маданӣ аҳди бе розигии дахлдор анҷомдодашударо беътибор эътироф намудааст. Тибқи қисми 1 моддаи 189 Кодекси маданӣ, “аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, агар чунин розигӣ тибқи қонун зарур бошад, баҳснок мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки он беоқибат аст ё барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад,

ҳангоми набудани розигиаш оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад”. Бояд қайд намуд, ки аҳди бе гирифтани чунин розигӣ басташуда баҳснок мебошад, яъне то лаҳзаи аз ҷониби дигар субъектон мавриди баҳс қарор гирифтани он, эътиборнок мебошад.

Равиши ба масъалаи розигӣ ҷудо намудани меъёрҳои алоҳида дар қонунгузории маданӣ дар таҷрибаи баъзе мамлакатҳои хориҷӣ ба назар мерасад. Масалан, дар моддаи 157.1 Кодекси мадании Федератсияи Россия [2] масъалаи розигӣ барои анҷом додани аҳд танзим гардидааст.

Тибқи қоидаи умумӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои мадании ба онҳо тааллуқдоштаро озодона бо хоҳишу иродаи худ амалӣ менамоянд. Қоидаи мазкур аз он бармеояд, ки дар қонунгузории маданӣ (моддаи 3 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) принсипи амалисозии бемонеаи ҳуқуқҳои маданӣ амал менамояд. Тибқи қисми 2, моддаи 3 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, амалӣ менамоянд. Онҳо дар муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ дар асоси шартнома ва муайян намудани шартҳои шартнома, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд, озоданд. Вобаста ба ин, тибқи қоидаи умумӣ барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ розигии ягон субъекти дигар талаб карда намешавад. Танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ барои анҷом додани аҳд ё амалҳои дигари ҳуқуқӣ гирифтани розигӣ талаб карда мешавад, ки ин ҳолат маънои вайрон шудани талаботи принсипи болозикрро надошта, бо мақсадҳои муайян чунин розигӣ муқаррар карда мешавад.

Ба андешаи М.Ю. Зимина, розигӣ бояд ҳамчун амали ҳуқуқии иродавӣ ё беамалӣ (санади мустақили ҳуқуқӣ, ки ба ягон гурӯҳи факти ҳуқуқие, ки ба илми ҳуқуқи маданӣ маълуманд, дохил намешавад) фаҳмида шавад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахси воқеӣ е ҳуқуқӣ, мақоми шахси ҳуқуқӣ ифода ёфтааст ва аз тасдиқи созишнома ё дигар амали ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ иборат аст [3,с.17].

Ба ақидаи М.М. Соҳибзода ва Б.С. Шерзода, розигӣ яке аз падидаҳои ҳуқуқи маданӣ буда, он барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектони ҳуқуқи маданӣ муқаррар гардидааст [13,с.126].

Бо мақсади ташаккули мафҳуми розигӣ аломатҳои тавсифкунандаи зерини онро ҷудо кардан мумкин аст:

1) Розигӣ як факти ҳуқуқӣ мебошад, ки дар якҷоягӣ бо дигар фактҳои ҳуқуқӣ оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад ва баъзан розигӣ факти мустақили ҳуқуқӣ мебошад.

2) Розигӣ аз ҷониби шахсе ифода карда мешавад, ки нисбат ба амали банақшагирифташуда ё содиршуда субъекти беруна мебошад (субъекти ҳуқуқи маданӣ, субъекти мансубияти соҳавии дигар ё мақоми шахси ҳуқуқӣ).

3) Барои амалҳои ҳуқуқии дар оянда содиршаванда ё аллакай содиршуда розигӣ дода намешавад.

Мақсади гирифтани розигӣ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсоне, ки онҳо амалҳои ҳуқуқиро анҷом медиҳанд (масалан, розигӣ барои аҳдҳои ноболиғони 14 то 18-сола), пешгирии поймолшавии ҳуқуқ (масалан, розигии мақомоти васоят ва парасторӣ барои ихтиёрдорӣ намудани молу мулки шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта), таъмини ҳуқуқу манфиатҳои дигар субъектон (масалан, розигии ҳамсар барои бегона намудани молу мулки ғайриманқули якҷоя) ба ҳисоб меравад.

Дар фазои илми ҳуқуқи маданӣ баҳсҳо доир ба таносуби аҳд ва розигӣ вуҷуд доранд. Аҳдҳои ҳуқуқи маданӣ ва розигӣ дорои умумияти зиёд мебошанд. Умумияти аҳд ва розигӣ натиҷаи ифодаи ирода будани онҳо мебошад. Розигӣ амали иродавии субъект аст, бинобар ин, мувофиқат накардани ирода ва ифодаи он метавонад боиси беэътибории розигӣ гардад.

Розигӣ ва аҳд бо асосҳои зерин тафовут доранд:

1) Вобаста ба оқибатҳои ҳуқуқӣ. Аҳд амали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аст, ки боиси пайдоиш, тағйир додан ва қатъ гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ мегардад. Яъне, аҳд бояд оқибати муайяни ҳуқуқиро дар шакли пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъгардии ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ ба вуҷуд орад. Масалан, таҳияи васиятнома боиси қатъ гардидани ҳуқуқҳои мадании васиятгузор ва пайдоиши ҳуқуқҳои мадании меросгир мегардад. Розигӣ бошад, боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ намегардад, яъне мустақилона ҳуқуқу

уҳдадориҳои маданиро ба вуҷуд оварда, тағйир дода ё қатъ карда наметавонад. Масалан, розигӣ барои ба хориҷа рафтани фарзандони ноболиғ ягон ҳуқуқи мадании ноболиғро ба вуҷуд намеорад, зеро тибқи қисми 2 моддаи 252 Кодекси маданӣ “шахси воқеӣ ҳуқуқ ба озодии мусофират, интихоби маҳалли истиқомат, иваз кардани он, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба онро дорад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун”. Яъне, тибқи ин муқаррарот ноболиғ ҳуқуқ ба тарки ҷумҳуриро дорад ва ин ҳуқуқ нисбат ба онҳо дар асоси розигии волидайн ё шахси дигари онҳоро ивазкунанда ба вуҷуд намеояд.

Дар адабиёти илмӣ розигӣ ҳамчун шакли баъзе амалҳои ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад. Ба андешаи М.М. Соҳибов, Ҳ.М. Саидов, Д.Г. Хоҷамуродов ва Ҳ.З. Бобохонов, “ипотека нисбат ба молу мулки аз муомилот гирифташуда, молу мулке, ки мутобиқи қонун ситонидан аз он манъ аст, инчунин молу мулке, ки хусусигардонии он манъ мебошад, иҷозат дода намешавад. Агар предмети ипотека молу мулке бошад, ки барои бегона кардани он розигӣ ё иҷозати дигар шахс ё дигар мақомот талаб карда шавад, барои ипотекаи ин молу мулк низ чунин розигӣ ё иҷозат зарур аст. Нисбат ба молу мулки таҳти моликияти якҷояи умумӣ қарордошта (бе муайян намудани ҳиссаи ҳар як молик ба ҳуқуқи моликият) ипотека метавонад танҳо ҳангоми розигии ҳамаи моликон муқаррар карда шавад. Агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, розигӣ бояд дар шакли хаттӣ дода шавад. Ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он, ки ба ду ва зиёда шахсони воқеӣ барои истифодаи якҷоя (бе ҷудокунии ҳиссаи ҳар як саҳмдор дар қитъаи замини умумӣ) дода шудааст, ҳангоми мавҷудияти розигии хаттии ҳамаи саҳмдорон мумкин аст ба гарав гузошта шавад” [11,с.86-87].

Розигӣ дар аксари мавридҳо ҳамчун факти ҳуқуқӣ барои амалишавии ҳуқуқҳои маданӣ мусоидат менамояд, яъне хусусияти ёрирасон дорад. Дар ҳолатҳои дигар (масалан ҳангоми ихтиёрдорӣ намудани моликияти умумӣ) як субъект ба субъекти дигар, ки дар муносибати ба боварӣ асосёфта қарор доранд, ҳуқуқи аз номи он баромад карданро вобаста ба ҳисса дар моликияти умумӣ (ки номуайян аст) медиҳад. Дар ин ҳолат низ розигӣ барои амалисозии ҳуқуқи маданӣ хусусияти ёрирасон дорад, зеро дар асоси қисми 3 моддаи 325 Кодекси маданӣ, “ҳар як иштирокдори моликияти якҷоя ҳуқуқ дорад оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ, агар дар созишномаи ҳамаи иштирокдорон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, аҳдро анҷом диҳад”.

2) Асоси дигари аҳд набудани розигӣ дар он ифода мегардад, ки аҳд танҳо барои тарафҳои онро анҷомдода ҳуқуқу уҳдадориҳоро ба вуҷуд меорад. Аммо, дар аксарияти ҳолатҳо додани розигӣ барои шахс ягон ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро ба вуҷуд намеорад. Масалан, аз ҷониби молики молу мулки якҷоя додани розигӣ барои бегона намудани молу мулк, барои ҳаммолики розигидода оқибатҳои ҳуқуқии аҳдро ба вуҷуд наоварда, танҳо барои субъекти аҳдро анҷомдода ҳуқуқу уҳдадориҳо пайдо мегардад.

Табиати ҳуқуқии розигӣ ба бастани шартнома то имрӯз мушкилоти маълумро ба миён меорад. Пеш аз ҳама, масъалаи розигии шахсони дахлдор барои анҷом додани аҳд низ созишнома будан баҳснок аст. Ҳамин тавр, А. Е. Тарасова менависад, ки розигии намояндагони қонунӣ шарти муҳимми воқеияти аҳдҳое мебошад, ки ноболиғони аз 14 то 18-сола бастаанд, аммо розигии онҳо амали дуюмдараҷа ва иловагӣ [15,с.105] мебошад. Ба ақидаи муаллифи мазкур розигии падару модар, фарзандхондкунандагон, парастор факти ҳуқуқие мебошад, ки қонун ба он аҳаммияти ҳуқуқии дахлдор медиҳад, яъне розигӣ созишнома нест.

Дар ин масъала В.А. Хохлов мавқеи шабеҳро ишғол мекунад ва мегӯяд, ки розигӣ бояд ҳамчун факти махсуси ҳуқуқӣ арзёбӣ карда шавад, аммо на созишнома [16,с.92]. Д.И. Мейер чунин мешуморид, ки розигӣ ҳамчун як навъи амали ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус дорад ва ба гурӯҳи аҳдҳо тааллуқ надорад [9,с.193].

Л.Г. Кузнетсова, баръакс, розигии намояндагони қонуниро барои бастани созишнома аз ҷониби шахси ноболиғ ба созишномаҳо нисбат медиҳад, зеро онҳо бо ин роҳ ба ноболиғ дар анҷом додани созишнома мусоидат мекунанд [8,с.43].

Дар илми ҳуқуқи маданӣ розигӣ ба таври густарда истифода мегардад, аз рӯ, таснифоти муайяни он ҷой дорад. Чунин намудҳои розигиро дар ҳуқуқи маданӣ ҷудо намудан мумкин аст: 1) розигӣ барои анҷом додани аҳд; 2) розигӣ барои анҷом додани

амалҳои ҳуқуқӣ; 3) розигӣ барои амалисозии ҳуқуқҳои худ ё шахси сеюм ё муқаррар намудани вазъи ҳуқуқӣ.

Розигӣ барои анҷом додани аҳдҳои ҳуқуқи маданӣ намуди розигӣ мебошад, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ дода шуда, ба пуррагардонии ҳуқуқи яке аз тарафҳои аҳд барои анҷом додани аҳди дахлдор равона шудааст.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин розигӣ барои анҷом додани аҳдҳои ҳуқуқи маданӣ пешбинӣ гардидааст:

1) розигии намояндаи қонунӣ барои аҳди ноболиғони 14 то 18-сола (қисми 1 моддаи 27 Кодекси мадании ҶТ);

2) розигии парастор барои анҷом додани аҳд аз ҷониби шахсони қобилияти амаликуниашон маҳдудшуда (қисми 2 моддаи 31 Кодекси мадании ҶТ);

3) розигии пешакии мақомоти васояту парасторӣ барои аҳди ихтиёрдорӣ намудани молу мулки шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта (моддаи 38 Кодекси мадании ҶТ);

4) розигии аъзои ширкати комил барои бастани аҳд (қисми 2 моддаи 75 Кодекси мадании ҶТ);

5) розигии иштирокдорони моликияти умумии якҷоя барои ихтиёрдорӣ намудани молу мулк (қисми 2 моддаи 325 Кодекси мадании ҶТ);

6) розигии гаравгир барои бегона намудани молу мулки ба гарав гузошташуда (қисми 2 моддаи 400 Кодекси мадании ҶТ);

7) ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ.

Чунин ба назар мерасад, ки аз нуқтаи назари намунаи мураккаби сохтории аҳд В.К. Андреев кӯшиш кардааст, ки табиати розигиро барои анҷом додани аҳд шарҳ диҳад. Аз ҷумла, муаллиф менависад, ки "ризоият барои анҷом додани аҳд бояд ҳамчун як қисми аҳд баррасӣ карда шавад, ки барои анҷом додани он розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ е мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ талаб карда мешавад...». Аммо, дар робита ба табиати ҳуқуқии ризоият, муаллиф изҳор медорад, ки “он бевосита ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои аҳди ояндаро ба вуҷуд намеорад, алалхусус шахсе, ки ба анҷом додани аҳд розигӣ медиҳад”. Ва дар ниҳоят ба хулосае меояд, ки “розигӣ барои анҷом додани аҳд худ як аҳд намебошад” [1,с.66-67].

Розигӣ барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ намуди розигӣ аст, ки ба субъектони дигар ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ дода мешавад. Масалан, дар ҳолатҳои зерин дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин намуди розигӣ пешбинӣ шудааст:

1) розигии намояндаи қонунӣ барои эмансипатсия намудани фарзанди ноболиғи ба синни 16-солагӣ расида (моддаи 28 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

2) розигии шахс барои нисбат ба ӯ таъин намудани сарпараст (патрон) (моддаи 42 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

3) розигии мақомоти ваколатдори давлатӣ барои азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ (моддаи 58 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

4) розигии аъзои ширкати комил барои вориси шарики фавтида ба ширкат ворид шудан (моддаи 84 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

5) розигии молик ба корхонаи воҳиди давлатӣ барои таъсис додани корхонаи фаръӣ (қисми 7 моддаи 122 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

6) розигии вакилкунанда барои вогузории ваколат аз тарафи намоянда (қисми 2 моддаи 204 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

Намуди дигари розигӣ розигие мебошад, ки барои амалисозии ҳуқуқҳои мадании шахс ё шахсони дигар зарур аст. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ розигии худи дорандаи ҳуқуқ ё шахсони дигар талаб карда мешавад. Масалан:

1) розигии шахси болиғи дорои қобилияти пурраи амалкунӣ барои нисбати ӯ гузарондани озмоиши тиббӣ, илмӣ ва дигар намуди озмоишҳо (қисми 2 моддаи 233 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

2) розигии шахси воқеӣ барои ифшо намудани сирри ҳаёти хусусии ӯ (қисми 2 моддаи 246 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

3) розигии шахси воқеӣ барои истифодаи тасвири ӯ (моддаи 250 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

4) розигии падару модар ё шахсони дигари ивазкунандаи онҳо нисбат ба шахси воқеии ба синни ҳаждаҳ нарасида барои тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он (қисми 2 моддаи 252 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

5) розигии кредитор ба қарздор барои гузарондани қарз (қисми 1 моддаи 450 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Шарти муҳимми розигии пешакӣ муайян кардани мавзуи аҳд ба ҳисоб меравад. Яъне, дар розигӣ бояд ба таври ҳатмӣ мавзуи он нишон дода шавад, дар ҳолати баръакс он аҳаммияи ҳуқуқӣ надорад.

Риоя накардани гирифтани розигӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ оқибатҳои ҳуқуқии зеринро ба вуҷуд меорад:

– аҳди бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷомдодашуда беэътибор аст (моддаи 189, 192, 193 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– бе розигӣ имкони амалисозии баъзе ҳуқуқҳои маданӣ ғайриимкон аст. Масалан, аз ҷониби ноболиғ амалисозии ҳуқуқ ба тарки ҷумҳурӣ;

– қатъ гардидан ё тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқӣ;

– пайдоиши ҳуқуқи талаб намудани ҷуброни зиён.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун анҷом додани баъзе амалҳои ҳуқуқӣ тавассути пешниҳоди ариза муайян карда шудааст. Масалан, дар ҳолатҳои зерин дар қонунгузории маданӣ ариза истифода гардидааст, ки он аҳди ҳуқуқи маданӣ мебошад:

– ариза дар бораи даст кашидан аз мерос (моддаи 1285 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– ариза дар бораи тағйир додан ва ё бекор намудани шартнома (то бақайдгирии давлатии шартнома ва шартномаҳое, ки ба қайди давлатӣ гирифта намешаванд);

– ариза дар бораи тағйир додан ё бекор кардани васиятномаи қаблан додашуда (моддаи 1265 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– ариза дар бораи иҷрокунандаи васиятнома будан (моддаи 1270 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– ариза дар бораи қабули мерос (моддаи 1282 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳамин тавр, розигӣ ба пуррагардонии қобилияти амаликунии шахс, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектони алоҳида ва амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ равона шудааст. Ҳолатҳое, ки розигӣ талаб карда мешавад, бевосита дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда мешаванд. Агар дар қонунгузорӣ гирифтани розигӣ пешбинӣ шуда бошад, ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ "ариза-розигӣ" номгузорӣ намудани амали субъект, ки ба додани розигӣ равона шудааст, ғайриимкон аст. Пешниҳоди ариза ҳамчун амали дорои аҳаммияти ҳуқуқи маданӣ дар меъёрҳои алоҳидаи Кодекси маданӣ муқаррар гардидааст. Дар ин ҳолатҳо, истифодаи навиштаҷоти тасдиққунандаи тасдиқи аслияти имзо нисбат ба ариза мумкин аст.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ – Мирзозода П.З.**

**АДАБИЁТ**


1. Андреев В.К. Субъективное гражданское право и иные проявления воли и интереса в деятельности юридических лиц / В.К. Андреев // Журнал российского права. - 2018. -№8. -С.58-68.
2. Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 N 51-ФЗ (ред. от 24.07.2023) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.08.2023). [Электронный ресурс]. URL: https://www.consultant.ru. (дата обращения:06.05.2023).
3. Зимина М.Ю. Институт согласия в гражданском праве России: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук / М.Ю. Зимина. -М., 2019. -31 с.
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.11.2023).

5. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2023).
6. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2023).
7. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2023).
8. Кузнецова Л.Г. Гражданско-правовое положение несовершеннолетних / Л.Г. Кузнецова, Я.Н. Шевченко. -М., 1968. -136 с.
9. Мейер Д.И. Русское гражданское право / Д.И. Мейер. -М., 2000. -846 с.
10. Новицкий И.Б. Римское право / И.Б. Новицкий. -М., 2002. -298 с.
11. Ҳуқуқи шартномавӣ / М.М. Соҳибов, Ҳ.М. Саидов, Д.Г. Хоҷамуродов, Ҳ.З. Бобохонов; зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. -Душанбе: Андалеб Р, 2015. -244 с.
12. Памятники римского права: Законы XII таблиц. Институции Гая. Дигесты Юстиниана. [Электронный ресурс]. URL.: http:// www. alleng.ru (дата обращения: 12.12.2023 г.).
13. Российское гражданское право: учебник: в 2 т. Т. 2: Обязательственное право / отв. ред. Е.А. Суханов. -2-е изд. -М., 2011. -958 с.
14. Соҳибзода М.М. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал / Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С.; зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло. -Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. -448 с.
15. Тарасова А.Е. Правосубъектность граждан. Особенности правосубъектности несовершеннолетних, их проявления в гражданских правоотношениях / А.Е. Тарасова. -М., 2008. -263 с.
16. Хохлов В.А. Общие положения об обязательствах: учеб. пособие / В.А. Хохлов. -М., 2015. -288 с.

## ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ РОЗИГӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

Мафҳуми “розигӣ” дар ҳуқуқи муосири маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, манзилӣ, заминӣ, ҷиноятӣ ва мурофиавӣ хеле зиёд истифода мешавад. Тибқи қоидаи умумӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар амалисозии ҳуқуқҳои мадании ба онҳо тааллуқдошта озод мебошанд ва онҳоро бо хоҳишу иродаи озод амалӣ менамоянд. Дар баъзе ҳолатҳо барои амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ розигии дигар субъектон, ба монанди намояндаи қонунӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти шахси ҳуқуқӣ ва дигарон талаб карда мешавад. Дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ истифодаи падидаи розигӣ зиёд ба назар мерасад. Розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳо, пуррагардонии қобилияти амаликунӣ ва дигар мақсадҳо муқаррар гардидааст. Аз ин рӯ, розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти зиёд дорад. Дар ҳуқуқи маданӣ оид ба табиати ҳуқуқии розигӣ нуқтаи назари ягона вуҷуд надошта, андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ назарияҳо оид ба аҳд будани розигӣ, хусусияти ёрирасон доштани аҳд ба дигар фактҳои ҳуқуқӣ ва назарияи мустақилияти розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ амал менамояд. Ҳамзамон, дар адабиёти илмӣ розигӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ, зеринституги ҳуқуқӣ, унсури институти ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Дар доираи мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои вобаста ба табиати ҳуқуқӣ, намудҳо ва аҳаммияти ҳуқуқии розигӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар заминаи қонунгузории амалкунанда табиати ҳуқуқии розигӣ ва аҳдҳою амалҳои ҳуқуқие, ки барои гирифтани розигӣ зарур мебошанд, таҳлил шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи маданӣ, амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, принсипи татбиқи бемонеаи ҳуқуқҳои маданӣ, озодӣ дар амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, розигӣ, аҳд, розигӣ барои анҷом додани аҳд, факти ҳуқуқӣ, амали ҳуқуқӣ, розигӣ барои анҷом додан амалҳои ҳуқуқӣ, намояндаи қонунӣ, шартнома, муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, факти ҳуқуқӣ, табиати ҳуқуқӣ, муносибатҳои молумулкӣ, уҳдадорӣ, муносибатҳои меросӣ.

## ПРАВОВОЙ ХАРАКТЕР СОГЛАСИЯ В ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ

Термин “согласие” очень часто используется в современном гражданском, административном, трудовом, семейном, жилом, земельном, уголовном и процессуальном праве. Как правило, физические и юридические лица свободны в осуществлении принадлежащих им гражданских прав и осуществляют их по желанию и свободной воле. Иногда для осуществления гражданских прав требуется согласие других субъектов, таких как законный представитель, государственные органы, органы юридического лица и другие. В гражданско-правовых отношениях использование феномена согласия очень заметно. Согласие устанавливается в гражданских правах с целью защиты прав и интересов субъектов, полноты дееспособности и иных целей. Поэтому согласие имеет важное значение в гражданских правах. В гражданском праве нет единой точки зрения на правовой характер согласия, существуют разные мнения. В теории гражданского права применяются теории о договорности согласия, о том, что сделка носит вспомогательный характер, к другим правовым фактам относится и теория автономии согласия в гражданском праве. При этом в научной литературе согласие понимается как правовой институт, правовой субинститут, элемент юридического института. В рамках данной статьи автор исследовал вопросы, связанные с правовой природой, видами и юридическим значением согласия в отношениях гражданского права. На основании действующего законодательства анализируется правовой характер согласия, а также юридические сделки и действия, необходимые для получения согласия.

**Ключевые слова:** гражданское право, осуществление гражданских прав, принцип беспрепятственного осуществления гражданских прав, свобода в осуществлении гражданских прав, согласие, сделки, согласие на совершение сделки, юридический факт, правовые действия, согласие на совершение юридических действий, законный представитель, договор, гражданские правоотношения, правовой факт, правовой характер, имущественные отношения, обязательства, наследственные отношения.

**THE LEGAL NATURE OF CONSENT IN CIVIL LAW**

The term “consent" is very often used in modern civil, administrative, labor, family, residential, land, criminal and procedural law. As a rule, individuals and legal entities are free to exercise their civil rights and exercise them at will and free will. Sometimes, the exercise of civil rights requires the consent of other entities, such as a legal representative, government agencies, bodies of a legal entity, and others. In civil law relations, the use of the phenomenon of consent is very noticeable. Consent is established in civil rights in order to protect the rights and interests of subjects, full legal capacity and other purposes. Therefore, consent is important in civil rights. In civil law, there is no single point of view on the legal nature of consent, there are different opinions. In the theory of civil law, theories on the contractual nature of consent, that the transaction is of an auxiliary nature, to other legal facts and the theory of autonomy of consent in civil law are applied. At the same time, in the scientific literature, consent is understood as a legal institution, a legal subinstitute, an element of a legal institution. Within the framework of this article, the author investigated issues related to the legal nature, types and legal significance of consent in civil law relations. Based on the current legislation, the legal nature of consent is analyzed, as well as legal transactions and actions necessary to obtain consent.

**Keywords:** civil law, exercise of civil rights, the principle of unhindered exercise of civil rights, freedom in the exercise of civil rights, consent, transactions, consent to make a transaction, legal fact, legal actions, consent to commit legal actions, legal representative, contract, civil relations, legal act, legal nature, property relations, obligations, inheritance relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рустамзода Шукрона*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900-75-75-70**

**Сведения об авторе:** ***Рустамзода Шукрона*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-75-75-70**

**Information about the author:** ***Rustamzoda Shukrona*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 900-75-75-70**

ТДУ: 347.1

# МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шикориева Л.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти корхонаҳои муштарак мувофиқи меъёрҳои конститутсионӣ, қонунгузории маданӣ (гражданӣ) пешбинӣ карда шудааст. Пеш аз ҳама, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] (КМ ҶТ) шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти хоҷагидорӣ, соҳибкориро ҳамчун ташкилотҳои тиҷоратӣ пешбинӣ карда, кафолати ба амал баровардани фаъолияти гуногуни соҳибкорӣ, иқтисодиро ба танзим даровардааст.

Мувофиқи қонунгузории амалкунанда, соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсоне, ки ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонунҳо ба қайди давлатӣ гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида равона карда шудааст. Дар Кодекси маданӣ меъёрҳои дахлдор нисбат ба фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон (моддаи 24 КМ ҶТ), шахсони ҳуқуқӣ (моддаи 48 КМ ҶТ), ташкилотҳои тиҷоратӣ (моддаи 50 КМ ҶТ), ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ (моддаи 69 – 114 КМ ҶТ) ва ғайра пешбинӣ карда шудаанд. Ҳамаи ин далели он аст, ки оид ба маълум намудани симои соҳибкор, сармоягузор, корхонаҳои муштарак аз рӯйи қонунгузории ҷорӣ ва қоидаҳое, ки нисбат ба фаъолияти он татбиқ карда мешаванд, зарурат ба миён омадааст [12,с.21].

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз санаи 23 декабри соли 2022 чунин таъкид намудаанд: «Дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноатии давлатӣ ва хусусиро, ки аз кор бозмондаанд ё нопурра фаъолият мекунанд, таъмин созанд» [11].

Ҳамин тавр, корхонаҳои муштарак, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ, дар қонунгузории муосири Тоҷикистон аввали солҳои 90 асри XX муқаррар гардида буд. Ба монанди, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», №869 аз 27.12.1993 [7], дар қисми муқаддимавӣ асоснок намуд, ки қонунгузории мазкур муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳимояи ҳуқуқҳо, манфиату амволи иштирокчиёни робитаҳои иқтисодии хориҷиро, сарфи назар аз шакли моликияташон, таъмин менамояд, барои якҷояшавии (интегратсияи) иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо низоми ҷаҳонии иқтисодӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Муқаррароти мазкур дар меъёрҳои қонунгузории амалкунанда мустаҳкам шудаанд.

Аз рӯйи моҳияти худ корхонаи муштарак, дорои хусусияти ҳуқуқӣ мебошад. Хусусияти ҳуқуқии фаъолияти корхонаҳои муштарак соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ буда, чунин намудҳоро, ба монанди сармоягузорӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, амалиёти бонкӣ, асъорӣ, инноватсионӣ, хизматрасонии аудиторӣ ва ғайраро қонунгузорӣ асоснок пешбинӣ карда, аз ҷумлаи ташкил ва рушди корхонаҳои муштарак, ба танзим даровардааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки асосҳои ҳуқуқии корхонаҳои муштарак дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд. Аз моҳияти мафҳуми қонунии “сармоягузории хориҷӣ” равшан мегардад, ки ин давлати хориҷӣ, шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин ташкилоти байналмилалӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории кишвари будубоши

худ сармоягузорӣ менамояд (моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 «Дар бораи сармоягузорӣ» [4]).

Моҳияти ҳуқуқии таъсис додан ва фаъолияти корхонаҳои муштарак дар меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», №846 аз 3 июли соли 2012 [6] пешбинӣ шудааст. Мафҳуми қонунан муқаррар карда шуда "ҳузури тиҷоратӣ" табиати ҳуқуқии ин шакли фаъолияти соҳибкориро ифода менамояд. Яъне, ҳузури тиҷоратӣ – ҳар шакли бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашудаи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти дигари иқтисодии шахси хориҷӣ дар ҳудуди Тоҷикистон, ...аз он ҷумла бо роҳи таъсиси шахси ҳуқуқӣ ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ ё иштирок дар сармояи оинномавии (шариконаи) шахси ҳуқуқӣ (моддаи 1 Қонуни мазкур), мебошад.

Ҳамчунин, дар меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», №944 аз 19 марти соли 2013 [5] асосҳои корхонаҳои муштарак пешбинӣ гардидаанд. Мақомоти қонунгузории кишвар асоснок менамояд, ки сармоягузор метавонад шахси ҳуқуқии Тоҷикистон ва ё давлати хориҷӣ, инчунин иттиҳодияи чунин шахсони ҳуқуқӣ бошад (банди 2 моддаи 4 Қонуни мазкур).

Аз мазмуни сархати 9 банди 1 моддаи 16 Қонун дар бораи созишномаи сармоягузорӣ фаҳмида мешавад, ки корхонаи муштарак дар Тоҷикистон бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ асоси фаъолиятбарӣ доранд. Муқаррар гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии сармоягузореро, ки дар доираи созишномаи сармоягузорӣ фаъолият менамоянд, кафолат медиҳад. Дар созишномаи сармоягузорӣ чунин кафолатҳо мушаххас нишон дода мешаванд: таъсиси озоди шахсони ҳуқуқӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ ва ё дохилӣ барои ҳама гуна мақсадҳои амалигардонии лоиҳаи сармоягузорӣ; ҳуқуқ барои фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ ва амалӣ намудани муносибатҳои содиротию воридотӣ.

Аз таҳлил ва омӯзиши меъёрҳои қонунгузории амалкунанда дар соҳаи рушди фаъолияти сармоягузорӣ, корхонаҳои муштарак ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки татбиқи сиёсати давлатӣ, ҳадафҳои қонунгузории ҷорӣ, пеш аз ҳама, вазифаи мақомотҳои давлатӣ ҳокимияти иҷроия мебошад [13,с.275].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар аз санаи 14 октябри соли 2019 чунин таъкид намуда буданд: "Солҳои охир таъсис додани корхонаҳои истеҳсолӣ бе омӯзиши бозори дохиливу хориҷӣ ва бе хулосаи мутахассисони соҳаи саноат ба роҳ монда шудааст, ки дар натиҷа корхонаҳо молҳои истеҳсолкардаи худро ба фурӯш баровварда натавониста, аз фаъолият бозмемонанд ва ин боиси хароҷоти ғайримақсадноки маблағҳо мегардад.

...Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо ва дигар мақомоти дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки ҳифзи манфиатҳои кишварро дар созишномаҳои сармоягузорӣ, доир ба таъсиси корхонаҳо дар самти истеҳсоли муштарак бо ширкатҳои хориҷӣ таъмин намуда, иҷрои бандҳои дахлдори онҳоро аз ҷониби тарафҳо назорат намоянд" [15].

Бештар аз ин, мақомоти қонунбарори кишвар дар меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» чунин муқаррар намудааст: мақоми ваколатдори давлатӣ ин мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи сармоягузорӣ амалӣ намуда, барои мусоидат, ҷалб ва ҳимояи сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузории хориҷӣ масъул мебошад (сархати 6 моддаи 1 Қонуни мазкур), яъне ҷавобгар аст.

Дар радифи ин қайд кардан зарур аст, ки тибқи Низомномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [11], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри 2006 сол таҳти №590 тасдиқ гардидааст, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия мебошад. Дар доираи салоҳияти худ сиёсати давлатӣ, батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи сармоягузорӣ, тадбирҳои мақсаднок оид ба ҷалб, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги кумаки беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ намуда, манфиати давлатро ҳамчун соҳибмулк намояндагӣ мекунад, фаъолиятро оид ба иҷрои барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ анҷом медиҳад.

Дар асоси ин санад Кумитаи давлатии сармоягузорӣ баҳри ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак ва идоракунии фаъолияти онҳо масъул ва вазифадор мебошад. Дар доираи ваколатҳои худ, мувофиқи Низомномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ, мақомоти давлатии мазкур доираи васеи ваколатҳоро доро мебошад, аз ҷумла:

– таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷиҳати кор бо сармоягузорон;

– идоракунии ҳиссаҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқдошта дар ҷамъиятҳои муштараки бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ таъсисдодашуда ва иштироки бевоситаи намояндаҳои Кумита дар шуроҳои директорон ва маҷлисҳои умумии иштирокчиён;

– ташкили ҳамкориҳои муштараки мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;

– барои идораи ҳиссаи давлатии саҳмияҳо дар ҷамъиятҳои саҳомӣ ва муштарак мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон намояндагонро ба ҳайати шурои директорон ва маҷлиси умумии саҳмдорон таъин намояд ва ғайра.

Ҳамчунин, мувофиқи Низомномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007 таҳти №371 тасдиқ гардидааст, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии ҳокимияти иҷроӣ буда, дар таҳияи сиёсати давлатии рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат иштирок намуда, вазифаҳоро оид ба таҳияву татбиқи сиёсати давлатӣ, батанзимдарории меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши таҳлил ва таҳияи консепсияҳо, стратегияҳои давлатӣ, барномаҳо ва дурнамоиҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, савдо, -паст кардани камбизоатӣ ва барномаҳои давлатии сармоягузорӣ амалӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, оид ба корхонаҳои муштарак бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ ҳамчунин дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2023» [14] муқаррарот мавҷуд аст. Барои ҳалли мушкилиҳои асосӣ дар доираи афзалиятҳои стратегии бахши воқеии иқтисодиёт (БВИ) иҷроиши амалиётҳо аз рӯйи яке аз самтҳо муқаррар гардидааст:

– таъмини шароитҳои ҷолиби андозӣ, танзимӣ ва ҳуқуқӣ барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт;

– бунёди низоми самараноки мусоидат ба амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

– мусоидат ба равандҳои ҳамгироии корхонаҳои БВИ дар асоси фароҳам овардани шароитҳо барои ҳамкориҳои баробарҳуқуқ дар соҳаи технологияҳои баланд тавассути ташкили корхонаҳои муштарак, паркҳои истеҳсолӣ ва вусъат додани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғайраҳо таъмин мегарданд [14,с.73-74].

Аз таҳлил ва омӯзиши меъёри санадҳои ҳуқуқӣ маълум мегардад, ки таъмини рушди фаъолияти корхонаҳои муштарак бидуни иштироки давлат ғайриимкон аст. Ба андешаи мо, мавқеи давлат дар танзим ва таъмини фаъолияти сармоягузорӣ муҳим мебошад. Қонунгузории соҳа ишора менамояд, ки мақомоти ваколатдори давлат мутобиқи Низомномае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, чунин вазифаҳои муҳимро, ба монанди пурзӯр намудани робитаи байни мақомоти ваколатдори давлат ва сармоягузоронро таъмин месозад; иттилоотро дар хусуси имкониятҳои сармоягузорӣ, барномаҳо, лоиҳаҳо ва шароит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда, интишор менамояд; барои беҳбудии фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо таҳия месозад; вазифаҳои дигарро, ки ба пешбурди сармоягузорӣ, дастгирӣ ва ҳимояи сармоягузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, ба амал мебарорад [18,с.211].

Мавқеи мақомоти қонунгузорӣ дар ин самт мувофиқи меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Тибқи муқаррароти моддаи 132 КМ ҶТ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бо иштирокдорони дигари ин муносибатҳо дар асосҳои баробар иштирок менамояд.

Мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон тибқи талаботи қонунгузорӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амалҳои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ ба даст оварда, амалӣ менамоянд.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти такомули қонунгузории амалкунанда дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади беҳтар намудани танзими ҳуқуқии корхонаҳои муштарак дер боз ба миён омадааст. Дар замони имрӯза ба масъалаҳои ҳуқуқии рушди фаъолияти корхонаҳои муштарак бо сармоягузории хориҷӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ба таври зарурӣ диққат дода нашудааст. Ҳарчанд бисёр корхонаҳои муштарак дар ҳудуди Тоҷикистон, дар иқтисодиёти кишварамон фаъолияти соҳибкорӣ пеш бурда истодаанд, лекин аз нуқтаи танзими ҳуқуқӣ ва таъминоти он душвориҳо мавҷуданд.

Нисбат ба масъалаҳои рушди фаъолияти корхонаҳои муштарак дар иқтисодиёти кишвар Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар аз 14.10.2019 чунин қайд намудаанд: “Дар Тоҷикистон якчанд ширкати калон оид ба истихроҷи тилло ва дигар металлҳои қиматбаҳову ранга бо сармояи ватаниву хориҷӣ фаъолият дорад, ки аксари онҳо дар 10 соли охир бо таҷҳизоти муосир ба кор андохта шудаанд.

Моҳи августи соли 2007 Корхонаи муштараки «Зарафшон» аз тарафи Ширкати кӯҳиву саноатии «Зиҷин»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой якҷо бо саҳми Ҳукумати Тоҷикистон таъсис ёфта, ба корхона зиёда аз 4 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ворид карда шуд.

Дар зарфи солҳои 2012-2018 дар кишвар 30 корхонаву коргоҳҳои муштарак бо ҷалби сармояи мустақим дар соҳаи коркарди маъдан ва истихроҷи канданиҳои фоиданок таъсис дода шудаанд, вале ин шумора ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Вобаста ба ин, махсус таъкид месозам, ки манбаъҳои захираи конҳои ангишт дар ҳудуди кишвар нобаробар омӯхта шудаанд.

Масалан, агар конҳои ангишти «Фон-Яғноб», «Шӯроб», «Назарайлоқ» ва «Зиддии Ғарбӣ» қаноатбахш омӯхта шуда бошанд, конҳои дигари ангишт нокифоя иктишоф гардида, қисми зиёди зуҳуроти ангиштдор амалан омӯхта нашудааст ва танҳо аз рӯйи аксбардориҳои геологӣ маълум мебошад” [15].

Олимон қайд менамоянд, ки аз аввали солҳои ба даст овардани соҳибистиқлолии Тоҷикистон, солҳои 1991 дар кишвар аввалин корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ, истеҳсолот пайдо гардидаанд. То соли 2002 байни корхонаҳои муштарак дар соҳаи истеҳсолот бузургтарин корхонаи тоҷикистонию итолиёвӣ “Ҷавонӣ”, “Абрешим” бо коркарди нахи пахта ва маҳсулоти бофандагӣ фаъолият дошт. Ҳамчунин, корхонаи муштараки тоҷикистонию бритонӣ “Зарафшон” ва “Дарвоз” оид ба истихроҷи тилло, корхонаи муштараки тоҷикистонию чинӣ “Ришта” бо истеҳсоли нахи ресмони пахта, тоҷикистонию амрикоӣ “Оби зулол” бо истеҳсоли обҳои нӯшокӣ, корхонаи муштараки “Тоҷик-Кообол-Текстайл” бо истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ, корхонаи муштараки тоҷикистонию ветнамӣ “ВТ инвест” бо коркарди пахта, корхонаи муштараки тоҷикистонию амрикоӣ “Интерфер” бо коркарди чарм фаъолият мекарданд [17,с.280-281].

Қайд карда мешавад, ки фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо худ маҷмуи амалҳои воқеии мақомоти давлатӣ, корхонаю ширкатҳо, ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, корхонаҳои муштарак, соҳибкоронро, дар бар гирифта, мақсади ин амалҳо аз ташаккул ва рушди ҳамкорӣ, ҳамгироии муфид бо давлатҳои хориҷа, шахсони ҳуқуқию воқеии онҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ иборат аст [8,с.60].

Дар шароити имрӯза барои рушди фаъолияти корхонаҳои муштарак бо сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, хориҷӣ, тамоми ҷидду ҷаҳди Ҳукумату мақомотҳои давлатӣ равона карда шудаанд. Ба андешаи мо, ҳарчанд маълумоти оморӣ дар иқтисодиёти кишвар нишондиҳандаҳои лозимаро пешниҳод мекунад, лекин масъалаҳои ҳуқуқии таъмини рушди устувори корхонаҳои муштараки фаъолиятбаранда аз мушкилӣ ва душвориҳо холӣ нестанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ чунин омилҳои манфӣ ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ, корхонаҳои муштарак дар кишвар таъсиррасонанда ишора мешаванд:

- номувофиқати пурраи қонунгузории Тоҷикистон ба меъёри стандартҳои байналмилалӣ;

- мавҷуд набудани механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи моликияти сармоягузорон, суғуранонии дороиҳои сармоягузорон;

- дар сатҳи баланд қарор доштани коррупсия;

- дар сатҳи паст қарор доштани салоҳиятнокӣ, банақшагирӣ ва шаффофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

- мавҷуд набудани имконияти дастгирии давлатии сармоягузорон бо воситаи имтиёзҳои гуногуни давлатӣ;

- мавҷудияти сатҳи пасти рақобатпазирии соҳибкорон дар бозори дохилӣ;

- баланд будани сатҳи муҳоҷирати мутахассисон аз Тоҷикистон ва ғайраҳо [16,с.266-267].

Омилҳои зерини ишорагардида дар «Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] аз 29 декабри соли 2012 таҳти №755 тасдиқ карда шудааст, инъикос гардидаанд. Аз ҷумла чунин ишора карда мешавад: “Дар раванди татбиқи имкониятҳо монеаҳои ҷиддӣ дар низоми батанзимдарорӣ ва маъмурӣ вуҷуд доранд, ки ба фаъолнокии тиҷоратӣ таъсир мерасонанд. Ин омилҳо монеаҳои асосии садди роҳи суръатбахшии раванди ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар мебошанд. Иқтисод бояд барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҳисоби анҷомдиҳии тадбирҳои зарурие, ки барои кам кардани иштироки давлат дар соҳибкорӣ, паст кардани сатҳи коррупсия ва тақвиятбахшии системаи судӣ нигаронида шудаанд, ҷолибтар гардад.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузории мустақими хориҷӣ бояд омили ҳалкунанда барои таҳия ва татбиқи барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд, ба роҳ мондани шарикии байналмилалӣ миёни корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, аз он ҷумла дар соҳаи соҳибкории хурд ва миёна бошад”.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ дар фаъолияти корхонаҳои муштарак мувофиқи қонунгузории амалкунанда муқаррар карда шудаанд. Дар ҳар қадом низоми ҳуқуқии муосир, аз ҷумла дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ, корхонаҳои муштарак зарурияти таъсироти давлат ба иқтисодиёт вуҷуд дорад. Зарурияти таъсиррасонии давлат дар шароити муносибатҳои бозорӣ бояд аз рӯйи чунин вазифаҳои асосӣ, ки бо ҳифзи манфиатҳои халқу ҷамъият алоқамананданд, муқаррар карда шавад:

– таъмини талаботи давлат ва ҷамъият, рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

– такмили мунтазами қонунгузории соҳаи сармоягузорӣ бо дарназардошти танзими самараноки корхонаҳои муштарак;

– ташаккули буҷети давлат;

– ташкили ҷойҳои кории иловагӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ;

– ба амал баровардани озодии соҳибкорӣ ва рақобатнокӣ, ҳифзи бозор аз фаъолияти инҳисорӣ;

– риояи тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузории хориҷӣ;

– пурзӯр намудани ҷавобгарии шахсони ваколатдори мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ дар таъмини иҷрои талаботи қонунгузории соҳаи сармоягузорӣ мувофиқи қонунгузории ҷорӣ.

Дар ин ҷода, танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва корхонаҳои муштарак таъсиррасонии давлатиро ба он тавассути коркард ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии такмилёфта, ташкили назорат аз болои иҷрои талаботи қонунҳо аз ҷониби соҳибкорон, татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷавобгарӣ нисбати вайронкунандагони ин талабот ифода менамояд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДДҲБСТ - Самадов Б.О.**

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №12, қисми 1 (1566), 2022.
2. Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=604 (санаи муроҷиат 15.11.2022).
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Ганҷ, 2016.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2016. -№3. -Мод. 152, ҚҶТ аз 3.08.2018 №1547. [Манбаи электронӣ]. URL: www.mmk.tj (санаи муроҷиат 5.07.2023).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. -№3. -Мод. 187; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1435. [Манбаи электронӣ]. URL: www.mmk.tj (санаи муроҷиат 5.07.2023).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994. -№1. -Мод.1; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004. -№2. -Мод.35; соли 2007. -№7. -Мод.677.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012. -№7. -Мод.696. - 2015. -№7-9. -Мод.703; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022. -№1870. [Манбаи электронӣ]. URL: www.mmk.tj (санаи муроҷиат 5.07.2023).
8. Насрутдинзода Қ.Ш. Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ: диссер. н.и.ҳ., аз руйи ихтисоси 12.00.03 / Насрутдинзода Қ.Ш. -Душанбе, 2020. -206 с.
9. Низомномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://medt.tj/tj/about/polozhenie (санаи муроҷиат 11.12.2022).
10. Низомномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/about/33-nizomnoma.html (санаи муроҷиат 17.11.2022).
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022с. [Манбаи электронӣ]. URL: www.president.tj (санаи муроҷиат 30.12.2022с.).
12. Самадов Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. -Қ. 1 / Б.О. Самадов. -Хуҷанд: Ношир, 2018. -520 с.
13. Самадов Б.О. Хусусияти таъминоти ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ / Б.О. Самадов, Л.Ш. Шикориева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№8. -358 с.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2023. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.tajikngo.tj/-mainmenu-1/item/3105-natsionalnaya-strategiya-razvitiya-respubliki-tadzhikistan-na-period-do-2030-goda/tj/component/k2/itemlist.html (санаи муроҷиат 15.11.2022).
15. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар. - 14.10.2019. [Манбаи электронӣ]. URL: www. president.tj (санаи муроҷиат 15.05.2023).
16. Хасанов М.М. Альтернативная методика оценки инвестиционного климата и её приложение к Таджикистану / М.М. Хасанов // Государственные инвестиции, налогообложение и их влияние на экономический рост. Материалы международной научно-практической конференции ФЭИТ, 6-7мая 2014г. -Душанбе, 2014. -296 с.
17. Шарипов Дж.Р. Совместные предприятия и их роль в современной экономике Таджикистана / Дж.Р. Шарипов // Государственные инвестиции, налогообложение и их влияние на экономический рост. Материалы международной научно-практической конференции ФЭИТ, 6-7мая 2014г. -Душанбе, 2014. -296 с.
18. Шикориева Л.Ш. Самтҳои асосии рушди сармоягузорӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Танзими ҳуқуқии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ: ҳолат ва дурнамо. Монографияи дастаҷамъона / Л.Ш. Шикориева; зери тахр. дотс. Б.О.Самадов. -Хуҷанд: Ношир, 2022. -222 с.

## МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ, корхонаҳои муштарак дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои мубрам ва афзалиятнок маҳсуб меёбад. Масъалаҳои ҳуқуқии рушди фаъолияти корхонаҳои муштарак мувофиқи қонунгузории амалкунанда дар шароити имрӯза роҳҳои ҳаллу фасли худро ёфта истодаанд. Дар мақолаи мазкур санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда оид ба танзими ҳуқуқии корхонаҳои муштарак, фаъолияти сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ҳамчунин, зарурати такмилдиҳии танзими ҳуқуқии корхонаҳои муштарак дар замони муосир, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра таҳқиқ шудаанд. Оид ба масъалаҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ дар рушди фаъолияти корхонаҳои муштарак мувофиқи қонунгузории ҷорӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ омӯхта шуда, фикру андешаҳои муаллиф пешбарӣ гардидаанд. Моҳиятан корхонаи муштарак, ки хусусияти ҳуқуқӣ дорад, дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, инноватсионӣ, ташкил ва рушди корхонаҳои муштаракро дар бар гирифта, қонунан ба танзим даровардааст. Дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда, корҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳаи мазкур хулосаҳо пешниҳод карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, соҳибкорӣ, корхонаи муштарак, қонуният, қонунгузорӣ, мақомоти давлатӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, дастгирии давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқ, уҳдадорӣ, ҷавобгарӣ.

## ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ИНВЕСТИЦИЙ В РАЗВИТИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СОВМЕСТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Вопросы правового регулирования инвестиционной деятельности, совместных предприятий в экономике Республики Таджикистан являются одними из актуальных и проблематичных. Правовые вопросы развития

деятельности совместных предприятий в соответствии с действующим законодательством в современных условиях развития экономики находят пути своего решения. В настоящей статье проанализированы действующие нормативно-правовые акты в сфере правового регулирования совместных предприятий, инвестиционной деятельности. Кроме этого, важность совершенствования правового регулирования совместных предприятий в современных условиях отмечена и проанализирована в государственных актах, таких как Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, Концепция государственной политики по привлечению и защиты инвестиций в Республике Таджикистан и другие, соответственно сделаны авторские выводы. Совместные предприятия имеют свои правовые особенности, что в условиях международной интеграции охватывает инвестиционную деятельность свободной экономической зоны, инновационное создание и развитие совместных предприятий, которые регламентированы действующим законодательством. В результате проведённого правового анализа, научно-исследовательских работ автором сделаны ряд выводов и предложений по поводу совершенствования и развития деятельности совместных предприятий.

**Ключевые слова:** инвестиции, предпринимательство, совместные предприятия, законность, законодательство, государственный орган, правовые гарантии, государственная поддержка, защита права, обязательства, ответственность.

## LEGAL ISSUES OF INVESTMENT IN THE DEVELOPMENT OF ACTIVITIES OF JOINT VENTURES UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Issues of legal regulation of investment activities, joint ventures in the economy of the Republic of Tajikistan is one of the most urgent and problematic. Legal issues of the development of the activities of joint ventures in accordance with the current legislation in modern conditions of economic development find ways to solve them. This article analyzes the current regulatory legal acts in the field of legal regulation of joint ventures, investment activities. In addition, on the importance of improving the legal regulation of joint ventures in modern conditions, state acts such as the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, the Concept of State Policy for Attracting and Protecting Investments in the Republic of Tajikistan and others are considered and analyzed, respectively, the author's conclusions are made. In essence, joint ventures have their own legal features, which in the context of international integration covers investment activities, free economic zones, innovation, creation and development of joint ventures, which are regulated by the current legislation. As a result of the legal analysis, research work, the author made a number of conclusions and proposals regarding the improvement and development of the activities of joint ventures.

**Keywords:** investments, entrepreneurship, joint ventures, legality, legislation, state body, legal guarantees, state support, protection of rights, obligations, responsibility.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шикориева Лайло Шикориевна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ. **Суроға**: 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микрорайони 17, бинои 1. Телефон: **(+992) 926-21-49-49.** E-mail: **shikorieval@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шикориева Лайло Шикориевна*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, соискатель кафедры предпринимательского и международного права. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **(+992) 926-21-49-49.** E-mail: **shikorieval@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shikorieva Lailo Shikorievna*** **–** Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, applicant for the Department of Business and International Law. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, 17 Microdistrict, building 1. Phone: **(+992) 926-21-49-49.** E-mail: **shikorieval@mail.ru**

ТДУ: 342 (575.3)

# МАФҲУМ ВА ШАКЛҲОИ РАҚОБАТИ БЕВИҶДОНОНА ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Пулодзода Шаҳнозабону Пулод*
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Дар фарқият аз қонунгузории граждании Россия, дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи бовиҷдонӣ, ки ба тамоми меъёрҳои он паҳн мешавад, дохил карда нашудааст, аммо уҳдадории рафтори бовиҷдонона барои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ муқаррар карда шудааст. Дар доктрина тақсим намудани мафҳуми бовиҷдонӣ ба субъективӣ ва объективӣ қабул шудааст. Бовиҷдонӣ ба маънои субъективӣ дар формулаи «намедонистам ва набояд медонистам» баён гардидааст, бовиҷдонии объективӣ бошад, ки дар ҳуқуқи уҳдадорӣ истифода мешавад, талабот ба рафтори дахлдор аст” [9,с.59].

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ уҳдадории бовиҷдонона амал намудан ҳангоми муқаррар намудан, амалӣ намудан, ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои маданӣ муқаррар карда шудааст. Ба иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ аз амали ғайриқонунӣ ё бевиҷдононаи худ бартарӣ ба даст овардан манъ аст (қисмҳои 3-4 м. 3 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ин маънои онро дорад, ки қонунгузор ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бевосита нишон додани зарурати рафтори бовиҷдононаро зарур донистааст.

Дар бисёр моддаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бовиҷдонии тарафҳо нисбат ба намудҳои алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ сухан гуфта мешавад. Аз ҷумла, мувофиқи қисмҳои 4-5 м. 10 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ вазифадоранд (дар ин ҳолат ин уҳдадорӣ набояд бо шартнома хориҷ ё маҳдуд карда шавад) талаботи дар қонунгузорӣ дарҷёфтаро оқилона, одилона ва боинсофона риоя намоянд. Соҳибкорон бошанд, инчунин қоидаҳои одоби касбиро бояд риоя намоянд, ки оқилона, одилона ва боинсофона амал намудани онҳо дар назар дошта мешавад.

Барои он ки ҳангоми анҷом додани дилхоҳ амал ҳудуд, сарҳади манфиати одилонаи дигар шахс ва ҳамаи ҷомеа вайрон нагардад, субъект бояд бовиҷдонона ва оқилона рафтор намояд [12,с.19].

Худ аз худ баён кардани принсипи бовиҷдонӣ ҳамчун оғози роҳбарикунандаи тамоми соҳа ба оқибатҳои ҳуқуқӣ оварда намерасонад, ҳуқуқу уҳдадориҳои мушаххасро ба вуҷуд намеоварад. Аммо ҳамин ки бовиҷдонӣ асоси рафтори шахсони мушаххас, масалан, иштирокчиёни корпоратсияҳо, роҳбарони сохторҳои тиҷоратӣ, моликони амвол, тарафҳои муносибатҳои шартномавӣ гардад, мушаххасгардонӣ низ имконпазир мегардад [23,с.16].

Мафҳуми рақобати бевиҷдонона дар Фаронса тақрибан соли 1850 пайдо шудааст. Сарфи назар аз он ки дар он замон манъи рафтори бевиҷдононаи соҳибкорӣ вуҷуд надошт, дар асоси муқаррароти умумии моддаи 1382 Кодекси мадании Фаронса, судҳои Фаронса тавонистанд як низоми универсалӣ ва муассири ҳуқуқии ҳимоя аз рақобати бевиҷдононаро эҷод кунанд. Ин муқаррарот ҷуброни ҳатмии зиёнро дар сурати содир шудани кирдорҳои ғайриқонунӣ пешбинӣ мекард. Дар мавриди ҳимояи рақибон, принсипҳое, ки дар он рӯзҳо дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ ба вуҷуд омадаанд, то имрӯз дар Фаронса ҳамчун ҳимояи асосии судӣ аз рақобати бевиҷдонона боқӣ мондаанд.

Ба андешаи Қ.Ш. Қурбонов, бовиҷдонӣ дар ифодаҳои гуногун баррасӣ ва таҳлил карда мешавад. Дар натиҷаи таҳқиқот шаклҳои зерини зоҳиршавии бовиҷдонӣ ошкор гардид: бовиҷдонӣ-шарт, бовиҷдонӣ-мақсад, бовиҷдонӣ-ангеза, бовиҷдонӣ-қарз, бовиҷдонӣ-уҳдадорӣ [11,с.14]. Вобаста ба ин, муҳаққиқ бовиҷдониро ҳамчун маҷмуи унсурҳои объективӣ ва субъективӣ муайян менамояд. Дарвоқеъ, категорияи бовиҷдонӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ мураккаб буда, муайян кардани он душвор мебошад.

Доир ба пайдоиши мафҳуми "рақобати бевиҷдонона" Ф.М. Нодиров қайд менамояд, ки ин истилоҳ дар қонунгузории ватанӣ бинобар ҳамроҳшавии ИҶШС дар соли 1965 ба Конвенсияи Парижи соли 1883 оид ба ҳимояи моликияти саноатӣ мавриди истифода қарор дода шуда буд [15,с.441].

Рақобати бевиҷдонона вобаста ба моҳияти худ амали субъекти хоҷагидор мебошад, ки барои ба даст овардани бартариятҳои беасос дар фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст.

О.А. Городов дар таҳқиқоти худ, ки ба масъалаҳои рақобати бевиҷдонона бахшида шудааст, тафсири мафҳуми рақобати бевиҷдононаро аз ҷониби муаллифони гуногуне, ки ин масъаларо таққиқ кардаанд, муфассал баён кардааст [4,с.11].

Ба ақидаи В. Дозорсев, рақобати бевиҷдонона (ба гуфтаи В.А. Дозорсев – рақобати беадолатона – П.Ш.) фарогири «хабар ба истеъмолкунанда (истеъмолкунандаи эҳтимолӣ) хилофи одатҳои тиҷоратӣ, ба талаботи низомнок, оқилона ва одилона будани маълумот (дурӯғ ё ҳақиқӣ), ки метавонад боиси тасаввуроти нодуруст дар вай, ки рақиб, фаъолият ва (ё) молро бадном мекунанд (аз ҷумла онҳое, ки метавонанд дар бораи хусусият, усули истеҳсол, хосиятҳо, мувофиқат ба истифода ё миқдори мол иштибоҳ ба вуҷуд оранд) ё боиси иштибоҳ бо рақиб, фаъолияти ӯ ва (ё) мол» мебошад [7,с.33].

Ю.И. Свядостс рақобати бевиҷдононаро ҳамчун «содир кардани чунин кирдорҳо дар корҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ, ки мақсад аз он ба даст овардани фоидаи молумулкӣ бо роҳи содир намудани кирдорҳои бевиҷдонона, ки ба қоидаҳо ва одатҳои бовиҷдонона нисбат ба рақибон дар муомилоти сармоядорӣ мухолифанд», муайян кардааст [19,с.170].

Ба андешаи М.З. Раҳимзода, дар умум рақобати бевиҷдонона на танҳо ба меъёрҳои ҳуқуқ, балки ба ахлоқ низ мухолифат мекунад, зеро шаҳрвандон, соҳибкорон ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ бояд принсипҳои ахлоқии ҷомеа ва қоидаҳои одоби тиҷоратро риоя намоянд [17,с.41].

В.И. Еременко мафҳуми рақобати бевиҷдононаро чунин тавсиф намудааст: «ҳама гуна кирдори гунаҳкоронае, ки хилофи одатҳои тиҷоратӣ, ахлоқи касбӣ ва бовиҷдонӣ ҳангоми пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади рақобат мебошад, ки зарар мерасонад ё расонда метавонад» [8,с.29].

Ш.К. Ғаюров мафҳуми рақобати бевиҷдонона, бахусус ҷанбаҳои фалсафӣ ва сирф иқтисодию ҳуқуқии онро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, онро ҳамчун рақобати ғайриқонунии иқтисодӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқҳои мадании соҳибкорон ва дигар иштирокчиёни бозор бо дахлнопазирии шахсӣ ва фаъолияти озод (фаъол ё ғайрифаъол)-и иқтисодӣ арзёбӣ намудааст [3,с.170].

Я. Касянов рақобати бевиҷдононаро чунин таъриф медиҳад: «Рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории мустақил дар бозори мол бо мақсади ба даст овардани ягон бартарият ё манфиати иқтисодӣ бо роҳи ташаккул додани афкори манфии истеъмолкунанда нисбат ба моли рақибони худ ё ташаккули афкори истеъмолкунанда нисбат ба маҳсулоте, ки ба воқеият мувофиқат намекунад» [10,с.37].

Тавре ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, рақобати бевиҷдонона кирдори ҳуқуқвайронкунӣ мебошад [16,с.137]. Чунин ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби субъекти хоҷагидор содир шуда, ба муносибатҳои озоди фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ халал мерасонад. Ҷониби объективии рақобати бевиҷдонона рафтори ғайриқонунии субъекти хоҷагидор мебошад, ки талаботҳои қонунан муқаррарнамуда ва адолатро вайрон мекунад [21,с.111].

Тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат", рақобати бевиҷдонона ҳама гуна амали субъектҳои хоҷагидор аст, ки барои ба даст овардани афзалият дар фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст ва хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ба дигар субъектҳои хоҷагидор - рақибон зарар расонидааст ё метавонад расонад ва ё ба обрӯи кории онҳо зиён расонидааст ё метавонад расонад. Қонун номгӯйи шаклҳои рақобати бевиҷдононаро муайян накардааст ё муфассал тавзеҳ надодааст. Аз муқаррароти зикршуда бармеояд, ки барои ин ё он амалро рақобати бевиҷдонона эътироф намудан аломатҳои зерин юояд ба назар гирифта шаванд: а) рақобати бевиҷдонона танҳо ҳамон амали фаъолона шуда метавонад, ки барои ба даст овардани афзалият дар фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шудааст; б) амали мазкур ҳамон вақт ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ

эътироф карда мешавад, ки бар хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад; в) дар натиҷаи чунин амал ба дигар субъекти хоҷагӣ зарар мерасонад ё метавонад расонад, обрӯи кории ӯ паст зада мешавад.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода ва Д.Ш. Сангинов, нишонаҳои рақобати бевиҷдонона инҳо мебошанд: 1) кам гардидани шумораи субъектҳои хоҷагие, ки дар бозори мол ба як гурӯҳи шахсон шомил нестанд; 2) баланд ва (ё) паст гардидани нархи моле, ки бо тағйироти дахлдори дигар шароити умумии муомилоти мол дар бозори мол алоқаманд нест: 3) даст кашидани субъектҳои хоҷагидори ба як гурӯҳи шахсон шомил набуда аз фаъолияти мустақилона дар бозори мол; 4) муайян намудани шартҳои умумии муомилоти мол дар бозорҳои мол бо роҳи ноилшавӣ ба созиши байни субъектҳои хоҷагӣ ё тибқи дастури барои иҷро ҳатмии дигар шахсон ва ё дар натиҷаи мувофиқаи (аҳди) амалҳои худ дар бозори мол аз ҷониби субъектҳои хоҷагӣ ба як гурӯҳи шахсон шомил набуда; 5) дигар ҳолатҳое, ки ба субъекти хоҷагӣ ва ё якчанд субъекти хоҷагӣ имконияти таъсиррасонии яктарафаро ба шароитҳои умумии муомилоти мол дар бозори мол муҳайё месозанд [18,с.207].

Мавҷудияти кирдори субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи шахсон ҳамчун аломати амали рақобати бевиҷдонона маънои онро дорад, ки ҳангоми баҳодиҳии рақобати бевиҷдонона унсури рафтор, ба монанди беамалӣ ба назар гирифта намешавад.

Самтнокии амал ба соҳиб шудани афзалиятҳо ҳангоми пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ доираи як варианти мушаххаси рафтори фаъоли субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи шахсонро аз нуқтаи назари мақсаде, ки бо ин рафтор ба даст омадааст, муайян мекунад. Дар ин маврид танҳо дар бораи афзалиятҳои ба истилоҳ беасос сухан меравад, зеро афзалиятҳое, ки тавассути усулҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои пешбурди тиҷорат ба даст оварда шудаанд, маҳсули рақобати бовиҷдонона мебошанд. Афзалиятҳои беасос дар мафҳуми расмии рақобати бевиҷдонона бояд танҳо ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дахл дошта бошанд.

Ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф будани амал имкон медиҳад, ки амали шахс ҳамчун рафтори ғайриқонунӣ эътироф карда шавад. Бояд тазаккур дод, ки на ҳар як кирдори хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар амали субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи шахсон мушоҳида мешавад, метавонад рақобати бевиҷдонона ҳисобида шавад, балки танҳо он амале, ки барои ба даст овардани афзалият дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст ва дар як вақт ба субъектҳои дигар хоҷагидор зиён (воқеӣ ё эҳтимолӣ) мерасонад, хилофи қонун эътироф карда мешавад.

Рафтори ғайриқонунии субъекти хоҷагидор метавонад ҳамчун амали рақобати бевиҷдонона бандубаст карда шавад, аммо худи рақобати бевиҷдононаро ҳамчун падидаи васеътар наметавон танҳо ба амалҳои рафтори ғайриқонунӣ табдил дод, ки баъзан дар адабиёти махсус оварда шудааст [21,с.263].

Талаботи бовиҷдонӣ, оқилона ва адолат табиати баҳодиҳӣ доранд ва дар сархатти одоби муносибатҳои корӣ ҷойгиранд. Чунин талаботҳо, ки сирф хусусияти баҳодиҳӣ доранд, рақобати бевиҷдононаро аз доираи рафтори ғайриқонунӣ берун мекунанд. Ва худи мафҳуми бевиҷдонӣ фаротар аз чаҳорчӯбаи ахлоқи некро пешбинӣ мекунад, на аз доираи муқаррароти меъёрӣ, яъне иҷозат ва манъкунӣ.

Амалҳои рафтори ғайриқонунӣ аслан рақобати иҷозатдоданашуда мебошанд, аммо рақобати бевиҷдонона нестанд. Аммо, мутаассифона, дар Қонун мавҷудияти рақобати бевиҷдонона дар сурати мутобиқат накардани амали субъектҳои хоҷагидор ба талаботи бовиҷдонӣ, оқилона ва адолат, ки мафҳум ва мазмуни рақобати бевиҷдононаро маҳдуд мекунад, имкони муайян намудан ва муқовимат ба он муайян карда шудааст.

Вайрон кардани талаботи бовиҷдонӣ, окилона ва адолат бояд бо роҳи баҳо додан ба вазъияти мавҷуда ошкор карда шавад. Ҷорӣ намудани чунин категорияҳои баҳогузорӣ доираи манъи рақобати бевиҷдононаро васеъ менамояд, ки на танҳо бо вайрон кардани манъкуниҳои қонунан муқарраршуда, инчунин содир намудани ҳама гуна амалҳои аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор хилофи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии рақибони худ маҳдуд мегардад.

Мафҳумҳои вазъие, ки ҳангоми муайян кардани мазмуни падидаи рақобати бевиҷдонона истифода мешаванд, имкон медиҳанд, ки он дар соҳаи соҳибкорӣ васеъ

истифода шавад, вале дар асоси принсипҳои боқимонда - агар амали соҳибкорон ба аломатҳои дигар вайронкуниҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ дохил нашаванд.

Дар робита ба ин, пешниҳод мешавад, ки ба мафҳуми ҳуқуқии «рақобати бевиҷдонона» пас аз калимаҳои «хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «принсипҳои бовиҷдонӣ, оқилӣ ва адолат» илова карда шаванд.

Мусаллам аст, ки формулаи «хилоф ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки қонунгузор истифода менамояд, бояд ба маънои васеъ баррасӣ кард. Ин маънои онро дорад, ки амали субъекти хоҷагидор, агар рақобати бевиҷдонона эътироф шавад, бояд на танҳо ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ, балки ба дигар санадҳои қонунгузорӣ низ мухолиф бошад.

Мавҷудияти зиёни воқеӣ ё эҳтимолии субъекти хоҷагидор – рақиб, ки дар натиҷаи амалҳои андешидашуда ба вуҷуд омадаанд, рақобати бевиҷдононаро аз оқибатҳои молумулкии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳимми амали рақобати бевиҷдонона тавсиф мекунад. Зиён ба маънои васеъ оқибатҳои номатлуберо дар назар дорад, ки дар натиҷаи поймол шудани ҳуқуқҳои мадании субъектҳои хоҷагидор ё шахси дигар дар соҳаи молумулкӣ дучор меояд.

Ҳангоме ки амали субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) бевиҷдонона арзёбӣ мешавад, формулаи расмии зиён бо мазмуни нав пурра карда мешавад, ки ин аз ҷониби қонунгузор ду намуди оқибатҳои манфии молумулкиро нишон медиҳад, аз ҷумла:

- оқибатҳое, ки аллакай рух додаанд (зиёни воқеӣ);
- оқибатҳое, ки метавонанд рух диҳанд (зиёни эҳтимолӣ).

Дар таркиби зиёни эҳтимолӣ хароҷоти ояндае, ки субъекти хоҷагидор – рақиб бояд барои барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда анҷом диҳад, инчунин фоидаи аздастрафта бояд ба назар гирифта шаванд.

Мавҷудияти зарари воқеӣ ё эҳтимолии ба эътибори кории субъекти хоҷагидор – рақиб, дар натиҷаи амали андешидашуда рақобати бевиҷдононаро аз оқибатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммияти ғайримолумулкии амалҳои рақобати бевиҷдонона тавсиф мекунад.

Эътибори корӣ тибқи қонунгузории амалкунанда ба сифати ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ муайян карда мешавад (моддаи 243 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон), вале қонунгузор мафҳуми ҳуқуқии онро надода, инчунин мазмуни онро ошкор мекунад.

Зиёне, ки ба эътибори кории субъекти хоҷагидор расонда шудааст, бояд ҳама гуна паст кардани он фаҳмида шавад. Дар ин маврид таҳқири зикршуда метавонад ҳам хусусияти молумулкӣ ва ҳам ғайримолумулкӣ дошта, ҳам воқеӣ ва ҳам эҳтимолӣ бошад.

Хусусияти молумулкии зиёне, ки ба эътибори кории субъекти хоҷагидор расонда шудааст, дар мавҷудияти зиёне, ки дар натиҷаи амалиёти рақобатӣ расонда шудааст, зоҳир мегардад, масалан, боиси паст шудани арзиши эътибори корӣ ҳамчун неъмати ғайримоддӣ гардидааст.

Моҳияти ғайримолумулкии зиёне, ки ба эътибори корӣ расонда шудааст, дар аз ҷониби субъекти хоҷагидорӣ аз даст додани афкори мусбӣ оид ба сифатҳои корӣ дар назди ҷомеа ва махсусан доираҳои соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Чунин талафот метавонад боиси аз даст додани муштариён, кам шудани шумораи фармоишҳо, вайрон кардани робитаҳои шартномавӣ, яъне дар ниҳоят боиси талафоти молумулкӣ гардад [5,с.110].

Мафҳуми рақобати бевиҷдонона дар Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ ба маънои каме дигар ва васеътар тавсиф шудааст. Мувофиқи банди 2 моддаи 10.bis Конвенсияи мазкур, ҳама гуна амале, ки хилофи амалияи бовиҷдонӣ дар масъалаҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ аст, амали рақобати бевиҷдонона ҳисобида мешавад.

Таҳлили меъёри Конвенсияи дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки он воқеан бо мафҳуми рақобати бевиҷдонона дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда мувофиқат намекунад. Дар доираи меъёри конвенсионӣ ҳама гуна амали рақобат ва тибқи қоидаҳои миллӣ ҳама гуна амали субъектҳои хоҷагидор эътироф карда шудааст.

Модели миллии муайян кардани рақобати бевиҷдонона нисбат ба модели анъанавии он хеле маҳдуд аст. Илова бар ин, нишондоди меъёри конвенсионӣ оид ба зиддият байни амали рақобат ва одатҳои бовиҷдонона дар масъалаҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ, тибқи мафҳуми қабулнамудаи қонунгузории ҶТ шаҳодат медиҳад.

Мафҳуми рақобати бевиҷдонона бояд бо мафҳуми рақобат, ки дар банди 1 м. 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” ҳамчун мафҳуми намудӣ бо мафҳуми навъӣ муқаррар карда шавад. Дарвоқеъ, ин таносуб хеле нисбӣ аст, ҳадди ақал вуҷуд надорад.

Агар таърифи рақобати бевиҷдонона бо дарназардошти нуқтаи дар боло зикршуда муайян карда шавад, он гоҳ амали рақобати бевиҷдонона бояд ҳама гуна амали рақобати озоди байни субъектҳои хоҷагидор эътироф карда шавад, ки дар он амали мустақилонаи ҳар кадоми онҳо имкониятҳои ҳар яки онҳоро ҷиҳати ба таври яктарафа таъсир расондан ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори дахлдори мол таври самаранок маҳдуд мекунад.

Тавре аз гуфтаҳои боло бармеояд, сухан на дар бораи самтнокии амали субъектҳои хоҷагидор барои ба даст овардани афзалият ҳангоми пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, балки дар бораи ғайриқонунӣ будани маҳдуд кардани қобилияти таъсиррасонӣ ба ҳамдигар дар доираи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар доираи рақобат бо мақсади истисно кардани таъсири яктарафаи ҳар кадоми онҳо ба муомилоти мол сухан меравад.

Қонун рақобати бевиҷдононаро ҳамчун кирдорҳое, ки дар моддаи 16 Қонун пешбинӣ шудаанд, муайян мекунад. Ин номгӯй кушода аст, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” дар муқоиса бо Қонуни Федератсияи Русия “Дар бораи ҳимояи рақобат”, ки ба ғайр аз шаклҳои мустақими дар Қонун зикргардида имкони дигар шаклҳои рақобати бевиҷдононаро пешбинӣ мекунад, шаклҳои дигари рақобати бевиҷдононаро нишон намедиҳад (моддаи 14.8 Қонуни федералии Федератсияи Русия аз 26 июли соли 2006, №135-ФЗ дар бораи ҳимояи рақобат).

Бо мақсади пешгирии аз ҷавобгарӣ саркашӣ кардани шахсоне, ки дар кирдорашон воқеан аломатҳои рақобати бевиҷдонона вуҷуд дорад, вале ба амалҳои пешбининамудаи қонун дохил намешаванд ва барои бартараф намудани вайронкунии ҳуқуқҳои шахсони дигар, чунин шуморида мешавад, ки ба номгӯйи кирдорҳое, ки рақобати бевиҷдононаро ташкил медиҳанд, «дигар кирдорҳое, ки рақобати бевиҷдононаро ташкил медиҳанд», илова карда шаванд. Барои дигар кирдорҳои шахсе, ки нисбат ба ӯ дар бораи вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ ариза пешниҳод шудааст, ҳамчун амали рақобати бевиҷдонона эътироф кардан зарур ва кофист, ки дар ин амалҳо ҳама аломатҳои зарурии рақобати бевиҷдонона ҷой дошта бошад.

Қонун рақобати бевиҷдононаро бо роҳи паст кардани эътибори корӣ, яъне паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, нодуруст ё таҳрифшуда, ки метавонад ба дигар субъектҳои хоҷагидор зиён расонад ё ба эътибори кории онҳо халал расонад, манъ мекунад. Беобрӯгӣ барои паст кардани боварии муштариён (истеъмолкунандагон ё дигар контрагентҳо) ба рақиб ё маҳсулоти он ва ҷалби истеъмолкунандагон ба маҳсулоти худ тавассути паҳн кардани иттилооти номуносиб, ки маълумоти нопурра дар бораи рақибон, молҳо ва хизматҳои онро дар бар мегирад, равона карда шудааст.

Ба андешаи Раҳимзода М.З. ва Д.Ш. Сангинов, паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, носаҳеҳ ё таҳрифшуда, боиси расонидани зарар ба дигар субъектҳои хоҷагӣ мегардад ё обрӯи кориашонро паст мегардонад. Хатари чунин шакли рақобати бевиҷдонона, мутаассифона, дар фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳама зиёд мебошад. Он аз вайрон кардани муҳити рақобат ва муносибатҳои бозорӣ иборат буда, дар беасос резонидани обрӯи як ё якчанд соҳибкорон аз тарафи ягон субъекти хоҷагии дигар ифода меёбад. Мақсади он аз дигар соҳибкорон дур кардани харидорони ибтидоӣ ва диққати онҳоро ба моли худ ҷалб кардан аст. Бо чунин амалҳо на танҳо беасос субъектҳои хоҷагии дигар бадном карда ва ба онҳо зарар расонида мешавад, инчунин ба харидорон ва истеъмолкунандагони мол ба воситаи паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, носаҳеҳ ва таҳрифшуда зарар расонида мешавад [18,с.207].

Объекти дискредитатсия метавонад мол (сифат, хосиятҳои истеъмолӣ, таъинот, усулҳо ва шароити истеҳсол ё истифода, натиҷаҳои аз истифодаи пешбинишуда, мувофиқ будан ба мақсадҳои муайян); вазъи бозории мол, ки дар он мол фурӯхта мешавад (миқдори моли ба фурӯш гузошташуда, мавҷудияти мол дар бозор, имконияти ба даст овардани он дар шароити муайян, андозаи воқеии талабот ба чунин мол); шартҳои фурӯши мол (нарх ва ғайра) бошад.

Ин кирдорҳо рақобати бевиҷдонона ҳисобида мешаванд, агар интишори чунин маълумот аз ҷониби субъекти хоҷагидор нисбат ба дигар субъекти хоҷагидор – рақиб анҷом дода шавад.

Шакли дуюми рақобати бевиҷдонона – ба иштибоҳ гузоштани истеъмолкунандагон оид ба хусусият, тарз, ҷойи истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолӣ, сифатӣ ва миқдори мол ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯ намебошад. Чунин амал шахсони сеюмро мақсаднок ба иштибоҳ меандозад. Ба иштибоҳ андохтани истеъмолкунандагон бошуурона ва бо роҳи ба вуҷуд овардани ақидаи хато нисбати мол, кор ва хизмат амалӣ гардонида мешавад. Ҳамзамон, аз нуқтаи назари амалӣ муҳим аст исбот карда шавад, ки чунин ақидаи хато ба рафтори оммаи истеъмолкунандагон ҳангоми интихоб ва хариди мол бояд таъсир расонад, ё ин ки таъсир мерасонад.

Қонун манъи рақобати бевиҷдононаро бо роҳи гумроҳ кардани истеъмолкунандагон аз рӯйи хусусият, усул, макони истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолӣ, сифат ва миқдори маҳсулот ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯй намебошанд, муқаррар менамояд.

Тафсири бардурӯғ натиҷаи паҳн кардани иттилооти манфӣ на ба монанди бадном кардан, балки иттилооти мусбат буда, мазмуни он ба фаъолияти худи паҳнкунанда ва (ё) маҳсулоти ӯ дахл дорад. Аммо дар ин маврид, маълумоти паҳншуда барои эътирофи кирдор хамчун амали рақобати бевиҷдонона бояд ба воқеият мувофиқат накунад.

Сифати маҳсулот бояд ҳамчун маҷмуи хосиятҳои истеъмолии мол фаҳмида шавад ва хосияти истеъмолии маҳсулот бошад, дар навбати худ, хосияти мол мебошад, ки ҳангоми истифодаи истеъмолкунанда дар қонеъ намудани эҳтиёҷот зоҳир мешавад. Тасаввуроти бардурӯғ дар бораи ин хосиятҳо метавонад ё дар эҷоди таассуроти бардурӯғ дар бораи мавҷудияти онҳо ё таассуроти бардурӯғ дар бораи сатҳи онҳо ифода ёбад.

Ба андешаи Ш.К. Ғаюрзода ва П.З. Мирзозода, сифат мафҳуми мураккаб мебошад ва худ аз худ риояи дақиқи ҳама талаботҳои ҳатмиро дар вақти истеҳсоли маҳсулот на ҳамеша кафолат медиҳад. Дар ин ҷараён риояи чанд талабот муҳим мебошад: якум, пеш аз оғози омодакунӣ бевосита як қатор зинаҳои иловагӣ вуҷуд дорад - ихтироъ, лоиҳакашӣ, азхудкунии маҳсулоти нав, омодакунии он ба истеҳсолот; дуюм, сифати маҳсулот, чунин хосиятҳоро фаро мегирад, ки аллакай пас аз омодасозии он истифода мешавад - нигоҳдорӣ дар ҷараёни интиқолдиҳӣ, устуворӣ дар рафти истифодаи дурудароз, дастрасӣ ва имконияти таъмири фаврӣ ва ғайра [2,с.143].

Усули истеҳсол - технологияҳое мебошад, ки дар истеҳсолот, масолеҳи маҷмуӣ ва дигар шароитҳои истеҳсоли маҳсулот истифода мешаванд. Макони истеҳсол метавонад кишвар ё объекти ҷуғрофии маҳдудтаре бошад, ки дар ҳудуди он мол истеҳсол шудааст. Тасаввуроти бардурӯғ дар бораи макони истеҳсоли мол ҳам дар натиҷаи нишондоди бардурӯғ дар бораи чунин макони мол ва ҳам дар натиҷаи истифодаи нишонаҳое, ки ба истеъмолкунандагон бо ягон объекти ҷуғрофӣ маълум мебошанд (масалан, рангҳои бо парчами кишвар алоқаманд) шакл мегирад.

Ҳамзамон, дар натиҷаи нишондодҳои бардурӯғи пайдоиши мол ва ҳам аз сабаби истифодаи нишонаҳое, ки истеъмолкунандагони молро бо шахси дигар алоқаманд мекунанд, шакл гирифтани тасаввуроти нодуруст дар бораи истеҳсолкунандаи мол низ имконпазир аст.

Номгӯйи ҳолатҳое, ки нисбат ба онҳо истеъмолкунанда метавонад гумроҳ гардад, кушода аст.

Қонун манъи рақобати бевиҷдононаро тавассути муқоисаи нодурусти субъекти хоҷагидор (аз ҷумла дар ҷараёни фаъолияти рекламавӣ)-и истеҳсолкунанда ё фурӯшандаи мол бо моли дигар субъектҳои хоҷагидор муқаррар менамояд.

Муқоисаи нодуруст метавонад ду намуд бошад: а) манфӣ; б) мусбат. Дар муқоисаи манфӣ, субъекти хоҷагидор кӯшиш мекунад, ки моли рақибро паст намуда, моли худро таблиғ кунад. Муқоисаи мусбат, баръакс, эътибори моли рақибро суст намекунад, балки онро истифода мебарад. Шакли мазкур дар амалияи соҳибкорӣ бисёр вомехӯрад, ва иштирокчиёни иқтисоди бозориро нисбати арзиши ҳақиқии моле, ки ба рақиби бевиҷдон тааллуқ дорад, гумроҳ мекунад. Ба воситаи чунин рафтор субъекти хоҷагидор тасдиқ

менамояд, ки моли вай монанди моли соҳибкоре, ки аллакай дар бозор маълум ва шинохта шудааст, хушсифат мебошад, вале ӯ бартарӣ доштани моли худро нисбат ба моли соҳибкори дигар нишон намедиҳад. Чунин муқоиса ё мулоҳизае, ки рақиби алоҳида ё рақибонро, умуман моли истеҳсолшаванда ё фурӯхташавандаро нисбати моли субъекти хоҷагии дигар бадном мекунад, муқоисаи беназокатона эътироф карда мешавад.

Рақобати беинсофона, ки бо ба даст овардан ва истифода бурдани ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои фардикунонии шахсони ҳуқуқӣ, фардикунонии мол, истифодаи тамғаҳои молии маъруф, корҳои иҷрошуда ё хизматрасонӣ алоқаманданд, иҷозат дода намешавад. Чунин амалҳо мутобиқи қонунгузории ҶТ шакл (амал)-и мустақили рақобати беинсофона мебошанд. Бояд гуфт, ки бо мақсади татбиқи ин манъкунии қонунгузорӣ на яке аз онҳо, балки маҷмуи амалҳо оиди ба даст овардан ва истифодаи ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаи фардикунонӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Таҳти беинсофона ба даст овардани ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои фардикунонӣ амали субъекти хоҷагидор фаҳмида мешавад, ки дар қасдона ба даст овардани ҳуқуқҳои истисноӣ ба аломате ифода меёбад, ки аз ҷониби рақиб аллакай ҳамчун воситаи фардикунонии фаъолияти худ, моли истеҳсолшаванда ё фурӯхташаванда истифода шуда, дар байни истеъмолкунандагон эътироф шудааст. Илова бар ин, дар сурати беинсофона ба даст овардани ҳуқуқи истисноӣ ба тамғаи молӣ, бо вуҷуди аз ҷониби соҳиби он дар фаъолияти соҳибкорӣ васеъ истифода шудан, чунин нишона қаблан бо тартиби муқарраршуда ҳамчун тамғаи молӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Ба андешаи Д.А. Сидиқов шубҳае нест, ки рақобати беинсофона бештар бо вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ алоқаманд аст ва дар аксари мавридҳо дар истисмори ғайриқонунӣ ва беиҷозати тамғаҳои молии тарҳҳои маъруфи маҳсулот ифода меёбад, аммо ин маънои онро надорад, ки бояд онро ба номгӯйи объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ворид намуд, зеро объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ хусусиятҳо ва талаботи худро доранд, ки фарогири рақобати беинсофона буда наметавонанд [20,с.117].

Истифодаи ҳуқуқҳои истисноӣ ба чунин нишонаҳо бо мақсади рақобати беинсофона боиси пайдоиши оқибатҳои эҳтимолӣ ё воқеӣ дар шакли омехташавӣ дар бозор ва гумроҳӣ нисбат ба истеҳсолкунандаи мол (хизматрасонӣ) мегардад. Вобаста ба ин, ҳолатҳои рақобати беинсофона эътироф шудани кирдори субъекти хоҷагидор, ки мақсади боиси гумроҳ намудан бо моли рақиб бо роҳи гузоштани тамғаи молии он ба моли якхела, ки дар он шабоҳати чунин тамғаи молӣ бо тамғаи молии рақиб пешбинӣ шудааст, ки дар идораи патентӣ ба қайд гирифта шудаанд, хеле такмил ёфтааст.

Бо мақсади муқаррар намудани амали рақобати беинсофона, инчунин амалҳои дорандаи ҳуқуқи тамғаи молӣ фаҳмида мешавад, ки бевосита ба расондани зиён ё осеб расондан ба эътибори кории рақибе нигаронида шудааст, ки ин нишонаро муддати тулонӣ қабл аз пешниҳод намудани ариза барои бақайдгирии он ҷиҳати фардикунонии мол, кор ва хизматрасонии шабеҳ, ки таҳти ҳимояи ҳуқуқии ин тамғаи молӣ фаро гирифта шудаанд, истифода намудааст. Яъне, сухан дар бораи пешгирии вайроншавии ҳуқуқи субъекти хоҷагидор ҷиҳати тарафи рақиб истифода накардани тамғаи молии шабеҳи истифодакунандаи вай меравад.

Ин монеа метавонад дар шакли мактубҳо, даъвоҳо, талабот оид ба бастани шартномаи литсензионӣ вобаста ба ҳуқуқи истифодаи ин тамғаи молӣ, пешниҳоди даъво ба суд оид ба қатъ намудани истифодаи ғайриқонунии тамғаи молӣ ва пардохти зиён, ирсоли муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ба мақомоти зиддиинҳисорӣ дар бораи рақобати беинсофона ирсол намудани муроҷиат зоҳир гардад.

Қонун манъи рақобати беинсофонаеро, ки бо истифодаи худсаронаи тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонии тамғаҳои молии маъруф, номҳои фирмавӣ ё тамғаҳо, инчунин нусхабардории бастабандӣ ва ороиши берунии моли субъекти хоҷагидори дигар алоқаманданд, муқаррар менамояд, ки метавонад рақибонро аз фаъолияти соҳибкорӣ маҳрум намояд ё ба манфиати онҳо зиён расонад.

Истифодаи объектҳои ин ҳуқуқ аз тарафи шахсони сеюм бо розигии дорандаи ин ҳуқуқ ва бо риояи талаботе, ки қонунгузории амалкунанда оид ба моликияти истисноӣ муқаррар намудааст, мумкин мебошад. Мувофиқи м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ» аз 5 марти соли 2007 [14], бе иҷозати соҳибҳуқуқ дар

муомилоти граждании истифода бурдани тамғаи молӣ (ё нишонае, ки он то дараҷаи иштибоҳангез монанд аст) нисбат ба молҳое, ки барои фардикунонии онҳо тамғаи молӣ ба қайд гирифта шудааст (ё нисбат ба молҳои бо ин молҳо якхела), ҳамчун вайронкунии ҳуқуқи истисноии соҳибҳуқуқ (истифодаи ғайриқонунии тамғаи молӣ) эътироф карда мешавад.

Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” муқаррар кардааст, ки рақобати бевиҷдонона вобаста ба гирифтан, истифода ва ифшои маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ, хизматӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда манъ аст. Истифодаи маълумоти махфии шахси дигар, ҳатто бе иҷозати соҳиб, метавонад рақобати бевиҷдонона набошад, агар ин амал бо роҳи бовиҷдонона анҷом дода шавад (масалан, иттилооте, ки аз гузоришҳои ВАО гирифта мешавад).

Тибқи моддаи 165 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории маданӣ иттилооти дорои сирри тиҷоратиро ҳимоя менамояд, ба шарте ки он бинобар ба шахсони сеюм маълум набуданаш арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дошта, дар асоси қонун барои истифодаи озодона дастрас набошад ва дорандаи иттилоот ҷиҳати махфӣ (конфиденсиалӣ) нигоҳ доштани он тадбирҳо андешад. Ғайриқонунӣ ба даст даровардани чунин маълумот ва ба муомилоти хоҷагӣ ҷорӣ намудани он метавонад ба фаъолияти соҳибкории рақибон зарар расонад.

Таҳти мафҳуми ба даст овардани иттилоот бояд имконияти шинос шудан бо маълумоте, ки сирри бо қонун ҳифзшавандаи субъекти хоҷагидор - рақибро ташкил медиҳанд ва бо истифода аз он бо мақсади ба даст овардани афзалият дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ фаҳмида шавад. Ифшои иттилоот маънои интиқоли беиҷозати иттилооти ҳифзшаванда ба шахсонеро дорад, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба ин иттилоотро надоранд.

Бояд қайд кард, ки шахсоне, ки бо усулҳои ғайриқонунӣ чунин иттилооти дастрасиаш маҳдудро ба даст овардаанд, инчунин кормандоне, ки хилофи шартномаи меҳнатӣ ё тарафҳои шартнома, ки хилофи шартномаи ҳуқуқи маданӣ сирри тиҷоратиро фош кардаанд, бояд зиёни расондашударо ҷуброн намоянд.

Дар ин маврид маълумоти мавриди назар бояд аз шахсе гирифта шавад, ки ҳуқуқи ихтиёрдории онро дорад. Ин метавонад контрагенти соҳиби иттилоот бошад, ки ба таври қонунӣ маълумот дорад, аммо ҳуқуқи додани маълумотро ба шахсони сеюм надорад. Масалан, шахс бар хилофи уҳдадориҳои шартномавӣ оид ба истифодаи маълумоти махфӣ, онро ба шахси сеюм медиҳад. Илова бар ин, чунин интиқол бояд ба субъекти соҳибкорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ афзалият диҳад ва қодир бошад, ки ба рақибони он зиён расонад.

Рақобати бевиҷдонона тибқи Қонун, инчунин метавонад чунин амалҳоро дар бар гирад:

– реклама, фурӯш, мубодила ва дигар намуди гардиши мол бо роҳи истифодаи тамғаҳои мол, тамғаи кор, хизматрасонӣ, ном ё нишонгузории фирмавӣ, инчунин нусхабардории борҷома ва намудҳои моли субъектҳои хоҷагидор амалӣ гарданд. Ин ба дорандаи ҳуқуқ зарари калони моддӣ мерасонад, дар ҳоле ки вайронкунанда, ки иштирокчии муомилоти маданӣ мебошад, бо содир намудани ин амалҳо бо вайрон кардани тартибу қоидаҳои муқарраршуда метавонад афзалияти беасос ба даст орад, аз ҷумла дар робита ба ҷалби таваҷҷуҳи доираи номуайяни истеъмолкунандагон ба мол (кор, хизматрасонӣ)-и вай;

– дахолат кардан ба фаъолияти соҳибкорӣ, додани имтиёзҳои гуногуни моддӣ ба кормандони субъектҳои хоҷагидори рақобаткунанда бо мақсади ба тарафи худ ҷалб намудани онҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳои меҳнатӣ. Дар ин ҳолат дахолат фаъолияти мақсадноки ширкат барои таҳрифи иттилоот, расондани зиён ба ширкати дигар бо роҳи паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи мол, кор, хизматрасонӣ ва фурӯши он, ҳолати иқтисодии он бо мақсади интиқол додани кормандони ин ширкат ба ширкати рақиб, вайрон намудани кори корхонаи ҷабрдида ва ба он расондани зиён мебошад;

- амале, ки воқеан метавонад дастрас будани бозорро хеле маҳдуд созад. Маҳдудияти назарраси дастрасии бозор маънои эҷоди ҳама гуна монеаҳои ғайриқонунӣ дар роҳи

воридшавии субъекти хоҷагидори муайян ба бозор ба сифати фурӯшандаи моли муайян ё харидори онҳо ва поймол кардани озодии фаъолияти иқтисодии онро дорад.

Тибқи муқарраароти қонунгузорӣ, ба рекламаи бевиҷдонона роҳ дода намешавад. Тибқи моддаи 6 Қонуни ҶТ "Дар бораи реклама" аз 1 августи соли 2003 таҳти №34 [10], рекламаи бевиҷдонона рекламае мебошад, ки:

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки аз молҳои рекламашаванда истифода намекунанд, беобрӯй менамояд;

- дорои муқоисаҳои носаҳеҳи моли рекламашаванда бо моли (молҳои) дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ буда, инчунин мулоҳизаҳо ва тасвирҳое дорад, ки иззат, шаъну шараф ё эътибори кории рақибонро паст мезананд;

- истеъмолкунандагонро нисбати моли рекламашаванда ба воситаи тақлиди (нусхабардории ё тақлидкории) лоиҳаи умумӣ, матн, формулаҳои рекламавӣ, тасвир, таъсироти мусиқӣ ва савтии дар рекламаи молҳои дигар истифодашаванда ё тавассути суиистифодаи боварии шахсони воқеӣ ё нокифоя будани таҷрибаю дониши онҳо, аз ҷумла бо сабаби дар реклама мавҷуд набудани қисматҳои муҳимми иттилоотӣ ба иштибоҳ меандозад.

Танзими рақобати бевиҷдонона аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ бо истифода аз захираҳои маъмурӣ амалӣ карда мешавад. Ҳангоми дар субъектҳои хоҷагидорӣ ошкор шудани аломатҳои рақобати бевиҷдонона мақомоти зиддиинҳисорӣ ба онҳо огоҳӣ медиҳад ва дар сурати ошкор шудани амалҳои рақобати бевиҷдонона нишондод мебарорад, ки бояд иҷро карда шавад ва ҳуҷҷати дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки бовиҷдонӣ ё бевиҷдонии рафтори субъект ин баҳодиҳии ҷомеа мебошад. Дилхоҳ баҳодиҳӣ аз рӯйи пайдоиши худ субъективӣ мебошад. Бинобар ин, бевиҷдонии объективӣ ба баҳогузорӣ эҳтиёҷ надорад [11,с.15].

Ҳамин тариқ, рақобати бевиҷдонона рафтори иштирокчии бозор аст, ки бо роҳи гумроҳ намудан, фиреб, бевиҷдонӣ, қаллобӣ, маҷбуркунӣ ё рафтори беадолатона дар соҳаи соҳибкорӣ ё тиҷорат нисбати рақибони худ анҷом дода мешавад.

Барои ҳама шаклҳои рақобати бевиҷдонона ҷавобгарӣ муқаррар кардан ғайриимкон аст, аз ин рӯ, дар шароити бозор риояи меъёрҳои ахлоқӣ хеле муҳим мешавад. Бинобар ин, бешубҳа, эҳтироми мутақобила ва ризоияти субъектҳои соҳибкорӣ дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ сурат мегирад. Вобаста ба ин, саволе ба миён меояд, ки меъёр ва принсипҳои ахлоқ дар муайян кардани қонунӣ ё амалҳои ғайриқонунии рақобати бевиҷдонона бо назардошти фарқияти онҳо дар таъсиррасонӣ бораи ҳуқуқвайронкунандагон мебошад. Рафтори шахсе, ки меъёрҳои ахлоқиро вайрон мекунад, дар ҳолатҳое ғайриқонунӣ дониста мешавад, ки қонун ин меъёрҳоро дар худ ҷой дода бошад.

Ба андешаи А.Д. Ғафурзода ва А.Қ. Каримов, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқии мушаххас аҳаммият пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, амалҳои рақобати бевиҷдонона, ки хилофи ин меъёру принсипҳо мебошанд, низ ғайриқонунӣ дониста мешаванд. Эътироф намудани рақобати бевиҷдонона душвор намебошад, чунки чунин рафторро қонунгузорӣ ба даври мушаххас муайян намудааст, яъне дар моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» [1,с.190].

Яке аз шартҳои зарурии ҷавобгарӣ барои рақобати бевиҷдонона, зарар дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Хусусияти ҷавобгарӣ барои рақобати бевиҷдонона дар он аст, ки қонунгузорӣ оқибати расонидани зарари ояндаро муайян менамояд [6,с.23]. Ҳамин тариқ, дар моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» омадааст, ки кирдори рақобати бевиҷдонона амалҳое мебошанд, ки метавонанд ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ зиён расонанд ё ба обрӯи кории онҳо зарар расонанд.

Ҳамин тариқ, қонунгузорӣ имкони ҷуброни зарари моддӣ ва маънавиро пешбинӣ мекунад. Ҳангоми муайян кардани маблағи ҷуброн, пеш аз ҳама, ҷуброни асосӣ, ба истилоҳ фоидаи аздастрафтаи шахси зарардида дар натиҷаи рақобат ба назар гирифта мешавад. Аксар вақт барои соҳибкор на ҷуброн кардани зарари воқеии ба ӯ расонидашуда, балки барои дар оянда такрор нагардидани ин ҳолат муҳим мебошад.

Ба ғайр аз шартҳои умумии ҷавобгарӣ барои рақобати бевиҷдонона, дигар шартҳои махсусе низ мавҷуданд, ки бо хусусиятҳои ҳуқуқвайронкунии мушаххас муайян карда мешаванд. Яке аз ин шартҳо ба ном «ҳолати рақобатӣ» мебошад.

Шахсе, ки барои вайрон кардани қонунгузории рақобат ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, дар баробари ҷуброни зиён вазифадор аст, ки тамоми хароҷоти вобаста ба рафъ ё қатъи ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин хароҷоти тарафи дигарро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои худ, ки бо амали дахлдор вайрон карда шудааст, ба дӯш гирад.

Ҷавобгарӣ барои содир кардани рақобати бевиҷдонона нисбати ҳуқуқвайронкуниҳо, сарфи назар аз ситонидани товони зиён ва ҷуброни зарари маънавӣ татбиқ карда мешавад. Хусусияти ин ҷавобгарӣ дар он аст, ки онҳо на танҳо дар қонунгузорӣ, балки аз ҷониби тарафҳо дар шартнома, низ муқаррар карда шуда, ба фоидаи зарардида ситонида мешаванд. Барои пешгирии ин ҳуқуқвайронкуниҳо соҳибкорон метавонанд мустақилона онҳоро дар доираи шартнома пешбинӣ намоянд. Аз ҷумла, тибқи қонунгузорӣ, яке аз асосҳои беэътибор донистани аҳд бо мақсади хилофи асосҳои тариботи ҳуқуқӣ ва ахлоқ содир намудани он мебошад (моддаи 184 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳамин тариқ, тибқи моддаи 196 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳдҳое, ки ба ҷалби истеъмолкунандагон бо роҳи паҳн кардани маълумоти бардурӯғ оид ба хусусиятҳои муҳимми мол нигаронида шудаанд, метавонанд дар асоси моддаи мазкур беэътибор дониста шаванд. Ҳамзамон, мақомоти судӣ тибқи қоидаҳои тобеият ва баррасии парвандаҳои мушаххас чораҳои ҷавобгарии гражданӣ ва дигар роҳҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гражданиро ҳангоми содир намудани кирдорҳои рақобати бевиҷдонона татбиқ менамояд.

Ҳамзамон, вақте ки амали (беамалии) субъектҳои хоҷагидор, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд, зарари расонидашуда аз шахсони гунаҳкор ситонида мешавад. Бояд гуфт, ки шаҳрвандон-истеъмолкунандагон, инчунин ҳуқуқ доранд, ки товони зиёне, ки ба онҳо, масалан, дар натиҷаи гумроҳ кардани истеъмолкунандагон оид ба хусусият, усул ва ҷойи истеҳсол, сифати мол расонида шудааст, ҷуброн карда шавад.

Ҷуброни зиён, аз ҷумла дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона расонидашуда, ба доираи ҷавобгарии гражданӣ дахл дорад [22,с.165]. Аз рӯйи моҳияти худ вогузор намудани уҳдадории ҷуброни зарар, ҷавоб ба вайронкунии содиршуда буда, хусусияти ретроспективӣ дорад, яъне мазмуни ин уҳдадорӣ аз он иборат аст, ки вайронкунанда аз қисми маблағ бе ҷуброни дахлдор маҳрум карда мешавад. Дар баробари ин, тибқи қоидаи умумӣ, ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи гражданӣ дар сурати мавҷудияти ҳама гуна дараҷаи гунаҳкорӣ ба миён меояд.

Бо мақсади пешгирии рақобати бевиҷдонона ба соҳибкорон тавсия дода мешавад, ки манфиатҳои худро дар доираи танзими шартномавӣ фаъолонатар ҳимоя кунанд. Аз ҷумла, дар шартномаҳо шартҳое пешбинӣ карда шаванд, ки амали муайяни рақобатро манъ мекунанд ва ҷавобгариро барои содир намудани онҳо пешбинӣ менамоянд. Дар баробари қонуни умумӣ дар бораи рақобат ба дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки ба соҳаҳои мушаххаси фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи суғурта, фаъолияти бонкӣ, биржа ва ғайра бахшида шудаанд, ворид намудани меъёрҳо оид ба таъмини рақобат ва мубориза бо рақобати бевиҷдонона ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ – Саидзода Ҳ.М.**

## АДАБИЁТ


1. Ғафурзода А.Д. Хусусияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ-гражданӣ барои вайрон намудани қонунгузории рақобат / Ғафурзода А.Д., А.Қ. Каримов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. -№2(61). -С.190-195.
2. Ғаюрзода Ш.К. Аломатҳои сифат дар муомилоти гражданӣ / Ғаюрзода Ш.К., Мирзозода П.З. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. - 2022. -№2(38). -С.143-148.
3. Гаюров Ш.К. Понятие недобросовестной конкуренции / Ш.К. Гаюров // «Актуальные проблемы государства и права»: сб. науч. Трудов; под ред. Ф.Т. Тахирова, И.Б. Буриева. -Душанбе, 2006. -С.170.
4. Городов О.А. Недобросовестная конкуренция, теория и правоприменительная практика / О.А. Городов. -М.: Статут, 2008. -С. 9-11.
5. Городов О.А. Недобросовестная конкуренция: учебно-практическое пособие / О.А. Городов, А.В. Петров, Н.А. Шмигельская; под ред. О.А. Городова. -М.: Юстицинформ, 2020.
6. Гражданское право / Под. ред. А.Г. Калпина и А.К. Масляева. -М.: Юрист, 2002.
7. Дозорцев В.А. Недобросовестная конкуренция или несправедливая? / В.А. Дозорцев // Юридический мир. - 1997. -№4. -С.30-38.
8. Еременко В.И. О пресечении недобросовестной конкуренции / В.И. Еременко // Вопросы изобретательства. - 1992. -№1-2. -С.25-32.

9. Исмоилов Ш.М. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи танзими муносибатҳои нави хусусӣ / Ш.М. Исмоилов // Қонунгузорӣ. – 2023. -№2(50). -С.56-60.
10. Касьянов Ю. Проблемы российского антимонопольного законодательства / Ю. Касьянов // Законодательство и экономика. - 2000. -№6.
11. Курбонов К.Ш. Добросовестность в гражданском праве: диссертация доктора юридических наук / К.Ш. Курбонов. –Душанбе, 2018.
12. Курбонов К.Ш. Добросовестность в гражданском праве: автореферат дисс. на соискание уч. степ. к.ю.н. (12.00.03). – Душанбе: 2019. -32 с.
13. Қонуни ҶТ "Дар бораи реклама" аз 1 августи соли 2003, №34. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. - 2003. -№8. -мод.457.
14. Қонуни ҶТ «Дар бораи тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.05.2023).
15. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. Қ. 1 / Ф.М. Нодиров. –Душанбе: Эр-граф, 2019. -480 с.
16. Рахимов М.З. К вопросу правового регулирования недобросовестной конкуренции / М.З. Рахимов // Права человека и развитие демократии в Таджикистане: проблемы и перспективы. -Душанбе, 1997.
17. Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование / М.З. Рахимов. –Душанбе: Деваштич, 2007. -294 с.
18. Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Раҳимзода М.З., Д.Ш. Сангинов. -Душанбе, 2021. -400 с.
19. Свядосц Ю.И. Правовая охрана товарных знаков в капиталистических странах /Ю.И. Свядосц. -М., 1969. -189 с.
20. Сидиков Д.А. Правовые проблемы реализации защиты от недобросовестной конкуренции, как объект права интеллектуальной собственности в гражданском законодательстве Республики Таджикистан / Д.А. Сидиков // Правовая жизнь. – 2022. -№1(37). -С.110-118.
21. Тотьев К.Ю. Конкурентное право (правовое регулирование деятельности субъектов конкуренции и монополий): Учебник для вузов / К.Ю. Тотьев. -М., 2003. -269 с.
22. Хальфин Р.О. Современный рынок: правила игры / Р.О. Хальфин. -М.: Ассоциация «Гуманитарных знаний», 1993. -165 с.
23. Черкасова О.В. Становление принципа добросовестности в отечественном гражданском праве: исторический, доктринальный и правоприменительные аспекты / О.В. Черкасова // Genesis: исторические исследования. -2020. -№2. -С.11-18.

## МАФҲУМ ВА ШАКЛҲОИ РАҚОБАТИ БЕВИҶДОНОНА ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Рақобати бевиҷдонона шакли маъмули вайрон намудани қоидаҳои рақобатӣ мебошад. Тибқи қоидаҳои умумӣ, дар қонунгузорӣ субъектон уҳдадор карда мешаванд, ки бовиҷдонона амал намоянд. Рушд ва дастгирии рақобат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҳз роҳандозии сиёсати зиддиинҳисорӣ калиди рушди соҳибкории хурд ва миёна ба ҳисоб меравад. Яке аз хусусиятҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ мавҷудияти рақобат мебошад. Ба маънои васеи мафҳуми рақобат мусобиқаи корхонаҳо дар бозорҳои мол, мубориза барои ҳиссаи бозор ё «муборизаи манфиатҳои номувофиқ» буда, муносибатҳои марбут ба равандҳои рақобат яке аз самтҳои мураккаби танзими ҳуқуқиро ифода мекунанд. Дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ гурӯҳи махсуси амалҳои зиддирақобатӣ муайян карда шудааст, ки бо бартарияти маҳакҳои ҳуқуқии зидди рақобат нисбат ба маҳакҳҳои иқтисодӣ тавсиф мешаванд. Рақобати бевиҷдонона бо қонунгузорӣ манъ карда шудааст. Дар амалияи мамлакат низ масъалаи мубориза бо рақобати бевиҷдонона ва таъмини рақобати комил дар бозор яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб рафта, аз ҳалли пурраи ин масъала рушди муносибатҳои соҳибкорӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон вобастагии амиқ дорад. Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои мафҳум, аломатҳо ва шаклҳои рақобати бевиҷдононаро дар заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмӣ ва таҷрибаи қонунгузории мамлакатҳои хориҷа таҳлил намудааст.

**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, қонунгузорӣ, рақобат, фаъолияти инҳисорӣ, мавқеи ҳукмфармоӣ, ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ҳимоя, рақобати бевиҷдонона, шаклҳои рақобати бевиҷдонона, рекламаи бевиҷдонона, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, эътибори корӣ, маълумоти таҳрифшуда.

## ПОНЯТИЕ И ФОРМЫ НЕДОБРОСОВЕСТНОЙ КОНКУРЕНЦИИ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Недобросовестная конкуренция является распространенной формой нарушения правил конкуренции. Как правило, законодательство обязывает организации действовать добросовестно и требует добросовестного поведения. Развитие и поддержка конкуренции является одним из приоритетов современной экономической политики Республики Таджикистан. Реализация антимонопольной политики является залогом развития малого и среднего предпринимательства. Одной из основных характеристик предпринимательских правоотношений является наличие конкуренции. В самом широком смысле этого слова конкуренция – это конкуренция предприятий на товарных рынках в борьбе за долю рынка или «борьба несовместимых интересов», а отношения, связанные с процессами конкуренции, представляют собой одну из сложных областей правового регулирования. В антимонопольном законодательстве определена особая группа антиконкурентных действий, характеризующаяся

превосходством юридических антиконкурентных судов над экономическими судами, определяющими недобросовестную конкуренцию. Недобросовестная конкуренция запрещена законом. В практике страны вопрос борьбы с недобросовестной конкуренцией и обеспечения полноценной конкуренции на рынке считается одним из важнейших направлений, а развитие деловых связей и защита прав и интересов потребителей тесно зависят от полного обеспечения этого вопроса. В данной статье автор проанализировал понятие, признаки и формы недобросовестной конкуренции на основе законодательства Республики Таджикистан, научной литературы и законодательного опыта зарубежных стран.

**Ключевые слова:** предпринимательство, предпринимательская деятельность, законодательство, конкуренция, монополистическая деятельность, доминирующее положение, права потребителей, защита, недобросовестная конкуренция, формы недобросовестной конкуренции, недобросовестная реклама, права интеллектуальной собственности, репутация, искаженная информация.

## DEFINITION AND FORMS OF UNFAIR COMPETITION ACCORDING TO THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Unfair competition is a common form of violation of competition rules. Generally, legislation obliges organizations to act in good faith and requires conscientious conduct. Development and support of competition is one of the priorities of the modern economic policy of the Republic of Tajikistan. The implementation of antimonopoly policy is the key to the development of small and medium-sized businesses. One of the main characteristics of business legal relations is the presence of competition. In the broadest sense of the word, competition is the competition of enterprises in product markets in the struggle for market share or the “struggle of incompatible interests,” and relations associated with competition processes represent one of the complex areas of legal regulation. The antimonopoly legislation defines a special group of anticompetitive actions, characterized by the superiority of legal anticompetitive courts over economic courts that determine unfair competition. Unfair competition is prohibited by law. In the practice of the country, the issue of combating unfair competition and ensuring full competition in the market is considered one of the most important areas, and the development of business relations and the protection of the rights and interests of consumers deeply depend on the full provision of this issue. In this article, the author analyzed the concept, signs and forms of unfair competition based on the legislation of the Republic of Tajikistan, scientific literature and legislative experience of foreign countries.

**Keywords:** entrepreneurship, entrepreneurial activity, legislation, competition, monopolistic activity, dominant position, consumer rights, protection, unfair competition, forms of unfair competition, unfair advertising, intellectual property rights, reputation, distorted information.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Пулодзода Шаҳнозабону Пулод*** –Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға**: 734024, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **(+992) 988-54-80-05**

**Сведения об авторе:** ***Пулодзода Шахнозабону Пулод*** – Национальная академия наук Таджикистана, соискатель. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **988-54-80-05**

**Information about the author:** ***Pulodzoda Shahnozabonu Pulod*** - National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **988-54-80-05**

**ТДУ: 34+323.28(575.3)**

# ПРОБЛЕМАҲОИ МУКАММАЛСОЗИИ БАНДУБАСТИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ ДАР ОНҲО АЛОМАТҲОИ ЭКСТРЕМИЗМИ ИТТИЛООТӢ ИНЪИКОС ЁФТААНД

*Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо*
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Таҷрибаи судиву тафтишотӣ нишон медиҳад, ки маъмулан ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир карда мешаванд, ба талқини идеология ва амали зӯроварона алоқамананд, характери муташаккил дошта, дар паҳн намудани идеологияи экстремистӣ ва даъватҳои оммавӣ бо мақсади барангехтани кинаю адовати динӣ, миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ ва маҳалгароӣ ва ё даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ, ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ва ё вайрон намудани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мебошанд [8]. Асосан экстремистон мехоҳанд бо роҳи даъватҳои оммавии ошкоро ва пинҳонии худ шумораи тарафдоронашонро зиёд намоянд. Дар мавридҳои мусоид тарафдорони онҳо дар асоси ангезаҳои экстремистӣ даст ба содир кардани одамкушӣ, қасдан расонидани зарарҳои гуногун ба саломатӣ, ҳатто амалҳои террористӣ ва ғ. мезананд, ки ин кирдорҳои онҳо аз рӯйи объекти бевоситаашон бо моддаҳои дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) квалификатсия карда шуда, ангезаҳои экстремистии онҳо ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Ба ҷиноятҳои баррасишаванда мо барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (моддаи 189 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 307 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва ё сафедкунии оммавии экстремизм (моддаи 307 (1) КҶ ҶТ) ва ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ 307(3) КҶ ҶТ-ро мансуб медонем, чунки истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, нишонаи асосӣ ё квалификатсионии таркиби онҳо мебошад.

Ба андешаи мо, бинобар якчанд омилҳо таркиби ҷиноятҳои мазкур бозбинӣ ва мукаммалсозиро дар сатҳи қонунгузорӣ тақозо менамоянд:

1. Моддаҳои 189, 307, 307(1), 307(2) ва 307(3) КҶ ҶТ маъмулан, танҳо дар асоси ангезаҳои экстремистӣ (динӣ-мазҳабӣ, сиёсӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ, ҷудохоҳӣ ва маҳалгароӣ) содир карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, барои ҳар як ангеза, чи тавре ки дар қонунгузории Қазоқистон (барои ҷудоихоҳӣ) [12], Озарбойҷон (барои ангезаҳои динӣ – мазҳабӣ) [11] ва ғ. пешбинӣ кардани моддаҳои алоҳида, мувофиқи матлаб нест. Зеро чунин мавқеъгирӣ боиси пешбинӣ кардани моддаҳои алоҳида барои ҳар як ангезаи экстремистӣ замина эҷод менамояд.
2. Чунин ангезаҳо аз нуқтаи назари илмӣ ҳеҷ гоҳ дар алоҳидагӣ зуҳур намеёбанд, онҳо доимо ба якдигар дар омезиши шадид қарор доранд. Чунин кирдорҳо дар як маврид метавонанд дар асоси якчанд ангезаҳо рӯйи кор биёянд, ки боиси барои як ҷиноят татбиқ намудани якчанд моддаи КҶ ҶТ мегардад (чунин раванд айни замон ҳукмфармо мебошад).
3. Тарафи объективии ҳамаи ин ҷиноятҳо дар даъватҳои оммавӣ зоҳир мешавад, ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят барои ҳамаи онҳо қариб якранг мебошанд.
4. Дарки воқеии аломатҳои таркиби ин ҷиноятҳо ва аз ҳамдигар фарқ кардани онҳо, то андозе барои ҳуқуқтатбиққунандагон ва шахсони гунаҳгор мушкил аст, ки ҳатто мутахассисони соҳа ва олимон дар ин самт мушкилӣ мекашанд. Аммо қонун на барои олимон, балки барои кормандони амалӣ ва шахсони одӣ мураттаб карда мешавад. Аз ин лиҳоз, кормандони амалӣ бояд танҳо дар доираи талаботи КҶ ҶТ аломатҳои таркиби ҷиноятро дар кирдори гунаҳгорон ҷустуҷӯ ва муайян кунанд.
5. Моддаҳои 307(2) ва 307(3) КҶ ҶТ идомаи мантиқии моддаҳои 189, 307, 307 (1) КҶ ҶТ мебошанд, ки аз хавфнокии зиёди ин кирдорҳо шаҳодат дода, тафриқакунонӣ ва баҳодиҳиро танҳо дар ҳамгироӣ ва доираи моддаҳои номбурда тақозо менамоянд.

Азбаски даъвати оммавӣ ва инфиродии ошкоро ва пӯшидаи шаҳрвандон дар асоси ангезаҳои экстремистӣ метавонанд дигар шахсонро барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта моил кунанд ва ҳадафи асосии ташкилоти экстремистӣ низ ҳамин аст, зарур аст, ки аломатҳои тарафи объективии моддаҳои 189, 307, 307 (1)-ро, ки қисми 1 ин моддаҳо танҳо даъватҳои оммавиро фарогир мебошанд ва дар таркиби моддаҳои 307(2) ва 307(2)КҶ ҶТ танҳо аломатҳои муташаккилии фаъолияти экстремистӣ дар доираи иттиҳод ва ташкилоти экстремистӣ таҷассум гардидаанд, моҳиятан назар андӯхтан ба таҳлили муқоисавии онҳо бо мақсади муайян намудани аломатҳои умумӣ ва махсуси ин таркибҳои ҷиноятӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар мақолаи мазкур танҳо аломатҳои тарафи объективии ҷиноятҳои мазкур бо дарназардошти тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси маҳакҳои муайянсозандаи ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаҳои мазкур мавриди баррасӣ ва баҳодиҳии ҳуқуқӣ қарор дода мешаванд.

Таркиби ҷиноятҳои дар моддаҳои 189, 307 ва 307(1) КҶ ҶТ пешбинишуда, аз рӯйи сохтор расмӣ мебошанд. Ҷиноятҳои мазкур, аз лаҳзаи ба таври оммавӣ эълони (паҳн намудани) ҳатто як даъват (муроҷиат) новобаста аз он ки барои ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ дигар шахсонро барангехтааст ё не, хотимаёфта эътироф карда мешаванд [7]. Яъне, вақти баохиррасии онҳо аз лаҳзаи ба амал овардани даъватҳои оммавӣ аз рӯйи ангезаҳои экстремистӣ (сиёсӣ, динӣ, нажодпарастӣ, миллатгароӣ, маҳалгароӣ), ки дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, вобаста мебошад. Ҳамзамон, ҳар як ҷиноят ба воситаи рафтори фаъоли шахсони гунаҳкор амалӣ мешавад, ки он ҳаракатҳои хавфноки ҷамъиятиро дар бар мегирад, ба монанди даъватҳои оммавӣ бо мақсади барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (моддаи 189 КҶҶТ), даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 307 КҶҶТ) ва даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (моддаи 307(1) КҶҶТ).

Мусаллам аст, ки дар солҳои охир дар аксарияти ҳолатҳо ҳамаи даъватҳои оммавӣ ба барангехтани кинаву адовати диниву сиёсӣ алоқаманд буда, дар маҷмуъ, дар паст задани обрӯ ва эътибори дину мазҳабҳои дигар ва ташкил кардани "хилофати исломӣ дар асоси шариат» алоқаманд мебошанд [1,с.31]. Мазмуну моҳияти ин даъватҳои оммавӣ асосан барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.307 КҶ ҶТ) равона мебошанд, аммо бинобар он ки паст задани обрӯ ва эътибори дину мазҳабҳои дигар аз рӯйи ангезаҳои экстремистӣ дар моддаи 189 КҶ ҶТ муқаррар шуда, заминаи ба вуҷуд овардани кинаву адоват барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 307 КҶҶТ) мегардад, аломатҳои таркиби ҳарду модда дар доираи моддаи 307 (1) КҶ ҶТ (даъватҳои оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм) мустаҳкам гардидаанд. Бо дарназардошти он ки тибқи талаботи моддаҳои дахлдори Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» даъватҳои оммавӣ барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) ва барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавҳари асосии мафҳуми фаъолияти экстремистиро ташкил медиҳанд ва андозаи ҷазо барои чунин даъватҳо дар моддаи 307(1)КҶ ҶТ сабуктар аст, бо дарназардошти талаботи моддаи 11 КҶ ҶТ дар солҳои охир таҷрибаи судиву тафтишотӣ нишон медиҳад, ки кормандони амалӣ чунин даъватҳоро асосан дар асоси талаботи моддаи 307(1)КҶ ҶТ бандубаст менамоянд. Яъне, моддаҳои 189 ва 307 КҶ ҶТ бинобар номукаммалии қонунгузории амалкунандаи зиддиэкстремистӣ аллакай таъиноти худро гум кардаанд.

Агар ба ҷиноятҳои бо истифода аз ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содиршаванда (экстремизми иттилоотӣ) назар андӯзем, маълум мегардад, ки солҳои 2014-2017 барои як кирдори экстремистӣ (бинобар мазмуну муҳтавои фаъолияти экстремистиро бо таври дуруст дарк карда натавонистани мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, ашхоси гунаҳкор асосан аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бо моддаҳои 189, 307 ва 307(1) КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд. Дар сурате ки тибқи талаботи моддаи 307(1) КҶ ҶТ ба пуррагӣ фарогири аломатҳои моддаҳои 189, 307 мебошад. Бинобар сол аз сол дарк

гардидани талаботи қонунгузорӣ дар самти номбурда, дар солҳои 2018-22 шумораи ҷиноятҳо бо моддаи 307 зина ба зина то се баробар кам гардидаанд. Инчунин, бояд зикр кард, ки таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки то соли 2020 (то ворид кардани моддаи 462 (1) КҲМ ҶТ аз 17 декабри соли 2020) як кирдори экстремистӣ вобаста ба даъватҳои оммавӣ бе асосҳои кофӣ бо ду модда (189 ва 307 КҶ ҶТ) бандубаст карда мешуд. Дар сурате ки моддаи 307(1) фарогири табиати моддаи 189 КҶ ҶТ низ мебошад. Аммо бинобар барои бори аввал содир кардани кирдори экстремистии дар моддаи 189 КҶ ҶТ пешбинишуда, дар соли 2020 ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардид, дар солҳои 2021-2023 шумораи содиршавии ҷиноятҳо бо моддаи 189 КҶ ҶТ яку якбора то 20 баробар поён рафтааст. Чунин раванд аз он шаҳодат намедиҳад, ки сатҳи кирдорҳои экстремистӣ яку якбора паст рафтааст. Баръакс, аз мушкилоти қонунгузорӣ дар ин самт ва якранг набудани таҷрибаи судиву тафтишотӣ ва беҳадду ҳудуд будани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт шаҳодат медиҳад. Инчунин, зиёдшавии шумораи ҷиноятҳо бо моддаи 307 (3) КҶ ҶТ бинобар дар доираи он пешбинӣ гардидани меъёри ҳавасмандкунанда мебошад, ки шаҳрвандон барои сидқан аз кирдорҳои экстремистии худ пушаймон шуда ва бо мақомот ҳамаҷониба мусоидат кардан дар пешгирӣ ва ошкор намудани чунин ҷиноятҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, дар таҷрибаи 5 соли охир кирдорҳои экстремистӣ бештар бо моддаи 307 (3) бандубаст карда шуда, нисбати шахсони сидқан аз кирдори худ пушаймоншуда эзоҳи моддаи мазкур татбиқ карда мешавад. Тибқи маълумотҳо, беш аз 1200 нафар ашхоси ба ташкилоти экстремистӣ-террористӣ алоқамандӣ дошта дар асоси талаботи чунин эзоҳҳои моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудаанд. Аз ин лиҳоз, дар таркиби моддаи 307 (1) пешбинӣ кардани чунин талабот мувофиқи мақсад аст.

Мухолифати дигари қонунгузорӣ дар ин самт дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 307 (1) КҶ ҶТ маҳакҳои тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин даъватҳои оммавӣ хеле нокомил ва баҳсбарангез мебошанд. Масалан, дар қисми 1 моддаи мазкур аломатҳои мушаххаси фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии он муқаррар карда нашуда, дар қисми 2 он ҳамчун аломатҳои вазнинкунандаи кирдори ҷиноятӣ содир намудани он бо истифода аз ВАО ё шабакаи интернет муайян гардида, дар қисми 3 ин модда ба ҳайси чунин ҳолатҳо (б. «а») такроран ва (б. «б») ҳолати ретсидиви хавфнок ва ё махсусан хавфнок баромад менамоянд. Аммо дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 307 КҶ ҶТ дар баробари мавҷуд будани чунин ҳолатҳои вазнинкунанда, инчунин содир намудани чунин даъватҳои оммавӣ «аз ҷониби гурӯҳи муташаккил», «бо истифодаи мақоми хизматӣ», «мутобиқи супориши ташкилотҳои нияти душманона дошта ё намояндагони давлатҳои хориҷӣ» пешбинӣ гардидаанд, ки барои тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбатан мусоидат менамоянд [3].

Дар диспозитсияи моддаи 189 КҶ ҶТ бошад, даъватҳои оммавии хусусияти экстремистидошта (ғайр аз даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ), ки бо воситаи интернет ва ё дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ бевосита амалӣ карда мешаванд, ҳамчун аломатҳои ҳатмии ин кирдор муайян гардида, дар қисми 2 ва 3 ин модда, ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятиро назар ба моддаҳои 307, 307 (1) КҶ ҶТ муфассалтар пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, дар қисми 2 моддаи 189 КҶ ҶТ ба амал овардани даъватҳои оммавии хусусияти экстремистидошта а) «такроран»; б) «бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он»; в) «бо истифодаи мақоми хизматӣ»; г) «аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» пешбинӣ гардида, дар қисми 3 ба ҳайси чунин ҳолатҳои вазнинкунанда: а) «аз ҷониби гурӯҳи муташаккил»; б) «аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад»; в) «ба зӯран пеш кардани шаҳрванд аз маҳалли сукунати доимӣ оварда расонад»; г) «дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок содир шуда бошад», баромад менамоянд.

Таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи моддаҳои 189, 307 ва 307(1) КҶ ҶТ собит месозанд, ки маҳакҳои тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба фаъолияти экстремистӣ дар моддаи 189 КҶ ҶТ (новобаста ба мавҷуд будани бархе аз камбудиҳои ҷузъӣ) назар ба моддаҳои 307, 307(1) КҶ ҶТ комилтар ва аз нуқтаи назари илмӣ бонизому самараноктар мебошанд.

Таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи моддаҳои 189, 307 ва 307(1) КҶ ҶТ собит месозанд, ки маҳакҳои тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба фаъолияти экстремистӣ дар моддаи 189 КҶ ҶТ (нововбаста ба мавҷуд будани бархе аз камбудиҳои ҷузъӣ) назар ба моддаҳои 307, 307(1) КҶ ҶТ комилтар ва аз нуқтаи назари илмӣ бонизому самараноктар мебошанд.

Дар ҳамин радиф зикр кардан зарур аст, ки бинобар мавҷуд будани проблемаҳои дар боло зикрнамуда, аломатҳои таркиби моддаҳои 307 (1) ва 307 (4) КҶ ҶТ дар Лоиҳаи КҶ ҶТ дар таҳрири нав дар доираи моддаи 347 (даъвати оммавӣ ба экстремизм ё сафедкунии оммавии экстремизм ва ё ташкили таълими хусусияти динии экстремистидошта) муттаҳид карда шудаанд, ки бо асоснокии мавқеи мо вобаста ба муттаҳид намудани моддаҳои 307 ва 307 (1) дар доираи як моддаи алоҳида ҳамшабеҳ аст [5]. Инчунин, дар Лоиҳаи мазкур бинобар хеле мушкил ва ихтилофбарангез будани табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии моддаҳои 307 (2) ва 307 (3) КҶ ҶТ аломатҳои онҳо дар доираи моддаи 346 (Ташкил ё роҳбарӣ ба гурӯҳ, ташкилот ё иттиҳоди экстремистӣ ё ҳамоҳангсозӣ ва ё иштирок дар фаъолияти онҳо) муттаҳид карда шудаанд.

Зеро аз мазмуни диспозитсияи моддаи 307 (1) КҶ ҶТ (ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) бармеояд, ки ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта моддаҳои 157 (монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияи динӣ), 158 (монеъ шудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), 160 (вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ ва пикетгузорӣ), 185 (ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ), 188 (бетартибиҳои оммавӣ), 189 (барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ (мазҳабӣ), 237 (авбошӣ), 237 (1) (вандализм), 242 (несту нобуд кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг), 243 (таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо), марбут дониста шудаанд.

Вобаста ба ҳамин масъала М.П. Ҳайдарзода меафзояд, ки «тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда, шахс барои ташкили иттиҳоди экстремистӣ бо м. 307(2) КҶ ҶТ танҳо дар он ҳолате ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки агар мақсади иттиҳоди экстремистӣ содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, 237 (1), 242, 243 КҶ ҶТ пешбинишударо дошта бошад. Аммо, агар шахси гунаҳгор барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, аз қабили моддаҳои 307, 307(1), 307(3), 307(4) тайёрӣ, суиқасд ва ё онҳоро содир карда бошад, пас, бояд бо моддаи 307(2) ба ҷавобгарӣ кашида нашавад» [13,с.90]. Зеро номгӯйи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаи дар моддаи 307(2) КҶ ҶТ пешбинишуда, бинобар сабаби дуҳӯрагӣ ва номукаммалӣ ҳангоми татбиқ намудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба манфиати айбдоршаванда (судшаванда, маҳкумшуда) тафсир (маънидод) карда мешаванд (қ. 1. м. 11(1) КҶ ҶТ). Қисми 2 м. 11(1) КҶ ҶТ муқаррар намудааст, ки иборахо ва (ё) мафҳумҳое, ки дар ҳамин Кодекс истифода бурда мешаванд, ҳамон маъноеро доранд, ки дар қонунҳои дахлдор оварда шудаанд, агар дар Кодекси ҷиноятӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад [14,с.60].

Илова бар ин, дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ вобаста ба муайян намудани аломатҳои таркиби ҷиноят марбут ба мазмуну моҳияти моддаи 307(2) КҶ ҶТ (ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ), пеш аз ҳама, бояд муқаррароти Қисми умумии КҶ ҶТ вобаста ба мафҳуми «иттиҳоди ҷиноятӣ» ба назар гирифта шавад. Аммо дар моддаи 39 КҶ ҶТ (ҷиноят содир намудани гурӯҳи шахсон, гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) мафҳуми иттиҳоди экстремистӣ (ташкилоти экстремистӣ), ҳамчун яке аз намудҳои иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) кушода нашудааст. Тибқи талаботи моддаи зикркарда, мафҳуми иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) барои дигар моддаҳои дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишуда хусусияти бунёдӣ дошта, ҳангоми истифода гардидани он дар таркиби моддаҳои дахлдори Кисми махсуси КҶ ҶТ хусусиятҳои асосии он бояд ба инобат гирифта шаванд. Аз ин ҷост, ки дар қ. 4 моддаи 39 КҶ ҶТ чунин дарҷ гардидааст: «Иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) муттаҳидшавии ду ё якчанд гурӯҳи муташаккил эътироф мешавад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин ба ташкилоти устувор таъсис ёфта, фаъолияти он ба тақсимоти вазифаи идоракунӣ, таъмин ва иҷрои мақсадҳои ҷиноятқоронаи иттиҳод дар байни аъзои иттиҳод ва сохторҳои он асос

меёбад». Зиёда аз ин, дар моддаи мазкур иттиҳоди ҷиноятӣ ва ташкилоти ҷиноятӣ ҳамчун мафҳумҳои баробарвазн эътироф гардидаанд. Аз ин лиҳоз, дар моддаи 307(2) КҶ ҶТ истифода бурдани ибораи «иттиҳоди экстремистӣ» ва дар моддаи 307(3) КҶ ҶТ «ташкилоти экстремистӣ» мувофиқи матлаб нест. Инчунин, қонунгузор дар як маврид ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) (м. 307(2) КҶ ҶТ) вобаста ба эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияти иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) бо сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистиаш муқаррарот муайян накарда, вобаста ба моддаи 307(3) КҶ ҶТ (ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) чунин муқарраротро пешбинӣ кардааст.

Новобаста аз он ки дар диспозитсияи моддаи мазкур дар бораи ташкили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилоте, ки ба фаъолияти экстремистӣ машғул мешаванд, сухан меравад, чунин мавқеъгирии қонунгузор бинобар якчанд омилҳо ба талаботи принсипҳои КҶ ҶТ ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мухолиф мебошад:

- Тибқи талаботи қ.1 моддаи 4 КҶ ҶТ: «Ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо Кодекси ҷиноятӣ муайян менамояд». Аммо моддаи 307 (3) КҶ ҶТ (ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) аломатҳои таркиби ҷиноятро ба таври мушаххас муайян накардааст. Бо қарорҳои дахлдори суд бошад, фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ-террористие манъ карда шудаанд, ки ҳеҷ кадоми онҳо (ба истисноӣ ҲНИТ) дар Вазорати адлияи ҶТ расман ба қайд гирифта нашуда буданд. Яъне, қонунгузор фаъолияти ғайриқонунии манъшударо дубора манъ кардааст ва ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ-террористӣ ин ихтилофоти қонунгузориро ба манфиати худ истифода бурда, бо таври мунтазам номҳои худро тағйир дода, мехоҳанд бо ин роҳ кирдорҳои ҷиноятии худро рӯйпӯш созанд. Зиёда аз ин, аксарияти онҳо дар як маврид ҳам ба фаъолияти экстремистӣ ва ҳам ба фаъолияти террористӣ машғул мешаванд.
- Ташкили иттиҳоди экстремистӣ, бе ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ ғайриимкон аст, зеро барои ташкил кардани иттиҳоди экстремистӣ, пеш аз ҳама, шахсони алоҳида ва ё гурӯҳи шахсонро бо роҳи даъватҳои пӯшида ва ошкорои оммавӣ дар асоси ангезаҳои экстремистӣ барои чунин фаъолият моил месозанд.
- Ташкили иттиҳоди экстремистӣ, пеш аз ҳама, аз муташаккилии фаъолияти ташкилоти экстремистӣ шаҳодат дода, муттаҳидии якчанд ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ба мақсади ягона метавонад ҷавҳари асосии чунин иттиҳодро ташкил кунад.
- Пурсиши 200 нафар ҳуқуқшиносон вобаста ба таносуби мафҳумҳои «иттиҳоди экстремистӣ» ва «ташкилоти экстремистӣ» нишон дод, ки 24% пурсидашудагон ин истилоҳотро ҳамчун мафҳумҳои баробарвазн дарк намуда, 25% онҳо дар тафриқа кардани онҳо мушкилӣ кашида, 28% онҳо изҳор доштанд, ки «иттиҳоди экстремистӣ» нисбати «ташкилоти экстремистӣ» хавфнокии баланд дорад ва 23% онҳо «ташкилоти экстремистӣ»-ро нисбати «иттиҳоди экстремистӣ» хавфноктар донистанд.
- Дар дилхоҳ ҳолат, шахс (гурӯҳи шахсон) барои ташкил намудани иттиҳоди экстремистӣ (ташкилоти экстремистӣ), пеш аз ҳама, ба фаъолияти экстремистӣ машғул мешавад.
- Сарфи назар аз истифодаи мафҳумҳои «иттиҳоди экстремистӣ» ва «ташкилоти экстремистӣ» дар диспозитсияи моддаҳои 307 (2) КҶ ҶТ ва 307 (3)КҶ ҶТ мазмуни онҳо ба талаботи қ.4 моддаи 39 КҶ ҶТ ва моддаи 187 КҶ ҶТ (ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) мувофиқат намекунанд.

Ҳамин тариқ, аломатҳои таркиби моддаҳои 307(2) КҶ ҶТ ва 307 (3)КҶ ҶТ аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар рақобати шадид ва ихтилофоти баҳсбарангез қарор доранд. Барои ҳалли проблемаи мазкур, ба андешаи мо, бояд мафҳумҳои «иттиҳоди экстремистӣ» ва «ташкилоти экстремистӣ» дар меҳвари мафҳуми «иттиҳоди ҷиноятӣ» (ташкилоти ҷиноятӣ) дар сатҳи қонунгузорӣ мафҳумҳои ҳамвазн эътироф карда шаванд ва дар таркиби моддаҳои 39 КҶ ҶТ ва моддаи 187 КҶ ҶТ бо назардошти дараҷаи хавфнокии онҳо аз рӯйи категорияҳои ҷиноят ҷойгир карда шаванд ва ё дар доираи як моддаи мустақил муттаҳид карда шаванд.

Яъне, тибқи қ .4 моддаи 39 КҶ ҶТ дар ҳамгироӣ бо моддаи 187 КҶ ҶТ иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) аз гурӯҳи муташаккил бо сохтори дохилии мураккабтар фарқ мекунад. Нисбат ба гурӯҳи муташаккил аз ҷиҳати шумора бартарӣ дошта, инчунин ба содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин равона карда шудааст. Масалан, тибқи муқаррароти қ.1 моддаи 187 КҶ ҶТ иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) бо мақсади содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё ҷиноятҳои махсусан вазнин, ҳамчунин роҳбарӣ ба чунин иттиҳод (ташкилот) ё ба ҷузъу томи таркибии онҳо, инчунин ташкили иттиҳоди ташкилотчиён, роҳбарон ё дигар намояндагони гурӯҳҳои муташаккил барои таҳияи нақша ва фароҳамоварии шароит барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил карда мешавад. Зикр кардан бамаврид аст, ки новобаста аз он ки ҷинояткорон ҷинояти хусусияти коррупсионидошта, хусусияти террористидошта ё ҷиноятҳои молумулкӣ содир менамоянд, агар онҳо дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир карда шаванд, моддаи мазкур консепсияи нисбатан мушаххас ва манфиатпазирро дар мубориза ба чунин навъи ҷинояткорӣ таҷассум менамояд ва аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок мебошад.

Ҳатто моддаи мазкур айни замон низ дар сурати хориҷ намудани моддаҳои 307(2) КҶ ҶТ ва 307 (3)КҶ ҶТ барои ошкор, пешгирӣ ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани аъзоёни фаъоли ташкилотҳои экстремистӣ – террористӣ мусоидат менамояд. Зеро тибқи талаботи қ.1 моддаи 307 (2) КҶ ҶТ, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкил намудани иттиҳоди экстремистӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ аз 8 то 12 солро пешбинӣ менамояд. Яъне, ҷинояти вазнин эътироф гардидааст.

Қариб ҳамин хел мавқеъгирӣ вобаста ба мухолифат ва проблемаҳои қонунгузории Федератсияи Русия аз ҷониби муҳаққиқ И.С. Макеева ба назар мерасад. Аз ҷумла, ӯ иброз медорад, ки айни замон аломати вазнинкунандаи банди «в»-и қисми 2 моддаи 282 КҶ ФР (барангехтани кина ё адоват, инчунин таҳқири шаъну шарафи инсон) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил мавҷудияти маҷмуи ҷиноятро бо моддаи 282 (1) КҶ ФР (ташкили иттиҳоди экстремистӣ) дар бар дорад, ки аз мавқеи норавшани қонунгузорӣ шаҳодат дода, барои квалификатсияи нодурусти кирдорҳо асос мегардад [6,с.131].

Ҳамин тариқ, мутобиқи талаботи банди 13 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2013 таҳти №492, «Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳадди ақал номгӯйи мукаммали кирдорҳои экстремистии ҷиноят эътирофшавандаро доро бошад, ки муқовимат ба онҳо наметавонад бо воситаи қонунгузории соҳавии дигар самаранок амалӣ карда шавад». Аммо дар КҶ ҶТ аломатҳои «фаъолияти экстремистӣ», «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта», «иттиҳоди экстремистӣ», «ташкилоти экстремистӣ» ба пуррагӣ дарҷ нагардидаанд ва дар қонунҳои дахлдор - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мафҳумҳои зикркарда бо таври васеъ тафсир ёфтаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, барои содир намудани даъватҳои оммавии хусусияти экстремистидошта ҳамчун аломати ҳатмии тарафи объективии ҷиноят дар диспозитсияи моддаи 189 КҶ ҶТ муайян гардидааст. Дар моддаҳои 307, 307(1)КҶ ҶТ бошад, чунин ҳолат дар қисмҳои 2 моддаҳои мазкур ҳамчун ҳолати вазнинкунанда пешбинӣ гардидааст. Бояд зикр намуд, ки аксарияти олимон истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернетро ҳамчун маҳаки зарурии муайян намудани ҷавобгарии вазнинтар барои даъватҳои оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ эътироф менамоянд [4,с.57]. Мо бо дарназардошти чунин асосҳо ҷонибдори чунин мавқеъ ҳастем:

- Гарчанде ВАО дар ҳудуди давлатҳои аъзои ИДМ нисбатан назоратшаванда ва идорашаванда бошанд ҳам, аммо шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет (хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ) имрӯз воситаи муоширати доимӣ ва воқеияти рӯзгори ҳар як инсон маҳсуб ёфта, назорати ҳамаҷонибаи онҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ мушкил гардидааст. Яъне, тафаккури дилхоҳ инсон боихтиёр ва ё беихтиёр ба таври мунтазам ҳангоми назорат кардани шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ бо мақсади дарёфт кардани иттилооти гуногун (дар соҳаи санъат, варзиш, иқтисод, сиёсат, фарҳанг, дин ва ғ.) метавонад зери таъсири иттилооти манфиатпазир ва ё зараровар қарор гирад. Бинобар мусаллаҳ набудани бархе аз шаҳрвандон аз донишҳои амиқ, онҳо иттилооти дуруст ва

манфиатпазирро аз иттилооти зараровар фарқ карда наметавонанд. Воқеияти имрӯзаи фазои интернетӣ собит месозад, ки ҳатто бархе омӯзгорон, олимон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ ба таассуботи динӣ дода мешаванд. Тибқи маълумоти расмӣ, имрӯз зиёда аз 3 миллион шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарандагони фаъоли интернет мебошанд, ки зиёда аз 80 фоизи онҳо ҳадафмандона ё ғайриихтиёр тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба маводи дорои хусусияти экстремистӣ дастрасӣ пайдо менамоянд [10]. Дар ин замина, дар баробари дигар омилҳо нокифоя истифода гардидани имкониятҳои ВАО ҷиҳати пешбурди ташвиқоти зиддиэкстремистӣ, қавӣ набудани зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба муқовимат бо киберэкстремизм ва тафтиши киберҷиноятҳо, набудани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ, омилҳои асосии паҳншавии идеологияи экстремистӣ маҳсуб меёбад.

- Пурсиши сотсиологии мо муайян намуд, ки 71% пурсидашудагон ҷонибдори он мебошанд, ки истифодаи шабакаҳои алоқаи барқӣ (шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ), аз ҷумла интернет ҳангоми содир намудани ҷиноят, ба ҷамъият хавфнокии онро баландтар менамояд.

Мақомоти қонунгузории кишвар бо такя ба таҷрибаи Федератсияи Россия барои пешгирӣ кардани раванди паҳншавии бемайлони тафаккури ифротӣ ва моилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои экстремистӣ бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ» аз 17.12.20 таҳти №1726 дар моддаи 462 (1) КҲМ ҶТ ҳуқуқвайронкунии маъмурии навро бо номи барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) ворид намуд, ки бисёре аз шахсони гунаҳгор бо моддаи мазкур ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Аз ҳамин лиҳоз, моддаҳои 347 (Даъвати оммавӣ ба экстремизм ё сафедкунии оммавии экстремизм ва ё ташкили таълими хусусияти динии экстремистидошта) ва 344 (Тарғиб ё даъвати оммавӣ барои ғасб ё нигоҳ доштани ҳокимият, ҳамчунин ғасб ё нигоҳ доштани ҳокимият ва ё бо зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё фаъолияти ҷудоихоҳӣ), ки дар Лоиҳаи КҶ ҶТ дар таҳрири нав пешбинӣ гардидаанд, нисбат ба моддаҳои амалкунандаи КҶ ҶТ (189, 307, 307 (1), 307(2), 307 (3) ва 307 (4) ҳудудҳои мушаххастар ва барои ҳуқуқтатбиққунандагон фаҳмотар мебошанд [5].

Дар ҳамин замина таъкид кардан зарур аст, ки имрӯз барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои даъватҳои оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ ва ё сафедкунии экстремизм бо дарназардошти талаботи моддаи 189 КҶ ҶТ, танҳо пас аз ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани чунин шаҳрвандон дар давоми сол ва такроран содир кардани чунин кирдор бояд амалӣ карда шавад. Аммо мушкилоти дигар дар сатҳи қонунгузорӣ дар он аст, ки на таркиби моддаи 462(1) КҲМ ҶТ ва на таркиби моддаи 189 КҶ даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар намегиранд. Аммо даъватҳои оммавӣ барои ташкил кардани «хилофати исломӣ» ва паст задани обрӯ ва эътибори дигар дину мазҳабҳо дар давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ маҳз ба мақсади бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ, ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ва вайрон намудани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мебошанд. Таҷрибаи амалии судиву тафтишотӣ мавҷудияти саросарии ин таҳаввулоти номатлуби иҷтимоиро собит месозад.

Чунин вазъият бори дигар моро бар он мутмаин месозад, ки талаботи пурпечутоб ва аз лиҳози ҳуқуқӣ ва криминологӣ баҳсбарангез ва камсамари моддаҳои 189, 307 ва 307(1) КҶ ва моддаи 462 (1) КҲМ ҶТ аз номукаммалии қонунгузории зиддиэкстремистии амалкунанда шаҳодат медиҳад, ки аломатҳои таркиби як кирдори мустақили ҳуқуқӣ бо таври худсарона дар доираи якчанд моддаҳо пешбинӣ гардидааст, ки боиси камсамарии муқовимат ба экстремизм ва аз тарафи дигар, аз ҳад зиёд нишон додани омори ҷиноятӣ дар ин самт гардидааст.

Бо дарназардошти он ки дар давоми солҳои охир даъватҳои оммавии хусусияти экстремистидошта дар бештари ҳолатҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ, яъне бо роҳи «ҷиҳоди мусаллаҳона» ташкил кардани «хилофати исломӣ» нигаронида шудаанд,

аломатҳои таркиби моддаҳои 189, 307 ва 307(1), КҶ ҶТ ва моддаи 462(1) КҲМ ҶТ бознигарӣ ва мукаммалсозиро тақозо менамоянд.

Инчунин, аломатҳои тарафи объективии моддаҳои 307 (2)ва307 (3) КҶ ҶТ низ дар ихтилофоти шадид байни худ ва моддаҳои 189, 307 ва 307(1) КҶ ҶТ қарор доранд, ки баррасии амиқ ва баҳодиҳии илмӣ-назариявӣ ва ҳуқуқиро тақозо менамоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳангоми квалификатсияи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307 (1) КҶ ҶТ) ба миён меояд, ин муайян намудани фаъолияти экстремистие мебошад, ки ҳамчун ҷиноят ё ҷинояти дорои преюдитсияи маъмурӣ дошта ё ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ маҳсуб меёбад. Масалан, агар шахси гунаҳгор шахсони дигарро барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шудаанд, ба таври оммавӣ даъват намояд, кирдорҳои ӯ бо моддаи м. 307 (1) КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад ё не?

Ба андешаи Д.Н. Саркисов, «даъватҳо барои ба амал баровардани ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ҳамчун намуди махсуси таҳрикнамоии он ҳисоб кардан мумкин аст. Кирдори таҳриккунанада аз ҷиҳати дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ аз кирдори иҷроккунанда зиёд буда наметавонад. Аз ин рӯ, таҳрик намудан ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии дорои хусусияти экстремистӣ ҷиноят буда наметавонад. Аз ин рӯ, даъватҳое, ки дар моддаи 280 КҶ ФР (мутааллиқ ба моддаи м. 307(1) КҶ ҶТ) дар ҳолате ҳамчун ҷиноят эътироф мешаванд, ки агар даъват ба фаъолияти экстремистӣ табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорҳои хусусияти экстремистидоштаро дар бар гиранд» [9,с.105].

Бо ҳамин монанд, А.А. Балашов изҳор медорад, ки бо дарназардошти мафҳуми васеъ доштани «фаъолияти экстремистӣ», яъне ҳам кирдорҳои ҷиноятӣ ва ҳам ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро дар бар гирифтани он, барои даъвати оммавӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мумкин нест [2,с.112].

Мо ҳам андешаҳои Д.Н. Саркисов ва А.А. Балашовро комилан ҷонибдорӣ намуда, ба хулосае омадем, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъватҳои оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) бояд танҳо дар ҳолатҳое сурат гирад, ки даъватҳо дорои мазмуни кирдори ҷиноятӣ дошта бошанд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки номи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307 (1) КҶ ҶТ) ба даъвати оммавӣ барои содир намудан ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм иваз карда шавад.

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои квалификатсияи ҷиноятҳо мутобиқи моддаҳои 189,307, 307(1), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ (ҳамшабеҳ ба моддаҳои 280, 280 (1), 282, 282 (1), 282 (2) ҚҶ ФР) ҳадафи бартараф кардани мушкилоти меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ мебошад, зеро квалификатсияи дурусти ҷиноятҳо шарти зарурии тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъини ҷазои одилона мебошад [6,с.118].

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқи маҷмуии ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, криминологӣ ва таҳлили таҷрибаи судиву тафтишотӣ дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ якчанд муаммоҳои сарбаста дар сатҳи қонунгузории зиддиэкстремистӣ муайян карда шуд, ки то айни замон ҳалли пурра ва ҳаматарафаи худро аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ наёфтаанд.

Мазмун ва моҳияти аломатҳои таркиби моддаҳои 189, 307, 307(1), 307(2) ва 307(3) КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамаи онҳо таркиби як кирдори мустақили ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Зеро ҳамаи онҳо дар асоси ангезаҳои экстремистӣ, ба таври оммавӣ ва ё бо роҳи пинҳонӣ содир карда мешаванд. Ҷиноятҳои мазкур метавонанд, ҳолатҳои вазнинкунандаи якранг дошта бошанд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба дараҷаи хавфнокӣ ҳамаи аломатҳои таркиби ин моддаҳо бояд дар таркиби ду моддаи мустақил муттаҳид карда шуда, дар қисмҳои 2 ва 3 он вобаста ба дараҷаи хавфнокӣ бояд аломатҳои вазнинкунандаи онҳо мушаххас гардонида шаванд. Чунин мавқеъгирии муаллиф аз талаботи Лоиҳаи КҶ

ҶТ дар таҳрири нав низ маншаъ гирифта, барои мукаммал сохтани моддаҳои дахлдори ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки бо истифода аз ВАО, шабакаҳои алоқаи баркӣ, аз ҷумла интернет содир карда мешаванд, мусоидат хоҳад кард [5].

Дар асоси афкори дар боло иброзгардида, пешниҳоду хулосаҳои зеринро манфиатпазир мешуморем:

1. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории амалкунандаи зиддиэкстремистии миллӣ ва минтақавӣ ба ҳайси маҳаки асосии тарафи субъективии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ангезаҳои экстремистӣ (сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ, миллатчигӣ, нажодпарастӣ, ҷудоихоҳӣ) эътироф гардидаанд, ки барои амалӣ сохтани мақсадҳои экстремистӣ (барангехтани кинаву адоват, низои миллӣ, паст задани обрӯ ва эътибори дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дигар амалҳои экстремистӣ) замина мегузоранд. Тарафи объективии экстремизмро бошад, даъватҳои оммавӣ ва инфиродии ошкоро ва пинҳонии шахс ташкил медиҳанд, ки дар замони муосир бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи баркӣ, аз ҷумла интернет (зиёда аз 95%) ва ё бо таври алоқаи бевоситаи ҷисмонӣ бо дигар шахсон амалӣ сохта мешавад.

2. Аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии қисми 1 моддаҳои 189, 307, 307 (1) КҶ ҶТ бо якдигар дар ҳолати рақобати ғайриқобили қабули илмӣ қарор дошта, боиси мушкилоти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ гардидаанд. Мушкилоти мазкур дар баҳсбарангез будани мафҳуми «фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ эътироф карда мешавад», ифода меёбад, зеро он фарогири мазмуни аломатҳои моддаҳои болозикр мебошад ва ҳангоми квалификатсияи ҷиноят ихтилоф байни амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва баҳисобгирии номатлуби омори ҷиноятиро ба бор овард. Аз ин ҷост, ки номгӯйи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар доираи Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва КҶ ҶТ мушаххасан дарҷ нагардидаанд.

Мушкилоти мазкур, баҳодиҳии комплексӣ, омӯзиши таҷрибаи судиву тафтишотӣ, коркарди илмӣ ва мукаммалсозии амиқи аломатҳои таркиби ҷиноятҳои моддаҳои 189, 307, 307 (1), 307 (2), 307 (3) КҶ ҶТ тақозо менамояд. Новобаста аз ин, аломатҳои таҷассумкунандаи табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ дар моддаҳои 462 (1) ва 374 КҲМ ҶТ (қисман), қисми 1 моддаи 189 КҶ ҶТ, қисми 2 банди «г» моддаи 307 КҶ ҶТ, қисми 2 моддаи 307 (1) КҶ ҶТ ва қисми 3 моддаи 307 (3) КҶ ҶТ бевосита мустаҳкам гардида, дар консепсияҳо, стратегияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта дар самти муқовимат ба экстремизм мазмуну муҳтавои экстремизми иттилоотӣ ва хавфу хатарҳои муосири он барои амнияти давлативу ҷамъиятӣ ва минтақавӣ, ки ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ равона гардидаанд, таҷассум ёфтаанд.

3. Бо мақсади риояи принсипи низомнокӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар тамоми моддаҳои КҶ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ вобаста ба муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ ба ҷойи мафҳуми «истифодаи ВАО ё шабакаи интернет» мафҳуми «истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи баркӣ, аз ҷумла интернет» ворид карда шуда, диспозитсияи моддаҳои 189, 307, 307.1 КҶ ҶТ дар доираи як модда бо номи «Даъватҳои оммавӣ барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва ё моил кардани шахс ба чунин кирдорҳо ва ё сафедкунинии оммавии экстремизм» муттаҳид карда шаванд.

4. Бинобар духӯра ифода ёфтани моддаҳои 307.2 ва 307.3 КҶ ҶТ онҳо дар доираи як модда бо номи «Ташкил, роҳбарӣ ва ё иштирок дар иттиҳоди (ташкилоти) экстремистӣ» муттаҳид карда шуда, диспозитсияи он дар чунин шакл пешниҳод карда шавад: «Ташкили иттиҳоди (ташкилоти) экстремистӣ, яъне гурӯҳҳои мутташаккили муттаҳидшудаи ташкилкунандагон, роҳбарон ё дигар намояндагони қисмҳо ё воҳидҳои сохтории чунин ташкилот мебошад, ки бо мақсади таҳияи нақша ва (ё) шароити содир намудани як ва ё якчанд ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ташкил карда шудааст ва ё нисбати чунин ташкилот аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдо карда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бо сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст».

5. Бинобар духӯра ифода ёфтани мафҳумҳои «ташкилоти экстремистӣ» ва «иттиҳоди экстремистӣ» тибқи қонунгузории амалкунанда ва мавриди интиқоди олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ қарор ёфтани мафҳумимазкур, онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ҳаммаъно

эътироф карда шуда, қисми 4 моддаи 39 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) муттаҳидшавии ду ё якчанд гурӯҳи муташаккил эътироф мешавад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ё ҷиноятҳои вазнин ва ё махсусан вазнин ба ташкилоти устувор таъсис ёфта, фаъолияти он ба тақсимоти вазифаи идоракунӣ, таъмин ва иҷрои мақсадҳои ҷинояткоронаи иттиҳод дар байни аъзои иттиҳод ва сохторҳои он асос меёбад».

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти Академияи ВКД ҶТ -Сафарзода Ҳ.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Асосҳои муқовимат ба экстремизми (ифротгароии) динӣ-мазҳабӣ: монография / Сафарзода Ҳ.С., Насуриён П.А., Ализода А.Ш., Самиъзода Б.С., Аҳёзода Ш.Т.; зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Шарифзода Ф.Р. –Душанбе: Торус, 2022. -260 с.
2. Балашов, А.А. Уголовная ответственность за публичные призывы к совершению противоправных действий: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.А. Балашов. -М., 2017. -194 с.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998 таҳти №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.08.2023 с.). Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6-уми феврали соли 2018 таҳти №1005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.08.2023).
4. Косарев М.Н. Информационно-телекоммуникационные сети как признак преступления / М.Н. Косарев // Вестник Уральского юридического института МВД России. - 2014. -№2. -С.55-57.
5. Лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав барои баррасӣ ва муҳокима: мактуби Раёсати нозиротӣ-ташкилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2020. -№4/18-1830 // Бойгонии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. Макеева, И.С. Уголовная ответственность за преступления экстремистской направленности, посягающие на асновы конституционного строя и безопасность государства: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / И.С. Макеева. -Екатеринбург, 2017. -177 с.
7. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). -С.239 (Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта» аз 12-уми июни соли 2014, таҳти №1).
8. Парвандаи ҷиноятии 1-156/21 // Бойгонии суди ш. Душанбе аз соли 2021. Парвандаи ҷиноятии 1-66/21 // Бойгонии суди ш. Душанбе аз соли 2021. Парвандаи ҷиноятии 1-274/21 // Бойгонии суди ш. Душанбе аз соли 2021. Парвандаи ҷиноятии 1-297/20 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе аз соли 2020. Парвандаи ҷиноятии 1-284/20 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе аз соли 2020.
9. Саркисов, Д.Н. Уголовно-правовые средства противодействия экстремистской деятельности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Д.Н. Саркисов. -М., 2010. -196 с.
10. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (аз 1-уми июни соли 2021 таҳти №187) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.08.2023).
11. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года № 787-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.05.2023 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30420353 (дата обращения: 24.08.2023).
12. Уголовный Кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года № 226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2023 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31575252 (дата обращения: 24.08.2023 с.).
13. Ҳайдарзода М.П. Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / Ҳайдарзода М.П.; зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Сафарзода Ҳ.С. -Душанбе: ЭР-граф, 2021. -212 с.
14. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди I / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. -Душанбе: Нашриёти муосир, 2023. -424 с.


## ПРОБЛЕМАҲОИ МУКАММАЛСОЗИИ БУНБАСТИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ ДАР ОНҲО АЛОМАТҲОИ ЭКСТРЕМИЗМИ ИТТИЛООТӢ ИНЪИКОС ЁФТААНД


Дар мақола якчанд омилҳо барои бозбинӣ ва мукаммалсозӣ дар сатҳи қонунгузорӣ вобаста ба моддаҳои 189, 307, 307(1), 307(2) ва 307(3) КҶ ҶТ, ки дар онҳо аломатҳои экстремизми иттилоотӣ таҷассум ёфтаанд, баррасӣ шудаанд. Қайд гардидааст, ки моддаҳои болозикр маъмулан, танҳо дар асоси ангезаҳои экстремистӣ (динӣ-мазҳабӣ, сиёсӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ, чудоихоҳӣ ва маҳалгароӣ) содир карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, барои ҳар як ангеза пешбинӣ кардани моддаҳои алоҳида мувофиқи матлаб нест. Зеро чунин мавқеъгирӣ боиси пешбинӣ кардани моддаҳои алоҳида барои ҳар як ангезаи экстремистӣ замина эҷод менамояд.Чунин ангезаҳо аз нуқтаи назари илмӣ ҳеҷ гоҳ дар алоҳидагӣ зухур намеёбанд, онҳо доимо ба якдигар дар омезиши шадид қарор доранд. Чунин кирдорҳо дар як маврид метавонанд дар асоси якчанд ангезаҳо рӯйи кор биёянд, ки боиси барои як ҷиноят татбиқ намудани якчанд моддаи КҶ ҶТ мегардад. Дарки воқеии аломатҳои таркиби ин ҷиноятҳо ва аз ҳамдигар фарқ кардани онҳо то андозае барои ҳуқуқтатбиқкунандагон мушкил аст. Дар идома вобаста ба масъалаи матраҳшаванда муаллиф зикр

намудааст, ки бинобар мавҷуд будани проблемаҳои дар боло зикрнамуда, аломатҳои таркиби моддаҳои 307 (1) ва 307 (4) КҶ ҶТ дар Лоиҳаи КҶ ҶТ дар таҳрири нав дар доираи моддаи 347(даъвати оммавӣ ба экстремизм ё сафедкунии оммавии экстремизм ва ё ташкили таълими хусусияти динии экстремистидошта) муттаҳид карда шудаанд, ки бо асоснокии мавқеи мо вобаста ба муттаҳид намудани моддаҳои 307 ва 307 (1) дар доираи як моддаи алоҳида ҳамшабеҳ аст. Инчунин, дар Лоиҳаи мазкур бинобар хеле мушкил ва ихтилофбарангез будани табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии моддаҳои 307 (2) ва 307 (3) КҶ ҶТ аломатҳои онҳо дар доираи моддаи 346 (ташкил ё роҳбарӣ ба гурӯҳ, ташкилот ё иттиҳоди экстремистӣ ё ҳамоҳангсозӣ ва ё иштирок дар фаъолияти онҳо) муттаҳид карда шудаанд. Вобаста ба ин муаллиф аз муқаррароти дар Лоиҳаи КҶ ҶТ дар таҳрири нав ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки меъёрҳои онҳо нисбат ба моддаҳои амалкунандаи КҶ ҶТ (189, 307, 307 (1), 307(2), 307 (3) ва 307 (4) ҳудудҳои мушаххастар ва барои ҳуқуқтатбиқкунандагон фаҳмотарро доро мебошанд.

**Калидвожаҳо:** экстремизм, экстремизми иттилоотӣ, иттилоот, ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, интернет, мукаммалсозӣ.

## ПРОБЛЕМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ, В КОТОРЫХ ОТРАЖЕНЫ ПРИЗНАКИ ИНФОРМАЦИОННОГО ЭКСТРЕМИЗМА

В статье автор приводит ряд факторов для пересмотра и совершенствования на законодательном уровне, касающихся статей 189, 307, 307(1), 307(2) и 307(3) УК РТ, содержащих признаки информационного экстремизма. Отмечается, что указанные статьи обычно совершаются только по мотивам экстремистского характера (религиозные, политические, националистические, расистские, сепаратистские и местнические). С этой точки зрения нецелесообразно выделять по каждому мотиву отдельные статьи. Потому что такая позиция приводит к выделению по каждому экстремистскому мотиву отдельных статей и создает основу. С научной точки зрения, такие мотивы никогда не возникают изолированно, они всегда находятся в прочном сочетании друг с другом. Подобные деяния могут совершаться по нескольким мотивам в одном деле, что приводит к применению нескольких статей УК за одно преступление (такая процедура сейчас действует). Правоохранителям несколько сложно понять реальные признаки этих преступлений и отличить их друг от друга. Далее в связи с поставленным вопросом автор отметил, что в связи с наличием вышеуказанных проблем признаки статей 307 (1) и 307 (4) УК РТ в проекте Уголовного кодекса УК РТ в новой редакции в рамках статьи 347 (публичный призыв к экстремизму или оправдание массового экстремизма либо организация религиозного экстремистского образования) объединены, что аналогично обоснованию нашей позиции, связанной с объединением статей 307 и 307 (1) в отдельной статье. Также в данном проекте в связи с очень сложным и противоречивым юридически-уголовным характером статей 307 (2) и 307 (3) Уголовного кодекса Украины их признаки в рамках статьи 346 (организация или руководство) экстремистской группы, организации или объединения или координации или участия в деятельности, которую они) объединяют. В связи с этим автор поддерживает положения проекта УК РТ в новой редакции и отмечает, что их нормы находятся по отношению к действующим статьям УК РТ (189, 307 , 307(1), 307(2), 307(3) и 307(4)) имеют более конкретные направления и более понятны для сотрудников правоохранительных органов.

**Ключевые слова:**экстремизм, информационный экстремизм, информация, СМИ, сети электронных коммуникаций, Интернет, совершенствование.

## PROBLEMS OF IMPROVING CRIMES THAT REFLECT SIGNS OF INFORMATION EXTREMISM

In the article, the author cites a number of factors for revision and improvement at the legislative level regarding articles 189, 307, 307(1), 307(2) and 307(3) of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, containing signs of information extremism. It is noted that these articles are usually committed only for reasons of an extremist nature (religious, political, nationalist, racist, separatist and parochial). From this point of view, it is inappropriate to single out separate articles for each motive. Because such a position leads to the identification of separate articles for each extremist motive and creates the basis. From a scientific point of view, such motives never arise in isolation; they are always in strong combination with each other. Such acts can be committed for several reasons in one case, which leads to the application of several articles of the Criminal Code for one crime (this procedure is now in effect). It is somewhat difficult for law enforcement to understand the real signs of these crimes and distinguish them from each other. Further, in connection with the question posed, the author noted that due to the presence of the above problems, the signs of Articles 307 (1) and 307 (4) of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan in the draft Criminal Code of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan in a new edition within the framework of Article 347 (public call for extremism or justification of mass extremism or organization of religious extremist education) are combined, which is similar to the rationale for our position related to the combination of Articles 307 and 307 (1) in a separate article. Also in this project, due to the very complex and contradictory legal-criminal nature of Articles 307 (2) and 307 (3) of the Criminal Code of Ukraine, their signs within the framework of Article 346 (organization or leadership) of an extremist group, organization or association or coordination or participation in activities that they) combine. In this regard, the author supports the provisions of the draft Criminal Code of the Republic of Tajikistan in the new edition and notes that their norms are in relation to the current articles of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan (189, 307, 307(1), 307(2), 307(3) and 307(4)) have more specific directions and are more understandable to law enforcement officers.

**Keywords:** extremism, information extremism, information, media, electronic communications networks, Internet, improvement.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо*** - Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология, дотсент. **Суроға:** ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Мастонгулов, 3. E-mail: **Aheev89@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ахёзода Шохрух Табарукшо*** - Академия МВД Республики Таджикистан, кафедра уголовного права, криминологии и психологии, доцент. **Адрес:** г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мастонгулова, 3. E-mail :**Aheev89@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ahyozoda Shohrukh Tabaruksho*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Adjikistan, dotsent of Department ofCriminal Law, Criminology and Psychology. **Address:** Dushanbe, Republic of Tajikistan, Mastongulov Street 3. E-mail: **Aheev89@mail.ru**

ТДУ: 343

# АМАЛИШАВИИ ПРИНСИПИ АДОЛАТИ СУДӢ ДАР ПАРТАВИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ – ҲУҚУҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Раҳматуллоева Р.Р.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар қатори нишонаҳои соҳаи мустақили ҳуқуқ, ба монанди метод, предмет, низом ҷойи махсусро принсипҳои батанзимдарории соҳаи мазкур ишғол менамоянд. Таҳлил ва омӯзиши принсипҳо шароит фароҳам меорад, ки дар асоси он моҳият ва хусусиятҳои хосси ин ё он соҳаи ҳуқуқ муайян карда шавад. Принсипҳои ҳуқуқӣ хусусияти умумиҳатмӣ дошта, барои мустаҳкам намудани сохтори дохилӣ ва алоқаи байниҳамдигарии меъёрҳо, институтҳо ва соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мусоидат менамоянд.

Тамоми низоми муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ, тартиби фаъолияти тамоми шахсони мансабдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва идоракунии давлатӣ дар асоси принсипҳо муайян карда мешавад. Бинобар ин, дар баъзе мавридҳо принсипҳои ҳуқуқиро принсипҳои тартиботи ҳуқуқӣ, батанзимдарории ҳуқуқӣ, принсипҳои амалкардаистодаи муносибатҳои ҳуқуқӣ низ меноманд.

Принсипҳои мурофиавӣ гуфта, муқаррароти асосии пешбининамудаи қонунро меноманд, ки дар заминаи онҳо фаъолияти судҳои салоҳияти умумӣ, ҷиҳати баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳо, санҷидани санадҳои судӣ ва иҷрои онҳо анҷом дода мешавад.

Принсипҳои мурофиавӣ қоидаҳои асосие мебошанд, ки аз оғоз то анҷоми мурофиаҳо амал мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ дар асос ва бо мақсади амалӣ гаштани принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бояд эҷод гардад.

Бо ҳамин хусус адолати судӣ ба асосҳои демократие қарор мегирад, ки аз моҳият ва вазифаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ бармеоянд. Ин асосҳоро усулҳои адолати судӣ меноманд ва онҳо дар Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ муқаррар карда шудаанд.

Принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ гуфта асосҳои роҳбарикунандаи мурофиаи ҷиноятиро меноманд, ки онҳо хусусиятҳои хос, табиати ҳуқуқӣ ва моҳияти мурофиаи ҷиноятиро ифода намуда, таъиноти мурофиаи ҷиноятиро дар доираи ташаккули анъанаҳои маънавӣ-фарҳангии миллӣ таҷассум менамоянд [12,с.400]. Мурофиаи ҷиноятӣ маҷмуи амалҳоеро дар бар мегирад, ки дар асоси принсипҳо - қоидаҳои умумиҳатмӣ ба амал бароварда мешаванд [9].

На ҳама қоидаҳои умумӣ метавонанд принсипи мурофиавии ҷиноятӣ эътироф шаванд. Принсипҳо бояд ҷавобгӯйи як қатор талабот бошанд: а) принсипҳо на ҳама қоидаҳои худсарона интихобшуда оиди шакл ва тарзи мурофиавии ҷиноятӣ - судӣ, балки қоидаҳое мебошанд, ки ифодакунанда ва инъикоскунандаи асосҳои сохти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии ҳаёти ҷомеа ҳастанд; б) принсипҳо аз ҳуқуқу озодиҳои инсон сарчашма гирифта, кафолати боэътимоди риоя, иҷро ва амалӣ гаштани онҳоро таъмин менамоянд; в) вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳамон вақт амалӣ мегарданд, ки агар ташкили тафтишот ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар асоси қоидаҳои умумӣ - эътирофшудаи демократӣ ба роҳ монда шуда бошанд; в) қоидаҳои умумӣ - эътирофшуда ҳамон вақт принсип эътироф мегарданд, ки агар дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда бошанд, ба ҳам пайвастагии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятиро ифода намоянд, барои иҷроиши вазифа ва мақсади мурофиаи ҷиноятӣ шароити мусоид фароҳам оварда тавонанд; г) дигар меъёрҳо бояд дар амал татбиқ гаштани қоидаҳои асосиро таъмин намоянд ва набояд мазмуни онҳо ба талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мухолифат намоянд.

Ҳамин тавр, принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ қоидаҳои умумиҳатмӣ ва асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки аз ҳуқуқу озодиҳои инсон сарчашма гирифтаанд, моҳият ва таъиноти мурофиаи ҷиноятиро муайян карда, дар меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Ҳадафи асосии принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ таъмини баамалбарории адолати судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад.

Принсипҳо моҳияти ҳуқуқӣ доранд ва дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ дар шаклҳои гуногун ифода мешаванд: а) онҳо моҳият ва хусусиятҳои хосси мурофиаи ҷиноятиро

ифода менамоянд; б) онҳо низоми меъёрҳои ҳуқуқии хусусияти умумидоштаро ташкил дода, таҳкурсии асосии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд; в) вайрон кардани принсипҳо барои бекор кардани қарорҳои қабулшуда асос шуда метавонанд; г) принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва баамалбарории адолати судиро оиди парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамоянд; ғ) принсипҳо моҳиятан аз неъмати олӣ, муқаддас эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон бармеоянд; д) принсипҳо қонуниятҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатиро объективона инъикос менамоянд ва ба шароити сиёсӣ, иқтисодӣ- иҷтимоии ҳаёти ҷомеа мувофиқат мекунанд.

Моҳияти ҳуқуқӣ доштани принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ маънои онро надорад, ки онҳо танҳо дар меъёрҳои ҳуқуқи расмӣ пешбинӣ шудаанд. Принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ заминаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошта, аз ҳуқуқҳои фитрии инсон, анъанаҳои маънавии миллӣ сарчашма мегиранд, ки дар қонунгузории муосири мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон аввалин маротиба шакли расмӣ гирифтаанд ва хусусияти умумиҳатмӣ пайдо кардаанд. Бинобар ин, беҳуда нест, ки принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар меъёрҳои қонуни асосӣ – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] пешбинӣ шудаанд. Принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳаргиз натиҷаи нусхабардорӣ ё тақлид кардан ба қоидаҳои мурофиавии давлатҳои хориҷиро ифода намекунанд. Моҳият ва мазмуни онҳо таҷассуми сатҳи муосири ташаккул ёфтани баамалбарории адолати судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамин тариқ, пайдоиш ва ташаккули принсипҳо бо ташаккули афкор, ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои пешқадами иҷтимоӣ вобаста мебошанд, ки дар зинаҳои муайяни таърихӣ ҷараён гирифтаанд, такмил дода шудаанд, инкишоф ёфтаанд ва эътироф гаштаанд. Ин ҷараёнро дар шакли мухтассар ба тариқи зайл ифода кардан мункин аст: ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ба пайдоиши таҷрибаи муайян дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мусоидат мекунад ва боиси пайдоиш ва тасдиқи маҷмуи донишҳо мегардад, ки бо роҳи боварӣ, эътиқод ба ин донишҳо самти мақсадноки амал кардан муайян карда мешавад, қоидаҳо ҷорӣ карда мешаванд, қувваи ҳуқуқӣ (ҳатмӣ) мегиранд ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба танзим дароварда мешаванд. Агар ба пайдоиш ва ташаккули принсипҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, аз рӯйи ҳамин услуби омӯзиш нигарем, ба хулосае омадан мумкин аст, ки принсипҳои ҳуқуқӣ ифодакунандаи натиҷаи дигаргуниҳои мақсаднок ва зинаи инкишофи таърихӣ ва ҷузъи воқеияти ногузири ҳаёти ҷомеа мебошанд, ки бо мурури замон ҳамчун арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ эътироф гаштаанд.

Дар амал татбиқ намудани ин қоидаҳо онро ифода мекунад, ки давлат ва ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ва асосан барои инсон вуҷуд доранд, яъне талаботи аввалиндараҷаи аъзоёни ҷамъиятро воқеан инъикос менамояд, ҳаёти осоиштаи муътадил ва инкишофи озодонаро кафолат медиҳад. Ин нуқтаи назари инсонпарваронаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар принсипҳои дигари мурофиаи ҷиноятӣ ифодаи худро ёфтаанд. Зеро мазмуни фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятиро ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷиноят ва ҷинояткорӣ ташкил медиҳад.

Ба принсипҳои конститутсионии мурофиаи ҷиноятӣ чунин принсипҳо дохил мешаванд: принсипи қонуният; принсипи расмӣ-давлатӣ; принсипи ба амал баровардани адолати судӣ танҳо аз ҷониби суд; принсипи баробарҳуқуқии ҳама дар назди қонун ва суд; принсипи дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои шахс; принсипи ҳифзи қадр ва номуси инсон; принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ; принсипи баҳодиҳӣ ба далелҳо аз рӯйи ақидаи ботинӣ; принсипи сурат гирифтани мурофиа ба таври мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо; принсипи ошкоро, бевосита ва шифоҳӣ баррасӣ намудани парвандаҳо; принсипи таъмини забони модарӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ; принсипи озодии шикоят; принсипи иштироки шаҳрвандон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ғайраҳо.

Принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар боло зикр шуданд, ба пуррагӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амал мекунанд.

Низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятиро дар шакли умумӣ вобаста ба мавқеи роҳбарикунанда доштани онҳо ва ба ҳам алоқаманд будани онҳо дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин вобаста ба таъмин шудани иҷроиши вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. вобаста ба мавқеи роҳбарикунанда доштани онҳо ва таъсири онҳо ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

2. вобаста ба таъмин шудани иҷроиши мақсадҳои мурофиавии ҷиноятӣ.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ [5,с.165] нуқтаи назари дигаре низ ҷой дорад, ки мувофиқи он присипҳои адолати судӣ, ба принсипҳои ташкил ва фаъолияти судҳо ва принсипҳои соҳавии баамалбарории адолати судӣ ҷудо карда шудаанд, доир ба гурӯҳбандии низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ нуқтаи назари дигарро низ дидан мумкин аст. Ғуломов И.Ш., принсипҳои адолати судиро оиди парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯйи мазмун ва моҳияташон ба принсипҳои «қонуният» ва «мубоҳисавӣ» ҷудо намудааст. Ба ақидаи вай, дигар принсипҳоро «қоидаҳои умумӣ» номидан дуруст аст, ки риоя ва иҷроиши принсипҳои қонуният ва мубоҳисавӣ будани мурофиаи ҷиноятиро таъмин менамоянд [6,с.117-118].

Агутина Н.В., манбаи ягонаи маънавӣ-фарҳангии миллӣ доштани принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро эътироф намудааст, дар ҳамин раванд «баҳодиҳии озодонаи далелҳо»-ро принсипи асосии фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дониста, онро заминаи принсипи дигар - «аз рӯйи виҷдон» амал кардан номидааст [1,с.10]. Муаллифи номбурда пешниҳод кардааст, ки ин қоида ба эътироф шудани принсипи нави мурофиавии ҷиноятӣ – принсипи мустақилияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ низ мусоидат менамояд.

Албатта, баҳодиҳии озодона ба далелҳо, аз рӯйи виҷдон амал кардан, мустақилияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти хосса доранд, лекин онҳо пурра ба талаботи принсипи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ ҷавобгӯ нестанд. Принсип эътироф шудани баъзе аз қоидаҳои номбурда минбаъд ҳам дастгирӣ намеёбад, чунки онҳо мазмуни ҷузъи талаботи принсипи қонуниятро ифода мекунанд, алоқамандии дигар қоидаҳоро таъмин карда наметавонанд, на дар ҳамаи марҳилаҳо, балки дар зинаи муайяни мурофиаи ҷиноятӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд ва амал мекунанд. Масалан, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба далелҳо аз нуқтаи назари кифоя будан барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс баҳо медиҳад. Суд, судя ба далелҳо аз нуқтаи назари кифоя буданашон барои ҳалли масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда баҳо медиҳанд. Лекин ин қоида қобили амали танҳо зинаи баҳодиҳӣ ба далелҳо (як зинаи исботнамоӣ) ба шумор меравад. Дар акси ҳол ин қоида метавонад ба талаботи принсипи ҳамаҷониба, пурра, холисонаи муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят мухолифат намояд. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар натиҷаи баҳодиҳӣ ба далелҳо бевосита дар бораи ҳолатҳои воқеӣ хулоса мебарорад. Хулосаи онҳо бевосита ташаккул ёфта, нуқтаи назари бевоситаи онҳоро ифода мекунад. Яъне, хулосаи онҳо – хулосаи новобаста, озодона, мустақилона, бе дахолат, бевоситаи ботиниро (шахсиро) ифода мекунад. Баҳодиҳии озодона ба далелҳо танҳо дар ҷараёни исботнамоӣ (ҷамъоварӣ, тафтиши далелҳо) ба роҳбарӣ гирифта мешавад.

Қоидаи «аз рӯйи виҷдон» амал кардани мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бошад, ҷузъи талаботи аз рӯйи ақидаи ботинӣ баҳо додан ба далелҳоро ташкил медиҳад, ки аҳаммияти онро инкор кардан мумкин нест. Аммо ин қоида танҳо ба меъёри маънавӣ-ахлоқӣ мувофиқат кардани амалҳо ё хулосабарориро ифода мекунад, ки доираи амали он барои принсипи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ эътироф шудан кофӣ нест.

Принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ мазмуни мустақил ва аҳаммияти хосси мурофиавӣ доранд, онҳо бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, танҳо дар ягонагӣ моҳияти мурофиаи ҷиноятиро ифода ва инъикос карда метавонанд. Принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ кафолати таъмини амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд.

Принсипҳои адолати судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ на танҳо дар ягонагӣ амал мекунанд, балки алоқамандии меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ, ягонагии меъёрҳои ҳуқуқиро низ таъмин менамояд, ки барои мақсаднок, бамаврид, асоснок ва аз рӯйи адолат татбиқ гаштани меъёрҳои ҳуқуқӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Қонуният ифодакунанда, нишондиҳандаи сатҳи риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи нишондодҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз тарафи тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилот, муассиса, корхонаҳо, шахсони

мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо мебошад. Риоя, иҷроиш ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ - унсурҳои дохилии амалигардии меъёрҳои ҳуқуқӣ, нишондод ва талаботи ҳуқуқӣ ба шумор мераванд, ки дар ягонагӣ меҳвари принсипи қонуниятро дар мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд.

Қонуният принсипи умумиҳуқуқӣ буда, аз мазмуни меъёри Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон волоияти Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқиро дар қаламрави ҷумҳурӣ қатъиян тасдиқ намуда, эътибори умумиҳуқуқӣ, умумиҳатмӣ ва қатъӣ доштани онҳоро муайян кардааст. Азбаски мазмуни қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳанд, пас қонуният ҳам дорои хусусияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқи инсон) мебошад. Ин принсипи умумиҳуқуқӣ дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ қувваи амали бевосита дорад. Мазмуни он дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар муқаррар карда шудани тартиби муайяни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аниқ мегардад, ки мувофиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешбурди парвандаи ҷиноятиро Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, муайян мекунад. Тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ барои суд, мақомоти прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ хусусияти ҳатмӣ дорад.

Дар адабиёти илмию таълимӣ доир ба мафҳуми қонуният нуқтаи назари гуногунро дидан мумкин аст. Паҳлуҳои гуногуни мафҳуми қонуниятро профессор Сотиволдиев Р.Ш., мавриди тадқиқот қарор дода, ақида ва хулосаҳои асосноки хешро пешниҳод намудааст, ки мувофиқан қонуният ҳамчун принсип, ғоя, усул, режим ва талабот дар фаҳмиши васеъ ифода ва таҳлил шудааст. Хусусан, дар робита бо андешаи қонуни ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон мафҳуми «қонунияти ҳуқуқӣ» [14,с.642-650] пешниҳод ва асосонок шудааст. Мутобиқан, дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ қонуният аз риоя гаштан ва иҷроиши дақиқи қонун ҳам аз тарафи мақомоти масъули давлатӣ (муфаттиш, шахси таҳқиқбаранда, прокурор, суд), ҳам аз тарафи дигар иштирокчиёни манфиатдор (гумонбаршуда, айбдоршаванда, айбдоркунандаи хусусӣ, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, ҳимоятгар), инчунин аз тарафи иштирокчиёне, ки назорати идоравии риояи қонун (сардорони воҳидҳои тафтишу таҳқиқ), назорати прокурорӣ (прокурор) ва назорати судиро (суд) ба амал мебароранд, иборат мебошад.

Барои муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ риояи қонун, пеш аз ҳама, таъмини саривақт ва пурра фош кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят буда, қатъиян мутобиқи қонун гузаронида шудани ҳама гуна амалҳои мурофиавӣ оиди ҷамъ намудан ва таҳқиқи далелҳоро талаб мекунад. Бо ҳамин мақсад дар қонунгузории мурофивии ҷиноятӣ ба тариқи дақиқ тартиб ва қоидаҳои анҷом дода шудани амалҳои мурофиавӣ-тафтишӣ ва қабули қарорҳои мурофиавӣ пешбинӣ шудааст. Дар айни ҳол, онҳо на танҳо талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, балки қонуни ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои ҷориро низ бояд дақиқ риоя намоянд. Талаботи риояи дақиқ ва иҷрои қонунҳо дар марҳилаи тафтиши пешакӣ, ба монанди: дигар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, на танҳо нисбати шахсони масъул, балки ба шаҳрвандон, ҳимоятгар, тарҷумон, ҷабрдида, коршиносон, мутахассисон ва дигарон низ дахл дорад. Дар баъзе мавридҳо шаҳрвандон бояд имконияти мурофиавии саривақт дар муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ иштирок карданро дошта бошанд, муфаттиш ва дигар шахсони масъуле, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаи онҳо вогузор шудааст, вазифадоранд: а) саривақт дар бораи роҳ додани иштироки онҳо дар мурофиаи парванда қарор қабул намоянд (масалан, қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда, қарор дар бораи ҷабрдида эътироф кардани шахс ва амсоли инҳо); б) ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳоро фаҳмонанд; в) имконияти ба амал баровардани ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқ доштаро таъмин кунанд.

Доираи амали принсипи қонуният ва мазмуни он хеле васеъ мебошад. Амали ин принсип ба ҳамаи марҳилаҳо ва соҳаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, нисбати ҳамаи иштирокчиён, нисбати ҳамаи амалҳо ва қарорҳои мурофиавӣ дахл дошта, ҳамаи тарафҳои фаъолият ва муносибатҳои мурофиавиро тавсиф намуда, мазмуни дигар принсипҳоро тақвият медиҳад, барои воқеан амалӣ гаштани онҳо мусоидат мекунад. Бинобар ин, принсипи қонуният дар

байни дигар принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мавқеи марказӣ ва аввалиндараҷаро ишғол менамояд.

Суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вазифадоранд, ки муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ ҶТ ва дигар қонунҳоро ба таври дақиқ, якхела риоя, иҷро ва татбиқ намоянд.

Муқаррароти мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки дар дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешаванд, бояд ба муқаррароти КМҶ ҶТ мутобиқ бошанд (м.9 КМҶ ҶТ).

Ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси масъулияти муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор дониста, бекор карда мешаванд. Барои дар амалия пурра татбиқ гаштани талаботи принсипи қонуният дар моддаи 150, қ.1 м.168 КМҶ ҶТ салоҳияти прокурор оиди бо қарори худ беэътибор донистани маълумоти ба таври ғайриқонунӣ ҷамъовардаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва аз айбдорӣ хориҷ кардани он ҳатман пешбинӣ карда шавад. Ба ҳамин гуна тағйирот қ.1 м.306 КМҶ ҶТ низ ниёз дорад. Бо мақсади таъмини риоя ва иҷроиши талаботи принсипи қонуният суд [7,с.285] вазифадор аст бо ташаббуси худ ё тарафҳо далелҳои бо вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҷамъовардашуда ва ба суд пешниҳодгардидаро беэътибор дониста, аз парванда хориҷ намояд. Ин навовариҳо дар амал татбиқ гаштани на танҳо принсипи қонуният, балки воқеан амалӣ гаштани талаботи м. 21, қ. 3 м. 88 КМҶ ҶТ низ пурра таъмин менамоянд. Дар акси ҳол, меъёрҳои номбурдашуда мисли «шиор» дар шакли расман эълоншуда боқӣ мемонанд.

Доир ба таъмини риояи қонунҳо як нуқтаро қайд кардан зарур аст, ки арзу шикояти шаҳрвандон низ сатҳи риоя ва иҷро шуда истодани қонунҳоро инъикос карда метавонанд. Лекин дар амалия арзу шикояти шаҳрвандон нисбати амал ё санадҳои ғайриқонунӣ, аксар вақт аз ҷониби шахсони ваколатдор бо иштибоҳ ҳамчун «таҳқири шахсӣ» нисбати шахсияти худ фаҳмида мешавад ё шахсони мансабдор онро мисли «танқиди шахсӣ» қабул мекунанд [22]. Шикоят нисбати амал ё қароре, ки шахси ваколатдор ё суд бар хилофи тартиби муқарраркардаи қонун анҷом додаст ё қабул кардааст, оварда мешавад. Бинобар ин, арз кардан, ё пешниҳод шудани шикоят аз ҷониби шаҳрванд дар асл «фоҷеаи мудҳиш» нест. Аз як тараф, шахси шикояткунанда набояд бевосита ё бавосита ба хотири ҳимояи «шарафи рутба, идора ё мақомот» мавриди таъқиб қарор дода шавад, ки бевосита инкор кардани меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ҷониби дигар, арзу шикоят барои саривақт ошкор ва бартараф карда шудани вайроншавии қонун, барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда; қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал гаштани масъалаҳои бамиёномада ёрӣ мерасонад; масъулиятшиносии кормандони ваколатдори давлатиро то дараҷае баланд мебардорад; яке аз имкониятҳои воқеии иштироки намояндаҳои аҳли ҷамъиятро дар баамалбарории идоракунии давлатӣ таъмин менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии арзу шикоятҳои мардум дар он аст, ки дар амал татбиқ шудани қонун дар бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бинобар омилҳои субъективӣ ва манфиатдории баъзе шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ ба муҳлатҳои гуногун «мавқуф» гузошта мешаванд ё то ворид шудани фармони дахлдори роҳбари болоии соҳавӣ татбиқи қонунҳо «боздошта» мешаванд (баръакс татбиқи фармон ё амри роҳбари идораи болоӣ назар ба санади меъёрию ҳуқуқӣ (қонун) саривақт ҷараён мегирад, ки ин хел муносибат ба қонун қувваи қатъӣ ва амали бевоситаи меъёрҳоро коҳиш медиҳад). Сатҳи пасти ташкили корбарӣ, нокифоягии маърифати ҳуқуқӣ, бемасъулиятӣ, «интизории» фармони махсуси роҳбари идораи болоӣ ё «намоишкории садоқат нисбати роҳбари идораи болоӣ», беэътиноӣ нисбати татбиқи қонунҳо ва ғайраҳо, аз қабили омилҳое паҳнгаштае мебошанд, ки ба татбиқи воқеии қонунҳо ва амалӣ гаштани ҳуқуқҳои шаҳрвандон монеъ мешаванд, инчунин боиси норозигӣ ва нобоварии мардум ба қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ мегарданд.

Умуман, дар бораи зарурияти мунтазам ва суботкорона баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқии ҳар як аъзои ҷомеаи мо муҳим аст, ки ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон аз таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, аз такмилёбӣ ва воқеан дар амал татбиқ шудани қонунҳо, сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии

кишварамон вобастагии калон дорад [17]. «Бунёди ҷомеаи пешрафта қабл аз ҳама эҳтироми қонун, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва умуман таъмини волоияти қонунро тақазо мекунад» [23,с.41].

Хулоса, пойдории давлат ва бақои он ба адолати судӣ эҳтиёҷ ва пайвастагии ногусастанӣ дорад. Ин омил тақозо менамояд, ки пайваста ҳокимияти судӣ таҳким ва густариш ёбад. Қисми таркибии ҳокимияти давлатӣ ҳокимияти судӣ мебошад, ки Конститутсия онро яке аз рукнҳои ҳокимияти давлатӣ донистааст. Дар рафти ба амал баровардани ваколатҳои худ ин шохаи ҳокимият ба принсипҳои муайяне такя менамояд, ки дар маҷмуъ моҳияти мавҷудияти ҳокимияти судиро ифода мекунанд. Амалишавии принсипи адолати судӣ дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ асоси бунёдии ҳокимияти судӣ мебошад, аз риоя ва иҷрои онҳо инкишофи минбаъдаи мақомоти судӣ вобаста аст.

Дар баробари таҳлили амалишавии принсипи адолати судӣ, ҷиҳати таҳким бахшидани он дар фаъолияти мақомоти судӣ чунин пешниҳодҳоро манзур менамоем:

1. Тибқи моддаи 15 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, "санадҳои судие, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бидуни истисно барои ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ буда, бояд дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бемамоният иҷро карда шаванд". Ин модда ҳатмӣ будани танҳо санадҳои судиро муайян менамояд, мувофиқи моддаи 14 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои судӣ фармон, ҳалнома, қарор ва таъинот мебошанд. Лекин амрҳои қонунӣ, талабот, супориш, даъват ва муроҷиати судҳо низ барои иҷро аз ҷониби шахсони ба унвонашон ирсолшуда ҳатмӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мешуд, ки ҳатмӣ будани амрҳои қонунӣ, талабот, супориш, даъват ва муроҷиати судҳо низ дар ин модда дарҷ гардад.

2. Бо мақсади дар амал ҷорӣ намудани принсипи умумиҳуқуқии инсондӯстӣ ва риояи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ хуб мешуд, ки аз пахни нишондодҳои видеоии ашхоси гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар амалҳои тафтишӣ дар васоити ахбори омма худдорӣ карда шавад. Чунин амал ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, инчунин принсипи инсондӯстӣ мутобиқат намекунад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чунин маълумотро дар хусуси ҳодисаи ҷиноят танҳо пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд дар васоити ахбори омма паҳн намояд.

Албатта, пешниҳод ва таклифҳои мазкур дар баъзе ҳолатҳо баҳснок бошанд ҳам, лекин онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, хулосаҳои муаллифро ифода мекунанд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ –Мирзозода Ф.**

## АДАБИЁТ


1. Агутина Н.В. Теоретические и нравственные основания принципов в современном отечественном уголовном судопроизводстве: автореф…дисс. кан.юрид.наук / Н.В Агутина.. -М., 2007. -26 с.
2. Азизкулова Г.С. Цикл лекций по истории государства и права Республики Таджикистан / Г.С. Азизкулова. - Душанбе, 1995. -201 с.
3. Азимов Ш. Государство и право Саманидов / Ш. Азимов. -Душанбе, 1999. -260 с.
4. Буриев И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII - начало XX вв.) / И.Б. Буриев; отв. ред. чл.-корреспондент АН РТ Тахиров Ф.Т. -Душанбе, 1999. -340 с.
5. Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: Современное состояние и перспективы развития / Х.М. Гафуров. -Душанбе, 2007.-185 с.
6. Гуломов И.Ш. Принцип состязательности и реализация уголовно – процессуальных функций / И.Ш. Гуломов // В сб. научных трудов «Верховенство закона – основа укрепления независимости. Сб. науч. трудов.Ч.V.; под об. ред. Рахматулоева А.Э. -Худжанд. 2012. -228 с.
7. Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, №19 аз 02 октябри соли 2017 «Дар бораи такмили минбаъдаи фаъолияти судӣ дар партави тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд» // Маҷмуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015-2019). –Душанбе, 2019. -380 с.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016). [Манбаи электронӣ]. URL: www.mmk.tj (санаи муроҷиат 30.08.2023).
9. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. -№12, мод.815; Қонунҳои ҶТ аз 23.11.2015 с., №1229; аз 15.03.2021с., №1275; аз 18. 03. 2022 № 1857) (санаи муроҷиат: 30.08.2023).

10. Муллаев М. Происхождение и реакционная сущность шариата / М. Муллаев; под ред. акад. АН Тадж. ССР Раджабова С.А. -Душанбе: Дабир, 1967.
11. Ҳусейнзода Ш. Пояндагӣ аз иттиҳод хезад / Ҳусейнзода Ш. // Минбари халқ аз 19 январи соли 2012. - №3(826).
12. Словарь иностранных слов. -М.: Норма, 1987. -900 с.
13. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат /.Ш. Сотиволдиев. -Душанбе: Андалеб, 2000. -546 с.
14. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2 / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2010. -750 с.
15. Тахиров Ф.Т. Правовая система дореволюционного Таджикистана / Ф.Т. Тахиров. -Душанбе: Дабир, 1998. -450 с.
16. Тахиров Ф.Т. Шариат: правовая регламентация брачно-семейных и наследственных отношений / Ф.Т. Тахиров, А.Г. Халиков. -Душанбе, 2001. -346 с.
17. Тоҳиров Ф.Т. Тоҷикистон дар роҳи давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва дунявӣ / Ф.Т. Тохиров // Ҷумҳурият. - 19 июни соли 2001. -№66(20346).
18. Тохиров Ф.Т. Развитие права в Таджикистане / Ф.Т. Тохиров. -Душанбе: Андалеб, 1994. -320 с.
19. Хайдарова М.С. Основные направления и школы мусульманского права / М.С. Хайдарова // Мусульманское право (структура и основные институты). -М.: Юр.-лит, 1984. -269 с.
20. Хакимов Н. История государства и права таджикского народа / Н. Хакимов, Г.С. Азизкулова. -Душанбе, 2002. -490 с.
21. Холиков А.Г. Ҳуқуқи мусулмонӣ. Китоби дарсӣ / А.Г. Холиков. -Душанбе: Эр-гарф, 2003. -300 с.
22. Эмомалӣ Раҳмон. Матбуот ёвари давлату ҳукумат аст. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100 солагии матбуоти тоҷик / Эмомалӣ Раҳмон // Минбари халқ. - 2012. -№11(834).
23. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе, 2005. -Ҷилди 5. -401 с.

## АМАЛИШАВИИ ПРИНСИПИ АДОЛАТИ СУДӢ ДАР ПАРТАВИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ – ҲУҚУҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Мақола ба амалишавии мавқеи принсипҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ва қоидаҳои дар амал татбиқ шудани он бахшида шудааст. Муаллиф ба асос ва тартиби риоя ва иҷро шудани принсипҳо дар таъмини адолати судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ диққат дода, бо назардошти амалияи татбиқи принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ мавриди таҳлил ва муқоисаи ҳуқуқӣ қарор додааст. Таҳлили назариявии қоидаҳо ва тартиби баррасии парвандҳои ҷиноятӣ бо иштироки шахсони иштирокчии парванда ва марҳилаҳои тосудии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба муаллиф имконият додааст, ки доир ба баҳсҳои назариявӣ ва муаммоҳои дар амалияи мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ҷой дошта фикру андешаҳои худро пешбарӣ ва асоснок намояд, ки ҷолиби диққат мебошад.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, мазмун, адолати судӣ, принсипҳо, амалишавӣ, қоидаҳо, риоя, иҷро, вазифа, мурофиаи ҷиноятӣ, пешбурди парванда, марҳила, таъқиби ҷиноятӣ, иштирокчиёни мурофиа, ҳуқуқу озодиҳои инсон.

## РЕАЛИЗАЦИЯ ПРИНЦИПА СУДЕБНОГО ПРАВОСУДИЯ В СВЕТЕ СУДЕБНО-ПРАВОВЫХ РЕФОРМ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Статья посвящена реализации положений и принципов в свете судебно-правовой реформы в Таджикистане и правилам ее реализации на практике. Автор уделил внимание основаниям и порядку соблюдения и реализации принципов обеспечения справедливости в уголовном судопроизводстве и произвел правовой анализ и сопоставление с учетом практики применения принципов уголовного судопроизводства. Теоретический анализ правил и порядка рассмотрения уголовных дел с участием лиц, участвующих в деле, и досудебных стадий уголовного судопроизводства дал возможность автору изложить и обосновать свои взгляды на теоретические споры и проблемы в практике уголовного судопроизводства.

**Ключевые слова:** понятие, содержание, судебная юстиция, принципы, реализация, правила, соблюдение, реализация, обязанность, уголовное судопроизводство, преследование, стадия, уголовное преследование, участники судебного процесса, права и свободы человека.

## IMPLEMENTATION OF THE PRINCIPLE OF JUDICIAL JUSTICE IN THE LIGHT OF JUDICIAL AND LEGAL REFORM IN TAJIKISTAN

The article is devoted to the implementation of the provisions of the principles in the light of judicial and legal reform in Tajikistan and the rules for its implementation in practice. The author paid attention to the grounds and procedure for observing and implementing the principles of ensuring justice in criminal proceedings and made a legal analysis and comparison, taking into account the practice of applying the principles of criminal proceedings. The theoretical analysis of the rules and procedure for considering criminal cases with the participation of persons participating in the case and the pre-trial stages of criminal proceedings enabled the author to present and substantiate his views on theoretical disputes and problems in the practice of criminal proceedings.

**Keywords:** concept, content, judicial justice, principles, implementation, rules, observance, implementation, obligation, criminal proceedings, prosecution, stage, criminal prosecution, participants in the trial, human rights and freedoms.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳматуллоева Райҳон Рашидовна* -** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария, таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, маҳаллаи 17, бинои 1. Телефон: **(+992) 644-58-00**

**Сведения об авторе:** ***Рахматуллаева Райхон Рашидовна* –** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель кафедры теории, истории государства и права. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, Согдийский область, мкр, 17, дом 1. Телефон: **(+992) 644-58-00**

**Information about the author:** ***Rakhmatullaeva Raikhon Rashidovna*** - Tajik State University Law, Business and Politics, Applicant for the Department of Theory, History, State and Law. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Sughd region, microdistrict, 17, building 1. Phone**: (+992) 644-58-00**

ТДУ: 349.42(575.3)

# ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

***Фархудинов Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз ҳадафҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, рушди бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ташкили низоми самараноки идоракунии хавфҳо ва ғайра ба ҳисоб меравад, ки дар Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030, Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикисон, Консепсияи ташаккулёбӣ ва рушди кластерҳо дар комплекси агросаноатӣ барои то соли 2040, Барномаиислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифодаи худро ёфтаанд.

Заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҷиҳати расидан ба ин ҳадафи стратегӣ нақши калидиро мебозанд. Қайд карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳои таъиноти кишоварзӣ нисбатан камтар буда, вобаста ба рушди босуръати аҳолӣ ба сари як нафар шаҳрванд заминҳои корами обӣ сол аз сол кам шуда истодааст [15].

Бинобар ин, самаранок ва оқилона истифода кардани заминҳои таъиноти кишоварзӣ муҳим буда, баҳри ба даст овардани ҳосили дилхоҳ, зарурият ба миён омадааст, ки суғуртакунии соҳа роҳандозӣ карда шавад, зеро суғурта яке аз ҷузъи таркибии робитаҳои иқтисодии байни субъектҳо дар ҷараёни истифодаи замин ва истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, заминро аз шӯршавӣ, офатҳои табиӣ, таъсири шахсони сеюм, тағйирёбии вазъи бозор ва дигар омилҳои манфӣ ҳифз мекунад.

Муҳаққиқон масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, қайд мекунанд, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи институти суғурта дар соҳаи кишоварзӣ фароҳам овардани рушди устувори иқтисодиву хоҷагидорӣ, самаранок ва оқилона истифода бурдани замин ва дар ин замина таъмин намудани шароити зиндагии онҳо аст [5].

Яке аз усулҳои самаранок ва оқилона истифода бурдани заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва ҳифз намудани онҳо аз ҳама гуна ҳолатҳои манфӣ дар баробари меъёрҳои қонунгузорӣ, ҳамзамон нақши шартномаи суғурта низ муҳим арзёбӣ мегардад. Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ имконият фароҳам меоварад, ки заминҳои суғурташуда аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои суғуртавӣ (хоҷагидорон) оқилона истифода бурда шаванд.

Шартномаи суғурта дар байни дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мавқеи махсусро касб кардааст, ки ҳадафи асосии он таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкии субъектон ба ҳисоб рафта, мустақил, мураккаб ва гуногунпаҳлу мебошад, зеро муносибатҳои суғуртавӣ гуногуншакланд ва ҳамчун зуҳуроти иқтисодию ҳуқуқӣ дорои сохтори мураккаб мебошад [14].

Масъалаҳои вобаста ба табиати ҳуқуқӣ, мафҳум, моҳият, хусусият, мазмун ва дигар паҳлуҳои муҳимми институти суғурта дар байни олимону муҳаққиқон мавриди баҳс қарор доранд. Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, бо табиати ҳуқуқии худ аз дигар намудҳои шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ тафовут дорад.

Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад: дутарафа будани шартнома, реалӣ (консенсуалӣ) будани шартнома, музднок будани шартнома, оммавӣ будани шартнома, таваккалӣ будани шартнома ва ғайра.

Тарафҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ – суғуртакунанда ва суғурташаванда ба ҳисоб мераванд. Лекин, аз сабабе ки хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва истифодабарии заминҳо нисбат ба дигар самтҳои хоҷагии халқ бештар ба назар мерасанд, таҷрибаи аксарияти кишварҳо нишон медиҳад, ки дар баробари суғуртакунанда маблағҳои буҷети давлатӣ низ мавриди истифода қарор мегиранд. Яъне, дар ин ҷо мо метавонем иштироки се субъектро, яъне суғуртакунанда, суғурташаванда ва давлатро мушоҳида намоем, ки ҳар яке аз ин субъектҳо дар ин муносибатҳо ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳифз мекунанд.

Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ реалӣ мебошад, зеро аз лаҳзаи пардохти мукофоти суғуртавӣ ё ҳаққи суғуртавӣ он эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Дар баъзе мавридҳо шартномаи суғурта консенсуалӣ мебошад. Масалан, дар шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ суғурташаванда метавонад мукофоти суғуртавиро пурра ё давра ба давра пардохт намояд. Аммо дар соҳаи кишоварзӣ на дертар аз анҷом ёфтани мавсими корӣ. Гузашта аз ин, шартнома музднок буда, суғурташаванда мукофоти суғуртавиро пардохт намуда, ҳангоми ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ ҷуброни суғуртавиро амалӣ менамояд.

Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ оммавӣ мебошад. Аммо дар ин хусус байни олимону муҳаққиқон баҳсҳои гуногун мавҷуд аст. Қисме аз онҳо шартномаи суғуртаро ба ҳуқуқи хусусӣ мансуб медонанд.

А.С. Серебровский қайд мекунад, ки муносибатҳои суғуртавӣ бо таъсири меъёрҳои қонунгузорӣ наметавонанд ба ҳуқуқҳои хусусӣ мансуб бошанд, зеро дар онҳо хусусиятҳои оммавӣ мавҷуд буда, иҷроиши онҳо ҳатмӣ мебошад [8].

В.С. Бели қайд мекунад, ки хусусияти оммавӣ доштани муносибатҳои суғуртавӣ бештар хосси муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба суғуртакунии ҳатмии тиббӣ, нафақа ва ҳифзи иҷтимоӣ равона шуда бошад [3].

М.Д. Суворова ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур қайд мекунад, ки дар мавриде, ки институти суғурта ба низоми ҳуқуқи хусусӣ дохил бошад, пас дар ин ҳолат яке аз шаклҳои он, яъне суғуртаи ҳатмӣ наметавонад ба ҳуқуқҳои оммавӣ дохил шавад [12].

В.К. Райхер қайд мекунад, ки предмети танзими суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмиро, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷонибҳо ташкил медиҳад [6]. Умуман, фикру андешаҳо дар хусуси ҳуқуқҳои оммавӣ ва хусусӣ будани шарномаи суғурта зиёд аст. Лаҳзаи дақиқ, ба андешаи мо, методи танзими ҳуқуқӣ ба шумор меравад, ки дар оянда дар шартнома ҳамчун меъёри диспозитивӣ асос ёфтааст ва ҳангоми суғуртакунии ҳатмӣ аз рӯйи табиати ҳуқуқиаш ба ҳуқуқи хусусӣ мансуб аст.

Дар маҷмуъ, шартнома яке аз шаклҳои асосии танзими мунсибатҳои суғуртавӣ ҳангоми ҳифз намудани замин аз омилҳои манфӣ ба шумор меравад. Ҳамчун институти ҳуқуқи маданӣ он наметавонад дар заминаи меъёрҳои императивӣ бунёд ёбад, зеро моҳияти шартнома худ, ифодакунанди озодӣ, ихтиёрӣ, баробарии ҷонибҳо ва ғайра мебошад. Аксарияти муҳаққиқон институти суғуртакуниро яке намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамчун механзими ҳифзи манфиатҳои субъектҳо ҳисоб мекунанд.

Вазифаи асосии институти мазкур на танҳо ба ҳифзи манфиатҳои субъекҳо нигаронида шудааст, балки вазифаи пешгирикунӣ ва огоҳкуниро низ дар бар мегирад. Истилоҳи "пешгирӣ" ба маънои васеъ маҷмуи усулҳо ва амалҳои техникӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигар амалҳоро дар назар дорад, ки ҳадафи онҳо пешгирӣ аз пайдоиш ва паҳншавии ҳодисаҳои суғуртавӣ, инчунин коҳиш додани қувваи онҳо аз амалҳои харобиовар арзёбӣ мегардад [15]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурташавандаро вазифадор мекунад, ки баъди ба ӯ маълум шудани фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ, суғуртакунандаро фавран огоҳ намояд (м.1074 КМҶТ). Мазмун ва ҳадафи аслии моддаи мазкур пешгирӣ аз фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ мебошад.

Табиист, ки хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ зиёданд, ки ин омил иштирокчиёни бозори суғуртаро ҷиҳати ворид шудан ба бозор чандон ҳавасманд намегардонад. Ҳол он ки иштирокчиёни муносибатҳои суғуртавӣ метавонанд дар ин самт аз мутахассисони ботаҷрибаи соҳа ва техникаву технологияҳои муосир истифода намоянд.

Муҳаққиқон ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур, якчанд омилҳои дигарро низ пешниҳод кардаанд, ки айни замон сабаби рушд наёфтани соҳаи мазкур гаштаанд, аз ҷумла:

- нобоварии истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ;
- пешниҳоди нокифояи маҳсулот (набудани гуногунии маҳсулоти суғуртавӣ) аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ ва ғайра [11].

Ба андешаи мо, ҳамаи ин омилҳо наметавонанд ба рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ монеа шаванд, зеро дар ин самт хоҷагиҳои кишоварзӣ низ бояд дар масъалаи

суғуртакунии замин ҳавасманд бошанд. Яъне, онҳо ба ташкилотҳои суғуртакунӣ тамоми маълумотҳои заруририро, аз ҷумла минтақаи ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳолати мелиоративии қитъаи замин, таркиби хок, болопӯшида ё болокушода будани қитъаи замин, дар панҷ соли охир кадом намудҳои доруҳои минералӣ дар замин истифода кардаанд ва кадом намуди ҳосилро дар ин муддат гирифтанд, кадом намуди хавфҳо дар ин минтақаҳо бештар ба миён меоянд, кишти кадом намуд зироат дар ин минтақаҳо имконнопазир аст ва ғайраро пурра пешниҳод намоянд.

Ғ.Д. Ашуров яке аз сабабҳои нокифоя рушд намудани институти суғуртаро дар он мебинад, ки то ҳол ба таври пурра инфрасохтори бозор, ташаккул наёфтааст, яъне дар бозор норасоии ассистансҳо, адҷастерҳо ва сюрверҳо ба мушоҳида мерасад [1].

Муҳаққиқон ҳангоми таҳлили паҳлуҳои ҳуқуқиву иқтисодии масъалаи мазкур қайд кардаанд, ки мувофиқи ҳисобҳои иқтисодӣ ва таҷрибаи мусбати байналмилалӣ, яке аз шаклҳои беҳтарини суғуртакунии соҳаи кишоварзӣ ин арзонтар намудани арзиши мукофотҳои суғуртавӣ тавассути пешниҳоди субсидияҳо мебошад, зеро чунин тарзи ташкили дастгирии давлатӣ сабаб мегардад, ки институти суғуртакунӣ ба чунин натиҷаҳои назаррас ноил гардад. Аз ҷумла: 1) ба идоракунии хавфҳо ҷалб намудани истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; 2) риоя ва истифодаи беҳтарин технологияҳои истеҳсолот ва дар ин замина ҳавасманд намудани истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ. Ҳамзамон, ҷиҳати рушди институти мазкур дар соҳаи кишоварзӣ онҳо чунин ақида доранд:

- мусоидат ба рушди бахши аграрӣ ва таҳияи маҳсулотҳои нави суғуртавӣ;
- такмили қонунгузорӣ дар самти хизматрасониҳои суғуртавӣ;
- ҳавасмандгардонӣ ва мусоидати рушду ҳамгироии бахши суғуртавӣ;
- рушди суғуртаи мутақобила чун механизми таъминоти суғуртавии молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ [9].

Гузашта аз ин, қайд карда мешавад, ки то кунун дар самти хизматрасониҳои суғуртавӣ масъалаҳои ҳалталаб хеле зиёд иебошанд. Аз ҷумла:

- номувофиқатӣ ва нокифоягии таъминоти ҳуқуқии низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ. Асоси ин мушкилот дар таҳия ва қабули қонунҳои алоҳида, махсусан оид ба навъҳои суғуртаи ҳатмӣ, ҳатмии давлатӣ дида мешавад;
- нокифоягии номгӯйи маҳсулоти суғуртавӣ (на бештар аз 60 навъ ва он ҳам, ба шакли анъанавӣ (ё классикӣ) амал мекунанд, ки дар ҷаҳони муосир бештар аз 600 навъи маҳсулоти суғуртавӣ мушоҳида мегардад [4];
- номукаммалии андозбандии фаъолияти суғуртавӣ, ки ба кам гардидани шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ оварда мерасонад;
- дастрасӣ надоштани шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидорӣ ба иттилооти муфид доир ба мазмуну моҳияти суғурта, нақши он дар барқарорсозии зарар (зиён), нобоварии онҳо ба низоми суғуртавӣ;
- номутаносибӣ ё нобаробарӣ дар ташаккул ва рушди низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ (омори расмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳудуди пойтахти мамлакат, шаҳри Душанбе зиёда аз 90% ташкилотҳои суғуртавӣ амал менамоянд, ки маҳз дар ҳамин ҷо 80-85% пардохтҳои суғуртавии (ҳаққи суғурта) бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҷамъоварӣ мегардад) [13];
- нокифоягии дастгирии давлатӣ дар низоми хизматрасонии суғуртавӣ, ҳол он ки раванди суғурта ба ин фаъолияти давлат ниёзи ҳамаҷониба дорад;
- мавҷуд набудани заминаи ягонаи таълимӣ ва баландбардории малакаву қобилияти касбии мутахассисони соҳаи суғурта дар ҷумҳурӣ, ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набудани стандарти таҳсилот дар самти ихтисоси суғурта;
- номукаммал ташаккул ёфтани иштирокдорони касбии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: актуарҳо, андеррайтерҳо ва сюрвейрҳо;
- ташкил ва таъмин нагардидани раванди микросуғуртакунонӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба кам гардидани майлу рағбати суғуртавии истеъмолгарон оварда мерасонад [2].

Тазаккур бояд дод, ки масъалаҳои бамиёнгузоштташуда аллакай қисман ҳалли худро ёфтаанд. Масалан, имрӯзҳо дар қисми зиёди донишгоҳҳои кишвар паҳлуҳои умумӣ ва

махсуси фанни суғурта ба донишҷӯён омӯзонида мешавад. Дар ин самт танҳо зарур аст, ки моҳияти аслии суғурта дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ фаҳмонида шавад. Аз ҷумла, дар байни хоҷагидорон, деҳқонон ва умуман субъектҳое, ки дар самти истифодабарии замин машғули кор мебошанд.

Суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар кишварҳои узви ИДМ васеъ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ин самт хоҷагидорон заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ғалладонагиҳо (монанди гандум наск, нахӯд, мош, лӯбиё), сабзавот (сабзӣ, карам, лаблабуи қанд, пиёз, картошка), пахта ва дигар кластерҳои соҳаи кишоварзиро аз ҳама гуна хавфҳо суғурта карда истодаанд.

Аммо ба андешаи онҳо, баъзе масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт то ҳанӯз боқӣ мондаанд. Якум, баҳри ҳарчи зудтар ҳал намудани муносибатҳои суғуртавӣ зарур мешуморанд, ки дар назди Вазорати кишоварзӣ, Агентии давлатии идоракунии хавфҳои аграрӣ таъсис дода шавад. Дуюм, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва дар як махзани ягона нигоҳ доштани онҳо аҳаммияти муҳим дорад, яъне қабули кодекси суғуртавиро зарур мешуморем [7].

**Муқарриз: д.и.х., профессори ДМТ – Қурбонов Қ.Ш.**

## АДАБИЁТ


1. Ашуров Ғ.Д. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ шамчун унсури муҳимми муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ғ.Д. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. -№1(35). -С.212.
2. Ашуров Ғ.Д. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун унсури муҳимми муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ғ.Д. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№2(31). -С.212
3. Белых В.С. Страховое право / В.С. Белых, И.В. Кривошеев. -М.: НОРМА, 2001. -С.95.
4. Веселовский М.Я. Страховой сервис / М.Я. Веселовский. -М.: Альфа-М.: ИНФРА-М-М, 2017. -С.19.
5. Гатиятуллина И.И. Страховые правоотношения в сельском хозяйстве дис.к.анд.юрид. наук / И.И. Гатиятуллина. –Уфа, 1998. -С.43.
6. Райхер В.К. Государственное страхование в СССР / В.К. Райхер. -М., 1938. -С.5-6.
7. Рассолова Т.М. Проблемы правового регулирования страховых отношений / Т.М. Рассолова // Юридическая и правовая работа в страховании. - 2009. -№3. -С.45.
8. Серебровский А.С. Страхование: моногр. / А.С. Серебровский. -М.: Финиздат - НКФ СССР, 1927. -С.73.
9. Субҳонзода И.С. Суғуртакунии бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир / Субҳонзода И.С., Иброҳимзода О.Ю. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. -№1(35). –С.194.
10. Субҳонзода И.С. Суғуртакунии бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир / Субҳонзода И.С., Иброҳимзода О.Ю. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№2(31). –С.196.
11. Суворова М.Д. О частноправовом характере института страхования / М.Д. Суворова // Правоведение. - 1997. -№4. -С.129-136.
12. Сомонаи расмии БМТ. Nbt.tj
13. Фақеров Ҳ.Н. Рушди низоми суғуртавӣ дар шароити иқтисодӣ бозорӣ / Ҳ.Н. Фақеров, Ғ.Д. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№1(30). -С.8.
14. Шамсуллозода Ш. Асосҳои назариявии фаъолияти суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (давоми солҳои 1991-2016) / Шамсуллозода Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2021. -№2(36). -С.271.
15. Шокирзода Н.И. Дастгирии давлатии истифодабарии самараноки замин (дар мисоли вилояти Хатлон): дис. н.и.и. / Шокирзода Н.И. –Душанбе, 2022. -С.4.


## ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ


Дар мақолаи мазкур табиати ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф қайд мекунад, ки масъалаҳои вобаста ба табиати ҳуқуқӣ, мафҳум, моҳият, хусусият, мазмун ва дигар паҳлуҳои муҳимми институти суғурта дар байни олимону муҳаққиқон боиси баҳсҳои зиёд гардиданд. Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, бо табиати ҳуқуқии худ аз дигар намудҳои шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ тафовут дорад. Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дутарафа, тавваккалӣ, реалӣ (консенсуалӣ), музднок ва оммавӣ мебошад.



**Калидвожаҳо:** заминҳои таъиноти кишоварзӣ, суғурта, шартнома, ҳодисаҳои табиӣ, субъект, иштирокчиёни муносибатҳои суғуртавӣ.


## ПРАВОВАЯ ПРИРОДАДОГОВОРА СТРАХОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО НАЗНАЧЕНИЕ


В данной статье анализируется правовая природа договора страхования земель сельскохозяйственного назначения. В ходе анализа автор отмечает, что среди ученых и исследователей существует множество споров

относительно правовой природы, понятия, сущности, природы, содержания и других важных аспектов института страхования. Договор страхования земель сельскохозяйственного назначения имеет свои особенности и его правовая природа отличается от других видов гражданско-правовых договоров. Договор страхования земель сельскохозяйственного назначения является двусторонним, риск-ориентированным, реальным (консенсуальным), возмездным и публичным.

**Ключевые слова:** земли сельскохозяйственного назначения, страхование, договор, природные явления, субъект, участники страховых отношений.

**LEGAL NATURE LAND INSURANCE AGREEMENT PURPOSE OF AGRICULTURE**

This article analyzes the legal nature of an agricultural land insurance contract. During the analysis, the author notes that among scientists and researchers there are many disputes regarding the legal nature, concept, essence, nature, content and other important aspects of the insurance institution.An agricultural land insurance contract has its own characteristics and its legal nature differs from other types of civil law contracts. The agricultural land insurance contract is bilateral, risk-based, real (consensual), compensated and public.

**Keywords:** agricultural land, insurance, contract, natural phenomena, subject, participants in insurance relations

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Фархудинов Ҷамшед*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи мадании. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, проспект Рудакӣ, 17. E-mail. **farkhudinzoda-86@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Фархудинов Джамшед*** – Таджикиский национальный университет, соискатель кафедры гражданского права. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail. **farkhudinzoda-86@mail.ru**

**Information about the author:** ***Farkhudinov Jamshed*** – Tajik National University, applicant for the Department of Civil Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail. **farkhudinzoda-86@mail.ru**

**ТДУ: 343.37**

# ДАРАҶАИ ХАВФНОКИИ ҶИНОЯТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ТАЙЁР ВА ПАҲН КАРДАНИ МАВОД Ё ПРЕДМЕТҲОИ ПОРНОГРАФӢ

*Ҳасани Б.Х.*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

Тайёр ва паҳн кардани маводҳои порнографӣ барои ҷамъият, шахсони алоҳида ва дар умум барои давлат хавфнокии зиёд дорад. Зеро паҳн кардани маводҳои порнографӣ ин худ паҳн кардани порнография мебошад ва порнография бошад, ба ҳолати психикии шаҳрвандон, ахлоқи ҷомеа ва фарҳангу арзишҳои миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Порнография ба муносибатҳои иҷтимоии шахс ва руҳияи ӯ таъсири мустақим мерасонад, муносибати ӯро ба олами шаҳвонӣ, ба дигарон ва муносибатҳои байни онҳо тағйир медиҳад. Ин таъсир махсусан барои ноболиғон зараровар аст. Объектҳо ва маводҳои дорои хусусияти порнографӣ аз ҷониби ноболиғони ноустувор ба таври нокифоя қабул карда мешаванд ва ба ҳолати руҳии ин қишри каммуҳофизатшавандаи ҷомеа таъсир расонида, тасаввуроти таҳрифшудаи рафтори шаҳвониро ба вуҷуд меоранд.

Ба андешаи Г.А. Езебчик, хавфи асосӣ дар эҳтимоли баланди расонидани зарар ба саломатии ахлоқӣ ва ҷисмонии шахсияти ташаккулнаёфта, ҷорӣ намудани муносибатҳои харобиовар ба равони шахс мебошад, ки дар ниҳояти кор боиси содир намудани кирдорҳои шаҳвонӣ мегардад, ки қонуни ҷиноятӣ бо таҳдиди ҷазо манъ кардааст. Маҳз тағйир ёфтани муносибатҳои иҷтимоӣ нисбат ба қобили қабул будани тағйироти ҷинсии гуногун (педофилия, мазохизм, садизм ва ғайра), инчунин паст шудани талаботи ахлоқӣ нисбат ба воқеияти атроф, одамони дигар ва худӣ аз таъсири манфии порнографӣ вобаста мебошад [3,с.91]. Албатта, ба андешаи мазкур розӣ шудан мумкин аст. Зеро маводҳои порнографӣ дараҷаи шадиди ҳолати шаҳвониро дар шахс бедор намуда, дар ниҳоят ӯро барои содир намудани ҷиноятҳои ҷинсӣ роҳнамоӣ месозанд.

Масъалаи дараҷаи хатари ҷамъиятии порнография дар адабиёти илмӣ ба ду назария мувофиқат мекунад: назарияи моделсозӣ ва назарияи катарсис. Тарафдорони назарияи якум мегӯянд, ки вақте одамон алоқаи ҷинсӣ ва таҷовузро тавассути асарҳои порнографӣ дар навор мебинанд, эҳтимоли хеле баланд аст, ки онҳо дар зиндагӣ инро такрор кунанд. Тарафдорони назарияи дуюм, бар ин назаранд, ки порнография воқеан шахсро аз зӯроварӣ ё рафтори ғайримуқаррарии ҷинсӣ бо коҳиш додани шиддати ҷинсӣ пешгирӣ мекунад [4,с.633]. Вобаста ба назарияҳои мазкур мо тарафдори назарияи якум мебошем. Зеро маводҳои порнографӣ дар ҳеҷ маврид наметавонад дараҷаи ҳолати шаҳвонии шахсро коҳиш диҳад, баръакс ба шадидшавии он имконият медиҳад. Таҳлили маводи порнографии экспертӣ, ки аз ҷониби кормандони Институти тадқиқотии психоневрологии Санкт-Петербург ба номи В.М. Бехтерев аз мавҷудияти робитаи мустақими байни таҷовуз ва порнография шаҳодат медиҳад: «Намоиши солҳои охир дар телевизион ва махсусан бо истифода аз видео истеҳсоли ҳикояҳои эротикӣ ва муҳимтар аз ҳама порнографӣ, боиси афзоиши хашмгинии тамошобинони чунин ҳикояҳо гардидааст, ки ба саломатии руҳии онҳо таъсири манфӣ мерасонад». Индуксияи рафтори хашмгин дар зери таъсири иттилооти порнографӣ дар гурӯҳҳои одамон аксар вақт аз тарс аз вазъияти ноустувори иҷтимоӣ ё шахсии атроф бо мақсади як навъ паст кардани шиддат ба вуҷуд меояд [16,с.7]. Гап дар сари он аст, ки агар шахс ягон мушкили иҷтимоӣ дошта бошад, пас зери таъсири порнография ҳолати дардноки руҳӣ (таҷовуз) ба вуҷуд меояд. Ин муносибат таъсири манфии маҳсулоти порнографиро равшан нишон медиҳад.

Фарҳангшинос А.Е. Лазар дар экспертизаи фарҳангии порнографӣ оиди ин масъала чунин ибрози назар кардааст: «Порнография падидаи мураккаб аст. Мутахассисон барои муайян кардани табиати порнография кӯшиш намуда, ақидаҳои мухолифи онро истифода бурдаанд: аз «манъкунии бевосита» то «тоқаткунӣ» ба саҳнаҳои «бадахлоқии мутақобил». Даҳшати порнография дар он аст, ки ҳама ошкоро буда, манъкуниҳо рад карда шуда, ҳама дарҳои маҳкам шикаста шудаанд. Яъне, бо шиори «нест бод шарму ҳаё», дар мо фазои ҷамъияти ошкоро ва ягон хел сир ҷой надорад» [9,с.2]. Ҳамаи мушкилиҳо ва мураккабии чунин падидаро ҳамчун «порнография» ба инобат гирифта, метавон гуфт, ки

дида баромадани критерияҳои ба ҷамъият хавфнокии он танҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳаматарафа ва объективона намебошад. Тадқиқоти муайянкунии ба ҷамъият хавфнокии порнография ҳамон вақт ба фикри мо мувофиқи мақсад мебошад, ки агар ҳангоми тадқиқот маҷмуи илмҳо, ба монанди фарҳангшиносӣ, рӯҳшиносӣ, шаҳватшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ, психиатрияи судӣ ва криминология истифода бурда шавад. Ғайр аз ин, мубрам будани тадқиқот оиди муайянкунии ба ҷамъият хавфнок будани порнография дар он зоҳир мегардад, ки баъзе олимони хориҷӣ ақидаеро изҳор намудаанд, ки таъсири манфии порнография ба инсон ва ҷамъият исбот нашудааст ва барои ҳамин ҳам порнография ба ҷамъият хавфнок нест, ё ин ки хавфнокии он ба ҷамъият танҳо ҳангоми паҳн кардани маводҳои порнографӣ ба ноболиғон, ё ин ки ҳангоми дар порнография истифода шудани ҳайвонот, бачабозӣ, бо бераҳмии махсус ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ, муайянкунии ба ҷамъият хавфнокии порнография ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-психологӣ мушкил аст. Аммо, тадқиқоти мукаммал метавонад ба ин масъала равшанӣ андозад.

Ба андешаи З.А. Незнамова, ба ҷамъият хавфнок будани маводҳои порнографӣ дар таъсири манфӣ ба инкишофи ҷисмонӣ ва ахлоқии ноболиғон зоҳир мегардад. Инчунин, ӯ илова мекунад, ки порнография беморӣ буда, шинос шудан бо он метавонад ба содир кардани чунин ҷиноятҳо мусоидат намояд (таҷовуз ба номус, ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонидошта, ҳаракатҳои бадахлоқона) [14,с.609]. Дар ин хусус Ю.М. Ткачевский қайд менамояд, ки порнография ҳисси носолимии шаҳвонияти ҷинсиро ба вуҷуд оварда, ба қонеъ гардонии он дар шакли бадахлоқона равона мешавад. Ҳамаи ин, дар ҷамъбаст на танҳо ба таназзули ахлоқӣ ва ҷисмонии шахсият алоқаманд аст, балки бо устувории муносибатҳои оилавӣ низ вобастагӣ дорад. Махсусан порнография ба ахлоқи ноболиғон таъсири манфӣ мерасонад [8,с.441]. Н.И. Ветров ва А.В. Бриллиантов бошанд, доир ба масъалаи мазкур чунин андеша доранд, ки порнография ба аҳолӣ (махсус ба ҷавонон) таъсири манфӣ расонида, ба дуруст инкишофёбии нигоҳҳои этикии одамон халал мерасонад [13,с.428]. Ба андешаи А.П. Новиков, паҳн намудани маводҳои порнографӣ ба пояи ахлоқи аҳолӣ таъсир мерасонад [5,с.695]. Аз андешаҳои олимон чунин хулоса кардан мумкин аст, ки паҳн кардани маводҳои порнографӣ, бешубҳа, таъсири манфӣ дошта, ба ахлоқи аҳолӣ, муносибатҳо ва арзишҳои оилавӣ, саломатии равонӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаётии шахс зарар мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки паҳн кардани маводҳои порнографӣ ба мисли ҳаракатҳои ифротӣ мебошад. Яъне, як гурӯҳ соҳибкорон аз паҳн намудани чунин маводҳо даромад ба даст оварда, баръакс гурӯҳи дигарро барои содир кардани ҷинояти нав тарғиб менамоянд. Дар фаҳмиши дигар, тавассути паҳн кардани маводҳои порнографӣ аз вазъияти шахс истифода намуда, ӯро барои содир намудани ҷиноят тарғиб менамояд. Бинобар ин, кирдори мазкур хавфнокии зиёд дорад. Ба андешаи Р.Д. Шарапов, соҳибкории порнографӣ на танҳо асосҳои ахлоқи ҷамъиятиро вайрон мекунад, балки ба фарҳанг низ зарар расонида, баландравии ҷиноятҳои умумиро пурзӯр менамояд ва шумораи ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон содиршавандаро зиёд мегардонад [15,с.55]. М.П. Полянская хавфнокии кирдори мазкурро дар ҳаракатҳои таҳқиркунандаи ахлоқи ҷамъиятӣ мебинад, ки аксар вақт ба содир кардани ҷиноятҳои вазнин, ба монанди таҷовуз ба номус, кирдорҳои дорои хусусияти шаҳвонидошта оварда мерасонад [12,с.71]. Дар ин хусус Р.С. Ҷинҷолия қайд менамояд, ки ба ҷамъият хавфнокии паҳн намудани маводҳои порнографӣ аз он иборат аст, ки порнография дар худ мухлисони зиёде ҷамъ оварда, ахлоқи онҳоро вайрон менамояд ва ба инкишофёбии ахлоқӣ, эстетикии аъзоёни ҷавони ҷамъият таъсири манфӣ мерасонад [2,с.14]. Аз андешаҳои олимон бармеояд, ки хавфнокии кирдори мазкур дар се ҷиҳат ифода меёбад: 1) таъсири манфӣ ба инкишофи муътадили ҷисмонӣ ва руҳии ноболиғон; 2) оқибат он боиси ба вуҷуд омадани алоқаҳои ҷинсии бадахлоқона мегардад; 3) дар зери таъсири он содиршавии ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта имконпазир мегардад.

Новобаста аз андешаҳои олимони соҳаи ҳуқуқ, лозим донистем, ки баъзе аз андешаҳои олимони дигар соҳаҳоро низ мавриди омӯзиш қарор диҳем. Аз ҷумла, И.С. Кон дар асари худ «Ҷамъиятшиносӣ ва руҳшиносӣ» вобаста ба маводҳои таъсиркунандаи шаҳвати ошкоро ба рафтори шаҳватпарастӣ, қайд намудааст, ки ҷавоби қатъӣ ва якҷониба ба саволе, ки чӣ гуна маводҳои шаҳватӣ (эротикӣ) ба рафтори шаҳватпарастии

одамон таъсир мерасонад, ҷой надорад [6]. Номбурда аз рӯйи натиҷаҳои пурсиши зиёди аҳолӣ ва олимон ба хулосае меояд, ки ба одамони муқаррарӣ маводҳои шаҳватӣ (эротикӣ) кам таъсир мерасонад ва онҳоро сабаби содиршавии ҷиноятҳои шаҳватона ҳисобидан ғайриимкон аст [6]. И.С. Кон мисолеро аз тадқиқоти ҷамъиятшиноси фаронсавӣ Ален Ҷоми меорад, ки ӯ бо аз 20-ҳазор фаронсавиҳо, ки аз 18 то 69-сола буданд, пурсиш гузаронидааст. Мақсади пурсиш омӯхтани таъсири порнография ба рафтори шаҳватпарастӣ буд. Ален Ҷоми баъди анҷоми пурсишҳои худ мардҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намуд: 1) ҳавасмандони ин мавод; 2) мардҳое, ки ба порнография ҳавас надоранд. Ба гурӯҳи ҳавасмандони маводҳои порнографӣ аксарият мардҳои ҷавон шомил буда, ҳаёти фаъоли шаҳватпарастиро announcement меписанданд, дар ҳаёти ҷинсии худ занҳои гуногуни зиёдро аз сар гузаронидаанд, ки ба хиёнатгарии онҳо нисбати занҳои худ оварда расонида, ба арзишҳои оилавӣ аҳаммият намедиҳанд [6]. Аз ин таҷриба бори дигар дараҷаи хавфнокии паҳн кардани маводҳои порнографӣ маълум мегардад. Зеро ахлоқи ҷомеа аз арзишҳои оилавӣ вобастагӣ дорад. Агар чунин арзиш аз байн равад, он гоҳ институти оила низ рӯ ба завол хоҳад ниҳод.

Равоншинос Пол Ҷ. Мак Гиди дар натиҷаи тадқиқоти худ ба хулосае омадааст, ки зарари асосии порнография бештар ба муносибатҳои оилавӣ расонида мешавад. Порнография ресмонҳои нозуки муносибатҳои дохилиоилавиро вайрон намуда, ба дарду ғами аъзоёни оила (шавҳар ё зан) оварда мерасонад [10]. Профессорон Долф Зилман аз Донишгоҳи Индиана (ИМА) ва Ҷенигс Брайан аз донишгоҳи Хюстони (ИМА) муайян кардаанд, ки ҳамарӯза тамошои порнография ба пастшавии шаҳвонияти тамошокунанда нисбати шарики доимии худ оварда мерасонад, муносибати содиқмондани ӯро паст менамояд ва асос ба васеъшавии аҳаммияти муносибатҳои шаҳватпарастӣ, бевафоӣ ба шарики худ мубаддал мегардад [7,с.460-461]. Доктори Донишгоҳи Майами Р. Кристенс баъд аз анҷоми тадқиқот оиди таъсири порнография чунин хулосабарорӣ намудааст, ки порнография ба тамошобинони худ нишон медиҳад, ки шаҳват бо ишқ, уҳдадорӣ ва никоҳ ягон алоқамандӣ надорад ва он ягон хел оқибати ногуворро ба миён намеорад [1]. Мо ба андешаи мазкур розӣ шуда наметавонем. Шояд дар фарҳанги мардуми Ғарб андешаи мазкур мувофиқ бошад, вале мардуми Шарқ фарҳангу тамаддун ва арзишҳои таърихии худро доранд.

Шаҳватшиносон У. Мастерс, В. Ҷонсон, Р. Колодни дар асари худ «Асосҳои шаҳватшиносӣ» оиди таъсири мавқеи порнография чунин қайд кардаанд, ки порнография мавқеи занҳоро паст карда, онҳоро ба предмети истеъмолӣ табдил медиҳад [11,с.349]. Муаллифон, инчунин қайд менамоянд, ки филмҳои порнографӣ метавонанд боиси беоромӣ гардад, алалхусус дар он лаҳзае, ки инсон сифатҳои ҷисмонӣ ва ҳаракатҳои шаҳвонии худро бо ҳаракатҳое, ки қаҳрамонҳои филмҳои порнографӣ нишон медиҳанд, фарқ кунонад. Ба қаҳрамонҳои филм нигоҳ карда, инсон дар худ ҳис менамояд, ки даступохӯрда аст ва ё ба қобилияти шаҳвонии худ шубҳа дорад [11,с.349].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи дараҷаи хатари ҷамъиятии паҳн кардани маводҳои порнографӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дараҷаи хавфнокии паҳн кардани маводҳои порнографӣ аз фарҳангу маданияти ин ё он аҳолӣ ва ё минтақаю кишвари муайян вобастагӣ дорад. Масалан, ҳамҷинсгароӣ дар мардуми аврупоӣ ба як чизи муқаррарӣ табдил ёфтааст, вале ин маънои онро надорад, ки кирдори мазкур барои кишвари мо низ мувофиқ мебошад. Зеро фарҳанги мо ба ин чиз иҷозат намедиҳад. Айнан, агар барои мардуми аврупоӣ паҳн кардани маводи порнографӣ муфид арзёбӣ гардад, пас ин чиз барои кишвари мо мувофиқ намебошад. Чунки арзишҳои миллию оилавӣ ва динии мо ин чунин кирдорро манъ мекунанд.

2. Аз натиҷаи таҳқиқот маълум мегардад, ки чунин омилҳои паҳн кардани маводҳои порнографӣ дараҷаи хавфнокии онро нишон медиҳанд: таъсири манфӣ ба инкишофи муътадили ҷисмонӣ ва руҳии ноболиғон; он боиси ба вуҷуд омадани алоқаҳои ҷинсии бадахлоқона мегардад; дар зери таъсири он содиршавии ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта имконпазир мегардад; аз нигоҳи психологӣ ба тафаккур ва ҷаҳонбинии шахс таъсири манфӣ мерасонад; ба бемориҳои гуногуни ҷинсӣ шахсро гирифтор менамояд; боиси коҳиш ёфтани ахлоқи ҷомеа мегардад; ба коҳишёбии арзишҳои оилавӣ

мусоидат менамояд; миллат ва давлатро дар арсаи ҷаҳон дар қолаби манфӣ муаррифӣ месозад.

**Муқарриз: д.и.х, профессори ДМТ - Сафарзода А.И.**

**АДАБИЁТ**


1. Выдержки из «НЉЗД и ИС (США) в действии». Национальный союз защиты детей и института семьи США. - 1997 / Перевод HatePorn
2. Джинджолия Р.С. Уголовная ответственность за незаконное распространение порнографических материалов или предметов / Р.С. Джинджолия. -Сочи, 2001. -С.14.
3. Езебчик Г.А. Некоторые аспекты исследования порнографии как социально-правового явления / Г.А. Езебчик // Сибирский юридический вестник. - 2011. -№4(55). -С.89-93.
4. Келли Г. Основы современной сексологии / Г. Келли. -СПб., 2000. -890 с.
5. Комментарии к Уголовному кодексу РФ / Под. ред. А.П. Новикова. -5-ое изд. -М., 2006. -975 с.
6. Кон И.С. Социологическая психология / И.С. Кон. -М., 1998. -374 с.
7. Крукс Р. Сексуальность. 9-ое международное издание / Р. Крукс, К. Баур // Проект «Психологическая энциклопедия». -СПб., 2005. -С.460-461.
8. Курс уголовного права. Особенная часть / Под. ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. -М., 2002. -Т.4. -660 с.
9. Лазарь А.Е. Культуроведческая экспертиза порнографии / А.Е. Лазарь. -Самара, 2005. -С.2.
10. Мак Гиди П.Д. Чем опасна порнография [Электронный ресурс]. URL: http://www.moral-ityinmedia.com/ (дата обращение: 20.10.2023).
11. Мастерс У. Основы сексологии / У. Мастерс, В. Джонсон, Р. Колодин. -М., 1998. -692 с.
12. Полянская М.П. К вопросу о законодательном закреплении понятия порнографии / М.П. Полянская. - Хабаровск, 2005. -С.71.
13. Уголовное право / Под. ред. Н.И. Ветрова, А.В. Бриллиантова. -3-ое изд. -М., 2005. -С.428.
14. Уголовное право. Особенная часть. Учебник для вузов / Под ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамовой, Г.П. Навоилова. -М., 2001. -С.609.
15. Шарапов Р.Д. Уголовно-правовая характеристика незаконного оборота порнографии / Р.Д. Шарапов // Научный вестник МВД Тюменской обл. – 2002. -С.55.
16. Шерешевский А.М. Агрессия и порнография / А.М. Шерешевский, А.В. Васильева. -СПб., 1998. -24 с.


## ДАРАҶАИ ХАВФНОКИИ ҶИНОЯТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ТАЙЁР ВА ПАҲН КАРДАНИ МАВОД Ё ПРЕДМЕТҲОИ ПОРНОГРАФӢ


Дар мақола масъалаи дараҷаи хавфнокии ҷинояти ғайриқонунӣ тайёр ва паҳн кардани мавод ё предметҳои порнографӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, дар натиҷаи таҳлили андешаҳои олимон ва хулосабарории илмӣ дараҷаи хавфнокии паҳн кардани маводҳои порнографиро асоснок кардааст. Зимни таҳқиқоти худ муаллиф чунин хулосабарорӣ намудааст, ки дараҷаи хавфнокии паҳн кардани маводҳои порнографӣ аз фарҳангу маданияти ин ё он минтақаю кишвари муайян вобастагӣ дорад. Масалан, ҳамҷинсгароӣ барои аврупоиён ба як чизи муқаррарӣ табдил ёфтааст, вале ин маънои онро надорад, ки кирдори мазкур барои кишвари мо низ мувофиқ мебошад. Зеро фарҳанги мо ба ин чиз иҷозат намедиҳад. Айнан, агар барои мардуми аврупоӣ паҳн кардани маводи порнографӣ муфид арзёбӣ гардад, пас ин чиз барои кишвари мо мувофиқ намебошад, чунки чунин кирдорҳо барои мо бегонаанд.



**Калидвожаҳо:** дараҷаи хавфнокӣ, тайёр ва паҳн кардан, мавод ё предмет, порнография, эротика, ҷиноятҳои ҷинсӣ, арзишҳои оилавӣ, фарҳанги миллӣ, ахлоқи ҷомеа.


## ОПАСНАЯ СТЕПЕНЬ НЕЗАКОННОГО ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПРИГОТОВЛЕНИЯ И РАСПРОСТРАНЕНИЯ ПОРНОГРАФИЧЕСКИХ МАТЕРИАЛОВ ИЛИ ПРЕДМЕТОВ


В статье анализируется и обсуждается вопрос об уровне опасности противоправного преступления, связанного с изготовлением и распространением порнографических материалов или предметов. Автор в результате анализа мнений ученых и научных выводов обосновал уровень опасности распространения порнографических материалов. В ходе своего исследования автор пришел к выводу, что уровень опасности распространения порнографических материалов зависит от культуры того или иного населения или определенного региона и страны. Например, гомосексуальность стала нормальным явлением у европейцев, но это не значит, что это подходит и для нашей страны. Потому что наша культура этого не позволяет. На самом деле, если для европейцев считается полезным распространять порнографические материалы, то для нашей страны это неправильно. Потому что наши национальные, семейные и религиозные ценности запрещают подобные действия.



**Ключевые слова:** степень опасности, изготовление и распространение, материал или предмет, порнография, эротика, сексуальные преступления, семейные ценности, национальная культура, общественная мораль.


## DANGEROUS DEGREE OF ILLEGAL CRIME OF PREPARING AND DISTRIBUTING PORNOGRAPHIC MATERIALS OR ITEMS


The article analyzes and discusses the level of danger of an illegal crime associated with the production and distribution of pornographic materials or objects. The author, as a result of analyzing the opinions of scientists and scientific conclusions, substantiated the level of danger of the distribution of pornographic materials. In the course of his

research, the author came to the conclusion that the level of danger of the distribution of pornographic materials depends on the culture of a particular population or a certain region and country. For example, homosexuality has become a normal phenomenon among Europeans, but this does not mean that this act is suitable for our country. Because our culture doesn't allow it. In fact, if it is considered useful for Europeans to distribute pornographic materials, then it is wrong for the country. Because our national, family and religious values prohibit such actions.

**Keywords:** degree of danger, production and distribution, material or object, pornography, erotica, sexual crimes, family values, national culture, public morality.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасани Билолзоди Халилиён*** **–** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **(+992) 988864287.** E-mail: **hasan.bilol@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хасани Билолзоди Халилиён*** **-** Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинов Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D кафедры истории государства и права. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 988864287**. E-mail: **hasan.bilol@mail.ru**

**Information about the author:** ***Hasani Bilolzodi Khaliliyan*** **-** Institute of Philosophy, Political Science and Law. A Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral student Ph.D of the Department of History of State and Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 33. Phone: **(+992) 988864287**. E-mail: **hasan.bilol@mail.ru**

УДК: 321.022

# МЕСТО И РОЛЬ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ ФАКТОРОВ В СИСТЕМЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИДЕОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

*Сафарализода Х.К., Исозода Т.И.*
**Таджикский национальный университет,**
**Бохтарский государственный университет имени Н.Хусрава**

На современном этапе государственности обеспечение идеологической безопасности страны на высоком уровне считается важным фактором стабильности и укрепления национальной безопасности. Так как увеличение сторонников общественного строя и повышение уровня признания политических решений в настоящее время являются приоритетом. К тому же, развитие информационно-коммуникационных технологий становится причиной увеличения пропаганды радикальных идей, оказывающих негативное влияние на общественное мнение. В особенности агитация и пропаганда правого радикализма (например, религиозного радикализма) создает еще больше угроз и опасности в нынешних условиях. С другой стороны, переход из одного общественного строя в другой, т.е. нахождение страны в переходном периоде, кризис в системе образования, отдаленность молодежи от чтения книг под влиянием социальных сетей, и в целом, идеологический кризис, создали благоприятные условия для пропаганды экстремизма и терроризма. В течение последних лет под влиянием идеологических и информационных атак часть молодежи стала сторонником идеологии экстремистских партий и движений. Пути решения этого вопроса и ожесточенное сопротивление экстремизму и радикализму зависят от идеологической безопасности страны, а также от высокого уровня образованности общества. Следует отметить, что снижение уровня образованности общества (образованность имеет разные уровни) для каждого государства имеет негативные последствия. Такую ситуацию можно охарактеризовать следующими тезисами и положениями.

1.Уровень образованности человека влияет на его жизненные потребности. Иначе говоря, с учетом формирования мировоззрения человека изменяются его жизненные потребности. Есть реальность, согласно которой как в жизни отдельного человека, так и в процессе формирования общественных отношений в истории человечества мышление человека преодолевает три периода развития: 1) мифологический; 2) теологический; 3) научный. Например, в детстве каждый человек имеет мифологическое мышление, поэтому он окружающую среду воспринимает как сказку. На следующем этапе под воздействием общественных ритуалов и народных традиций в нем формируется теологическое мышление. Если человек продолжает учебу и познание мира, то у него впоследствии начинает формироваться научное мышление. Формирование научного мышления и расширения его масштаба в познании человека зависит от последующих этапов получения им знаний. История человечества также преодолела три этапа развития мышления. Поэтому мировоззрение членов каждого общества делят на следующие виды: мифологическое, теологическое и научное. Анализ и рассмотрение взаимосвязей мышления с потребностями человека показывает, что люди в зависимости от уровня и качества удовлетворения своих потребностей по-разному относятся к реалиям времени. В этом плане в каждом обществе людей можно разделить на три группы. В первую группу входят люди, которым нравятся ценности и идеалы далекого прошлого. Эти люди не принимают нынешнее время в связи с тем, что в современных условиях их знания устарели (поэтому они не могут приспособиться к новому общественному строю), или их мышление не достигло научного уровня (в их мышлении преобладает теологическое или мифологическое мировоззрение). Именно из-за этого они не могут удовлетворить свои потребности на должном уровне. Вторую группу составляют люди, которым нравится нынешнее время, так как их знание и мировоззрение позволяют им должным образом удовлетворять свои потребности. Есть также люди, для которых ни прошлое и ни настоящее, а будущее время является идеальным. Исходя из этого, они являются сторонниками появления новых модернистских идей и ценностей. В эту

группу всегда входили мыслители и философы. В их учениях всегда предлагались идеальные и утопические общества. В таких учениях отражены их оптимизм, надежды и чаяния, что свидетельствует о неудовлетворенности их потребностей. В целом, анализ этих моментов ясно показывает, что для каждого человека лучшим временем считается то, в котором он удовлетворяет свои потребности. Поэтому снижение уровня образованности молодежи, отставание уровня знаний от своего времени, несоответствие знаний людей требованиям времени, увеличивают опасность роста числа сторонников правого радикализма (исламского радикализма, национального радикализма, сторонников ценностей средневекового общественного строя).

2. Уровень образованности людей оказывает серьезное влияние на степени признания и качество исполнения политических решений. Рассматривая данный вопрос с учетом закономерностей формирования политического процесса, становится очевидно, что политические решения обычно принимаются для ликвидации общественных проблем. На первом и втором этапах политического процесса определяются и рассматриваются существующие проблемы общества. На третьем этапе политического процесса (уполномоченными субъектами) для решения общественных проблем принимаются политические решения. На четвертом этапе обеспечивается осуществление и исполнение принятых политических решений. На пятом этапе политического процесса специальные институты и органы оценивают результаты выполненных решений. Наблюдения показывают, что исполнение политического решения (например, соблюдение законов, так как закон-политическое решение) на высоком уровне обеспечивается тогда, когда граждане страны вникают в их суть и воспринимают их цели. Следует отметить, что восприятия целей и задач принятых решений не совсем достаточно для их полноценной реализации. Также необходимо, чтобы эти решения признавались гражданами. Именно в таких условиях низкий уровень образованности людей и пропаганда экстремистских идей создают препятствия осуществлению политических решений и соблюдению законов. Поэтому идеологические угрозы в основном негативно влияют на политическую стабильность общества. Политическая стабильность считается динамической категорией и оценивается как выразитель выполнения и осуществления политических решений. В каждом обществе в начале снижается уровень политической стабильности, затем возникают политические беспорядки. В научной литературе отмечается, что снижение качества политической стабильности связано с недостаточным развитием политических институтов [10]. С таким способом рассмотрения вопроса можно согласиться только в том случае, если в обществе большинство людей имеют научное мировоззрение. Однако в обществе, где политики принимают политические решения на основе научно-исследовательских выводов, а представители научного мировоззрения составляют меньшинство, повышение уровня знаний и мировоззрения людей считается основным способом решения этой проблемы.

В Республике Таджикистан, с учетом особенности переходного периода, *защита политической стабильности*, напрямую зависящей от обеспечения идеологической безопасности, связана с увеличением количества сторонников ценностей конституционного строя государства. Так как в результате распада Советского Союза Республика Таджикистан перешла в демократический и капиталистический строй из социалистического и коммунистического строя. В соответствии с Конституцией страны, Республика Таджикистан является суверенным, демократическим, правовым, светским и унитарным государством. К сожалению, в переходном периоде на уровне общественного сознания очень трудно сформировать ценности конституционного строя и увеличить количество его сторонников. В большинстве случаев идеологические кризисы появляются в переходном периоде общества. В кризисных условиях экстремистские и террористические партии и движения смогут пропагандировать и продвигать свою радикальную идеологию посредством социальных сетей интернета и информационных технологий. В истории человечества идеологические войны являлись самыми ожесточёнными. Такую реальность можно наблюдать и ныне. В связи с чем, идеологические опасности и угрозы на современном этапе оказывают негативное влияние на

систему государственности, эффективность государственного управления, соблюдение законов и принятых решений, а также на политическую стабильность страны в целом.

Любая информация, направленная на уменьшение сторонников ценностей общественного строя, считается идеологической угрозой. Кроме того, превращение отдельных элементов чуждой культуры в общественный идеал также является идеологической угрозой. Навязывание экстремистских и радикальных идей путем манипуляции сознания тоже выступает в качестве идеологической угрозы. Однако снижение потенциала идеологического аппарата государства, невыполнение ими, в силу различных причин и под влиянием различных факторов, своих идеологических задач, также признается угрозой идеологической.

Здесь необходимо отметить, что угрозы идеологической безопасности отличаются от идеологических угроз, поэтому нельзя их смешивать. Иначе говоря, идеологическая безопасность является состоянием защищенности жизненно важных интересов страны от идеологических угроз. Но угрозы самой идеологической безопасности исходят из других сфер. Поэтому насколько идеологическая безопасность находится на высоком уровне (т.е. насколько институты идеологического аппарата качественно выполняют свои задачи), настолько и уменьшается влияние идеологических угроз. Исходя из вышесказанного, можно сделать вывод, что идеологическая безопасность стран мира находится на различных уровнях и идеологические угрозы по-разному влияют на их национальную безопасность.

В обществах, находящихся в переходном периоде, идеализация ценностей общественного строя составляет одно из приоритетных направлений стратегических целей государства и правительства. Как было сказано выше, после приобретения государственной независимости Республика Таджикистан перешла из социалистического и коммунистического строя в капиталистический и демократический. К тому же, согласно 1 статьи Конституции страны, Республика Таджикистан является суверенным, демократическим, правовым, светским и унитарным государством [4]. В условиях независимого государства нация имеет свою государственность, а государство политическую независимость. Обеспечение будущего развития страны и защита национальных интересов – основная миссия государства и общества. Иначе говоря, в условиях независимости нация берет в свои руки будущее своего государства и принимает на свои плечи большую ответственность. А демократическое, правовое и светское государство, как бесценное достижение человечества, служит для защиты прав и свобод человека, и считается важнейшим элементом цивилизованного общества. Насколько государство развивается в демократическом, правовом и светском поле, настолько же увеличивается количество сторонников ценностей конституционного строя внутри страны, настолько больше соблюдаются права и свобода человека, повышая имидж страны на международной арене. Унитарное государство является не только выразителем неделимости страны и национального единства, но и объединяющим регионы Таджикистана, формирующим национальное самопознание, отражателем государственности.

Однако в обществе, находящемся в переходном периоде, не все граждане понимают суть этих ценностей. К тому же, некоторые религиозные радикальные партии и движения представляют светское государство и другие ценности конституционного строя как элементы, враждующие с религией. Они тем самым порождают недовольство граждан относительно политики государства и правительства. Президент страны, уважаемый Эмомали Рахмон в своей книге «Горизонты независимости» отмечает, что «преимущество светской системы государственности заключается в том, что светскость не противостоит какой-либо идеологии и не создает идеологические противоречия… Некоторые политические силы стремятся представить светский строй государственности как государство, враждующее с религией, таким способом направляют мусульман Таджикистана против государства, что это является их политической позицией» [12,с.16-17]. Поэтому непонимание сути ценностей конституционного строя государства, с одной стороны, увеличивает нанесение идеологического вреда стране, с другой стороны, является угрозой идеологической безопасности государства. Для Республики Таджикистан и других стран Центральной Азии, которые считаются постсоветскими государствами, такие проблемы как увеличение сторонников конституционного строя государства и выбранного общественного строя, налаживание деятельности в этом направлении

с учетом новой реальности, формирования идеологического аппарата государства, повышение привлекательности ценностей, установленных конституцией, их всестороннее разъяснение и обоснование перспективы развития страны на основе данных ценностей являются вопросами, от решения которых зависит обеспечение идеологической безопасности страны [7; 8].

Сфера образования и образовательные учреждения различных ступеней играют большую роль в обеспечении идеологической безопасности страны. Если образовательные учреждения должным образом выполняют свои идеологические задачи, то тем самым вносят огромный вклад в обеспечение идеологической безопасности страны. Невыполнение же поставленных идеологических задач, влечет за собой невозможность участия в нейтрализации угроз идеологической безопасности страны. Например, экстремистская и террористическая организация представляет светское государство как ценность общественного строя, враждебного к религии и таким образом хотят направить молодежь против конституционного строя государства. Но учителя могут обосновать научно-теоретическими фактами ошибочность таких взглядов и показать секуляризм как основной принцип формирования цивилизованного общества.

Наблюдения показывают, что, наравне с другими субъектами и институтами, учителя и образовательные учреждения играют решающую роль в пропаганде и разъяснении ценностей конституционного строя, и считаются важнейшими субъектами обеспечения идеологической безопасности. Поэтому нынешние учителя должны быть лучшими знатоками, толкователями и последователями ценностей общественного строя, чтобы в этом духе воспитать подрастающее поколение и молодежь. Это также является одним из путей профилактики экстремизма и терроризма.

Президент Республики Таджикистан, Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон 1 сентября 2023 года во время своего выступления в «День знаний» обратился к учителям страны со следующими словами: «Я обращаюсь к каждому из вас, на кого возложена священная и великая миссия воспитания будущих поколений, и неоднократно подчеркиваю, что независимо от ступени образования, на которой вы ведете активную деятельность, в первую очередь уделяйте постоянное и серьёзное внимание вопросу повышения вашего профессионального уровня. Будьте требовательны к себе и своим ученикам, помните, что если вы не будете обучать и воспитывать своих учеников в соответствии с современными требованиями прогресса, не повысите качество образования и воспитания, если проявите халатность в этой чрезвычайно важной работе, вы создадите проблемы для будущего нации, общества и государства» [9]. Действительно, учителя и педагоги играют решающую роль в обучении и воспитании подрастающего поколения. Подготовка профессиональных кадров, отвечающих требованиям современного мира, зависит от повседневного труда. Повышение уровня и качества обучения тесно связано с профессионализмом, способностями и мировоззрением учителей. В связи с этим, снижение уровня профессионализма учителей снижает качество образования, а снижение уровня и качества обучения, как негативная тенденция, угрожает национальной безопасности страны.

В процессе обучения и подготовки профессиональных кадров, учитель, как основной субъект, всегда должен занимать активную позицию. Разработка учебных программ, составление учебников, сбор и систематизация научных знаний и передача их обучающимся, проведение лекционных занятий на высоком уровне, организация эффективных практических занятий, повышение уровня и качества обучения, зависит от способностей, профессиональных навыков и научного мировоззрения самих учителей.

В процессе обучения и в ходе подготовки специалистов решающую роль играют следующие основные элементы: 1) преподаватель; 2) студенты; 3) знания, передающиеся преподавателем студенту [5]. Смысл и содержание знаний и способы их передачи зависят от мировоззрения преподавателей и их профессиональных навыков. Таджикский политолог С.С. Ятимов, размышляя о решающей роли науки и знания в судьбе наций, полагает, что, «деятельность школы, образования – стремление к формированию мировоззрения народа, особенно молодежи, нужно направить на понимание того, что именно сам человек, его знания, мудрость, разум и проницательность - факторы его счастья. Передовые народы мира, которым

подчиняются мусульмане, не сочиняют сказки и фантастические представления. Они поклоняются знаниям и мудрости. Надеются на светские знания. Человек, который верит в науку и человеческую мудрость и опирается на них, является полезным для общества, как минимум, безвредным» [13,с.14]. Продолжая свои мысли относительно стратегического и политического значения науки и знаний, на исторических фактах очень хорошо показывает угрозу безграмотности. По мнению С.С. Ятимова, «таджики в своей истории более 13 раз имели свою государственность (Моды, Хахаманиды, Порты, Кушаниды, Сасаниды, Хайтолиды, Тохириды, Сафариды, Саманиды, Гуриды, Курты, Герата, Сарбариды, Музафариды), которая в целом охватывает 2236 лет. Крах этих великих и малых государств происходил по вине народа и знати нашей нации. Истинную причину их распада составляет безграмотность» [13,с.19]. Действительно безграмотность является источником всех личных и общественных трудностей. К счастью, преподаватели, интеллигенция и просвещённые люди способны спасти общество от невежества посредством науки и мудрости, укрепить позицию людей в обществе и позицию их государства среди других государств.

Преподаватели могут передать полезные для общества и государства знания, если имеют высокий интеллектуальный потенциал, осведомлены о тонкостях интеллектуальных искусств. В данной статье «умение читать», «умение писать», «умение говорить» и «умение слушать» представлены как интеллектуальные искусства, и знание их считается обязательным для современного интеллектуала. Но реальность такова, что в условиях обострения идеологических войн и увеличения идеологических угроз интеллектуальные искусства, прежде всего, необходимы для преподавателей. Прежде чем преподаватель посредством своих статей и книг логически и систематически смог предложить свои взгляды читателю, посредством выступлений, научных и аналитических докладов смог оказывать глубокое влияние на сознание слушателя, в начале ему нужно научиться читать и слушать. Так как воспитатель должен быть сам воспитанным. Преподаватель должен обладать также большими знаниями. Поэтому четыре интеллектуальные искусства, названные выше, очень важны для нынешних преподавателей. «Читать», «писать», «говорить» и «слушать» - это искусства, которые требуют мыслительных и ментальных способностей. Люди, знакомые с тонкостями таких искусств, умеют влиять на взгляды других людей. В условиях стремительного развития информационно-коммуникационных технологий, увеличения количества пользователей интернета, осуществления информационных войн и психологических атак необходимо больше внимания уделить развитию интеллектуальных искусств преподавателей. Так как передача знаний и научно-технических достижений от поколения к поколению является основной миссией преподавателей. Преподаватели такую миссию могут выполнить в том случае, если сумеют привлечь внимание молодежи к изучению научных знаний, оказать воздействие на их взгляды, чтобы изменить поведение молодежи и направить их деятельность в правильное русло.

Реалии нашего времени таковы, что в современных условиях преподаватели имеют соперников. В настоящее время блогеры и лица, ежедневно занимающиеся распространением информации в социальных сетях с целью увеличения количества зрителей своей страницы, являются соперниками преподавателя в вопросе привлечения внимания подростков и молодежи. Относительно этого вопроса экстремисты, радикалы, пропагандисты террористических организаций также считаются соперниками преподавателя. Так как они для привлечения внимания других ежедневно заняты пропагандой экстремистских и террористических идей. Кроме того, сегодня на пространствах интернета и спутниковых телеканалов существуют десятки и даже сотни других источников распространения информации, воздействующие на взгляды различных слоев общества, особенно на мышление молодежи. В таких условиях нынешний преподаватель должен уметь соперничать с такими распространителями информации. Анализ и наблюдение показывают, что в этом процессе можно добиться цели посредством интеллектуальных умений.

Тот, кто не умеет читать, не может иметь остальные три умения. Так как тот, кто не может читать, не может и писать. Тот, кто не может читать и писать, он не может и говорить. А тот, кто не имеет три первых умения, не может и слушать.

По существу, каждый, кто не знаком с буквами алфавита, не может читать тексты. Но в данной статье «умение читать» имеет другое значение. Т.е. имеется в виду умение читать произведения ученых мирового уровня, великие произведения. В первую очередь, очень важно умение читать великие произведения, умение найти в них имеющиеся научные концепции. Как можно определить, что человек может читать великие произведения? Если во время чтения книги читателя клонит ко сну, то это значит, что он не умеет читать книг. Или прочитанную им книгу другой человек рассказывает таким образом, что он все еще не понимает содержание книги, то и в этом случае можно сказать, что он не может читать книгу. Но умение читать книги необходимо, прежде всего, для людей, которые должны иметь концептуальные и фундаментальные знания, особенно это актуально для преподавателей вузов. А в нынешних условиях преподаватели вузов являются важнейшими субъектами системы обеспечения идеологической безопасности страны, так как именно они могут с помощью научных знаний нейтрализовать в сознании молодежи негативное воздействие информационных и идеологических войн. Реальность такова, что новые знания можно получить всегда от лиц, знающих больше нас. Если знания преподавателя или автора книги находятся на уровне знаний читателя, то от него ничему не научишься, так как читатель уже имеет знания такого уровня. Известный таджикский поэт Хайриддин Хайрандеш недавно на своей странице в Фейсбуке поместил две строки своего стихотворения: «Если в стихах понимаешь меньше своего ученика, горе тому ученику, у которого такой наставник».

В свое время английский ученый Исаак Ньютон утверждал, что «Если я видел дальше других, то потому, что стоял на плечах гигантов» [3]. Другой английский ученый Френсис Бэкон в начале XVII века разделил все книги в зависимости от их качества на три группы. По его мнению, «некоторые книги нужно только пробовать, другую часть книг нужно проглотить и только малую часть их необходимо читать и переваривать» [2,с.408]. К сожалению, чтение книг великих людей – нелегкое дело. Трудность заключается в том, что уровень наших знаний не соответствует уровню их знаний (т.е. они имеют широкие знания).В этой связи умение читать великие произведения, как и другие умения, имеют свои правила, использование которых необходимо при чтении. Правила чтения великих произведений детально предложены в книгах русского ученого С.И. Поварнина [6] и американского психолога М. Адлера [1]. В связи с чем нет необходимости останавливаться на них подробнее.

Наряду с чтением, также существуют такие умения, как писать и говорить, посредством которых передается определенный объем знаний. Писать – письменная речь, а говорить – устная речь. В предыдущие десятилетия, особенно в советский период, лекционные занятия преподавателей в студенческой аудитории в основном проводились в форме конспектирования материала. Но по истечению определенного периода времени и изменения общественных отношений проведение лекционных занятий в форме конспектирования не может больше привлечь внимания студентов к усвоению знаний и наук. Так как на пространствах интернета, к которому все студенты имеют доступ, ежедневно десятки и сотни проповедников заняты распространением интересной информации и пропагандой различных ценностей. Существуют еще и другие источники информации, проповедники которых тянут в свою сторону народ, особенно молодежь. В таких условиях преподаватель, кроме широкого научного мировоззрения, также должен быть знаком с тонкостями риторики, чтобы изложить свои знания таким образом, чтобы они были убедительными, иначе слушатель не поверит в искренность слов говорящего. Другими словами, если слово не окажет эмоционального воздействия на слушателя, то не изменится его поведение. В условиях, когда радикалы пропагандируют экстремистские идеи, преподаватели должны владеть ораторским искусством, чтобы увеличить количество сторонников ценностей конституционного строя государства. Но они могут делать это в то время, когда сами будут осведомлены о демократических, светских, капиталистических, правовых, философских концепциях. Кроме того, с общественно-идеологических трибун с помощью ораторского искусства необходимо преподносить эти идеи людям. В связи с этим, только преподаватели, которые обладают интеллектуальными искусствами, особенно ораторским искусством, могут выступать субъектами системы обеспечения идеологической безопасности страны.

На нынешнем этапе формирования национальной государственности всесторонняя пропаганда светского строя государственности считается одним из воздействующих путей борьбы с терроризмом и экстремизмом. В этом направлении свой достойный вклад могут вносить философы, политологи, социологи и историки. Также в средствах массовой информации необходимо подвергнуть всестороннему анализу преимущества светского государства и негативные последствия политизации религии.

Кроме того, обеспечение интеллектуальной безопасности и осуществление научного развития страны создают благоприятные условия для профилактики идеологических угроз. Во все времена интеллигенция и ученые создают прогрессивные идеи. Именно они научно обоснованными методами способны убедить народ в правильности выбранных государством путей развития. Они также способны освободить народ от невежества, направить его усилия на светлое будущее [11]. Поэтому образовательные учреждения и преподаватели, имеющие высокий уровень интеллектуальных умений, считаются важнейшими элементами системы идеологической безопасности государства и общества.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Адлер М. Как читать книги. Руководство по чтению великих произведений / М. Адлер. -М.: МИФ, 2022. -340 с.
2. Бэкон Ф. Сочинения в двух томах. Т.2 / Ф. Бэкон. -М.: Мысль, 1972. -С.408.
3. Исаак Ньютон – цитаты. [Электронный ресурс]. URL: https://citaty.info/man/isaak-nyuton (дата обращения: 12.09.2023 г.)
4. Конститутсияи Љумњурии Тољикистон. -Душанбе, 2016. Моддаи 1.
5. Ортега-и-Гассет, Х. Миссия университета / Ортега-и-Гассет, Х.; пер. с исп. -Мн.: БГУ, 2005. -104 с.
6. Поварнин С.И. Как читать книги для самообразования / Поварнин С.И. -М.: Наше завтра, 2022. -64 с.
7. Сафарализода Х.К. Особенности обеспечения идеологической безопасности в прецессе формирования общественной формации / Сафарализода Х.К. // Таджикистан и современный мир. - 2023. -№1(81). -С.48-60.
8. Сафарализода Х.К. Идеологическая безопасность - важный фактор обеспечения политической стабильности / Сафарализода Х.К. // Современный политический процесс. - 2023. -№1(1). -С.19-31.
9. Суханронии Президенти Љумњурии Тољикистон, Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон дар Рўзи дониш, 01.09.2023. [Манбаи электронї]. URL: http://president.tj/node/31416 (санаи муроҷиат: 15.09.2023).
10. Хантингтон С. Политический порядок в меняющихся обществах / С. Хантингтон; пер. с англ. -М.: Прогресс-Традиция, 2004. -480 с.
11. Хушвахтзода К.Х. Обеспечения идеологической безопасности - важная предпосылка борьбы с терроризмом и экстремизмом / Хушвахтзода К.Х., Сафарализода Х.К. // Социальные сети интернета как реальная угроза национальной безопасности: Материалы республиканской научно-теоретической конференции (г.Душанбе, 29 ноября 2022 г.). -Душанбе, 2022. -С.22-28.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол / Эмомалӣ Раҳмон. -Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. -436 с.
13. Ятимов С.С. Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) / С.С. Ятимов // Илм ва амният. - 2023. -№1(3). -С.7-20.


## НАҚШ ВА МАВҚЕИ ОМИЛҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР НИЗОМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИДЕОЛОГӢ


Ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, сохти конститутсионии кишвар, тамомияти ҳудудӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ аз таҳдиду хатарҳои идеологӣ яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад. Коҳиш додан ва ё аз байн бурдани таъсири манфии таҳдиду хатарҳои идеологӣ замоне имконпазир мегардад, ки агар иқтидори дастгоҳи идеологии давлат ва амнияти идеологии кишвар дар сатҳи зарурӣ қарор дошта бошанд. Аммо таҳдидҳо ба амнияти идеологӣ аз соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ бармеоянд. Бинобар ин, амнияти идеологӣ дар маҷмуъ ва унсурҳои таркибии таъмини он дар алоҳидагӣ бояд ба таври доимӣ таҳлилу таҳқиқ гарданд. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар байни унсурҳои таркибии низоми таъмини амнияти идеологӣ омилҳои зеҳнӣ, бахусус ҳунарҳои зеҳнӣ, мавқеи махсусро ишғол намудаанд. Зеро бештар намудани ҷонибдорони арзишҳои идеологии сохти ҷамъиятӣ аз фаъолияти самараноки таҳлилию маърифатии зиёиён вобастагии зиёд дорад. Бояд гуфт, ки идеологияи ҳар як давлат дар конститутсияи он инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, дар мувофиқа бо сохти конститутсионии давлат ҷалб намудани ҷавонон ҳамчун мутахассисони оянда ба таълиму тарбия имкон медиҳад, ки таъсири идеологияи бегона, бахусус идеологияи радикалистӣ ба афкори ҷамъиятӣ коҳиш дода шавад. Мутаассифона, дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешбурди фаъолияти идеологӣ мушкил мешавад. Бинобар ин, муассисаҳои таълимӣ ва зиёиёни мамлакатро зарур аст, ки ба роҳу усулҳои пешбурди фаъолияти маърифатии худ диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Онҳо бояд дар ташаккул додан ва васеъ гардонидани ҷаҳонбинии одамон накши худро гузоранд ва бо ин роҳ нагузоранд, ки ба зеҳну шуури шаҳрвандони кишвар идеологияи бегона таъсир расонад.



**Калидвожаҳо:** амнияти идеологӣ, таҳдидҳои идеологӣ, ҳунарҳои зеҳнӣ, идеологияи радикалистӣ, сохти конститутсионии давлат, таъмини амнияти идеологӣ, арзишҳои идеологӣ.

**МЕСТО И РОЛЬ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ ФАКТОРОВ В СИСТЕМЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИДЕОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ**

Защита государственного суверенитета, конституционного строя, территориальной целостности страны, политической стабильности и национального согласия в обществе от идеологических угроз является одним из приоритетных направлений обеспечения национальной безопасности. Нейтрализация или минимизация идеологических угроз становятся возможными только тогда, когда дееспособность идеологического аппарата государства и его идеологическая безопасность находятся на должном уровне. Однако угрозы самой идеологической безопасности исходят из других сфер общественной жизни. В связи с чем идеологическая безопасность в целом и составные элементы системы ее обеспечения в частности должны непрестанно анализироваться и исследоваться. Наблюдения и анализ показывают, что среди элементов системы обеспечения идеологической безопасности интеллектуальные факторы, особенно интеллектуальные искусства, занимают особое место. Так как увеличение сторонников идеологических ценностей общественного строя зависит от эффективной познавательно-аналитической деятельности интеллигенции. Следует отметить, что идеология каждого государства отражена в его конституции. Исходя из этого, привлечение молодежи, как будущих специалистов, к обучению и воспитанию в соответствии с конституционным строем государства создает возможность уменьшения негативного влияния чуждой им идеологии, особенно радикальной. В условиях неуклонного развития информационных технологий проведение идеологических работ становится трудным. В связи с этим, учебным учреждениям и интеллигенции страны необходимо уделять серьезное внимание способам ведения своей познавательной деятельности. Они должны вносить свой вклад в формирование и расширение мировоззрения общества, чтобы не допустить воздействие чуждой идеологии на сознание граждан.

**Ключевые слова:** идеологическая безопасность, идеологические угрозы, интеллектуальные умения, радикальная идеология, конституционный строй государства, обеспечение идеологической безопасности, идеологические ценности.

**THE PLACE AND ROLE OF INTELLECTUAL FACTORS IN THE SYSTEM OF ENSURING IDEOLOGICAL SECURITY**

Protection of state sovereignty, constitutional order, territorial integrity of the country, political stability and national harmony in society from ideological threats is one of the priorities for ensuring national security. Neutralization or minimization of ideological threats becomes possible only when the capacity of the ideological apparatus of the state and its ideological security are at the proper level. However, threats to ideological security itself come from other spheres of public life. In this connection, ideological security in general, and the constituent elements of the system for ensuring it in particular, must be constantly analyzed and studied. Observations and analyzes show that among the elements of the system of ensuring ideological security, intellectual factors, especially the intellectual arts, occupy a special place. Since the increase in supporters of the ideological values of the social system depends on the effective cognitive and analytical activity of the intelligentsia. It should be noted that the ideology of each state is reflected in its constitution. Based on this, the involvement of young people, as future specialists, in training and education in accordance with the constitutional system of the state, creates the opportunity to reduce the negative impact of an ideology alien to them, especially radical ones. In the context of the steady development of information technology, carrying out ideological work becomes difficult. In this regard, educational institutions and the country's intelligentsia need to pay serious attention to the ways of conducting their cognitive activities. They must contribute to the formation and expansion of society's worldview in order to prevent the influence of alien ideology on the consciousness of citizens.

**Keywords:** ideological security, ideological threats, intellectual skills, radical ideology, constitutional system of the state, ensuring ideological security, ideological values.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, декани факултети фалсафа. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 988-12-73-83.** E-mail: **quddusov@mail.ru**
***Исозода Тоҷиддин Исо*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент. **Суроға:** 735140, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон**: +992 918181848.** E-mail: **tojiddini-i.1984@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Сафарализода Худжамурод Куддуси*** – Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент, декан философского факультета. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: (**+992) 988-12-73-83.** E-mail: **quddusov@mail.ru**
***Исозода Тоджиддин Исо*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат политических наук, доцент кафедры политологии. **Адрес:** 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айнї, 67. Телефон**: +992 918181848.** E-mail: **tojiddini-i.1984@mail.ru**

**Information about authors:** ***Safaralizoda Khujamurod Quddusi*** – Tajik National University Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of Philosophy. **Address:**734025, Dushnabe, Republic of Tajikistan, Rudaki ave. 17. Phone: **+992 98 812 7383.** E-mail: **quddusov@mail.ru**
***Isozoda Tojiddin Iso*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the Department of Political Science. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. Phone: **+992 918181848.** E-mail: **tojiddini-i.1984@mail.ru**

ТДУ: 32.321.

# МАНИПУЛЯТСИЯ ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ: ХАТАР ВА ТАҲДИДҲОИ ОН БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

*Нуров А.С.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҷомеаи нав ва муосирро ба як унвоне ҷомеаи иттилоотӣ ном мебаранд ва суботи миллӣ ва осиштагиву амнияти сиёсиро аз дурустӣ ва ғайриназарфиребонаи иттилоот дар фазои иттилоотӣ вобаста мешуморанд, ки ин, бе шак, асоси воқеӣ дорад. Баҳси манипулятсия дар фазои иттилоотӣ ба яке аз баҳсҳои рӯзмарраи доираҳои илмӣ ва таҳлилҳои баҳшҳои стретегиву амниятӣ мубаддал гаштааст.

Демократияи рақобатӣ, масъалаи озодӣ дар соҳиб гаштан ба ҳокимияти сиёсӣ, назоратнамоии геополитикии фазои иттилоотӣ омӯзиши ҳаматарафаи манипулятсияи сиёсиро аҳаммиятнок мегардонад.

Аксаран категорияи манипулятсияро мансуб ба забони фаронсавӣ медонанд ва муодили мафҳуми «manipulation». Аммо, худи категорияи «манипулятсия» аз ду решаи калимаҳои лотинии «manus» (даст) ва «pleo» (пур мекунам) бармеояд [14; 15]. Манипулятсия дар амалияи сиёсӣ дар давраҳои гуногуни гузаштаи вақт истифода мегардид. Аммо, тайи ду садсолаи охир вобаста ба оммавӣ шудани сиёсат ва раванди сиёсӣ, имконияти дастёбӣ ба ҳокимият ва таъсиррасонӣ ба шуури оммавӣ истифодаи он гӯё дар ба амал баровардани сиёсат ва муваффақ шудан дар фаъолияти сиёсӣ ҳатмӣ гаштааст. Истифодаи роҳу усулҳои гуногуни он бо мурури замон пайдо гашта истодаанд. Консепсияи технологияи манипулятсиониро аллакай неруҳои сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳо, иттиҳодияҳо, намояндагони ВАО, давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, неруҳои пешбари сиёсати олам, ки ҳадафҳои геополитикии муосири худро амалӣ карданӣ мешаванд, ба таври васеъ истифода мекунанд. Таърифи сабаби истифодабарии манипулятсия ва технологияи манипулятсиониро ба муваффақшавӣ дар сиёсат ва раванди сиёсӣ пайваст мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, баҳси манипулятсия дар шароити рушдёбандагии воситаҳои нави иттилоотӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ бештар мегардад. Дар шароити муосири инкишофи воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва аҳаммияти аввалиндараҷаро дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ пайдо намудани иттилоот, мафҳуми «фазои иттилоотӣ» ба баҳс ва таҳлилҳои илмӣ кашида шудааст. Як зумра муаллифон чунин мешуморанд, ки фазои иттилоотӣ дар асоси принсипҳои умумӣ фаъолият намуда, вазифаи асосии он таъмини равандҳои иртиботӣ байни иштирокчиёни гуногуни алоқаҳои иттилоотӣ мебошад. Фазои иттилоотӣ маҷмуи дастгоҳҳои техникӣ, шабакаҳо ва системаҳои ҷамъоварӣ ва нигоҳдории маълумот, инчунин технологияҳо ва воситаҳои нармафзориро дар бар мегиранд [9,с.97].

Муҳаққиқони дигар ба таркиби фазои иттилоотӣ объектҳои иттилоотро, ки дар худ шаклдиҳӣ ва ташкилу сохтани иттилооти заруриро ифода мекунанд, дохил мекунанд [5; 8,с.216; 86-87].

Фазои иттилоотиро аксаран фазои кибрнетикӣ низ ишора мекунанд. Аксаран таҳдидҳои хосияти манипулятсионидошта, ки бо иттилооти фиребанда ва ҳаюлоофар омехта шудааст, дар ҳамин фазо пайдо гашта, паҳн карда мешавад. Фазои иттилоотӣ дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ пойгоҳи калонтарини ба вуҷуд омадани таҳдиду хатарҳои сиёсӣ-иттилоотӣ ба амнияти миллӣ мебошад. Хавфи асосӣ ба иттилоотҳое, ки бештар мазмуни манипулятсионӣ доранд ва ноаён таъсири харобиовар ба амнияти миллии давлатҳо мезананд.

Таҳдидҳои сиёсӣ-итилоотӣ асосан дар фазои иттилоотӣ ба амал меоянд ва дар шароити муосир хатарноктарин таҳдидҳо ва хатарҳо ба низоми амнияти миллӣ ва истиқлолияти давлатҳо эътироф карда шудаанд. Дар доираҳои илмӣ дар баробари категорияи “фазои иттилоотӣ” инчунини “фазои кибернетикӣ” истифода мегардад, ки онҳо аз ҳамдигар дар тафовут қарор доранд. Фаҳмиши “фазои иттилоотӣ” аз “киберфазо” васеъ буда, он ифодаи фазои иттилоотиро ҳам дар фазои воқеӣ ва ҳам дар фазои маҷозӣ-интернетӣ ва киберӣ дар бар мегирад [2,с.203].

Фазои иттилоотӣ ифодаи фазоест, ки дар он махсусиятҳои рақамӣ, шабакавӣ, компютерӣ бартарият доранд. Фазои иттилоотӣ фазои киберӣ ё киберфазоро низ фаро мегирад. Киберфазо консепсияест, ки технологияи густурдаи ба ҳам алоқаманди рақамиро тавсиф мекунад. Истифодаи он ба таври васеъ аз даҳсолаи аввали паҳншавии интернет сарчашма гирифтааст. Он ба ҷаҳони онлайн ҳамчун “ҷаҳони дигар” ишора мекунад, ки аз воқеияти ҳаррӯза фарқ дорад. Дар фазои иттилоотӣ одамон, шахсиятҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ, сиёсатмадорон, неруҳо ва ташкилотҳои сиёсии чи радикалӣ ва чи оппозитсияи солиму расмӣ, метавонанд дар паси шахсиятҳои “қалбакӣ” пинҳон шаванд.

Манипулятсияи сиёсӣ дар шароити муосир дар фазои кибернетикӣ низ ба вуҷуд меояд. Фазои кибернетикӣ ифодаи фазои интернетӣ-маҷозист. Ва онро метавон васеътар аз ин ҳам фаҳмид.

Таҳдидҳо ва хатарҳои сиёсиву иттилоотӣ дар фазои иттилоотиву кибернетикӣ воқеияти ҷомеаи иттилоотии муосирро ташкил медиҳад. Яке аз тамоюлҳои хосе, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣба вуҷуд омадааст, афзоиши доираи чолишҳои ғайриҳарбӣ ва таҳдидҳо ба амнияти байналмилалӣ, минтақавӣ, миллӣ ва истиқлолияти давлатҳо мебошад, ки баъзеи онҳо сифати куллан нав доранд. Дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ бо ба вуҷуд омадани хатарҳо, таҳдидҳо, чолишҳои марбут ба истифодаи қувваҳои ҳарбӣ ва ғайриҳарбӣ, технологияҳои идоракунии ҷаҳонбинӣ ва идеосфераи аҳолӣ ба манфиати таъсиси назорат ва интиқоли пурраи идоракунии беруна аҳаммияти муҳим пайдо кардааст.

Унсури асосии фазои иттилоотиро худи иттилоот ташкил медиҳад. Саҳеҳияти иттилоот ва хабар дар фазои иттилоотӣ баҳси доманадорест дар доираи илмӣ ва тадқиқотӣ. Диққати асосиро хатарҳо ва таҳдидҳои сиёсӣ-иттилоотӣ, ки мазмун ва муҳтавои манипулятсионӣ доранд, ҳамчун амали ҳадафмандонаи субъектони фаъол ва аввалиндараҷаи сиёсат ба хотири расидан ба мақсадҳои ниҳоиашон ҷалб мекунанд.

Бузургтарин хатар барои шаҳрвандон ва ҳукумати демократӣ истифодаи фазои иттилоотӣ барои найрангҳои сиёсӣ - назорати пинҳонии шуури сиёсӣ ва рафтори одамон бо мақсади маҷбур кардани онҳо ба амалҳои фаъолонаи (ё ғайрифаъолонаи) хилофи манфиатҳои худ мебошад. Манипулятсия одатан ба дурӯғ ва фиреб асос ёфтааст. Гузашта аз ин, ин «дурӯғи сафед» нест, балки амали худхоҳона аст. Бе мубориза дурусти зиддиманипулятсионӣ он метавонад вазифаи асосии воситаҳои иттилоотӣ шуда, принсипҳои демократии расман эълонкардаи давлатро аз байн барад. Манипулятсия дар сиёсате, ки дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ амалӣ карда мешавад, талаботи бештарро пайдо мекунад. Он ҳамчун усули назорати иҷтимоӣ барои субъектҳои худ дар муқоиса бо усулҳои зӯроварӣ ва иқтисодии ҳукмронӣ як қатор афзалиятҳо дорад, аз тарафи манипулятсияшавандагон эҳсос намегардад.

Равшан аст, ки фазои иттилоотӣ дар шароити имрӯза платформаи васеътари найрангҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад, зеро он дорои имкониятҳои захиравии бой ва амалан номаҳдуди таъсир ба шуури омма мебошад. Дар ҷаҳони муосир назария ва амалияи манипулятсияи сиёсӣ рушди хеле амиқи илмӣ ва татбиқи амалии худро пайдо намудааст. Технологияи умумии манипулятсияи глобалӣ ва умумимиллӣ одатан ба кӯшиши таъсир расонидан ба шахс тавассути каналҳое асос ёфтааст, ки ба таври огоҳона камтар назорат карда мешаванд ва ба ин васила дар шуури омма афсонаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ - ғояҳои иллюзиониро, ки арзишҳо ва меъёрҳои муайянро тасдиқ мекунанд ва асосан аз рӯйи эътиқод, бидуни инъикоси оқилона ва интиқодӣ дарк карда мешаванд, ба вуҷуд меоваранд. Асоси манипулятсияҳои сиёсӣ воқеияти бадеии эҷодкардаи воситаҳои коммуникатсионӣ дар фазои иттилоотӣ мебошад, ки метавонад таносуби модели ҳақиқии ҷаҳонро ба куллӣ тағйир диҳад. Як шарти муҳимми манипулятсия низ он аст, ки васоити ахбори омма (ВАО) дорои монополияи иттилоотӣ мебошад ва афзалиятҳои рӯйдодҳоро муайян мекунанд. Дар ҷаҳон миллионҳо рӯйдод вуҷуд дорад, аммо танҳо он қисмате, ки расонаҳо ба таваҷҷуҳи мусоҳиб меоранд, баррасӣ мешавад.

Дар баробари омили интихоби иттилоот, як манбаи муҳимми қудрати манипулятсияи ВАО – калом (ибора) низ мавҷуд аст. Қобилияти ифодаи фикр бо ёрии ибораҳои гуногун ба як шахс имкон медиҳад, ки ба дарки воқеияти атроф ба шахси дигар таъсир расонад. Агар, масалан, дар мисоли ИМА, матбуоти танқидкунандаи ҳукумат дар

бораи «бомбаборонкунии маҳалҳои аҳолинишин» дар Афғонистон, Ироқ ва Сурия нависад, пас рӯзномаҳои ҳукуматӣ ҳамон эпизодҳоро ҳамчун «дастгирии неруҳои демократихоҳ ва озодбахш аз ҳаво» гузориш медиҳанд. Бархе аз шореҳон ба вазъи иқтисодии кишвар баҳо дода, аз "бекорӣ" ҳарф мезананд, бархе аз "камкорӣ" ва ғайра [11,с.241].

Дар фазои иттилоотӣ таъсири мутақобилаи унсурҳои сохтори сиёсӣ тавассути мубодилаи иттилоот сурат мегирад.

Самаранокии чунин иртиботот ва ҳамкорӣ бо хусусиятҳои фаъолнокӣ ва ғайрифаъолнокии фазои иттилоотӣ муайян карда мешавад. Масалан, дараҷаи баланди инкишофи фазои иттилоотӣ ва мазмуни он; дараҷаи баланди сохтори фазои иттилоотӣ; мунтазам такмил додани сатҳи ҳимояшавандагии амнияти иттилоотӣ; хосияти умумӣ доштани фазои иттилоотӣ; мавҷудияти аз ҳад зиёди нобаробариҳои иттилоотӣ; дараҷаи баланди истеҳсоли иттилоот ва ғ. Чунин хосиятҳоро метавонем вобаста ба мавҷудияти таҳдиду хатарҳои сиёсӣ-иттилоотӣ дар фазои иттилоотӣ ба таври алоҳида тавсиф намоем.

Дараҷаи баланди инкишофи фазои иттилоотӣ ва мазмуни он бо такмили мунтазами системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ва дар маҷмуъ инфрасохтори он, баланд бардоштани самаранокии усулҳои паҳнкунии иттилоот, ба назар гирифтани тамоюлҳои нави ниёзҳои иттилоотии ҷомеаи ташаккулёбанда, инчунин бо ҳолати зудтағйирёбандаи психологии аъзоёни ҷомеа, ки вобаста ба афзоиши шумораи бештари иттилоот зуд-зуд дар ҳоли дигаргуншавӣ метавонад бошад, афзоиши миқдори иттилооти гуногун дар ҷомеаи муосир, ки онро «таркишҳои иттилоотӣ» меноманд, асос ёфтааст [5,с.214].

Дар маҷмуъ, фазои иттилоотии муосир на танҳо имкон медиҳад, ки ҳамкории омехта ва гуногуни миллионҳо иштирокчиён (аз ҷумла шумораи зиёди иштирокчиёни раванди иттилоотӣ, ки маълумоти бардурӯғ ё таҳрифшударо дар асоси ҳадафҳои худ дидаю дониста паҳн мекунанд) мунтазам такмил дода шавад, балки шароит фароҳам меояд, ки намунаи хусусии ҳар як иштирокчӣ барои умум дар муддати кӯтоҳтарин инъикос гардад ва ба воқеаҳои миқёси умумиҷаҳонӣ табдил додани воқеаҳои дорои аҳаммияти маҳаллидошта шароит фароҳам ояд.

Баррасии хусусиятҳои фазои иттилоотии муосир барои татбиқи қариб тамоми хатару таҳдидҳои иттилоотию сиёсие, ки хосияти манипулятсионӣ доранд, замина фароҳам меорад.

Дар маҷмуъ, ба фазои иттилоотӣ ворид шудани "инсони замони муосир" моҳияти худро ҳамчун маҳаки муташаккилсозандаи муносибатҳои иҷтимоӣ аз даст додааст. Рақобатҳои мафкуравӣ-идеологӣ, таҳқирҳои миллӣ-тамаддунӣ, моҷароҳои иттилоотӣ асоси фазои иттилоотӣ-виртуалиро ташкил медиҳанд. Аз тарафи дигар бошад, ҳуҷумҳои ақлӣ, таъсиррасониҳои психологӣ, ки воқеияти ҳаёти инсонро тағйир медиҳанд, дар бар мегирад. Вобаста ба ин масъала Э.А. Азроянс дар асараш "Глобализатсия: фалокат ё роҳ ба сӯйи инкишоф?" прогресси бесарҳади техникиро ба коҳиш ёфтани арзишҳои ҳаётӣ медонад. Коҳиш ёфтани фарҳангҳои миллӣ, эътиқод ва нақши дин, ки ба секуляризатсияи даркнашуда асос ёфтааст, ба талаботу манфиатҳои ҳаётӣ ҷавоб нагардонидани идеологияи муосир дар низоми нави ҷаҳон, ҷавоби дуруст надодани илм ба равандҳои бавуҷудмеомадаи замони муосир, ки инкишофро номутаносиб мегардонанд, таҳаввулотҳою беадолатиҳои иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи он муҳаббат, некӣ ва виҷдон аз байн мераванд, нуқтаи асосиро ташкил медиҳанд [1,с.6]. Сиёсатшинос ва футурологи амрикоӣ Э. Тоффлер дар асараш "Мавҷи сеюм" хусусиятҳои асосии ҷомеаи ташаккулёбандаро ба таври васеъ шарҳ додааст. Ӯ тамаддуни муосирро бо гузаштани асри индустриализм тамаддуни техникӣ меномад. Андешаи тоффлерии инкишофи тамаддуни муосир чунин аст, ки дар зери таъсири парастиши унсурҳои технологӣ-иттилоотӣ хусусиятҳои маънавӣ, динӣ, миллӣ ва касбии одамон аз байн меравад [3,с.187].

Имрӯз ҷаҳон ба як қатор таҳдид ва хатарҳое рӯ ба рӯ гардидааст, ки аз ҷиҳати таъсиррасонӣ устувор, аз ҷиҳати шиддатнокӣ зуд ва аз ҷиҳати давомнокӣ, такрор ба такрор буда, хосияти зиёдшавиро гирифтаанд. "...рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва инқилоби чоруми саноатӣ хавфу хатари бештарро ба вуҷуд оварда истодаанд" [13,с.249].

Ба андешаи Н. Луман, хавф ва таҳдиду хатарҳо натиҷаи қарорҳои субъекти идоракунанда дар асоси ғояҳо ва тасаввуроту идеологияи худ мебошад [10,с.96-98]. Ҳамин тариқ, хавф дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ на инъикоси объективии таҳдидҳои мавҷуда, балки натиҷаи қарорҳои субъективии дар асоси иттилооти дастраси субъективии худ паҳнмегардида, бо мақсади таъсиррасонии психологӣ ва тағйир додани идеология ва психологияи сиёсии одамон ва дар ниҳоят ҳадафи таъсиррасонии психологӣ-иттилоотӣ, ки манипулятсия дар фазои иттилоотӣ мебошад, ба ҳисоб меравад. Бинобар ин метавон гуфт, ки маҳз дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ омили асосии муайянкунандаи дараҷаи хавф дар ҳар як вазъияти мушаххас мегардад.

Таҳдидҳо ва хатарҳои сиёсиро дар фазои иттилоотӣ аксаран таҳдидҳо ва хатарҳои кибернетикӣ низ ном мебаранд. Хатарҳои сиёсии кибернетикӣ ва иттилоотӣ воқеияти ҷаҳони глобалии хатарнокро ташкил медиҳад [2,с.205]. Яке аз тамоюлҳои хоссае, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадааст, афзоиши доираи чолишҳои ғайриҳарбӣ ва таҳдидҳо ва хатарҳо ба амнияти байналмилалӣ, минтақавӣ, миллӣ ва истиқлолияти давлатҳо мебошад, ки баъзеи онҳо сифати куллан нав доранд. Дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ бо ба вуҷуд омадани хатарҳо, таҳдидҳо, чолишҳои марбут ба истифодаи қувваҳои ҳарбӣ ва ғайриҳарбӣ, технологияҳои идоракунии ҷаҳонбинӣ ва идеосфераи аҳолӣ ба манфиати таъсиси назорат ва интиқоли пурраи идоракунии беруна аҳаммияти муҳим пайдо кардааст.

Воқеияти ташаккули технологияи иттилоотиву иртиботӣ раднопазир аст. Ин навъи технология дар шароити муосир аксаран мазмуни амалӣ шудани раванду ҳодисаҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ гаштааст. Ташаккули консепсияи “Ҳукумати электронӣ” ва “идоракунии электронӣ”, маҳфуз нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои марбут ба раванди идоракунии давлатӣ, мудофиа, амният, фаъолияти стратегӣ-барномавии давлатҳо, ҳуҷҷатҳо атрофи масъалаҳои амнияти миллӣ ва ихтиёрдории захираҳои ҳокимият дар шакли электронӣ дар барномаҳои системавию шабакавӣ ва компютерӣ ҳолатҳои ба амал омадани таҳдид ва хатарҳои сиёсии иттилоотӣ ва кибернетикии бештар мегардонад.

Аз ҷиҳати таъсиррасонии иттилоотӣ бевосита дар фазои иттилоотӣ ва киберӣ-виртуалӣ бошад, объектҳои таҳдид ва хатарҳои сиёсии иттилоотиву киберӣ мешаванд:

- ноосфера (фазои ақлӣ);
- идеосфера (фазои ғоявӣ);
- културосфера (фазои фарҳангиву тамаддунӣ);
- политикосфера (фазои сиёсӣ) ва ғ.

Субъекти хатар ва таҳдидҳои сиёсӣ дар фазои иттилоотӣ, ки мо метавонем онҳоро субъектҳои таҳдид ва хатарҳои иттилоотӣ-киберӣ ба амнияти миллӣ ном барем, дар раванди мубориза сиёсӣ метавонанд субъектони сиёсат ба ҳисоб раванд. Аммо, ба таври мушаххас метавон ин субъектҳоро чунин муайян намуд:

- давлатҳо ва гурӯҳи давлатҳо, ки дар шакли иттиҳод муттаҳид шуда, ҳадафи бурдани мубориза ва эҷод кардани таҳдид ва хатарҳои сиёсии иттилоотиро доранд;
- институтҳо ва ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ, ки назорати фазои иттилоотиро ба амал мебароранд ва кӯшиши дар муборизаи иттилоотӣ иштирок намуданро доранд. Ва он институтҳое, ки технологияи манипулятсиониро ҳангоми паҳн кардани иттилоот истифода мебаранд. Ба монанди, вазоратҳои мудофиа ва дифои баъзе давлатҳо, мақомоти амниятӣ ва истихборотии онҳо, созмонҳо ва ташкилотҳое, ки ба эҷоди иттилоот, барномаҳо ва системаҳои рақамии таҳдидкунанда ва хатаррасон машғуланд ва ғ.;
- гурӯҳҳои ҷинояткори радикалии террористиву экстремистӣ, ки муборизаҳои идеологиву сиёсӣ ва барномавӣ-системавиро мебаранд;
- хакерон ва ё рахнакунандагони шабакаҳои интернетӣ ва ғ.

Таҳдид ва хатарҳои сиёсии иттилоотиву киберӣ дар фазои иттилоотӣ усули нави муборизаи сиёсӣ, аз ҷониби неруҳои рақиб, оппозитсияи дохилӣ, давлатҳои абарқудрат, субъектони бархӯрди тамаддунҳо, глобалистон ва федералистони навин мебошанд. Чунин усули мубориза ва эҷоди хатару таҳдидҳои сиёсиву иттилоотӣ дар “тахтаи бузурги шоҳмот” дар раванди “интихоби ҳукмрони ҷаҳонӣ ва лидери ҷаҳонӣ”, дар равандҳои тамаддунгароӣ ва минтақагароӣ, глобаликунонӣ амалӣ мешавад.

А.Ю. Карпова бо назардошти хатарҳои коммуникатсияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ онҳо дар шаклҳои зерин зуҳур мекунанд [7,с.115]:

- идоранашавандагии таъсиррасонии иттилоотӣ;
- баланд бардоштани аҳаммияти иттилоот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ;
- ба сари истеъмолкунандаи иттилоот бор кардани тафсири маъно, ки дар натиҷа таъсири «бозии ҳақиқат» ба вуҷуд меояд, яъне тағйирёбии доимии қоидаҳое, ки тавассути онҳо ин ё он иттилоот бояд дарк карда шавад.

Дар ниҳоят, ин метавонад боиси номунтазамии идоракунии муассисаҳои давлатӣ ва табдили харобиовари технологияҳои коммуникатсионӣ гардад.

Хатарҳои сиёсии ҷомеаи иттилоотӣ метавонанд ба чунин оқибатҳои манфӣ оварда расонанд, ки ба давлатҳо ва ҳукуматҳо зарур мегардад дар шакли барнома ва нақша-чорабиниҳои сиёсӣ амалӣ гардонанд:

- ғайригуманистона шакл гирифтани сиёсати иҷтимоӣ;
-маҳдудшавии озодиҳо;
- истисно гардидани принсипи дахлнопазирии шахсият;
-паст шудани аҳаммият ва сифати муносибатҳои байнишахсӣ, парокандагӣ, ғайриҷамъиятӣ шудани алоқаҳо;
- таҳрифи мазмуни иттилооти тавассути шабакаҳои коммуникатсионии сиёсӣ пахшшаванда, афзоиши ихтилоф байни шаҳрвандон ва институтҳои давлатӣ.

Бо ҳамин тартиб, якҷоя бо таҳдид ва хатарҳои сиёсию иттилоотӣ, тақвият ва чорабиниҳо атрофи иштироки ҳарчи бештари аҳолӣ дар фазои иттилоотӣ, истифодаи технологияи нав дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, инчунин хатарҳои рад кардани истифодаи онҳо низ мавҷуд аст. Ин хатар ва хавфҳо аз нуқтаи назари геополитика аҳаммияти махсус доранд. Давлате, ки ҳаёти ҷамъиятиро дидаю дониста архаизатсия карда, равандҳои модернизатсиониро ба эътибор намегирад, ба қафомонии технологӣ ва илмӣ рафта мерасад, ки ҳолати мазкур метавонад инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро коста гардонида, вобастагии илмӣ, техникӣ ва прогрессивии давлатро ба вуҷуд оварад. Х.Қ. Сафарализода чунин ишора мекунад: “Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ба таҳдидҳои мақсаднок ҳуҷумҳои иттилоотии дохилӣ ва беруниро аз ҳам фарқ менамоянд. Ҳуҷумҳои иттилоотии беруна одатан аз ҷониби гумоштаҳо ва дастнишондаҳои ташкилотҳои рақиб анҷом дода мешавад. Ҳуҷумҳои дохилӣ бошанд, аз ҷониби кормандони худи ташкилот, ки бо сабабҳои гуногун (кам будани маош, муносибати дағал дар корхона, истисмори меҳнатӣ ва ғ.) аз кору фаъолияти худ норозианд, анҷом дода мешаванд” [12,с.112-113].

Мо зери мафҳуми таҳдидҳо ва хатарҳо омилҳоеро дар назар дорем, ки эҳтимолияти зиёни ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ доранд, ба низоми сиёсӣ тағйироти радикалӣ ворид мекунанд ё арзишҳои бунёдии ҷомеаро зери шубҳа мегузоранд. Хавф хатари объективии мавҷуда, яъне чунин маҷмуи омилҳои муҳити берунӣ ва дохилии ҷомеа мебошад, ки метавонад боиси тағйирёбии сифатӣ дар тарзи ҳаёт, заминаи арзишӣ ё худи мавҷудияти он гардад. Дар баробари ин, амният вазъиятест, ки аз ҷониби субъективӣ ҳамчун мавҷуд набудани таҳдидҳо арзёбӣ мешавад. Ба маънои маҳдуд ҳамчун сиёсате муайян кардан мумкин аст, ки бартарафсозии пешгирикунандаи хатарҳоро пеш аз ба хатари воқеӣ табдил гаштани онҳо таъмин мекунад. Дар ин система хавф ҳамчун эҳтимолияти ба амал омадани оқибатҳое муайян карда мешавад, ки аз ҷониби субъектҳои хавф бар хилофи арзишҳо ва манфиатҳои он равона карда шудааст.

Хатарзо будани фазои иттилоотиро ба эътибор нагирифтан хуб нест. Ҳузури сиёсиро дар фазои иттилоотӣ бо назардошти таҳдид ва хатарҳои сиёсии замони муосир таъмин намудан мумкин аст. Аксари иттилооте, ки дар фазои сиёсии иттилоотии имрӯз паҳн мегардад, хусусияти мативатсионӣ дорад, ки аз ин ва ё он ҷиҳат ба амнияти миллии давлатҳои ҷаҳони дуюму сеюм хатари воқеӣ мерасонад. Аксаран рамзсозиҳои сиёсии мазмуни демократидошта чунин хосиятро дар худ инъикос мекунанд.

Таблиғи оммавӣ ва дасткорӣ бо иттилоот аз ҷониби ифротгароёни динӣ бо мақсади бартарии идеологӣ ва ғасби ҳокимият дар фазои иттилоотӣ рӯз аз рӯз афзоиш ёфта истодааст.

Таҳдидҳо ва хатарҳои сиёсӣ-иттилоотие, ки дар фазои иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд ва бештар хосияти манипулятсионӣ доранд, ҳангоми моҷароҳои сиёсӣ бештар мегарданд. Ба

таври мисол, манипулятсияи иттилоот ва маълумотҳо дар бораи ҳодисаҳое, ки дар давлатҳои рақиб рух медиҳанд, дар ВАО-и худӣ чунон тасвир мекунанд, то афкори ҷомеаи ҷаҳониро дар зидди якдигарӣ қарор диҳанд, кӯшиш мекунанд, ки бо интишори иттилооти бардурӯғ ва манипулятсионӣ якдигариро дар муҳосираи иттилоотӣ гиранд, бо интишори онҳо сохторҳои сиёсӣ ва иқтисодии байналмилалиро водор мекунанд, ки яке аз тарафҳоро дар муҳосираи иқтисодӣ қарор диҳанд ва метавонад ин иттилооти манипулятсионӣ мақом ва рейтинги сиёсии давлатро дар арсаи байналмилалӣ коҳиш диҳад. Чунин ҳолат дар шароити нави татбиқи раванду ҳодисаҳо ва муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо, муқовимати сиёсии онҳо, ба таври мисол дар воқеияти ҷанги Русия ва Украина ба мушоҳида мерасад. Интишори ин гуна иттилооти бардурӯғи манипулятсионӣ оид ба ҳодисаҳои соли 2021-2022 дар сарҳади Тоҷикистон ва Қиризистон низ ба назар мерасад, ки давлати ҳамсоя бо паҳн намудани иттилооти бардуру ва манипулятсионӣ, ҳатто дар сатҳи роҳбарияти расмии давлатҳояшон хостанд образи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари таҷовузгар муаррифӣ кунанд. Хушбахтона, ба амалҳои нопоки худ нарасиданд.

Ин ҷо зарурати манъи «табдил додани ВАО ба аслиҳаи истифодаи ғаразноки технологияҳои иттилоотии таъсиррасонӣ ба аҳолӣ, азнавбарномарезии инсон, воситаи ба вуҷуд овардани фасоди маънавӣ ва таназзули ахлоқии ӯ, саркӯб кардани тақаллуби иттилоотӣ, ки майдабуржуазиро ташкил медиҳанд…», пеш омаданаш мумкин аст. Аммо, ин аз хоҳиши ин ва ё он муҳаққиқ ва тавсияи сиёсӣ-гуманистонаи он вобаста нест. Ҳатто аз иродаи давлатҳои ҷаҳони дуюму сеюм низ вобастагӣ надорад. Давлатҳои абарқудрат ва «соҳибони» фазои иттилоотӣ барои идораи сартосарии одамон чунин як механизм ва низоми таъсиррасонии иттилоотӣ-психологиро созмон диҳанд, ки барои онҳо идораи башар сабук ва бе мамониат гардад. Имрӯз татбиқи демократияро (типи аврупоӣ) онҳо ба воситаи таъсиррасонии иттилоотӣ-психологӣ амалӣ карда истодаанд. Институтҳои демократӣ инмрӯз манипулятсияи сиёсиро дар фазои иттилоотӣ дар татбиқи ҳамаи барномаҳояшон ба кор мегиранд. «Демократикунонии ҷомеаҳои ғайриғарбӣ аслан дар асоси барномаҳои мактабҳои тадқиқотӣ ва стратегии Аврупо ва Амрико ба амал бароварда мешавад. Он як навъ таҷассуми манфиатҳои онҳост. Метавон барномаи татбиқи равандҳои демократии «Аз диктатура ба демократия»-и Институти Алберт Эйнштейнро мисол овард, ки ба Ҷин Шарп рабт дорад. Олим 198 методи муборизаи ғайризӯригарӣро барои гузаштан аз диктатура ба демократия пешниҳод кардааст, аммо раванди татбиқи методҳои номбурда дар ҷомеаҳои ғайриғарбӣ ба моҷаро мубаддал гардидаанд ва талафоти зиёди моддиву маънавӣ эҷод намудаанд. Ғайр аз ин, моҳиятан 198 методеро, ки Ҷ. Шарп пешниҳод кардааст, хосияти ғайризӯригарӣ надоранд. Он аз маҷмуи методҳои зӯригарӣ ва «бетартибона»-е иборат аст, ки ғайризӯригарӣ ном бурда мешавад. Аз тарафи дигар, истифода аз чунин методҳо барои амалӣ гардонидани равандҳои демократикунонӣ дар кишварҳои ҷаҳони дуюм ва сеюм самаранок шуморида намешавад. Мушоҳидаҳо акси ҳолро нишон медиҳанд. Инқилобҳои сиёсие, ки ҳанӯз аз соли 2008 дар кишварҳои арабӣ оғоз гардиданд ва дар баъзеи ин кишварҳо то ҳол моҷаро идома ёфта истодааст, хосияти ҳалли сарбастаро гирифтаанд ва бо тартиби пешниҳоднамудаи ҳамин барномаи Ҷ. Шарп шуруъ шудаанд. Дар Украина соли 2014 майдоншиниҳо, эътирозҳои пай дар пай, иҳота намудани биноҳои мақомотҳои давлатӣ, шикастани оинаҳои онҳо, таҳқирҳои оммавӣ ба воситаи шиорҳои рекламавӣ ва ғайра аз рӯйи ҳамин методҳо анҷом дода шуданд. Ҷ. Шарпро «падари баҳори арабӣ» ном мебаранд» [4,с.268].

Аксаран дучори манипулятсия дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ шудани шаҳрвандон дар фазои иттилоотӣ натиҷаи самараноки сиёсати давлатӣ дар бахши таъмини амнияти иттилоотии амнияти миллӣ мебошад. Мушоҳида мегардад, ки нисбати технологияи манипулятсионие, ки ташкилотҳо ва гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ ба амал мебароранд, тасмимҳо ва чорабиниҳои зидди онҳо суст ба назар мерасанд. Барои муқовимат ба ин усули манипулятсионӣ ба шуури ҷамъиятӣ сифатан баланд бардоштани самаранокии сиёсати иттилоотии давлат, васеъ намудани дастрасии сохторҳои давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи амнияти ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани иттилоот зарур аст.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Сафарализода Х.Қ.**

## АДАБИЁТ


1. Азроянц Э.А. Глобализация: катастрофа или путь к развитию? современные тенденции мирового развития и политические амбиции / Э.А. Азроянц. -М., 2002. -416 с.
2. Асламзода Н. Бехатарӣ ва истиқлолият дар ҳошияи таҳдид ва хатарҳои гибридӣ-кибернетикӣ / Асламзода Н. // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022). -Душанбе: ДМТ, 2022. -С.197-209.
3. Асламзода Н. Ҷаҳони глобалии хатарнок / Асламзода Н. // Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 25-26-уми январи соли 2018). –Душанбе, 2018. -С.187.
4. Асламзода Н. Психологияи сиёсии издиҳом ва хосиятҳои асосии он / Асламзода Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2019. -№4. -Қисми I. -С.265-270.
5. Борщенко, В.В. Особенности современного информационного пространства как среды формирования информационно-политических угроз / В.В. Борщенко // Социально-гуманитарные знания. - 2018. -№4. -С.212–218.
6. Инфосфера. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Инфосфера#cite_note-_9626f5cf5390798b-2 (дата обращения: 14.06. 2023 г.).
7. Карпова, А.Ю. Маркеры и эффекты информационной аномии в политической коммуникации / А.Ю. Карпова // Вестник Томского государственного университета. Философия. Социология. Политология. - 2017. -№40. -С.112-121.
8. Колбанев, М.О. Информационно-экономические угрозы и механизм их формирования / М.О. Колбанев, И.Л. Коршунов, И.М. Левкин // Геополитика и безопасность. - 2016. -№1(33). -С.86-87.
9. Коповой, А.С. Перспективы и динамика развития современного информационного пространства / А.С. Коповой // Пензенский психологический вестник. - 2014. -№2(3). -С.95-105.
10. Луман Н. Теория общества (вариант San Foca`89) / Н. Луман // Теория общества: сборник; пер. с нем., англ.; ред. А.Ф. Филиппова. -М.: КАНОН-пресс-Ц, Кучково поле, 1999. -С.96-98.
11. Нуров А. Махсусиятҳои манипулятсияи сиёсӣ дар фазои иттилоотӣ / А. Нуров // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022). -Душанбе: ДМТ, 2022. -С.240-246.
12. Сафарализода Х.Қ. Зоҳиршавии навъҳои гуногуни таҳдид дар раванди таҳкими истиқлолият / Сафарализода Х.Қ. // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - 2021. -№2. -С.110-116.
13. Сафарализода Х.Қ. Ташаккулёбии таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир дар шароити пешрафти илмию техникӣ / Сафарализода Х.Қ. // Идоракунии давлатӣ. – 2021. -№2(51). -С.248-257.
14. Этимологический онлайн-словарь русского языка Семёнова А.В. [Электронный ресурс]. URL: https://lexicography.online/etymology/м/манипуляция (дата обращения: 23.01.23 г.).
15. Этимологический онлайн-словарь русского языка Шанского Н.М. [Электронный ресурс]. URL: https://lexicography.online/etymology/м/манипуляция (дата обращения: 23.01.23).


## МАНИПУЛЯТСИЯ ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ: ХАТАР ВА ТАҲДИДҲОИ ОН БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ


Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми инкишофи ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Ташаккули ҷомеа ва аз сатҳи ҷомеаи классикӣ гузаштан ба ҷомеаи муосири иттилоотӣ, аз як тараф, агар прогресси илмӣ техникӣ бошад, аз тарафи дигар, мураккабии чорабиниҳо ва тасмимгириҳоро дар бахши таъмини амнияти миллӣ ба вуҷуд овардааст. Ҷомеаи нав ва муосирро ба як унвоне ҷомеаи иттилоотӣ ном мебаранд ва суботи миллӣ ва осиштагиву амнияти сиёсиро аз дурустӣ ва ғайриназарфиребонаи иттилоот дар фазои иттилоотӣ вобаста мешуморанд, ки ин, бе шак, асоси воқеӣ дорад. Баҳси манипулятсия дар фазои иттилоотӣ ба яке аз баҳсҳои рӯзмарраи доираҳои илмӣ ва таҳлилҳои бахшҳои стретегиву амниятӣ мубаддал гаштааст. Консепсияи технологияи манипулятсиониро аллакай неруҳои сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳо, иттиҳодияҳо, намояндагони ВАО, давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, неруҳои пешбари сиёсати олам, ки ҳадафҳои геополитикии муосири худро амалӣ карданӣ мешаванд, ба таври васеъ истифода мебаранд. Аксаран раванди инкишоф боиси инкишоф ва ташаккули хатар ва таҳдидҳои типи нав мегардад. Яке аз ин навъ хатару таҳдидҳо таҳдидҳои иттилоотӣ ва ҷиноятҳои шабакавӣ мебошанд, ки дар фазои иттилоотӣ шакл мегиранд. Гӯё фазои иттилоотӣ, фазои ташаккули таҳдид ва хатарҳои нав ва аз дигар тараф, хатарноктар ба амнияти миллӣ гардидааст, ки воқеият дорад. Дар мақола масоили фазои иттилоотӣ ҳамчун фазои ташаккули таҳдиду хатарҳои хосияти манипулятсионидошта ба амнияти миллӣ баррасӣ гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** манипулятсия, таҳдиди манипулятсионӣ, амният, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, амнияти сиёсӣ, фазои иттилоотӣ, хатар, таҳдид, хатарҳои иттилоотӣ, ҷиноятҳои шабакавӣ, кибертаҳдидҳо, замони муосир, ҷомеаи иттилоотӣ.


## МАНИПУЛЯЦИЯ В ИНФОРМАЦИОННОМ ПРОСТРАНСТВЕ: ЕЕ ОПАСНОСТЬ И УГРОЗЫ НА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ


Статья посвящена одному из важных вопросов развития современного общества. Становление общества и переход от классического общества к современному информационному обществу в условиях научно-технического прогресса создали трудности для решения вопросов в области обеспечения национального безопасности. Новое и

современное общество называют информационным обществом, и считают, что национальная стабильность, мир и политическая безопасность зависят от точности и достоверности информации в информационном пространстве, которая, несомненно, имеет реальную основу. Обсуждение манипуляций в информационном пространстве превратилось в одну из ежедневных дискуссий научных кругов и аналитиков стратегических секторов и секторов безопасности. Понятие манипулятивной технологии уже широко используется политическими силами, партиями и движениями, профсоюзами, представителями СМИ, мировыми сверхдержавами, ведущими силами мировой политики, желающими реализовать свои современные геополитические цели. В основном процесс развития приводит к развитию и формированию новых видов рисков и угроз. Одним из таких видов рисков и угроз являются информационные угрозы и сетевые преступления, формирующиеся в информационном пространстве. Похоже, что информационное пространство, пространство формирования новых угроз и опасностей стало более опасным для национальной безопасности, и это действительно так. В статье преимущественно рассматриваются вопросы информационного пространства как пространства формирования манипулятивных угроз и опасностей национальной безопасности.

**Ключевые слова:** манипуляция, манипулятивная угроза, безопасность, национальная безопасность, информационная безопасность, политическая безопасность, информационное пространство, риск, угроза, информационные риски, сетевые преступления, киберугрозы, современная эпоха, информационное общество.

## MANIPULATION IN THE INFORMATION SPACE: ITS DANGER AND THREATS TO NATIONAL SECURITY

The article is devoted to one of the important issues in the development of modern society. The formation of society and the transition from a classical society to a modern information society, on the one hand, in the presence of scientific and technological progress, on the other hand, created the complexity of actions and decisions in the field of ensuring national security. The new and modern society is called the information society, and it is believed that national stability, peace and political security depend on the accuracy and non-deception of information in the information space, which undoubtedly has a real basis. Discussion of manipulation in the information space has become one of the daily discussions among academics and analysts in the strategic and security sectors. The concept of manipulative technology is already widely used by political forces, parties and movements, trade unions, media representatives, world superpowers, leading forces in world politics wishing to realize their modern geopolitical goals. Basically, the development process leads to the development and formation of new types of risks and threats. One of these types of risks and threats are information threats and network crimes emerging in the information space. It seems that the information space, the space where new threats and dangers arise, on the other hand, has become more dangerous for national security, and this is true. The article primarily examines issues of the information space as a space for the formation of manipulative threats and dangers to national security.

**Keywords:** manipulation, manipulative threat, security, national security, information security, political security, information space, risk, threat, information risks, network crimes, cyber threats, modern era, information society.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуров Абдумолик Саидшоҳович*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 889-00-02-94**

**Сведения об авторе:** ***Нуров Абдумолик Саидшохович*** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель кафедры политологии и связей с общественностью. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 889-00-02-94**

**Information about the author:** ***Nurov Abdumolik Saidshohovich*** – Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant for the Department of Political Science and Public Relations. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir street, 33. Phone**: (+992) 889-00-02-94**

ТДУ: 343.2/.7(575.3)(581)

# СОХТОР ВА ИДЕОЛОГИЯИ ИРТИҶОИИ ҲАРАКАТИ «ТОЛИБОН»

*Ҳакимов Ҷ.А.*

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

Ҳар гуна идеология, чуноне ки маълум аст, ҳамчун маҷмуи ғояҳо ҷаҳонбинӣ ва ормонҳои субъектҳои гуногуни сиёсӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо, ҳизбу ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ, миллату давлатҳо ва амсоли онро дар бар гирифта, воситаҳои татбиқшавии амалии худро дорад. Ҳамзамон, идеология дараҷаҳои назариявӣ-консептуалӣ, барномавӣ-сиёсӣ ва муқаррарӣ (ё актуализатсияшуда)-ро фаро гирифта, унсурҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро доро мебошад. Агар идеологияи ҳаракати «Толибон»-ро аз нигоҳи чунин фаҳмиши ин мафҳум таҳлил намоем, мавҷудияти аксари дараҷаҳо ва унсурҳои зикршудаи идеологияро дар он мушоҳида мекунем.

Аз ҷониби дигар, дар асоси воситаҳои амалишавӣ ва унсурҳои дигари он идеологияро, одатан, ба шаклҳои созанда ва харобиовар (ё деструктивӣ) тақсим мекунанд. Идеологияи созанда, асосан, ба «ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва муттаҳидсозии ҷомеа равона гардидааст» [7,с.78]. Акси он бошад, яъне идеологияи деструктивӣ, аз берун ва ё аз дохили худи ҷомеа ба аъзои он таҳмил карда шуда, онро тадриҷан хароб месозад. Дар асоси чунин фаҳмиши моҳияти идеология ва шаклҳои он, идеологияи ҳаракати «Толибон»-ро метавон пурра харобсозандаю деструктивӣ ва ҳатто иртиҷоӣ ҳисоб намуд. Аммо, қабл аз он ки ба ҷузъиёти ин мавзуъ равшанӣ андозем, аввалан чанд нуктаеро дар бораи номи худи идеологияи ҳаракати мазкур дар иртибот бо моҳияти идеяҳои он таъкид месозем.

Аз ибтидои пайдоиши худ, намояндагону тарафдорони ин ҷунбиши исломиро дар Афғонистону Покистон бо номи толибон ва ё пайрави ҳаракати «Толибон» зикр намудаанд. Аммо дар адабиёти муосир баъзан идеологияи ин ҳаракатро бо номи «толибизм» ва ё «толибонизм» низ қайд кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи рус А. Игнатенко дар таҳқиқоти худ «Ислам в XXI веке: главные направления исследований» (Ислом дар асри XXI: самтҳои асосии таҳқиқот) барҳақ зикр намудааст, ки баъд аз пошхӯрии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ шаҳрвандони зиёди ин фазои пасошуравӣ ба варианатҳои маҳаллӣ ё локалии равияҳои исломӣ бештар шиносоӣ ва майл пайдо намуданд, ки дар миёни онҳо ваҳҳобизми саудӣ, имомизми эронии аҳли шиа, зайдизми яманӣи шиаҳои ин минтақа ва толибизми ҳиндустонию покистониро махсусан таъкид кардан зарур аст [4].

Ба ҳамин монанд, собиқ сафири Давлати Исломии Афғонистон дар Федератсияи Россия Абдуваҳҳоб Ассифӣ дар яке аз мусоҳибаҳои расонавии худ идеологияи ҳаракати «Толибон»-ро бо номи «толибизм» ёд карда, моҳияти иртиҷоии онро чунин тафсир намуда буд: «Толибизм ҳамчун идеология мактаби террор, бадбинӣ ва харобкорӣ аст» [13].

Яке аз вазирони корҳои хориҷии Ҳиндустон бошад, идеологияи ҷунбиши мазкурро «толибонизм» номида, дар даврони худ чунин изҳор дошта буд: «Эҳёи толибонизм ин чизе бештар аз хавфу таҳдиди кулли барои Покистон ва хатари куллӣ ба тамоми минтақа нест» [10].

Вобаста ба он, ки исмҳои бо суффикси «изм» сохташуда, одатан, номи ин ё он таълимоти ҷамъиятию сиёсӣ, илмию динӣ ва амсоли онро ифода мекунанд, метавон пай бурд, ки шахсиятҳои зикршуда низ «толибизм» ва «толибонизм» гуфта, асосан ҳамонро қайд карданианд, ки ҷунбиши мазкур дар Афғонистону Покистон на танҳо ба як ҳаракати муҷаррад, балки ба идеология низ табдил ёфтааст, ки бо вуҷуди хусусияти иртиҷоӣ доштанаш, тарафдорони зиёди худро дорад. Ба назари мо, «толибизм» ва «толибонизм»-ро ҳамчун муродифи идеологияи ҳаракати «Толибон» истифода кардан мумкин аст. Ҳамзамон, онро ҳамчун идеологияи асримиёнагии иртиҷоӣ ва худи ҳаракати «Толибон»-ро дар асоси қиёс бо ташкилоти террористию экстремистии Ҳизби наҳзати исломӣ (ТЭТ ҲНИ) аз таҷрибаи Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти террористию экстремистии «Толибон» (ТЭТТ) ном гирифтан ба пуррагӣ ба ҳақиқату воқеият мувофиқат мекунад. Таҳлили

сохтори ин ҳаракат, моҳияти идеологияи толибонӣ ва амалҳои пайравони он дар марҳалаи аввали ҳукуматдорӣ ва баъди ғайриқонунӣ соли 2021 ғасб намудани ҳокимият дар Афғонистон, ки дар поён омадааст, дурустии ақидаи мазкурро комилан собит месозанд.

Дар ташаккули идеологияи толибизм сохтори он ҳамчун ҳаракати террористию экстремистӣ нақши калидиро мебозад. Чуноне ки маълум аст, сохтори ин ҷунбиш ибтидо аз рӯзи пайдоиши он гуногун буда, пайваста дар таҳаввул қарор доштааст. Аз ҷумла, дар даврони то ғасби ҳокимият дар Афғонистон он ба таври иерархӣ ё мартаботӣ шакли хеле қатъӣ дошта, аз чунин зинаҳо иборат буд: 1) амир; 2) Шуро; 3) кумитаҳо; 4) комиссияҳои ҳарбӣ; 5) қумондонҳо ва волиёни «соягӣ» (ё «ғайрирасмӣ»).

Амир ё амирулмуъминин дар ҳаракати «Толибон» ба ҳайси саркардаи он ҳисобида мешавад, ки ҳуқуқҳои номаҳдуд дорад.

Шурои ҳаракати «Толибон» дар ташаккули идеологияи он бо роҳбарии амир нақши асосӣ бозида, инчунин роҳбарии умумию стратегии ин ҷунбишро амалӣ месозад. Аъзои Шуро асосан аз зумраи намояндагони пуштунҳо интихоб карда мешаванд.

Кумитаҳо дар ташаккул ва рушди идеологияи толибизм саҳми бузург надошта, бештар ҳамчун вазоратҳо барои танзими ин ё он самти ҳаётии ҳаракати «Толибон», масалан, масъалаҳои ҳарбӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва амсоли он масъул мебошанд.

Комиссияҳоро бошад, ҳамчун сохтори амалисозандаи идеологияи иртиҷоии толибизм ҳисобидан мумкин аст, зеро онҳо асосан барои идоракунии амалиёти ҷангӣ ҷавобгар мебошанд.

Қумондонҳо ва волиёни «соягӣ» (ё ғарирасмӣ»)-и вилоятҳо ва ноҳияҳо низ ҳамчун ниҳодҳо барои татбиқи идеологияи толибизм хизмат мекунанд, зеро онҳо роҳбариро дар сатҳи маҳалҳо ба роҳ мемонанд [3,с.252].

Ҳамчун намуна метавон гуфт, ки сохтори ҳаракати «Толибон»-ро дар солҳои 1994-1997 таҳқиқ намуда, муҳаққиқи покистонӣ Аҳмад Рашид сарвари онвақтаи «Толибон» – Мулло Муҳаммад Умарро ҳамчун раиси шуро ва амирулмуъминин муаррифӣ намудааст. Ба ин шуро, ки онро худи Мулло Умар роҳбарӣ менамуд, ду шурои дигар – шурои кобулӣ ё ҳукумати муваққатӣ ва Шурои ҳарбӣ тобеъ буданд. Раиси шуро як муовин дошт. Ба шуро вазирони корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, иттилоот ва фарҳанг, ҳифзи сиҳат, сохтмон, молия, кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва энергетика, алоқа, адлия, таҳсилоти олӣ, корҳои кӯҳӣ ва саноат, тиҷорат, банақшагирӣ, инчунин сардори гумрук, суди олӣ, мудири бонки давлатӣ, сардори ситоди ҳарбӣ, қумондони артиш ва ғайра тобеъ буданд [9,с.170].

Дар соли 2015 бошад, метавон зикр намуд, ки раиси шурои «Толибон» ё амир (Мулло Ахтар Мансур) ду муовин дошт, ки барои муттаҳидсозии ин ҳаракат аз ҷумлаи ду гурӯҳи бо ҳам ихтилофдошта интихоб шуда буданд (Сироҷиддин Ҳаққонӣ ва Мулло Охундзода). Ҳайати шуро низ аз 18 нафар зиёдтар карда шуда буд [12].

Солҳои 2020-2021 сохтори болозикри «Толибон» боз ҳам тағйир пазируфта, тамоман шакли дигар дошт, ки мақомоти болоии он бо роҳбарии Ҳайбатулло Охундзода ҳамчун амир чунин ниҳоду мақомотро фаро мегирифт: муовини сиёсии амир (Мулло Абдулғанӣ Бародар), ду муовин, суди олӣ, шурои роҳбарон иборат аз 26 нафар, комиссияҳо ё девони вазирон иборат аз 17 вазорату кумита ва идораи сиёсӣ дар шаҳри Даҳваи Қатар, ки ҳамчун намояндагии байналмилалии ҳаракати «Толибон» масъули гуфтушунидҳо оид ба сулҳ мебошад [5].

Аз таҳлили се марҳалаи ташаккул ва таҳаввули сохтори ҳаракати «Толибон» бармеояд, ки он ба пуррагӣ ба идеологияи он мутобиқ гардонида шудааст, зеро: 1) дар он ҳама вақт ниҳодҳо барои идоракунии амалиёти ҷангӣ вуҷуд доштанд; 2) дар сохтори он ягон ниҳоде барои танзими кор бо занон ва бо ақаллиятҳои миллӣ пешбинӣ нагардидааст; 3) аксарияти кулли аъзои шурои ҳаракати «Толибон» ҳамеша намояндагони пуштунҳо будаанд. Ин ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сохтори ҳаракати «Толибон» ва дар идеологияи толибизм ба ҷангу зӯроварӣ, нақзи ҳуқуқи занону ақаллиятҳои миллӣ, миллатгаройӣ ва унсурҳои дигари иртиҷоӣ дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолияти он мақоми баланд дода шудааст.

Таҳлилҳои фаъолияти ҳаракати «Толибон» инчунин нишон медиҳанд, ки идеологияи он низ чун сохтораш шахшуда набуда, пайваста дар таҳаввул будааст. Унсурҳои асосие, ки

идеологияи толибизмро муайян мекунанд, сершумор буда, ба воситаҳои амалисозии ин идеология, ҳадафҳои ҳаракат ва натиҷаҳои фаъолияти он таъсири зиёд расонидаанд. Аз чунин унсурҳои идеологияи толибизм, қабл аз ҳама, таълимоти дини исломро зикр кардан зарур аст.

Азбаски аксарияти пуштунҳо пайравони исломи суннӣ мебошанд, ба идеологияи толибизм низ бештар ҳамин равияи исломӣ таъсир гузоштааст. Аммо толибон дар масъалаҳои илоҳиёт ба ашъария ва дар масъалаҳои шариат, давлатдорӣ ва фиқҳ ба мазҳаби Абуҳанифа такя мекунанд. Чуноне ки маълум аст, ашъария, ки минбаъд ба яке аз асосҳои калидии фалсафаи калом табдил ёфт, аз ҷониби Абулҳасан Алӣ ал-Ашъарӣ (873/874-935) бунёд шуда, озодии инсонро рад карда, дар мубориза бо муътазилия, ки бештар пояҳои илмӣ дошт, ғолиб омад. Ба мазҳаби ҳанафия бошад, толибон ва, умуман, дар кулли Афғонистон муносибати таҳтуллафзӣ, ғайриақлонӣ, ғайриратсионалӣ вуҷуд дорад. Чунин муносибат ба ҳанафия идеологияи толибизмро ба ваҳҳобия ва салафия наздик намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ваҳҳобия ҳамчун равияи динӣ-сиёсӣ дар асри XVIII пайдо шуда, асоси таълимоти онро тоза кардани ислом аз ҳар гуна таъсирҳои қавму миллатҳои дигар ба таълимоти он ва бозгашт ба ақидаҳои се насли аввали мусулмонон баъд аз пайғамбар Муҳаммад, яъне «ас-салаф ас-солеҳ» (гузаштагони солеҳ), ташкил медиҳад. Салафия низ ба ҳамин нукта такя намуда, тамоми равияҳоеро дар исломи суннӣ фаро мегирад, ки дар марҳалаҳои гуногуни таърихии рушди ислом бозгашт ба тарзи ҳаёти ҷамоати ибтидоии исломро талаб кардаанд. Яъне, ҳам ваҳҳобия ва ҳам тарафдорони салафия мухолифи ҳар гуна навоварӣ дар таълимоти исломӣ буда, мусулмононро барои бозгашт ба даврони тираву тори асримиёнагӣ даъват мекунанд. Ин ақидаҳоро «Толибон» низ ба пуррагӣ дастгирӣ менамоянд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, идеологияи толибизм аз ҷараёнҳои ваҳҳобия ва салафия каме тафовутҳо низ дорад. Аз ҷумла, толибон ба тасаввуф муносибати мусбат доранд, ки дар ваҳҳобия дида намешавад. Ин вобаста ба он аст, ки девбандия ҳамчун яке аз сарчашмаҳои идеологияи ҳаракати «Толибон» ба ҳайси тариқати тасаввуфӣ амал мекард. Аз ҷониби дигар, тибқи маълумоти тасдиқшуда, асосгузори ин ҳаракат Мулло Умар аз тариқати тасаввуфии нақшбандия - тариқате, ки ҳанӯз дар асри XIV аз ҷониби Баҳоуддини Нақшбанд (с. ваф. 1389) аз шаҳри Бухоро таъсис дода шуда буд, пайравӣ менамуд. Дар маҷмуъ бошад, «идеологияи «Толибон» ин на салафия, на ваҳҳобия дар шакли тозаашон мебошад. Таъсири бузурге ба идеологияи ин ҳаракат чунин ҷараёне дар ислом расонидааст, ки онро «исломи сиёсӣ» меноманд; санги маҳаки ин идеологияро вобастагӣ аз сарвари харизматикӣ, амир ташкил медиҳад» [6].

Ақидаи муҳаққиқи рус А.Г. Ляховро дар бораи идеологияи толибизм ҳамчун исломи сиёсӣ тарафдорӣ намуда, таъкид месозем, ки ҳар гуна дин ҳанӯз аз даврони қадим даъвоҳои сиёсӣ доштааст. Ислом низ аз ибтидои пайдоиши худ характери сиёсӣ дошта, ба даст овардани ҳокимият ҳадафи ҷавҳарии он будааст. Аз ин рӯ, идеологияи толибизм низ аз рӯзи аввали ба вуҷуд омадани ин ҳаракат даъвои ҳокимияти сиёсӣ дошта, дар ин ҷода ба исломи сиёсӣ такя намудааст. Аммо ба эътибор бояд гирифт, ки дар даврони муосир, чуноне ки муҳаққиқи рус С.А. Семедов таъкид менамояд, «динҳои сиёсӣ мавқеи эътидолиро намедонанд. Фарқият байни «худиҳо» ва «бегонаҳо» барои онҳо характери онтологӣ дорад: «бегонаҳо» зодаи бадиянд (идеологҳои динҳои сиёсӣ ошкоро иброз медоранд, ки «онҳо руҳ надоранд»), бо онҳо ба созиш омадан мумкин нест, онҳоро танҳо бояд нобуд сохт. Чунин муттаҳидсозии золимӣ ва чандирият тазодест, ки ба падидаҳои постмодернӣ хос мебошад» [11]. Таҷрибаи талхи Афғонистон низ нишон дод, ки маҳз ба исломи сиёсӣ такя намуда, идеологияи толибизм характери экстремистию террористӣ, тундгароӣ ва бунёдгароии диниро гирифт ва ба қавму миллатҳои сокини ин кишвар дар чил соли охир танҳо бадбахтиҳои зиёде овард.

Унсури дуюми муҳимми идеологияи толибизмро баъд аз таълимоти дини ислом ва равияҳои мухталифи он таълимоти девбандия ташкил медиҳад, ки инҳо мебошанд: ташкили ошӯбҳои динӣ ва иштирок дар онҳо, муносибати радикалӣ ба англисҳои сокини Ҳинд, куҳнагароӣ, дастгирӣ аз шакли давлатдории аморати исломӣ ва ғайра дар радикализатсияи идеологияи толибизм нақши назарраси манфӣ гузоштаанд. Дар

баробари ин, бояд таъкид намуд, ки толибон шакли экстремалии таълимоти девбандияро қабул кардаанд. Девбандиҳои радикалӣ ҳамаи равияҳои исломии муосирро инкор мекунанд, зеро, ба ақидаи онҳо, ин равияҳо таълимоти исломро таҳриф месозанд. Онҳо дар асоси фаҳмиши таҳтуллафзии таълимоти қуръонӣ бар зидди ҷаҳонбинии инсони муосир, ба муқобили дунявият ва фарҳанги халқҳои ғайримусулмон баромада, ҳар гуна навгониро инкор менамоянд, зеро «девбандиҳо, ба мисли салафиёни дигар, тағйиротро эътироф намекунанд, ба ақидаи онҳо, дин як чизи доимо шахшуда мебошад» [6]. Қабули чунин ақидаҳо аз таълимоти девбандияи радикалӣ ба он оварда расонидааст, ки идеологияи толибизм характери патриархалӣ, кухнапарастӣ ва иртиҷоӣ гирифта, Афғонистон ва мардуми сокини онро ба осорхонаи асримиёнагӣ табдил диҳад.

Унсури сеюми идеологияи толибизмро Кодекси пуштунҳо – Пуштунвалай ташкил медиҳад, вале намояндагони ин ҳаракат ҳамаи принсипҳои онро дар шакли таҳрифшуда қабул кардаанд. Аз ҷумла, чуноне ки маълум аст, ҳафт рукни асосии ин кодекси миллӣ инҳо мебошанд, ки онҳоро толибон ба ифрот расонидаанд [8]:

– ғайрат ё эҳсоси шоистагии худ ва ғурури миллӣ – дар идеологияи толибон, ба ақидаи мо, ин принсип ба худписандӣ, миллатгаройии радикалӣ, эҳтиром накардани миллату қавмҳои дигар табдил дода шудааст;

– нангу номус ба назари мо, толибон ин принсипро танҳо дар нисбати ҳаммиллатони худ ва одамони ҷинси мард ба кор мебаранд;

– имондорӣ - диндорие, ки толибон таълимоти онро ба тавri таҳтуллафзӣ тафсир мекунанд ва меъёрҳои ахлоқие, ки аз ҷониби толибон корбаст мегарданд, имондории дурусти онҳоро барои ҳамагон таҳти шубҳа гузоштааст. Аз ҷониби дигар, дар идеологияи толибизм на танҳо динҳои дигар, балки ҳатто мазҳабҳои дигари исломӣ, аз ҷумла аҳли шиа қобили қабул нестанд;

– субот ва истиқомат ё ҳадафмандӣ – албатта, ин принсипҳоро толибон риоя мекунанд, вале таҷрибаи ҳокимиятдорӣ исбот намуд, ки ҳадафҳои онҳо ҳамеша паст, зараровар, ғайрипешқадам ва иртиҷоӣ будаанд;

– баробарӣ ё мусовот – таҷрибаи давлатдории якчандафъа нишон дод, ки толибон баробарии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ҷинсӣ ва миллиро ҳеҷ гоҳ риоя нахоҳанд кард;

– ҷубронкунӣ ё бадал – ин принсип аз ҷониби толибон танҳо дар самти интиқоми хунӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Унсури чоруми идеологияи толибизмро идеяҳое ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби «Ҷамоати таблиғ» пешниҳод гардидаанд. Ин ҷамоат соли 1926 дар Ҳиндустон ҳамчун ҷунбиши характери патсифистӣ ё зиддиҷангӣ дошта ба вуҷуд омада буд, аммо минбаъд он ба як ҳаракати экстремистӣ дар мазҳаби суннӣ табдил ёфт. Беҳуда нест, ки «Ҷамоати таблиғ»-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бо қарори суд ҳамчун ҳаракати экстремистӣ шинохта, фаъолияти онро манъ кардаанд. Дар Қирғизистону Қазоқистон низ фаъолияти «Ҷамоати таблиғ»-ро манъ сохтаанд. Ба андешаи муҳаққиқони зиёд, ин ҳаракат исломи радикалӣ, исломи ҷиҳодиро таблиғ намуда, характери харобсозӣ ё деструктивӣ дорад. Дар идеологияи толибизм низ ғоя дар бораи “муборизаи фаъолонаи ҳарбӣ” ё худ ҷиҳоди пайваста зери таъсири «Ҷамоати таблиғ» мақоми хосса пайдо кардааст, ки ҳаракати «Толибон»-ро, ба андешаи мо, ба як ҷунбиши экстремистию террористии иртиҷоӣ табдил додааст.

Ба ҳайси унсури панҷуми идеологияи толибизм метавонем бунёдгароӣ (фундаментализм) ва радикализми диниро ҳисоб намоем, зеро аксарияти муҳаққиқону мутахассисони соҳа маҳз ҳамин хислатҳоро ба толибон нисбат додаанд. Аз ҷумла, ба андешаҳои муҳаққиқи покистонӣ Аҳмад Рашид такя намуда, сиёсатшиноси рус М.К. Арчаков чунинменависад: «... толибон бунёдгаройии нави ҳазорсолаи ҷориро ба миён оварданд – бе созишкорӣ ва бе эътирофи низомҳои сиёсии дигар, ба ғайр аз низоми худ... Усулан, мувофиқати худро бо андешаи муҳаққиқи мазкур баён дошта, таъкид кардан зарур аст, ки, аввалан, роҳбарияти ҳаракати «Толибон» низоми идеологии худро бо такя ба таълимоти мактаби девбандия, инчунин ақидаҳои қисмати радикалии «Ҷамоати таблиғ» таҳия намуданд, ки дар натиҷа ин ба ташаккули идеологияи динӣ-экстремистӣ оварда расонид» [2,с.18].

Бояд таъкид намуд, ки ҳар гуна бунёдгаройии динӣ ба тафсири таҳтуллафзии матни сарчашмаҳои динии муқаддас такя намуда, характери догматикӣ ё тағйирнаёбанда доштани онҳоро эътироф мекунад ва ин ақидаҳоро бо ҳатман доштани сохтори консервативӣ ё куҳнаи сиёсӣ-иҷтимоӣ дар ҷомеа рабт медиҳад. Толибон дар ин самт пурра муқобили ҳар гуна навсозию модернизатсия, пешрафт ё рушди иҷтимоию иқтисодии кишвари худ буда, бунёдгаройии динии нави онҳо комилан торикандешӣ ё обскурантизм (ба ҳар гуна пешрафт, кашфиёти илмӣ ва маърифатпарварӣ муносибати душманона зоҳир намудан) мебошад: толибон таърихи ислому кишвари худ, Қуръон ва шариатро таҳлил намекунанд, ягон барномаи динӣ надоранд ва ба ягон баҳсу мубоҳиса, ки хосси ислом дар асрҳои охир будааст, роҳ намедиҳанд. Ин гуна андешаҳои обскурантӣ ҷавҳари иделогияи толибизмро ташкил медиҳанд.

Радикализми динӣ бошад, одатан, дар дохили ягон дин ҳамчун равия зуҳур намуда, минбаъд аз он ҷудо мегардад ва таълимоти худро бо таълимоти асосии ин дин муқобил гузошта, бе ягон гузашту созиш бо дигарон ақидаҳои худро пуштибонӣ мекунад. Радикализми динӣ ҳама вақт ба парастиши сарвари руҳонии харизматикӣ такя мекунад. Ин хусусиятҳои радикализми динӣ дар идеологияи толибизм ба пуррагӣ мушоҳида мегарданд: толибон агарчи худро суннӣ ва ҳанафӣ эътироф кунанд ҳам, онҳо ягон навъи таҳаммулпазирӣ, ки хосси равияҳои мазкур мебошад, ба сунниҳои ғайрипуштун, шиаҳои ҳазорӣ ва дигар дину мазҳабҳои сокинони Афғонистон надоранд. Аз ҷониби дигар, дар ҳаракати «Толибон» шахсияти сарвари худро, ки онро беасос «амирулмуъминин» меноманд, парастиш намуда, бо таълимоти исломи эътидолӣ дар зиддият мешаванд.

Унсурҳое, ки дар боло шарҳу тавзеҳ ёфтанд, барои идеологияи толибизм калидӣ мебошанд. Оид ба унсурҳо ва паҳлуҳои дигари ин идеология муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ низ ақида баён намудаанд. Ин ҷо мехостем, ки ақидаҳои муҳаққиқи россиягӣ М.К. Арчаковро каме муфассалтар шарҳ диҳем. Ин муҳаққиқ барҳақ қайд намудааст, ки таҳлили муқарраротии ташаккулдиҳандаи ҷаҳонбинии толибон ба пуррагӣ собит месозад, ки он як идеологияи ташкилоти динӣ-сиёсӣ ва экстремистӣ мебошад, ки ба панҷ идея такя мекунад: 1) идеяи мубориза бо «беимонии куллӣ»; 2) идеяи бунёди давлати миллии исломӣ; 3) идеяи муборизаи фаъоли мусаллаҳона – ҷиҳод; 4) идеяи инқилоби консервативии исломӣ; 5) идея дар бораи оштинопазирии «исломи асил» [2,с.17].

Идеяи толибон оид ба мубориза бо «беимонии куллӣ» ба фаҳмиши мафҳуми кофир аз ҷониби онҳо такя мекунад. Онҳо кофирҳоро чунин тақсимбандӣ намудаанд: ҳар як шахсе, ки ягон дини дигарро ба ғайр аз ислом қабул намудааст; кофири рӯйгардонида, яъне онҳое, ки исломро фаҳмидаанд, вале онро инкор намуда, қабул накардаанд; кофири нодон, яъне онҳое, ки исломро нафаҳмидаанд. Ин ҳар се навъи кофирро толибон душмани худ дониста, талаб мекунанд, ки бо онҳо муттасил ҷанг бурда шавад, то ки ҳамаи онҳо ё исломро қабул кунанд ё ба мусулмонон андоз (ҷизя) супоранд. Аммо душманони ислом дар фаҳмиши толибон маънии васеътар дорад. Ба сафи душманон онҳо атеистҳо, коммунистҳо, намояндагони фарҳанги ғарбӣ, пайравони динҳои дигари ғайриисломӣ, хусусан, масеҳият ва яҳудия, мусулмононеро, ки динҳои дигарро қабул кардаанд, мусулмонони мунофиқ, яъне онҳоеро, ки идеяҳои толибонро қабул надоранд ва талаботи исломро иҷро намекунанд, мусулмононеро, ки шариатро ҳамчун манбаи ҳуқуқ рад мекунанд ва ғайраро ворид сохтаанд. Ҳамаи инро таҳлил намуда, М.К. Арчаков барҳақ ба чунин хулоса расидааст: «Ба ҳамин тариқ, ба категорияи душмани «Толибон» ҳар як шахс афтида метавонад, новобаста аз он, ки ӯ мусулмон аст ё атеист» [2,с.15].

Идеяи дигари «Толибон» оид ба бунёди давлати миллии исломӣ, ки дар идеологияи онҳо мақоми махсус дорад, аз фаҳмиши як қатор равияҳои дигар дар бораи давлати исломӣ ба маънии фарогири тамоми мусулмонон фарқ мекунад. “Толибон” инчунин давлати дунявиро пурра инкор карда, онро омили беимонӣ меҳисобанд. Онҳо тарафдори давлати теократианд, ки дар мисоли хилофати исломӣ арзи вуҷуд карда буд. Бо ҳамин сабаб онҳо ақидаҳои салафиёнро дар бораи бозгашт ба «асри тиллоӣ»-и исломӣ, пайравӣ аз пайравони Пайғамбар ва хулафои рошидин дастгирӣ мекунанд.

Давлати теократие, ки тибқи идеологияи толибизм бунёди он пешбинӣ гардидааст, якчанд хусусиятҳо дорад. Аввалан, ин давлат бояд тибқи шариат идора карда шуда, иерархияи дохилии худро дошта бошад ва дар он ягон ниҳоди демократӣ фаъол набошад.

Ин нишон медиҳад, ки толибон дар Афғонистон ягон намуди интихобот ва ҳатто анҷумани «Лоя ҷирга»-ро қатъан гузаронидани нестанд. Дуюм, давлати теократии толибон хусусияти миллӣ дорад. Онҳо чун созмонҳои дигари динию экстремистӣ, чуноне ки болотар ҳам зикр гардид, на ташкили давлати фаромиллии исломӣ ё хилофати исломиро, балки ташкил давлати миллии пуштуниро дар марзу буми Афғонистон ва ғарби Покистон пуштибонӣ мекунанд. Ин, ба андешаи мо, маънои онро дорад, ки дар Афғонистон, то он даме ки толибон ва идеологияи толибизм ҳукмрон бошад, байни миллатҳои гуногуни сокини ин кишвар ҳамдигарфаҳмию ҳамкорӣ ба миён нахоҳад омад.

Дар идеологияи толибизм идеяи муборизаи фаъоли мусаллаҳона – ҷиҳод низ мавқеи устувор дорад. Каме болотар таъкид шуда буд, ки ин идеяро толибон аз қисмати радикалии «Ҷамоати таблиғ» гирифта, онро дар қатори калимаи шаҳодат, панҷ вақт намоз, рӯза, закот ва ҳаҷ ба рукни шашуми ислом табдил додаанд. Маҳз дар асоси ҳамин М.К. Арчаков ба хулосае расидааст, ки таблиғиёни ифротӣ ва ҳаракати «Толибон» ҷиҳодро яке аз рукнҳои ислом медонанд, яъне ин ибодат ва вазифаи мусулмонони асил то рӯзи қиёмат аст, аз ин рӯ, идеологҳои «Толибон» ҷиҳодро ҳамчун муборизаи бемуҳлат бо «беимонон» дар ин олам меҳисобанд» [2,с.15]. Дар асоси ин, ба хулосае расидан имкон дорад, ки толибон ҳар лаҳзае метавонанд бо давлатҳои ҳамсояи худ дар ғарбу шимоли Афғонистон ва ё бо кишварҳои дигар тавассути истифода аз террористони зархарид ҷиҳод эълон намоянд.

Аз нигоҳи М.К. Арчаков, ки мо низ онро ҷонибдорӣ мекунем, идеяи инқилоби консервативии исломӣ дар идеологияи толибизм ҷойгоҳи хосси худро дорад. Ҳар гуна инқилоб чуноне ки маълум аст, маънои дигаргунсозии қатъии ҷомеа, тағйироти сифатӣ, ҷаҳиш дар рушди онро дошта, қатъи алоқамандиро бо вазъи гузаштаи ҷомеа талаб мекунад. Аммо инқилобе, ки толибон пешниҳод мекунанд, акси ин буда, ҷомеаи Афғонистонро ба гузашта раҳнамун месозад. Онҳо талаб мекунанд, ки ба «варианти ғарбии модернизатсия хотима дода шавад» [2,с.16]. Афғонистон ба он сохторе, ки дар асрҳои миёна дошта, тибқи шариат идора карда мешуд, баргардонида шавад. Аз ин рӯ, дар идеологияи толибизм ҳисси нафрат ба техникаву технологияи муосир, манъи иштироки занон дар ҳаёти ҷомеа, эълони ҳукми қатли вахшиёна ва таблиғу ташвиқи тарзи ҳаёт ва воситаҳои дигари ҳаётӣ, ки дар даврони асримиёнагӣ вуҷуд доштанд, ҷойгоҳи махсус дода шудааст.

Барои идеологияи толибизм инчунин идея дар бораи оштинопазирии «исломи асил» хос аст. Чуноне ки М.К. Арчаков қайд намудааст: «Толибон» бештар ба дастурҳо ва тафсирҳои муқарраpоти дини ислом аз нигоҳи амири худ такя карда, пайравӣ аз ҳар гуна мазҳаб – ҳанафӣ, шофеӣ, моликӣ ва ҳанбалиро инкор мекунанд». Сабаби инро муҳаққиқи мазкур дар дуршавии толибон аз таълимоти девбандия мебинад: «Толибон» аз анъанаи девбандии илмият ва баҳсҳои назариявӣ дур шуданд, зеро барои онҳо ҳама гуна шубҳа баробар бо озодандешӣ ва таҳрифи меъёрҳои «исломи ибтидоӣ» аст. Аз ин рӯ, агар уламои мактаби девбандия дар ҳалли масъалаҳои баҳсноки динӣ-ҳуқуқӣ ба меъёрҳои ҳуқуқии мазҳаби ҳанафия мурожиат мекарданд, пас толибонро лозим меомад, ки қарорҳои Мулло Умар ва тафсиру тавзеҳоти ӯро ба таълимоти динӣ ба роҳбарӣ гиранд» [2,с.16].

Чуноне ки дар ибтидо таъкид намудем, ҳар гуна идеология дар баробари унсурҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин унсури фарҳангӣ-таърихиро низ дар бар мегирад. Аммо дар идеологияи толибизм муносибат ба фарҳанг чандон равшан таъкид наёфта бошад ҳам, аз амалҳои онҳо пай бурдан мумкин аст, ки асоси онро чӣ гуна идеяҳо ташкил медиҳанд. Дар ин самт ҳам идеологияи толибизм пурра хусусияти консервативӣ-иртиҷоӣ дорад: манъ кардани мусиқӣ ва ракс, шикаста пора кардани компютер ва телевизорҳо ва амалҳои дигаре, ки толибон мунтазам содир мекунанд, гувоҳи равшани ин мебошанд. Оид ба ҷойгоҳи фарҳанг дар идеологияи ҳаракати «Толибон» дар мисоли фарҳанги варзишгарон ва тамошобинони онҳо муҳаққиқи англисзабон А. Рашид сухан ронда, қайд намудааст, ки толибон қоидаҳои зиёде аз худ баровардаанд, ки бо таълимоти ислом ягон иртиботе надоранд: «Яке аз ин қоидаҳо рафтор ҳангоми чорабиниҳои варзишӣ буд, ки дар ибтидо умуман манъ шуда буданд. Ҳама мухлисон варзишгаронро ҳавасманд сохта, бояд «Аллоҳу акбар!» («Худо бузург аст!») гуфта фарёд зананд ва ягон ашёеро кӯфта, садо зада набароранд. Агар вақти намоз фаро расад, бояд дар бозӣ таваққуф эълон шавад.

Бозингарон ва тамошобинон дар якҷояги бояд намоз гузоранд, гуфта шудааст дар фармон. Ба ҳаво сар додани бодбаракҳои моршакл, ки шуғли дӯстдоштаи сокинони Кобул буд, ҳамчун тамоми шаклҳои варзиш барои занон манъ карда шуд» [9,с.82]. Чунин муносибати "Толибон" ба фарҳанг, ба андешаи мо, рушди фарҳангии Афғонистон ва миллату қавмиятҳои сокини онро дар оянда пурра зери суол мегузорад.

Барои фаҳмиши амиқтари идеологияи толибизм идеяҳое низ, ки "Толибон" дар ду марҳалаи ҳокимиятдории худ (солҳои 1996-2001 ва солҳои 2021-2023), дар амалия татбиқ сохтаанд, метавонанд кумак намоянд. Бояд қайд кард, ки дар ҳар гуна идеология назарияҳои ҳуқуқӣ вуҷуд доранд. Дар идеологияи толибизм ба ҳайси чунин назария солҳои 1996-2001, аз як ҷониб, шариати исломӣ ва аз ҷониби дигар, «одатҳои юридикӣ» хизмат кардаанд. Одатҳои юридикӣ, чун қоида, урфу одат ва анъанаҳои тоисломӣ ва воқеияти ҳаёти ҳуқуқиро мефаҳмонанд, ки дар шариат инъикоси худро наёфтаанд. Табиист, ки "Толибон" ба ҳайси одатҳои юридикӣ аз «Пуштунволӣ» истифода мекунанд. Аммо вазъро дар ин самт таҳлил намуда, мутахассисон ба чунин хулоса расидаанд: «Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масъалаҳои таносуби одат ва шариат дар амалияи судии толибон имкон медиҳад, хулоса намоем, ки онҳо: ё танҳо меъёрҳои шариатро ба кор бурда, принсипҳои одатро инкор мекарданд; ё одатро танҳо дар ҳолатҳои ба манфиати худи онҳо будан истифода мекарданд; ё ба шариат муроҷиат карда, онро хеле озодона аз нигоҳи худ тафсир мекарданд (дар шакли таъвили фиққӣ); ниҳоят, судҳои толибон аз меъёрҳои шариат ва одат суиистифода мекарданд» [1,с.129]. Ин ҳама гувоҳи беэътимодии сиёсати пешгирифтаи "Толибон" бо такя ба як идеологияи иртиҷоӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса, идеологияи ҳаракати «Толибон» ё идеологияи «толибизм» хусусияти иртиҷоӣ ва деструктивӣ дошта, дар он ба меъёрҳои исломи таҳрифшудаи сиёсӣ, фундаментализм, радикализм, миллатгароӣ, нақзи ҳуқуқи занон, амалҳои экстремистию террористӣ ва дигар навъҳои зӯроварию хушунат таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир карда шудааст. Аз ин рӯ, ин идеологияи Ташкилоти террористию экстремистии толибонро ҳамчун омили асосии боқӣ мондани ноамнию бесуботӣ дар дохили Афғонистон ва ҳамчун таҳдид ба тамоми кишварҳои ҳамсояи он арзёбӣ кардан мумкин аст.

**Муқарриз: д.и.ф., профессори ИФСҲ ба номи А.Баҳоваддинова АМИТ - Зиёӣ Х.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Антонов Б.А. Об особенностях правовой системы Афганистана в период правления движения «Талибан» / Б.А. Антонов // Вестник РГГУ: Серия «Экономика. Управление. Право». - 2021. -№3. -С.120-134.
2. Арчаков М.К. Природа и корни идеологических установок движения «Талибан» / М.К. Арчаков // Общество: политика, экономика, право. - 2018. -С.15-18. -№**5.**
3. Васецова Е.С. Движение «Талибан» и его роль в региональных политических процессах / Е.С. Васецова // Социально-гуманитарные знания. - 2020. -№5. -С.244-254.
4. Игнатенко А. Ислам в XXI веке: главные направления исследований. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/islam-v-xxi-veke-glavnye-napravleniya-issledovaniy-1 (дата обращения: 11.2023).
5. Кто управляет талибами? Опубликована структура верхушки «Талибана». [Электронный ресурс]. URL: https:// kun.uz/ru /news/2021/07/24/kto-upravlyayet-talibami-opublikovana-struktura-verxushki-talibana (дата обращения: 24.11.2023).
6. Ляхов А.Г. Об идеологии афганского движения «Талибан». [Электронный ресурс]. URL: http://www.iimes.ru/?p =79656http:// www.iimes.ru/?p=79656 (дата обращения: 26.11.2023).
7. Мочар К.Ю. Идеология как созидающая сила общества / К.Ю. Мочар // История и современность. - 2019. -№4. -С.78-94.
8. Пуштунский кодекс чести Пуштунвалай. [Электронный ресурс]. URL: https:// www.gumilev-center.ru/ pushtunskijj-kodeks-chesti-pushtunvalajj/ (дата обращения: 21.11.2023).
9. Рашид А. Талибан. Ислам, нефть и новая Большая Игра в Центральной Азии /Рашид А.. -М.: Библион - Русская книга, 2003. -368 с.
10. Репортаж Баппы Маджумдара: Редактирование Джанет Лоуренс. [Электронный ресурс]. URL: https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.ec06721e4dfebfad07544a74722d776562/https/www.reuters.com/article/indiapakistanidINDEL4688120090306 (дата обращения: 23.11.2023).
11. Семедов С.А. Политический ислам в современном мире: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора философских наук / С.А. Семедов. -М., 2009. -59 с.
12. "Талибан": структура, вызовы и перспективы. [Электронный ресурс]. URL: https://www.bbc.com/russian/international/2015/09/150923_afghan_taliban_structure (дата обращения: 23.11.2023).

13. Только представительное собрание афганского народа Лойя Джирга имеет право формировать будущее правительство. [Электронный ресурс]. URL: https://ria.ru/ 20011026/4972.html

**СОХТОР ВА ИДЕОЛОГИЯИ ИРТИҶОИИ ҲАРАКАТИ «ТОЛИБОН»**

Дар мақола оид ба шаклгирии идеологияи ТБТ «Ҳаракати Толибон» ба сифати толибизм, тавсифи назариявии он, исботи хусусиятҳои иртиҷоӣ, экстремистӣ, террористӣ ва харобиовар будани он, инчунин унсурҳои таркибии ин идеология дарҷ гардидаанд. Чун идеология ҳаракати «Толибон» дар фазои таҳқиқоти илмӣ дар шакли толибизм нав ворид ва мавриди пажуҳиш қарор гирифта истодааст. Дар таҳияи мақола назару мулоҳизаи муҳаққиқону коршиносони соҳа ва маводи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ба назар гирифта шудаанд. Ҳамзамон, дар мақола оид ба сохтори ТБТ «Ҳаракати Толибон» ва марҳилаҳои аслии шаклгирии он ба таври мушаххас маълумот дода шудааст. Муайян шудааст, ки сохтори ин ҳаракат шуруъ аз замони пайдоиш гуногунҷанба буда, пайваста дар таҳаввул қарор дорад. Аз ҷумла, дар даврони то ғасби ҳокимият дар Афғонистон он ба таври иерархӣ ё мартаботӣ шакли хеле қатъӣ дошта, аз чунин зинаҳо иборат буд: 1) амир; 2) Шуро; 3) комитетҳо; 4) комиссияҳои ҳарбӣ; 5) қумондонҳо ва волиёни «соягӣ» (ё «ғайрирасмӣ»). Ҳамин тавр, дар фаҳмиш ва муайян кардани барномаву мақсадҳои сиёсӣ, иртиҷоӣ ва террористии ТБТ «Ҳаракати Толибон» шинохт ва донистани сохтору идеологияи он нақши меҳварӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** амир, волиёни «соягӣ», толибизм, комиссияҳои ҳарбӣ, идеологияи ҳаракати “Толибон”.

**СТРУКТУРА И РЕАКЦИОННАЯ ИДЕОЛОГИЯ ДВИЖЕНИЯ «ТАЛИБАН»**

В статье автор исследует формирование идеологии международной террористической организации «Движения Талибан» в качестве талибизма, ее теоретическое определение, подтверждены ее реакционные, экстремистские, террористические и разрушительные особенности, а также составные элементы этой идеологии. Как идеология движение «Талибан» в форме талибизма исследуется впервые, в подговке статьи учтены точки зрения и взгляды ученых и специалистов данного направления и различные научные материалы и источники. Наряду с этим, в статье дана информация о структурах МТО «Движения Талибан» и определены основные этапы его формирования. Определено, что структура этого движения начиная от своего возникновения была разнообразна и периодически находится в преобразованной форме. В том числе до захвата власти в Афганистане движение приобрело строгую иерархическую форму и включало в себя следующее: 1) эмир, 2) Совет, 3) комитеты, 4) военные комиссии, 5) командиры и теневые губернаторы( или неофициальные). Таким образом, для определения программ и политических целей реакционной террористической МТО «Движения Талибан» ключевую роль играет распознание ее структуры и идеологии.

**Ключевые слова:** эмир, «теневые» губернаторы, талибизм, военные комиссии, идеология движения «Талибан».

**THE STRUCTURE AND REACTIONARY IDEOLOGY OF «TALIBAN» MOVEMENT**

In the article the author examines the formation of ideology of the international terroristic organization of «Taliban» movement in talibizm quality, its theoretical definition, confirmed its reactionary, extremist, terrorist and destroying features and also components elements of this ideology. As ideology «Taliban» movement in the space of scientific researches in the form of talibizm is novelty and examines for the first time, in preparation of article took into account the opinions of scientists and specialists of given direction and different scientific materials and sources. At the same time in the article was given information related to the structures of TIO «Taliban» movement and definitely the basic stages of its formation. It’s become clear that the structure of this movement starting from its origin was different and periodically is in the reforming form. Also before seizure of power in Afganistan the movement gained strict hierarchical form and included in itself the following: 1) Emir, 2) Soviet, 3) Committees, military commissions, 5) Commanders and shady givernors (or unofficial). Thus, for the definition of programms and political goals of reactionary and terrorictic TIO «Taliban» movement the key role plays the recognition of its structure and ideology.

**Keywords:** Emir, «shady», talibizm, military commissions, ideology of «Taliban» movement.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович*** - Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, унвонҷӯй. **Суроға**: 734025, ш.Душанебе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **988-23-01-13**

**Сведения об авторе:** ***Хакимов Чамолудин Абдурахмонович*** - Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова НАНТ, соискатель. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 33. Телефон: **988-23-01-13**

**Information about the author:** ***Khakimov Chamoludin Abdurakhmonovich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A.M. Bakhovaddinova NANT, applicant.. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 33. Phone: **988-23-01-13**

ТДУ: 32.323

# ОИД БА МОҲИЯТ ВА ХОСИЯТҲОИ АСОСИИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ

*Раҳимов Ф.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Идоракунӣ масъалаи муҳим ва рӯзмарраи доираи илмҳои гуманитарӣ ба ҳисоб меравад. Он ифодаи раванди таъсиррасоние мебошад, ки асосан ба хотири амалигардонии ҳадафҳо ва мақсадҳо воқеӣ мегардад. Идоракунӣ дар навъ ва шаклҳои мухталиф зоҳир мегардад. Яке аз навъҳои махсуси идоракунӣ, идоракунии сиёсӣ мебошад.

Асоси ҳар навъ системаи сиёсӣ раванди идоракунии сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Профессор Г.Н. Зокиров системаи сиёсиро "...сатҳ ва шакли баҳамтаъсиррасонӣ баҳри воқеӣ гардонидани ҳокимияти сиёсӣ, идоранамоӣ, роҳбарӣ, танзими равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ" [6,с.128] маънидод намудааст. Яъне, донишманд бар он назар аст, ки идоракунӣ асоси системаи сиёсиро ташкил медиҳад.

М. Мескон, М. Алберт ва Ф. Хедоури идоракуниро дараҷаи ба амал баровардани роҳбарӣ, маъмурият, фармондеҳӣ, танзимнамоӣ ва дар маҷмуъ, таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни раванди муайян бо мақсади беҳтар кардани хусусиятҳои амалишавии раванд ва ноил шудан ба натиҷаҳои аксар вақт пешгӯишуда, банақшагирифта, ташкил намудан, ҳавасмандкунӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорат маънидод намудаанд [13,с.240].

Идоракунӣ мафҳуми муҳим аст, ки дар ду ҷанбаи асосӣ баррасӣ мешавад:

- идоракунӣ ҳамчун фаъолият. Яъне, идоракунӣ (пеш аз ҳама, дар робита ба фаъолияти субъект) ҳамчун фаъолияти махсуси таъсиррасонӣ (субъекти идоракунӣ) ба системаи идорашаванда (объекти идоракунӣ) бо мақсади таъмини рафтори зарурии он ё тағйир додани хусусиятҳои он баррасӣ мешавад. Объекти назорат метавонад ҳама гуна системаи муташаккили дорои табиати гуногундошта бошад. Дар системаи сиёсӣ идоракунӣ ҳамчун маҷмуи амал ва фаъолияти сиёсӣ фаҳмида мешавад, ки ба ташкил, нигоҳдорӣ ва танзими шаклҳои фаъолият, рафтор ва муносибати объекти идоракунӣ нигаронида шудааст;
- идоракунӣ ҳамчун навъи махсуси вазифа – вазифаи муайни субъект дониста мешавад. Дар ин маъно, идоракуниро ҳамчун вазифаи системаҳои муташаккили дорои табиати гуногун, ки ба таври табиӣ (эволютсионӣ) ё ба таври сунъӣ (созмондиҳи) ба вуҷуд омадаанд, баррасӣ мекунанд.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» шарҳи категорияи «идора» оварда шудааст, ки маънои «низом додан, … роҳбарию роҳнамоӣ кардан, саришта намудани кори мамлакате, …ҳукуматдорӣ, …назорат ва роҳнамоӣ кардан» [20,с.536]-ро ифода мекунад.

Худи категорияи идора ё худ идоракунӣ махсусияти сиёсиро ба худ мегирад. Онро аксаран дар нисбати фаъолияти таъсиррасонии субъектони сиёсат бар объекти сиёсат бештар истифода мекунанд. Идоракунӣ раванди таъсиррасонӣ, татбиқи барномаҳо, мақсадҳо ва рушддиҳии муносибатҳо мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат масъалаи идоракунии сиёсӣ мубрам ба ҳисоб меравад.

Идоракунии сиёсӣ раванди махсусгардонидашудаи фаъолияти механизмҳои сиёсиро дар назар дорад, ки дар он субъектҳо ва объектҳои сиёсӣ бо муносибатҳои идоракунӣ ва ҳокимиятӣ алоқамананданд. Ҳадафи аввалиндараҷа ва муҳимми идоракунии сиёсӣ ба тартиб даровардани системаи сиёсӣ, мутобиқ кунонидани он ба модели самараноки танзим ва баамалбарории ҳодисаҳо мебошад. Системаи идоракунии сиёсӣ механизми мутобиқсозии системаи сиёсӣ, таъмини ҳифз ва устувории он мебошад.

Баҳсҳо ва андешаҳо атрофи тафовути идоракунии сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ бештар ба назар мерасанд. Бартарияти идоракунии сиёсӣ истифода бурдан аз усулҳои технологӣ ва моилкуноние мебошад, ки объекти идоракунанда ба таври осон ва самаранок таъсирро қабул кунад. Ҳуқуқи истисноии зӯригарие, ки системаи идоракунии давлатӣ ҳангоми татбиқ ва ба амал баровардани идоракунии давлатӣ истифода мебарад, барои идоракунии сиёсӣ бегона аст.

Чаҳорчӯбаи идоракунии сиёсиро вазифаҳои асосии идоракунии давлат муқаррар намуда, ҷанбаҳо ва самтҳои фаъолияти онро муайян мекунанд [15,с.165].

Ба андешаи Ю.В. Ирхин, идоракунии сиёсӣ ифодаи таъсири мутақобилаи мақсадноки субъект ва объекти идоракунӣ бо истифода аз технология ва воситаҳои мувофиқ бо мақсади ноил шудан ба натиҷаҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Субъекти идоракунии сиёсӣ, ба андешаи ин донишманд сохтори мураккаби таркиботи институтсионалии системаи идоракунии ҷамъиятиву сиёсӣ мебошад, ки метавонад ба сифати он: шахс, гурӯҳи одамон, ниҳодҳои ҷамъиятӣ, институтҳои сиёсӣ, ки дорои салоҳияти қабули қарори сиёсӣ ва идоракунӣ, дорои қобилияти идоракунӣ ва ҳаққи маънавии таъсир расонидан ба шуури дигарон ва истифода бурдани тадбиру усулҳои зарурии таъсиррасониро доранд, баромад мекунанд. Идоракунии сиёсӣ вазифаи системаҳои мураккаб (сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ) мебошад, ки нигоҳдории тартиби фаъолияти онҳоро таъмин мекунад, сохтор, усулҳои фаъолият ва рушди системаро таъмин мекунад, ба сомон мерасонад. Дар раванди идоракунии сиёсӣ барномаҳо ва мақсадҳои фаъолияти субъектҳои идоракунӣ муайян карда шуда, қарорҳо омода ва қабул карда мешаванд ва назорати иҷрои он ташкил карда мешавад [8].

В.Д. Зимина ва А.Л. Стризое идоракунии сиёсиро моҳиятан раванди бисёрҷанба номида, аз унсурҳо ва муносибатҳои гуногун иборат будани онро таъкид мекунанд. Онҳо идоракунии сиёсиро раванди доимӣ ва мақсадноки таъсири субъект (институти сиёсӣ, ташкилоти сиёсӣ, сарварони сиёсӣ) ба объект (шуури сиёсӣ, афкори оммавӣ, одамон, раванду ҳодисаҳо, муассисаҳои сиёсӣ, ташкилотҳои сиёсӣ ва ғ.) меҳисобанд, ки дар ҷараёни он ҳадафҳои идоракунӣ ва вазифаҳои системаи сиёсӣ воқеӣ ва иҷроиши онҳо таъмин карда мешавад [5].

Системаи идоракунии сиёсӣ механизми хеле мураккабест, ки бо ёрии «шабакаҳои идоракунӣ» (коммуникатсияҳои сиёсӣ) ва воситаҳои идоракунӣ (технологияҳои сиёсӣ) муносибатҳои субъектро нисбати объект муқаррар мекунад. Бинобар ин, идоракунии сиёсӣ хоҳиши бошууронаи субъекти сиёсиро барои танзими равандҳо ва падидаҳои сиёсӣ ба самте, ки дар доираи манфиатҳои онҳо ҷойгир аст, ифода мекунад, ки ҳанӯз Афлотун онро яке аз «малакаҳои мураккабтарин ва душвортарини ба даст овардани манфиат» маънидод кардааст [16,с.516].

Идоракунии сиёсӣ танҳо дар фаъолияти сиёсӣ вуҷуд дорад ва бо механизми таъсири иттилооти сиёсӣ ба ташкилоти сиёсӣ муайян карда мешавад. Он фаъолияти ҳар як ҷамъияти сиёсии одамонро ба тартиб медарорад ва барои татбиқи чунин мақсаду меъёрҳое, ки ба тамоми ҷамъият хос мебошанд, махсус гардонида мешавад.

Дар аксар адабиёт идоракунии сиёсӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун идоракунии сатҳи олӣ ва болоии раванду ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, ҳамчун таъсири муттаҳидкунанда ба тамоми соҳаҳои ҷомеа бо мақсади нигоҳ доштани якпорчагӣ ва рушди устувори онҳо фаҳмида мешавад. А.И. Соловев қайд мекунад, ки «хусусиятҳои муҳим ва фарққунандаи идоракунии сиёсӣ дар фаъолияти давлат ва дигар субъектони он мебошад, ки дар ҳошияи ҳалли вазифаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа, аз баҳри ҳифзи тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ, амният, субот ва ғайра амалӣ мегарданд» [2,с.54].

Идоракунии сиёсӣ аз рӯйи ҳадафаш ҳамчун механизм ва методи муқаррар намудани роҳнамои арзишӣ барои рушди иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаи асосии он, чуноне ки Т.Е. Дубатова менависад, «муайян намудани мақсадҳои стратегӣ ва тактикии тараққиёти ҷамъият» мебошад [3,с.15].

Мафҳуми «идоракунии сиёсӣ» барои ишора ба он навъҳои муносибатҳои идоракунӣ истифода мешавад, ки дар робита бо муайян кардани дурнамои рушди ҷомеа ва устувории он зарур аст. Дарвоқеъ, дар бораи таъсири назоратии сиёсат ба ҷомеа, пеш аз ҳама, дар симои субъектони идоракунии сиёсӣ сухан меравад, ки қодир аст стратегияи рушди ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварро бо назардошти манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ таҳия кунад [17].

Ба фаҳмиши идоракунии сиёсӣ ибораҳои «сиёсати давлатӣ» ва «сиёсати ҷамъиятӣ (оммавӣ)» («**public policy**») наздиканд. Мафҳуми сиёсати давлатӣ «як шакли фаъолияти маҷмуи муштараки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ барои ба миён гузоштан ва амалӣ намудани ҳадафҳои дарозмуддати ҳам дар маҷмуъ ва ҳам дар соҳаҳои алоҳидаи

он дар самти беҳсозии муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа, нигоҳ доштани суботи ҷамъиятӣ ва пурратар амалӣ гардондани манфиатҳои умумӣ» ба ҳисоб меравад [19, с. 70]. Сиёсати ҷамъиятӣ (оммавӣ) ҳамчун раванди иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳо, ки барои ҷомеа аҳаммияти ҳаётан муҳим доранд, шарҳ дода мешавад.

Идоракунии сиёсӣ аз нуктаи назари сиёсатшиносии Ғарб бевосита бо сиёсат алоқамандии ногусастанӣ доРАД. Дар баробари ин, пайвасти истисноии сиёсатро низ ба давлат аз байн бурданд. Аллакай, дар асри навин сиёсат ва идоракунӣ на танҳо ба давлат, балки бо дигар ташкилотҳо ва институтҳои сиёсие, ки системаи демократии ҷомеаи муосир ба вуҷуд овардааст, алоқаманд мебошанд. Дар назарияи сиёсии муосир андеша дар бораи он ки сиёсат ва идоракунӣ танҳо хосси давлат аст, ботил эътироф гардид. Ҷудоии сиёсат ва идора ҳам аз назари илмӣ ва ҳам аз назари сиёсӣ нодуруст эътироф гардид. Мазмуни идоракуниро сиёсат муайян мекунад, назарияи идоракуниро назарияи сиёсат ва сиёсати давлатӣ фаъолияти сиёсию идоракунӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути системаи идоракунӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар замони муосири инкишофи муносибатҳои сиёсӣ ва раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа, ҳар як инсон бо идоракунии сиёсӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мегардад. Бештар онҳое ба ин раванд рӯ ба рӯ мешаванд, ки фаъолияти касбиашон ба идоракунии равандҳои иҷтимоӣ алоқаманд буда, аз рӯйи мавқеи худ ба сиёсат машғуланд. Сиёсат ва идора бо ҳам зич алоқамананд. Сиёсат, як навъи махсуси муносибатҳо буда, дар истифодаи гурӯҳҳои калони одамон аз институтҳои ҳокимияти давлатӣ барои амалӣ гардонидани манфиатҳои ҳаётии худ зоҳир мегардад. Дар навбати худ, қудрати сиёсӣ қобилияти таъсир расонидан ба рафтори дигарон ва таҳкими иродаи худ дар ҳаёти сиёсӣ мебошад. Ин раванди таъсиррасонӣ, ба объект бор кардани иродаи субъекти сиёсат идоракунӣ мебошад. Идоракунии сиёсӣ дар ин ҷо ҳамчун вазифаи қудрати сиёсӣ зоҳир мешавад. Сиёсатшиносони муосири рус як қатор хусусиятҳои хосси идоракунии сиёсиро чунин муайян мекунанд [22]:

– як намуди идоракунии иҷтимоие, ки тавассути муносибатҳои сиёсию ҳокимиятӣ муайян карда мешавад [21,с.186];

– раванди худидоракунии субъекти сиёсӣ, ки ба табдил додани қувваҳои гуногуни сиёсӣ ба ягонагии мақсадноки муташаккил нисбат ба барномаи мушаххаси сиёсӣ, сиёсати мушаххас нигаронида шудааст [11];

– муносибатҳои ҳокимияти сиёсӣ ва алоқаи сиёсие, ки дар доираи идоракунии давлат ба вуҷуд меоянд ва муносибатҳои тобеият дар дигар сохторҳои ташкилии ҷамъият, ки ба ҷараёни сиёсӣ дохил мешаванд [23,с.40].

Идоракунии сиёсӣ ҳамчун амалисозии муносибатҳои сиёсӣ-қудратӣ, ҳамчун фаъолияти амалӣ – ташкили субъекти сиёсӣ барои татбиқи сиёсати мушаххас, ҳамчун бозгашт дар идоракунии давлатӣ баррасӣ мешавад. Метавон гуфт, ки ин хусусиятҳо ба мо имкон медиҳанд, ки идоракунии сиёсиро ҳамчун амали субъекти сиёсии ҳокимияти сиёсӣ дар раванди сиёсӣ ҳам дар идоракунии давлатӣ ва ҳам берун аз доираи таъсири давлат ба ҳаёти ҷамъиятӣ баррасӣ кунем. Дар ин ҷо субъекти сиёсӣ на танҳо давлат, институтҳои он, балки институтҳои сершумори ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар асл сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ, элитаи сиёсии ҳоким ва элитаи сиёсии нуфузи сиёсидошта, унсурҳои низоми сиёсӣ, манфиатҳои сиёсӣ, иродаи сиёсӣ дар миқёси ҷамъият мебошанд, ки чӣ тавр амалӣ намудани мақсади худро медонанд. Ин фаъолият бевосита ё бавосита ба соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа таъсир мерасонад.

Таърифи мафҳуми «идоракунии сиёсӣ»-ро Ю.В. Костенко баён доштааст. Ба андешаи ӯ, «идоракунии сиёсӣ иртиботи мутақобилаи амалигардонии сиёсат ва идоракунӣ ва ё баръакс, раванди коркард ва эҷоди сиёсати фаъол, қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад, ки дар зери таъсири шароит ва вазъияти мушаххаси татбиқи онҳо бо назардошти мавқеъҳои қувваҳои манфиатдори сиёсиву иҷтимоии дар ин раванд иштирокдошта таҳия карда мешавад» [4,с.28]. Дар ин ҷо, идоракунии сиёсӣ ҳамчун раванди ба амал баровардани сиёсат ва қабули қарори сиёсӣ таъриф дода шудааст.

В.Д. Зимина ва Н.А. Борисов таърифи дигари идоракунии сиёсиро пешниҳод намудааст, ки вобаста ба эътибор гирифтани мавқеи субъекти идоракунӣ комилтар мебошад. Ба андешаи онҳо «идоракунии сиёсӣ ифодаи майли бошууронаи субъекти сиёсӣ

барои танзими равандҳо ва падидаҳои сиёсӣ ба самте, ки ба худи онҳо лозим аст» мебошад [12,с.80].

Аз нуқтаи назари ба эътибор гирифтани хусусиятҳои раванди сиёсӣ мафҳуми «идоракунии сиёсӣ»-ро А.Э. Кузич баррасӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, «идоракунии сиёсӣ раванди ба таври муттасил амалӣ гардидани сиёсат мебошад, ки ба назар гирифтани хамохангсозии тарафайн ва манфиатҳои ҳамаи субъектҳои муҳимми ҷараёни сиёсию маъмурӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳия ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ ва идоракунӣ моҳияти онро ташкил медиҳад» [14,с.77]. Дар баробари ин, муаллиф қайд менамояд, ки баҳси асосии идоракунии сиёсиро ба вуҷуд овардани консенсуси иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ бояд ташкил диҳад. Саволи асосиро ин ҷиҳат ташкил медиҳад, ки манфиатҳои истиснокунандаро чӣ тавр мувофиқ кардан мумкин аст. Дар ин сурати амалӣ гардонидани идоракунии сиёсӣ, аз назари А.Э. Кузич, амалӣ гардондани манфиатҳои аксарият, ки субъектҳои сиёсат ва идоракунии сиёсӣ барои воқеигардии онҳо бо роҳҳои гуногун мубориза мебаранд, моҳияти идоракунии сиёсиро ташкил медиҳад.

Идоракунии сиёсӣ аз нуқтаи назари сиёсатшиносони ғарбӣ як навъ раванди ба амал баровардани сиёсат ва сатҳи муносибатҳои ҳокимиятист. Он метавонад бо худи сиёсат як бошад ва моҳиятан воқеияти амалӣ шудани сиёсатро мефаҳмонад. Дар ҳеҷ мавриде идоракуниро бе сиёсат ва сиёсатро бе идоракунӣ тасаввур кардан мумкин нест. Масалан, агар идоракуниро ҳамчун раванди сиёсӣ таъриф диҳем, «Р.Доуз раванди сиёсиро бо худи сиёсат як медонад» [7,с.320]. Ба ақидаи аксар сиёсатшиносон, ҷудоии сиёсат ва идора ҳам аз назари илмӣ ва ҳам аз назари сиёсӣ нодуруст аст. Мазмуни идоракуниро сиёсат муайян мекунад, назарияи идоракуниро назарияи сиёсат ва сиёсати давлатиро ҳамчун фаъолияти сиёсию идоракунӣ ҳисоб мекунанд, ки тавассути системаи идоракунӣ ба амал бароварда мешавад. Барои муфассалтар аниқ кардани моҳияти масъалаи ба ҳам пайвастани мафҳумҳои сиёсат ва идоракунӣ фикри мутахассисони соҳаи назарияи идоракуниро низ ба назар гирифтан лозим аст. Онҳо боварӣ доранд, ки идоракунӣ ин [1]:

- раванди иҷроиши вазифаҳо аз ҷониби унсурҳои институтсионалии системаи мураккаб (сиёсӣ), ки таъмини тартиботи сохтор, нигоҳ доштани тарзи фаъолият, усулҳои фаъолият ва рушди системаро таъмин мекунад;
- таъсир ба ҷамъият тавассути танзимкунӣ ё бо ёрии институтҳои сиёсӣ (субъектҳои идоракунӣ);
- муайян намудани барнома ва мақсадҳои фаъолияти субъектҳои идоракунӣ, тайёр намудан ва қабули қарорҳо, ташкил ва назорати иҷрои он;
- фаъолияти на танҳо муассисаҳои махсус, балки иштирок дар идоракунии равандҳое, ки ба таври сартосарӣ шаҳрвандон ширкат меварзанд;
- идоракунии як раванд – ҳамчун раванди сиёсӣ, ки чун қоида, ба тағйирот дар дигаргуниҳои ҳам сатҳӣ ва ҳам амиқ оварда мерасонад.

Идоракунии сиёсиро баъзан аз назари объективият маънидод мекунанд. Масалан, объекти умумитарини сиёсат раванду ҳодисаҳои ҷомеа, тамоми падидаҳои сиёсии ҷамъиятӣ ва ғайраҳо мебошад. Ба ин муносибат идоракунии сиёсӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти идоракунӣ барои танзимнамоии равандҳои сиёсӣ, ҳамоҳангсозӣ, мувофиқанамоӣ ва амалӣ намудани манфиатҳои гуногуни табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ амал мекунад. Муносибатҳои сиёсӣ дар ин маврид ҳамчун як қисми системаи умумии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисобида мешаванд. Дар баробари ин, онҳо системаи нисбатан мустақили худтамалиёбанда мебошанд, ки мантиқ ва қоидаҳои инкишофи худро доранд. Муносибатҳои сиёсӣ, тамоюлҳои устувори онҳо самтҳо ва шаклҳои идораи сиёсиро муайян мекунанд [1].

Идоракунии сиёсӣ ва технологияҳои татбиқи он ба якчанд равишҳои назариявӣ ва методологӣ асос ёфтаанд.

Равиши аввал бо назарияи «ташкилии мураккаб», ки дар доираи он таъсири ташкилотҳои гуногуни сиёсӣ-давлатӣ ба коркард ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ муайян карда мешавад.

Равиши дуюм дар кӯшиши муайян кардани сабабҳои татбиқи самаранок ва воқеӣ наёфтани қарорҳои идоракунӣ зоҳир мешавад. Дар асоси ин равиши методологӣ бештар

ба мушкилоти меъёрҳои назорат, асосноккунии самаранокии фаъолияти субъектҳои идоракунии сиёсӣ, муносибати роҳбарон бо ҷомеа, ҳамкории давлат бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ диққати махсус дода мешавад.

Равиши сеюм институтсионалӣ буда, механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти сиёсӣ ва маъмуриро байни сатҳҳо ва сохторҳои гуногуни идоракунӣ, мушкилоти ғайримарказикунонӣ дар системаҳои идоракунии давлатӣ, шароитҳои ташкилии самаранокии идоракунии сиёсиро дар ҷомеа меомӯзад.

Равиши чорум сиёсию иқтисодӣ буда, дар он самтҳои сиёсии субъектҳои идоракунӣ, технологияҳои идоракунии сиёсӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа дар асоси таҳлили ҳамкории давлат, ҷомеа ва иқтисод, бо истифода аз нишондиҳандаҳое, ба мисли идеологияи бартаридоштаи сиёсӣ дар иқтисодиёт таҳқиқ карда мешаванд. Ҷомеа, мақсад ва арзишҳои ҳизби сиёсии ҳоким, натиҷаҳои интихобот, хусусиятҳои шакли давлатдорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, сохтори буҷети давлатӣ, тақсимоти даромад ва ғ. афзалият доранд.

Равиши панҷум ба омӯзиши дастгоҳи давлатӣ ва хизмати давлатӣ, сиёсати бюрократӣ ва нақши он дар қабули қарорҳои идоракунӣ, муносибати бюрократҳо ва сиёсатмадорон, мавқеи онҳо дар системаи мувозинати қувваҳо ва манфиатҳои сиёсӣ, мушкилоти фаъолияти идоракунии сиёсӣ асос ёфтааст.

Ба андешаи Г.И. Козирев, идоракунии сиёсӣ яке аз намудҳои идоракунии давлатӣ дар баробари идоракунии маъмурӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ буда, яке аз шаклҳои ҳамкории субъектҳои сиёсатро оид ба таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ ифода мекунад [9,с.190].

И. Мелехин дар асоси равиши системавӣ идоракунии сиёсиро ҳамчун таъсири муташаккил ва мақсадноки субъекти сиёсӣ ба ҷомеа тавассути зарфиятҳои ҳокимиятӣ, ки ба хотири самаранок гардонидан ва расидан ба ҳадафҳои низоми иҷтимоӣ нигаронида шудааст, баррасӣ намудааст [10,с.34].

И.В. Мелехин қайд мекунад, ки дар ин раванд «таъсиррасонӣ... ба воситаи ҳокимияти сиёсӣ-давлатӣ» анҷом дода мешавад. Дар ин маврид субъекти таъсиррасон давлат мебошад. Муаллиф аз соҳаи идоракунии сиёсӣ дигар субъектҳои онро дур монда, таъсири онҳоро ба давлат истисно мекунад.

Ҳамаи равишҳои мавҷуда барои муайян кардани мафҳуми «идоракунии сиёсӣ» ба ҳамдигар мухолиф нестанд, дар ин ва ё он дараҷа онҳо мукаммалкунандаи якдигар буда метавонанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки идоракунии сиёсӣ фаъолияти мақсадноки субъекти сиёсат барои татбиқи манфиатҳои худ дар ҷараёни раванди сиёсӣ мебошад [22].

Идоракунии сиёсӣ аз ниёзҳо ва манфиатҳои шахсе, ки дорои ирода, идеалҳо ва тамоюлҳои арзишӣ, саъю кӯшишҳои субъективӣ мебошад, ҷудонашаванда аст. Назарияи сиёсӣ кайҳо боз нақши индивидро ҳамчун субъекти фаъолияти сиёсӣ паст карда буд. Диққати асосӣ ба иштироки омма, элитаи хурди сиёсӣ ва пешвоёни барҷастаи сиёсӣ дода мешуд. Сиёсат ва идоракунии сиёсӣ воқеан, пеш аз ҳама, бо ниёзҳои иҷтимоӣ сарукор доранд. Вале қонеъ гардондан ва ба амал баровардани онҳо дар алоқаи зич бо эҳтиёҷоти маънавӣ ва моддии ҳар як шахс ба амал меоянд. Ташаккули шахс ҳамчун субъект ва объекти идоракунӣ дараҷаи муайяни тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва системаи сиёсие мебошад, ки дар он зиндагӣ ва меҳнат мекунад. Талаботи ӯ асоси объективии таъсири механизмҳои идоракуниро ифода мекунад.

Дар сиёсати муосир ду намуди идоракунии сиёсие вуҷуд дорад, ки бо хусусияти системаи сиёсӣ ва муносибатҳои коммуникатсионӣ байни ҷузъҳои он фарқ ва муайян карда мешаванд. Навъи якуми идоракунӣ субстансиалӣ мебошад ва механизмҳо ё равандҳои иҷтимоии объективӣ амалкунандаро инъикос мекунад, ки одамонро ба дубора тавлид кардани унсурҳои системавӣ, сохторҳои иҷтимоӣ ва робитаҳои функсионалӣ дар фаъолияти худ раҳнамоӣ мекунанд. Намуди дуюми идоракунӣ – танзимкунанда дар шакли муносибатҳои ифодаи субъектӣ-объектӣ вуҷуд дорад. Онҳо дар байни шахсони мансабдори давлатӣ ва мақомоти давлатӣ, ки ба сифати субъекти идоракунӣ баромад мекунанд, аз як тараф ва аҳолӣ ё гурӯҳҳои алоҳидаи он, аз тарафи дигар, дар сатҳи идоракунии давлатӣ ба вуҷуд меоянд. Идоракунии танзимкунанда дар дохили

ташкилотҳои давлатӣ ва сиёсӣ бо мақсади ба тартиб даровардани фаъолияти онҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо ташаккул меёбад. Илова бар ин, ин навъи идоракунии сиёсӣ дар ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки субъект наметавонад ба ҳуқуқи зӯроварии қонунӣ ва захираҳои мақоми худ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ такя кунад [18,с.25-26].

Идоракунии сиёсӣ танҳо дар фаъолияти сиёсӣ вуҷуд дорад ва бо механизми таъсири иттилооти сиёсӣ ба ташкилоти сиёсӣ муайян карда мешавад. Он фаъолияти ҳар як ҷамъияти сиёсии одамонро ба тартиб медарорад ва барои татбиқи чунин мақсаду меъёрҳое, ки ба тамоми ҷамъият хос аст, махсус гардонда мешавад.

Фаҳмиши муосири моҳияти идоракунии сиёсӣ дар заминаи плюрализми равишҳои гуногун, ки аз ҳамдигар бо дараҷаи фарогирии воқеияти иҷтимоӣ бо идоракунии сиёсӣ фарқ мекунанд, дарк карда мешавад. Онро метавон ба муносибатҳои қудрати сиёсии дар ҷомеа мавҷудбуда (муносибати ҳокимиятӣ), ҳамчун як ҷузъи системаи иҷтимоӣ (муносибати сохторӣ-функсионалӣ) ҳисоб кард ва дар ниҳоят ҳамчун як намуди мушаххаси коммуникатсияи иҷтимоӣ (муносибати коммуникативӣ) муаррифӣ кард.

Ҳамин тариқ, идоракунии сиёсӣ ҳамчун система дар худ маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам таъсиррасонро муттаҳид мекунад, ки боиси самарабахшии раванду ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсиву ҷамъиятӣ мегардад.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Исаев У.**

**АДАБИЁТ**


1. Взаимосвязь политики и управления. Сущность политического управления. [Электронный ресурс]. URL: http://politics.ellib.org.ua/pages-6697.html (дата обращения: 12. 10. 23 с.).
2. Государственная политика / под ред. А.И. Соловьева. -М.: Изд-во МГУ, 2012. -С.54.
3. Дубатова Т.Е. Роль прогнозирования в политическом управлении / Т.Е. Дубатова // Политическое управление. -М.: Изд-во РАГС, 1998. -С.15.
4. Зимина В.Д. Политическое управление: учебник / В.Д. Зимина, Н.А. Борисов. -М.: РГГУ, 2008. -С.28.
5. Зимина В.Д., Стризое А.Л. Политическое управление в лабиринтах исследовательских парадигм // Вестник РГГУ. Серия: Политология. История. Международные отношения. [Электроный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/politicheskoe-upravlenie-v-labirintah-issledovatelskih-paradigm-1 (дата обращения: 24. 09. 23).
6. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2010. -С.128.
7. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Иборат аз ду чилд. Ҷ. 2. / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2019. -С.320.
8. Ирхин Ю.В. Политическое управление и прогностический подход к политике. [Электроные ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/politicheskoe-upravlenie-i-prognosticheskiy-podhod-k-politike (дата обращения: 22. 09. 23).
9. Козырев Г.И. Политология: Учебное пособие / Г.И. Козырев. -М.: ИД «Форум»: ИНФРА-М, 2010. -С.190.
10. Костенко Ю.В. Совершенствование политического управления в условиях реформирования российского общества: автореф… канд. полит. наук / Ю.В. Костенко. -Краснодар, 2010. -С.34.
11. Костюков А.В. Политическое управление в региональном контексте // Управленческое консультирование. – 2002. -№1. [Электронный ресурс]. URL: http://www.dialogvn.ru/uk/200 (дата обращения: 02. 10. 23 с).
12. Кузич А.Е. Политическое управление и развитие российского федерализма / А.Е. Кузич // Россия. Политические вызовы XXI века. -М.: РОССПЭН, 2002. -С.80.
13. Мескон М. Основы Менеджмента (Management) = Management / М. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури; пер. Л.И. Евенко. -М.: Дело, 1997. -704 с.
14. Мелехин И.В. Внутренний вооруженный конфликт как субъект политического управления: дис. … канд. полит. наук / И.В. Мелехин. -М., 2008. -С.77.
15. Перевезенцева Ю.А. Вестн. Моск. ун-та. Сер. 18. Социология и политология. - 2016. -№4. -С.165.
16. Платон. Полное собрание сочинений в одном томе / Платон. -М.: Издательство АЛЬФА-КНИГА, 2016. -1311 с.
17. Политический менеджмент и политическое управление. [Электронный ресурс] URL: https://studme.org/49916/politologiya/politicheskiy_menedzhment_politicheskoe_upravlenie#gads_btm (дата обращения: 24. 09. 23).
18. Пушкарева Г.В. Политический менеджмент / Г.В. Пушкарева. -М., 2022. -326 с.
19. Соловьев А.И. Государственная политика / А.И. Соловьева. -М.: Издательство «Аспект Пресс», 2018. -480 с.
20. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду чилд. Ҷ. 1. -Душанбе, 2008. -С.536.
21. Филянина И.М. Политическое управление в России: дис. … канд. полит. наук. / И.М. Филянина. -СПб., 1997. -С.186.
22. Харичкин И.К. О понятии «политическое управление». [Электронный ресурс]. URL: file:///C:/Users/Гость/Desktop/o-ponyatii-politicheskoe-upravlenie.pdf (дата обращения: 02. 10. 23 с.).
23. Шабров О.Ф. Политическое управление: проблема стабильности и развития / О.Ф. Шабров. -М.: Интеллект, 1997. -С.40.

**ОИД БА МОҲИЯТ ВА ХОСИЯТҲОИ АСОСИИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ**

Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳсбарангези доираи илмҳои сиёсӣ – идоракунии сиёсӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст. Идоракунии сиёсӣ асоси ҳар навъ системаи сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Идоракунии сиёсӣ раванди махсусгардонидашудаи фаъолияти механизмҳои сиёсиро дар назар дорад, ки дар он субъектҳо ва объектҳои сиёсӣ бо муносибатҳои идоракунӣ ва ҳокимиятӣ алоқаманданд. Идоракунии сиёсӣ раванди ба тاври муттасил амалӣ гардидани сиёсат мебошад, ки ба назар гирифтани ҳамоҳангсозии тарафайн ва манфиатҳои ҳамаи субъектҳои муҳимми чараёни сиёсию маъмурӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳия ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ ва идоракунӣ моҳияти онро ташкил медиҳад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳият, хусусиятҳои идоракунии сиёсиро аз нуқтаи назари консептуалӣ ва назариявӣ ошкор намуда, зарурати онро барои инкишофи системаи сиёсии муосир ва ҷомеаи сиёсии демократӣ қайд кунад.

**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, идоракунии сиёсӣ, идоракунии давлатӣ, ҳокимияти сиёсӣ, муносибатҳои ҳокимиятӣ, қарори сиёсӣ, қарори идоракунӣ, субъекти идоракунии сиёсӣ, объекти идоракунӣ, системаи идоракунии сиёсӣ.

**О СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТЯХ ПОЛИТИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ**

В статье рассматривается и анализируется один из наиболее важных и спорных вопросов в области политологии - политическое управление. Политическое управление является основой любой политической системы. Политическое управление - это специализированный процесс деятельности политических механизмов, в котором политические субъекты и объекты связаны отношениями управления и власти. Политическое управление - это процесс непрерывной реализации политики, учитывающий взаимную координацию и интересы всех важных субъектов политического и административного процесса на всех этапах разработки и реализации политических и управленческих решений.Автор предпринял попытку раскрыть сущность и особенности политического управления с концептуально-теоретической точки зрения, а также отметить его необходимость для развития современной политической системы и демократического политического общества.

**Ключевые слова:** управление, политическое управление, государственное управление, политическая власть, властные отношения, политическое решение, управленческое решение, субъект политического управления, объект управления, система политического управления.

**ABOUT THE ESSENCE AND FEATURES OF POLITICAL GOVERNANCE**

The article examines and analyzes one of the most important and controversial issues in the field of political science - political governance. Political governance is the basis of any political system. Political management is a specialized process of activity of political mechanisms, in which political subjects and objects are associated with relations of governance and power. Political governance is a process of continuous policy implementation, taking into account the mutual coordination and interests of all important subjects of the political and administrative process at all stages of the development and implementation of political and governance decisions.The author made an attempt to reveal the essence and features of political governance from a conceptual and theoretical point of view, as well as to note its necessity for the development of a modern political system and a democratic political society.

**Keywords:** governance, political governance, public administration, political power, power relations, political decision, governance decision, subject of political governance, object of governance, system of political governance.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳимов Фирӯз*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Рахмиов Фируз*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Firuz Rakhmiov*** – Tajik National University, applicant. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17

**ТДУ: 32:316.324**

# МУҲОҶИРАТИ ЗИЁИЁН ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИДОРИ ЗЕҲНИИ ҶОМЕА

*Исозода Тоҷиддин Исо*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дониш ва моликияти зеҳнӣ дар ҷаҳони муосир арзишҳое мебошанд, ки сатҳу сифати рушди ҷомеа аз онҳо вобастагии зиёд дорад. Дар ҷомеаҳои муосир, бахусус дар низоми давлатдории миллӣ, сармояи зеҳниро асоси боигариҳои миллат номидан мумкин аст. Дар шароити имрӯза дар раванди ташаккулёбӣ ва рушду инкишофи дониш ва сармояи зеҳнӣ ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозаргонӣ шомил мебошанд. Аз ҷумла, корхонаҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳатто созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба рушди илму дониш таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Мафҳуми «сармояи зеҳнӣ» айни замон дар адабиёти илмӣ ба таври фаровон истифода бурда мешавад. Мафҳуми мазкурро бори аввал соли 1967 олими амрикоӣ Ҷ.К. Гэлбрейт ба гардиши илмӣ ворид намуд. Асари машҳури ӯ «Давлати нави саноатӣ» ба омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала бахшида шуда буд [13]. Ӯ дар таҳқиқоти худ исбот менамояд, ки асоси ҳама гуна тараққиёт ва пешравӣ, бахусус тараққиёти ҷомеаи саноатиро илму дониш, таҷриба ва имкониятҳои нави коргузорӣ ташкил медиҳад. Олими дигари амрикоӣ Т.А. Стюарт мафҳуми мазкурро тобиши илмӣ дода, дар сатҳи консепсияи илмию назариявӣ ташаккул медиҳад [14].

Дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ хулоса намудан мумкин аст, ки сармояи зеҳнӣ – ин дониш, иттилоот, таҷриба, имкониятҳои муассиса ва ташкилот мебошад, ки барои ба даст овардани боигарӣ ва бештар намудани даромад истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, сармояи зеҳнӣ нишондоде мебошад, ки дониш ва қобилиятҳои коргаронро дар бар гирифта, тавассути он рақобатпазирии корхонаю ташкилот баланд бардошта мешавад. Ғайр аз ин, дар адабиёти илмӣ барои ифодаи ин мазмун мафҳумҳои «арзишҳои ғайримоддӣ», «иқтидори зеҳнӣ», «арзишҳои зеҳнӣ» ва монанди инҳо низ истифода бурда мешаванд. Мавҷудияти чунин мафҳумҳо маънои онро дорад, ки барои муайян намудани мазмуну мундариҷаи «сармояи зеҳнӣ» муносибатҳои гуногуни илмию методологӣ ташаккул ёфтаанд. Барои мисол, Л. Эдвинсон сармояи зеҳниро ҳамчун донише муайян намудааст, ки онро ба арзиш ва боигарӣ табдил додан мумкин аст [11]. Ҳамзамон, Э. Лессер ва Л. Пруссак – кормандони ширкати IBM бар он назаранд, ки маҳсули фаъолияти зеҳнӣ сармояе мебошад, ки барои баланд бардоштани арзиши маҳсулоти ширкат коркард ва истифода мешавад [6]. Яке аз олимони рус В.С. Ефремов, ки аввалин шуда баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба омӯзиши ин масъала машғул гардидааст, қайд менамояд, ки сармояи зеҳнӣ донише мебошад, ки дар ихтиёри корхона қарор дорад, донише мебошад, ки фаҳмост ва дар шакли имконпазир, масалан дар шакли барномаи компютерӣ, интиқол дода мешавад [3,с.75].

Ин ва дигар андешаҳои ҳамсонро таҳлилу таҷзия намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дониш ва сармояи зеҳнӣ на танҳо барои корфармо, балки барои коргарон низ зарур аст. Аз ин рӯ, яке аз хусусиятҳои сармояи зеҳниро зарурати ҳамарофарогирандаи он ташкил медиҳад. Дар чунин шароит сармояи зеҳнӣ натиҷаи ҳамкориҳои байниҳамдигарии одамон, мубодилаи захираҳои иттилоотӣ ва истифодаи унсурҳои таркибии сармояи моддӣ дар раванди истеҳсолот мебошад. Дар асоси ин гуфтаҳо сохтори сармояи зеҳниро муайян намудан мумкин аст. Т.А Стюарт сохтори сармояи зеҳниро ба таври зерин нишон додааст: сармояи инсонӣ, сармояи ташкилию идоракунӣ ва сармояи истеъмолӣ [14].

Зери мафҳуми «сармояи инсонӣ» одамоне дар назар дошта мешаванд, ки дорои дониш, малакаҳои амалӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва фикрӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, фарҳанги пешбурди фаъолияти меҳнатӣ мебошанд ва дар маҷмуъ, ба вуҷуд овардану таъмин кардани пешрафт аз онҳо вобастагӣ дорад. Имкониятҳои ташкилоту корхонаҳо, масалан, низоми идоракунӣ, расмиёт, технологияҳо, таъминоти техникию барномавӣ, патентҳо ва ғ. сармояи ташкилию идоракуниро ифода менамоянд. Афзоиши майлу хоҳиши мизоҷон ва қонеъ гардидани истеъмолгарон аз хизматрасонии ташкилот сармояи истеъмолиро ташкил медиҳад.

Як қатор муаллифон сармояи зеҳниро ба се қисми ҷудогона тақсим менамоянд: сохтори дохилӣ, сохтори беруна ва салоҳияту кордонии кормандон [15]. Тибқи таълимоти ин гурӯҳи олимон, сохтори дохилӣ хоси сармояи ташкилию идоракунӣ, сохтори беруна хосси сармояи истеъмолӣ ва салоҳияту кордонии кормандон хосси сармояи инсонӣ мебошад. Лоиҳаҳо, патентҳо, навовариҳо, ҳуқуқҳои муаллифӣ, барномаҳои компютерӣ, системаҳои компютерӣ ва маъмурӣ, сохтори ташкилот, фарҳанги корӣ ба сохтори дохилии сармояи зеҳнӣ шомил мебошанд. Муносибат бо истеъмолгарон, рақибон, умумиятҳои маҳаллӣ, брендҳо, тамғаҳои тиҷоратӣ, имиҷ ва обрӯи ташкилот ва монанди инҳо ба сохтори берунаи сармояи зеҳнӣ дохил мешаванд. Қобилияти дар ҳолатҳои гуногун кор карда тавонистан, таҳсилот, тахассус, тавонмандӣ ва малакаҳои корӣ, таҷриба, муносибат ба кор, муносибат бо мизоҷон ва истеъмолгарон, сатҳи фарҳанг дар ташкилот салоҳияту кордонии кормандонро ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки сармояи инсонӣ унсури муҳимтарини сохтори сармояи зеҳниро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ин масъала бояд ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ гардад. Консепсияи анъанавии сармояи инсонӣ ба он асос меёбад, ки тибқи он барои рушди захираи инсонӣ замоне маблағгузорӣ намудан мумкин аст, ки агар дар муҳлати муайян аз ҳисоби фоидаи бадастомада ин гуна масрафҳо пӯшонида шаванд. Барои баҳогузорӣ намудани арзиши сармояи зеҳнӣ дар адабиёти илмии Ғарб, инчунин дар таҷрибаи аксари ширкатҳо нишондодҳои «Тобин» истифода бурда мешаванд. Ҷеймс Тобин иқтисоддони машҳури амрикоӣ ва дорандаи Ҷоизаи нобел буда, алоқамандии сармояи зеҳнӣ ва рушди иқтисодиро дар шароити соҳаҳои гуногуни фаъолият нишон додааст. Дар асоси нишондодҳои «Тобин» таносуби арзиши иқтисодии корхона бо арзиши дороиҳои он (бино, иншоот, шароити моддӣ-техникӣ, захираи инсонӣ ва ғ.) муайян карда мешавад. Барои аксари ширкатҳо нишондоди «Тобин» дар сарҳади аз 5 то 10 баҳогузорӣ мегардад. Барои ширкатҳое, ки талаботи зиёди илмӣ доранд, нишондоди «Тобин» хеле баланд мешавад [2,с.38]. Масалан, барои ширкатҳои алоҳидае, ки дар соҳаи истеҳсоли барномаҳои компютерӣ ва технологияҳои ҷадиди интернетӣ фаъолият мебаранд, нишондоди «Тобин» метавонад аз сарҳади 100 ҳам гузарад. Чунин ҳолат маънои онро дорад, ки дар ин гуна ширкатҳо сармояи зеҳнӣ нисбат ба сармояи моддӣ чандин маротиба афзалияти бештар дорад.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ташкилоту ширкатҳои ҷомеаҳои тараққикардаи сармоядорӣ нишон медиҳад, ки барои баҳогузорӣ намудани сармояи зеҳнӣ роҳу усулҳои гуногун истифода бурда мешавад. Усули баҳогузорӣ намудани сармояи зеҳние, ки аз ҷониби П. Страссман пешниҳод шудааст, истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, афзоиши сармоя ва фоидаи сармояро ҳамчун нишондодҳои сармояи зеҳнӣ пешбинӣ намудааст [16]. Ба ҳамаи гуногунрангии роҳу усулҳои баҳогузории сармояи зеҳнӣ нигоҳ накарда, натиҷаи онҳо бо ҳамдигар хеле монанд мебошанд. Масалан, мувофиқи системаи баҳогузории Э. Бринёлфсон, ширкатҳои амрикоӣ тули солҳои охир аз ҳисоби сармояи низоми идоракунӣ дар ҳаҷми 1,5 трлн доллар фоида ба даст овардаанд [12,с.49]. Дар натиҷаи ташаккули равандҳои нави тиҷоратӣ, ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ барои кормандон ва дар заминаи технологияҳои нави иттилоотӣ баланд бардоштани иқтидори инноватсионии ташкилот чунин сармоя ба даст оварда шудааст. Дар таҷрибаи фаъолияти ширкатҳои истеҳсолӣ баҳогузорӣ намудани самаранокии масрафҳо дар самти технологияҳои иттилоотӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд.

Барои баҳогузорӣ намудани сармояи инсонӣ одатан салоҳиятҳои инфиродии кормандон дар мадди аввал гузошта мешавад. Бинобар ин, зимни анҷом додани чунин баҳогузорӣ нишондодҳои зерин ба кор бурда мешаванд: ҳайати захираҳои инсонии ташкилот; сатҳу сифати қонеъ шудани талаботи кормандон; таносуби фурӯши маҳсулот ё хизматрасониҳо ба ҳар як корманд, аз ҷумла кормандони маъмурии ташкилот; арзиши изофа ба маҳсулот мутаносибан бо ҳисоби ҳар корманд; таҳсилоти кормандон; таҷрибаи кормандон, собиқаи кории корманд дар касби худ; масрафҳо барои таҳсилоти корманд; шумораи рӯзҳои корӣ дар як сол, аз ҷумла рӯзҳои корие, ки барои такмили ихтисоси корманд равона шудаанд; норасоии кормандон.

Нишондодҳоеро, ки барои баҳогузорӣ намудани сохтори берунаи сармояи зеҳнӣ истифода мешаванд, ба таври зерин муайян намудан мумкин аст: гуногунрангии мизоҷон,

тарзи ба роҳ мондани муносибат бо мизоҷон ва сатҳи қонеъшавии талаботи мизоҷон; фоидаи миёна ба ҳисоби як мизоҷ; ҳаҷми фурӯш; мизоҷоне, ки дар ташаккули симои мусбати ташкилот нақшгузоранд; миқдори мизоҷон, сохтори синнусолии онҳо; такроршавии фармоишҳо аз ҷониби мизоҷон.

Бо назардошти он, ки дар шароити муосир шаклҳои гуногуни корпоративизм ташаккул ёфта истодаанд, сармояи зеҳниро аз ду унсури ҷудогона иборат донистан мумкин аст: якум, сармояи зеҳнии корпоративӣ ва сармояи зеҳнии кормандони алоҳида. Дар чунин шароит сатҳу сифати сармояи зеҳнӣ аз омезиши ду навъи сармояи номбаргардида вобаста мегардад. Бояд гуфт, ки дар ин гуна вазъият ба рушди сармояи зеҳнӣ фарҳанги корпоративӣ, этикаи корпоративӣ ва ҳувияти корпоративӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

Маблағгузории сармояи инсонӣ, дар навбати аввал, барои такмили ихтисос, бештар намудани таҷрибаи касбӣ, алоқаҳои шахсӣ ва беҳтар кардани вазъи саломатии кормандон равона карда мешавад. Дар шароити имрӯза таҳсилоти кормандон ва ба таври доимӣ баланд бардоштани ихтисоси онҳо масъалаи муҳим ба шумор меравад. Чунин шуморида мешавад, ки дониши инсоният дар шароити муосир ҳар чаҳорсола як маротиба зиёд мегардад ва аз ин рӯ, барои мутобиқ гардонидани кормандон ба тағйироти дарпешистода, ё аллакай баамаломада чораандешӣ намудан зарур аст. Дар ширкатҳои азими ҷаҳонӣ барои такмили ихтисоси кормандон маблағҳои хеле зиёд харҷ менамоянд. Дар баъзе ширкатҳо бошад, аллакай меъёри мушаххас муқаррар карда шудааст ва роҳбарони зинаҳои миёна дар як сол на камтар аз 40 соати дарсӣ барои такмили ихтисос ва баланд бардоштани касбияти худ сарф менамоянд. Ширкатҳои пешсаф ва муваффақ бошанд, дар фаъолияти худ таҳсилоти доимии кормандонро дар шаклҳои гуногун ба роҳ мондаанд. Аз ҷумла, коромӯзӣ ва сафарбар шудан ба марказҳои таълимӣ, ба лабораторияҳои илмӣ, ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос дар дохили ширкат, курсҳо дар марказҳои таълимӣ ва ғ.

Сармояи инсонӣ, идорӣ ва истеъмолӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Гузашта аз ин, фаҳму дарки сармояи зеҳнӣ барои муайян намудани равишҳои илмии таҳқиқи муҳоҷирати зиёиён ва фишангҳои танзими он зарур мебошад. Маблағгузорӣ дар рушди сармояи инсонӣ ва ҳамзамон дар рушди сармояи зеҳнии кишвар на танҳо дар омода намудани кадрҳои илмии ватанӣ ва баланд бардоштани иқтидори зеҳнии кишвар, балки барои ҳифзи иқтидорҳои мавҷуда заминаи мусоид фароҳам меоварад. Олимони рус муътақиданд, ки музди меҳнати паст, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани шароити фаъолият, барои ҷомеа нозарур гардидани натиҷаи фаъолияти илмӣ боиси аз даст рафтани кадрҳои илмии баландихтисос мегарданд. Камшавии шумораи кадрҳои илмӣ зери таъсири омилҳои зерин ба амал меояд: якум, қисме аз онҳо ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт мегузаранд; дуюм, дар натиҷаи ихтисор гардидани воҳидҳои корӣ фаъолияти худро қатъ менамоянд; сеюм, ба муҳоҷират рӯ меоранд [1,с.17].

Муҳоҷирати зиёиёнро баъзан вақт муҳоҷирати байналмилалӣ низ меноманд. Сабаби асосии муҳоҷирати байналмилалӣ манфиатҳои иқтисодӣ мебошад. Муҳоҷирон аз кишварҳои Осиё, Африқо ва Америкаи Лотинӣ, ки рушди иқтисодиашон дар сатҳи поён қарор дорад ва захираҳои меҳнатии зиёд доранд, ба кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ тараққикарда ва ба қувваи корӣ ниёздошта рӯ меоранд. Табиист, ки аҳолии синни қобили меҳнат, дорои сатҳи баланди таҳсилот ва соҳиби касбу ихтисоси дар бозори меҳнат серхаридор муҳоҷирони зарурӣ ва ҳамзамон муҳоҷирони зиёӣ ба шумор меравнад. Аз сабаби оне, ки ин навъи муҳоҷират тули даҳсолаҳои охир хеле зиёд шудааст, аз ҷониби олимон низ пайваста таҳқиқ мегардад.

Мафҳуми «муҳоҷирати зиёиён» то ба имрӯз ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. Шарҳи васеи ин мафҳум на танҳо муҳоҷирати мутахассисони илмӣ-техникӣ, балки зиёиёни эҷодкорро ҳам фаро мегирад. Аммо мазмуни аз ин ҳам васеътари ин мафҳум ҳама гуна муҳоҷирати мутахассисони баландихтисосеро, ки бештар аз як сол дар хориҷи кишвар зиндагӣ намудаанд, дар бар мегирад. Масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати зиёиён, чун анъана, аз се мавқеъ баҳогузорӣ мегарданд: якум, таъсири муҳоҷирати зиёиён ба ватани муҳоҷирон; дуюм, таъсири ин навъи муҳоҷират ба кишвари муҳоҷирпазир; сеюм, таъсири муҳоҷирати зиёиён ба ҷомеаи ҷаҳонӣ. Хусусияти фарққунандаи муҳоҷирати

зиёиён аз дигар навъҳои муҳоҷират дар он аст, ки дар раванди ҳиҷрати мутахассисон омилҳои касбӣ ва этникӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Айни замон дар сатҳи коркарди назариявию консептуалӣ муҳоҷирати зиёиён дар шаклҳои зерин тавсиф меёбанд: консепсияи «мубодилаи дониш ва таҷриба», консепсияи «воридшавии ақлҳо» ва «фирори мағзҳо». Тибқи консепсияи мубодилаи дониш ва таҷриба одамон бо дарназардошти касбу ихтисоси худ ба ҷустуҷӯйи макони нави истифодаи меҳнати хеш сафар менамоянд. Консепсияҳои «воридшавии ақлҳо» ва «фирори мағзҳо» дар низоми иқтисодии ҳамаи кишвар мавҷуд буд ва он дар шакли мубодилаи иттилооти дуҷонибаи кишварҳои муҳоҷирпазир ва кишварҳои содиркунандаи муҳоҷирон зоҳир мегардад. Дар ин раванд иттилоот дар бораи бозори меҳнат, молу маҳсулот, бозори молиявӣ, шароити зиндагӣ ва монанди инҳо ҳамчун омили таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷирати зиёиён мегардад. Аммо дар доираи консепсияи «аз даст додани мағзҳо» муҳоҷирати зиёиён дар шакли зараpу зиёни стратегӣ ва осеб дидани қувваи кории кишвари содиркунандаи муҳоҷират дониста мешавад. Таҷрибаи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки тарки ватан намудани кадрҳои баландихтисос тавонмандии мамлакатро ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ коҳиш медиҳад ва сабаби паст гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мегардад [17,с.11].

Дар баробари заминаҳои консептуалӣ, инчунин муҳоҷирати зиёиён тавассути таҳлили омилҳои таъсиррасони ин раванд низ метавонад шарҳу тавзеҳ дода шавад. Дар байни ҳамаи омилҳои таъсиргузор омилҳои касбӣ нақши аввалиндараҷа доранд. Аллакай илман исбот гардидааст, ки ҳаракати аҳолӣ бо сатҳу сифати таҳсилот ва маълумоти касбӣ алоқамандии зич дорад. Агар кадрҳои илмӣ ба сифати субъектҳои асосии муҳоҷирати байналмилалӣ баромад намоянд, омили касбӣ дар мадди аввал қарор мегирад ва чунин ҳолат бо фаъолияти зеҳнии одамон ва амалӣ гардонидани иқтидори эҷодии онҳо ҳамчун раванди қонеъгардонии ин навъи талабот асоснок карда мешавад. Омили навбатии таъсиргузор – омили иттилоотӣ мебошад. Яъне, дар ихтиёр доштани иттилооти зарурӣ ҳаракати иҷтимоии одамонро бештар менамояд. Ин омил аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мутахассисону зиёиён дар муҳитҳои гуногуни корӣ сатҳи баланди мутобиқшавиро доро мебошанд.

Омилҳои бавуҷудоварандаи майлу рағбат низ қувваҳои таҳрикдиҳандаи муҳоҷират мебошанд ва онҳоро, чун анъана, ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: якум, омилҳои ҷалбкунанда, ки бо дастрасии имкониятҳои нав алоқаманд мебошанд ва дуюм, омилҳои маҷбуркунанда, ки бо мушкилиҳои интизорӣ робита доранд. Дар ҳарду ҳолат омилҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодиро мушоҳида намудан мумкин аст. Тибқи мушоҳидаи олимон, дар кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ бинобар сабаби бад гардидани шароити гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва ба вуҷуд омадани мушкилиҳои амиқи иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба фаъолияти эҷодии зиёиён таъсири манфӣ мерасонанд, аксари олимон на бо сабабҳои касбӣ, балки бо сабабҳои иқтисодӣ ватани худро тарк менамоянд [8,с.49]. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ бунбасти илмии олимони маҳаллӣ ва мароқангез набудани меҳнати зеҳнӣ ҳамчун омилҳои бавуҷудоварандаи муҳоҷирати зиёиён ба шумор меравaнд.

Дар кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла давлатҳои узви ИДМ, ба сифати омилҳои ғайрииқтисодии муҳоҷирати зиёиён буҳрони илмию методологие ба шумор меравaнд, ки чунин ҳолат натиҷаи худи муҳоҷират мебошад. Аммо омилҳои иқтисодӣ низ ба ин раванд таъсири амиқ мерасонанд. Аллакай музди меҳнати кадрҳои баландихтисос чи дар кишварҳои ИДМ ва чи дар байни ин кишварҳо ва дигар давлатҳои тараққикарда тафовути ҷиддӣ доранд. Арзиши қувваи кории мутахассисони баландихтисос дар кишварҳои иқтисодашон дар давраи гузариш қарордошта нисбат ба кишварҳои тараққикарда хеле паст мебошад. Дар солҳои аввали баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дастрасии ҳамаи қишрҳо ба таҳсилоти ройгон таъмин карда шуда буд ва омода кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ низ он қадар арзиши гарон надошт. Аз ҷониби дигар, нақши омили зеҳнӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба таври воқеӣ баҳогузорӣ намешуд ва ба истифодаи самараноки он низ диққати зарурӣ зоҳир намегардид. Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ бошад, аз як ҷониб шумораи кадрҳои илмӣ зиёд гардида бошад ҳам, аксари коркардҳо ва таҳқиқоти илмӣ харидор пайдо накарданд.

Яке аз сабабҳои муассири ба амал омадани муҳоҷирати зиёиён меъёрҳои иҷтимоӣ ва муҳити меҳнатӣ ба шумор меравад. Маҳз зери таъсири омилҳои мазкур мутахассисони касбу кори гуногун ҷиҳати ба кишвари дигар сафар намудан нисбат ба тақдири ояндаи худ қарор қабул мекунанд. Бо ҳам мувофиқат накардани дараҷаи рушди шахсӣ, талабот ва имкониятҳои шахс аз як ҷониб, шарту шароитҳои қонеъ намудани талаботи мазкур аз ҷониби дигар сабабҳои бевоситаи муҳоҷирати зиёиён ба шумор мераванд.

Аксари муҳоҷирон ҷиҳати қонеъ намудани талаботи худ ду мақсадро доимо пайгирӣ менамоянд. Баъзеи онҳо бо мақсади амалӣ намудани манфиатҳои касбии худ ба кишвари дигар сафар менамоянд ва дар чунин маврид иваз намудани шарту шароити фаъолияти меҳнатӣ танҳо барои расидан ба ин мақсад аст. Ба ибораи дигар, талабот барои амалӣ намудани қобилиятҳои касбӣ, мутахассисонро маҷбур месозад, ки ҷойи истиқомат ва шароити меҳнати худро иваз намоянд. Зеро қонеъ нагардидани талаботи мазкур устувор гардонидани мавқеи иҷтимоӣ ва таъмин кардани шаъну шарафи шахсии олимро ғайриимкон мегардонад.

Дар ҳолатҳои дигар бошад, ба даст овардани шароити хуби зиндагӣ ва таъмин намудани амнияти иқтисодии шахсӣ ҳамчун талаботи аввалиндараҷа дониста шуда, барои ба амал омадани муҳоҷирати зиёиён заминаи майлдиҳанда фароҳам меоварад. Дар чунин шароит мутахассиси ба муҳоҷират майлкунанда сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ватани худро бо давлати муҳоҷирпазир муқоиса намуда, барои рафтан ё нарафтан қарор қабул менамояд. Дар чунин ҳолат, агар сафар намудан ба кишвари дигар мақсади асосии муҳоҷир бошад, ҷойи кори нав ҳамчун воситаи таъмини шароити арзандаи зиндагии ӯ ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки мақсадҳои дар боло номбаргардида бо ҳамдигар алоқаманданд ва маҷмуи майлнокии рафтори муҳоҷиронро ташкил медиҳанд. Афзалияти онҳо барои муҳоҷирон аз мавқеъгириҳои шахс вобаста мебошад. Мутобиқи натиҷаи баъзе назарсанҷиҳо, дар байни онҳое, ки мехоҳанд ба кишвари дигар сафар намоянд, 42%-ашро кормандони соҳаҳои илм, фарҳанг ва тандурустӣ ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб 62% пурсидашудагон бо мақсади ба даст овардани музди меҳнати бештар нияти ба кишвари дигар рафтанро кардаанд. 30% онҳо дар посух сабаби ба муҳоҷират рӯ овардани худро аз шарту шароити меҳнатӣ вобаста дониста, бо мақсади дар сатҳи зарурӣ истифода бурдани дониш ва иқтидори зеҳнии худ тарки ватан кардан мехостаанд [5,с.175].

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ, бахусус тавсеаи шабакаи интернет, бештар шудани сомонаҳои иттилоотию низомҳои ҷӯстуҷӯйӣ, дар байни одамон маъруфият пайдо намудани шабакаҳои иҷтимоӣ ва тадриҷан зиёд шудани корбарони он боиси бештар гардидани иттилоот ва тасаввуроти одамон дар бораи шарту шароити кории кишварҳои дигар мегардад. Мутахассиси имрӯза ба осонӣ метавонад дар бораи дилхоҳ кишвар, шарту шароити ҷойи корӣ, тарзи тартиб додани ҳуҷҷатҳои сафар ва бо кадом восита ба кишвари дигар сафар намудан маълумоти кофӣ пайдо намояд. Инчунин, робитаи дӯстон ва ҳамкасбони онҳо, ки тавассути технологияҳои иттилоотию иртиботӣ хеле осон гардидаанд, барои ҷалби таваҷҷуҳи мутахассисон ва бештар намудани майлнокии муҳоҷирати онҳо таъсиргузорӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки оқибатҳои манфии муҳоҷирати хориҷии зиёиён аз муҳоҷирати дохилии мамлакат фарқ менамояд. Дар чунин шароит «фирори мағзҳо» ба таври ногузир зери таъсири фишангҳои ҳимояи истиқлолияти давлатӣ қарор мегирад. Вазъи бозорҳои миллӣ ва байналмилалии меҳнат, таносуби талабот ва таклифоти бозорҳои мазкур нисбат ба мутахассисони касбу кори гуногун метавонад тамоюлотеро ба вуҷуд оварад, ки дар он манфиати давлатҳои гуногун метавонад бо ҳамдигар мувофиқат кунад ва ҳам метавонад дар ҳоли бархӯрд қарор гирад. Бинобар ин, бо ҳамдигар мувофиқат намудани манфиатҳои давлатҳо барои танзими раванди муҳоҷирати зиёиён хеле зарур ба шумор меравад.

Тули солҳои охир дар кишварҳои гуногуни олам пайомадҳои манфӣ ва мусбати муҳоҷирати байналмилалии зиёиён ба таври ҷиддӣ баҳогузорӣ гардида истодаанд. Аз ин рӯ, баъзе давлатҳо дар доираи мақсад ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвари худ сиёсати худро нисбат ба танзими муҳоҷирати зиёиён хеле ҷиддӣ ба роҳ мондаанд. Давлатҳои мазкур масъалаҳои гуногуни муҳоҷиратро тавассути низоми қонунгузорӣ ва чорабиниҳои миллӣ, инчунин ба воситаи созишномаҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи байналмилалӣ ҳаллу фасл намуда истодаанд. Танзими равандҳои муҳоҷират, аз ҷумла,

маҳдуд намудани воридшавӣ ё хориҷшавии гурезагон ва муҳоҷирони ғайриқонунӣ, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои ворид намудани сармояи инсонии аз лиҳози иқтисодӣ самаранок, пеш аз ҳама, ҷалби кадрҳои илмӣ ва мутахассисони баландихтисос самтҳои афзалиятноки ҳалли масъалаҳои марбут ба муҳоҷират мебошанд. Қонунгузории кишварҳои гуногун дар мавриди муайян намудани мавқеи муҳоҷирон, муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо мухталифанд. Ин омил низ метавонад сабаби афзоиш ёфтани майлнокии муҳоҷирон гардад.

Дар баробари оне, ки тули солҳои охир нақши давлат ва ҳамкориҳои байналмилалии он дар танзими муҳоҷират баланд гардида истодааст, инчунин муносибати аҳолии кишварҳои муҳоҷирпазир нисбат ба муҳоҷирон ба майлнокии мутахассисон таъсиргузорӣ менамояд. Аксари мутахассисон ба кишваре мехоҳанд сафар намоянд, ки аҳолии таҳҷоии он кишвар бо муҳоҷирон муносибати оштинопазир зоҳир намекунанд. Ба ибораи дигар, кишвареро, ки дар он муҳоҷири зиёӣ худро аз лиҳози психологӣ ва фарҳангӣ нороҳат ҳис мекунад, ҳамчун давлати мавриди назар интихоб намекунанд. Дар маҷмуъ, таъсири омилҳои гуногун ба муҳоҷирати олимон ва мутахассисон аз он вобаста аст, ки ба муҳоҷирати зиёиён шароити сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию психологии кишвари муҳоҷирпазир ва ватани муҳоҷирон чӣ гуна таъсиргузорӣ менамояд. Ба ибораи дигар, барои баҳогузорӣ намудани ин навъи муҳоҷират ба инобат гирифтани омилҳои маҷбуркунанда (дар ватани муҳоҷир) ва ҷалбкунанда (дар кишвари муҳоҷирпазир) хеле муҳим мебошад [10,с.25].

Аз сабабе, ки «фирори мағзҳо» қисми таркибии муҳоҷирати байнидавлатии зиёиён мебошад, зимни омӯзиш ва пажуҳиши он се марҳилаи асосии раванди муҳоҷиратро ба инобат гирифтан зарур аст. Дар марҳилаи якум майлу хоҳиши ба кишвари дигар сафар намудани мутахассисон ташаккул меёбад. Дар марҳилаи дуюм муҳоҷират ба амал меояд ва дар натиҷаи он мутахассис ҷойи зист ва макони фаъолияти касбии худро иваз мекунад. Дар марҳилаи сеюм раванди мутобиқшавии корманд бо муҳити нав ба амал меояд. Мутаассифона, масъалаҳои гуногун ва хусусиятҳои муҳимми марҳилаҳои якум ва сеюм аз лиҳози методологӣ ва консептуалӣ ба таври зарурӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ, коркарди барномаи самараноке, ки барои танзими «фирори мағзҳо» ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ҳамватанони бурунмарзӣ мусоидат кунад, бинобар сабаби мавҷуд набудани маводи кофӣ каме мушкил аст.

Агар талабот ба олимону мутахассисонро аз рӯйи минтақаҳо ва кишварҳо тақсим намоянд, талаботи аз ҳама бештар ба олимону мутахассисоне мушоҳида мегардад, ки дар риштаи технологияҳои ҷадид ва илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ кору фаъолият менамоянд. Аз ҷумла, мутахассисони соҳаи физика, риёзӣ, техникаи ҳисоббарор, биология, химия, тиб, таҳқиқоти кайҳонӣ ва монанди инҳо дар кишварҳои тараққикарда серхаридор мебошанд. Чунин талабот ба сохтори муҳоҷирати зиёиён низ таъсиргузорӣ менамояд.

Аз рӯйи сатҳи баланди талабот ба мутахассисони соҳаҳои гуногун ба мисли даҳсолаҳои қаблӣ ҳанӯз ҳам ИМА дар ҷойи аввал қарор дорад. Зеро дар ин кишвар таносуби қувваи кории мардуми таҳҷоӣ бо қувваи кории аз берун воридшуда дар баъзе соҳаҳо қариб ки баробар мебошад. Аммо дар аксари кишварҳои Аврупои Ғарбӣ баръакс, ҷорӣ гардидани як қатор маҳдудиятҳо боиси камтар шудани муҳоҷирати зиёиён гардидааст. Аз ҷумла, дар сиёсати давлатии кишварҳои мазкур сахттар шудани меъёрҳои танзими равандҳои муҳоҷират, мушкил гардидани мутобиқшавии мутахассисон бо шароити меҳнат ва сатҳи баланди рақобат ба ин кишварҳо ворид гардидани кадрҳои илмиро мушкил намудааст. Дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ фаъолияти илмӣ бо фаъолияти омӯзгорӣ алоқаманд мебошад, аз ин рӯ, зиёиёи ба ин кишварҳо сафарнамударо зарур аст, ки пеш аз ҳама, забони онҳоро дар сатҳи зарурӣ донад. Дар байни кишварҳои аврупоӣ Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, давлатҳои нимҷазираи Скандинавия таваҷҷуҳи мутахассисонро ба худ бештар ҷалб менамоянд. Аз кишварҳои аврупоӣ бошад, олимону мутахассисон бештар ба кишварҳои Австралия, Осиёи Ҷанубию Шарқӣ, Амрикои Шимолӣ, Африқои Ҷанубӣ барои кори муваққатӣ ва доимӣ сафар менамоянд [9,с.88].

Дар бозори меҳнати кадрҳои баландихтисос давлатҳои муҳоҷирпазир таъсири амиқ мерасонанд. Ҳаҷми таклифоте, ки аз ҷониби баъзе кишварҳо барои мутахассисони

категорияҳои гуногун пешниҳод мегардад, вазъияти бозори меҳнати касбиро дигаргун менамояд. Дар ИМА бозори мутахассисони технологияҳои ҷадид ва барномасозон намунаи барҷастаи гуфтаҳои боло мебошад. Хусусиятҳои рушди бозори мазкур аз муҳоҷирати зиёиёни давлатҳои пасошуравӣ вобастагии зиёд дорад. Ба ҳамин монанд тағйирёбии вазъи бозори меҳнатро дар сатҳи минтақа ва маҳал мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, дар марказҳои илмии Бостон ва Калифорния ҳайати кормандон аз ҳисоби олимони рус бештар мебошад. Дар кишварҳои нимҷазираи Скандинавия муҳоҷирон аз Латвия, Литва ва Эстония бештар аст. Ба Туркия сокинони Озарбойҷон бештар ба муҳоҷират мераванд.

Сатҳи касбияти олимон, ихтисоси илмии онҳо ва нияти ба кишвари дигар рафтан бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Аммо, чи гунае ки дар боло қайд гардид, дар ин раванд маҳдудиятҳои забонӣ ва фарҳангӣ таъсири зиёд мерасонанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, муҳоҷирати зиёиён дар байни мутахассисони илмҳои табиӣ ва техникию муҳандисӣ бештар ба назар мерасад. Дар кишварҳои муҳоҷирпазир низ барои олимони соҳаи риёзӣ, физика, химия, биология, тиб ва барномасозӣ шароити хуби корӣ ва имтиёзҳои афзалиятнок пешниҳод намудаанд.

Тасаввурот дар бораи муҳоҷирати зиёиён ҳамчун раванди дорои бозгашти мутахассисон шартӣ мебошад. Тибқи маълумоти Фонди илмии ИМА, шумораи олимон, муҳандисон ва донишҷӯёне, ки баъди будубоши муваққатӣ хоҳиши дар ин кишвар истоданро доранд, бештар шуда истодааст. Солҳои 70-уми асри гузашта аз 32% то 38% коргарони бо шартнома фаъолияткунанда ва хатмкунандагони донишгоҳҳои амрикоӣ ҳамчун муҳоҷирони зеҳнӣ Амрикоро ҷойи кори доимии худ интихоб намудаанд. Солҳои 80-ум ин нишондод аз 46% то 56%-ро ташкил додааст [4,с.45].

Аз таҷрибаи кишварҳои гуногуни олам маълум гардидааст, ки мутахассисони ба ватан баргашта бо сабаби қонеъ нагардидани талаботи онҳо бо шароити меҳнат, тарзи ташкили меҳнат, шароити зисту зиндагӣ ва ғ. барои дубора ба хориҷи кишвар сафар намудан майл мекунанд ва дар аввалин фурсат агар имконият даст диҳад, кишварро тарк мекунанд. Чунин шахсонро муҳоҷири зиёӣ гуфтан номумкин аст, ҳарчанд амалу рафтори онҳо дар доираи муҳоҷирати даврагӣ зоҳир шуда истодааст. Инчунин, зери таъсири рушди алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ шакли дигари муҳоҷират - муҳоҷирати транзитӣ рушд менамояд. Пайдоиши ин навъи муҳоҷират бо қонеъ намудани талаботи соҳаҳои гуногуни ҷомеа бо мутахассисони касбӣ алоқаманд мебошад. Зеро давра ба давра дар бозори меҳнати кишварҳои тараққикарда чунин талабот пайдо мешавад. Ин навъи муҳоҷират тавассути фаъолияти васеи ширкатҳои фаромиллӣ ба амал бароварда шуда, тибқи талаботи он аз 1 то 3 сол муҳлати корӣ ба мутахассисон пешниҳод менамоянд.

Баланд гардидани аҳаммиятнокии меҳнати зеҳнӣ, васеъ гардидани миқёси муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос, ворид шудани аксари давлатҳои олам ба ин раванд, пайомадҳои «фирори мағзҳо» барои кишварҳои содиркунандаи муҳоҷирон ва кишварҳои муҳоҷирпазир, аз ҷониби давлатҳои тараққикарда ба амал баровардани сиёсати мақсадноки танзими муҳоҷират ва тамоюлоти ба ин монанд бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муҳоҷирати зиёиён омили муҳимми рушди бозори меҳнати байналмилалӣ ва дохилӣ мебошад. Бинобар ин, муҳоҷирати зиёиён воқеияти замони муосир мебошад ва инкор намудани он, ё танзим накардани он метавонад мушкилиҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро ба вуҷуд оварад. Сол то сол миқёси муҳоҷирати зиёиён ва шумораи ин гуна муҳоҷирон зиёд шуда истодааст, бинобар ин, ба соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва иҷтимоиёти давлатҳои гуногун таъсири амиқ мерасонад.

Барои хубтару беҳтар нишон додани хусусияти муҳоҷирати зиёиён ба инобат гирифтани типологияи равандҳои муҳоҷират хеле муҳим мебошад. Муҳоҷирати зиёиён вобаста ба сатҳи зоҳиршавии он ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: муҳоҷирати дохилии зиёиён ва муҳоҷирати байналмилалии зиёиён. Дар шароити зоҳир гардидани муҳоҷирати дохилӣ зиёиён дар дохили мамлакат аз деҳа ба шаҳр, аз шаҳрҳои хурд ба шаҳрҳои калон барои кори доимӣ сафар менамоянд. Дар шароити ба амал омадани муҳоҷирати байналмилалӣ зиёиён ба кишварҳои дигар мераванд. Вобаста ба давомнокии будубоши муҳоҷирон дар кишвари муҳоҷирпазир чунин навъҳои онро нишон додан мумкин аст: муҳоҷирати меҳнатӣ ва муҳоҷирати доимӣ. Муҳоҷирати доимиро баъзан вақт дар маънои кӯчидан низ

ифода менамоянд. Аз рӯйи касбу ихтисоси муҳоҷирон навъҳои зерини муҳоҷирати зиёиёнро муайян кардан мувофиқи мақсад аст: муҳоҷирати олимон ва кормандони илмӣ; муҳоҷирати донишҷӯён (муҳоҷират бо мақсади таҳсилот); муҳоҷирати намояндагони фарҳанг; муҳоҷирати кормандони баландихтисос; муҳоҷирати одамони дорои идеяҳои инноватсионӣ. Мутахассисоне, ки дорои идеяҳои инноватсионӣ мебошанд, лоиҳаҳои хешро ё худашон мустақилона, ё бо кумаки давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар амал татбиқ месозанд. Чунин нафаронро мутахассисони дорои салоҳиятҳои олӣ номидан мумкин аст. Онҳо ба коркарди технологияҳои гуманитарии идоракунии захираҳои инсонӣ машғул мегарданд. Мутахассисони дорои салоҳиятҳои муқаррарӣ вобаста ба талаботи касбии худ малакаҳоеро соҳибанд, ки барои анҷом додани мақсад ва вазифаҳои стандартӣ истифода мешаванд. Аммо мутахассисони дорои салоҳиятҳои олӣ нафароне мебошанд, ки лоиҳаҳои нави ҳалли технологӣ ва иқтисодии мушкилиҳои мавҷудро ба вуҷуд меоваранд. Салоҳиятҳои мазкур иқтидори ҳанӯз ҳам истифоданашуда (зеро шинохти онҳо хеле мушкил аст) ва сармояе мебошанд, ки дар доираи барномаи кадрии анъанавӣ муайян карда намешаванд. Агар шахсони дорои салоҳиятҳои муқаррарӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои мавҷуда интихоб гарданд, мутахассисони дорои салоҳиятҳои олӣ ташаббускори ба вуҷуд омадани лоиҳаҳои нав, корхонаҳои нав ва коркардҳои нави технологӣ ба шумор мераванд. Бинобар ин, дар шароити бухронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ танзим намудани муҳоҷирати мутахассисони дорои салоҳиятҳои олӣ ҳамчун стратегияи манфиатовар ба шумор меравад [7,с.13]. Аз рӯйи касбияти муҳоҷирон дар ду шакл ба амал омадани мухоҷирати зиёиёнро нишон додан мумкин аст: якум, муҳоҷирати зиёиёни муқаррарӣ ва дорои касбияти сатҳи миёна; дуюм, муҳоҷирати олимони қобилиятнок ва ҳунармандони боистеъдод. Ҳамзамон, муҳоҷирати омӯзгорону донишҷӯёнро низ ба таркиби муҳоҷирати зиёиён ворид намудан зарур мебошад. Зеро фаъолияти маърифатии омӯзгорон ва донишҷӯён хусусияти фикрию зеҳнӣ доранд. Аксари омӯзгорони мактабҳои олӣ соҳиби дараҷаи илмӣ мебошанд, бинобар ин, онҳо дар як вақт намояндагони ҳам соҳаи маориф ва ҳам соҳаи илм маҳсуб меёбанд.

Бояд гуфт, ки муҳити намояндагони илму фарҳанг яксон нест. Аз муҳити мазкур мансабдорони соҳаи илму фарҳанг пайдо мешаванд. Инчунин, дар муҳити мазкур нафароне кору фаъолият мекунанд, ки солҳои зиёд ягон натиҷаи муҳимми илмӣ ва донишҳои нави инноватсионӣ пешниҳод накардаанд. Ҳамзамон, дар муҳити олимону фарҳангиён одамоне кору фаъолият мекунанд, ки идеяҳо, андешаҳо ва нуқтаи назари онҳо аз ҷониби мутахассисони соҳа эътироф гардидаанд ё эътироф гардида истодаанд. Аз ин рӯ, ба дохили кишвар ворид шудани мутахассисону олимони қобилиятнок ба манфиати давлат ва аз кишвар ба берун рафтани онҳо бар зарари он мебошад. Аз рафтани мутахассисону олимоне, ки фаъолияти онҳо самаранок нестанд, иқтисодиёти кишвар ҳеҷ гуна зарар намебинад. Бо назардошти чунин ҳолат типологияи муҳоҷирати зиёиён аз рӯйи сатҳи касбияти олимону мутахассисон ба вуҷуд оварда шудааст.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Сафарализода Х.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Воспроизводство научной элиты в России: роль зарубежных научных фондов (на примере Фонда им. А.Гумбольдта) / Под ред. А.Ю. Чепуренко, Л.М. Гохберга. -М., 2005. -290 с.
2. Дэ Вон Чой. Политика электронного развития в странах с переходной экономикой /// Информационное общество. - 2002. -№1. -С.34-40.
3. Ефремов, В.С. Бизнес-системы постиндустриального общества. О труде, капитале и прибыли коммерческого предприятия / В.С. Ефремов // Менеджмент в России и за рубежом. - 1999. -№5. -С.71-86.
4. Иконников, О.А. Эмиграция научных кадров из России / О.А. Иконников. -М.: Компас, 1993. -104 с.
5. Интеллектуальная миграция в современном мире / под ред. М.М. Лебедевой. -М.: МГИМО-Университет, 2014. -253 с.
6. Лессер Э. Как превратить знания в стоимость: Решения от IBM Institute for Business Value / Э. Лессер, Л. Пруссак. -М.: Алпина, 2006. -248 с.
7. Мижинский, М.Ю. Управление миграцией сверхкомпетентных специалистов как стратегия выигрыша в условиях глобального экономического кризиса / М.Ю. Мижинский // Оборонный заказ. - 2008. -№21. -С.9-21.
8. Новейшие изменения во внутренней и внешней миграции населения в России и их экономическое значение. -СПб., 1994. -358 с.

9. Отчет о международном совещании «Утечка умов» в условиях современной России: внутренние и международные аспекты. -М., 1992. -180 с.
10. Постсоветские миграции в Евразии / Под ред. А.Р. Вяткина, Н.П. Космарской, С.А. Панарина. -М.: Наталис, 1999. -319 с.
11. Эдвинсон, Л. Корпоративная долгота: навигация в экономике, основанной на знаниях / Л. Эдвинсон. -М.: ИНФРА-М, 2005. -180 с.
12. A little knowledge... // The Economist. – 2000. -No.11. -P.46-59.
13. Galbrait, J.K. The New Industrial State. -N.Y., 1967. -365 p.
14. Stuart, T.A. Intellectual Capital: The New Wealth of Organizations. -London, 1997. -280 p.
15. Sveiby, K.E. The New Organizational Wealth. Managing and measuring Knowledge. -San-Francisco, 1997. -366 p.
16. Strassmann, P.A. The Squandered Computer. Evaluating the Business Alignment of Information Technologies. -N.Y.: Information Economics Press, 1996. -256 p.
17. Bernstein J.H., Shuval J.T. Occupational Continuity and Change Among Immigrant Physicians from the Former Soviet Union in Israel // International Migration. – 1996. -Vol.33. -№1. -P.3-25.

## МУҲОҶИРАТИ ЗИЁИЁН ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИДОРИ ЗЕҲНИИ ҶОМЕА

Асоси пешрафту тараққиёти ҳар як ҷомеаро сармояи зеҳнӣ ва истифодаи самараноки он ташкил медиҳад. Дар адабиёти илмӣ сохтори сармояи зеҳнӣ аз се унсури асосӣ иборат дониста мешавад: сармояи инсонӣ, сармояи ташкилию идоракунӣ ва сармояи истеъмолӣ. Як қатор муаллифон сармояи зеҳниро ба се қисми ҷудогона тақсим менамоянд: сохтори дохилӣ, сохтори беруна ва салоҳияту кордонии кормандон. Аз ин сохтори пешниҳодшуда ҳамаи муаллифон таъкид бар он менамоянд, ки сармояи инсонӣ ва салоҳияту кордонии кормандон унсури муҳимтарини сохтори сармояи зеҳниро ташкил медиҳад. Маблағгузорӣ дар рушди сармояи инсонӣ ва ҳамзамон дар рушди сармояи зеҳнии кишвар на танҳо дар омода намудани кадрҳои илмии ватанӣ ва баланд бардоштани иқтидори зеҳнии кишвар, балки барои ҳифзи иқтидорҳои мавҷуда заминаи мусоид фароҳам меоварад. Бинобар ин, муҳоҷирати зиёиён, фирори мағзҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи чунин тамоюлот ба иқтидори зеҳнии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд. Қувваҳои таҳрикдиҳандаи муҳоҷирати зиёиён, чун қоида, ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: якум, омилҳои ҷалбкунанда, ки бо дастрасии имкониятҳои нав алоқаманд аст ва дуюм, омилҳои маҷбуркунанда, ки бо мушкилиҳои интизорӣ робита доранд. Дар ҳарду ҳолат омилҳои иқтисодӣ ва ғайриқтисодиро мушоҳида намудан мумкин аст. Яке аз сабабҳои муассири ба амал омадани муҳоҷирати зиёиён меъёрҳои иҷтимоӣ ва муҳити меҳнатӣ ба шумор меравад. Дар ҳолатҳои дигар бошад, ба даст овардани шароити хуби зиндагӣ ва таъмин намудани амнияти иқтисодии шахсӣ ҳамчун талаботи аввалиндараҷа дониста шуда, барои ба амал омадани муҳоҷирати зиёиён заминаи мусоид фароҳам меоварад.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷирати зиёиён, сармояи зеҳнӣ, сармояи инсонӣ, мутахассисони баландихтисос, кадрҳои илмӣ, омилҳои иқтисодии муҳоҷират, омилҳои касбии муҳоҷират.

## МИГРАЦИЯ ИНТЕЛЛИГЕНЦИИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ ОБЩЕСТВА

Основой прогресса и развития любого общества составляет интеллектуальный капитал и его эффективное использование. В научной литературе структура интеллектуального капитала состоит из трех основных элементов: человеческого капитала, организационно-управленческого капитала и потребительского капитала. Ряд авторов делят структуру интеллектуального капитала на три отдельные части: внутреннюю структуру, внешнюю структуру и компетентность специалистов. Все авторы подчеркивают, что человеческий капитал и компетентность специалистов составляют важнейший элемент структуры интеллектуального капитала. Инвестирование в развитие человеческого капитала и одновременно в развитие интеллектуального капитала страны не только готовит отечественные научные кадры и повышает интеллектуальный потенциал страны, но и обеспечивает благоприятную основу для защиты имеющегося потенциала. Поэтому миграция интеллектуалов, утечка мозгов и факторы, вызывающие подобные тенденции, оказывают негативное влияние на интеллектуальный потенциал страны. Движущие силы миграции интеллектуалов традиционно делятся на две группы: во-первых, привлекательные факторы, связанные с наличием новых возможностей, и во-вторых, вынуждающие факторы, связанные с ожидаемыми трудностями. В обоих случаях можно наблюдать экономические и неэкономические факторы. Одной из эффективных причин миграции интеллектуалов являются социальные нормы и рабочая среда. В других случаях получение хороших условий жизни и обеспечение личной экономической безопасности рассматривается как первоочередное требование и создает благоприятную основу для миграции интеллектуалов.

**Ключевые слова:** миграция интеллигенции, интеллектуальный капитал, человеческий капитал, высококвалифицированные специалисты, научные кадры, экономические факторы миграции, профессиональные факторы миграции.

## MIGRATION OF INTELLECTUALS AND ITS IMPACT ON THE INTELLECTUAL POTENTIAL OF SOCIETY

The basis for the progress and development of any society is intellectual capital and its effective use. In the scientific literature, the structure of intellectual capital consists of three main elements: human capital, organizational and managerial capital and consumer capital. A number of authors divide the structure of intellectual capital into three separate parts: internal structure, external structure and specialist competence. All authors emphasize that human capital and the

competence of specialists constitute the most important element of the structure of intellectual capital. Investing in the development of human capital and at the same time in the development of the country's intellectual capital not only trains domestic scientific personnel and increases the country's intellectual potential, but also provides a favorable basis for protecting existing potential. Therefore, the migration of intellectuals, brain drain and the factors causing such trends have a negative impact on the intellectual potential of the country. The driving forces behind the migration of intellectuals are traditionally divided into two groups: firstly, attractive factors associated with the presence of new opportunities, and secondly, forcing factors associated with expected difficulties. In both cases, economic and non-economic factors can be observed. One of the effective reasons for the migration of intellectuals is social norms and work environment. In other cases, obtaining good living conditions and ensuring personal economic security is considered a primary requirement and creates a favorable basis for the migration of intellectuals.

**Keywords:** migration of the intelligentsia, intellectual capital, human capital, highly qualified specialists, scientific personnel, economic factors of migration, professional factors of migration.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исозода Тоҷиддин Исо*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735140, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон**: +992 918181848.** E-mail: **tojiddini-i.1984@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Исозода Тоджиддин Исо*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат политических наук, доцент кафедры политологии. **Адрес:** 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айнї, 67. Телефон**: +992 918181848**. E-mail: **tojiddini-i.1984@mail.ru**

**Information about author:** ***Isozoda Tojiddin Iso*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the Department of Political Science. **Address:** 735140, Bokhtar, Tajikistan, Aini street, 67. Phone: **+992 918181848.** E-mail: **tojiddini-i.1984@mail.ru**

**ТДУ: 327 (575.3)**

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ

***Содиқзода Хушбахт Насреддин***
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар замони муосир Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи муҳимми стратегӣ дар меҳвари сиёсати ҷаҳонӣ қарор дорад. Тайи даҳсоли охир таваҷҷуҳи давлатҳои абарқудрат ва ҷонибҳои манфиатхоҳ ба ин минтақа торафт афзоиш ёфта истодааст. Гарчанде минтақа аз лиҳози геостратегӣ ва геополитикӣ дар арсаи байналмилалӣ мақоми намоёнро ишғол намояд ҳам, аммо захираҳои фаровони табиии он, ки то кунун ба таври дахлдор коркард нашудаанд, минтақаро дар олам ҳамчун бозори дорои захираҳои зиёди табиии истифоданашуда муаррифӣ менамояд.

Омилҳои сиёсиву иқтисодӣ сабаби асосии ба таври кофӣ коркард ё истифода нашудани канданиҳои фоиданок ва захираҳои табиӣ дар минтақа гардидаанд.

Давлатҳои минтақа дар давоми беш аз 33 соли соҳибистиқлолии худ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки захираҳои табииашонро самаранок ва дар доираи манфиатҳои миллии худ истифода намоянд. Барои истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданоки табиӣ дар минтақа ташаккули инфрасохтор ва дастгоҳҳу таҷҳизотҳои ҳозиразмон, инчунин сармояи зиёд зарур аст. Давлатҳои минтақа дар ҳоли рушд қарор доранд ва ҳоло чунин имконотро надоранд, ки ба манфиати худ сатҳи истифодабарии захираҳои табииро афзоиш диҳанд. Бинобар ин, барои онҳо фароҳам овардани шароити мусоид лозим аст.

Бояд қайд намуд, ки тибқи маълумоти муҳаққиқони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, кӯҳҳо тақрибан дар Қирғизистон - 90%, Қазоқистон - 10%, Тоҷикистон - 93%, Туркманистон - 5% ва Ӯзбекистон - 20% ҳудуди кишварҳоро ташкил медиҳанд [20,с.123].

Аз ин рӯ, минтақа бо доштани кӯҳҳои баланд, табиати нотакрор ва захираҳои бойи табиии худ иқтидори иқтисодиву саноатии худро то ҳол аз даст надодааст. Табдил ёфтани Осиёи Марказӣ ба минтақаи саноатӣ дар ҷаҳон аз имконият дур нест. Тамоми захираҳои табиии минтақа аз ҳама лиҳоз барои ҷомеа манфиатовар мебошанд.

Назари коршиносон дар хусуси мавҷуд будани манбаъҳои зиёди табиӣ дар минтақа гуногун аст. Бештари таҳқиқотчиён фарзияи мавҷуд будани миқдори зиёди сарватҳои табиии истифоданашударо ҷонибдорӣ намуда, далели ҷойгир будани беш аз 110 унсури табиии химиявиро дар минтақа рад наменамоянд.

Давлатҳои минтақаи Осиёи Марказиро зарур аст, ки иқдомҳои навро дар самти дуруст истифода намудан аз сарватҳои табиӣ роҳандозӣ намоянд.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар гузашта минтақаи Осиёи Марказӣ, ба ғайр аз Қазоқистон, ҳамчун қисмати аграриву кишоварзии ИҶШС пазируфта шуда буд. Дар минтақа шароити зарурии иртиботу алоқа ва инфрасохтори муайяни иқтисодӣ фароҳам набуд.

Тибқи маълумоти Бонки Умумиҷаҳонӣ, ҳоло дар давлатҳои Осиёи Марказӣ миқдори зиёди сарватҳои зерини табиӣ мавҷуданд, ки аз ҷониби кишварҳо истихроҷ ва коркард мешаванд:

- **Қазоқистон** – захираҳои калони нефт, гази табиӣ, ангишт, оҳан, маъдан, манган, хром, никел, кобалт, мис, молибден, сурб, боксит, тилло, нуқра, уран ва ғайра [10];
- **Қирғизистон** – захираҳои гидроэнергетикӣ, тилло, нуқра, металлҳои нодир, ангишт, нефт, гази табиӣ, нефелин, симоб, висмут, сурб, синк, намак [11; 12; 13];
- **Тоҷикистон** – сарватҳои гидроэнергетикӣ, миқдори на он қадар зиёди нефт, уран, симоб, ангишт, сурб, сурма, волфрам, тилло, нуқра, намак ва ҳоказо [14; 15];
- **Туркманистон** – нефт, гази табиӣ, ангишт, сулфур, намак ва ғайра [16; 17];
- **Ӯзбекистон** – гази табиӣ, нефт, ангишт, тилло, уран, нуқра, мис, сурб, волфрам, молибден ва ғайраҳо [8; 18; 19].

Сарватҳои табиии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври гуногун, вобаста ба шароит, имконият ва иқтидори инфрасохтори давлатҳо коркард ва истихроҷ мегарданд. Ҳар як

давлат дар доираи манфиатҳои милливу иқтисодии худ аз захираҳои табиии мавҷудбуда истифода менамояд. Барои дар сатҳи минтақавӣ амалӣ намудани ҳамкориҳо дар самти истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои табиӣ тадбирҳои муштараки давлатҳо зарур шуморида мешавад. Вобаста ба шароити ҷуғрофиву иқлимии минтақа ҳар як кишвар дорои миқдор ва намуди муайяни сарватҳои табиӣ мебошад. Бинобар ин, захираҳои табиии давлатҳоро дар алоҳида мавриди таҳқиқ қарор додан зарур аст.

● **Захираҳои табиии Қазоқистон.** Қазоқистон дорои захираҳои зиёди табиӣ мебошад, ки миқдори макони маъданҳои фоиданоки онро беш аз 5 ҳазор кон ташкил медиҳанд. Дар маҷмуъ, арзиши тахминии захираҳои ин конҳо ба даҳҳо триллион доллари амрикоӣ мерасад. Қазоқистон аз ҷиҳати захираҳои кашфшудаи руҳ (Zn), волфрам (W) ва минерали барит ($BaSO_4$) ҷойи якум, аз лиҳози нуқра (Ag), сурб (Bi) ва минерали хром ($FeCr_2O_4$) дар ҷойи дуюм, мис (Cu) ва минерали флюорит ($CaF_2$) сеюм, молибден (Mo) чорум ва тилло (Au) дар ҷойи шашум дар ҷаҳон мебошад.

Қазоқистон ҳамчунин, дорои захираҳои зиёди нефту газӣ мебошад, ки дар ҷаҳон мавқеи нуҳум, вобаста ба миқдори уран ва ангишт ҷойҳои дуюму ҳаштумро ишғол менамояд.

Қазоқистон ба даҳгонаи кишварҳои содиркунандаи ғалла ворид шуда, дар содироти орд низ пешсаф аст. Беш аз 70%-и заминҳои корами қисмати шимоли мамлакатро ғалла ва зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла гандум, ҷав ва арзан ташкил медиҳанд. Дар ҷануби кишвар шолӣ, пахта ва тамоку парвариш карда мешавад. Казоқистон бо боғу токзорзои худ низ машхур аст. Яке аз соҳаи пешқадами хоҷагии қишлоқ чорводорӣ ба ҳисоб меравад.

Иқтидори асосии содиротии ин давлатро маҳсулоти саноати кӯҳӣ, сӯзишворӣ ва энергетика, металлургия ва кимиё, инчунин саноати ғалла ташкил медиҳад. Шарикони асосии тиҷоратии Қазоқистон Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, давлатҳои Аврупо ва ИДМ мебошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки Қазоқистон дорои захираҳои бойи табиии нефту газ мебошад ва барои коркарду истихроҷи он тамоми чораҳоро андешида, дар ин самт ташаккул додани ҳамгироии минтақавиро зарур мешуморад [10].

● **Захираҳои табиии Қирғизистон.** Ҷумҳурии Қирғизистон вобаста ба иқтидори табиии худ дар минтақа ва ҷаҳон мавқеи намоёнро ишғол намуда, дорои имкониятҳои зиёди истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ мебошад. Мувофиқи таҳқиқоти геологӣ, дар ҳудуди Қирғизистон ҳазорҳо маконҳои маъданҳову канданиҳои фоиданок мавҷуд буда, имкон аст, ки дар натиҷаи истихроҷ ва коркарди он вазъи иқтисодии кишвар беҳтар гардад.

Аксарияти маъданҳои табиии ин кишвар дар қаторкӯҳҳои Тиёншон ҷойгиранд. Дар ин макон сарватҳои гуногуни табиӣ, аз қабили тилло (Au), симоб (Hg), сурма (Sb), руҳ (Zn), волфрам (W), ангишт, обҳои зеризаминӣ, оҳан (Fe), титан (Ti), ванадий (V), алюминий (Al), мис (Cu), молибден (Mo), бериллий (Be), ниобий (Nb), кобалт (Ко), сирконий (Zr), литий (Li), сангҳои ранга ва қиматбаҳо мавҷуданд [11].

То имрӯз дар қаламрави Қирғизистон ҳудуди 2500 кони тилло кашф шудааст, вале бо сабаби миқдори кам буданашон коркард нашудаанд.

Тибқи маълумоти Агентии давлатии геология ва захираҳои минералии назди Ҳукумати Қирғизистон, захираҳои тиллои ин кишвар то 200 тоннаро дар Қумтор, зиёда аз 70 тонна дар Ҷерӯй, Талдибулоқ, 30–70 тонна дар Макмал, Бозимчак, Ункуртош, Иштамбердӣ, Олтин-Чилга, Тохтазан, 5–30 тонна дар Солтон–Сари, Самгир, Терек, Перевалное, Тереккан ташкил медиҳанд [12].

Иловатан, дар Қирғизистон конҳои ашёи хоми ғайримаъдание, ки шумораи онҳо дар ҷаҳон хеле кам ба назар мерасад, мавҷуданд. Аз қабили минералҳои волластонит дар кони Қара-Коруми II-и ноҳияи Чаткал бо захираи тақрибан 30 миллион тонна, санги чиннӣ дар Учкурт, зиёда аз 9 миллион тонна, родузит-асбест дар Каркара, 618 тонна ва базалт дар Сулу-Тегерек, 1,4 миллион $м^3$ [13].

Иқтидори табиии Қирғизистон барои густариши робитаҳои иқтисодӣ дар минтақа аҳаммияти хосса дорад. Истифодаи имкони ҷалби сармояи хориҷӣ ба барои истихроҷи

маъданҳои кӯҳӣ метавонад ба афзоиши гардиши тиҷорату савдои минтақавӣ мусоидат кунад.

● **Захираҳои табиии Тоҷикистон.** Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, 93%-и ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Тибқи маълумоти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, кишвар дорои миқдори зиёди захираҳои зеризаминӣ ва канданиҳои фоиданок аст.

То имрӯз дар ҷумҳурӣ беш аз 400 кон кашф шудааст ва аз ин миқдор қариб 100 кон, аз ҷумла, то 40 навъи ашёи хоми минералӣ, аз қабили сӯзишворӣ ва маъданҳои фоиданок (қариб 10%) барои истихроҷ ва коркард мавриди истифода қарор доранд.

Тоҷикистон аз лиҳози захираи ангишт дар минтақа мақоми аввалро ишғол менамояд. Захираи умумии геологӣ дар ин бахш қариб 4,0 миллиард тоннаро ташкил медиҳад. Дар ҳудуди Тоҷикистон захираи сангҳои қиматбаҳо, металлҳои нодир, аз қабили сурма (Sb), руҳ (Zn), волфрам (W), тилло (Au), нуқра (Ag), сурб (Pb), молибден (Mo), меркурий (Hg), газ ва нефт ҷойгиранд [15].

Иқтидори табиии Тоҷикистон барои рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, дар густариши равандҳои ҳамгироии минтақавӣ барои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ нақши муҳим дорад.

● **Захираҳои табиии Туркманистон.** Туркманистон дорои захираҳои зиёди нафту гази табиӣ мебошад ва яке аз тавлидкунандагони асосии ин навъи захираҳо дар бозори ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Мувофиқи маълумоти Агентии давлатии иттилоотии Туркманистон, захираҳои нефти ин кишвар дар минтақаи баҳри Каспий ба ҳисоби миёна 12,1 миллиард тонна ва газ 8,76 триллион метри кубӣ, дар миқёси хушкӣ 6,1 миллиард тонна нефт ва 44,24 триллион метри кубиро гази табиӣ ташкил медиҳад. Бояд ёдовар шуд, ки 9,4%-и захираҳои нефти ҷаҳонӣ дар Туркманистон ҷойгир шудаанд [16].

Соли 2018 дар Туркманистон корхонаи азими истеҳсолии «Гарабогазкарбамид» ба кор дароварда шуд, ки ҳамасола ҳудуди 1 миллиард метри мукааб гази табииро истихроҷ менамояд. Раванди технологии истеҳсоли газ дар ин корхона аз кори як қатор таҷҳизотҳои ҳозиразамони пуриқтидор тавассути тоза кардани гази табиӣ ва истеҳсоли аммиаки моеъ ва карбамид ҷараён мегирад.

Ба ғайр аз ин, корхонаи дигари азими саноатии истеҳсоли гази табиӣ бо номи «Туркмангаз», ки дар Туркманистон бо номи заводи полимерии «Киянли» шинохта мешавад, дар як сол тақрибан 5 миллиард метри мукааб гази табииро истихроҷ менамояд. Дар ин корхона барои истеҳсоли газ полиэтилен ва полипропилен ба таври васеъ истифода мешавад [17].

Туркманистон имкониятҳои васеи рушди истифодабарии захираҳои табииро дорад. Маҳз истихроҷи сарватҳои табиӣ ба Туркманистон шароит муҳайё намудааст, ки вазъи иқтисодии худро дар минтақа ва ҷаҳон беҳтар намояд. Нефт ва гази табиӣ сарчашмаи асосии таъминкунадаи маҳсулоти сӯзишворӣ дар Туркманистон мебошад. Гази табиӣ ҳамчун «сӯзишвории кабуд» дар ин кишвар маъмул гардида, ивазкунандаи энергияи барқӣ дар ин кишвар мебошад.

Туркманистон нисбат ба Қирғизистону Тоҷикистон дар доштани захираҳои табиии нефту газ афзалияти зиёд дорад, аммо аз ҷиҳати манбаъҳои табиии фоиданок, ба монанди захираҳои обӣ танқисии зиёд дорад. Мушкилии кишварҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон аз ҳисоби набудани захираҳои обиву гидроэнергетикӣ бештар ба назаррас мерасад. Агарчи ин кишварҳо бо доштани захираҳои зиёди нефтиву газӣ вазъи иқтисодии худро дар сатҳи баланд бардошта бошанд, мутаассифона, коҳишёбии сол ба соли захираҳои обиву гидроэнергетикӣ дар ин давлатҳо торафт афзоиш ёфта истодааст.

Истифодаи захираҳои табиии минтақавӣ ба афзоишёбии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва коркарди он ба ивазнамоии маҳсулоти воридотӣ муосидат намуда, иқтидори содиротии маҳсулотҳои кишварҳои Осиёи Марказиро ба таври назаррас баланд мебардорад.

● **Захираҳои табиии Ӯзбекистон.** Захираҳои табиӣ дар рушди иқтисодиёти Ӯзбекистон нақши муҳимро доранд. Канданиҳои фоиданок ва тилло яке аз манбаъҳои асосии иқтидори содиротии захираҳои табиии Ӯзбекистонро ташкил медиҳанд. Дар ин замина, Ӯзбекистон аз ҷиҳати истеҳсоли тилло ҷойи ҳафтум ва захираи тилло ҷойи

чаҳорумро дар ҷаҳон ишғол менамояд, ки ба ҳисоби миёна соле тахминан 80 тонна тилло ва металлҳои қиматбаҳоро истеҳсол мекунад.

Дар биёбони Қизилқум яке аз конҳои калонтарини истихроҷи тиллои ин мамлакат ҷойгир аст. Ин кон ба сифати бузургтарин кони тилло дар ҷаҳон пазируфта шудааст, ки ҳар сол тақрибан 2 миллион унсия тилло тавлид мекунад. Дар Ӯзбекистон ба ҷуз тилло (Au), руҳ (Zn), волфрам (W), сурб (Pb), мис (Cu), уран (U), газ ва нефт истихроҷ карда мешавад [18].

Нефт ва гази табиӣ аз ҷумлаи захираҳои табиие маҳсуб меёбанд, ки ба монанди Қазоқистон ва Туркманистон, дар Ӯзбекистон сарчашмаи асосии даромади иқтисодии ин кишварро ташкил медиҳанд.

Тибқи маълумоти Вазорати корҳои хориҷии ин кишвар, ҳамасола дар Ӯзбекистон тақрибан 3 миллион тонна гази табиӣ ва 81,4 миллион тонна нефт истихроҷ мешавад. Аксари конҳои нефти кашфшуда дар қисмати ҷанубӣ ва ғарбии Ӯзбекистон ҷойгир мебошанд. Махсусан, ҳавзаҳои дарёҳои Фарғона ва Омӯ [19].

Нисбат ба Туркманистон, вазъи истифодабарии нефту гази табиӣ дар Ӯзбекистон дигаргун аст. Агар дар Туркманистон танҳо гази табиӣ ба ғайр аз истихроҷаш коркард шавад, дар Ӯзбекистон бошад, гази табиӣ ва нефт исихроҷ, коркард ва дар истеҳсолот мавриди истифода қарор дода мешавад. Иқтидори истихроҷи нефту газ ба Ӯзбекистон шароити мусоиди рушди саноатиро фароҳам овардааст. Роҳбарияти ин давлат барои баланд бардоштани сатҳи истеҳсоли ватанӣ ва ташаккули саноати кишвар пайваста тадбирҳои нав ба навро амалӣ менамояд.

Тамоми нефти хом ва конденсат, ки дар Ӯзбекистон истеҳсол мешавад, дар корхонаҳои коркарди ватанӣ коркард карда мешавад ё ҳамчун ашёи хоми саноати нефту кимиё истифода мешавад. Дар маҷмуъ, дар Ӯзбекистон 171 кони нефту гази табиӣ аз худ карда шудаанд, ки аз ин ҳисоб 51 кон танҳо нефт ва 17 конденсати газ истеҳсол мекунанд.

Ӯзбекистон дар доираи амалӣ намудани ҳадафи стратегӣ масъалаҳои равандҳои ҳамгироии минтақавиро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати минтақавии худ мешуморад. Барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда, дар ин кишвар монеаҳои иқтисодӣ вуҷуд надоранд. Танҳо вазъи сиёсии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ омили асосии бо суръати паст вусъат ёфтани ҳамкориҳои минтақавӣ гардидааст.

Тавре ки аз харитаи дар поён овардашуда муайян мегардад, сарчашмаи захираҳои табиии минтақаро ҷангалзорҳо, манбаъҳои обӣ, канданиҳои фоиданок, сарватҳои зеризаминӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳанд. Ин захираҳо дар ташаккули иқтисодиёт ва рушди минтақаи Осиёи Марказӣ нақши муҳим доранд. Масалан, ҷангалзорҳо ҳамчун манобеи сохтмонӣ барои истеҳсоли чӯбу тахта ва коғаз, захираҳои обӣ барои ҳосил намудани қувваи барқ ва таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, захираҳои маъданӣ, аз қабили метталҳову маъданҳои кӯҳӣ барои пешрафти саноат самаранок истифода мешаванд.

Дар ин замина, зарур аст ки ҳарчи бештар масъалаҳои ҳамгироии минтақавӣ дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, стратегияҳои муштараки идоракунии устувори захираҳои табиӣ таҳия ва қабул гардад. Барои бомуваффақият амалӣ намудани равандҳои ҳамгироӣ мувозинати манфиатҳои сиёсӣ ва афзалиятҳои иқтисодӣ, инчунин таъмини мутобиқати қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии байни давлатҳои минтақа лозим аст. Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ҳамдигарфаҳмӣ ва омодагӣ ба созишро аз ҷониби ҳамаи давлатҳои минтақа талаб мекунад.




*** Харитаи табиии минтақаи Осиёи Марказӣ [9]**

Тавре дар боло қайд намудаем, вазъи мураккаби сиёсиву иқтисодӣ монеаи асосии дар амал татбиқ наёфтани ҳамкориҳои минтақавӣ гардидааст. Масалан, тафовут дар низомҳои сиёсӣ, манофеъ ва авлавиятҳои сиёсати хориҷӣ метавонанд расидан ба тавофуқ ва ҳамкориҳои байни кишварҳоро дар минтақа мушкил намоянд. Инчунин, ҷанбаҳои иқтисодӣ, аз қабили рақобат барои захираҳо, тафовут дар иқтидори иқтисодии давлатҳо омили дигари рушд наёфтани ҳамкориҳои минтақавӣ маҳсуб меёбад.

Бояд ёдовар шуд, ки густариш наёфтани ҳамгироии минтақавӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои табиӣ аз вазъи дохилии кишварҳо, махсусан Қирғизистон ва вазъи бетарафии Туркманистон (аз соли 1995 то инҷониб) вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, равандҳои нооромии минтақаҳои наздисарҳадии Осиёи Марказӣ, махсусан ҳамлаҳои ҳарбии Федератсияи Россия ба Украина, ғасби ҳокимият аз ҷониби ҳаракати террористиву экстремистии «Толибон» дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, таъсири сиёсати Туркия ба кишварҳои туркнажоди минтақа ва воқеияти ҷаҳони муосир боиси коҳиш ёфтани ҳамкориҳои минтақавӣ гардидаанд. Дар маҷмуъ, ҳамаи омилҳои дохиливу берунӣ сабаби таҳким наёфтани равобити минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ гардидаанд.

Вазъи иҷтимоӣ, махсусан демографӣ низ, ба истифодаи самараноки захираҳои табиии минтақа таъсирпазир мебошад. Дар давоми 50 соли охир аҳолии минтақаи Осиёи Марказӣ се баробар афзоиш ёфтааст, ки ин сабабгори зиёд истифода намудани захираҳои табиии ин минтақа шудааст [2,с.34]. Бо зиёд шудани шумораи аҳкоми кишварҳои минтақа, талабот ба истифодаи захираҳои табиӣ, аз қабили об, замин ва маъданҳо афзоиш меёбад ва метавонад дар ин ҷода рақобатро низ байни давлатҳои минтақа ба вуҷуд оварад. Эҳтимол аст, ки ин масъала ба вазъи экосистемаи минтақа таъсир расонда, боиси мушкилоти экологӣ ва бад шудани вазъи муҳити зист гардад.

Раванди ҳамкории минтақавӣ дар самти истифодаи захираҳои табиӣ ҳамоҳангии тамоми кишварҳои минтақаро тақозо менамояд. Ҳарчанд Қазоқистон ва Ӯзбекистон бо истифода аз захираҳои табиии нефту уран талош доранд, ки дар ин замина сиёсати минтақавии худро амалӣ созанд, аммо ин ҳадаф саъю кӯшиши дастаҷамъонаи ҳамаи кишварҳои минтақаро талаб менамояд. Туркманистон азм дорад, ки ҳамкориҳоро бо кишварҳои Қафқоз ва Шарқи Наздик барои истифода ва фурӯши гази табиӣ густариш

диҳад. Дар ин зимн, Қирғизистон ва Тоҷикистон соли 2016 бо давлатҳои Афғонистон ва Покистону Туркманистон ҳамкориҳоро ба роҳ монда, хоҳони истифодаи мақсадноки захираҳои обиву гидроэнергетикии худ ҳастанд.

Барои ҳалли муваффақонаи ҳамаи ин масъалаҳо лозим аст, ки байни давлатҳои минтақа муносибатҳои шарикии дарозмуддати стратегӣ дар асоси эҳтироми мутақобила, ҳусни тафоҳум ва бо дарназардошти манфиатҳои умумӣ ба роҳ монда шаванд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд ба раванди ҳамгироии минтақавии худ такони нав бахшида, роҳҳои нави рушди муносибатҳоро пайдо намоянд.

Тибқи хулосаи пажуҳишгарону коршиносони минтақа ва ҷаҳон, айни ҳол давлатҳо хостгори ташаккулёбии ҳамкориҳои минтақавӣ нестанд. Лекин, кишварҳо муътақид бар онанд, ки имконияти ба роҳ мондани ҳамкории минтақавӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, махсусан захираҳои обиву гидроэнергетикӣ вуҷуд дорад.

Бояд қайд намуд, ки кишварҳои минтақа соҳибихтиёр ва мустақил мебошанд. Ҳар як давлат ҳуқуқ дорад захираҳои табииро дар қаламрави худ ба манфиати шаҳрвандонаш истифода барад, сарватҳои табиӣ ва маъданҳои худро истихроҷ ва коркард намояд, истифода набарад ва ё истифодаи онро манъ намояд. Вале ин меъёр маънои онро надорад, ки захираҳои табиии худро аз ҳад зиёд истифода намуда, ба табиат ва иқлими минтақа ё ҷаҳон хатар расонад. Махсусан дар замони муосир зарурати ба инобат гирифтани оқибатҳои экологии истифодаи захираҳои табиӣ ва таъмини устувори ҳифзи муҳити зист, инчунин муҳофизати гуногунии биологӣ яке аз омилҳои муҳимми беҳдошти иқлим ба ҳисоб меравад.

Тағйирёбии иқлим ба раванди ҳифзи захираҳои табиии минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, заминҳои корам аз сабаби баланд шудани ҳарорат ва кам шудани боришот зери хатари биёбоншавӣ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, масъалаи истифодаи захираҳои табиӣ аксар вақт мавзуи асосии муносибатҳои минтақавию байналмилалӣ мегардад, ки ба таъмини рушди устувор ва ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист нигаронида мешавад.

Бо рушди илму техника захираҳои табиӣ торафт бештар истифода мешаванд. Дастгоҳу таҷҳизотҳое ихтироъ карда шудаанд, ки барои истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ бе иштироки қувваи ҷисмонии инсон имкониятҳои васеъ доранд. Акнун таҷҳизотҳои муосир, аз қабили нақлиётҳои калонҳаҷму хурди бесарнишин барои ҷойҳои хатарноку дастнорас истифода мешаванд. Бо воситаи чунин таҷҳизотҳо кашфи сарватҳои табиӣ ва маъданҳои фоиданок осон гардида, коркарду истихроҷи онҳо афзоиш ёфт. Дар қатори дигар кишварҳо, давлатҳои Осиёи Марказӣ низ теъдоди чунин таҷҳизотҳоро сол аз сол барои коркарду истихроҷи ҳарчӣ бештари захираҳои табиӣ зиёд намуда, барои афзоиши воридоти онҳо манфиатовар мебошанд.

Хулоса, талошҳои муштараки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти истифодаи босамари захираҳои табиӣ барои таъмини рушди устувори минтақа муҳим арзёбӣ мегарданд. Танҳо бо роҳи ҳамкорӣ ва табодули таҷриба ба истифодаи оқилонаву ҳифзи сарватҳои табиӣ ноил шудан имконпазир аст.

Вазъи мураккаби сиёсати ҷаҳонӣ талошҳои навро барои ташаккули равандҳои ҳамгироии минтақавӣ тақозо менамояд. Таҳия ва қабули стратегияҳову барномаҳо иқдоми зарурӣ барои идоракунии самараноки захираҳои тибиии минтақа ба ҳисоб меравад. Дар шароити кунунӣ андешидани ин тадбирҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ устувор намуда, мушкилоти мавҷударо бартараф намоянд.

Дар маҷмуъ, доир ба масъалаи идоракунии самараноки захираҳои табиӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ зарур мешуморем:

1. Ниҳод ва ё маркази махсуси минтақавӣ оид ба идоракунии самараноки захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ таъсис дода шавад, ки раванди истифодабарӣ ва риояи стандартҳои минтақавию байналмилалии экологиро дар минтақа назорат намояд.

2. Таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба сарфаи захираҳои обиву гидроэнергетикӣ бо роҳи истифодаи технологияҳои каммасраф ва баланд бардоштани маърифати аҳолии минтақа барои истифодаи сарфа кардани захираҳо.

3. Таҳияи лоиҳаҳои муштраки иқтисоди сабз, пешбурди инфрасохтори дастаҷамъонаи экологӣ, таъсиси мамнуъгоҳҳо ва боғҳои минтақавӣ, роҳандозии мониторинги ҳолати муҳити зист, ки ба беҳдошти экосистемаи минтақа мусоидат менамояд.

**Муқарриз: н.и.т., дотсенти АИДНПҶТ - Бобозода Ф.Т.**

**АДАБИЁТ**


1. Вызовы безопасности в Центральной Азии. Рук. проекта: А.А. Дынкин, В.Г. Барановский. -М.: ИМЭМО РАН, 2013. -150 с.
2. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. -Хуҷанд: Ношир, 2016. -280 с.
3. Темуров Ф.С. Нигоҳе ба таърихнигории равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ дар пасманзари ҳамкориҳои Тоҷикистон дар фазои ИДМ (солҳои 1991-2015) / Ф.С.Темуров, З.Ш. Сайидзода. -Душанбе: Контраст, 2018. -176 с.
4. Центральная Азия - 2020: четыре стратегических концепта. -Астана: КИСИ, 2015. -54 с.
5. Центральная Азия 2050. Раскрытие потенциала региона. -Астана: Издательство LEM, 2018. -345 с.
6. Шаймергенов Т.Т. Центральная Азия 2027: меняющийся стратегический ландшафт / Т.Т.Шаймергенов, М.А. Абишева. -Астана: Библиотека Первого Президента РК. –Елбасы, 2017.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. -Душанбе: Ирфон, 2009. -704 с.
8. Antonov V.I. Water resources of Uzbekistan as part of total water resources of Aral SeaBasin and their use under current conditions and in future. In: Water resources, issues, Aral Sea and environment. Universitet. -Tashkent, 2000. -P.19-39.
9. Ibrakhimov, M. Integrated natural resources management worldwide and in Uzbekistan. FAO and Universität Greifswald Tashkent. - 2021.
10. Республика Казахстан [Электронный ресурс]. URL: https://www.akorda.kz/ru/republic_of_kazakhstan/kazakhstan (дата обращения: 11.09.2022 г.).
11. О Кыргызстане [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.kg/ru/ (дата обращения: 11.09.2022 г.).
12. Природные ресурсы и полезные ископаемые [Электронный ресурс]. URL: https://old.mfa.gov.kg/contents/view/id/90 (дата обращения: 11.09.2022 г.).
13. Природные ресурсы и полезные ископаемые [Электронный ресурс]. URL: https://www.geology.kg (дата обращения: 11.09.2022 г.).
14. Иқтисодиёт [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/taxonomy/term/5/155 (санаи муроҷиат: 11.09.2022 с.).
15. Маълумоти умумӣ [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/tojikiston/malumoti-umumi (санаи муроҷиат: 11.09.2022 с.).
16. Туркменистан [Электронный ресурс]. URL: https https://turkmenistan.gov.tm/ru/ (дата обращения: 11.09.2022 г.).
17. Туркменистан [Электронный ресурс]. URL: https://www.mfa.gov.tm/ru/articles/2 (дата обращения: 11.09.2022 г.).
18. Узбекистан [Электронный ресурс]. URL: https://president.uz/ru (дата обращения: 11.09.2022 г.).
19. Узбекистан [Электронный ресурс]. URL: https://mfa.uz/ru/pages/Ekologiya (дата обрашенич 11.09.2022 г.).
20. Устойчивое развитие горных районов. От Рио 1992 до Рио 2012 и далее. Горы Центральной Азии. [Электронный ресурс]. URL: https://zoinet.org/wp-content/uploads/2018/02/Central-Asia-Mountains-onepager-zoi-RU.pdf (дата обращения: 12.01.2024 г.).
21. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Ҳамоиши нахустини «Осиёи Марказӣ + Россия» иштирок карданд [Манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2022/10/5prezidenti-to-ikiston-emomal-ra-mon-dar-amoishi-nahustini-osiyoi-markaz-rossiya-ishtirok-namudand/ (санаи муроҷиат: (14.10.2022 с.).
22. Президент Таджикистана Эмомали Рахмон принял участие в первом Саммите «Центральная Азия + Россия». [Электронный ресурс]. URL: https://www.gazeta.uz/ru/2022/10/14/tajikistan-russia/ (дата обращения: 14.10.2022г.).


## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ

Минтақаи Осиёи Марказӣ дорои захираҳои фаровони табиӣ, пеш аз ҳама, сарватҳои табиии нодир, металлҳои қиматбаҳо ва маъданҳои фоиданок мебошад. Аз ин лиҳоз, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ яке аз масъалаҳои муҳимми раванди ҳамгироии минтақавии кишварҳо ба ҳисоб меравад. Ташаккули ҳамкориҳои минтақавӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба коҳиш додани низоъҳои марбут ба истифодаи об, энергетика ва дигар манбаъҳо кумак карда, дар маҷмуъ ба рушди инфрасохтори иқтисоди минтақа мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, давлатҳои минтақаро лозим аст, ки як қатор тадбирҳоро дар самти идоракунии оқилонаи захираҳои табиӣ, ба монанди баланд бардоштани иқтидори энергетикӣ ба воситаи манбаъҳои обӣ, коркарди такрории захираҳои барқароршаванда, табодули таҷриба оид ба ҳифзи гуногунии биологиву экосистема ва ғайраҳоро андешанд. Муаллиф чунин мешуморад, ки танзими идоракунии захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ барои ҳамаи давлатҳои минтақа имконияти истифодабарии баробар ва мақсадноки сарватҳои табииро фароҳам меорад. Бо дарназардошти ин, кишварҳоро зарур аст, ки ҳарчи бештар равандҳои ҳамгироиро инкишоф дода, барои рушди ҳамкориҳои минтақавӣ пайваста талош намоянд.

**Калидвожаҳо:** Осиёи Марказӣ, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, равандҳо, ҳамгироӣ, дурнамо, ҳамкорӣ, иттифоқ, дипломатия, захираҳои табиӣ, муносибатҳои байниҳамдигарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, шарикии стратегӣ, сиёсати хориҷӣ.

## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: ПЕРСПЕКТИВЫ РЕГИОНАЛЬНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

Центральноазиатский регион обладает богатыми природными ресурсами, прежде всего редкими медицинскими ресурсами, драгоценными металлами и полезными ископаемыми. С этой точки зрения, эффективное использование природных ресурсов считается одним из важных вопросов в процессе региональной интеграции стран. Формирование регионального сотрудничества в направлении эффективного использования природных ресурсов способствует снижению конфликтов, связанных с использованием водных, энергетических и других ресурсов, и в целом способствует развитию инфраструктуры региональной экономики. В связи с этим государствам региона необходимо принять ряд мер в направлении рационального управления природными ресурсами, такими как увеличение энергетического потенциала за счет водных источников, переработка возобновляемых ресурсов, обмен опытом по защите биоразнообразия и экосистем и т.д. Автор считает, что регулирование природопользования в Центральной Азии дает возможность равноправного и целенаправленного использования природных ресурсов для всех государств региона. Учитывая это, странам необходимо максимально развивать их интеграционные процессы и постоянно стремиться к развитию регионального сотрудничества.

**Ключевые слова:** Центральная Азия, Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан, Туркменистан, Узбекистан, процессы, интеграция, перспективы, сотрудничество, союз, дипломатия, природные ресурсы, взаимоотношения, международные отношения, стратегическое партнерство, внешняя политика.

## EFFECTIVE USE OF NATURAL RESOURCES OF CENTRAL ASIA: PROSPECTS FOR REGIONAL COOPERATION

The Central Asian region has rich natural resources, especially rare medical resources, precious metals and minerals. From this point of view, the efficient use of natural resources is considered one of the important issues in the process of regional integration of countries. The formation of regional cooperation towards the efficient use of natural resources helps to reduce conflicts related to the use of water, energy and other resources, and generally contributes to the development of the infrastructure of the regional economy. In this regard, the states of the region need to take a number of measures towards the rational management of natural resources, such as increasing energy potential from water sources, processing renewable resources, exchanging experience in protecting biodiversity and ecosystems, etc. The author believes that regulation of environmental management in Central Asia provides an opportunity for equal and targeted use of natural resources for all states in the region. Taking this into account, countries need to develop their integration processes as much as possible and constantly strive to develop regional cooperation.

**Keywords:** Central Asia, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Tajikistan, Turkmenistan, Uzbekistan, processes, integration, prospects, cooperation, union, diplomacy, natural resources, relationships, international relations, strategic partnership, foreign policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Содиқзода Хушбахт Насреддин*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа. **Суроға:** 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 918-24-39-00**. E-mail: **sodiqzoda-khushbakht@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Содикзода Хушбахт Насреддин*** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, докторант Ph.D кафедры политологии и связей с общественностью. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Насыра, 33. Телефон: **(+992) 918-24-39-00**. E-mail: **sodiqzoda-khushbakht@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sodikzoda Khushbakht Nasreddin*** – Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Ph.D doctoral student of the Department of Political Science and Public Relations. **Address: 734003,** Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nasir street, 33. Phone: **(+992) 918-24-39-00**. E-mail: **sodiqzoda-khushbakht@mail.ru**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА


*Собирзода Н.М., Кодирзода Д.Б., Исматов А.Х.* Формы и методы государственной финансовой поддержки аграрного сектора Таджикистана........................................................ *5*

*Низамова Т.Д., Рабиева Т.М.* Использование кластерного подхода в развитии импортозамещающего промышленного предпринимательства…………………………………. *14*

*Обидов Ф.С., Файзуллозода Камолиддин.* Анализ финансового ресурса в обеспечении устойчивого развития в условиях цифровизации экономики……………………………………… *23*

*Зияева М.Д.* Инвестиционная деятельность в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы……………………………………………………………………………………… *28*

*Орзуев П.Дж.* Предпосылки возникновения аудита эффективности использования бюджетных средств………………………………………………………………………………………….. *40*

*Усмонова Т.Дж., Турсунов Р.Р.* Основные принципы регулирования рынка труда в современных условиях……………………………………………………………………………… *49*

*Набиева З.Т.* Теоретические подходы к анализу эффективности производства в управлении предприятием реального сектора экономики………………………………………………... *56*

*Файзуллоев Б.К.* Теоретические аспекты налогов и налогообложения…………………………… *63*

*Негматов Дж.С.* Организационно-экономический механизм совершенствования системы управления развитием организаций кинорынка…………………………………………………….. *69*

*Низомов С.Ф., Икромова М.Х., Бобиев И.А.* Буҷетсозӣ ҳамчун асоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи сегментҳо дар ташкилотҳои сохтмонӣ………………… *75*

*Ҳанифаи Э.А.* Таҷрибаи ҷаҳонии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд........................ *88*

*Абдуллоев А.Х.* Баҳогузории омилҳои асосӣ ва самаранокии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ........................................................................................................................ *97*

*Турсунқулов Ш.Р.* Таҷрибаи хориҷӣ оиди ташаккули даромади буҷети маҳаллӣ ва усулҳои баҳодиҳии иқтидори он........................................................................................ *107*

*Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ.* Саҳми пойгоҳи моддӣ-техникӣ дар раванди истифодаи самараноки захираи замини минтақаҳои кӯҳӣ.............................................................. *115*

*Соҳибназаров Ғ.Х.* Таҳлили захираҳои молиявию қарзии ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………………… *122*

*Аскарова С.С., Ҳофизов Ҳ.А.* Методикаи ташаккулёбии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................... *129*

*Рустамджон С.К., Ашуров Ф.М., Ҳусензода А.Ф.* Рушди иқтисодиёти сабз дар деҳот бо назардошти захираҳои мавҷудаи он.......................................................................... *135*

*Шарифзода Фаррух Зариф.* Моҳият, мафҳум ва принсипҳои хариди давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ................................................................................................ *143*

*Ҳабибуллозода М.Ҳ.* Самтҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ ҳангоми гузариш ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ........................................................................ *148*

*Раҷабов Р.К., Ҳазраткулов А.Р.* Истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнати кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ................................................................ *159*

*Бобоев М.У., Исоев Д.Т.* Бенчмаркинги молиявӣ ҳамчун воситаи такмили ҳисоботи молиявии бонкҳо........ *167*

*Бобиев И.А., Акрамова Ҳ.А.* Низоми андозбандии корхонаҳои хурд: равишҳои амалӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ........ *177*

*Ғафорзода Ҷ.Ғ., Сабуров С.С.* Механизми шарикии давлатию бахши хусусӣ дар мукаммалгардонии хизматрасонии пояи моддию техникии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Тоҷикистон........ *184*

*Асомуддини Рамазони Каримзода.* Арзёбии таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар самти идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин........ *193*

*Искандаров Ҳ.Ҳ.* Ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонии ташкилотҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт........ *202*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Хомидов Дж.У.* Имплементация международных норм в уголовном законодательстве………… *210*

*Муҳаммадиев И.С., Муҳаммадӣ Г.И.* Рушди қонунгузорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқии ноболиғон ва мубориза бо ҷинояткорӣ дар солҳои пешазҷангӣ ва солҳои ҷанги бузурги ватанӣ (1941-1945)........ *219*

*Рустамзода Шукрона.* Табиати ҳуқуқии розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ........ *226*

*Шикориева Л.Ш.* Масъалаҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ дар рушди фаъолияти корхонаҳои муштарак мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон........ *234*

*Пулодзода Шаҳнозабону Пулод.* Мафҳум ва шаклҳои рақобати бевиҷдонона тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон........ *241*

*Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо.* Проблемаҳои мукаммалсозии бандубасти ҷиноятҳое, ки дар онҳо аломатҳои экстремизми иттилоотӣ инъикос ёфтаанд........ *253*

*Раҳматуллоева Р.Р.* Амалишавии принсипи адолати судӣ дар партави ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон........ *265*

*Фархудинов Ҷ.* Табиати ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ..... *273*

*Ҳасани Б.Х.* Дараҷаи хавфнокии ҷинояти ғайриқонунӣ тайёр ва паҳн кардани мавод ё предметҳои порнографӣ........ *278*

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

*Сафарализода Х.К., Исозода Т.И.* Место и роль интеллектуальных факторов в системе обеспечения идеологической безопасности……….. *283*

*Нуров А.С.* Манипулятсия дар фазои иттилоотӣ: хатар ва таҳдидҳои он ба амнияти миллӣ *291*

*Ҳакимов Ҷ.А.* Сохтор ва идеологияи иртиҷоии ҳаракати «Толибон»………… *299*

*Раҳимов Ф.* Оид ба моҳият ва хосиятҳои асосии идоракунии сиёсӣ........ *307*

*Исозода Тоҷиддин Исо.* Муҳоҷирати зиёиён ва таъсири он ба иқтидори зеҳнии ҷомеа......... *314*

*Содиқзода Хушбахт Насреддин.* Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ: дурнамои ҳамкориҳои минтақавӣ........ *324*

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2024. №2.**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 42 усл. п.л. 42.
Подписано в печать 21-02-2024